ISSN 2308-054X

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмӣ

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

Научный журнал

HERALD

TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

Scientific journal

1(45)/2023

ISSN 2308-054X

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

HERALD

OF THE TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

1(45)

Душанбе, 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

«Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» аз соли 2011 ба табъ мерасад

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

«Вестник Таджикского государственного университета коммерции» публикуется с 2011 года

Сармуҳаррир
Ректори ДДТТ Назарзода Х.Х.

Главный редактор
Ректор ТГУК Назарзода Х.Х.

Муовини сармуҳаррир
Шаропов Фарҳод Разоқович

Заместитель главного редактора
Шаропов Фарход Разокович

АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Адамов Н.А.	д.и.и., профессор, ОАО «ИТКОР», ш. Москва
Аминов И.А.	д.и.и., дотсент, ДИС ДДТТ, ш. Хуҷанд
Амонова Д.С.	д.и.и., профессор, ДМТ, ш. Душанбе
Ҷабборов А.Д.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Исраилов М.	д.и.и., профессор, ДСҚР, ш. Бишкек
Рачабов Р.К.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.и.и., профессор, ДКМБ, ш. Белгород
Улмасов Р.У.	д.и.и., профессор, ДСРТ, ш. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе
Кудратов Н.А.	д.и.ҳ., доцент, ДДТТ, ш.Душанбе
Султонов З.С.	н.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ

Адамов Н.А.	д.э.н., профессор, ОАО «ИТКОР», г. Москва
Аминов И.А.	д.э.н., доцент, ИЭТ ТГУК, г. Худжанд
Амонова Д.С.	д.э.н., профессор, НУТ, г. Душанбе
Джабборов А.Д.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Исраилов М.	д.э.н., профессор, КРСУ, г. Бишкек
Раджабов Р.К.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.э.н., профессор, БУПК, г. Белгород
Ульмасов Р.У.	д.э.н., профессор, РТСУ, г. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе
Кудратов Н.А.	д.ю.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе
Султонов З.С.	к.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Таджикиский государственный университет коммерции

МУНДАРИҶА

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ

1.	**Муртазоев О.Қ.** Идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	7
2.	**Амонов С.С.** Таҳлил ва арзёбии сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдои чакана	15
3.	**Мирзоалиев А.А.** Арзёбии омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсиррасон	27
4.	**Рачабов К.Р., Давлятов Э.М.** Тадқиқи меъёрҳои андоз аз даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	35
5.	**Буриев Б.М.** Ҷанбаҳои назарияи тадқики бозори хизматрасонии иттилоотӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ	40
6.	**Юнусова М. М.** Самаранокии зерсохтори иҷтимоӣ ва рушди иқтисод	47
7.	**Хушвахтзода К.Х., Абдураҳмонова М.З.** Асосҳои институтсионалии раванди баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва назоратии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ	52
8.	**Мирсаидов А.Б., Ҷумъабоев Х.К.** Тахавуллоти низоми андози Ҷумхурии Тоҷикистон	57
9.	**Хоҷаев Д.Х.** Муносибатҳои назариявии таҳқиқи амнияти иқтисодӣ дар соҳаи энергетика	67
10.	**Абдураҳмон Ҳ.** Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ	75
11.	**Содиқзода П., Икромов Ф.Н., Ғаюров Ғ.Ҳ.** Баҳогузории таҳримҳои иқтисодӣ дар доираи ҷаҳонишавӣ	82
12.	**Давлатова Қ.О.** Таҳлили ҳолати муосири механизми танзими давлатии раванди муҳоҷиратти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	89
13.	**Наврузи Мирзо.** Баъзе масъалахои рушди сохибкории инноватсионӣ дар Точикистон	97
14.	**Бобохонова Ш.Х.** Рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди нерӯ	103
15.	**Ҳусейнова Ш.З.** Саноатикунонии босуръат - заминаи рушди иқтисоди миллӣ	113
16.	**Абдуллоев А.Б.** Истифодаи таҷрибаи мамолики хориҷӣ оид ба маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш	119
17.	**Юсупов Ғ.Ғ.** Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон дар ташкили фаъолияти маркетингии корхона	123
18.	**Сафоев Ҳ.С., Шарипов Ш.Р.** Рушди рақобатпазирии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	128
19.	**Арабова Р.Ғ.** Рушди устувори кишоварзӣ: асоси амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон	133
20.	**Ҷумъабоев Х.Қ.** Масъалаҳои такмили механизми сохтори қонунгузории имтиёзҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	139
21.	**Исмоилов М.М., Эшбоев Ҷ.А.** Мақоми сохтори шабакавии инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ	148
22.	**Имомов М.Қ.** Ҷанбаҳои назариявии қарзи давлатӣ: зарурат, таснифот ва хусусиятҳои танзими он	154
23.	**Коситова У.О., Бобоев И.С.** Самтҳои такомули сиёсати молиявӣ дар шароити муосир	162
24.	**Марипова Ф.А.** Механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ	166
25.	**Муминзода Н.И.** Нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт	171
26.	**Наботова П.Ҷ., Дустматов Б.М., Мухторзода С.С.** Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар мамлакатҳои тараққиёти устувори иқтисодидошта	181
27.	**Ҳабибуллозода М.Ҳ.** Механизми татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	185
28.	**Рачабов К.Р., Рачабова З.Ҷ.** Хусусиятҳои андозбандии ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити муосир	192
29.	**Сафоев Ҳ.С.** Арзёбии ҳолати кунунии сатҳи рақобатпазирии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ	197

30.	**Алиев А.Р., Домуллоҷонова М.А.** Арзёбии унсурҳои таъсиррасони сиёсати баҳисобгирӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ	201
31.	**Лолаев З.Х.** Рақобати соҳибкории хурду миёна дар саноат ҳамчун меъёри арзиши амнияти иктисодӣ	206
32.	**Шарифзода Ф.Ҳ.** Асосҳои назариявии ташаккули суғуртаи шахсии хизматчиён ва ухдадорони ҳарбӣ	215
33.	**Халилова У.О.** Асосҳои назаривии соҳибкории инноватсионӣ	222
34.	**Аминова Ф.М.** Сармоягузорӣ ба иқтидори минтақавии саноатӣ дар амалишавии рушди устувор	228
35.	**Газиев М.Н.** Реҷаи ҳадафгирии таваррум ва истифодабарии он дар сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	235
36.	**Раҳмонов И.Қ.** Арзиши низоми идоракунии иттилоотӣ барои маҷмааҳои меҳмонхонаҳо	244
37.	**Файзов Н.З.** Баъзе масъалаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ ва усулҳои танзими он	249
38.	**Ҷонмахмадов Қ.Ш.** Тавсифи потенсиали меҳнатӣ дар шароити хозира	256
39.	**Мирзозода А.Д.** Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон	262
40.	**Нусратзода М.Н., Нуридинов С.З., Умарзода Н.Н.** Технологияи иттилоотӣ ва нақши он дар рушди маркетинги инноватсионӣ	268
41.	**Расулов Т.М.** Моҳият ва хусусияти баҳисобгирии буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	277
42.	**Раҳимов З.С.** Самтҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт ба соҳаи гидроэнергетика	282
43.	**Файзиддинзода М.Ф.** Аҳамияти маъмурикунонии андоз ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати идоракунии низоми андоз	291
44.	**Шарипов Ш.Р.** Ҷанбаҳои муҳими сиёсати инвеститсияҳои мазмур дар вилоятҳо ва воситаи иҷрои он дар Ҷумҳурии Таҷикистон	296
45.	**Каримов Р.А., Соҳибов Ф.Ҳ.** Танзими ғайритарифии савдои хориҷӣ ҳамчун омили таъмини рушди воридотивазкунӣ	305
	ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ	
1.	**Саидов А.С., Дилоев Н.Ф.** Равандҳои ҷаҳонишавии муосир ва таъсири онҳо ба фарҳангҳои миллӣ	311
2.	**Маликов Қ. Қ.** Падидаи дипломатияи рақамӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ	316
3.	**Каримова З.Ҳ.** Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба сиёсати гендарӣ	322
4.	**Муртазоқулов М.Р.** Васоити электронӣ ва аҳамияти истифодаи он дар таълими фанҳои дақиқ	331
5.	**Бобоева Т.Р.** Сайре ба олами тахайюл	336
6.	**Ғуломов Б.О.** Сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик	340
7.	**Олимӣ А.Р.** Ченкунии шитоби афтиши озод ба воситаи раққосаки чархзананд (моделсозии компютерӣ)	345
8.	**Муминзода М.Н., Муминзода Н.И.** Пажуҳиши асосҳои ҳуқуки сиёсати андоз дар сохаи сохибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон	351
9.	**Саидзода И.М., Давлатов А.И.** Амсилаи системаи иттилоотии кафедра	360
10.	**Нурова Қ.Н.** Оид ба масъалаи низоми идоракунии давлати Темуриён	368
11.	**Холов М.Р.** Ҳамгироии “ТИК” бо раванди таълими забони хориҷӣ дар ихтисосҳои рӯзноманигорӣ ва сайёҳӣ	373
	Маълумот оид ба муаллифон	381
	Маълумот барои муаллифон	386

СОДЕРЖАНИЕ

	ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА	
1.	**Муртазоев О.К.** Управление инновационным развитием промышленных предприятий Республики Таджикистан	7
2.	**Амонов С.С.** Анализ и оценка качества обслуживания в субъекты розничной торговли	15
3.	**Мирзоалиев А.А.** Оценка влияние факторов для развития кадрового потенциала розничной торговли	27
4.	**Раджабов К.Р., Давлятов Э.М.** Исследование ставок налог на доходы в Республике Таджикистан	35
5.	**Буриев Б.М.** Теоретические аспекты исследования рынка информационных услуг в условиях рыночной экономики	40
6.	**Юнусова М. М.** Эффективность социальной инфраструктуры и экономический рост	47
7.	**Хушвахтзода К.Х., Абдурахмонова М.З.** Институциональные основы учётно-аналитического и контрольного процесса сферы социального страхования по международным стандартам	52
8.	**Мирсаидов А.Б., Джумабоев Х.К.** Эволюция налоговой системы Республики Таджикистан	57
9.	**Ходжаев Д.Х.** Теоретические подходи к исследования экономической безопасности в сфере энергетики	67
10.	**Абдурахмон Х.** Роль промышленного предпринимательства в структуре национальной экономики	75
11.	**Содикзода П., Икромов Ф.Н., Гаюров Г.Х.** Оценка экономических санкций в контексте глобализации	82
12.	**Давлатова К.О.** Анализ современного состояния механизма государственного регулирования процесса трудовой миграции в Республике Таджикистан	89
13.	**Наврузи Мирзо.** Некоторые вопросы развития инновационного предпринимательства в Таджикистане	97
14.	**Бобохонова Ш.Х.** Развитие рынка сбыта электроэнергии с использованием источников малой энергетики	103
15.	**Хусейнова Ш.З.** Ускоренная индустриализация – основа развития народного хозяйства	113
16.	**Абдуллоев А.Б.** Приминение практики зарубежных стран по финансирование сфере физической культуры и спорта	119
17.	**Юсупов Г.Г.** Опыт зарубежных стран в организации маркетинговой стратегии предприятия	123
18.	**Сафоев Х.С., Шарипов Ш.Р.** Развитие конкурентоспособности совместных государственных и частных секторов в Республики Таджикистан	128
19.	**Арабова Р.Г.** Устойчивое развитие сельского хозяйства: основа продовольственной безопасности Республики Таджикистан	133
20.	**Джумабоев Х.К.** Вопросы совершенствование механизма законодательной конструкции налоговых льгот в Республике Таджикистан	139
21.	**Исмоилов М.М., Эшбоев Дж.А.** Роль инновационной сетевой структуры в условиях рыночной экономики	148
22.	**Имомов М.К.** Теоретические аспекты государственного долга: необходимость, классификация и особенности его регулирования	154
23.	**Коситова У.О., Бобоев И.С.** Пути совершенствования финансовой политики в современных условиях	162
24.	**Марипова Ф.А.** Механизм управления промышленными предприятиями в условиях рыночной экономики	166
25.	**Муминзода Н.И.** Роль человеческого капитала в экономике	171
26.	**Наботова П.Дж., Дустматов Б.М., Мухторзода С.С.** Государственно-частное партнерство в сфере социальных услуг в странах устойчивого экономического роста	181

27.	**Хабибуллозода М. Х.** Механизм внедрения цифровой экономики в Республике Таджикистан	185
28.	**Раджабов К.Р., Раджабова З.Дж.** Особенности налогообложения страховых организаций в современных условиях	192
29.	**Сафоев Х.С.** Оценка текущего состояния уровня развития конкурентоспособность совместных государственных и частных секторов	197
30.	**Алиев А.Р., Домуллоджонова М.А.** Оценка влияния элементов учетной политики на показателей финансовой отчетности	201
31.	**Лолаев З.Х.** Конкурентоспособность малого и среднего предпринимательства в промышленности, как критерий оценки его экономической безопасности	206
32.	**Шарифзода Ф.Х.** Теоретические основы организации личного страхования военнослужащих и военнообязанных лиц	215
33.	**Халилова У.О.** Теоретические основы инновационного предпринимательства	222
34.	**Аминова Ф.М.** Инвестиции в промышленный мощность региона в реализации устойчивого развития	228
35.	**Газиев М.Н.** Режим инфляционного таргетирования и его применение в денежно-кредитной политике Республики Таджикистан	235
36.	**Рахмонов И.К.** Значение системы управления информацией для гостиничных комплексов	244
37.	**Файзов Н.З.** Некоторые теоретические вопросы денежно-кредитной политики и методы ее регулирования	249
38.	**Джонмахмадов К.Ш.** Трудовой потенциал и его характеристика в соверменных услових	256
39.	**Мирзозода А.Д.** Совершенствование системы материального стимулирования труда работников промышленных предприятий Хатлонской области	262
40.	**Нусратзода М.Н., Нуридинов С.З., Умарзода Н.Н.** Информационные технологии и их роль в развитии инновационного маркетинга	268
41.	**Расулов Т.М.** Сущность и особенности бюджетного учета в Республике Таджикистан	277
42.	**Рахимов З.С.** Основные направления повышения привлекательности экономических инвестиций в гидроэнергетический сектор	282
43.	**Файзиддинзода М.Ф.** Сущность налоговое администрирование как инструмент повышения качества управления налоговой системы	291
44.	**Шарипов Ш.Р.** Сущностные аспекты инвестиционной политики принимающего региона и средства её осуществления в Республике Таджикистан	296
45.	**Каримов Р.А., Сохибов Ф.Х.** Нетарифное регулирование внешней торговли как фактор обеспечения развития импортазамещение	305
	ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ	
1.	**Саидов А.С., Дилоев Н.Ф.** Современные процессы глобализации и их влияние на национальные культуры	311
2.	**Маликов К. К.** Феномен цифровой дипломатии в международных отношениях	316
3.	**Каримова З.Х.** Глобализация и ее влияние на гендерную политику	322
4.	**Муртазокулов М.Р.** Использования электронных маиериалов и их значение в преподавании точных наук	331
5.	**Бобоева Т.Р.** Путешествие в мир воображения	336
6.	**Гуломов Б.О.** Структура и социальный состав современного таджикского общества	340
7.	**Олими А.Р.** Измерение ускорения свободного падения с помощью оборотного маятника (компьютерное моделирование)	345
8.	**Муминзода М.Н., Муминзода Н.И.** Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан	351
9.	**Саидзода И.М., Давлатов А.И.** Модель информационной системы кафедры	360
10.	**Нурова К.Н.** К вопросу системы управления государства Тимуридов	368
11.	**Холов М.Р.** Интеграция “ИКТ” в процесс обучения иностранному языку по специальности журналистики и туризма	373
	Сведения об авторах	381
	Памятка для авторов	386

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ
ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА

УДК 005. 342+658.6 (045) / (575.3)

Муртазоев О.Қ.

ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола ҷузъҳои идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ таҳлил ва баррасӣ карда шудааст. Дар раванди таҳлили масоили мазкур динамикаи афзоиши ҳаҷми нишондиҳандаҳои рушди умумии иқтисодии саноат, хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия, шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва кормандони илмӣ, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд нишон дода шудааст. Системаи нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шуда, самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ гардидааст. Инчунин ҳисобҳои дурнамои иқтидори инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 пешниҳод гардидааст.

Калимаҳои калидӣ: инноватсия, саноат, идоракунии инноватсионӣ, корхонаҳои саноатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, иқтидори инноватсионӣ, ММД, фаъолияти инноватсионӣ, рушди инноватсионӣ, самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ.

Муртазоев О.К.

УПРАВЛЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫМ РАЗВИТИЕМ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье проанализировано и рассмотрено **составляющие** инновационного управления развитием промышленных предприятий. В процессе анализа данных вопросов показана динамика увеличения объема показателей общего экономического развития промышленности, расходов государственного бюджета на науку и инновации, количества научных учреждений, организаций и научных работников, осуществляющих научно-исследовательскую работу в Республике Таджикистан. Представлена система показателей эффективности управления инновационной деятельностью промышленных предприятий и оценена эффективность управления инновационной деятельностью промышленных предприятий. Также представлены перспективные расчеты инновационного потенциала Республики Таджикистан на период до 2030 года.

Ключевые слова: инновации, промышленность, инновационное управление, промышленные предприятия, расходы государственного бюджета, инновационный потенциал, ВВП, инновационная деятельность, инновационное развитие, эффективность управления инновационной деятельностью.

Murtazoev O.K.

MANAGEMENT OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes and considers the components of innovative management of the development of industrial enterprises. In the process of analyzing these issues, the dynamics of an increase in the volume of indicators of the general economic development of industry, state budget expenditures on science and innovation, the number of scientific institutions, organizations and scientists engaged in research work in the Republic of Tajikistan is shown. The system of indicators of efficiency of management of innovative activity of industrial enterprises is presented and the efficiency of management of innovative activity of industrial enterprises is estimated. Also presented are prospective calculations of the innovative potential of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.

Key words: innovations, industry, innovation management, industrial enterprises, state budget expenditures, innovation potential, GDP, innovation activity, innovation development, efficiency of innovation management.

Дар айни замон яке аз афзалиятҳои иқтисоди *Ҷумҳурии Тоҷикистон* суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мебошад. Муҳимтарин омили афзоиш рушди инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки бидуни рушди технологияҳои баланд ва ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ дар саноат ғайриимкон аст.

Аҳамияти фаъолияти инноватсионӣ барои иқтисодиёти корхона бо нуктаҳои зерин муайян карда мешавад:

- омили рақобатпазирии маҳсулот ба ҳисоб меравад;
- дараҷаи мутобиқшавии корхонаро ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна баланд мебардорад;
- имконияти ба бозорҳои маҳсулоти берунӣ баромадани корхонаро васеъ менамояд;
- барои устувории дарозмуддат шароит фароҳам меорад.

Саноати имрӯзаи Тоҷикистон зиёда аз 90 самти коркард, истихроҷ ва истеҳсолотро дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, сабук, мошинсозӣ, сохтмон, маъдан, коркарди металл ва кимиё дар бар мегирад. Тибқи афзалиятҳое, ки дар Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 муайян шудаанд, дар сохтори имрӯзаи саноат ба комплексҳои сӯзишворию энергетикӣ, агросаноатӣ, соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиёӣ, мошинсозӣ ва ғайра бартарият дода мешавад. Барои амалӣ гардонидани стратегияи мазкур ва таъмин намудани рушди соҳаҳои саноат ҳоло якчанд барномаи соҳавӣ қабул гардида, татбиқ шуда истодааст, ки дар доираи онҳо таъсиси зиёда аз 6400 ҷойи кории нав пешбинӣ шудааст[4].

Дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат фаъолияти саноати онро аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои муҳим ва асосӣ тавсиф намудан мумкин аст, ки дар робита бо ин дар ҷадвали 1 маълумоти омории асосии саноат оварда шудаанд.

Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат афзоиш ёфта, суръати афзоиши он дар соли 2020 нисбат ба соли 2016, 165,2 фоизро ташкил намудааст. Шумораи корхонаҳо низ аз 2043 адад дар соли 2016 ба 2283 адад дар соли 2020 зиёд гардидааст. Ҳамин тавр, дар солҳои таҳлилшаванда (2016-2020) фаъолияти саноати кишвар дар тамоми нишондиҳандаҳои асосӣ дар ҳолати афзоиш қарор дорад.

Боиси қайд аст, ки саҳми ҳар як минтақаи мамлакат дар афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар

минтақаҳои ҷумҳурӣ аз 15090 млн. сомонии соли 2016 то ба 30890 млн. сомонӣ дар соли 2020 баробар гардидааст (ниг. ба диаграммаи 1).

Таҳлили маълумотҳои омории диаграммаи 1нишон медиҳанд, ки дар соли 2020 аз ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат, ҳиссаи бештари он ба вилояти Суғд (50,4%) тааллуқ дошта, қисми дигари он ба вилояти Хатлон (29,1%), НТҶ (10,6%), ш. Душанбе (9,1%) ва ВМКБ (0,8%) рост меояд.

Ҷадвали 1

Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2020

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот 2020 нисбат ба 2016 (+/-)
	2016	2017	2018	2019	2020	
Шумораи корхонаҳо, воҳид	2043	1999	2161	2164	2283	+240
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои с. 2020) млн. сомонӣ	18695	22677	25080	28391	30890	+12195
Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар	80,9	86,8	85,6	84,2	84,3	+3,4
аз ҷумла коргарон	65,9	73,8	72,1	73,2	67,7	+1,8
Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта	116,0	121,3	110,6	113,2	108,8	-7,2

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2021. - С. 397.

Дар марҳилаи муосир модели кунунии рушди рақобатпазирии низоми саноатии минтақаҳо ба ҳамкории васеъ ва самараноки иштирокчиёни гуногуни раванди рушд ва тиҷоратикунонии инноватсия асос ёфтааст, ки ҷустуҷӯи шаклу самтҳои таҳкими онро тақозо мекунад.

Диаграммаи 1

Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

(бо нархҳои дахлдори сол, млн. сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - С. 272.

Дар шароити имрӯзаи тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ корхонаҳои саноатӣ дар фаъолияти инноватсионӣ ба баъзе масъалаҳои ҳалталаби зерин мувоҷеҳ мегарданд: соҳибкорони инфиродӣ, роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳои тадқиқоти илмӣ ба масъалаҳои такмили технологияҳое, ки маҳсули раванди инноватсионӣ мебошанд, инчунин аз нав муҷаҳазгардонии техникӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири инноватсионӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Маблағгузории корҳои тадқиқоти илмӣ ва озмоишию конструкторӣ, барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ дар истеҳсолот ва навсозии фондҳои асосӣ дар саноат кофӣ нестанд[1, С.37].

Таҳлилилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии фаъолияти пасти инноватсионии кишвар дар ҷудо нагардидани захираҳои молиявӣ ба ҷараёни инноватсионӣ мебошад. Дар ҳақиқат, татбиқи инноватсия хароҷоти муайяни сармоягузорӣ, дастгирии молиявиро барои тамоми марҳилаҳо (давра), аз тадқиқоти илмӣ то истеҳсолот ва густариши маҳсулоти инноватсионӣ талаб мекунад. Манбаи асосии маблағгузорӣ ба соҳаи илмӣ-тадқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳад, буҷети давлатӣ мебошад, ки ҳиссаи он зиёда аз 99 фоиз ва дар баъзе ҳолатҳо 100 фоизро ташкил медиҳад. Ин вазъ, яъне бартарии дастгирии буҷетии соҳаи таҳқиқот ва илм дар зиёд будани маблағҳои буҷети давлатӣ набуда, балки дар набудани манбаҳои дигари маблаггузорӣ мебошад[5, С.93].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2020 хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия дар мамлакат 82,8 млн. сомониро (нисбат ба ММД 0,10%) ташкил намудааст[6, С.111]. Дар ҷадвали 2 тағйирёбии хароҷоти давлатӣ ба соҳаи илм ва инноватсия дар давраи солҳои 2016-2020 оварда шудааст.

Ҷадвали 2

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот 2020 нисбат ба 2016 (+/-)
	2016	2017	2018	2019	2020	
Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия, млн. сомонӣ	55,5	60,6	66,9	76,4	82,8	+27,3
Ҳиссаи хароҷотҳо ба илм ва инноватсия нисбат ба ММД, %	0,10	0,09	0,09	0,09	0,10	0

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2021. - С.111.

Чӣ тавре маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили афзоиш дорад. Таҳлили ҳиссаи хароҷотҳо ба илм ва инноватсия нисбат ба ММД нишон медиҳад, ки дар солҳои таҳлилишаванда (2016-2020) ҳаҷм дар як сатҳ қарор дорад ва ба ҳисоби миёна дар 5 соли охир (2016-2020) ба 0,09% баробар аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишондиҳандаи ҳадди ҳудудии ҳиссаи хароҷотҳо ба илм нисбат ба ММД муайян карда шудааст ва мувофиқи он агар қимати ин нишондиҳанда аз 1% паст бошад, онгоҳ чунин сатҳи маблаггузориро ба бехатарии илмӣ таҳдидкунанда меҳисобанд[7, С.258]. Пас аз маълумотҳои ҷадвали 5 чунин бармеояд, ки бехатарии илмӣ дар кишвари мо зери таҳдид қарор дорад. Масалан, дар соли 2019 давлатҳои аъзои иттиҳоди аврупо барои таҳқиқоти илмӣ ва рушд (Research & Development) беш аз 306 миллиард евро (2,19% ММД) сарф намудаанд (бе назардошти инвеститсияҳои хусусӣ). Дар соли 2019 *хароҷоти баландтаринро барои* корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ чунин давлатҳо сарф намудааанд: Шветсия (3,39% ММД), Австрия (3,19% ММД), Олмон (3,17% ММД), Дания (2,96% ММД), Белгия (2,89% ММД), Финляндия (2,79% ММД). Хароҷоти аз ҳама камтарин ба илм ба чунин далатҳо рост меояд: Литва (0,99% ММД), Болгария (0,84% ММД), Словакия (0,83% ММД), Ирландия (0,78% ММД), Латвия (0,64% ММД), Кипр (0,63% ММД), Малта (0,61% ММД), Руминия (0,48%)[7].

Таҳлили тамоюлҳои пешрафти илмию техникии ҷаҳонӣ аҳамияти корхонаҳои саноатиро дар рушди инноватсионии иқтисодиёт нишон медиҳад, зеро маҳз корхонаҳои саноатӣ дорои воситахои зарурии молиявӣ, истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ медошанд. Ҳамин тариқ, таносуби натиҷавӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона баррасӣ мегардад. Аз рӯи сатҳи идоракунии стратегии фаъолияти инноватсионӣ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст (ниг. ба расми 1).

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Имайкина О.И. Стратегическое управление инновационной деятельностью промышленных предприятий на основе концепции эффективного управления. Саранск. Системное управление: 3 (20), 2013. Стр. 6.

Расми 1. Системаи нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ

Нишондиҳандаи ниҳоии натиҷаи самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона коэффисиенти самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Арзёбии самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаро метавон тибқи маълумотҳои қиёсии дар ҷадвали 4 овардашуда анҷом дод.

Мувофиқи дараҷаи ҳозираи самаранокии идоракунии инноватсионӣ дар корхона тадбирҳои минбаъда, такмил додани он бояд андешида шаванд.

Агар самаранокии идоракунии инноватсионӣ дар сатҳи паст бошад, зарур аст, ки талабот ба сохтори ташкилии корхона, равандҳои идоракунии инноватсионӣ ва ташаккули иқтидори инноватсионӣ аз нав дида баромада шавад. Агар дараҷаи самаранокии идоракунии инноватсионӣ дар корхона қаноатбахш тавсиф карда шавад, зарур аст, ки иқтидори инноватсиониро инкишоф дода, ҷиҳатҳои тавонои онро мустаҳкам намуда, камбудиҳои мавҷударо бартараф намудан лозим аст. Агар корхона аллакай дар идоракунии фаъолияти инноватсионӣ самаранокии баланд ба даст оварда бошад, роҳбарияти он бояд

мунтазам нишондиҳандаҳои мақсаднокро дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи кунунии самаранокӣ назорат кунанд, инчунин захираҳоро барои рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионӣ ва дар маҷмуъ барои беҳтар намудани фаъолияти корхона равона созанд[2, С.10].

Ҷадвали 4

Арзёбии самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаи саноатӣ

Коэффисиенти самаранокии идоракунӣ	Сатҳи самаранокии идоракунӣ	Хусусиятҳои самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ
0% - 40%	Паст	Нишондиҳандаҳои мақсадноки самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ба даст наомадаанд, захираҳо самаранок истифода намешаванд.
40% - 80%	Қаноатбахш	Нишондиҳандаҳои мақсадноки самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ба даст наомадаанд, самаранокии нокифоя дар истифодаи захираҳо.
80% - 100%	Баланд	Фаъолияти инноватсионӣ самаранок амалӣ карда мешавад, раванди инноватсионӣ хуб идора карда мешавад ва ба ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок ва ҳангоми самаранокии ҳадди аксар истифодабарии муассири захираҳо мусоидат меунад.

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Имайкина О.И. Стратегическое управление инновационной деятельностью промышленных предприятий на основе концепции эффективного управления. Саранск. Системное управление: 3 (20), 2013. Стр. 9.

Фаъолияти инноватсионӣ дар корхона на танҳо табдил додани донишҳои илмӣ ба навъҳои нави маҳсулот, балки омӯзиши бозорҳои мол, муҳити рақобати онҳо, хосиятҳои истеъмолӣ, инчунин маҷмӯи тадбирҳои идоракунӣ, технологӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки якҷоя навовариҳоро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад. Дар марҳилаи муосир дар ташаккул ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар ҷадвали 5 шумораи муассисаю ташкилотҳои амалкунандаи илмӣ ва кормандони илмӣ, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд, нишон дода шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 5 гувоҳи онанд, ки шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд афзоиш ёфта истодаанд. Агар дар соли 2016 шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар мамлакат иҷро мекунанд 74 адаро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 82 адад баробар гардидааст, ки нисбати соли 2016 10,8% ё ин, ки 1,1 маротиба афзудааст.

Ҷадвали 5

Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва кормандони илмӣ, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот 2020 нисбат ба 2016 (+/-)
	2016	2017	2018	2019	2020	
Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ҳамагӣ дар мамлакат	74	80	82	82	82	+8
Шумораи кормандони илмӣ, ҳамагӣ дар мамлакат	3894	3720	3923	4505	4269	+375

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2021. - С.111.

Дар ҷумҳурӣ, муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд дар соли 2020 82 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 66 адад ба ш. Душанбе, 7 адад ба вилояти Суғд, 4 адад ба вилояти Хатлон, 3 адад ба ВМКБ ва 2 адад ба НТҶ рост меояд. Таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки дар мамлакат шумораи кормандони илмӣ тамоюл ба афзоиш дорад, агар дар соли 2016 шумораи онҳо 3894 нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ба 4269 нафар баробар гардидааст, ки нисбати соли 2016 375 нафар зиёд мебошад. Ҳамин тавр, мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 6 шумораи кормандони дар низоми илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ машғулбуда бояд то соли 2025 ба 8583 нафар ва то соли 2030 ба 12130 нафар афзоиш ёбад (ниг. ба ҷадвали 6).

Ҷадвали 6

Ҳисобҳои пешгӯии иқтидори инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгӯи потенсиал	Солҳо			Тағйирот 2030 нисбат ба 2018 (+/-)
	2018	2025	2030	
Ҷузъи кадрии иқтидори илмӣ:				
- ҳиссаи таҳқиқотчиён бо унвон, фоиз	42	52	70	+28
- шумораи муҳаққиқон ва техникҳо ба 1 миллион нафар аҳолӣ, нафар	329	785	1049	+720
- шумораи кормандони дар низоми илмӣ-таҳқиқотӣ машғулбуда, нафар	3923	8583	12130	+8207
Иқтидори саноат:				
- ҳисса дар сохтори ММД, фоиз	17,3	23	26	+8,7
- ҳаҷми истеҳсолот (млрд. сомонӣ)	23,8	25,4	40,3	+16,5
Иқтидори моддию техникӣ (млн. сомонӣ)	590,5	2375,4	6420,0	+5829,5
Иқтидори молиявӣ (фоиз нисбат ба ММД)	0,1	0,6	1,0	+0,9

Манбаъ: Тошматов М.Н., Мирзорахимов Н.Т. Теоретические аспекты инновационного развития национальной экономики. // Монография. Душанбе - 2021. - С. 96.

Чи тавре, ки таҳлили маълумотҳои дурнамои ҷадвали 6 нишон медиҳад, иқтидори инноватсионии мамлакат то дараи соли 2030 тамоюли беҳтаршавиро нишон медиҳад. Дар соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар сохтори ММД бояд ба 26% ва ҳаҷми истеҳсолоти он 40,3 млрд. сомониро ташкил диҳад.

Бояд қайд намуд, ки мавқеи корхонаҳои саноатӣ дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва озуқавории мамлакат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ бо ин рох баланд бардоштани некуаҳволии мардум, таъмини амнияти озуқаворӣ, афзун гардидани воридоти воситаҳои пулӣ ба ҳисоби буҷети давлат ва инчунин заминаеро барои рақобатпазирии иқтисодиёт фароҳам меорад [3, - С.115].

Ҳамин тариқ, таркиби зерини унсурҳои низоми идоракунии инноватсионии корхонаро муайян кардан мумкин аст:[9]

– раванди ноил шудан ба мақсади фаъолияти инноватсионӣ бояд ҳамчун маҷмӯи мураттабшудаи хусусиятҳои ҳолатҳои мобайнии омӯзиши роҳҳои рушди минбаъдаи он ҳисоб карда шавад;

– тамоми ҷузъҳои фаъолияти инноватсионӣ бояд ба таври қатъӣ ба ноил шудан ба ҳадафи ягона, ки дар асоси таҳлили ниёзҳои беруна ташаккул ёфтаанд, равона карда шаванд;

– дар тамоми зинаҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ягонагии идоракунӣ, алоқамандии ҳамаи вазифаҳои он, аз ҷумла пешгӯӣ (пешгуии эҳтиёҷот, роҳҳои ноил шудан ба мақсадҳо, захираҳои зарурӣ, натиҷаҳои қарорҳои қабулшуда), банақшагирӣ ва идоракунии оперативӣ таъмин карда шавад;

– ташаккули таркиб ва сохтори оптималии захираҳои фаъолияти инноватсионӣ, муайян намудани муносибатҳои муҳимтарини мутақобила;

– бо истифода аз натиҷаҳои таҳлили қонунҳо ва тамоюлҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла захираи асосии он - нерӯи инноватсионӣ, ки бо қобилият ва омодагии корхона барои пешбурди фаъолияти самараноки инноватсионӣ муайян карда мешавад;

– муайян кардани моҳият ва таъсири мутақобилаи механизмҳои интихоби омилҳое, ки дар инкишофи фаъолияти инноватсионӣ ҳангоми гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар бартарӣ доранд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ бояд мувофиқи консепсияи ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, ки ҳадафҳои рушди субъектҳои соҳибкориро дар заминаи арзишҳои навтарини иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа муайян мекунад, баррасӣ карда шаванд. Рушди инноватсионӣ афзоиши рақобатпазирии низоми хоҷагидорӣ, иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд, ки идоракунии равандҳои инноватсиониро дар сатҳи макро, мезо ва микроро тақозо мекунад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2020. - С.37.

2. Имайкина О.И. Стратегическое управление инновационной деятельностью промышленных предприятий на основе концепции эффективного управления. Саранск. *Системное управление: 3 (20), 2013. - С. 9-10.*

3. Муртазоев О.Қ. Бобоев Ҷ.И. Барномаҳои инноватсионӣ ва дастгирии давлатии дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. 3(28). – С. 114-124.

4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз санаи 14.10.2019 сол.

5. Тошматов М.Н., Мирзорахимов Н.Т. Теоретические аспекты инновационного развития национальной экономики. // Монография. – Душанбе, 2021. - С. 93-96.

6. Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2021. - С. 111.

7. Ҷабборов Ф.А. Вазъи муосир ва дурнамои инкишофи зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Зарурияти баланд бардбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ (маҷмуаи маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). Душанбе-2016. С. 258.

8. Шабакаи электронӣ - https://dzen.ru/media/severnymayak/skolko-tratiat-na-nauku-rossiia-ssha-kitai-i-strany-evrosoiuza-5fc54c0637dee85d859fba1c.

9.Шабакаи электронӣ - https://infourok.ru/statya-na-temu-upravlenie-innovacionnoj-deyatelnostyu -promyshlenno go-predpriyatiya-5522893.html.

УДК 339.371.2

Амонов С.С.

ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ САВДОИ ЧАКАНА

Таҷрибаи чандинсолаи субъектҳои савдои чакана нишон медиҳад, ки баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон нишондиҳандаи муҳими раванди рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Ин нишондиҳанда ҷудонопазир аст, аз ҷумла як қатор нишондиҳандаҳои хусусӣ, ба монанди фарҳанги хизматрасонӣ ба харидорон, устувории номгуйи маҳсулот, суръати хизматрасонӣ, доираи хизматрасониҳо ба харидорон ва ғайра. Масоили муҳими рушди савдои чакана ва корхонаҳои он инчунин омӯзиши сохтории имконияти мавҷудаи баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва имконияти татбиқи онҳо дар шароити иқтисодиёти давраи гузариши Тоҷикистон муҳим мебошад. Бояд қайд кард, ки баҳогузорӣ ва мониторинги сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ дар амалия бо як қатор мушкилот алоқаманд аст. Арзёбии сифати хизматрасонии савдо ва хизматрасонӣ ба мизоҷонро ба расмият даровардан душвор аст, зеро он системаи нишондиҳандаҳои махсусро дар бар мегирад, ки ченкунии миқдории онҳо асосан душвор аст. Аз ин лиҳоз, дар таҷрибаи хоҷагидории корхонаҳои соҳаи савдо усули ягонаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи баҳогузорӣ ба сатҳи хизматрасонии савдо ба аҳолӣ вуҷуд надорад.

Вожаҳои калидӣ: савдои чакана, сифати хизматрасонии савдо, рақобаттавонӣ, ҳавасмандгардонии рушди савдои чакана, самаранокии иқтисодӣ, дастрасии нархӣ, дурнамои рушди шабакаҳои савдои чакана.

Амонов С.С.

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА КАЧЕСТВА ОБСЛУЖИВАНИЯ В СУБЪЕКТЫ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ

Многолетний опыт субъектов розничной торговли показывает, что повышение качества обслуживания покупателей является важным показателем процесса экономического развития. Этот показатель является неразделимым, включающим в себя ряд частных показателей, таких как культура обслуживания клиентов, стабильность названия продукта, скорость обслуживания, спектр обслуживания клиентов и др. Важны важные вопросы развития розничной торговли и ее предприятий, а также структурное изучение существующей возможности оценки качества торговых услуг населению и возможности их реализации в условиях переходной экономики Таджикистана. Следует отметить, что оценка и мониторинг качества торгового обслуживания населения на практике связаны с рядом проблем. Оценку качества торговых услуг и обслуживания клиентов трудно формализовать, поскольку она включает в себя систему специальных показателей, которые трудно измерить количественно. С этой точки зрения единого научно обоснованного метода оценки уровня торгового обслуживания населения в опыте торговых предприятий не существует.

Ключевые слова: розничная торговля, качество торговых услуг, конкурентоспособность, стимулирование развития розничной торговли, экономическая эффективность, доступность, перспективы развития розничных торговых сетей.

Amonov S.S.

ANALYSIS AND ASSESSMENT OF THE QUALITY OF SERVICE IN RETAIL TRADE SUBJECTS

Many years of experience of retailers shows that improving the quality of customer service is an important indicator of the economic development process. This indicator is inseparable, including a number of private indicators, such as customer service culture, product name stability, service speed, customer service spectrum, etc. Important issues of the development of retail trade and its enterprises, as well as a structural study of the existing possibility of assessing the quality of trade services to the population and the possibility of their implementation in the transitional economy of Tajikistan. It should be noted that the assessment and monitoring of the quality of trade services for the population in practice are associated with a number of problems. The evaluation of the quality of trading services and customer service is difficult to formalize, since it includes a system of special indicators that are difficult to quantify. From this point of view, there is no single scientifically based method for assessing the level of trade services for the population in the experience of trade enterprises.

Key words: retail trade, quality of trade services, competitiveness, stimulating the development of retail trade, economic efficiency, affordability, prospects for the development of retail trade networks

Ҳанӯз дар охири солҳои 80-уми асри XX аз ҷониби кормандони Институти илмӣ-таҳқиқотии савдо ва хӯроки умумии (оммаи) Украина усули махсусе таҳия карда шуда буд, ки барои арзёбии сатҳи хизматрасонии корхонаи савдо пешбинӣ шуда буд.

Мувофиқан усули тарҳрезишуда сатҳи хизматрасонии сифати корхонаҳои савдоро бо назардошти чор нишондиҳандаи ба ҳам алоқаманд муайян менамуд:

• коэффитсиенти устувории рӯйхати навъҳо;

• коэффитсиенти хизматрасонии иловагӣ;

• таносуби вақти сарфшуда дар интизори хизматрасонӣ;

• омили фарҳанги хизматрасонӣ бо дарназардошти ақидаи мизоҷон.

Коэффитсиенти устувории рӯйхати навъҳои молҳо бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$K = \frac{\frac{A_1}{A} + \frac{A_2}{A} + \ldots + \frac{A_n}{A}}{n}$$, дар инҷо

$К_у$ - коэффитсиенти устувории рӯйхати навъҳои молҳо;

$A_1, A_2, \ldots, A_n$ – шумораи воқеии номгӯи молҳо дар вақти мушоҳидашаванда;

A – шумораи номгӯи молҳо тибқи рӯйхати навъҳои молҳо;

n – шумораи мушоҳидаҳо.

Тавре ки мушоҳида мешавад, ҳисобкунии коэффитсиенти дар боло овардашуда мушкилоти мушаххасеро ба бор намеорад ва барои ин танҳо дар ҳар як корхонаи савдо маълумоти зарурӣ дар бораи навъҳои молҳои ба истеъмолкунандагон фурӯхташаванда зарур аст.

Нишондиҳандаи дигар - коэффитсиенти хизматрасонии иловагии муштариён ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад:

$$K_д = \frac{\frac{\frac{Y_1}{Y} + \frac{Y_2}{Y} + \ldots + \frac{Y_n}{Y}}{n_1} + \frac{\frac{Y_{01}}{Y_{n1}} + \frac{Y_{02}}{Y_{n2}} + \ldots + \frac{Y_{0n}}{Y_{nn}}}{n_2}}{2}$$, дар инҷо

$К_д$ - омили хизматрасонии иловагӣ;

Y_1, Y_2, Y_n – шумораи хизматрасониҳои иловагӣ дар вақти мушоҳидашаванда, шумора;

Y – миқдори хизматрасониҳои иловагии пешбинишудаи рӯйхат;

n_1 – шумораи мушоҳидаҳо;

Y_{01}, Y_{02}, Y_{0n} – ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ;

Y_{n1}, Y_{n2}, Y_{nn} – ҳаҷми хизматрасониҳо дар давраи асосӣ, сомонӣ;

n_2 – миқдори хизматрасониҳо аз рӯйи намудҳои меҳмонхонаҳо ба муштариён, шумора.

Дар ин ҳолат коэффитсиенти вақти хариди харидоронро дар раванди хизматрасонии савдо ба тариқи зайл муайян кардан мувофиқи мақсад аст:

$$K_0 = \frac{З_0}{З_ф}$$, дар инҷо

K_0 – коэффитсиенти вақти сарфшуда дар раванди хизматрасонӣ ба мизоҷон;

$З_0$ – вақти оптималӣ барои нигоҳдорӣ, дақ.;

$З_ф$ – вақти воқеӣ барои пешниҳоди хизматрасонӣ, дақ.

Чунин раванд имконият медиҳад, ки таносуби сифати хизматрасониҳоро бо дарназардошти ақидаи харидорон муайян карда шавад:

$$K_м = \frac{M_n}{M_0}$$, дар инҷо

$K_м$ – таносуби сифати хизматрасониҳо бо дарназардошти ақидаи харидорон;

M_n – шумораи харидорон, ки ба сифати хизматрасонии савдо баҳои мусбат додаанд;

M_0 – шумораи умумии харидорони пурсидашуда.

Ҷадвали 1.

Коэффитсиентҳои ифоданамоии сифат ва фарҳанги хизматрасонӣ ба мизоҷон

Нишондиҳандаи фарҳанги пешниҳоди хизматрасонӣ	**Аҳаммияти нишондиҳанда дар сатҳи умумии фарҳанги хизматрасонӣ, хол**
Коэффитсиенти устувории навъҳо (Ку)	$З_1 = 0,35$
Коэффитсиенти иловагии хидматрасонӣ (Кд)	$З_2 = 0,20$
Коэффитсиенти вақти интизории хизматрасонӣ (Ко)	$З_3 = 0,45$
Коэффитсиенти арзёбии сифати хизматрасонӣ тибқи ақидаи харидор (Км)	$З_4 = 1,0$

Муайян намудани коэффитсиенти арзёбии сатҳи сифати хизматрасонӣ бо истифодаи формулаи зерин мувофиқи мақсад мебошад:

$$K_{обоб} = \frac{\left[\left(З_1 \cdot K_у\right) + \left(З_2 \cdot K_д\right) + \left(З_3 \cdot K_0\right) + K_м\right]}{2}$$

Вобаста аз коэффитсиенти таркибии сифати хизматрасонии савдо гурӯҳҳои зерини корхонаҳои савдоро ҷудо намудан мумкин аст:

- сатҳи баланди хизматрасонии савдо - 0,901 ва бештар;
- сатҳи миёнаи хизматрасонӣ - аз 0,701 то 0,900;
- сатҳи пасти сифати хизматрасонӣ - то 0,700.

Ба андешаи мо, дар шароити муосир истифодаи усулҳои дар боло номбаршуда дар амалияи хоҷагидорӣ, гарчанде ки усулан имконпазир аст, аммо амалан вазъияти воқеии пешниҳоди хизматрасонии савдоро ба таври пурра тавсиф наменамоянд, зеро як қатор

омилҳои хеле муҳим - сифати молҳо, усулҳои пешрафтаи фурӯши молҳо, бехатарии хизматрасонии савдо, риояи ҳатмии ҳадди ақали навъҳои боэътимоди хизматрасонӣ, суръати пешниҳоди хизматрасонӣ характери тағйирёбандагиро ихтиёр намуда бо истифодаи усулҳои гуногун баҳодиҳӣ карда мешаванд.

Ба ҳамин монанд, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки барои арзёбии сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ, маълумот дар бораи намуд ва сифати молҳои фурӯхташуда, риояи навъҳои ҳадди ақали маҳсулот, суръат ва сифати пешниҳоди хизматрасонӣ зарур аст [7.с.84-86]..

Маълумоти заруриро тавассути истифодаи усулҳои махсус ва пурсишномаи харидорон ба даст овардан мумкин аст, ки ин мушкилоти асосиро дар раванди баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои савдо ба бор намеорад.

Пурсишномаи сифати хизматрасони корхонаҳои савдоро, ки аз тарафи мизоҷон анҷом дода мешавад метавон аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ намуд. Натиҷаи баҳодиҳии мизоҷонро вобаста ба намуди ҷавобҳо ва шумораи умумии посухдиҳандагон таҳлил карда метавон ба сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ баҳои қаноатбахш диҳем ва ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷудда чораҳои имконпазирро роҳандозӣ намоем.

Арзёбии ҷамъбастии натиҷаҳои пурсишномаҳо бо роҳи муайян намудани нишондиҳандаи ҳамаҷонибаи сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон гузаронида мешавад:

$$K_{кач} = \frac{\sum X_1 + \sum X_2 - \sum X}{\sum X_1 + \sum X_2 + \sum X_3 + \sum X_4}$$, дар ин ҷо

X_1 - ҷавобҳои «аъло»;

X_2 - ҷавобҳои «хуб»;

X_3 - ҷавобҳои «қаноатбахш»;

X_4 - ҷавобҳои «ғайриқаноатбахш».

И. Ш. Захмишева [4.с.93] дар таҳқиқоти илмиаш усули баҳодиҳии сифати хизматрасониро пешниҳод намудааст, ки он панҷ нишондиҳандаи маҷмӯиро дар бар мегирад: сифати молҳои фурӯхташуда; пуррагии навъҳои мол; фарҳанг (маҳорат) - и хизматрасонии кормандон; шартҳои хизматрасонӣ; дастрасии хизматрасонӣ. Нишондиҳандаҳои мазкур дар асоси ҷадвали 10-хол ба тариқи интегралӣ ҳисоб карда мешавад ва аз ҷониби гурӯҳи коршиносон мусбат баҳогузорӣ карда шудааст.

О. Семин, В.А. Сайдашева, В.В. Панюков [10.с.216] пешниҳод мекунанд, ки сифати хизматрасонии корхонаҳои савдои чакана аз рӯйи панҷ гурӯҳи меъёрҳо (сифати хизматрасонӣ, дарки дархостҳои истеъмолкунандагон, бехатарии хизматрасонӣ, мавқеи корхона, таблиғи иттилоотӣ ва савдо дар ҷойҳои фурӯш) ва ҳамин тариқ коэффитсиенти умумии сифати хизматрасонии савдо дар доираи чор хусусият ҷудо карда мешавад: сифати манфӣ; сифати меъёрӣ; сифати корхона; сифати дараҷаи олӣ. Усули мазкур имконият намедиҳад, ки сатҳи умумии хизматрасонии савдо пурра арзёбӣ карда шавад то он лаҳзае, ки масоили баҳодиҳии шароити моддӣ ва салоҳияти кормандон ошкор карда шавад, арзёбии меъёрҳои асосии сифат ба назар гирифта намешавад.

Т. Н. Николаева ва Н. Р. Егорова[13] пешниҳод мекунанд, ки ҳашт гурӯҳи нишондиҳандаҳои ҷузъӣ: устуворӣ ва гуногунии навъҳои молӣ; технологияи хизматрасонӣ ба мизоҷон; вақти хариди мизоҷон барои хариди мол; қобилияти касбии кормандони соҳаи хизматрасонӣ; ташкили хизматрасониҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ; ба анҷом расидани харид; пешниҳоди хизматрасонӣ; сифати хизматрасонӣ тибқи ақидаи мизоҷон барои арзёбии фарҳанги фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо (баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо) – ро корхонаҳои савдо истифода намоянд[6.с.46-49].

Г. Д. Крилова ва М. И. Соколова[8] дар таҳқиқоти илмиашон ба усули *SERVQUAL* диққат дода, сифати хизматрасониҳоро ҳамчун ченаки он муайян намудаанд, ки сатҳи хизматрасониҳо бо ба инобат гирифтани интизории муштарӣ даҳ меъёрро дар заминаи ду

самти истифодашуда аз ҷониби истеъмолкунандагон муайян менамояд ва барои арзёбии сифати хизматрасониҳо то чӣ андоза ҷавобгӯ аст мавриди назар намудаанд.

Самти 1 – ум баҳодиҳии техникии сифат: эътимод, дастрасӣ, бехатарӣ, фаҳмиши муштарӣ; Самти 2 - арзёбии амалиётии сифат: вокуниш, салоҳият, хушмуомилагӣ, муҳити моддӣ, муошират. Усулҳои мазкур моҳияти меъёрҳоеро, ки мо омӯхта истодаем, пурра инъикос намекунад ва танҳо дар доираи маҳдуди нишондиҳандаҳо ба назар гирифта мешавад.

Б. И. Герасимов, Н. В. Злобина, С. П. Спиридонова[3] сифати хизматрасониҳоро ҷиҳати муайян кардани хосиятҳо ва нишондиҳандаҳои хизматрасоние, ки сифати онро ифода менамояд: эътимоднокӣ, саривақтӣ, муҳиммият, ҷавобгӯй, пуррагӣ, бехатарӣ, эътимоднокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ; воқеӣ будан ва инъикоси сифати хосиятҳо ва нишондиҳандаҳои меъёрии ҳуҷҷатҳои хизматрасонӣ; арзёбии омилҳое, ки ба сифати хизматрасонӣ дар марҳилаҳои гуногуни пешниҳоди он таъсир мерасонанд; таҳияи системаи зуд ба даст овардани иттилооти дақиқ баҳогузорӣ мекунанд.

Усули зикргардида имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои инфиродии ягонаи сифати хизматрасониҳо ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, ба пуррагӣ арзёбӣ карда шаванд, вале баҳогузории маҷмӯиро пешбинӣ намекунад[5.с.46-49]

Таҳлили васеъи адабиёти иқтисодии ба мавзӯи мазкур бахшидашуда собит менамояд, ки дар кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ низ усули ягонаи баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо барои аҳолӣ вуҷуд надорад. Таҳлили адабиёти махсуси иқтисодӣ, ки ба таҳқиқи масоили мазкур равона гардидааст имконият медиҳад чунин хулоса барорем, ки усули машҳуртарин ва бештар истифодашавандаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо бо усули «SERVQUAL» баҳогузорӣ карда мешавад ва онро ҳанӯз соли 1985 Парасураман, Берри ва Сайтам пешниҳод кардаанд[2.pp.15-33].

Бештари усулҳои минбаъдаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо ба ҷузъҳои ин метод асос ёфтаанд. Ҳадафи асосии усули SERVQUAL арзёбӣ ва чен кардани фарқи байни интизориҳои истеъмолкунандагон то пешниҳоди хизматрасонӣ ва дарки воқеии онҳо пас аз хизматрасонӣ мебошад. Маълумоте, ки тавассути ин усул дар якҷоягӣ бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар шакли нишондиҳандаҳо ба даст оварда шудааст, ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ истифода мешавад. Усули SERVQUAL фарогирандаи саволномаи махсусест, ки дар асоси коркарди маълумоти ҷойдошта таҳия шудааст, аз ҷумла 22 савол аз рӯи панҷ хосият барои баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо ҷамъ оварда шудаанд:

- «эътимоднокӣ (reliability). Эътимоднокии хизматрасонӣ ҳамчун қобилияти корхонаҳои савдо барои сари вақт ва бидуни монеа пешниҳод намудани хизматрасонӣ муайян карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки хизматрасонӣ бо сифати баланд ичро карда мешавад ва ширкат уҳдадориҳои худашро қатъиян риоя мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо, он инчунин дурустии ҳисобномаҳо, сабтҳои муҳосибӣ ва ба итмом расонидани хизматрасонӣ дар вақти муайяншударо дар назар дорад;
- ҷавобгӯй (responsiveness). Ин хоҳиш ё омодагии кормандони соҳа барои пешниҳоди хизматрасонӣ аст. Ин мафҳум хосияти саривақтии хизматрасониро дар бар мегирад;
- эътимоднокӣ (assurance). Ин меъёр ба дониш, салоҳият ва хушмуомилагии кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва қобилияти эҷодӣ эътимод майл менамояд. Салоҳият маънои доштани малака ва дониши заруриро барои иҷрои хизматрасонӣ дар назар дорад. Хушмуомилагӣ ва эҳтиром, хушмуомилагӣ ва муомилаи дурусти кормандонеро дар назар дорад, ки бо муштариён робита доранд. Инчунин, кормандон бояд боэътимод будани хизматрасониро кафолат диҳанд;
- ҳамдигарфаҳмӣ бо харидорон (empathy). Фаҳмиши муштариён ҳамчун таваҷҷуҳ, ғамхории шахсӣ ба мизоҷон муайян карда мешавад. Алоқаи доимии кормандон бояд

бомавқеъ бошад ва онҳо дар навбати худ бояд кӯшиш кунанд, ки муштариён ва ниёзҳои онҳоро дарк намоянд;

- далелҳо (tangibles). Далелҳо ҷанбаҳои ҷисмонии хизматраониро дар бар мегиранд, ба монанди иншоот, намуди зоҳирии кормандон, афзорҳо ё таҷҳизоте, ки барои расонидани хизматрасонӣ истифода мешаванд, таҷассуми ҷисмонии хизматрасонӣ ва иштироки муштариёни дигар.

Имконияти истифодаи усули SERVQUAL дар амалияи корхонаҳои савдои чакана барои арзёбии сифат мушаххас буда наметавонад. Аммо бо вуҷуди ин, дар амалияи фаъолити иқтисодӣ то ҳол усули ягонаи чен кардани сифати хизматрасонӣ вуҷуд надорад.

Бояд қайд намуд, ки усули баҳодиҳии SERVPERF аз ҷониби коршиносони масоили сифат Кронин ва Тейлор пешниҳод кардашуда солҳои охир дар байни доираи васеи субъектҳои хизматрасонии савдои чакана маъмул гаштааст. Хусусияти фарққунандаи модели SERVPERF дар он ифода мегардад, ки он танҳо ҷузъҳои ками сифати хизматрасониро бо ёрии амсилаи SERVPERF дар бар гирифта интизориҳои муштариёнро нодида мегирад.

Дар баробари ҷой доштани усули SERVQUAL қисми бештари навовариҳои арзёбии сифат бо дигар усулҳо низ анҷом дода мешавад. Баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки аз муқоисаи натиҷаи ниҳоӣ бо интизорӣ комилан даст кашанд, зеро боварӣ доранд, ки нишондиҳандаҳои интизорӣ боиси аз ҳад зиёд баҳо додани онҳо ва афзоиши сунъии фарқи байни интизорӣ ва дарк мешаванд[1.с.217-231].

Таъкид кардан муҳим аст, ки ҳамаи усулҳои баррасишавандаи баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ асосан бо таҳқиқоти маркетингӣ алоқаманданд.

Тавре ки маълум аст дар амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз қабили усулҳои сифатӣ, миқдорӣ ва омехта истифода мешаванд.

Дар миқёси аксарияти усулҳои таҳқиқоти маркетингӣ барои баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо, зарур аст, ки гузаронидани намудҳои гуногуни пурсишномаҳо ва аудити фаъолияти корхонаҳои чакана ба роҳ монда шавад.

Мақсади гузаронидани пурсишномаҳо аз он иборат аст, ки фикри харидорон оид ба масъалаҳои мушаххасе, ки ба саволнома дохил карда шудаанд, мустақилона ё ғайримустақилона бо кормандони ширкат фаҳмонида мешавад.

Моҳияти пурсиш ҷамъоварии иттилооти аввалия бо роҳи мустақиман додани саволҳо ба муштариён дар бораи сатҳи муносибати онҳо ба арзёбии хизматрасониҳои чакана иборат аст. Дар навбати худ, камбудиҳои пурсишнома аз он иборат аст, ки вақти зиёд ва воситаҳои пулии бештарро талаб мекунад ва аз нопурра будани маълумоти ибтидоӣ дарак медиҳад. «Мизоҷон метавонанд чизеро пай набаранд ё танҳо намедонанд, ки чӣ гуна ба онҳо хизматрасонӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ҳамин ҳолат маънои вайрон кардани талаботи муқарраршуда ва қоидаҳои сертификатсияи хизматрасонии чакана вуҷуд дорад»[11.с.5-37].

Усули аудити корхонаҳои савдои чакана таҳлили пуррагӣ ва устувории навъҳо, сатҳи нархҳои чакана ва фаъолияти таблиғотии корхонаҳои савдои чаканаро дар бар мегирад. Усули номбаршудаи аудити савдои чакана имконият медиҳад, ки кадом намудҳои молҳо ва хизматрасонии савдо ба фурӯш пешниҳод карда шаванд, ва то кадом андоза онҳо ба харидорон дастрас бошанд бо кадом нархи чакана ва бо кадом миқдор фурӯхта мешаванд.

Ҳамзамон, камбудии аудити фаъолияти корхонаҳои савдои чакана душвории гирифтани маълумот дар бораи фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои мушаххас мебошад.

Ба андешаи мо, усули маъмули арзёбии сифати хизматрасонии савдо «Mystery Shopping» ба аҳолӣ муфид аст.

Дар манбаъҳои гуногун бо номҳои зерини усул вохурдан мумкин аст: «Secret Shopping», «Shopper Programs», «Anonymous Consumers», «Shopper Audits», «Virtual

Customers(r)». Дар забони русӣ одатан усулҳои номабаршударо «Таинственный покупатель», «Таинственная покупка» ё «Виртуальный покупатель».

«Mystery Shopping» усули машҳур ва дар айни замон боэътимоди таҳқиқоти маркетингӣ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он арзёбии сифати хизматрасониҳо бо ҷалби мутахассисоне мебошад, ки ҳамчун харидор баромад мекунанд. Онҳо омӯзиши махсус гирифта барои харидорони доимӣ аз нуқтаҳои савдо аз ҳисоби харидорони муқаррарӣ сафарбар карда мешаванд.

Онҳо ба хушмуомилагӣ ва салоҳияти кормандони фурӯш, истифодаи шаклҳо ва усулҳои муосири фурӯши молҳо, иҷрои стандартҳои кор, вазъи таҷҳизоти техникии корхонаи савдо ва хизматрасонии иловагӣ диққат медиҳанд. Сипас онҳо маълумоти ҷамъоваришударо ба пурсишномаҳое, ки минбаъд баҳодиҳӣ карда мешавад ворид намуда хосиятҳои хизматрасониро ошкор менамоянд.

Усули «Mystery Shopping» барои ба таври объективона муайян кардани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии соҳаи фаъолияти корхонаҳои савдои чакана дар самти таъмини сифати хизматрасонӣ ва дар асоси андешаҳои объективии мутахассисон мусоидат менамояд.

Амсилаи мазкур шакли боэътимоди мониторинги сифати хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад, зеро он ба маъмурияти корхона имконият медиҳад, ки мунтазам иттилооти муҳим гиранд, то фаъолияташонро дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо дуруст ва мақсаднок ба роҳ монанд. Маълумоте, ки дар натиҷаи татбиқи усули «Mystery Shopping» ба даст оварда шудааст, метавонад барои назорат ва такмили сифати хизматрасонии савдо аз ҷониби корхонаи савдои чакана истифода шаванд ва муқоисаи онҳо нисбат ба хизматрасониҳое, ки рақибон бо имконияти харидорон муқоиса менамоянд имконпазир аст ба роҳ монанд ва ғайра.

Ин усул самаранокии қабули қарорҳоро дар бораи истифодаи мақсадноки захираҳои корхонаи савдо ба таври назаррас баланд мебардорад. Маълумотро маъмурияти корхонаҳои савдои чакана ҳангоми санҷиши фаъолияти кормандони фурӯш ва роҳбарони сатҳҳои миёна ва поёнӣ бояд ба инобат гирифта ба тақсимоти мукофотпулӣ, пешбарии кормандони муваффақ ба зинаи баланди хизматрасонӣ ва ғайра истифода менамоянд.

Низоми зикргардидаи арзёбӣ фаъолияти кормандонро самаранок гардонида имконият медиҳад, ки ба мизоҷон сатҳи нисбатан баландтари пешниҳоди хизматрасониро ба роҳ монанд.

Ин усули нави идоракунии сифати хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта солҳои 70-уми асри XX дар ИМА пайдо шудааст. Вақте ки харидорони махсус хизматрасонии такмилёфтаро барои назорат кардани фаъолияти чаканафурӯшҳо ҳангоми ба бозор баровардани маҳсулоти нав истифода мегардид. Бо ҳамин мақсад, ба усули мазкур «Mystery Shopping» номгузорӣ карда шуд.

Солҳои охир истифодаи васеъи усули «Mystery Shopping» ҳамчун воситаи муосири баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои корхонаҳои савдои чакана ва дигар корхонаҳои хизматрасонӣ мушоҳида мешавад. Мувофиқан чунин мавриди назар карда мешавад, ки усулҳо барои баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдои чакана ба аҳолӣ дар асоси пурсишномаҳо ва фикру мулоҳизаи муштариён нисбат ба татбиқи усули «Mystery Shopping» тақрибан 5-7 маротиба арзиш дорад.

Ҳангоми гузаронидани пурсишномаҳои мустақим, бисёр харидорон метавонанд ҷузъиёти рафтори фурӯшандагонро дар ёд надоранд ё дар ин ҳолат ҳаракати яктарафагиро ихтиёр намоянд. Дар ҳолати истифодаи усули мазкур имконият ҷой дорад, ки посухдиҳандагон қаблан бо назардошти хусусияти "Mystery Shopping" аз омӯзиши махсус гузашта, барои дақиқ кардани хосиятҳои зарурии хизматрасонӣ маблағи муайян гиранд. Афзалияти муҳимтарини усули хариду фурӯши ғайримунтазирии таҳқиқоти гузаронидашуда дақиқӣ ва дурустии маълумоти гирифташуда мебошад.

Инъикоси дуруст ва эътимоднок «иттилооти гирифташуда дар доираи барномаи «Mystery Shopping» ва арзиши нисбатан пасти анҷом додани баҳодиҳӣ боис гардид, ки

корхонаҳои фурӯши савдои чакана дар ИМА ва қисман дар Аврупои Ғарбӣ ба усули Mystery Shopping» гузаранд. Мисоли дақиқ ва воқеии истифодаи раванди мазкур ошкор сохт, ки дар ИМА «Mystery Shopping» - ро беш аз 95% ширкатҳои савдои чакана, 90% шабакаи меҳмонхонаҳо, шабакаҳои фурӯши маҳсулоти сӯзишворӣ, меҳмонхонаҳо, фурӯшгоҳҳои нақлиётӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, кинотеатрҳо, боғҳои фароғатӣ, муассисаҳои дармонбахшандаи хусусӣ ва ғайра истифода менамоянд.

Дар кишварҳои мутараққӣ «Mystery Shopping» - ро имрӯзҳо нисбатан дар соҳаи рушдкарда ва бозори таҳқиқоти маркетингӣ, ки дорои шумораи зиёди муштариён мебошанд ва зиёда аз садҳо ҳазор нафар одамон кор мекунанд истифода менамоянд. Даромади моҳонаи онҳо аз даҳҳо то садҳо долларро ташкил медиҳад.

Дар ИМА такрибан 500 муассисаҳое мавҷуданд, ки гардиши солонаи онҳо беш аз 1 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ширкатҳои махсуси ИМА ва Британияи Кабир, ки барои муайян кардани қаноатмандии муштариёни худ барномаҳои «Mystery Shopping» - ро истифода менамоянд, аз рӯи гардиши молиявии байни ширкатҳои таҳқиқотӣ дар даҳгонаи аввал қарор доранд[12].

Ба ғайр аз ин дар ин кишварҳо Иттиҳодияҳои байналмилалии таъминкунандагони хизматрасонии савдо «Mystery Shopping» (MSPA) мавҷуд мебошанд. Чунин ба назар мерасад, ки барои таҳия ва такмили ин усул фаъолона кор мекунанд ва хусусан дар ин миён меъёрҳои ахлоқӣ ва касбӣ низ коркард карда шудааст.

Усули назорати сифати хизматрасонӣ - «Mystery Shopping» дар бисёр кишварҳои ИДМ низ татбиқ карда мешавад. Таҷрибаи ғании бисёр корхонаҳои машвараті, аз қабили «Marketing Lab» ва ғайраҳо, ки чунин барномаҳоро дасгирӣ менамоянд, нишон медиҳад, ки самараи амалии истифодаи усулҳои барномаи «Mystery Shopping» дорои аҳамияти калон ва ба манфиати корхонаҳои соҳаи хизматрасонии савдои чакана аст.

Тавре ки таҷрибаи татбиқи барномаҳои «Mystery Shopping» нишон медиҳад, аксари чаканафурӯшон имконият доранд аз хизматрасониҳои марказҳои таҳқиқотӣ ё ширкатҳои машвараті, ки дар барои гузаронидани чорабиниҳои махсус имконият доранд, истифода баранд. Омода ва иҷро намудани таҳқиқоти «Mystery Shopping» аз силсилаи қадамҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Муайян кардани ҳадафҳои барнома. Муайян кардан ва гузоштани ҳадафҳо қадами муҳимтарин дар таҳияи барномаи «Mystery Shopping» мебошад.

Дар ин марҳила, объекти арзёбишаванда ва ҳадафи истифодаи маълумоти бадастомада муайян карда мешавад. Ҳадафи барнома арзёбии усули фурӯш аст, ки кормандон аз нишондиҳандаҳои гуногуни сифати хизматрасонии савдо бо ба инобат гирифтани суръати хизматрасонӣ ба мизоҷон истифода намоянд ва дар идомаи фаъолият чораҳои имконпазирро роҳандозӣ намоянд. Мақсади барнома ҳамгироии доираи сифати хизматрасонии корхонаи савдои чакана дар муносибат бо корхонаҳои рақобатпазир ва ғайра буда метавонад. Ҳадафҳои мушаххаси усулҳои барномаи «Mystery Shopping» аз эҳтиёҷоти корхонаи савдо вобаста мебошанд.

2. Таҳия ва интихоби нишондиҳандаҳо барои арзёбии сифати хизматрасониҳо ва тартиб додани пурсишномаҳо. Нишондиҳандаҳои арзёбии сифат бояд ба ҳадафҳои барнома мувофиқат кунанд ва дар асоси мутобиқати амалҳои харидорон ва кормандони фурӯш ҳангоми ташриф овардан ба шабакаи савдои чакана таҳия карда мешавад. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ бояд ба стандартҳои хизматрасонии корхонаҳои савдои чакана асоснок карда шаванд.

Миқдори зарурии нишондиҳандаҳо маҷмӯи усулҳои ҳисобкунии воқеии омории вазъи баррасишаванда ба ҳисоб рафта, дар акси ҳол миқдори нокифояи меъёрҳо ба хулосаҳои нодуруст оварда мерасонад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти меъёрҳои беасоси зиёд арзиши барномаро то андозае зиёд мекунанд.

Пурсишномаҳо ва саволномаҳои харидорони серталаб аз ҷониби ширкати иҷрокунанда тартиб дода мешаванд ва саволҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҳадафи таҳқиқот ҷавобгӯ мебошанд.

3. Ҷалб ва омӯзиши харидорони серталаб. Харидорони серталаб аз рӯи меъёрҳои зарурӣ ва барои муштарӣ муҳим интихоб карда мешаванд: синну сол, ҷинс, даромад, вазъи оилавӣ, тарзи ҳаётгузаронӣ ва хосиятҳои хоси истеъмолкунандагони воқеии маҳсулоти муштарӣ. Усули мазкур имконият медиҳад, ки харидор бояд ором бошад, бо мулоҳиза диққат диҳад ва мавқеи иҷтимоии ширкати санҷидашударо ошкор намояд, вагарна фурӯшандаи ботаҷриба онро фавран муайян мекунад.

Роҳнамои харидорони серталаб фарогири раванде аст, ки ба омӯзиши талаботи муштарӣ доман зада ба чӣ диққат додани он кадом саволҳоро пешниҳод намудан ва пешгирии ҳолатҳоеро ифода менамояд, ки боиси даст кашидан аз хизматрасонии корхонаҳо савдои чакана мегардад.

Дар амалия навъҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси омоданамоии харидорони серталаб мавҷуданд. Дар марҳилаи аввали он бидуни ишора ба амалӣ оянда, ҳамчун усули баланд бардоштани тахассуси харидорон иҷро карда мешавад. Намуди дуюми омӯзиш пеш аз ҳар як барномаи нав гузаронида мешавад.

4. Тартиби баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ. Рафтори харидори серталаб пеш ё ҳангоми ташриф ба корхона бо маҷмӯи ҳуҷҷатҳо танзим карда мешавад.

Ин амал дар навбати худ ба рафтори харидор вобастагии қавӣ дорад. Саволнома фавран пас аз ташрифи харидори серталаб ба шабакаи фурӯши муштарӣ пур карда мешавад. Раванди зикргардида бояд фавран иҷро карда шавад, зеро дар муддати кӯтоҳ норасогиҳое, ки мушоҳида шудааст ба назар ночиз менамоянд ва фаромӯш мешаванд.

5. Пурсиши саривақтии харидорон. «Mystery Shopping» дар рафти иҷрокунии барнома фавран муҳокима карда мешавад. Пас аз боздид аз шабакаи чаканаи фармоишгар, харидор пурсишномаи пуркардаи худро пешниҳод мекунад. Дуруст пур кардани саволномаро менеҷери барнома бодиққат месанҷад ва бандҳои хусусияти мусбӣ ва манфӣ доштаро муқаррар мекунад.

Дар ҳолати муҳим будани арзёбии субъективии фаъолияти хизматрасонии фурӯш, менеҷери барнома бо як харидори серталаб мусоҳибаи амиқ мегузаронад.

6. Таҳлили маълумоти гирифташуда. Нақшаи таҳлил пешакӣ тартиб дода шуда, рӯйхати натиҷаҳоро дар бар мегирад. Одатан, усулҳои таҳлилӣ дар «Mystery Shopping» душвор нестанд.

Ҷанбаи муҳим дар ин ҷо суръати воридшавии мизоҷон ва коркарди иттилоот буда. аҳаммияту муҳиммияти иттилооти гирифташударо тариқи барнома пешакӣ муайян мекунад.

7. Истифодаи маълумоти гирифташуда. Баъди ба мизоҷ супурдани ҳисобот дар бораи барномаи навбатии «Mystery Shopping», маълумот бояд дар доираи корхонае, ки муштарӣ аз он маҳсулот харидорӣ намудааст истифода мешавад. Муҳим он аст, ки натиҷаҳои қабули қарорҳое, ки дар асоси барнома пешакӣ муайян карда шудаанд, бояд ба таври ҷиддӣ ба инобат гиранд. Инчунин пешакӣ гирандагони маълумотро муайян кардан лозим аст - онҳо метавонанд шуъбаи маркетинг, директор оид ба кадрҳо, директорони шӯъбаҳо ва ғайра бошанд.

8. Мониторинги тағйирот. Шарти муваффақияти татбиқи ин усули такрори тағйирот мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки барномаҳои «Mystery Shopping» танҳо дар сурати мунтазам иҷро шудан самаранок мебошад. Бо дарназардошти моҳияти усулҳои гуногуни баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдо, ки муҳаққиқони ватанию хориҷӣ пешниҳод кардаанд, бояд қайд кард, ки ҳар яки онҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфиро доро мебошанд.

Ба андешаи мо, дар марҳилаи кунунии рушди ҳолати иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ҳангоми арзёбии сифати хизматрасонии савдо ба аҳолӣ бояд усули «Mystery Shopping» - ро, ки қаблан аз ҷиҳати амалӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифт

истифода барем. Мувофиқияти барнома дар шароити ҷумҳурии мо дар он асоснок карда мешавад, ки хароҷоти зиёдро талаб намекунад ва аз тарафи дигар татбиқи он дар амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ ба рушди корхонаҳои машвараті мусоидат мекунад.

Дар назарияи хизматрасонӣ, муносибати маркетингӣ оид ба арзёбии сифат низ васеъ паҳн шудааст, ки ба механизми муқоисаи интизориҳои истеъмолкунандагон пеш аз расонидани хизматрасонӣ бо натиҷаи воқеии дарки сифат дар раванди пешниҳоди он ва пас аз он асос ёфтааст. Барои арзёбии холисонаи сифати хизматрасониҳои савдои чакана, таҳияи шакли баҳогузории ҳадафманд мутобиқи мундарича ва сифати хизматрасониҳои савдо ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқи мақсад аст.

Дар ин замина, усули «куба для сбора данных», ки бори аввал аз ҷониби К. Майби ва Д. Пю пешниҳод карда шудааст боиси таваҷҷуҳ мебошад[9].

Асоси усули болозикрро КУБОКАЧУС (шакли бидуни ихтисораш «куб оценки качества услуг») сохтани куб дар системаи координатаи сеандоза мебошад, ки меҳварҳояш ба се ҷузъи падида ё раванди омӯхташуда мувофиқат мекунанд.

Ҳар меҳвар ба се ва зиёда сатҳҳо тақсим карда мешавад, ки ҳолати мушаххаси системаро инъикос мекунанд. Буриши ин сатҳҳо куби дилхоҳро муайян мекунад.

Дар натиҷаи истифодаи самараноки усули мазкур ҷиҳати арзёбии сифати хизматрасонӣ кӯшиш менамоем, ки алгоритми баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои савдоро таҳия намоем. Барои ин зарур аст, ки диққати асоси ба даврахои гузаронидани арзёбӣ равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки дар амалия таҳияи усули маҷмӯии баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои савдои чакана, ки тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаҳоро фаро гирад, хеле душвор аст. Инчунин, истифодаи нишондиҳандаҳои стандартии сифат дар раванди баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои савдои чакана бо мақсади муқаррар кардани фарқияти сатҳи рушди соҳа, хусусан дар бахшҳои ҳудудӣ низ мувофиқ аст.

Аз ин рӯ, дар диссертатсия кӯшиш карда шудааст, ки сифати хизматрасонии савдои чакана дар мисоли шаҳри Душанбе арзёбӣ карда шавад. Усули пешниҳодшудаи арзёбии сифати хизматрасониҳо ҳалли вазифаҳои пайдарпайи қабул, коркард ва ҳисобкуниро дар асоси пурсиши посухгӯяндагон пешбинӣ менамояд.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши нуқтаҳои назари олимони ватаниву хориҷӣ ва равишҳои гуногуни арзёбии сифати хизматрасонӣ, аз ҷониби мо нишондиҳандаҳои асосии сифати хизматрасонии субъектҳои савдои чакана муайян карда шудаанд, ки ба 5 гурӯҳи асосӣ муттаҳид карда шудаанд:

1. Ҷойгиршавӣ ва вазъи заминаи моддию техникии корхонаҳо
2. Номгӯй, нарх ва сифати молу хизматрасонӣ
3. Касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандони савдо
4. Риояи қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои савдо
5. Речаи кории корхонаҳо ва суръати хизматрасонӣ дар онҳо

Дар диссертатсия бо дарназардошти истифодаи баъзе принсипҳои усули «куб барои ҷамъоварии маълумот», алгоритми гузаронидани таҳқиқ таҳия гашта, арзёбии сифати хизматрасонӣ дар корхонаҳои савдо амалӣ гардонида шуд.

Умуман, барои арзёбии сифати хизматрасонии савдои чакана усулҳои гуногун истифода мешаванд. Бо истифода аз ин усулҳо, мо кӯшиш кардем, ки онҳоро тағйир диҳем. Бо дарназардошти ин, мо барои арзёбии сифат марҳилаҳои зеринро муайян намудем:

Марҳилаи 1. Асоснокӣ ва муайянкунии се гурӯҳи посухдиҳандагон барои арзёбии сифати корхонаҳои савдои фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ: коршиносони соҳаи савдои чакана, истеъмолкунандагон ва роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана дар шаҳри Душанбе. Ҳамагӣ 62 нафар олимону коршиносон, 377 нафар истеъмолкунандагон ва 24 нафар роҳбарону мутахассистони субъектҳои савдои чакана дар пурсиш иштирок карданд.

Марҳилаи 2. Омодасозии пурсишнома барои омӯзиши ақидаи посухдиҳандагон ва коркарди маълумоти аввалияи гирифташуда.

Барои ин, варақаи пурсишномаро барои омӯзиши ақидаи истеъмолгарон истифода мебарем (ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2.

Варақаи пурсишнома барои арзёбии сифати хизматрасонии савдои чакана

Р/т	Нишондиҳандаҳо	Посухдиҳандагон		
		Олимону коршиносон	Истеъмол-кунандагон	Роҳбарону мутахасссион
1	Ҷойгиршавӣ ва вазъи заминаи моддию техникии корхонаҳо	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5
2	Номгӯй, нарх ва сифати молу хизматрасонӣ	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5
3	Касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандони савдо	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5
4	Риояи қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои савдо	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5
5	Реҷаи кории корхонаҳо ва суръати хизматрасонӣ	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5	1_2_3_4_5

Вобаста аз ҳадафҳои таҳқиқот, номгӯйи нишондиҳандаҳо метавонад тағйир ёбад (дар самти камшавӣ ё дар самти васеъшавӣ) ва барои дигар бахшҳои бозори истеъмолӣ, ҳамчунин намудҳои корхонаҳои савдо мутобиқ карда шавад.

Марҳилаи 3. Ҳисоб кардани холи миёнаи миёнаи ҳар се гурӯҳи посухдиҳандагон. Дар ҷадвали 3. натиҷаҳои баҳодиҳии сифати хизматрасонии савдои чаканаи шаҳри Душанберо нишон оварда шудааст.

Ҷадвали 3.

Варақаи пурсишнома барои арзёбии сифати хизматрасонии савдои чакана

Р/т	Нишондиҳандаҳо	Посухдиҳандагон		
		Олимону коршиносон	Истеъмол-кунандагон	Роҳбарону мутахасссион
1	Ҷойгиршавӣ ва вазъи заминаи моддию техникии корхонаҳо	3,23	3,82	4,31
2	Номгӯй, нарх ва сифати молу хизматрасонӣ	3,15	3,21	3,75
3	Касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандони савдо	2,95	3,15	3,81
4	Риояи қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои савдо	3,01	3,12	4,14
5	Реҷаи кории корхонаҳо ва суръати хизматрасонӣ	3,90	3,92	4,32
	Холи миёнаи сифат	**3,24**	**3,44**	**4,07**

Марҳилаи 4. Ҳисоб кардани маҷмӯи индекси интегралии сифати хизматрасониҳои савдо ($Q_{\text{сиф.инт}}$). Ин амал бо истифодаи формулаи зерин иҷро карда мешавад:

$$Q_{\text{сиф.инт}} = \sqrt[3]{Q_1 \times Q_2 \times Q_3}$$

$$Q_{\text{кач.инт}} = \sqrt[3]{Q_1 \times Q_2 \times Q_3} = \sqrt[3]{3{,}24 \times 3{,}44 \times 4{,}07} = \sqrt[3]{45{,}36} = 3{,}59$$

Натиҷаҳои ба даст оварда нишон медиҳанд, ки индекси интегралии сифати хизматрасонии савдои чакана дар шаҳри Душанбе 3,59 мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати хизматрасониҳои савдо дар сатҳи паст қарор дорад.

АДАБИЁТ

1. Lee H., Lee Y., Yoo D. The determinants of perceived service quality and its relationship with satisfaction // Journal of Services Marketing.- 2000.- Vol. 14, 3.- C.217-231.
2. Valarie A/ Zeithaml, A. Parasuraman, and Leonard L. Berry, Delivering Quaility Service: Balancing Customer Perceptions and Expectations (New York, The Free Press, 1990), pp. 15-33.
3. Герасимов Б. И., Злобина Н. В., Спиридонова С. П. Управление качеством: учеб. пособие. 2-е изд. М.: КноРус, 2012.
4. Дзахмишева И. Ш. Методика оценки конкурентоспособности услуг в розничной торговой сети // Маркетинг в России и за рубежом. 2004. - № 3. – С. 93.
5. Игнатьева А.А., Мингазинова Е.Р. Анализ подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли // Альманах современной науки и образования Тамбов: Грамота, 2014. № 12 (90). – С. 46-49.
6. Игнатьева А.А., Мингазинова Е.Р. Анализ подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли // Альманах современной науки и образования Тамбов: Грамота, 2014. № 12 (90). С. 46-49. - https://elibrary.ru/item.asp?id=22484609
7. Кравченко Л.И. Анализ хозяйственной деятельности в торговле: Учеб. для вузов. – 5-е изд., перераб. и доп. – Мн.: Выш. шк., 2000. – стр. 84-86.
8. Крылова Г. Д., Соколова М. И. Маркетинг: теория и 86 ситуаций: учеб. пособие. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2011.
9. Мейби К., Пью Д. Стратегии управления сложным изменением / Кн. 10. - Изд-во МИМ ЛИНК, 1998.
10. Семин О. А. Сервис в торговле. Маркетинг и управление качеством торговых услуг: учеб. пособие. В 3 кн. Кн. 1 / О.А. Семин, В.А. Сайдашева, В.В. Панюкова. - 2-е изд., перераб. и доп. - М. : Дело и сервис, 2006. - 216 с.
11. Сертификация услуг розничной торговли: правовое обеспечение. Сборник нормативных документов по состоянию на 1 декабря 2000 г. – М.: Информационно-внедренческий центр «Маркетинг», 2000. – с. 5-37.
12. Цысарь А. Качество сервиса: измерение и управление – www.lab.csy.kiev.ua.
13. Экономика предприятий торговли и общественного питания: учеб. пособие / под ред. Т. И. Николаевой, Н. Р. Егоровой. М.: КноРус, 2008.

УДК 338.4

Мирзоалиев А.А.

АРЗЁБИИ ОМИЛҲОИ БА РУШДИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ САВДОИ ЧАКАНА ТАЪСИРРАСОН

Дар мақола қайд карда мешавад, ки ҳоло нақши савдои чакана дар рушди иқтисодиёти рақамӣ меафзояд, ки ин аз як тараф, бо афзоиши даромади аҳолӣ, аз тарафи дигар, дигаргуниҳои ҷиддии технологияи хизматрасонии чакана алоқаманд аст. Мақсади ин тадқиқот таҳияи методологияи ченкунии омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсиркунанда мебошад. Натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастомада метавонанд аз ҷониби кормандон ҳамчун манбаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд. Маҳдудияти ин тадқиқот ҳудуди тадқиқоти экспертӣ мебошад, бинобар ин, натиҷаҳои бадастомадаро танҳо ба субъектҳои савдои чакана татбиқ кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, сармояи инсонӣ, технологияҳои рақамӣ, бозори меҳнат, хизматрсониҳои рақамӣ, баҳодиҳии коршиносӣ, савдои чакана, хизматрасониҳои чакана, коэффитсиент, усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ.

Мирзоалиев А.А.

ОЦЕНКА ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ ДЛЯ РАЗВИТИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ

Статья заслуживает внимания, что роль розничной торговли в развитии цифровой экономики увеличивается, с другой стороны, являются серьезными изменениями в технологии услуг розничной торговли. Целью данного исследования является разработка методики измерения факторов, влияющих на развитие человеческих ресурсов в розничной торговле. Результаты во время исследований могут использоваться персоналом в качестве источника информации для принятия решений о управлении. Ограничения на исследование являются ограничениями экзамена, поэтому результаты, полученные только для объектов розничной торговли, могут быть реализованы только.

Ключевые слова: цифровая экономика, человеческий капитал, цифровые технологии, рынок труда, розничные услуги, розничная торговля, коэффициент, экономико-математические методы моделирования.

Mirzoaliev A.A.

ASSESSING FACTORS TO THE DEVELOPMENT OF PERSONNEL CAPACITY OF RETAIL

The article is noteworthy that the role of retail trade in the development of the digital economy is increasing, on the other hand, is the serious changes in the retailing service technology. The purpose of this study is to develop a methodology for measuring the factors affecting the development of human resources in retail trade.. The results of during research can be used by the staff as an information source to make governance decisions. Restrictions on the study is a limits of the examination, so the results obtained only to the retailer entities can only be implemented.

Keywords. Digital economy, human capital, digital technologies, labor market, retail services, retail trade, retail services, coefficient, economic and mathematical methods of modeling

Савдои чакана ба рушди иқтисодиёти минтақа ва умуман ҷумҳурӣ таъсири калон мерасонад. Айни замон дар бахши савдо дигаргуниҳои назаррас ба амал меоянд, аз ҷумла бо равишҳои нави бунёди шарики дар тамоми тули канали тақсимкуни алокаманданд, илова бар ин, истеъмолкунандаи ниҳоӣ, ки аз ҳисоби хоҷагиҳо намояндагӣ мекунад, иштирокчии фаъоли такрористеҳсоли иҷтимоӣ мегардад. Ин пешравиҳои мусбат дар бахши савдои чакана барои сармоягузорони хоричӣ дурнамои назаррасро мекушоянд, ки дар ниҳоят ба сатҳу сифати зиндагии мардум таъсири мусбат мерасонад[4]. Ҳоло дар шаҳри Душанбе зиёда аз 20 маркази савдои калон амал мекунад, ки шумораи онҳо вектори афзудан дорад. Аз ин рӯ, барои фаъолияти самаранок ва қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ, ширкатҳои тиҷоратӣ бояд омилҳоеро, ки ба фаъолияти иқтисоии ин соҳа таъсир мерасонанд, мунтазам арзёбӣ кунанд. Марҳилаи муҳими омӯзиши рушди савдои чакана баҳодиҳӣ ва андозагирии омилҳое мебошад, ки ба рушди он таъсир мерасонанд. Андозагирӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини ба даст овардани маълумоти боэътимод дар аксари соҳаҳои фаъолият мебошад. Истилоҳи "ченкунӣ" одатан ҳамчун маҷмӯи амалиётҳо фаҳмида мешавад, ки барои муайян кардани арзиши миқдор ва муқоисаи арзишҳои онҳо анҷом дода мешаванд. Дар соҳаи иқтисодӣ чунин арзишҳо омилҳо, нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳо мебошанд. Бояд гуфт, ки сарфи назар аз аҳамияти омӯхтани омилҳое, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонанд, масъалаҳои таъминоти методии баҳодиҳии омилҳо то ҳанӯз суст омухта шудаанд [7].

Дар айни замон дар илми ҷаҳон дар бораи нақш ва мавқеи усулҳои гуногуни таҳлили муҳити зист, баҳодиҳии омилҳое, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди таъсир мерасонанд, баҳсу мунозира идома дорад. Дар ин баҳс якчанд масъалаҳои асосиро метавон муайян кард. Пеш аз ҳама, нақши асосиро дар шароити муосир муҳити номуайяни раванди банақшагирӣ ва идоракунӣ мебозад. Он гоҳ дар бораи таносуби усулҳои инфиродӣ дар раванди нақшагирӣ ва идоракунии корхонаҳо савол ба миён меояд. Масъалаи охирин интихоби дурусти методологияе мебошад, ки ба мақсаду вазифаҳои идоракунӣ бештар мувофиқ аст, инчунин истифодаи дурусти он мебошад. Гуногунии усулҳои мавҷудаи арзёбии омилҳое, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд, барои таҳияи вариантҳои стратегияҳо дар бозор имкониятҳои васеъ фароҳам меорад [8].

Таҳлили мақолаҳои илмӣ оид ба проблемаи тадқиқотӣ имкон медиҳад, ки чунин хулоса барорем, ки омилҳои ба инкишофи савдои чакана таъсиркунанда аз ҷиҳати гуногун баҳо дода мешаванд. Аммо, дар айни замон, хеле кам тадқиқотҳои илмӣ мавҷуданд, ки чӣ гуна омилҳо ба рушди савдои чакана дар шарҳри Душанбе таъсир мерасонанд.

Ҳамаи усулҳои мавҷудаи маълуми баҳодиҳии омилҳои ба инкишофи фаъолияти иқтисодиро шартан ба гуруҳҳо тақсим кардан мумкин аст: иқтисоди-риёзӣ, индексӣ, усулҳои тартиб додани занҷирҳо, усулҳои интегралӣ ва экспертӣ

Ҷадвали 1.

Усулҳои баҳодиҳии омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд*

Усул	Тавсиф	Шароити истифодашавӣ
Усули индекс	Ҳисобкунии нишондиҳандаҳои нисбиро дар назар дорад. Ба шумо имкон медиҳад, ки таъсири омилро ба арзиши натиҷавӣ чен кунед.	Усул дар шароити рушди мӯътадили иқтисодӣ кор мекунад, маълумоти омори расмиро барои муайян кардани шакли инкишофи падидаи таҳқиқшаванда талаб мекунад
Усули ивазкунии занҷир	Барои муайян кардани қонунияти таъсири омил ба арзиши муайян истифода мешавад, ба шарте ки дар байни онҳо муносибати функсионалӣ, мустақим ё баръакс таносуб мавҷуд бошад.	Ин усул дар шароити рушди устувори иқтисодӣ кор мекунад, иттилооти расмии оморӣ ва инчунин маҷмӯи кофии маълумоти муқоисашавандаро барои кам кардани хатогии коррелятсия талаб мекунад.
Усулҳои коршиносӣ	Арзёбии коршиносонро дар назар дорад - баҳодиҳии миқдорӣ ё	Усул дар муҳити ноором кор мекунад, ҳузури коршиносони эътирофшударо дар

	тартибии равандҳоеро, ки мустақиман чен кардан ғайриимкон аст. Онҳо ба ақидаҳои мутахассисон асос ёфтаанд.	соҳаи арзёбии раванд (падидаи) мавриди омӯзиш талаб мекунад.
Усули интегралӣ	Он барои чен кардани таъсири омилҳо дар моделҳои мултипликативӣ, сершумор ва омехта истифода мешавад. Истифодаи ин усул имкон медиҳад, ки дар муқоиса бо усулҳои ивазкунии занҷир натиҷаҳои дақиқтари ҳисобкунии таъсири омилҳо ба даст оварда шаванд ва аз баҳодиҳии номуайяни таъсири омилҳо пешгирӣ карда шаванд.	Ин усул дар шароити рушди устувори иқтисодӣ кор мекунад, маълумоти расмии оморӣ, инчунин маҷмӯи кофии маълумоти муқоисашавандаро талаб мекунад.
Усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ	Имкон медиҳад, ки робитаи байни омилҳои омӯхташуда муайян карда шавад, арзишҳои онҳо муқоиса карда шаванд. Бо ин мақсад усулҳои коррелятсия, регрессия, дисперсия, компонент ва дигар намудҳои тахлил истифода мешаванд.	Усул дар шароити рушди муътадили иктисодиёт пурмахсул кор мекунад, маълумоти омори расмӣ, инчунин массиви кофии маълумотхои мукоисашавандаро талаб мекунад тағирёбии муҳити берунаро ба назар гиред.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, барои фаҳмидан ва баҳо додан ба омилҳое, ки ба инкишофи фаъолияти иқтисоди таъсир мерасонанд, усулу равишҳои зиёде мавҷуданд. Аз натиҷаҳои таҳлили мазмуни адабиёти илмӣ оид ба проблемаи тадқиқотӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар илм як қатор масъалаҳои ҳалнашуда мавҷуданд: номгӯи омилҳое, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонанд, равшан нест; нишондиҳандаҳое, ки барои баҳо додан ба омилҳое, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонанд, ба мақсад мувофиқ аст, мавҷуд нестанд; миқёсҳои андозагирӣ, ки барои баҳодиҳии омилҳо истифода мешаванд, ба таври таҷрибавӣ санҷида намешаванд; воситаҳои арзёбии омилҳое вуҷуд надоранд, ки ба арзёбии оморӣ (миқдорӣ) қобили қабул нестанд. Дар доираи ин лоиҳаи тадқиқотӣ кӯшиши арзёбии омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд анҷом дода мешавад[2,3,6].

Мақсади ин тадқиқот чен кардани омилҳое мебошад, ки ба рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе таъсир мерасонанд. Проблемае, ки тадқиқотро тақозо мекунад, кор карда баромадани муносибат ба баҳодиҳии омилҳое мебошад, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонанд. Баъди таҳлили маълумоти дуюмдарача маълум гардид, ки чӣ тоҷик, чӣ олимони рус ва ҳам олимони хоричӣ ба проблемаи омӯзиши омилҳо бештар диққат медиҳанд. Дар рафти кор чор фарзияе ба миён гузошта шуд, ки бояд бо натичаҳои тадқиқот тасдиқ ё рад карда шаванд. Асосҳои гипотезаҳои пешниҳодшуда дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Аксари муҳаққиқон омилҳои ба рушди савдои чакана таъсиркунандаро ба шаш гурӯҳ ҷудо мекунанд: инфрасохторӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмию техникӣ, сиёсӣ ва экологӣ. Аммо, на ҳама гурӯҳҳои омилҳоро миқдор муайян кардан мумкин аст, зеро омори расмӣ оид ба арзишҳои зиёд вуҷуд надорад. Мо бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи оморӣ рӯйхати ниҳоии омилҳоеро тартиб додем, ки ба рушди савдои чакана таъсир расонида метавонанд: шумораи аҳолӣ; тағийрёбии сохтори синну сол ва ҷинс; муҳоҷирати аҳолӣ; таносуби ахолии кобили меҳнат; сатҳи даромади аҳолӣ; сатҳи таваррум; сатҳи андозҳо; мавҷудияти қарзҳои истеъмолӣ; сатҳи маърифати аҳолӣ; сифати маҳсулот; такмили ихтисоси кормандони савдои чакана; сатҳи рақобат.

Ҷадвали 2.

Асосноккунии фарзияҳо оид ба омилҳои ба рушди савдои чакана таъсиркунанда, ки дар рафти таҳқиқот пешниҳод шудаанд*

Гипотеза	Шарҳ ё асосноккунии он
H_1: Ба инкишофи савдои чакана омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, сиёсӣ ва зерсохторӣ таъсир мерасонад, аммо қувваи ин омилҳо дигар аст	Дар асоси таҳлили мазмун маълум гардид, ки хусусиятҳои омилҳое, ки ба рушди савдои чакана дар сатҳи макро таъсир мерасонанд, гуногунанд ва бинобар ин таъсири онхо метавонад гуногун бошад.
H_2: Ба рушди савдои чакана омилҳои иқтисодӣ бештар таъсир мерасонанд	Дар айни замон коршиносон омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, илмию техникӣ ва табиию иқлимиро ҷудо мекунанд. Аммо омилҳои иқтисодӣ, аз қабили сатҳи таваррум ё сатҳи даромади аҳолӣ метавонанд ба савдои чакана назар ба дигар гурӯҳҳои омилҳо таъсири назаррас дошта бошанд.
H_3: Дараҷаи тараққиёти савдои чаканафуруширо даромади аҳолӣ ва мавҷуд будани қарзҳо муайян мекунад.	Ҳоло мутахассисон омилҳоеро муайян мекунанд, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир расонда метавонанд. Дар байни онҳое, ки ҷудо карда шудаанд, ба чунин нишондиҳандаҳо, мононди шумораи муассисаҳои савдо, даромади аҳолӣ ва мавҷуд будани кредитҳои истеъмолӣ аҳамияти калон дода мешавад.
H_4: Дараҷаи рушди савдои чаканаи субъекти алоҳида аз сатҳи фаъолияти соҳибкории он вобаста аст	Тадқиқотчиён маълум карданд, ки дараҷаи тараққиёти савдои чакана дар субъектҳои алоҳида гуногун аст. Дар он минтақаҳое, ки фаъолият дар ин самт фаъол аст, муомилоти моли чакана нисбат ба субъектҳое, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа паст аст, зиёдтар аст.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, мо тасмим гирифтем, ки дар асоси тадқиқоти экспертӣ арзёбӣ кунем. Аз ин рӯ, дар заминаи ин тадқиқот усули баҳодиҳии коршиносон истифода мешавад. Усули асосии ҷамъоварии маълумот пурсиш мебошад. Саволномае, ки махсус барои ин тадқиқот тарҳрезӣ шудааст, ҳамчун сарчашма хидмат мекунад. Ба коршиносон омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд ва имкони арзёбии дараҷаи таъсири ҳар як омил дар миқёси аз -2 то + 2 пешниҳод карда мешаванд. Қиматҳои миқёс чунинанд зайл аст: - «-2» - омили ба рушди савдои чакана таъсири сахт мерасонад; «-1» — омил ба рушди савдои чакана таъсири нисбатан манфӣ мерасонад; «0» - омил ба рушди савдои чакана таъсир намерасонад; "1" - омил ба рушди савдои чакана таъсири нисбатан мусбат мерасонад; «+2» - омил ба рушди савдои чакана таъсири сахти мусбат мерасонад[1,5,9,10].

Барои гузаронидани пурсиш коршиносони соҳаи савдои чакана ба миқдори 10 нафар интихоб карда шуданд. Таносуби идоракунии ширкатҳои чакана ва мутахассисоне, ки дар ин соҳа фаъолият мекунанд, 1:1 аст. Ҳангоми интихоби коршиносон меъёрҳои муҳими зерин ба инобат гирифта шуданд: ҳаҷми интихоб барои гузаронидани пурсиш 10 нафар (50% менеҷерони ширкатҳо, 50% мутахассисони савдои чакана). Ҳангоми интихоби мутахассисон шартҳои зерин риоя карда шуданд: салоҳият дар соҳаи савдои чакана; на камтар аз 3 сол таҷрибаи кори амалӣ дар соҳаи савдо; мансаби ишғолкарда аз роҳбар ё масъули фурӯш паст набошад.

Дар доираи ин тадқиқот мо назарсанҷии коршиносиро оғоз кардем, зеро ҳадаф на танҳо чен кардан, балки арзёбии омилҳо (ҳисоб кардани коэффитсиентҳои вазн), ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, буд. Тақсимоти ҷавобҳои коршиносон чунин сурат гирифт (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

Тақсимоти ҷавоби коршиносон нисбати омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, хол*

Омилҳо	Кошиносон										Ҳисоби миёна
	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	
Шумораи аҳолӣ	1	0	2	2	-1	0	1	2	1	1	0,9
Тағйирёбии сохтори ҷинс ва синну сол	2	2	1	1	0	0	0	1	1	1	0,9
Муҳоҷирати аҳолӣ	2	2	1	1	1	1	2	2	2	0	1,4
Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат	2	0	2	1	1	1	2	1	2	2	1,4
Сатҳи даромади аҳолӣ	1	2	2	2	2	2	2	2	2	2	1,1
Сатҳи тавварум	-2	1	-1	-2	-2	2	2	-1	2	2	0,1
Сатҳи андоз	2	2	0	2	2	2	2	2	-2	2	1,4
Дастрасӣ ба кредити истеъмолӣ	2	1	2	2	1	2	2	2	0	0	1,4
Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ	0	1	2	-1	1	0	0	1	1	-1	0,6
Сифати маҳсулот	1	0	1	-1	2	1	1	1	1	-1	0,6
Такмили ихтисоси кормандони савдои чакана	-2	-2	-1	-1	2	2	1	-2	2	2	0,1
Сатҳи рақобат	2	2	2	2	2	1	2	2	2	2	1,9

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси баҳодиҳии коршиносон

Дар асоси арзиши миёнаи ҳисобшуда, ки ҳангоми таҳлили ҷавобҳои мутахассисон ба ҳисоб меравад, сатҳи рақобат ва сатҳи даромади аҳолӣ ба рушди савдои чакана бештар таъсир мерасонад. Нишондиҳандаҳои арзиши миёнаи муҳоҷирати аҳолӣ, сатҳи андоз, инчунин ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат ва мавҷудияти қарзҳои истеъмолӣ як хел буда, ба рушди савдои чакана дар кишвар таъсири калон мерасонанд.

Дар рафти пурсиш ба мутахассисон таклиф карда шуд, ки вазни ҳар як омилеро (аз рӯи ҷадвали панҷ-холӣ) ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонад, муайян намоянд. Ҷавобҳои коршиносон ба таври зерин тақсим карда шуданд (Расми 1).



***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Расми 1 – Тақсимоти ҷавобҳои мутахассисон оид ба вазни омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд

Диаграмма нишон медиҳад, ки коршиносон сатҳи даромади аҳолиро омили муҳимтарине медонанд, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонад. Ин арзиш аз ҳадди аксар панҷ хола ба миқдори 4,6 хол баҳо дода шуд. Мавҷудияти қарзҳои истеъмолӣ, мизони андоз ва сатҳи таваррум тақрибан ҳамин миқдор холро ташкил дод. Баҳои пасттарини 1,6-ро коршиносон ба чунин омиле, ба монанди тағирёбии сохтори ҷинс ва синну сол додаанд. Дар натиҷаи тадқиқоти коршиносон баҳодиҳии зерин ба даст омад (Ҷадвали 4, расми 2).

Ҷадвали 4 – Баҳодиҳии ҷамъбастии омилҳое, ки ба инкишофи савдои чакана таъсир мерасонанд*

Омилҳо	Баҳои миёна	Вазни миёна	Баҳои ниҳоӣ
Шумораи аҳолӣ	0,9	2,6	2,3
Тағйирёбии сохтори ҷинс ва синну сол	0,9	1,6	1,4
Муҳоҷирати аҳолӣ	1,4	3,4	4,8
Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат	1,4	3,4	4,8
Сатҳи даромади аҳолӣ	1,9	4,6	8,7
Сатҳи тавварум	0,1	4,2	0,4
Сатҳи андоз	1,4	4,3	6,0
Дастрасӣ ба кредити истеъмолӣ	1,4	4,2	5,9
Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ	0,6	3,4	2,0
Сифати маҳсулот	0,6	2,2	1,3
Такмили ихтисоси кормандони савдои чакана	0,1	2,9	0,3
Сатҳи рақобат	1,9	4,3	8,2

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси баҳодиҳии коршиносон



Расми 2 – Арзёбии ниҳоии (миёнаи вазнноки) омилҳое, ки ба рушди савдои чакана дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти экспертӣ таъсир мерасонанд

Аз руи андешаи мутахассисон метавон хулоса кард, ки сатҳи рақобат ба рушди савдои чакана бештар таъсир мерасонад. Таъсири хурдтарин, аз рӯи натиҷаҳои пурсиши коршиносон, такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдои чакана аст.

Мутобиқати хулосаҳои коршиносон бо истифода аз коэффисиенти мувофиқат баҳо дода шуд:

$$W = \frac{12S}{m^2(n^3-n)},$$

ки дар он W коэффисиенти мутобикшавӣ;

m - шумораи коршиносон дар гурӯҳ;

n - шумораи омилҳо;

S - маблағи фарқиятҳои дараҷаи квадратӣ (гурӯҳҳо аз миёна).

Қимати ин коэффитсиент дар ҳудуди муқаррарӣ баромад, ки ба мо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқотро боэътимод шарҳ диҳем.

Коршиносон дараҷаи аҳамияти параметрҳоро тавассути додани рақами рутбаҳо арзёбӣ мекунанд. Ба омиле, ки коршинос ба он баҳои баланд медиҳад, дараҷаи 1 дода

мешавад. Агар коршинос якчанд омилҳоро эквивалент интихоб намояд, ба онҳо як рақами рутбавӣ дода мешавад ҷадвали 5.

Ҷадвали 5 – Ҳисоби маҷмӯи сатҳи ҷавобҳои коршиносон бо назардошти азнавташкили рейтингӣ

Омилҳо	Коршиносон										Ҷамъ	d	d^2
	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10			
L_1	4	5,5	9,5	10	2	2	4,5	10	4	6	57,5	-7,5	56,2
L_2	9	10	4,5	6	3	2	1,5	5	4	6	51	-14	196
L_3	9	10	9,5	1,5	5,5	6	9,5	1,5	9,5	2,5	64,5	-0,5	0,25
L_4	9	2	9,5	6	5,5	6	9,5	5	9,5	10,5	72,5	7,5	56,25
L_5	9	10	4,5	10	10	10,5	4,5	10	9,5	10,5	88,5	23,5	552,5
L_6	1	5,5	2	1,5	1	10,5	9,5	1,5	9,5	6	48	-17	289
L_7	9	10	1	10	10	10,5	9,5	10	9,5	10,5	90	25	625
L_8	9	5,5	9,5	10	5,5	10,5	9,5	10	1	2,5	73	8	64
L_9	2	5,5	9,5	6	5,5	2	1,5	5	4	6	47	-18	324
L_{10}	4	2	4,5	3,5	10	6	4,5	5	4	1	44,5	-20,5	420,2
L_{11}	4	2	4,5	3,5	10	6	4,5	5	4	6	49,5	-15,5	240,2
L_{12}	9	10	9,5	10	10	6	9,5	10	9,5	10,5	94	29	841
∑	78	78	78	78	78	78	78	78	78	78	780	—	3664,5

дар ин ҷо:

L_1– шумораи аҳолӣ;

L_2 – ҷинс, синну сол;

L_3 – муҳоҷирати аҳолӣ;

L_4 – аҳолии қобили шуғл;

L_5 – даромади аҳолӣ;

L_6 – муфлисшавӣ;

L_7 – сатҳи андоз;

L_8 – қарзҳои истеъмолӣ;

L_9 – сатҳи маълумотнокӣ;

L_{10} – сифати маҳсулот;

L_{11} – такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдои чакана;

L_{12} – сатҳи рақобат.

Ҳангоми истифодаи коэффисиенти таносуби дараҷаҳо наздикии муносибати байни аломатҳо шартан ҳисоб карда мешавад. Коэффисиенти коррелятсияи рутбаи Спирман дар ҳолати мо -0,9 аст, ки аз наздикии баланди муносибатҳо шаҳодат медиҳад. Рейтинги ниҳоии омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, аз рӯи натиҷаҳои арзёбӣ дар соли 2021 чунин аст ҷадвали 6.

Ҷадвали 6.

Рейтинги омилҳое, ки ба рушди савдои чакана дар соли 2021 таъсир мерасонанд

Омилҳо	Рейтинг (шохис)	Ҷой
Сатҳи рақобат	94,0	1
Сатҳи андозҳо	90,0	2
Аҳолии қобили шуғл	88,5	3
Муҳоҷирати аҳолӣ	73,0	4
Шумораи аҳолӣ	72,5	5
Ҷинс, синну сол	64,5	6
Сатҳи даромади аҳолӣ	57,5	7
Дастрасӣ ба қарзи истеъмолӣ	51,0	8
Сифати маҳсулот	49,5	9
Сатҳи муфлишавӣ	48,0	10
Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ	47,0	11
Такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдои чакана	44,5	12



Расми 3. Омилҳои ба рушди савдои чакана таъсиррасон, дар соли 2020

Ба эътиқоди коршиносон, ба ташаккул ва рушди захираҳои савдои чакана сатҳи рақобат дар савдои чакана, сатҳи андозу боҷ, даромади хонаводаҳо бештар таъсир мерасонад. Дар ҳоле, ки сифати маҳсулот ва такмилдиҳии ихтисоси кормандони савдо ҳамчун омилҳои камтарин таъкид шудааст. Бояд иқрор шуд, ки воқеан ин ду омили ниҳоӣ дар таъмини рушди устувори тиҷорат ва самарабахшии фаъолият нақши бағоят муҳим доранд[6].

Ҳамин тариқ, дар доираи тадқиқот гипотезаҳои пешниҳодшуда қисман тасдиқ карда шуданд. Ҳамин тариқ, фарзия дар бораи он, ки ба рушди савдои чакана омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ таъсир мерасонад, аммо қувваи таъсири ин омилҳо гуногун буда, қисман тасдиқ карда шуд ва таҳлили иловагии амиқи маълумотро тақозо мекунад. Фарзия дар бораи он ки омилҳои иқтисодӣ ба инкишофи савдои чакана бештар таъсир мерасонанд, пурра тасдик гардид. Гипотеза дар бораи он, ки сатҳи инкишофи савдои чаканаи ин ё он субъекти худ аз сатҳи фаъолияти тиҷоратии он вобаста аст, зеро чунин омил ба монанди сатҳи рақобат, ба фикри коршиносон, аз ҷиҳати фурӯши маҳсулот ҷои якумро ишғол мекунад.

Методологияи пешниҳодшударо барои арзёбии омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, метавон такмил дод ва дар оянда истифода кард. Маълумоте, ки ҳангоми таҳлили коршиносон ба даст оварда шудааст, метавонад барои асоснок кардани қарорҳои сармоягузорӣ дар бахши чакана истифода шавад. Натиҷаҳои таҳлил инчунин метавонанд барои фурӯшандагони касбӣ шавқовар бошанд. Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала ба мақсад мувофиқ аст, зеро усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва риёзӣ, ки дар ниҳояти кор як қатор маҳдудиятҳоеро, ки дар натиҷаҳои бадастомада мавҷуданд бартараф мекунанд ва имкон медиҳанд, ки муқоисаи натиҷаҳои баҳодиҳии экспертӣ ва моделсозии иқтисодию математикӣ муайян карда шаванд.

Хулоса дар мақолаи мазкур то андозае омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсиррасон арзёбӣ гардиданд, ки муҳимтарин аз онҳо нерӯи инсонӣ ё тахассуси касбии кормандони савдои чакана ба ҳисоб меравад. Ин масъала то ҳанӯз баҳсбарангез аст ва дар таҳқиқотҳои оянда онро бештар мавриди пажуҳиш қарор хоҳем дод.

АДАБИЁТ

1. Дудко В.Н., Шумилина Л.К. Анализ факторов, влияющих на развитие розничной торговли в регионе // Школа университетской науки: парадигма развития. – №1. – 2012. – С. 12-14.

2. Колодин В.С., Быстрицкая Я. М. Логистические факторы, влияющие на развитие российской розничной торговли // Известия Иркутской государственной экономической академии. – Т 25. №1. –2015. – С. 95-102.
3. Кузменко Ю.Г., Левина А.Б., Матвеева И.Г. Факторы, влияющие на развитие предпринимательской инициативы в розничной торговле и общественном питании // Современные проблемы науки и образования. – № 3. – 2014. – С. 374-381.
4. Мариншоев М.М., Султонов З.С. Исследование подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли/ Мариншоев М.М., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. №4(29). - С. 90-103.
5. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И., Масоили рушди иқтисодиѐти рақамӣ дар шароити имрӯза, Паёми ДМТ, Бахши илмҳои ичтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2022, №2 саҳ.155-162
6. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И., Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ Паёми ДДТТ, 2022 № 4
7. Мирзоалиев А.А., Равишҳои методологии идоракунии рушди рақамии сармояи инсонӣ, Паёми ДДТТ, 2022 № 4
8. Мирзоалиев А.А., Кабутов Қ.М., Рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори сармояи инсонӣ, Паёми Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар, 2023 №1.
9. Назаров Л.А. Факторы, влияющие на развитие сетевой розничной торговли России // Международная торговля и торговая политика. – № 1. – 2010. – С. 147-153.
10. Тулиев, М. С. ва диг. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - 2022. - № 3 (92). - С. 40-52.

УДК 336.22

Рачабов К.Р., Давлятов Э.М.

ТАДҚИҚИ МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ АЗ ДАРОМАД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола асосҳои тадқиқи меъёрҳои андоз аз даромад дар шароити муосир омӯхта шудааст. Диққаити асоси ба муайян намудани мавқеи намудҳои ҷудогонаи андозҳо ва ҳавасманд кардани шахсони ҳуқуқию воқеӣ бо назардошти додани имтиёзҳои андозӣ дода шудааст. Таснифи андозҳо аз рӯи ситонидан, меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар солҳои 2019 – 2022 гузаронида шудааст. Инчунин воридоти андоз аз даромад дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шуда ворид намудани иловаҳо дар қонунгузории андоз нисбати андозбандишавандаи шахсони воқеӣ бо назардошти зиёд гардидани музди меҳнат меъёрҳо паст карда шаванд.

Вожаҳои калидӣ: тадқиқ, буҷет, раванди хизматрасонӣ, андозбандӣ, андозсупорандагон, андоз аз даромад

Раджабов К.Р., Давлятов Э.М.

ИССЛЕДОВАНИЕ СТАВОК НАЛОГ НА ДОХОДЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются основы исследования ставок налога на доходы в современных условиях. Основное внимание уделялось определению положения разных видов налогов и поощрению юридических и физических лиц с учетом предоставления

налоговых льгот. Классификация налогов по собираемости, ставка налога на доходы физических и юридических лиц в 2019-2022 гг. Также будут пересмотрены поступления налога на доходы в государственный бюджет Республики Таджикистан и уменьшены дополнения налогового законодательства для налогооблагаемых физических лиц с учетом увеличения заработной платы.

Ключевые слова: исследование, бюджет, процесс обслуживания, налогоплательщики, налог на доходы.

Rajabov K.R., Davlyatov E.M.

STUDY OF INCOME TAX RATES IN THE REPUBLIC TAJIKISTAN

The article discusses the basics of the study of income tax rates in modern conditions. The main attention was paid to determining the position of different types of taxes and encouraging legal entities and individuals, taking into account the provision of tax benefits. Classification of taxes by collection, tax rate on income of individuals and legal entities in 2019-2022 Also, income tax receipts to the state budget of the Republic of Tajikistan will be revised and additions to tax legislation for taxable individuals will be reduced, taking into account the increase in wages.

Keywords: research, budget, service process, taxation, taxpayers, income tax.

Дар раванди баррасии рушди иқтисодию иҷтимоии давлат тадқиқи меъёрҳои андозбандӣ ҷойи муносибро ишғол менамояд. Аз тарафи дигар тамоми субъектҳои хоҷагидор кӯшиш ба он доранд, ки бо хароҷоти камтарин ба натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ноил гардида, даромад ба даст оваранд. Аз ин рӯ таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки муайян намудани мавқеи намудҳои ҷудогонаи андозҳо дар ин раванд басо назаррас аст. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки ситонидани андозҳо хело муҳим ҳисобида шуда дар асоси истифодаи усули хос сурат мегирад ва давлат барои ҳавасманд кардани шахсони ҳуқуқию воқеӣ имтиёзҳои андозиро ба онҳо пешниҳод менамояд, ки барои ташаккули бучети давлат имкониятҳои хуберо фароҳам меоварад.

Ташаккули буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо асосан аз ҳисоби воридоти андозҳо ва ғайриандозӣ ғанӣ гардонида мешавад [3]. Ин раванд махсусан дар шароити ба даст оварда шудани истиқлолияти миллӣ ва рушд ёфтани шаклҳои гуногуни моликият мавқеӣ хосаро касб намуд [4].

Дар пайёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар бораи маъмурикунонии андоз таҳкид менамоянд, ки “... Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд. Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад” [5].

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳангоми қабули барномаҳои рушд ва инчунин қабули дигар қарорҳои муҳим ва интихоби механизмҳои самарабахши таъмини амнияти энергетикӣ ва дастрасии номаҳдуди он ба субъектҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар, пеш аз ҳама бояд муносибати назариявӣ ба моҳият ва меъёрҳои арзёбии амнияти энергетикӣ равона карда шаванд.

Энергетика яке аз муҳимтарин қувваи пешбарандаи пешрафти иқтисодиёт буда, ба сатҳи некӯаҳволии халқи мамлакат бевосита таъсири худро мерасонад. Таъмини мутавозин

ва якхелаи энергия, бешубҳа, яке аз омилҳои амнияти миллӣ маҳсуб меёбад.

Мафҳуми амнияти энергетикӣ таърихи басо ҳам тӯлонӣ дорад ва барои таърифи он равандҳои зиёде мавҷуданд. Ҳамин тариқ, IEA амнияти энергетикиро ҳамчун таъминоти кофӣ, дастрас ва боэътимоди энергия муайян намудааст. Е. Телегина ва Л. Студеникина бошанд дар китоби «Амнияти энергетикӣ ва интегратсияи энергетикӣ дар Авруосиё дар асри XX1: профили осиёӣ» онро ҳамчун «қонеъ гардонидани талабот ба захираҳои сӯзишворӣ ва ҳамзамон ба сифати энергетикии зарурӣ бо нархҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қобили қабул ва дар ҳолатҳои фавқулода - таъмини кафолатноки ҳадди аққали эҳтиёҷоти зарурӣ» ҳисобидаанд [1].

Тавсифи мукаммали ин мафҳумро метавон аз муқаррароти ҳуҷҷати ниҳоии «Амнияти энергетикии ҷаҳонӣ», ки дар Саммити G-8-е, ки пештар дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия соли 2006 қабул шуда буд, гирифтан мумкин аст.

Муқаррароти мазкурро метавон ба таври зайл ифода кард: кишварҳои ҷаҳон бо нархҳои қобили қабул ба истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон ин захираҳоро бо зарари камтарини муҳити зист ва инчунин бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятии ҷаҳон ба инобат мегиранд.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ инчунин тафсирҳои мухталифи амнияти энергетикӣ дода шудаанд. Масалан гирем, олими тоҷик ва муҳаққиқи соҳа Соҳибов Ф. Ҳ. бошад «амнияти энергетикиро ҳамчун кафолати таъмини боэътимод ва мунтазами истеъмолкунандагони неруи барқ ва гармӣ, ки ба талаботи экологӣ ба таври пурра ҷавобгӯ бошад, мавриди баррасӣ қарор додааст» [2].

Аммо ба ақидаи профессор, доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б. ва инчунин Файзизода М.С. амнияти иқтисодӣ ҳамчун амнияти энергетикӣ ва муайянкунандаи вазъи иқтисодии кишвари соҳибистиқлол маҳсуб ёфта, соҳаи энергетика бошад омили рушди устувори иқтисодӣ дар навбати худ муҳаррикест, ки тибқи муқаррароти ҳадафи асосиаш қонеъгардонии оптималии талаботи ҷомеаро таъмин менамояд. Агар ба ифодаи номбурдаҳо гирем амнияти энергетикӣ «хусусияти динамикӣ дошта, ҳаракати пешравандаро дар самти ҳадафҳои муайяни миқёси миллӣ ва инчунин сатҳи рушдро пешбинӣ мекунад. Ба ибораи дигар, рушд низ яке аз омилҳои амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [3].

Бо назардошти ин гуфтаҳо метавон хулоса намуд, ки муносибат ба амнияти энергетикӣ бо тағйирот дар комплекси ҷаҳонии сӯзишворӣ - энергетикӣ ва дарки хатар ва хисороти эҳтимолии марбут ба қатъи таъминот комилан тағйир ёфтааст. Фарз кардем, ки агар дар давоми солҳои 70 ва 80-уми асри XX амнияти энергетикӣ асосан бо нафт алоқаманд бошад, ки дар тавозуни энергетикии кишварҳое, ки аз воридоти он сахт бартарӣ доранд, айни замон таваҷҷуҳи амнияти энергетикӣ ба сӯйи гази табиӣ мегузарад, ки тиҷорати байналмилалии он ҳамчун эътимоднокии таъминоти барқ феълан дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Дар баробари ин ба масъалаи маблағгузорӣ ба ҳамаи намудҳои инфрасохтори энергетикӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

Боиси қайд аст, ки солҳои охир мафҳуми амнияти энергетикӣ хеле васеъ гардид. Агар ба изҳорот ва андешаҳои ҷонибҳои мухталиф рӯ оварем, маълум мешавад, ки дар доираи ин консепсия ҳама вазифаҳо ва мушкилоте, ки дар соҳаи энергетика дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мавҷуданд, фароҳам оварда шудаанд. Воқеан, амнияти энергетикӣ ҳоло ҳамчун рафъи таҳдиде муайян карда мешавад, ки ҷанбаи энергетикӣ ба монеаи эҳтимолӣ барои рушди иқтисодии давлатҳо дар муҳлатҳои дарозмуддат табдил меёбад. Зеро он таъсири баланди синергетикии худро дорад [4].

Ба андешаи шахсии мо стратегияи умумии амнияти энергетикӣ бояд ҳадафҳои зеринро амалӣ намояд:

- таъминоти боэътимоди иқтисодиёт бо захираҳои анъанавии карбогидрид бо нархҳое, ки принсипҳои асосии иқтисодиро инъикос мекунанд;
- диверсификатсияи таъмини энергия тавассути манбаъҳо ва технологияҳои нави энергия;

- баланд бардоштани самаранокӣ, бехатарӣ ва масъулияти экологии худи бахши энергетика;

- фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба энергияи сифатан нав, боэътимод ва аз ҷиҳати экологӣ тоза.

Аммо дар баробари ин, афзалиятҳо дар соҳаи амнияти энергетикӣ аз сатҳи рушди иқтисодӣ, мавҷудияти захираҳои энергетикӣ дар кишвар ва таъсири эҳтимолӣ ба талабот ба захираҳои энергетикӣ марбут аст. Ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини амнияти энергетикӣ тавассути риояи принсипҳои муайян амалӣ мегардад, ки аслан инҳоро дар бар мегирад:

1) самти сиёсати энергетикӣ, ки принсипҳои умумии рушд ва танзими соҳаи энергетикаро тибқи банақшагирии дарозмуҳлат ва ташаккули тавозуни энергетикии мувофиқашуда, инчунин танзими меъёрии шароити фаъолияти бозори энергетикӣ ва субъектҳои хоҷагидории он пешбинӣ менамояд, дастгирии ҳуқуқии талаботи амнияти энергетикӣ ва экологӣ;

2) рушди муколамаи энергетикӣ ва дипломатияи энергетикӣ дар минтақа бо мақсади таъмини амнияти ҷаҳонии энергетикӣ;

3) ҳавасмандгардонии тадбирҳо оид ба гузариш ба тарзи истифодабарии фурӯзонакҳои каммасраф ва самаранокии энергетикии иқтисодиёт, рушди навъҳои нави энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза;

4) амалҳои муштарак оид ба пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои энергетикӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи энергетика;

5) дастгирии ташкилоти байналмилалӣ дар соҳаи энергетика дар самти ҷалби сармоягузорӣ, рушди энергетикаи инноватсионӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти корпоративии ширкатҳои трансмиллии энергетикӣ.

Солҳои охир масъалаи амнияти энергетикии ҷумҳурӣ дар як қатор форумҳои минтақавии бисёрҷониба ва инчунин дар доираи лоиҳаи КАСА-1000 дар мадди аввал меистад. Зимни баррасии мавзуи мазкур бештар ба таъмини эътимоднокии таъминоти неруи барқ, мавҷуд набудани мушкилоти онҳо, аз ҷумла дар натиҷаи хатари офатҳои табиӣ ва фалокатҳои техногенӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Амнияти энергетикӣ асосан аз вазъи бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ, ки хусусияти глобалӣ пайдо мекунанд, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, ба устуворӣ ва пешгӯйии ин бозорҳо, инчунин ба динамикаи нархҳо, робитаи байни энергияи молӣ ва бозорҳои молиявӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Бояд гуфт, ки айни замон омилҳои экологӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми таъмини амнияти энергетикӣ гардидаанд.

Рушди босуръати энергетикаи ҷаҳонӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XX1, тавсеаи назарраси гардиши савдои байналхалқии захираҳои энергетикӣ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ, Консепсияи мушкилоти геоиқтисодии рушди системаи ҷаҳонии таъминоти энергетикиро муҳим гардонд. Якчанд гурӯҳи мушкилотро метавон ҷудо кард, ки ҳалли онҳо ба стратегияи берунаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин таъмини амнияти байналмилалии энергетикӣ вобастагии зиёд дорад.

Бояд гуфт, ки барои мисол ба ин падидаҳо, пеш аз ҳама, мушкилоти инкишофи базаи захираҳои гидроэнергетикӣ ва масъалаҳои мавқеи ҷуғрофии он дохил мешаванд. Пеш аз ҳама, ин вазъияти воқеии атрофи конҳои калонтарини санҷидашуда ва пешбинишудаи захираҳои анъанавии энергетикии маъданӣ ва иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷиҳати фоиданокии иқтисодии коркард намудан ва ҳамзамон ба бозорҳои истеъмолӣ расонидани маҳсулот мебошад.

Баъдан, метавон қайд намуд, ки ин мушкилот бо таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири энергетикӣ дар самти истеҳсол, интиқол ва истеъмоли ҳама намуди захираҳои энергетикӣ ва қувваи барқи истеҳсолшуда вобастагии зиёди худро дорад. Он ҳамзамон бояд технологияҳоеро дар бар гирад, ки сарфаи энергия ва самаранокии энергияро беҳтар намуда, инчунин таъсири зараровари энергияро ба муҳити зист коҳиш медиҳанд. Як қатор

кишварҳои пешрафта истеҳсол ва содироти технологияҳои муосири энергетикиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ медонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди энергетикии гуногун: ангишт, нафт, гази табиӣ, энергияи ҷараёни дарёҳо, радиатсияи офтоб, обҳои гармӣ ва шамол мебошад. Аммо барои ташаккул ва тараққӣ додани системаҳои соҳавии комплекси энергетикӣ танҳо мавҷуд будани захираҳои бузург кифоя нест. Зеро дараҷаи дахлдори донистани захираҳои мавҷуда аз ҷиҳати миқдор ва сифат, ҳамзамон шароити ҷо ба ҷо гузоштани онҳо, инчунин ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии тараққиёти саноатии онҳо низ зарур аст.

Дар таркиби захираҳои табиии энергетикӣ ба гидроэнергетика, ки беш аз 80 фоизи тамоми захираҳои гидроэнергетикии мамлакатро ташкил медиҳанд, мавқеи махсус дорад. Чунки ҳиссаи истеҳсоли неругоҳҳои барқии обӣ зиёда аз 98 фоизи ҳаҷми умумии қувваи баркро дар кишвар ташкил медиҳанд.

Ҷадвали 1. Силсиланеругоҳҳои барқи обии мавҷуда ва дар ҳудуди ҷойгиршавии дарёи Вахш.

Номгӯйи НБО	Иқтидор, мВт.	Истеҳсол, миллиард кВт/соат/сол
Роғун*	3600	13,3
Шӯроб	800	3,0
Норак	3000	11,2
Бойғозӣ	600	2,5
Сангтӯда-1	670	2,7
Сангтӯда-2	220	1,0
Марказӣ	240	1,3
Ҳамагӣ:	9130	35

Сарчашма: Вазорати энергетика ва захираҳои об

Тавре, ки мо аз таърихи гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ хуб медонем, тараққиёти энергетикаи Точикистон нахустин маротиба бо азхудкунии дарёи Варзоб шуруъ гардид. Бинобар ин гидроэнергетика асоси электроэнергетикаи ҷумҳурӣ мебошад. Иқтидори умумии неругоҳҳои барқии амалкунанда 4412,7 МВт мебошад, ки 93% аз он неругоҳҳои барқии обӣ маншаъ мегиранд.

Неругоҳҳои барқии обӣ асосан гирем дар ҳудуди ҷойгиршавии дарёҳои калон сохта мешаванд. Аз ин рӯ, дар рӯдҳои Сирдарё, Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон неругоҳҳои барқии обӣ бештар ҷойгир шудаанд [6]. Барои бунёди неругоҳи барқии обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оби дарёи Вахш аҳаммияти басо ҳам калон дорад. Зеро реҷаи оби дарёи мазкурро айни замон бештар обанбори Норак танзим мекунад. Неругоҳҳои мавҷуда дар ҳудуди дарёи Вахш дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Барои таъмини амнияти энергетикии кишвар ҷанбаҳои мусбату манфии неругоҳҳои барқии обӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Ҷиҳати мусбӣ аз он иборат аст, ки онҳо бештар аз ҳисоби захираҳои барқароршавандаи табиӣ истифода мебаранд ва аз ҷониби дигар захираҳои сӯзишвориро "сарфа мекунанд" (аз он ҷумла, маблағ барои истихроҷ ва интиқоли онҳо), нисбат ба неругоҳҳои ҳаратӣ 15-20 маротиба камтар зарурияти кормандони хидматрасонро талаб мекунанд. Самаранокии назаррас ва инчунин зиёда аз он 80 фоиз, камхарҷ (нисбат ба пойгоҳҳои барқии аловӣ 5-6 баробар кам), барои ба тартиб даровардани ҷараёни об аз обхезиҳои фалокатбор ва инчунин ҳифзи заминҳои наздиҳавлигӣ, беҳтар намудани шароити заврақронӣ (ҳудуд), инчунин ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани истироҳати оммавии фарҳангӣ шароит муҳайё бояд кард. Зеро камбудиҳо аслан аз он иборатанд, ки 100 фоиз ба дарёҳои калон ҳамроҳ кард шуда, қисми зиёди заминро обхезӣ (марғзорҳо, анбуҳи ҷангалзор), тадриҷан тағйир ёфтани микроиқлими ҳудуди гирду атроф, кам шудани теъдоди моҳиҳои қимматбаҳо (аз ҷумла гулмоҳиҳо), инкишоф ёфтани алафҳои кабуд ва сабз боис шуда метавонанд.

Ҳангоми истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ пеш аз ҳама ба инобат гирифтани ҷанбаҳои экологӣ хеле муҳим аст. Зеро захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ – ин захираҳои энергетикии оби равони дарёҳо ва обанборҳои аз сатҳи баҳр воқеъбуда (инчунин энергияи обхезӣ) мебошанд.

Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар бисёр мавридҳо ба сохтмони обанборҳо сурат мегирад, ки ин баъзан ба вазъи экологӣ таъсири манфӣ расонида, дар табиат як катор тағйирот ба амал меоварад. Гидроэнергетикаи оянда бояд бо ҳадди аққали таъсири манфӣ ба муҳити табиӣ, талаботи мардумро бо таъминот бо неруи барқ то ҳадди аксар қонеъ гардонад. Бинобар ин пеш аз ҳама ба мушкилоти муҳофизати муҳити зист ва ҳифзи иҷтимоӣ дар мавриди бунёди сохтмони гидротехникӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Чунки дар шароити ҳозира пешгӯйии дурусти оқибатҳои чунин сохтмон махсусан муҳим аст. Натиҷаи пешгӯйӣ бояд тавсияҳо оид ба коҳиш додан ва рафъи вазъи номусоиди экологӣ ҳангоми бунёди сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, арзёбии муқоисавии самаранокии экологии иншооти бунёдшуда ё ба нақша гирифташударо доро бошад.

Ҳамин тариқ, дар бораи ба мақсад мувофиқ будани ташаккули дараҷаи нав, тангтар ва инчунин мураккабтари захираҳои гидроэнергетикӣ - қисми аз ҷиҳати экологӣ самаранок, ки аз рӯйи дараҷаи сарбории экологӣ, ки дар натиҷаи истифодаи хиссаи муайяни иқтидори гидроэнергетикӣ ба амал меояд, фарқ карда мешавад.

Мутаассифона, феълан таҳияи тарзҳои муайян кардани иқтидори энергетикии экологӣ умуман гирем амалӣ карда намешавад, вале маълум аст, ки рушди гидроэнергетика бидуни арзёбии муфассали экологии лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ метавонад мувозинати экологии бе ин ҳам ноустуворро дар ҷаҳон халалдор созад [5].

Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷаҳон, дар мисоли бунёди сарбандҳои баландтарини барқӣ баъзеҳоро бо бузургии худ ба ҳайрат меоранд.

Аммо, бо назардошти ба инобат гирифтани ҳалли масоили муҳандисӣ, бояд дар хотир дошт, ки массаҳои бузурги обе, ки дар сарбандҳо нигоҳ дошта мешаванд, бо қувваи даҳшатноки харобиовар дучор мешаванд.

Дар давраи истифодабарӣ ҳар як иншооти гидроэнергетикӣ хоҳ нохоҳ ба муҳити зист таъсири гуногун мерасонад. Бар замми ин ҳамаи обанборҳо низ ба табиат ва муҳити зист бештар таъсир мерасонанд. Ба вуҷуд овардани обанборҳо боиси обхезии ҳудудҳо низ мегардад.

Ба минтақаи обхезӣ заминҳои таъиноти кишоварзӣ, конҳои канданиҳои фоиданок, иншооти саноатӣ ва шаҳрвандӣ, ёдгориҳои бостонӣ, роҳҳо, ҷангалзорҳо, макони доимии ҳайвонот ва олами наботот ва ҳоказо афтода метавонанд. Қисмҳои соҳили дарё ва маҳалҳои атрофи шохобҳо бештар сераҳолӣ мебошанд, ки онҳоро бояд зимнан инкишоф дод. Дар нишебиҳои кӯҳҳо замини хоҷагиҳои кишоварзӣ нисбатан кам аст, чунки дар онҳо одатан иншооти саноатӣ умуман гирем вуҷуд надоранд. Аз ин лиҳоз, дар шароити кӯҳсор сохтани обанборҳо назар ба ҳамворӣ ва даштҳо, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, аз нигоҳи экологӣ нисбатан кам зиён меоранд.

Аз ин рӯ, сабаби баланд ва инчунин паст шудани сатҳи об дар обанбор ҳангоми ба тартиб даровардани ходисаҳои ҷараёни мавҷҳо соҳилҳои обанбор коркард карда мешаванд, ки аз эрозия ва фурӯ рафтани нишебиҳо ва дигар хавфу хатарҳо онро эмин нигоҳ медорад. Андозаи коркарди соҳилӣ аз сохтори геологии онҳо, реҷаи сатҳи об ва андозаи чуқурии обанбор, шакли соҳилҳо, шамолҳои бартарӣ ва ҳоказои дигар вобастагии зиёди худро дорад. Ҳамин тариқ, муътадилшавии нисбии соҳилҳо пас аз 5-20 соли пур шудани обанбор ба амал меояд.

Обанборҳо намии ҳаворо нисбатан зиёдтар мекунанд. Реҷаи шамоли минтақаи соҳил, инчунин ҳарорат ва яхбандии маҷрои обро тағйир медиҳанд. Ин омил пеш аз ҳама боиси тағйир ёфтани шароити табиӣ, инчунин ҳаёт ва фаъолияти иқтисодию иҷтимоии

аҳолӣ, муҳити зисти ҳайвонот ва моҳиҳо мегардад.

Дараҷаи таъсири обанборҳои калон ба микроиқлим барои ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат гуногун аст. Иншооти гидротехникӣ ба муҳити зист низ таъсир мерасонанд. Бунёди сарбандҳои барқии обӣ боиси боз ҳам баландтар гардидани сатҳи об дар болооб ва инчунин боиси ба вуҷуд омадани обанборҳо мегардад.

Сарбандҳое, ки маҷрои дарёҳоро мебанданд, расидани моҳиҳоро ба ҷойҳои табиии тухмпошии болооби дарёҳо нисбатан душвор мегардонанд. Аммо сарбандҳо, биноҳои неругоҳҳои барқии обӣ, дарғотҳо (шлюзҳо), наҳрҳо (каналҳо) ва ҳоказои дигар, ки дар релеф бомуваффақият навишта шудаанд ва аз ҷиҳати меъморӣ хуб мураттаб гардидаанд, якҷоя бо обанборҳои болооб шакли ансамблҳои монументалию хушманзараро ба вуҷуд меоваранд.

Зимнан бояд гуфт, ки ин гуна таҳдидҳои пешбинишуда андешидани чораҳои ҳифзи табиатро тақозо менамоянд. Сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ аз ни гоҳи экологӣ бояд бо зарари ками табиат ба нақша гирифта шавад. Дар вақти тартиб додани нақшаҳои сохтмон кони рег (карерҳо), ҷойгиршавии роҳҳо ва ҳоказои дигарро ба таври оқилона интихоб кардан зарур аст. То ба охир расидани сохтмон бояд барои барқарор намудани вайроншавии замин ва кабудизоркунии ҳудуди атроф корҳои зарурӣ ба ҷо оварда шаванд.

Барои бунёди обанбор тадбири аз ҳама самарабахши муҳофизати муҳити зист, ин пеш аз ҳама муҳофизати муҳандисӣ мебошад. Масалан гирем, сохтмони сарбандҳои обанбор майдони обхезиро нисбатан кам мекунанд ва замин ва конҳои маъданҳоро барои истифодаи иқтисодӣ нигоҳ медоранду майдони обҳои сояафканро кам мекунанд ва шароити санитарии обанборро бошад беҳтар мекунанду комплексҳои табииро нигоҳ медоранд.

Агар сохтмони сарбандҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок набошад, пас обҳои камобро барои парвариши парандаҳо ва инчунин дигар эҳтиёҷоти хоҷагӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи зарурии об, инчунин баъзе обҳоро барои парвариши моҳӣ ва нигоҳдошти пойгоҳи хӯроки чорво ва заминҳои кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

Барои он ки сифати баланди об таъмин карда шавад, пеш аз зери об мондан, кати обанборро безарар кардан лозим аст. Бо ин мақсад тадбирҳои агротехникӣ андешида, обёриҳои ифлоси рӯйизаминиро кам карда, иншооти тозакунанда сохта мешаванд.

Бо мақсади парвариши моҳӣ майдонҳои тухмпошии сунъӣ, хо-чагиҳои тухмпошӣ ва парвариши онҳо ташкил карда шуда, барои аз поёноб ба болооб гузаштани моҳиҳо барои тухмпошӣ иншооти гузаргоҳи моҳиҳо сохта мешаванд. Дар поёноб корҳои калон оид ба ҳифзи корҳои муҳандисӣ низ анҷом дода мешаванд [5].

Бо мақсади анҷом додани ин гуна корҳо ва таъмини амнияти энергетикӣ баҳодиҳии сатҳи амнияти энергетикии давлатҳо ва минтақаҳои он басо ҳам муҳим аст, ки ҳамаи онҳо бояд ҳатман дар асоси илмию методӣ асос ёбанд. Ин пойгоҳ тавассути мониторинг ва таҳлили индикативӣ анҷом дода мешавад.

Маҳз дар ҳамин ҳолат имкон дорад, ки вазифаҳои назоратӣ, таҳлилӣ ва то андозае ҳамоҳангсозии танзими давлатӣ дар соҳаи амнияти энергетикӣ амалӣ карда шавад.

Барои вокуниши саривақтӣ ба таҳдидҳои ба вуҷуд омада ба амнияти гидроэнергетикии ҷумҳурӣ, таҳлили вазъи амният, таҳия ва татбиқи системаи тадбирҳои оқилӣ ва дарозмуддати пешгирӣ ва безараргардонии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои амниятиро тақозо мекунад; таъсиси системаи мониторинг ва механизмҳои беҳтар кардани вазъият. Ба ин муносибат муаллиф алгоритми мониторингро хамчун системаи мушоҳидаҳои доимии дарозмуддат дар фазо ва вақт пешниҳод мекунад, ки дар бораи ҳолати гузашта ва имрӯзаи иншооти гидроэнергетикӣ ба таври пурра маълумот медиҳад.

Муваффақияти мониторинг бо мураккаб шудани муносибатҳои мутақобила ва вобастагии он дар иқтисодиёт, васеъ намудани доираи иттилооти зарурӣ барои қабули

қарорҳо, зарурати ташкили системаи муташаккили фаъолияти иттилоотӣ - таҳлилӣ ва пешгӯйӣ муайян карда мешавад. Таҳлили индикативӣ дар асоси роҳҳои омори риёзӣ (математикӣ) ҳамчун воситаи таҳлили иттилооти гирифташуда хизмат мекунад.

Вазифаи мониторинги амнияти энергетикӣ ин пеш аз ҳама муайян кардани равандҳо, падидаҳо ва параметрҳои мушоҳидашуда ва интизоршаванда мебошад, ки сатҳ ва таҳдидҳоро ба амнияти энергетикӣ ҳамаҷониба аниқ мекунанд. Дар баробари ин, идентификатсия ба системаи нишондиҳандаҳо асос меёбад, ки аз як тараф тамоми доираи эҳтиёҷоти иттилоотиро фаро мегирад, аз ҷониби дигар эътимоднокии максималии имконпазири (объективии) иттилооти гирифташударо ҳамаҷиҳата таъмин менамояд.

Моҳияти таҳлили индикативӣ муқоисаи арзишҳои воқеии нишондиҳандаҳо (ҷорӣ ё интизорӣ) бо баъзе арзишҳои ҳадди критикии онҳо (максималии иҷозат) мебошад, ки давра ба давра аз назар гузаронида мешаванд. Тағйирёбии манфии арзишҳои мушоҳидашуда ё эҳтимолии нишондиҳанда дар муқоиса бо арзишҳои ҳадди ниҳоии онҳо дар мавриди таҳдиди хатар, нишондиҳандаи зарурати андешидани тадбирҳои судманд оид ба пешгирии таҳдидҳо ё кам кардани оқибатҳои татбиқи онҳо мебошад.

Вазифаҳои асосии мониторинг ва таҳлили индикативӣ инҳоянд:

- равшан намудани таркиб, хусусият, вазнинии таҳдидҳо ба амнияти энергетикӣ, маҳалшавӣ ва хусусиятҳо, зуҳуроти мушаххаси ин таҳдидҳо дар замони ҳозира ва оянда;
- арзёбии сатҳҳои мавҷуда ва пешбинишавандаи амнияти энергетикӣ;
-таҳияи маълумот барои асоснок кардан ва интихоби қарорҳо оид ба тадбирҳои таъмини амнияти энергетикӣ, пешгирӣ ва мубориза бо хатарҳо, инчунин ба инобат гирифтани омили амнияти энергетикӣ ҳангоми асосноккунии стратегия ва тактикаи рушди соҳаҳои гидроэнергетикӣ.

Ҳамин тариқ, моҳияти арзёбии амнияти энергетикӣ аз таҳияи нишондиҳандаҳое иборат аст, ки ҷанбаҳои муайяни амнияти энергетикиро тавсиф мекунанд, ҳамзамон роҳҳои муайян кардани арзишҳои миқдории онҳо, тартиб додани алгоритмҳои арзишҳои ҳадди ниҳоии нишондиҳандаҳо ва ҳисобҳои онҳо ва дар ниҳоят, муқоисаи меъёрҳои мушоҳидашуда ва ҳадди ақал арзишҳои нишондиҳандаҳоро мушаххас менамояд.

АДАБИЁТ

1. Е. Телегина и Л. Студеникина «Энергетическая безопасность и энергетическая интеграция в Евразии в XXI веке: азиатский профиль// https://peoplelife.ru/280245_2 (санаи мурочиат 15.03.2022).
2. Соибов Ф.Ҳ. Самтҳои асосии баланд бардоштани амнияти иқтисодии гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рисолаи номзадии илмӣ, 2019, саҳ. 13.
3. Мирсаидов А. Б., Файзизода М.С. Вазъи мусоиди таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Экономика Таджикистана-2020. - № 4. – С. 9 – 18.
4. Мирсаидов А. Б. Муҳиммияти омилҳои синергия дар низоми идоракунии муассисаҳои соҳаи энергетика - Политихнический вестник № 2 (46), 2019, с. 46-53.
5. Ходжаев Д. Х. Исследование факторов, угрожающие энергетической и экономической безопасности Республики Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук 2019. № 3. –Душанбе: Сино, 2019. Часть 1.- С 31 – 35.
6. Шабакаи электронӣ - http://enrin.grida.no/htmls/tadjik/soe2001/rus/htmls/water/state.htm.

УДК 33.338

Абдураҳмон Ҳ.

НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОХТОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар мақола муаллиф масаъалҳои самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволи мардум ва масъалаҳои муҳими илмию амалии рушди иқтисодиётро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд намудааст, ки таъмини амалисозии ҳадафи чоруми стратегии кишвар-саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии амиқ дорад.

Вожаҳои калидӣ: соҳибкорӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, истеҳсолот, инфрасохтор, саноат, саноатикунонии босуръат, воридотивазкунӣ, ҳавасмандгардонӣ.

Абдурахмон Х.

РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СТРУКТУРЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье автор рассмотрел эффективность политики ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан, значение формирования промышленного предпринимательства в экономическом и социальном развитии страны, создание новых рабочих мест и улучшение уровень благосостояния населения, а также важные научные и практические вопросы экономического развития. При этом автор отметил, что обеспечение реализации четвертой стратегической цели страны - ускоренная индустриализация экономики Республики Таджикистан находится в глубокой зависимости от формирования и развития промышленного предпринимательства.

Ключевые слова: предпринимательство, промышленное предпринимательство, производство, инфраструктура, промышленность, ускоренная индустриализация, импортозамещение, стимулирование.

Abdurahmon H.

THE ROLE OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP IN THE STRUCTURE OF THE NATIONAL ECONOMY

In the article, the author examined the effectiveness of the policy of accelerated industrialization of the economy of the Republic of Tajikistan, importance of the formation of industrial entrepreneurship in the economic and social development of the country, creation the new jobs and the improvement of the welfare of the population, as well as important scientific and practical issues of economic development. At the same time, the author noted that ensuring the implementation of the fourth strategic goal of the country - the accelerated industrialization of the economy of the Republic of Tajikistan is deeply dependent on the formation and development of industrial entrepreneurship.

Key words: entrepreneurship, industrial entrepreneurship, production, infrastructure, industry, accelerated industrialization, import substitution, stimulation.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, ташаккули шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодиёт

мегардад. Махсусиятҳои марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба соҳибкорӣ алоқамандӣ дорад.

Соҳибкорӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мавқеи муҳим дошта, дар он қарор ва муносибатҳои ғайристандартӣ ва инноватсиониро роҳандозӣ менамоянд.Таърихи пайдоиши соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ аз даврахои қадим сарчашма гирифта, дар ин раванд тоҷирон, косибон ва дигар намояндагон ҳамчун соҳибкор ба ҳисоб мерафтанд. Аз пайдоиши ҷомеаи сармоядорӣ кӯшиши ба даст овардани фоидаи бештар ва сарватманд гардидани мардумро водор менамуд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Вобаста ба ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: “Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад”[6].

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Ба равандҳои ҳамгироии корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт дар асоси фароҳам овардани шароитҳо барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ дар соҳаи технологияҳои баланд тавассути ташкили корхонаҳои муштарак, паркҳои истеҳсолӣ ва вусъат додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ” бояд мусоидат намуд”[4].

Яке аз шаклҳои маъмул ва муҳими иқтисоди миллӣ ин соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, раванди истеҳсолот, хариди мол ва хизматрасониҳоро пешбинӣ менамояд.

Соҳибкории истеҳсолиро метавон ҳамчун шакли пешбарандаи соҳибкорӣ арзёбӣ намуд, зеро дар он истеҳсоли маҳсулот, мол, корҳо амалӣ шуда, хизматрасониҳо роҳандозӣ мегарданд. Дар ин робита дар ояндаи наздик ба соҳибкории истеҳсолӣ бештар аҳамият додан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба соҳибкории истеҳсолӣ инноватсия, фаъолияти илмӣ-техникӣ, истеҳсоли мол, хизматрасониҳо, истеъмоли онҳо, инчунин фаъолияти иттилоотӣ дохил мешавад. Соҳибкории истеҳсолӣ дар навбати худ ба намудҳои гуногун тасниф мешвад. Намудҳои маъмултарини соҳибкорӣ истеҳсолӣ ин инноватсионӣ, илмӣ-техникӣ, истеҳсоли молҳо, хизматрасониҳо, истеъмоли истеҳсолии молҳо, истеъмоли истеҳсолии хизматрасониҳо ва иттилоотӣ мебошанд.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хеле васеъ буда, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзиро барои эҳтиёҷоти саноатӣ, молҳои истеъмолӣ, корҳои сохтмонӣ, ҳамлу нақли бор ва мусофирон, хизматрасонии алоқа, коммуналӣ ва хизмати маишӣ, истеҳсоли иттилоот, нашри китобу маҷаллаҳоро дар бар мегирад.



Расми 1. Намудҳои соҳибкории истеҳсолӣ

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ равона карда шудааст. Аҳамияти ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволи мардум зарурати фароҳам овардани фазои мусоиди фаъолиятро тақозо мекунад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илмию амалии рушди иқтисодиёт ба шумор меравад.

Таъмини инфрасохтори мукаммали дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоиди рушди соҳибкориро ба вуҷуд оварда, ба ташаккули сохторҳои устувори соҳибкорӣ, татбиқи навовариҳо дар равандҳои истеҳсолот мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи амалии бисёр кишварҳои ҷаҳон дар самти рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории истеҳсолӣ собит менамоянд, ки давлат дар рушди мусоиди соҳаи соҳибкорӣ нақши муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, фароҳам овардани инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди “транзитӣ”, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар маркази таваҷҷӯҳи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ қарор дода шавад. Зеро пешрафти устувори инфрасохтори мусоид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки бидуни ташаккули механизми зарурии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалб ва истифодаи имконияту иқтидорҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, хусусан саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳар се самти иқтисоди миллӣ: микро, мезо ва макроиқтисодиёт ғайриимкон аст [5].

Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба инфрасохтори мукаммали таъминкунандаи фаъолият вобастагии калон дорад.

Ба ақидаи мо соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ нақши асосиро бозида, ба тамоми сохторҳои иқтисодиёт, комплексҳои соҳавию байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ, минтақавӣ ва рушди молҳои воридотивазкунанда таъсири мутақобилаи худро мерасонад. Фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ хеле муҳим мебошад.

Ғайр аз ин, соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироти талабот ва вазъи бозори байналхалқиву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватаниро таъмин мекунад. Бо дарки амиқи ҳамаи ин омилҳо Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ эълон намудааст.

Айни замон Тоҷикистон бозори ҷаҳониро бо маҳсулот ба монанди алюминий, пахта, меваи хушк, сабзавот, полезиҳо ва ғайра содирот мекунад, ки дар маҷмӯъ наметавонад амнияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳуриро таъмин намояд. Дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ миёни давлатҳои ҷаҳон мавқеи 106 – умро ишғол намудаст [3].

Дар шароити муосир самти афзалиятноки ислоҳоти сохтории иқтисодиёт ва пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодиёт соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.



Расми 2. Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истеҳсолоти саноатӣ раванди мураккаби технологие мебошад, ки аз зерсохторҳои истеҳсолӣ-технологӣ, ки тавассути дастгоҳҳои махсуси саноатӣ ба истеҳсоли деталҳо, қисмҳо ва ашёи хоми нимтайёр ва инчунин ба васлкунӣ ва фурӯши минбаъдаи маҳсулоти тайёри қонеъкунандаи талаботи бозори истеъмолӣ машғуланд, иборат аст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 1. нишон дод, ки соҳаи саноат ба як чанд гурӯҳҳо тақсим мешавад. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2022 ба 2795 адад баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2018-ум 129% зиёд мебошад.

Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан дар соли 2022-ум 307 ададро ташкил намуд, ки назар ба соли 2018-ум 123% зиёд мебошад. Шумораи корхонаҳои саноати коркард дар соли 2022-ум 2323 ададро ташкил дод, ки назар ба соли 2018-ум 128% зиёд мебошад.

Теъдоди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ дар соли 2022-ум 523 ададро ташкил дод, ки назар ба соли 2018-ум 111% афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ дар соли 2022-ум 428 ададро ташкил намуд, ки назар ба соли 2018-ум 109% зиёд аст. Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об бошад дар соли 2022-ум 165 ададро ташкил дода, назар ба соли 2018-ум 155% афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1.

Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат, (адад)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2022 нисбат ба 2018, %
	2018	2019	2020	2021	2022	
Саноат, ҳамагӣ аз он ҷумла:	2161	2164	2283	2397	2795	129
Саноати истихроҷи маъдан	249	250	264	291	307	123

Саноати коркард аз ҷумла:	1806	1746	1846	1927	2323	128
- истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ	468	462	501	515	523	111
- истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ	390	368	397	414	428	109
Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об	106	168	173	179	165	155

Сарчашма: *аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022.- С. 252-255 ҳисоб карда шудааст.*

Дар соли 2022 шумораи коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба 2795 расида, аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ 307 адад, коркард 2323 адад, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 71 адад ва таъминоти об ва коркарди партовҳо 94 адад фаъолият намуданд [1].



Расми 3. Шумораи умумии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (адад)

Сарчашма: *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.21 ҳисоб карда шудааст.*

Аз маълумотҳои расми 3. маълум гардид, ки шумораи умумии корхонаҳо 859 адад ба вилояти Суғд, 719 ба вилояти Хатлон, 599 адад ба шаҳри Душанбе, 533 адад ба НТҶ ва 85 адад ба ВМКБ рост меоянд.

Дар сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати ҷумҳурӣ ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд 56,9%, Хатлон 25,0%. Ш. Душанбе 8,2%, НТҶ 9,5% ва ВМКБ 0,4%-ро ташкил медиҳанд.



Расми 4. Вазни қиёсии минтақаҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 (бо %)

Сарчашма: *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.20 ҳисоб карда шудааст.*

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати ҷумҳурӣ ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд 56,9% ва Хатлон 25,0%-ро ташкил медиҳанд, ки назар ба дигар минтақаҳо афзалият доранд.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ 4472,62 сомониро ташкил медиҳад. Таҳлили истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ фарқияти гуногунро нишон дод.

Расми 5. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2022 (млн. сомонӣ)

Сарчашма: *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.20 ҳисоб карда шудааст.*

Амалишавии пай дар пайи чорабиниҳо оид ба рушди соҳаи саноат дар ҷумҳурӣ ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақаҳои кишвар мусоидат намуда, суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2022 дар вилоятҳои Суғд (118,0 фоиз нисбат ба соли 2021), Хатлон (1115,5 фоиз), НТҶ (109,7 фоиз), шаҳри Душанбе (110,0 фоиз) ва ВМКБ (53,2 фоиз) таъмин гардид [1].

Ҳиссаи вилояти Суғд 54 фоиз, вилояти Хатлон 26,3 фоиз, ВМКБ 0,8 фоиз, шаҳри Душанбе 8,5 фоиз ва НТҶ 9,5 фоизро дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳа саноат дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бо суръати баланд бо дастгири бевоситаи Ҳукумати мамалакат рӯ овардааст.

Дар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 38 млрд 826 млн сомонӣ расонида шуда, нисбати соли 2020 ба 22 фоиз ё 8 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар саноати коркард ба 22 млрд 306 млн сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2020 16,3 фоиз ё ин, ки ба маблағи 3 млрд 126 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҷадвали 2.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат (бо нархҳои солҳои дахлдор, млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо				
	2017	2018	2019	2020	2021
Саноат, ҳамагӣ аз он ҷумла:	**20029**	**23894**	**27613**	**30890**	**38829**
Саноати истихроҷи маъдан	4524	4686	4853	4309	8409
Истихроҷи маводҳои энергетикӣ	298	331	377	429	485
Истихроҷи маводҳои ғайри энергетикӣ	4226	4355	4476	3880	7924
Саноати коркард	11776	13520	15952	19054	22313
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку	4304	4900	5399	7089	7608

Истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ	2354	2479	2636	2870	4096
Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	57	63	71	91	120
Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб	119	138	148	142	125
Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	142	241	260	182	210
Истеҳсоли маҳсулоти нафт	79	105	127	87	123
Истеҳсоли кимиёвӣ	107	147	154	182	268
Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ	157	200	265	291	390
Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ	2091	2298	2593	2713	2856
Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёрифилизӣ	2187	2708	3874	4978	5967
Мошинсозӣ	142	203	308	291	392
Ҳар гуна соҳаҳои саноат	37	38	117	138	158
Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об	3729	5688	6808	7527	8107

Сарчашма: *аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022.- С. 255-256 ҳисоб карда шудааст.*

Дар соли 2021 дар саноати истихроҷ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 8 млрд 401 млн сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2020 2 млрд 763 млн сомонӣ ё 50 фоиз зиёд гардидааст [2].

Ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард 57,5 фоиз, таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 20,4 фоиз, саноати истихроҷ 21,6 фоиз ва таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа 0,5 фоизро ташкил медиҳад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати коркард дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 дар зерсоҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷо бо нӯшокиҳо ва тамоку (104,7 фоиз), истеҳсоли нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маҳсулот аз чарм ва пойафзол (140 фоиз), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ (109,4 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ (160 фоиз), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасса (123,9 фоиз) ва истеҳсоли маҳсулоти фармасевтикӣ (97,4 фоиз), ки ҳиссаи соҳаҳои зикршуда дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард 97,3 фоизро ташкил дод [7].

Дар шароити муосир рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии калон дорад. Афзоиши натиҷаҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими муайянкунандаи афзоиши боигарии миллӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани некӯаҳволии халқ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рӯ ба тараққӣ қарор дошта, дар таносуб бо кишварҳои минтаҷа дар вазъияти ҳасос қарор дорад.

Дар баробари ин, субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳангоми фаъолият ва тараққиёти худ мушкилоти зиёдеро эҳсос мекунанд. Айни замон механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим буда, бояд нишондиҳандаҳои рушди корхонаҳои соҳибкории инфиродӣ баланд бардошта шаванд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми рушди соҳибкории истеҳсолӣ мо метавонем соҳаи саноати миллиро бо технология таъмин намуда, таҷдиди онро ба роҳ монем. Бо назардошти шароити муосири пешравии илму техника ин масъалаи якрӯза ва осон набуда, масъулияти баланду кордониро талаб мекунад.

Ҳамзамон, шарти муҳими рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммали институтсионалӣ мебошад. Таъини он дар ташаккул ва нигоҳдории фазои мусоиду шароити созгор барои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ замина мегузорад. Он унсури муҳим дар ташаккули ширкатҳои истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабри 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабри 2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022.
3. Рейтинг стран мира по индексу ведения бизнеса. [Электронный ресурс]: https://gtmarket.ru.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016.
5. Тагаев Б.Ш. Ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: www.tguk.t.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”// ш. Душанбе 2022.
7. Шабакаи электронӣ - https://www.mfa.tj.

УДК: 339

Содикзода П., Икромов Ф.Н., Гаюров Г.Х.

ОЦЕНКА ЭКОНОМИЧЕСКИХ САНКЦИЙ В КОНТЕКСТЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В статье рассматривается природа экономических санкций и вероятные мотивы их использования. В частности, отмечается, что они могут быть использованы в качестве превентивных мер для ослабления потенциального противника. Экономические санкции впервые были кодифицированы международным публичным правом в рамках Лиги Наций. В настоящее время они также приведены в Уставе ООН, но отмечается, что односторонние санкции осуждаются этой международной организацией, что не препятствует их применению и это свидетельствует о несовершенстве международного права. Авторами приведена краткая классификация экономических санкций и их возможные последствия как для страны инициатора, как и для подсанкционной страны. Экономические санкции в рамках данной статьи рассматриваются и анализируются в рамках глобализации мировой экономики.

Ключевые слова: санкции, ООН, международная торговля, экономические войны, глобализация, США, эффективность, финансы.

Содиқзода П., Икромов Ф.Н., Ғаюров Ғ.Ҳ.

БАҲОГУЗОРИИ ТАҲРИМҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола хусусияти таҳримҳои иқтисодӣ ва ангезаҳои эҳтимолии истифодаи онҳо баррасӣ карда мешавад. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки онҳо метавонанд ҳамчун чораҳои

пешгирикунанда барои заиф кардани рақиби эҳтимолӣ истифода шаванд. Таҳримҳои иқтисодӣ бори аввал дар доираи Лигаи Миллатҳо аз ҷониби ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ кодификатсия карда шуданд. Дар ҳоли ҳозир онҳо дар Оинномаи СММ низ оварда шудаанд, вале гуфта мешавад, ки таҳримҳои якҷониба аз ҷониби ин созмони байналмилалӣ маҳкум карда мешаванд, ки монеи татбиқи онҳо намегардад ва ин аз номукаммалии ҳуқуқи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Муаллифон таснифи мухтасари таҳримҳои иқтисодӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онҳоро ҳам барои кишвари ташаббускор ва ҳам барои кишвари таҳримшуда пешниҳод мекунанд. Таҳримҳои иқтисодӣ дар доираи ин мақола дар доираи ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд.

Калидвожаҳо: таҳримҳо, СММ, тиҷорати байналмилалӣ, ҷангҳои иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, ИМА, самаранокӣ, молия.

Sodikzoda P., Ikromov F.N., Gayurov G.Kh.

EVALUATION OF ECONOMIC SANCTIONS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

The article discusses the nature of economic sanctions and the likely motives for their use. In particular, it is noted that they can be used as preventive measures to weaken a potential adversary. Economic sanctions were first codified by public international law within the framework of the League of Nations. Currently, they are also listed in the UN Charter, but it is noted that unilateral sanctions are condemned by this international organization, which does not prevent their application and this indicates the imperfection of international law. The authors provide a brief classification of economic sanctions and their possible consequences both for the initiating country and for the sanctioned country. Economic sanctions within the framework of this article are considered and analyzed in the framework of the globalization of the world economy.

Key words: sanctions, UN, international trade, economic wars, globalization, USA, efficiency, finance.

Экономические санкции, применяемые сегодня, уже были поддержаны президентом США Вудро Вильсоном, который, ввиду кровопролития Первой мировой войны, предложил использовать такие меры не только для того, чтобы ослабить потенциального противника до начала конфликта, но скорее всего в качестве превентивного подхода, как стратегия, которая может помочь избежать войны. Долгое время санкции предшествовали войне и были направлены на ослабление противника перед боем и были основаны на международной практике и обычаях. Лишь после Первой мировой войны они были кодифицированы международным публичным правом в рамках Лиги Наций, Устав которой в статье 16 предусматривал, что «если Член Лиги прибегает к войне, вопреки обязательствам, […], то он ipso facto рассматривается как совершивший акт войны против всех других Членов Лиги. Последние обязуются немедленно порвать с ним все торговые или финансовые отношения, воспретить все сношения между своими гражданами и гражданами государства, нарушившего Устав, и пресечь финансовые, торговые или личные сношения между гражданами этого государства и гражданами всякого другого государства, является ли оно Членом Лиги или нет» [13]. Статья 41 Устава ООН следует этой логике [14], но с другой стороны, односторонние санкции ей и осуждаются: «ни одно государство не может ни применять, ни поощрять применение экономических, политических мер или мер любого иного характера с целью добиться подчинения себе другого государства в осуществлении им своих суверенных прав и получения от этого каких бы то ни было преимуществ» [12], что не препятствует их применению и это свидетельствует о несовершенстве международного права. Точно так же Всемирная торговая организация

(ВТО), членами которой являются почти все страны мира, и в частности Китай и США, призвана избегать торговых войн.

Экономическая санкция может быть определена как «принудительная мера, применяемая страной или группой стран к другой стране, ее правительству или отдельным организациям с целью вызвать изменение поведения или политики» [5]. Санкции могут быть коллективными, как в случае с Ираком, точечными или селективными, затрагивающими только определенные товары, являющиеся предметом торгового спора, или определенных лиц. Это действие одного государства (двусторонние санкции) или нескольких (многосторонние санкции). Они могут быть коммерческими и/или финансовыми, причем на практике эти две категории в значительной степени пересекаются, особенно если они имеют общее применение. В узком смысле, экономические санкции являются частью логики экономической войны, поскольку страны-инициаторы, как правило, сами готовы нести экономические и финансовые издержки в игре с двойной отрицательной суммой, по крайней мере, в краткосрочной перспективе.

Затем предполагается, что санкции создадут настолько деградировавшую экономическую ситуацию, что это побудит население оказать давление на свое правительство. В этом контексте большинство исследований и статей, посвященных санкциям, ставят под сомнение их эффективность, чаще всего делая вывод об их неэффективности [3]. В соответствии с другим подходом важно попытаться понять связи и взаимодействия между глобализацией и экономическими санкциями. Эти два процесса кажутся относительно противоречивыми: санкции замедляют торговлю, а глобализация направлена на ее стимулирование и развитие. Более того, санкции можно уподобить форме протекционизма, имеющей те же недостатки: неравенство перед лицом санкций и масштабов последствий. Так, американские санкции, как правило, имеют больший вес и последствия для глобализации, чем любые санкции, введенные какой-либо менее мощной в экономическом и политическом плане страной. Однако и глобализация, и санкции подчеркивают динамику интеграции или исключения стран в международных отношениях и торговле. Таким образом, глобализация может быть структурой, которая наказывает санкции, делая их менее актуальными, поскольку она умножает возможные обходные пути. Таким образом, позиция Китая позволила Судану ограничить влияние западных санкций. И наоборот, растущая интеграция стран в процесс глобализации усиливает взаимозависимость и увеличивает эффективность санкций, а с этой точки зрения, глобализация увеличивает экономические последствия санкций для стран, на которые они наложены. В этом контексте пересмотр эффективности санкций в контексте глобализации может дать некоторые ответы на вопрос об их актуальности.

Джон Мейнард Кейнс высоко оценил умиротворяющий потенциал экономических санкций. В 1935 году он таким образом защищал принцип предпринятых против Италии санкций, опровергая аргумент о том, что они могли спровоцировать Бенито Муссолини на объявление войны: такой акт не был бы разумным расчетом. После Второй мировой войны такое экономическое оружие продолжало широко использоваться, хотя и с неоднозначными результатами. Примеры Кубы или Ирака показывают, что экономическое оружие не является достаточным инструментом принуждения для свержения режима, а может, наоборот, укрепить его, питая чувство несправедливой агрессии у населения («сплочение вокруг флаг») [11].

На самом деле, если экономическое оружие не становится неэффективным в результате глобализации, его «максимальное» использование просто нежелательно для большинства правительств, точно так же, как сегодня не рассматривается ни один военный конфликт между великими державами. Априори экономические санкции, поскольку они направлены на сдерживание торговых и финансовых потоков, противоречат экономической глобализации. Однако последнее не привело ни к исчезновению, ни даже к ослаблению санкций, а совсем наоборот. Санкции действуют так, как будто население, все более и более

враждебное войне, интегрировало либеральное видение международных отношений, предпочитая санкции, а не наказания. Основываясь на этом наблюдении, недавние исследования больше не ставят под вопрос эффективность санкций как таковых, а ставят под сомнение их эффективность в контексте глобализации [4]. Увеличивает или уменьшает экономическая и финансовая глобализация шансы на успех санкций? Ответы на этот вопрос остаются противоречивыми.

2. Фақат як аломати навоварӣ мавҷуд аст – «навоварӣ» ва параметраш «дар бозор мавҷуд набудани истифода ва истеъмол дар бозор».

Аломатҳо нишондиҳандаҳое мебошанд, ки аз онҳо танҳо ду - сифатӣ ва миқдорӣ мавҷуд аст, ки ба мо имкон медиҳад, ки объектҳои баррасишавандаро аз бисёр объектҳои атрофи мо баҳо диҳем ва фарқ кунем. Барои гузаштан ба таснифи инноватсияҳо бояд меъёреро муайян кунем, ки мо онҳоро аз рӯи он баҳо медиҳем. Агар меъёри сифатро гирем, яъне. мавҷудияти объекти ягон моликият, пас мо шумораи беохири навоварӣ ба даст меорем. Ин аз нуктаи назари тадкикот нишондихандаи хакикии низомнокй нахохад шуд, балки шумораи тафсирхоро зиёд мекунад.

Ба фикри мо, нишондихандаи микдориро муайян кардан лозим аст, яъне. ченаки шиддатнокӣ, таҳия ва истифодаи инноватсияҳое, ки қаблан дар асоси навоварӣ муайян карда шуда буданд, бо мақсади тасниф кардани онҳо, зеро «меъёр аломатест, ки дар асоси он чизе баҳогузорӣ, муайян ё тасниф карда мешавад; ченаки баҳодиҳӣ».

Мо меъёри зеринро пешниҳод менамоем, ки асоси таснифи инноватсияҳо мебошад ва он ягона – «дарачаи навоварӣ» мебошад.

Ин хусусиятҳои таснифӣ, меъёрҳо ва синфҳои навовариҳо имкон медиҳанд, ки моҳияти онҳо фаҳмида шавад. Масалан, мо навоварӣ гирифтем, аз рӯи хусусият инноватсия аст ва аз рӯи сатҳи навоварӣ он асосист, яъне аз чихати навоварй синфи асосй мебошад. Ин маълумоти кофӣ дар бораи инноватсия барои фаҳмидани сатҳи таъсири он ба рушди давлат ва ҷомеа бо мақсади таҳлили ибтидоии таҳлилии татбиқ ва татбиқи он мебошад.

Илова бар ин, навовариҳоро аз рӯи хусусиятҳои хоси системаи зертаснифӣ аз рӯи намудҳо ҷудо кардан лозим аст. Ин барои истифодаи дохилисохавии аппарати консептуалии татбики инноватсия дар хар як соха ё корхонаи ин соха зарур аст.

Ин хусусиятхо ва намудхои навоварихо имкон медиханд, ки онхо максаднок истифода шаванд. Масалан, мо чизе гирифтем, ки дар асоси навоварӣ ба навоварӣ тааллуқ дорад ва он аз синфи асосӣ аст. Акнун мо метавонем вазъи инноватсияро муайян кунем, яъне. маҷмӯи арзишҳои ҳама ё баъзе хосиятҳои он, масалан, ба намуди мошинҳо ва таҷҳизот тааллуқ дорад, яъне. дар бахшҳои мошинсозии умумӣ, вазнин, энергетика, нақлиёт, мошинсозии кимиё ва нафт, саноати мошинсозӣ ва ғайра, хӯрокворӣ, истеҳсолӣ, давлатӣ ва миллӣ истифода мешавад. Ин маълумоти кофист дар бораи инноватсия барои фаҳмидани он, ки чаро истеҳсолот ва корхона ба он ниёз доранд, корхона бояд ба чӣ натиҷаҳо ноил шавад ва дар кадом сатҳи бозори инноватсионӣ кор кунад, кадом маҳсулоти инноватсионӣ истеҳсол кунад.

Инчунин, ин гурӯҳбандӣ барои муайян кардани он ки оё корхона ва истеҳсолот наворонааанд, кифоя аст. Ҳамин тариқ, мо меъёрҳо, аломатҳои гурӯҳбандӣ ва хусусиятҳои мушаххасро нисбат ба воҳиди оморӣ дар соҳае, ки «фаъолияти асосии онро дақиқтар тавсиф мекунад» истифода мебарем [1]. Фаромуш кардан лозим нест, ки инноватсия технологияи инноватсиониро низ дар бар мегирад, ки дар мавриди зарурат аз он хамчун параметри технологии хусусияти мушаххас чудо карда мешавад.

Агар технологияи инноватсионии аз инноватсия ҷудошуда дар истеҳсолот бидуни навоварӣ истифода шавад, яъне. предмети истехсолот аллакай дар бозор маълум ва дар истеъмол аст, пас ин гуна истехсолот ва махсулоти он нав карда мешавад. Ин истехсолот ва махсулот сектори нав кардашудаи иктисодиётро ташкил медиханд.

Айни замон дар рушди сохибкории инноватсиони дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот мавҷуд аст. Ин мушкилотро шартан ба бахшҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

мушкилоти кадрҳо, ки дар бесамар будани тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва маъмурӣ ифода меёбад;

заъфи инфрасохтори инноватсионӣ – дар набудани фондҳои венчурӣ барои тақсимоти босамари ҷараёни сармоягузорӣ, инчунин заъфи заминаи моддию техникии соҳаи инноватсионӣ ифода меёбад;

мавҷудияти монеаҳои бюрократӣ, ки дар байни онҳо проблемаи иҷозатномадиҳӣ, инчунин мушкилии ҳамкории байниташкилотӣ ва байнисоҳаҳоро ҷудо кардан мумкин аст;

Пассивии элитаҳои соҳибкорӣ, ки дар муқовимат ба тағирот, майл надоштан ба таваккал ва душвориҳо дар ҳамоҳангсозии манфиатҳо байни иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ зоҳир мешавад;

мушкилоти дорои хусусияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки бинобар маҳдудиятҳои қонунҳои зиддиинҳисорӣ, андоз ва иҷозатномадиҳӣ ба патент.

Ба фикри мо, мачмуи тадбирхое, ки ба халли проблемахои боло нигаронида шудаанд, зарур аст. Дар бобати халли проблемаи кадрхо бошад, зарур аст, ки барои нигох доштани технологиям прогрессией захираи захирахои молиявй ва моддию техникй васеъ карда шавад.

Дар мархалаи хозираи инкишофи сохибкории инноватсиони дар калонтарин фирмахо комплексхои ягонаи илмию техникие ташкил кардан лозим аст, ки тадкикот ва истехсолотро ба як процесси ягона пайваст мекунанд. Ин мавчудияти алокаи зичи тамоми даврахои цикли «илм-истехсолот»-ро дар назар дорад. Ба вучуд овардани системахои интегра-лии илмй-истехсолй-фурушй ба таври объективй табиист, ки ин аз прогресси илму техника мебошад. Ин бештар ба ҳалли масъалаи оптимизатсияи тақсимоти ҷараёни маблағгузорӣ барои иншооти инфрасохтори инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Дар рушди босамари сохибкории инноватсиони, мақомоти ҳокимияти давлатии вилоят ва маҳаллӣ, ки онро бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии минтақа ва инфрасохтори он дастгирӣ менамоянд, нақши калон дорад.

Тавре ки таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи технологияҳои воридотӣ аз миқдори дар ҷумҳурӣ сохташуда хеле зиёд аст. Аз сабаби паст будани талаботи пардохтпазирӣ пешниҳоди инноватсияҳои пурсамар дар бозори дохилии дохилӣ коҳиш ёфта, содироти коркардҳои нотамоми инноватсияҳо ба хориҷи кишвар афзоиш ёфта истодааст, ки ба кишварҳои пешрафта, ки бинобар рақобатпазирии онҳо ба онҳо талабот мунтазам зиёд аст.

Монеаҳои бюрократӣ омили монеъ шудан ба навоварӣ мебошанд. Механизмҳои ҳамкории мутақобилаи оптималии иштирокчиёни раванди инноватсионӣ, инчунин чандирии сохтори ташкилӣ, ташаккули гурӯҳҳои кории мақсаднок ва албатта, тағйир додани услуби авторитарии идоракунии инноватсиониро ба инобат гирифтан зарур аст. демократӣ.

Фаъолгардонии элитаҳои тиҷоратӣ яке аз шартҳои асосии рационализатсияи раванди навоварӣ мебошад. Дар байни тадбирҳое, ки ба вайронкунии зарурии стереотипҳои рафтор мусоидат мекунанд, бояд қайд карда шавад, ки дастгирии татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, фароҳам овардани ҳавасмандии зарурӣ барои эҷоди таваҷҷӯҳ ба фаъолияти инноватсионии ҳарчи бештари иштирокчиёни истеҳсолот.

Аммо шарти асосии дастгирии фаъолияти элитаи соҳибкорӣ ҳалли мушкилоти сиёсӣ ва ҳуқуқии соҳаи инноватсия мебошад. Тадбирҳои қонунгузориро оид ба ҳавасмандгардонии навоварӣ бо роҳи ҳавасмандгардонӣ, инчунин пурзӯр намудани дастгирии давлатии инноватсия таҳия кардан зарур аст.

Барои татбиқи бомуваффақияти сиёсати инноватсионии минтақавӣ оид ба ташаккули сохибкории инноватсиони бояд маҷмӯи тадбирҳои илмӣ, ташкилӣ ва техникӣ амалӣ карда шаванд, ки ба андешаи муаллиф, асосии онҳо инҳоянд:

1. Таҳияи консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ дар минтақа бо муайян намудани мақсадҳои дарозмуддати стратегӣ ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо дар доираи ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ.
2. Таҳияи барномаи рушди инноватсионии минтақа, ки бояд ҳуҷҷати суроға бошад, ки дар он аз рӯи захираҳо, иҷрокунандагон ва мӯҳлатҳо маҷмӯи тадбирҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои рушди инноватсионии минтақа нишон дода шудаанд.
3. Дохил намудани муқаррароти асосии барномаи рушди инноватсионии вилоят ба барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии он.
4. Ташкили фаъолияти амалии макомоти хокимияти махаллӣ ва минтакави оид ба татбик ва кабули санадхои меъёрии дахлдори дорои ахамияти минтакавӣ, инчунин татбики онҳо дар таъмини ташкилию иттилоотии Барномаи мазкур.

Хамин тарик, навоварие, ки дар истеҳсолот ҳамчун субъекти истеҳсолот истифода мешавад, ҳамеша истеҳсолоти инноватсиониро ташкил медиҳад, ки бо он технологияи инноватсионие, ки аз инноватсия ҷудо карда шудааст ё ҳама гуна технологияи дигар, аммо натиҷаи истеҳсолот маҳсулоти инноватсионӣ ва технологияи инноватсионии аз навоварӣ ҷудошуда мустақилона истифода мешавад. дар истехсолот бе навоварй навоварии процесси технологиро ба вучуд меоварад, ки истехсолоти навсозиро ба вучуд меоварад. Бархе аз муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки «вобаста ба хусусиятҳои соҳаҳо шумораи хусусиятҳои инноватсионӣ тағйир ёфта, параметрҳои баҳодиҳӣ бо нишондиҳандаҳои дигар ифода карда шаванд», ки тавзеҳот ва мушаххасотро тақозо мекунад. Тибқи ин пажӯҳиш, аломатҳои раванди инноватсия ва навоварӣ бетағйир буда, возеҳ муайянкунанда буда, имкон медиҳад, ки ба хулосае ояд, ки падидаҳои манфиатдор, аз қабили инноватсия ва раванди инноватсия вуҷуд доранд. Ин равиш раванди инноватсионӣ ва навоварӣ, мавқеи онҳоро дар рушди инноватсионӣ дар ташаккули сектори инноватсионии иқтисодиёт равшан муайян мекунад.

АДАБИЁТ

1. Измерение научно-технической деятельности. Предлагаемая стандартная практика для обследований исследований и экспериментальных разработок. Руководство Фраскати. 1993 [Текст] / пер.Л.М.Гохберга. Париж и ЦИСН, М. 1995. – с.278. (П.135.с.53), (П.220.с.75), (П.212.с.72).
2. Инновационный менеджмент: учебник [Текст] / С.Д.Ильенкова, Л.М.Гохберг, С.Ю.Ягудин и др. – М.:ЮНИТИ, 1997, 246с. (С.45).
3. Инновационный менеджмент: учебное пособие [Текст] / Под ред. П.Н.Завлина, А.К.Казанцева, Л.И.Миндели. – СПб.: Наука, 2000. 404с. (С.79).

УДК 620.92

Бобохонова Ш.Х.

РУШДИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ БО ИСТИФОДА АЗ МАНБАЪҲОИ ХУРДИ ТАВЛИДИ НЕРӮ

Имрӯз дар бозори миллии фурӯши барқ душвориҳои зиёд мавҷуд буда, дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат норасоии нерӯи барқ мушоҳида мешавад. Яке аз омилҳои муҳимме, ки ба норасоии нерӯи барқ таъсир мерасонад, истифодаи номуносиби захираҳои дигар манбаъҳо, аз ҷумла манбаъҳои хурди обии тавлиди нерӯ мебошад. Дар мақолаи мазкур имконияти рушди бозори миллии фурӯши барқ дар робита бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ баррасӣ мешаванд. Нишондиҳандаҳои иқтисодию техникии нерӯгоҳҳои барқии обӣ (НБО)-и хурд таҳлил карда шуда, бартариҳои истифодаи онҳо барои рушди низоми электроэнергетикии миллӣ арзёбӣ карда шудаанд. Хулоса таҳия шудааст, ки барои рушди фаъолияти субъектҳои истифодакунандаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ мавҷудияти бозоре зарур аст, ки аз инҳисор озод бошад, шароите лозим аст, ки дар мавриди он соҳибкорони хусусӣ ба бозор бе монеа ворид шаванд, шароити пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқии марказонидашуда бояд сода ва шаффоф бошад.

Калидвожаҳо: низоми электроэнергетикӣ, бозори фурӯши барқ, норасоии нерӯи барқ, манбаъҳои хурди тавлиди барқ, нерӯгоҳи барқии обии хурд, арзиши аслии нерӯи барқ, нархи нерӯи барқ.

Бобохонова Ш.Х.

РАЗВИТИЕ РЫНКА СБЫТА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИСТОЧНИКОВ МАЛОЙ ЭНЕРГЕТИКИ

Сегодня на национальном рынке сбыта электроэнергии много сложностей, а дефицит электроэнергии наблюдается во всех социальных и экономических сферах страны. Одним из важных факторов, влияющих на нехватку электроэнергии, является неадекватное использование ресурсов из других источников, в том числе малых гидроэнергетических источников. В данной статье рассматриваются возможности развития национального рынка сбыта электроэнергии с использованием малых источников генерации электроэнергии. Проанализированы экономико-технические показатели малых гидроэлектростанций (ГЭС), оценены преимущества их использования для развития национальной электроэнергетической системы. Делается вывод о том, что для развития деятельности субъектов, использующих малые источники энергии, необходимо наличие рынка, свободного от монополии, создание условий для безпрепятственного выхода на рынок

частных предпринимателей, а условия подключения к центральным электрическим сетям должны быть простыми и прозрачными.

Ключевые слова: электроэнергетическая система, рынок сбыта электроэнергии, дефицит электроэнергии, источники малой генерации, малая гидроэлектростанция, себестоимость электроэнергии, цена электроэнергии.

Bobokhonova Sh.Kh.

DEVELOPMENT OF THE ELECTRICITY SALES MARKET USING SMALL POWER SOURCES

Today, there are many difficulties in the national electricity sales market, and the shortage of electricity is observed in all social and economic spheres of the country. One important factor influencing electricity shortages is the inadequate use of resources from other sources, including small hydropower sources. This article discusses the possibilities of developing the national electricity sales market using small sources of electricity generation. The economic and technical indicators of small hydroelectric power plants (HPPs) are analyzed, and the advantages of their use for the development of the national electric power system are assessed. It is concluded that for the development of the activities of entities using small energy sources, it is necessary to have a market free from monopoly, create conditions for unhindered entry into the market of private entrepreneurs, and the conditions for connecting to central electric networks should be simple and transparent.

Key words: electric power system, electricity sales market, electricity shortage, small generation sources, small hydroelectric power station, cost of electricity, price of electricity.

Интихоби самтҳои стратегии ислоҳоти низоми электроэнергетикӣ яке аз мушкилоти муҳимтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҳалли муносиби он ба рушди тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсири мусбат мерасонад. Дар давоми солҳои охир дар доираҳои ҳукуматӣ ва илмӣ оид ба масъалаи пешомади соҳаи электроэнергетикаи миллӣ баҳсу мунозираҳои зиёд ба назар мерасанд, ки ин тасодуфӣ нест. Фаъолияти босамари иншооти барқӣ ва рушди босуботи бозори фурӯши барқ ҳамеша чун яке аз заминаҳо ва шароити муҳимтарини рушди умумии иқтисодиёти миллӣ ва ҳам соҳаҳои алоҳидаи он баромад мекунад. Дар навбати худ, вазъи иқтисодиёти миллӣ ба вазъи дар бозори фурӯши барқ баамаломада таъсири баръакс мерасонад. Мушкилоти тезудундшудаи дар бозори фурӯши барқи мамлакат бамиёномада боис шуданд, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои интихоби самтҳои стратегии роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми электроэнергетикии мамлакат афзун шавад. Аммо, бо вуҷуди муҳокимаи васеи онҳо чӣ дар доираҳои илмӣ ва чӣ дар сохторҳои ҳукуматӣ вобаста ба зарурат ва ҳадафнокии таҷдиди сохтори бозори фурӯши барқ мавқеи ягона ташаккул наёфтааст. Масъалаи муайян кардани мавқеъ ва нақши мақомоти идоракунии давлатӣ дар раванди ислоҳоти бозори фурӯши барқ ва муқаррар кардани дараҷаи масъулияти онҳо ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Оид ба паёмадҳои имконпазири ислоҳоти соҳаи электроэнергетика дар минтақаҳои алоҳида низ ягонагии ақидаҳо ба назар намерасад. Бинобар ин, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ бо нерӯи барқ дар маҳаллҳои гуногуни мамлакат, хусусан маҳаллҳои кӯҳистон ҳамчун мушкилот боқӣ мемонанд.

Норасоии нерӯи барқ ва ҷорӣ намудани маҳдудият барои истеъмоли он дар фаслҳои хунуки сол, асосан аз камшавии сатҳи об дар обанбори НБО Норак, сатҳи пасти тарифҳои фурӯши барқ барои баъзе гурӯҳҳои истеъмолкунандагон, дараҷаи баланди талафот ҳангоми интиқол ва истеъмоли нерӯи барқ вобаста мебошад. Ҳамчунин яке аз омилҳои муҳимми ба норасоии нерӯи барқ таъсиррасон ин истифода накардан аз захираҳои манбаъҳои дигар, аз ҷумла манбаъҳои хурди обии тавлиди нерӯи барқ мебошад. Маҳдудияти имконияти

молиявии дохилӣ, дарачаи баланди сармояталабии навсозӣ ва сохтмони НБО-ҳои бузург, таҳия, иткишоф ва истихроҷи гази табиӣ, ангишт, нефт, истеҳсоли намудҳои дигари нерӯ, сохтмони хатҳои нави интиқоли барқ, аз ҷумла барои содироти он дар фаслҳои гарми сол ва дигар омилҳо ба боқӣ мондани ҳолати норасоии нерӯи барқ таъсир мерасонанд.

Бешубҳа, имрӯз ва минбаъд низ манбаи бузургтарин барои рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои обӣ мебошанд. Арзиши аслии нисбатан пасти барқи бо истифодаи об истеҳсолшуда истифодаи манбаъҳои дигари тавлиди нерӯи барқро рақобатнопазир мекунад. Ҳамзамон, НБО-ҳои бузург ва истеҳсолкунандаи нерӯи барқи зиёд, ки дар дарёҳои калон сохта мешаванд ба муҳити экологии мамлакат таъсири номатлуб низ мерасонанд. Дар баробари ин, истифодаи нерӯи барқи дар НБО-ҳои бузург истеҳсолшаванда дар маҳаллҳои дорои корхонаҳои бузурги саноатӣ афзалтар аст. Аммо, азбаски дарёҳои калон аз минтақаҳои кӯҳӣ ҷорӣ мешаванд, дар маҳаллҳои атрофи онҳо сохтани иншооти калони саноатӣ ғайриимкон буда, интиқоли нерӯи барқ аз НБО-ҳои калон ба минтақаҳои саноатии мамлакат харҷи зиёди маблағро талаб мекунад.

Дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки ҳиссаи бештари ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, дарёҳои хурд зиёд мебошанд, ки истифодаи онҳо барои сохтмони НБО-ҳои калон ғайриимкон аст. Барои бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолӣ ва объектҳои иҷтимоию иқтисодии дар маҳаллҳои наздики дарёҳои хурд ҷойгиршуда истифодаи НБОХ-и аз 10 то 1000 кВт-с мақбул аст, ки инро таҳлил ва арзёбии коршиносони соҳаи электроэнергетикаи ҷаҳонӣ тасдиқ намудааст. Вале дар дарёчаҳо ва шохобҳои дарёҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтани НБО-ҳо бо иқтидори то 3000 кВт аз нигоҳи коршиносон самаранок арзёбӣ мешавад. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «энергетикаи обии хурд метавонад на танҳо бар илова ба энергетикаи обии калон бошад, инчунин мустақилона масъалаҳои таъминоти барқи ҳам истеъмолкунандагони алоҳида ва ҳам ноҳияҳо ва минтақаҳои бутунро ҳал кунад» [6, с. 180].

Энергетикаи обии хурд дар солҳои охир ҳамчун унсури муҳимми низоми энергетикӣ дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон торафт рушд мекунад. Мувофиқи таъинот, реҷаи кор ва мавқеи худ дар тарҳи умумии бо нерӯи барқ таъмин кардани истеъмолкунандагон НБОХ ба намудҳои шабакавӣ ва худмухтор ҷудо мешаванд. Ҳангоми кор дар шабака, НБОХ ба ғайр аз истеҳсоли барқ инчунин вазифаи танзими шабонарӯзӣ ва ҳафтаинаро иҷро намуда, ҳангоми зарурат барои танзими басомади ҷараёни барқ низ истифода мешаванд.

Яке аз аломатҳои асосие, ки НБО бо он тасниф карда мешаванд, нишондиҳандаи иқтидори муқарраргардидаи онҳо мебошад. Аз рӯи ин аломат НБО ба намудҳои калон, миёна, хурд, мини ва микро ҷудо мешаванд. Ҳудуди болоии иқтидори НБОХ дар мамлакатҳои гуногун тафовут дошта, аз сатҳи рушди соҳаи энергетика дар мамлакат, хусусиятҳои асосноккунии лоиҳаҳои НБОХ, қонунгузорӣ, амалҳои иҷозатномадиҳӣ ва барномаҳои қабулшуда дар соҳаи электроэнергетика вобаста мебошад. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои алоҳида дар сатҳи 1,-30 МВт қарор дорад.

Тавре дар Стратегияи рушди гидроэнергетикаи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ чунин таснифи НБОХ аз рӯи иқтидори муқарраршудаи онҳо мақбул аст [11]:

- НБО-и микро то 10 кВт;
- НБО-и мини аз 10 то 500 кВт;
- НБО-и хурд аз 500 кВт то 10 МВт.

Дар ноҳияҳо ва минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи чорабиниҳои вобаста ба солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ иншооти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бунёд гардид. Кашидани хатҳои интиқоли барқ ба иншооти мазкур «бо назардошти афзоиши мунтазами нарҳҳои масолеҳи сохтмонӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба сохтмони НБОХ бо истифода аз иқтидори манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи дарёҳо ва рудҳои кӯҳӣ нафъовар нест. Масалан, дар мавриди нарҳҳои имрӯза сохтмони 1 км хатти ҳавоии интиқоли барқи 10/0,4 кВт дар

куҳистон ба ҳисоби миёна арзиши 150 ҳазор сомониро ташкил медиҳад» [1, с. 100], ки ин маблағи ниҳоят калон аст.

Мувофиқи маълумот ва таҳқиқи гурӯҳҳои алоҳидаи коршиносон, рушди НБОХ барои бунёди зиёда аз 40 ҷойҳои кории нав ба ҳисоби ҳар як мегаватт нерӯи барқ имкон медиҳад. Вале, тавре мутахассисон иброз медоранд, «агар дар баробари рушди энергетикаи хурд, Тоҷикистон сиёсати рушди намудҳои истеҳсолоти меҳнатталаб ва сарфкунандаи сармояро пеш гирад, он гоҳ ин рақам метавонад то ба дараҷаи 80-100 ҷойҳои кории нав расад. Агар ҳар як оила дар деҳоти Тоҷикистон дар як рӯз бо нерӯи барқи иловагии то 1-2 кВт таъмин гардад, он гоҳ ин метавонад ба то 15-25% камшавии сатҳи камбизоатӣ оварад» [12, с. 26].

Афзоиши дараҷаи таъмини ғайримарказонаи нерӯи барқ барои якбора паст кардани сатҳи камбизоатӣ ниҳоят муҳим аст. Чунин афзоиш боиси хеле кам шудани хароҷоти истеъмоли ангишт, ҳезум, мазут ва дигар сузишвории маъданӣ шуда, ҳиссаи назарраси буҷетҳои оилавиро барои хариди озуқа, сару либос ва дигар ашёи лозимӣ сарфа мекунад. Беҳтар кардани таъмини нерӯи барқ барои беҳтар кардани ҳолати таъмини аҳолӣ бо оби нушокӣ, ҳолати беҳдошти санитарии аҳолӣ, коҳиши бемориҳои сироятӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ дар деҳот, вусъат додани соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан дар маҳаллҳои дурдасти куҳистон заминаҳои зарурӣ ба миён меорад.

Дар мамлакат иқтидори аз ҷиҳати техникӣ имконпазири истифодаи захираҳои обӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ 202 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳад, ки аз он 18 млрд. кВт-соат ба НБОХ рост меояд. Дар ҳудуди мамлакат 947 дарёҳо бо дарозии умумии 28000 км мавҷуд мебошанд. Рушди тавлиди нерӯи барқ тавассути нерӯгоҳҳои обии хурд ба ғайримарказонии низоми электроэнергетикӣ ва бозори фурӯши барқ мусоидат мекунад. Ғайримарказонии бозори фурӯши барқ имкон медиҳад, ки мушкилоти таъмини барқ ба аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва иншооти иҷтимоии маҳаллҳои дурдаст ва куҳистон ҳалли хуро ёбанд ва ҳамзамон масъалаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба таври маҷмуӣ баррасӣ шаванд. Электроэнергетикаи дар асоси НБОХ фаъолияткунанда манбаи барқароршавандаи нерӯ буда, технологияи тавлиди барқ дар чунин нерӯгоҳҳо хуб коркард шудааст, ҳангоми истеҳсоли барқ олудашавии муҳит ба амал намеояд, истифодаи манбаи нерӯи барқ сода мебошад, дар раванди истифода партовҳо ҳосил намешаванд.

Бартариҳои НБОХ инҳо мебошанд: суст шудани таъсири тағйирёбии умумии иқлим ба муҳити атроф аз ҳисоби кам шудани партофти CO_2; технологияҳои босамар; майдонҳои камтарини зериобмонӣ ва сохтмон; рушди маҳаллҳо ва минтақаҳо; мусоидат ба истифода ва хизматрасонии ҳавзаи дарё; бо барқ таъмин кардани маҳаллҳои деҳот; муҳлати начандон калони бозгашти сармоя. Ҳангоми сохтмон ва истифодаи НБОХ ландшафти табиӣ нигоҳ дошта мешавад, фишор ба низоми экологӣ вуҷуд наорад. Афзалиятҳои НБОХ нисбат ба нерӯгоҳҳои бо сузишворӣ коркунанда ҳамчунин арзиши аслии пасти нерӯи барқ, каммасраф будани ивазкунии таҷҳизоти истеҳсолӣ, муҳлатҳои тӯлонии хизмати нерӯгоҳҳо (40-50 сол), истифодаи якҷояи захираҳои обӣ (барои тавлиди нерӯи барқ, таъмини оби нӯшокӣ, обёрӣ, ҳифзи обҳо, моҳипарварӣ) ба ҳисоб мераванд.

Миқёсҳо ва суръатҳои рушди тавлиди барқ дар нерӯгоҳҳои хурд аз мавҷудият ва дараҷаи коркарди технологияҳои мувофиқ ва дар ниҳоят – аз арзиши аслии барқи истеҳсолшаванда вобаста аст. Сарфи назар аз он ки нерӯи барқи дар нерӯгоҳҳои калон истеҳсолшаванда дар баъзе мамлакатҳо, махсусан дар мамлакатҳои рушдёфта яке аз арзонтаринҳо ба ҳисоб меравад, афзоиши энергетикаи обии калон ба назар намерасад, дар солҳои охир тамоюл ба пастшавии истеҳслои нерӯи барқ дар НБО-и калон мушоҳида мешавад, ки чунин сабабҳои воқеӣ дорад: зарурати ҷалби сармоягузориҳои зиёд ва дарозмуҳлат, масрафҳои зиёд барои чорабиниҳои ҷубронкунанда оид ба ҳифзи табиат ва дастгирии иҷтимоӣ, муҳлатҳои дарози сохтмон, ба пуррагӣ маҳв шудани иқтидори энергетикаи обии аз ҷиҳати техникӣ дастрас ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноккардашуда. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба он ки 93 ҳиссаи ҳудуди онро куҳистон ташкил медиҳад,

арзиши аслии нерӯи барқи дар НБОХ истеҳсолшаванда нисбат ба нерӯи барқи дар НБО-и калон истеҳсолшаванда арзонтар аст.

Мутобиқи арзёбии мутахассисон, арзиши аслии аслии нерӯи барқ ҳангоми истифодаи муътадили низоми электроэнергетикӣ бо баҳисобгирии тамоми даври истеҳсол, интиқол ва тақсимот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 134,13 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки дар таркиби он 13,94 млн. доллар ба музди меҳнат, 40,35 млн. доллар – истеҳлок, 20,93 млн. доллар – сӯзишворӣ, 44,65 млн. доллар – нерӯи харидашаванда рост меояд. Дар ин маврид арзиши аслии воҳиди нерӯи барқ дар шароити миёнаи истеҳсолии тартиби 15 млрд. кВт-соат дар сол ба 0,9 сент/кВт-соат баробар аст. Агар унсурҳои воқеан ба арзиши аслии нерӯи барқ тааллуқнадошта, чун арзиши нерӯи харидашаванда ва масрафҳои сӯзишворӣ (бо назардошти якбора кам шудани истеҳсоли нерӯи барқ дар МБГ) ихтисор карда шаванд, пас арзиши аслии воқеии нерӯи барқ ба 68,5 млн. доллари ИМА ба ҳисоби воҳиди маҳсулот 0,46 сент/кВт-соатро ташкил медиҳад. Бе баҳисобгирии масрафҳои истеҳлок барои навкунии таҷҳизоти истеҳсолӣ, ки тақрибан 50%-и хароҷоти умумии истеҳлокро ташкил медиҳанд, арзиши нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 48,38 млн. доллари ИМА ё 0,32 сент/кВт-соат баробар аст [8]. Ин вазъ шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои даромаднокӣ дар бозори фурӯши барқ зиёданд. Вале имрӯз нархи нерӯи барқ дар мамлакат барои аҳолӣ тақрибан 2,6 сент ва барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ 6,0 сентро ташкил медиҳад [5].

Мушкилоти асосии сохтмони НБОХ арзиши аслии нисбатан баланди таҷҳизот ва корҳои сохтмонию васлкунӣ мебошад. Ба ҳисоби коршиносон арзиши гидроагрегатҳои иқтидори аз 100 кВт боло вобаста аз қувваи ҷараёни об 200-400 доллари ИМА барои 1 кВт иқтидори насбшуда мебошад. Арзиши ниҳоии сохтмони НБОХ аз 100 то 400%-и арзиши таҷҳизотро вобаста аз намуди таҷҳизот ва миқдори агрегатҳо дар нерӯгоҳ ташкил медиҳад [3, с. 955].

Ба ақидаи муҳаққиқон Г.Н. Петров ва Х.М. Ахмедов, ҳисобкуниҳои самаранокии қиёсии НБОХ ва алтернативаи барои Тоҷикистон асосӣ – нерӯгоҳҳои дизелӣ, нишон медиҳанд, ки НБОХ дар мавриди ҳадди ниҳоии сармоягузории иҷозатдодашуда дар ҷаҳми 13375 доллари ИМА барои як киловатт иқтидори муқарраршуда аз ҷиҳати иқтисодӣ ба онҳо баробар мешаванд [7, с. 84].

Ба андешаи мо, аз нигоҳи маблағгузорӣ ва масрафҳо сохтмони он НБОХ самаранок ҳисобида мешавад, ки дар пояи иншооти гидротехникии аллакай мавҷудбуда сохта шаванд. Мавҷудияти инфрасохтор масрафҳоро ба қадри назаррас кам карда, раванди сохтмонро метезонад ва нафъноки онро низ баланд мекунад. Бинобар ин, қарор дар бораи ба кор андохтан ва барқарор кардани НБОХ-ҳои пештар сохташуда ва то ҳол аз фаъолият бозмонда аз ҷиҳати иқтисодӣ мақбул аст.

Дар самти истифодаи НБОХ ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот зиёданд. Яке аз муҳимтарини онҳо – истеҳсоли ҳудии таҷҳизот ва агрегатҳо мебошад. Ҳоло таҷҳизот барои сохтмони НБОХ асосан аз Россия, Украина, ИМА, Австрия, Швейтсария, Франсия, Япония ва дигар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ оварда мешавад. Масъалаи ба роҳ мондани истеҳсоли ҳудии таҷҳизот барои сохтмони НБОХ муҳим аст, ин арзиши ниҳоии маҳсулотро ба андозаи назаррас паст карда, нерӯи барқи дар НБОХ истеҳсолшавандаро барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ нисбатан дастрас мегардонад. Инчунин коршиносон зарурати стандартикунонии таҷҳизотро таъқид мекунанд, ки унсури иқтисодии ниҳоят муҳим ҳангоми истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ба ҳисоб меравад.

Барои истеҳсоли таҷҳизоти дар НБОХ насбшаванда дар мамлакат пойгоҳи илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ ҳам мавҷуд аст. Ҳанӯз соли 1992 бо назардошти он ки барномаи рушди манбаъҳои хурди обии нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони оммавии НБОХ-ро пешбинӣ мекунад, аз ҷониби Институти ТоҷикГИДЭП якҷоя бо институти «Гидропроект» (ш. Москва, Федратсияи Россия) ва Ассотсиатсияи «Стройнормирование» меъёрҳои минтақавию соҳавии «Муайян кардани арзиши сохтмон ва лоиҳакашии

нерӯгоҳҳои барқии обии хурд барои ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон» коркард ва таҳия шуда буданд, ки дар онҳо ҳамаи хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Худи ҳамон сол якҷоя бо ВНИИОСП (Институти умумиитифоқии таҳқиқотию илмӣ, лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ ва созандагию технологии асосҳо ва иншооти зеризаминӣ) ба номи Н.М. Герсевановаи шаҳри Москва ва Ассотсиатсияи «Стройнормирование» боз як дастаи меъёрҳои «Таҳқиқоти муҳандисии сохтмони нерӯгоҳҳои хурд дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон» таҳия карда шуд, ки барои ба таври назаррас тезонидан ва камхарҷ гардонидани ҳамаи корҳои омодасозии бо таҳқиқоти муҳандисию геологӣ, муҳандисию геодезӣ ва муҳандисию гидрологӣ ҳангоми сохтмони НБОХ алоқаманд имкон медиҳанд. Он замон истеҳсоли худии таҷҳизот барои сохтмони НБОХ дар Заводи мошинасозии Чкаловски ҷамъияти саҳомии «Востокредмет» (ҳозира шаҳри Бӯстон, вилояти Суғд) ба роҳ монда шуда буд. Имрӯз метавон дар КВД «Коргоҳи мошинсозӣ», заводи «Тоҷикгидроагрегат» ва дигар корхонаҳои саноатии мамлакат истеҳсоли таҷҳизотро барои НБОХ ба роҳ монд.

Ҳоло дар бозори таҷҳизот барои НБОХ намунаҳои истеҳсоли мамлакатҳои хориҷии наздик ва дур пешниҳод гардидаанд. Дар мавриди азхудкунии истеҳсолоти худӣ пастшавии масрафҳои сохтмон ва насбкунии онҳо то ба 20-30% расида, дар баробари ин дастрасии онҳо барои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии маҳаллҳои кӯҳистони мамлакат баланд мешавад [8]. Самти ояндадори истифодаи НБОХ-и иқтидорашон то 1000 кВт дар дарёҳои кӯҳӣ мебошад, ки он ҷо худи табиат ҷараёни обро муҳайё кардааст ва ин сарфи маблағ ва арзиши иншооти нерӯгоҳро то 2-3 маротиба кам мекунад.

Бозори фурӯши барқ дар он шакле, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, бештар барои он корхонаҳои тақсимот ва фурӯши барқ пешбинӣ шудааст, ки нерӯи барқро тавассути шабакаҳои тақсимот ва интиқоли барқ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мерасонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он фаъолият кардани истеҳсолкунандагони барқ - нерӯгоҳҳоро низ иҷозат медиҳад, вале нишондодҳои мушаххас вобаста ба онҳо нестанд, зеро дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ онҳо дар баробари таъминкунандагони кафолатдиҳанда, шабакаҳои фурӯши барқ ва шабакаҳои таъминкунандаи барқ ба гурӯҳи таҳвилкунандагон мансуб дониста мешаванд. НБОХ-ро асосан хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои саноатии начандон калон, инчунин аҳолии деҳот дар маҳаллҳои дурдаст ва кӯҳистон истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки ба бозори миллии фурӯши барқ ворид шудани субъектҳое, ки нерӯи барқро бо истифодаи НБОХ истеҳсол мекунанд (субъектҳои хурд), барои НБО-ҳои калон ва дигар истеҳсолкунандагони барқ ягон мушкилоти рақибона пешниҳод намекунанд. Иқтидори воқеии амалишудаи истеҳсоли барқ талаботи аҳолӣ ва истеъмолкунандагони иҷтимоию иқтисодиро қонеъ карда наметавонанд. Инчунин аз сабабе, ки нархи нерӯи барқ дар мамлакат аз ҷониби давлат танзим мешавад, НБОХ дар ташаккули нархи рақибона низ саҳм гузошта наметавонанд. Бинобар ин, барои ташаккул ва фаъолияти субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ монеаҳои рақибона вуҷуд надоранд.

Субъектҳои бузурги бозори фурӯши барқ мақоми худро дар бозор аз даст намедиҳанд. Гарчанде онҳо як ҳиссаи истеъмолкунандагони худро аз даст диҳанд ҳам, ин барои ба фурӯш нарафтани нерӯи барқи истеҳсолнамудаи онҳо ягон замина намегузорад, танҳо аз ин ҳисоб мушкилоти нарасидани барқ ба андозае сабуктар мешавад. Бо дар бозори фурӯши барқ пайдо шудани субъектҳои хурд, истеҳсолкунандагони бузурги нерӯи барқ ҳавасманд ва водор мешаванд, ки ҳарчи бештар технологияҳои каммасрафи истеҳсоли барқро ба кор баранд. Аз ҷониби дигар, истеҳсолкунандагони хурди нерӯи барқ тавассути ба худ гирифтани хизматрасонии истеъмолкунандагон дар маҳаллҳои аҳолинишини дурдаст ё ноҳияҳои навбунёди шаҳрҳои калон, қисман мушкилоти нарасидани нерӯи барқро ҳал мекунанд. Истеҳсолкунандагони калони нерӯи барқ ба шаҳрҳо ва корхонаҳои саноатии бузург хизматрасонӣ карда, бо ба ҳисоб гирифтани вазъи иқтисодӣ дар мамлакат,

барои рушди худ ҳавасманд мешаванд, аз ҳисоби дар шаҳрҳои калон пайдо шудани корхонаҳои саноатӣ ва иншооти иҷтимоии нав талабот ба нерӯи барқ меафзояд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки рушди субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ ба гузариш аз технологияҳои мавҷудаи истеҳсол ва интиқоли барқ ба технологияҳои худкор ва идоракунӣ дар соҳаи электроэнергетика ва бунёди ҷойҳои кории нав дар маҳаллҳои дур аз шаҳрҳо мусоидат мекунад.

Мушкилоти асосӣ барои ташаккул ва рушди фаъолияти субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ, пеш аз ҳама масъалаи маблағгузорӣ мебошад. Тавре профессор С.Ҷ. Комилов қайд мекунад, «ба шакли модели рушди иқтисодӣ нигоҳ накарда, солҳои охир дар рушди бозори хизматҳои энергетикии мамлакат сармоягузорон бештар ба сармоягузории объектҳои бузург (НБО), ки муҳлати худхаридкунии сармояи онҳо нисбатан кӯтоҳ аст, майлу рағбат пайдо намуда истодаанд» [4, с. 15].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 795 дар мамлакат «Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016-2020» қабул гардид, ки барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди минтақаҳои дурдаст ва баландкуҳ, ҳавасмандсозии аҳолӣ барои зист дар ин минтақаҳо бо роҳи ташкил намудани низоми таъминот бо нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, ҳифзи экологияи ноҳияҳои баландкуҳ, манъи буридани ҷангалзор ва буттазорҳо барои сӯзишворӣ, рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардондани буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби рушди иқтисодии ин ноҳияҳо равона карда шудааст.

Дар доираи барномаи аз худ кардани манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ дар солҳои охир дар мамлакат сохтмон ва ба истифода додани НБОХ вусъат ёфт. Дар солҳои 2016-2020 аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» ва шарикони рушд дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ танҳо аз ҳисоби чорабиниҳои асосии дар доираи барнома иҷрошуда 9 адад НБОХ бо иқтидори 2260 кВт ба маблағи 127,9 млн. сомонӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҷумла чунин НБОХ ба кор дароварда шудаанд: Сипонҷ, Хатфаг дар водии бартанг, Савноб ва Техарв дар шохоби дарёи Ванҷ, Андароб дар ноҳияи Ишкошим, Помир-1 дар дарёи Ғунд, Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоб, Ҳазора дар дарёи Зиддеҳ ва дигарҳо.

Ҳамчунин, дар ин давра берун аз доираи чорабиниҳои барнома 9 адад НБОХ бо иқтидори 1685 кВт ва бо арзиши 31,7 млн. сомонӣ бунёд карда шуд. Ҳамзамон, дар доираи барнома, бо ҷалби шарикони рушд ва пажӯҳишгоҳҳои ватании лоиҳакашӣ асосноккунии техникию иқтисодии 45 НБОХ таҳия гардида, ҳамкориҳо бо шарикони рушд ҷиҳати дарёфти манбаъҳои сармоягузорӣ оғоз гардиданд. Дар натиҷаи ба истифода додани НБОХ-ҳои мазкур, барои бо барқ таъмин намудани 2231 хоҷагӣ, 21 муассисаи таълимӣ, 15 бунгоҳи тиббӣ ва 93 иншооти гуногун шароит фароҳам омад. Вале, таҳқиқи фаъолияти якчанд НБОХ, ки мо дар минтақаҳои мухталифи мамлакат гузаронидем, самаранок набудани сохтмон ва истифодаи аксари онҳоро тасдиқ менамояд. Мо дар натиҷаи омӯзиш ошкор намудем, ки на ҳамаи НБОХ-и дар доираи барнома ва берун аз он сохташуда фаъолияти босамар мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳоло дар мамлакат зиёда аз 285 НБОХ бо иқтидори аз 5-4300 кВт ба қайд гирифта шудаанд, ки 16 адади онҳо тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик», яъне давлатӣ мебошанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Маълумот дар бораи НБОХ-и тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик»

НБОХ	Соли ба истифодадиҳӣ	Шумораи агрегатҳо ва иқтидори онҳо	Иқтидори муқарраршуда
Сангикар	2011	2х503 кВт	1006 кВт
Шашболоӣ	2010	1х183 кВт	183 кВт

Фатҳобод	2010	1х282 кВт	282 кВт
Питавқул-1	1964	2х230 кВт	460 кВт
Питавқул-2	2012	2х552 кВт	1104 кВт
Тутак	2013	1х586 кВт	586 кВт
Хорма	2011	1х180 кВт	180 кВт
Ширкент	2011	2х288 кВт	576 кВт
Ҳазора-1	1999	1х250 кВт	250 кВт
Ҳазора-2	2000	1х250 кВт	250 кВт
Артуч	2008	1х500 кВт	500 кВт
Панҷруд	2011	1х500 кВт	500 кВт
Марзич	2011	3х1433 кВт	4299 кВт
Диҷик	2011	1х260 к Вт	260 кВт
Куҳистон-1	2012	1х500 кВт	500 кВт
Куҳистон	2012	1х500 кВт	500 кВт

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9]

Бо сабабҳои гуногун ҳиссаи бештари НБОХ-и бақайдгирифташуда фаъолият намекунанд. Ба ҳолати имрӯз 28 адад НБОХ фаъолияти босамар мекунанд, аз ҷумла 16 адади дар таҳти идораи ШСКХ «Барқи Тоҷик» ва 11 адади дар таҳти идораи ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» қарордошта [9; 10].

Ба андешаи мо сабабҳои асосии фаъолият накардани аксари НБОХ дар мамлакат сохтмони онҳо дар маҳаллҳои ҷуғрофии номуносиб, ҷалб накардани коршиносони соҳаҳои дахлдор ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони онҳо, ба инобат нагирифтани тағйирёбии сатҳи оби дарёҳо дар фаслҳои сол (асосан паст будани сатҳи дарёҳои кӯҳӣ дар зимистон) мебошанд.

Дар аксар ҳолатҳо ҳангоми омода намудани лоиҳаи сохтмони НБОХ ҷиҳатҳои муҳим ба ҳисоб гирифта намешаванд, масалан, кӣ ва чӣ гуна минбаъд онҳоро истифода мебарад ва дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштани онҳоро назорат мекунад, хизматрасонии техникӣ ва таъмири онҳоро кӣ анҷом медиҳад, қисмҳои эҳтиётӣ аз кадом ҳисоб харида мешаванд ва дигарҳо. Ғайр аз ин, барои ба истифода қабул кардани НБОХ-и сохташуда монеаҳо ва расмиёти ҳуқуқии зиёд пеш меоянд. Бештари НБОХ-и аз ҷониби шахсони алоҳида ва соҳибкорон сохташуда ба низоми ягонаи электроэнергетикии мамлакат пайваст нестанд, баъзеи онҳо ҳатто аз расмиёти бақайдгирӣ дар мақомоти давлатӣ нагузаштаанд. Дар паёмади ин, НБОХ баъди чанд муддати истифода аз фаъолият боз мемонанд.

Маҳз бо ҳамин сабабҳо дар соли 2021 нисбат ба соли пешин ҳаҷми истеҳсоли барқ аз ҳисоби манбаъҳои хурд дар субъектҳои истеҳсолкунандаи тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» паст шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои ШСХК «Барқи Тоҷик», млн. кВт/соат

Истеҳсолкунанда	2020	2021	Тамоил (+, -)	
			млн. кВт/соат	%
НБО Норак	9908,5	10308,9	+400,4	4,04
НБО Бойғозӣ	1985,9	2127,3	+141,4	7,12
Силсилаи НБО-ҳои Вахш	999,2	1135,5	+136,3	13,64
Силсилаи НБО-ҳои Варзоб	57,1	63,6	+6,5	11,38
НБО Қайроққум	635,9	627,4	-8,5	-1,34
МБГ Душанбе	293,0	329,7	+36,7	12,52
МБГ Душанбе-2	1363,5	1327,8	-35,7	-2,62
НБОХ	5,2	5,0	-0,2	-3,85
Ҳамагӣ	15248,3	15925,2	+676,9	+4,44

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9]

Тибқи ҳисобкуниҳои мутахассисон, масрафҳои сохтмони НБОХ дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ – 3,5-5 сол худро мепӯшонанд. Мувофиқи дурнамо бо гузашти 3-4 сол арзиши нерӯи барқи дар манбаъҳои анъанавӣ тавлидшуда ба андозаи беш аз 2 маротиба зиёд мешавад, бинобар ин, пешомадҳои рушди НБОХ мусаллам мебошанд. Соҳаҳои истифодаи НБОХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунанд: нерӯгоҳҳои иқтидорашон 5-50 кВт метавонанд барои бо барқ таъмин намудани аҳолии деҳот, нерӯгоҳҳои дорои иқтидори нисбатан баландтар – барои таъмини корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода шаванд.

Тибқи ҳисобкуниҳои коршиносон арзиши сохтмони НБО бо иқтидори то 10 МВт - 1100-1400 доллари ИМА, то 1 Мвт – 6800-8700 доллари ИМА барои тавлиди 1 кВт нерӯи барқро ташкил медиҳад. Ҳамин нишондиҳанда барои НБОХ бо иқтидори 1 Мвт – 0,5-2 миллион доллари ИМА мебошад. Фоидаи НБОХ бо иқтидори 1 Мвт 300 ҳазор доллари ИМА дар як сол, муҳлати пӯшонидани маблағгузориҳо 2-6 сол мебошад [2].

Ҳисоб кардани арзиши ниҳойии нерӯи барқи дар манбаъҳои хурд истеҳсолшаванда ниҳоят душвор аст, зеро он аз омилҳои зиёд вобаста мебошад, чун:

- макони сохтмон ва масрафҳои меҳнат барои сохтмон;
- шароити маблаггузорӣ;
- таъсиррасонӣ ба муҳити атроф ва шароити иҷтимоӣ;
- иқтидори турбина.

Бинобар ин, маблағҳои сармоягузорӣ низ вобаста аз дурдаст будани минтақаи сохтмон ва масрафҳои нақлиётии кашонидани таҷҳизот ва агрегатҳо, иқтидори турбинаҳо, мавҷудияти инфрасохтор тафовут мекунанд. Хароҷоти истифода ва хизматрасонии техникӣ низ масрафҳоро талаб мекунанд, вале онҳо чун масрафҳои нигоҳдории нерӯгоҳҳои калон зиёд нестанд. Маблағҳои мазкур бо ҳам қиёсшаванда нестанд. Маблағҳои солонаи хароҷоти истифодабарӣ 1,5% ва хароҷоти хизматрасонии техникӣ 2,5%-и арзиши маблаггузориҳои солонаро ташкил медиҳанд.

Ба итмом нарасидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ дар мамлакат паёмадҳои зиёдро дар рушди низоми электроэнергетикаи миллӣ ба миён меорад. Мусаллам аст, ки бо таъсири пандемияи Ковид-19, инчунин тезутунд шудани вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои зиёди ҷаҳон (Россия, Украина, шарқи Наздик, Шарқи Дур, Афғонистон) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла дар соҳаи электроэнергетика кам шудани маблаггузориҳо ба назар мерасанд. Маблаггузории якчанд лоиҳаҳо дар соҳаи электроэнергетика, аз ҷумла сохтмони НБОХ боз монда, муҳлатҳои тибқи барномаҳои давлатии рушди электроэнергетика пешбинишуда ба таъхир андохта шудаанд. Вале риоя нашудани муҳлатҳо ва ба таъхир андохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ – на танҳо омили молиявӣ, инчунин оқибати назорати сусти ичрои барномаҳои рушди соҳаи электроэнергетика, ки хосияти тавсиявӣ доранд, мебошад. Аз як ҷониб, омилҳои иқтисодию сиёсӣ ба паст шудани ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидат мекунанд, аз ҷониби дигар, - дар натиҷаи вазъи баамаломада ҳамчунин дурнамо ва пешомадҳои истифодаи механизмҳои саривақтии давлатии идоракуниро барои таъмини рушди бозори фурӯши барқ аз ҳисоби манбаъҳои хурди тавлиди он бояд қайд кард. Бартариҳои асосии тавлиди ғайримарказонаи барқ нисбат ба таъминоти марказонидашудаи барқ, новобаста аз вазъияти макроиқтисодӣ, аз ҷумла инҳо мебошанд:

- имконияти паст кардани сатҳи хароҷоти воҳиди нерӯи барқ барои истеъмолкунандагон;
- паст шудани сарборӣ дар шабака, ки дар навбати худ ба кам шудани талафот, ки аз ҳисоби истеъмолкунанда пардохт мешавад, меоварад;
- озод шудани иқтидорҳо барои таъмини ноҳияҳои аз ҷиҳати барқ камтаъмин, ки ҳамзамон ба баланд шудани эътимоднокӣ дар бозори фурӯши барқ меоварад.

Маҳз аз ҳисоби бартариҳои мазкур татбиқи низомҳои электроэнергетикии худмухтор бо истифода аз манбаъҳи хурди тавлиди барқ хароҷотро нисбат ба пайвастшавӣ

ба шабакаҳои марказӣ камтар мекунад, инчунин имкон медиҳад, ки барқи босифат ба даст ояд ва боэътимодии тамоми низоми истеҳсолӣ таъмин карда шавад.

Ҳоло ҳам мақоми НБОХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комил муайян нагардидааст, гарчанде дар солҳои охир заминаҳои қонунии рушди электроэнергетика, аз ҷумла электроэнергетикаи хурд мукаммал шудаанд. «Қисме аз онҳо таърихан дар тавозун ва моликияти ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор дорад. Қисми дигар дар моликияти ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, НБОХ-ҳое ҳастанд, ки моликияти шахсони алоҳида мебошанд» [7, с. 62]. Бояд қайд кард, ки нерӯгоҳҳои ба ҷамоатҳои деҳот ва шахсони алоҳида тааллуқдошта аксаран аз ягон хел расмиёти бақайдгирӣ нагузаштаанд ва аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба танзим ва назорат фаро гирифта нашудаанд, ки ин эътимоднокии кори онҳоро паст мекунад.

Қисми бештари НБОХ-и имрӯз амалкунанда, дар тобеияти ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор доранд. Ин ширкати инҳисорӣ буда, иқтидорҳои «анъанавии» он фазои мураккаби рақобатро барои соҳибкории хурд ва миёна дар фаъолияти субъектҳои истифодабарандаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ба миён меоранд. Тавре коршиносон қайд мекунанд, дар бозори фурӯши барқ дар мавриди истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ бархурди манфиатҳои дохилисоҳавӣ вуҷуд дорад. Ин гуна бархурди манфиатҳо дар он зоҳир меёбад, ки шабакаҳои тақсимоти барқ – соҳаи ваколати ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад. Барои рушди фаъолияти субъектҳои истифодабарандаи манбаъҳои хурди тавлид дар бозори фурӯши барқ мавҷудияти бозоре зарур аст, ки аз инҳисор озод бошад, шароите лозим аст, ки дар мавриди он соҳибкорони хусусӣ ба бозор бе монеа ворид шаванд, шароити пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқии марказонидашуда бояд сода ва шаффоф бошад. Ба қавли дигар, - барои рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди барқ аз ҷониби давлат пешниҳод кардани имтиёзҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ зарур аст.

АДАБИЁТ

1. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С., Петров Г.Н. Малая гидроэнергетика и возможности использования мини- и микро ГЭС в горных территориях Таджикистана / Х.М. Ахмедов, Х.С. Каримов, Г.Н. Петров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2010. - № 1. – С. 100-109
2. Внедрение малой энергетики в Узбекистане. Современность и перспективы [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://anhor.uz/ekologiya/vnedrenie-maloy-gidroenergetiki-v-uzbekistane-sovremennosty-i-perspektivi/ (дата обращения: 25.12.2022)
3. Григораш О.В., Квитко А.В., Попучиева М.А. Перспективы малых гидроэлектростанций в предгорных и горных реках / О.В. Григораш, А.В. Квитко, М.А. Попучиева // Научный журнал КубГАУ. – 2015. - № 112. – С. 955-967
4. Комилов С.Ҷ., Каримов Р.И. Ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматҳои энергетикии Тоҷикистон / С.Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. - № 2. – С. 13-22
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ» аз 31 августи соли 2022 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://www.barqitojik.tj/tj/documents/bills/ (Санаи муроҷиат: 22.12.2022)
6. Мирзоалиев А.А., Бобохонова Ш.Х., Асосҳои консептуалии амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, Паёми ДДТТ, 2022 № 2. -С.52-60
7. Мирзоалиев А.А. Равишҳои методологии идоракунии рушди рақамии сармояи инсонӣ Паёми ДДТТ, 2022 № 4 ,-С.200-2010
8. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ Паёми ДДТТ, 2022 № 4, -С. 279-283

9. Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Актуальные вопросы эффективности использования водно-энергетических ресурсов / Г.Н. Петров, Х.М. Ахмедов. – Душанбе: Дониш, 2021. - 245 с.
10. Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Малая гидроэнергетика Таджикистана / Г.Н. Петров, Х.М. Ахмедов. – Душанбе: Дониш, 2010. – 148 с.
11. Современное состояние и перспективы развития малой гидроэнергетики с странах СНГ / Евразийский банк развития. – Алматы, 2011. – 36 с., с. 28 [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://cawater-info.net/library/rus/eabr_4.pdf (Дата обращения: 01.12.2022)
12. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/about/dependents/generation/ (Санаи муроҷиат: 25.12.2022).

УДК 334

Ҳусейнова Ш.З.

САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ - ЗАМИНАИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Соҳаҳои саноатро пояи асосии иқтисодиёти миллӣ ва заминаи баландбардории самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мешуморанд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ қарор дорад ва дар ин марҳала зина ба зина ҳадафи чоруми стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар роҳандозӣ ва амалӣ гардида истодааст. Бо мақсади роҳандозӣ ва амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар ва паст кардани шиддати таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти мамлакат, дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида, дар доираи он барномаҳои соҳавӣ, барномаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, рушди металургияи ранга ва сиёҳ, рушди саноати хӯрокворӣ, рушди соҳаи мошинсозӣ, рушди саноати сабук ва соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла то давраи соли 2025 таҳия гардидааст, ки мавриди амал қарор доранд.

Калидвожаҳо: саноат, саноатикунонӣ, рушд, иқтисоди миллӣ, барномаҳои стратегӣ, техникаву технология, навсозӣ.

Хусейнова Ш.З.

УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ – ОСНОВА РАЗВИТИЯ НАРОДНОГО ХОЗЯЙСТВА

Промышленность считается главной основой народного хозяйства и основой повышения эффективности общественного производства. Сегодня Республика Таджикистан находится на этапе стабильного социально-экономического развития, и на этом этапе поэтапно реализуется четвертая национальная стратегическая цель – ускоренная индустриализация страны. В целях реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны и снижения интенсивности воздействия внешних факторов на экономику страны следует отметить, что в области промышленности страны Стратегия промышленного развития Республики Таджикистана на период до 2030 года, в рамках которых реализованы отраслевые программы, программы ускоренной индустриализации страны, развитие цветной и черной металлургии, развитие пищевой промышленности, развитие автомобилестроения, развитие легкой промышленности и отрасли червяводства и переработки коконов до периода 2025 года, которые реализуются.

Ключевые слова: промышленность, индустриализация, развитие, народное хозяйство, стратегические программы, техника и технология, модернизация.

Khuseinova Sh.Z.

ACCELERATED INDUSTRIALIZATION IS THE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

Industry is considered the main basis of the national economy and the basis for increasing the efficiency of social production. Today, the Republic of Tajikistan is at the stage of stable socio-economic development, and at this stage the fourth national strategic goal is being gradually implemented - the accelerated industrialization of the country. In order to implement the fourth national goal - the accelerated industrialization of the country and reduce the intensity of the impact of external factors on the country's economy, it should be noted that in the field of industry of the country, the Industrial Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, within the framework of which sectoral programs, programs for the accelerated industrialization of the country, the development of non-ferrous and ferrous metallurgy, the development of the food industry, the development of the automotive industry, the development of light industry and the worm breeding and cocoon processing industries until the period of 2025, which are being implemented.

Keywords: industry, industrialization, development, national economy, strategic programs, equipment and technology, modernization.

Мавқеи соҳаи саноат дар пешрафти ҳар як мамлакат дар баробари дигар соҳаҳо басо муҳим буда, некуаҳволии ҷомеа ва рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёт аз он вобастагии бузург дорад. Аз ин рӯ, саноатикунии босуръати мамлакат ба рушд ва омӯзиши фанҳои риёзиву дақиқ ва табиатшиносӣ иртиботи мустаҳкам дорад ва дар ин ҷода зарур аст. Барои ноил шудан ба ин мақсад лозим аст, ки робитаи ҳамаҷонибаи самарабахши истеҳсолот бо илм роҳандозӣ гардида, техникаву технологияҳои муосир, дастовардҳои илму техника ва инноватсия дар истеҳсолоти миллӣ ба таври лозимӣ истифода бурда шаванд. Чунки, чӣ тавре ба ҳамагон маълум аст, фаъолияти самарабахши илмиву инноватсионӣ ва технологӣ шарти зарурии таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар шуморида мешавад.

Системаи саноатикунонӣ дар ҳар як давлат бояд дорои тартиби мантиқӣ бошад. Зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ ва ба он мувофиқ намудани системаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар самти коркарди пурра дар дохили мамлакат замина баҳри рушди устувори саноат аст [5].

Бо соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар дар иқтисодиёту соҳаи саноат тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди бемайлону босуръати истеҳсолот ва содироти молу маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани техникаву технологияҳои нав, истифодаи самараноки ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хом ва коркарди пурраи он, истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона гардид.

Ҳадафи чоруми ҳукумат - саноатикунонии босуръати кишвар қабул гардида, заминаи мусоидро барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ, рушди устувори соҳаҳои саноат, афзоиш додани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатпазирии он, инчунин, ташкили ҷойҳои кории нав фароҳам меорад.

Боиси хушбахтист, ки таи солҳои охир ҳар се ҳадафи стратегие, ки давлат ва Ҳукумат қабул гардида буданд, заминаи мустаҳкам барои роҳандозии ҳадафи чорум фароҳам овард. Имрӯз, мо сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳандозӣ ва амалӣ гардидани ҳадафи чорум, баръало ҳис намуда, шоҳиди зина ба зина ба яке аз давлатҳои пешрафтаву дорои иқтисодиёти мустаҳкам мубаддал гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошем, зеро аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ба

мамлакати транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ такони ҷиддӣ дар самти саноатикунонии кишвар мебошад.

Бо гузариши Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушд, яъне марҳалаи саноатикунонии босуръати мамлакат талаботи ҷомеаи имрӯза ба соҳаҳои илму маориф, техникаву технологияи ҳозирзамон, инноватсия, хусусан, ба алоқамандии илм бо истеҳсолот рӯз аз рӯз зиёд мегардад.

Имрӯз саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон симои хоси миллии давлати мустақилро доро мебошад. Вай бояд мувофиқи тамоми хусусиятҳои мақоми нав буда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникӣ ва илмӣ асоснок карда шуда, ки самаранокии истеҳсолоти миллиро бо устувории занҷираи арзиши иловашуда ва баландбардории сифати коркарди маҳсулот аз ашёи хом то ба молу маҳсулоти тайёр таъмин карда метавонад, фаъолияташро пеш барад.

Бо мақсади роҳандозии ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди бемайлони мамлакат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 27.03.2018, таҳти № 159 тасдиқ гардид.

Инчунин ногуфта намонад, ки дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки санаи 26-уми декабри соли 2018пешкаш гардид, роҳандозӣ ва татбиқи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ масъалагузорӣ карда шуд. Чунки устувории мавқеи саноат ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо дар таъмини истиқлолияти иқтисоди миллии кишвар ва ҳалли масъалаи муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба маротиб баланд бардоштани некуаҳволии аҳли ҷомеа, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шароити мусоид фароҳам меоварад [2].

Бо мақсади ба навсозии технологии истеҳсолоти корхонаҳо вусъат бахшидан, имрӯз албатта зарурати васеъкунии инфрасохтори инноватсионӣ, яъне паркҳои технологиву марказҳои паҳнкунии технологияҳо, таҳкиму густариши муносибатҳои кооперативӣ дар ҳар як соҳаҳои саноат, расонидани кӯмаки техникӣ дар доираи ассотсиатсияҳои соҳибкории истеҳсолӣ, пеш омадааст.

Ҷиҳати масъалаи таъмин рушди инноватсионии тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 чунин ибрози ақида намудаанд: “Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳаддӣ ниҳоӣ, аз ҷумла вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Хотиррасон менамоям, ки пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад...” [1].

Барои ноил гардидан ба истеҳсолоти самараноку дорои натиҷаҳои баланди молиявӣ корхонаҳоро зарур аст, ки фаъолияти истеҳсоливу инноватсиони худро ҳарчӣ бештар ба дарёфту коркард ва идоракунии сармояҳои имконпазир, ки ба рақобат тобовар будани соҳибкоронро таъмин карда метавонанд, равона гардонанд.

Аз даврони ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 сол сипарӣ шуда, дар ин давра аз тарафи давлату Ҳукумати кишвар дар самти рушду инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар якчанд барномаҳои давлатӣ, қонуну қарорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор қабул гардиданд. Яке аз чунин ҳуҷҷати муҳиму зарурӣ дар роҳи инкишофи иқтисодиёти миллӣ ин Барномаи давлатии стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад.

Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ дар давраи то соли 2030 масъалаҳои рушди босуръати саноатро вобаста ба ҷобаҷогузории иқтидорҳои истеҳсолии дорои инфрасохтори инкишофёфта, саҳмгузорӣ барои ҳарчӣ бештар бо кор таъмин намудани аҳолии қобили

меҳнатбуда, таъмини некуаҳволии аҳолии кишвар ва зиёд намудани ҳаҷми даромаднокӣ ба ҳар сари аҳолиро дар асоси аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш гардонидани истеҳсолоти саноатӣ ба миён гузоштааст [4].

Дар баробари ин, барои таъмини мавқею мақоми пешбарандаи саноат дар иқтисодиёти кишвар маҷмӯи як қатор чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникию технологӣ, сармоягузорӣ ва танзими бомуваффақи давлатиро роҳандозӣ намудан зарур аст, ки механизми иҷрои онҳо дар доираи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бояд роҳандозӣ гардад.

Ҳадафи асосии ин стратегияро фароҳамоварии шароити лозима барои рушди бемайлони комплекси саноатӣ дар асоси модернизатсияву навсозии инноватсионии тамоми соҳаҳои саноат, ки самаранокии иқтисодии онҳо, бехатарии техникиву экологӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи захираҳои энергетикӣ ва рақобаттобоварии молу маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин карда тавонад, ташкил медиҳад.

Соҳаҳои саноатро пояи асосии иқтисодиёти миллӣ ва заминаи баландбардории самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мешуморанд. Саноати кишвар имрӯз зина ба зина инкишоф ёфта, аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз гардида, ба соҳаҳои зерин тақсим мешавад:

1) саноати истихроҷи маъдан;
2) саноати коркард;
3) истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об.

Сохтори соҳаҳои саноати кишварро дар солҳои 2020 ва 2021 дар расмҳои 1 ва 2 нишон медиҳем:

Расми 1. Сохтори соҳаҳои саноат дар соли 2020



Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. С. 271 - 295 [3]

Расми 2. Сохтори соҳаҳои саноат дар соли 2021



Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. С. 271 - 295 [3]

Дар асоси маълумотҳои оморӣ дар солҳои 2020 - 2021 сохтори саноати кишвар дар чунин вазъ қарор дорад: саноати истихроҷи маъдан –дар соли 2021- 21,6% ва дар соли 2020

- 13,9%, саноати коркард – дар соли 2021 - 57,5% ва дар соли 2020 - 61,7% ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар соли 2021 - 20,9% ва дар соли 2020 - 24,4% [3].

Дар асоси маълумотҳои овардашуда, дар давраи солҳои 2020-2021 саноати истихроҷи маъдан инкишоф ёфта, саноати коркард ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об бошад, баръакс рӯ ба коҳиш аст.

Фаъолияти саноати кишварро аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои асосӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки маълумоти оморӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии саноат

	2017	2018	2019	2020	2021
1.Шумораи корхонаҳо, воҳид	1999	2161	2164	2283	2397
2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (бо нархҳои соли 2021), млн.сомонӣ	23597	26098	29543	32143	38829
3. Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз.нафар	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3
аз ҷумла коргарон, ҳаз.нафар	73,8	72,1	73,2	67,7	68,3

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. С. 271 - 295 [3]

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, дар давраи солҳои 2017-2021 фаъолияти соҳаҳои саноат дар нишондиҳандаҳо рӯ ба инкишоф ниҳодааст, аз ҷумла шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 1999 адади соли 2017 ба 2397адад дар соли 2021 расидааст, ки ин 19,91% зиёд буда, баҳри роҳандозии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат мекунад. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2021, млн. сомонӣ) ба 64,55 маротиба зиёд шудааст, ки ин барои таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти ватании хушсифат мусоидат мекунад. Имрӯз, дар кишвар истеҳсоли маҳсулотҳои рақобаттобовар ва воридотивазкунанда ба роҳ монда шуда, устувории мавқеи саноатро дар дохил ва хориҷи мамлакат таъмин мекунад. Маводи озуқаворӣ, аз ҷумла маҳсулоти шириву гӯштӣ, нон, маҳсулоти қаннодӣ, меваю сабзавотҳои тару тоза, консерваҳо ва ғайраҳо пурра дар дохили кишвар истеҳсол гардида, воридоти ин гуна маҳсулот аз берун боз дошта шудааст. Ва инчунин, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили семент, имрӯз нафақат бозори дохила балки ба хориҷи мамлакат низ содирот карда мешавад.

Дар баробари афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба маротиб зиёд шудааст, ки.

Тибқи маълумотҳои оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба панҷ минтақаи иқтисодӣ ҷудо гардидааст, аз он ҷумла ВМКБ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва НТҶ буда, баҳогузорӣ ба фаъолияти саноат аз рӯи нишондиҳандаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи минтақаҳои кишвар муҳим мебошад.

Ҷадвали 2.Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳобо нархҳои дахлдори сол (млн. сомонӣ - млн. сомонӣ)

(бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта)

	2017	2018	2019	2020	2021
Ҷумҳурии Тоҷикистон	121,3	110,6	113,2	108,8	120,8
Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	145,9	120,0	102,5	89,3	132,4
Вилояти Хатлон	124,3	113,1	116,3	101,1	110,3
Вилояти Суғд	131,5	105,9	111,2	116,1	129,9
шахри Душанбе	104,9	110,4	103,3	98,9	114,6
НТҶ	91,3	130,1	129,0	110,5	110,3

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. С. 271 - 295 [3]

Тавре аз маълумотҳои омории ҷадвали 2 бармеояд, дар давраи солҳои 2017-2021 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,99 маротиба паст фаромада, соли 2021 нисбат ба соли 2020 1,11 маротиба афзудааст. Яке аз натиҷаи фаъолияти беҳтарин аз

рӯи минтақаҳои кишвар ин минтақи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 1,48 маротиба зиёд шудааст [3].

Яке аз маълумотҳои муҳим ҷиҳати баҳогузорӣ ба соҳаҳои асосии саноат ин аз рӯи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мебошад, ки маълумотҳои оморӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

Ҷадвали 3. Индексҳои ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ

(бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта)

	2017	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**
Ҳамагӣ саноат	121,3	110,6	113,2	108,8	120,8
аз он ҷумла					
истихроҷ	121,7	112,0	112,6	97,4	155,2
коркард	122,9	112,1	115,3	114,1	115,3
Истеҳсол вак тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об	116,7	107,5	105,6	100,1	112,7

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. С. 271 - 295 [3]

Дар даврахои солҳои 2017-2021 яке аз соҳаҳои саноати рушдкардаистода, ин саноати коркард мебошад, ки 61,7% таркиби тамоми саноати кишварро ташкил медиҳад. Дар таркиби саноати коркарди мамлакат (100%) бештар самтҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку (37,2%), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ (26,1%), истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (15,1%), истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (14,2%) мебошад [3].

Умуман, аз маълумотҳои оморӣ маълум мегардад, ҳамаи соҳаҳои саноат сол аз сол инкишоф ёфта, ҳадафи чоруми стратегии миллии рушди босуръати саноатикунонии кишвар дар амал татбиқ гардида истода, дар баробари ин теъдоди корхонаҳои саноатӣ, ҷойҳои нави корӣ, шуғли аҳолӣ ба кор ва афзудани даромади аҳолӣ низ ба назар мерасад.

Амалишавии саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ бе неруи инсонӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, мавқеи мутахассисони варзидаю соҳибтаҷриба дар ин ҷода калидӣ мебошад. Мутахассиси баландихтисос дар ҷалби сармояи хориҷӣ, тарҳрезиву бакорандозии корхонаҳои саноатӣ, васлу ҷобагузории таҷҳизоти муосири технологӣ, истифодаи бомайлони дастгоҳу таҷҳизот, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯи стандартҳои байналмиллалӣ, маркетинги бомуваффақонаи маҳсулоти истеҳсолшудаву ба содирот пешбинӣ шуда, саҳми арзанда метавонад, гузорад.

Ҷалби ҳарчӣ бештари маблағҳову сармоягузории ватанию хориҷӣ барои омода кардани кадрҳои илмию педагогӣ, тайёркунии муҳандисону иқтисоддонони варзида ва таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ низ ба рушди саноатикунонии мамлакат таъсири мусбат мерасонанд.

Бо мақсади дар оянда ба роҳ мондани таҷрибаҳои пешқадами кишварҳои пешрафта дар саноати ҷумҳурӣ ва тақвиятбахшии раванди кунунии саноати кишвар, бароҳмонии бозомӯзии кадрҳои дар корхонаҳои саноатӣ омодаи фаъолиятбуда дар корхонаҳои саноатии хориҷ самарабахш хохад буд.

Ташкил кардани коргоҳҳои хурди саноатӣ ва роҳандозии коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ дар дохили ҷумҳурӣ ин дар самти татбиқи амалии таъмини озуқавории аҳолӣ ва ба хориҷа содиркунии маҳсулоти тайёри хӯрока натиҷаи хуб хохад дод.

Муддати муайян озод кардан аз андозу боҷи гумрукӣ, додани имтиёзҳо ба корхонаҳои саноатии хурду миёна ва ҷустуҷӯи самтҳои таҳкимбахшии фаъолияти саноатӣ барои ташкили корхонаҳои бузурги саноатӣ заминаи хуб мебошад.

Инчунин бояд саҳми соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар раванди расидан ба ҳадафи саноатикунонии кишвар назаррас бошад. Ҳар соҳаи хоҷагии халқ бояд мувофиқи нерӯи ақлонӣ, ҷисмонӣ ва имкониятҳои молиявию истеҳсолии худ дар ин самт саҳмгузор бошад,

аз ҷумла соҳаи маориф бо омодасозии кадрҳои баландихтисос, соҳаи сохтмон бо сохтани инфрасохтори дурусти ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ, соҳаи роҳу нақлиёт бо таъмини корхонаҳои саноатӣ бо маводи ва қабили инҳо.

Дар раванди саноатикунонӣ, аз ҷумла назорати қатъии истифодаи имконияту иқтидорҳо зарур аст. Чунки мувофиқи мақсад ба роҳ мондани сарфи маблағҳои ҷудошуда низ замина мегардад барои расидан ба ин ҳадафи стратегӣ.

Хулоса, захираву имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти баландсифати саноатӣ, рушди содирот ва доштани мавқеи муайян дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ назарассанд. Бинобар ин, вориду истифодаи васеи техникаю технологияҳои муосири инноватсионӣ, омодасозии кадрҳову баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳавӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат, ба рох мондани танзими дурусти давлатӣ омилҳои асосии расидан ба ин ҳадафҳо шуморида мешавад.

Стратегияи рушди соҳаи саноат барои зина ба зина афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дохилӣ ва махсусан, маҳсулоти саноатии рақобаттобовар ва воридотивазкунанда, ташкили корхонаҳои хурду миёна ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҷдиди корхонаҳои амалкунанда ва ворид кардани технологияҳои нав равона гардидааст. Ин тадбирҳо заминаи асосӣ барои таҳкими минбаъдаи иқтидори содиротии кишвар хоханд буд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе. 22.12.2017с.
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе. 26.12.2018с.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. 271 - 295 с.
4. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018 таҳти №159).
5. Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 1 (30)-2020, С. 202-209.

УДК 339.37(375.3)

Абдуллоев А.Б.

ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ МАМОЛИКИ ХОРИҶӢ ОИД БА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии истифодаи таҷрибаи мамолики хориҷӣ оид ба маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар асоси натиаҷаи таҳлили назариявии гузаронидашуда мо чунин мешуморем, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои гузаронидани тадқиқот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар шароити бозор маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хело васеъ буда, аз манбаъҳои гуногун ба ин соҳа маблағҳои молиявӣ ворид мегардад.

Калимаҳои калидӣ: тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҷрибаи хориҷӣ, маблағгузорӣ, тадқиқоти соҳавӣ, таҳлили ҳамаҷониба, буҷети давлатӣ, буҷети маҳаллӣ, хусусиятҳои маблағгузорӣ, таҳлили маблағгузорӣ.

Абдуллоев А.Б.

ПРИМИНЕНИЕ ПРАКТИКИ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО ФИНАНСИРОВАНИЕ СФЕРЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА

В данной статье изучены теоретические аспекты использования опыта зарубежных стран в финансировании сферы физической культуры и спорта в современных условиях. По результатам проведенного теоретического анализа мы считаем, что изучение зарубежного опыта является необходимым условием проведения исследований в области физического воспитания и спорта. Потому что в условиях рынка финансирование сферы физической культуры и спорта очень широкое, и финансовые средства поступают в эту сферу из разных источников.

Ключевые слова: физическая культура и спорт, зарубежный опыт, финансирование, всесторонное исследования, комплексный анализ, государственный бюджет, местный бюджет, особенности финансирования, анализ финансирования.

Abdulloev A.B.

APPLICATION OF THE PRACTICE OF FOREIGN COUNTRIES ON FINANCING THE SPHERE OF PHYSICAL CULTURE AND SPORT

This article studies the theoretical aspects of using the experience of foreign countries in financing the sphere of physical culture and sports in modern conditions. According to the results of the theoretical analysis, we believe that the study of foreign experience is a necessary condition for conducting research in the field of physical education and sports. Because in the conditions of the market, financing of the sphere of physical culture and sports is very wide, and financial resources come to this area from different sources.

Keywords: physical culture and sports, foreign experience, financing, comprehensive research, comprehensive analysis, state budget, local budget, financing features, financing analysis.

Дар шароити бозор маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз манбаъҳои гуногун ба ин соҳа ҷори намудани маблағҳои молиявӣ ба миён меояд, ки онро ба ду гурӯҳи асосӣ: буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Мо чунин мешуморем, ки шарти зарурии гузарондани тадқиқот дар ин соҳа омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ мебошад. Ҳангоми омӯзиши асарҳои муаллифон [1, 2, 3, 4. 5, 7] мо муайян намудем, ки дар кишварҳои гуногун манбаъҳои маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гуногунанд. Ба ин раванд омилҳо ва хусусиятҳои гуногуни иқтисодиёти соҳавии баъзе кишварҳо таъсири калон мерасонанд.

Таҳлили ҳамаҷониба нишон медиҳад, ки дар кишвари Венгрия ҳиссаи маблағҳое, ки аз буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд, тақрибан 0,13 фоизро ташкил медиҳад, дар ин радиф ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ назар ба буҷети давлатӣ боз ҳам камтар аст.

Дар давлати Италия барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз буҷети давлатӣ қариб 0,3 фоиз маблаг, вилоятҳо ва минтақаҳо бошад ҳар сол аз буҷети худ 1,0 фоиз маблаг ҷудо менамоянд.

Дар давлати Италия барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз буҷети давлатӣ қариб 0,3 фоиз маблағ, вилоятҳо ва минтақаҳо бошад ҳар сол аз буҷети худ 1,0 фоиз маблағ ҷудо менамоянд.

Дар кишвари Шветсария маблаггузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз буҷети давлатӣ ҳар сол 0,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин аз дигар буҷетҳо барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш назар ба буҷети федералӣ 12 баробар зиёд маблаг ҷудо карда мешавад. Аз тарафи дигар, бояд қайд кард, ки ширкатҳои тиҷоратӣ барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш назар ба буҷети федералӣ ва маҳаллӣ 6 баробар зиёд маблаг ҷудо менамоянд. Барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аҳолӣ назар ба маблаге, ки ҳар сол ба ин соҳа аз буҷети федералӣ ва маҳаллӣ гирифта мешавад, 212 баробар зиёд маблаг ҷудо мекунад. Дар кишвари Шветсария давлат барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 28 фоиз ва ҳаққи аъзогӣ 10 фоиз, мақомотҳои маҳаллӣ — 33 фоиз, лотереяҳо — 19 фоиз, даромад аз чиптаҳо ва маблағҳои худӣ — 10 фоиз ҷудо мекунад.

Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар маблаггузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳиссаи калон ба истеъмолот рост меояд. Боз як манбаи муҳим буҷетҳои маҳаллӣ буда, буҷети давлатӣ дар ҷои сеюм меистад, корхона ё ташкилотҳо барои бо пул таъмин намудани соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маблағҳои ночиз ҷудо мекунанд.

Ҳамин тавр, дар мамлакатҳои Аврупо манбаъҳои хусусии маблаггузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нисбат ба маблағҳои давлатӣ бартарият дорад. Аз тарафи дигар, таҳлили рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар умум хароҷоти сокинон ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хариди молҳои варзишӣ аз хароҷоти истеъмолии хизматрасониҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш зиёдтар аст. Маблаггузории объектҳои асосии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гуногуншакл буда, ин федератсияҳо ва клубҳои варзишӣ, инчунин иншоотҳои варзишӣ ва чорабиниҳои варзишӣ мебошанд.

Ғайр аз ин, муайян шудааст, ки дар аксар мамлакатҳои Аврупо ташкилотҳои ибтидоии ихтиёрӣ амал мекунанд, ки онҳо дорои захираи муҳими моддӣ мебошад ва маблағҳое, ки ба ин ташкилотҳо барои инкишофи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷудо карда мешаванд, нисбат ба маблаги аз давлат ҷудо кардашуда зиёд мебошад.

Дигар манбаи муҳими маблаггузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишварҳои хориҷӣ буҷетҳои маҳаллӣ мебошанд.

Таҳлили механизмҳои мавҷудаи маблаггузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини маблаггузории ин соҳаро аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ (вилоятҳо) ба муассисаҳои варзишӣ яъне соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамеша ёрии доимии молиявӣ расонида, дастгирӣ менамояд. Кӯмаки мустақим дар ҷудо кардани маблағҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва дастгирии ғайримустақим дар истифодаи ройгони иншоот ва технологияҳои варзишӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

2. Ҳаҷми кумаки молиявие, ки ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз тарафи мақомотҳои ҳокимият дар вилоятҳо, идораҳо дода мешавад, гуногун аст. Аммо онҳо барои кори муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар ин дигаргунсозиҳои минтақавӣ воқеъ гардидаанд, кифоя нестанд.

3. Дар кишварҳои хориҷӣ ба «маблаггузории байниҳамдигарӣ» аҳамияти хоса медиҳанд, ки дар он ҷо афзалиятҳои мақомоти маблаггузор дар ҳама сатҳҳо нисбат ба клубҳои варзишӣ мавҷуданд. Бояд гуфт, ки маблағҳои буҷет пеш аз ҳама барои сохтмону таҷдиди маҷмааҳои варзишӣ, майдончаҳо, варзишгоҳҳо инчунин барои таъмини фаъолияти клуби варзишӣ истифода мешаванд. Бояд гуфт, ки дар баъзе мамлакатҳо буҷети идораҳо, агар ба ҳар ду самт баробар тақсим карда шавад, пас маблағҳои вилоятҳо асосан барои таъмини фаъолияти клубҳои варзишӣ нигаронида шудаанд.

4. Хусусияти муҳими маблағгузории оқилона ин қабул намудани қарорҳо оид ба истифодаи буҷет, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ бо назардошти меъёрҳои гуногуни таҳсимкунии онҳо мебошад. Ба сифати меъёрҳои умумӣ қабул шудааст, ки асосноккунии хулосаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мавҷудияти иҷозатнома сурат мегиранд; нуфузи федератсияҳои варзишӣ, ки ба таркиби онҳо муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шомил мегарданд; мутахасисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; сафарҳои варзишӣ; ҷалби мутахасисон ба фаъолияти варзишӣ; ҳамгироии ҷамъиятӣ дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; робита бо ВАО; рейтинги клубҳои варзишӣ; шумораи ҷалбшудагон ба варзиш; тамошобинон; тарбияи ҷавонон; подиум ва ғайра.

Муайян карда шуд, ки маблағгузории клубҳо, мутаҳидсозии намудҳои варзиши дастаҷамъона аз рӯи панҷ меъёр: "ҷой"; "рейтинги шинокунанда"; "бозингарон"; "мушкилоти болоравӣ"; сатҳи бозӣ асоснок карда мешавад. Вобаста ба маблағгузории клубҳо мутаҳидсозии намудҳои инфиродии варзиш бояд тазаккур дод, ки меъёрҳои зерин истифода мешаванд: "ҷой"; "миқдори унвонҳои додашуда"; "подиум".

5. Кумаки молиявӣ ба муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (бевосита ва бавосита) дар асоси бастани шартномаҳо (шартномаҳои асосӣ ва махсус: шартномаҳои молиявӣ; шартнома оид ба пешниҳод намудани иншоотҳо ва таҷҳизотҳои варзишӣ барои истифодабарӣ; шартномаҳо бо ҳайати кормандон) амалӣ гардонида мешавад.

6. Маблағгузорӣ дар асоси шартнома на танҳо ба муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, балки инчунин ба варзишгарони алоҳида дода мешавад, ки барои ҷуброни хароҷотҳои тамрин ва пардохти музди меҳнат ба онҳо мебошад. Бинобар ин мо чунин мешуморем, ки бо назардошти ин хусусиятҳо механизми маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар сатҳи дигаргунсозиҳои гуногуни минтақавӣ хеле такмил додан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Анализ зарубежного опыта финансирования в сфере физической культуры и спорта/ А.Б. Абдуллоев / Финансовые проблемы развития национальной экономики в современных условиях: Сборник материалов республиканской научно-практической конференции Финансово-экономического института Таджикистана.- Душанбе, 7 декабря 2017 года. - С. 43-46.

2. Ван Хорн Дж. К. Основы управления финансами/ Ван Хорн Дж. К. - М: Финансы и статистика, 1977. – 800 с.

3. Зубарев Ю.А. Финансовый менеджмент спортивных организаций/ Ю.А. Зубарев. - Волгоград, 2013. - 268 с.

4. Инновационные подходы в подготовке специалистов для сферы физической культуры и спорта. Труды Всероссийской научно-методической конференции. /Под общей ред. Ю.А. Зубарева и др. - Волгоград, 10-11 июня 2008 года/ФГОУ ВПО «ВГАФК». - Волгоград, 2008. - 245 с.

5. Методические основы развития физической культуры и спорта в современных условиях/ А.Б. Абдуллоев// Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно-практической дистанционной конференции. – Душанбе: «ТГУК», 2018. – 470с. – С.283-285.

6. Организационно-экономические механизм развитие физической культуры и спорта в условиях рыночных отношений/ А.Б. Абдуллоев // Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон / Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор» / Маводҳои конференсияи илмию назариявии устодон бахшида ба солҳои 2018-2028 эълон гардидани даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор».-Душанбе, 18-23 июни соли 2018.- С. 89-92.

7.Панков Д.А. Финансовый анализ и планирование деятельности спортивной организации/ Д.А. Панков. - М.: Новое знание, 2005. - 208 с.

УДК 339.1(575.3)

Юсупов Ғ.Ғ.

ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ҶАҲОН ДАР ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГИИ КОРХОНА

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ дар ташкили фаъолияти дурнамои маркетингӣ оварда шудааст. Барои таҳияи мантиқан дуруст ва мутобиқи дурнамои маркетингии глобалӣ тавсияҳои муфид дода шудааст, ки барои гирифтани даромади иловагӣ ва кам кардани хавфҳои мавҷуда мусоидат менамояд. Инчунин, дар мақолаи мазкур таҷрибаи дурнамои маркетингии корхонаҳои ғарбӣ ва корхонаҳои истеҳсолии хитойӣ оварда шудааст. Дар муқоисаи ду дурнамои маркетингии ғарбӣ ва хитойӣ бартарияту афзалияти фаъолият маълум карда шуда, нисбати ду стратегия баҳои холисона дода шудааст. Илова бар ин, барои фаҳмиши амиқи имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ дар самти маркетинги корхона заминаҳое, ки барои баромад ба бозори беруна мусоидат мекунанд, ҷамъ оварда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: фаъолияти маркетингӣ, дурнамои маркетингӣ, бозорҳои хориҷӣ, банақшагирии фаъолияти маркетингӣ, бозори беруна, интегратсия.

Юсупов Г.Г.

ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В ОРГАНИЗАЦИИ МАРКЕТИНГОВОЙ СТРАТЕГИИ ПРЕДПРИЯТИЯ

В данной статье представления практика развивающихся стран по организации маркетинговой деятельности. Даны полезные рекомендации по разработке правильного и адаптированного маркетингового плана, помогающего получить дополнительный доход и снизить существующие риски. Также в этой статье представлена перспектива маркетинговой деятельности западных и китайских компаний – производителей. При сравнении двух западных и китайских маркетинговых стратегий были выявлены преимущества и приоритеты деятельности, а также дана объективная оценка двум стратегиям. Кроме того, для тщательного понимания возможностей мирового рынка в направлении сбыта предприятия собраны основания, способствующие выходу на внешний рынок.

Ключевые слова: маркетинговая деятельность, маркетинговая перспектива, внешние рынки, планирование маркетинговой деятельности, внешний рынок, интеграция.

Yusupov G.G.

EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES IN THE ORGANIZATION OF THE MARKETING STRATEGY OF THE ENTERPRISE

This article presents the practice of developing countries in organizing marketing activities. Useful recommendations are given on how to develop a correct and adapted marketing plan that helps to get additional income and reduce existing risks. This article also presents the perspective of the marketing activities of Western and Chinese manufacturing companies. When comparing two Western and Chinese marketing strategies, the advantages and priorities of activities were identified, and an objective assessment of the two strategies was given. In addition, for a thorough understanding of the possibilities of the world market in the direction of the sale of the enterprise, the reasons for entering the foreign market are collected.

Key words: marketing activity, marketing perspective, external markets, marketing activity planning, external market, integration.

Дар таҳқиқотҳои аксари олимону иқтисодчиён омадааст, ки маркетинг ин воситаи пурқувваттарин дар вазъияти пурзӯри рақобатнок барои ба даст овардани даромади зиёдтар ва обрӯву нуфузи баландтар мебошад. Вазифаи дурнамоии ҳар як фурӯшанда ин ҷалб намудан ва нигоҳ доштани истеъмолкунандагони маҳсулоти истеҳсолкунандааш мебошад. Фаъолияти маркетингии корхона дар хориҷа ҳамчун сохтори ҷудонашавандаи маркетинги байналмилалӣ эътироф шудааст. Фаъолияти маркетингии хориҷӣ дар худ маркетингӣ ҳам маҳсулот ва ҳам хизматрасониро дар бар мегирад. Маркетинги байналмилалӣ бошад, ин шакли мукаммали амалиётҳои маркетингии корхона дар давлатҳои мухталиф ба ҳисоб меравад. Маркетинги ҷаҳониро ҳамчун фаъолияти маркетингие, ки ба интегратсияи байни бозорҳои давлатҳои мушаххас фаҳмидан мумкин аст. Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ гурӯҳбандии зерини ташкилотҳо вобаста ба бозори фурӯши маҳсулот мавҷуд мебошад:

1. Дохилӣ ва ё ҳудудӣ, ки танҳо дар дохили як давлат амал менамоянд;
2. Минтақавӣ, ки дар ҳудуди минтақаи махсуси ҷуғрофӣ амал мекунад, ва ҳудуди миллиро вайрон намесозад;
3. Ташкилотҳои бисермиллӣ (мультинациональный), ки барои онҳо амалиётҳои автономии минтақавӣ мутобиқ мебошанд, ки хулосаҳову қарорҳо аз нуқтаи асосии ташкилот ҷорӣ мешавад. Дар ин намуди ташкилотҳо фаъолияти маркетингӣ ғайримарказонида шудаанд;
4. Ташкилотҳое, ки хусусияти гузаришро аз бисёрмиллӣ ба ҷаҳонӣ дорад, ки дар аксари давлатҳо мустақилона фаъолият менамояд. Лекин вазифаву амалиётҳои махсус, ба монанди таъминкунӣ ва маблағгузорӣ ғайримарказонида шуда, саридора барои иҷрои дигар вазифаҳо мутасаддӣ аст.
5. Ташкилотҳои ҷаҳонӣ, ки хусусияти баланди дараҷаи ғайримарказонидашударо доранд. Ин гуна ташкилотҳо ва ё бозорҳо идораи марказӣ надоранд, вазифаҳои таъминкунӣ ва маблағгузорӣ, истеҳсолот, маркетинг ва фурӯш дар филиалҳову марказҳои хизматрасонӣ ба анҷом расонида мешавад [1,23].

Барои фаҳмиши амиқи имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ бояд бартариятҳое, ки барои баромад ба бозори беруна мусоидат мекунанд, дарк намуд:



Таҳияи муаллиф бо истифода аз маводи: Костюкевич Е.А. Зарубежный опыт организации маркетинговой деятельности фирмы // Вопросы экономики и управления. - № 5.1 (7.1). – 2016. – С. 40 – 42.

Аксари корхонаҳо дар тамоми ҷаҳон стратегияи баромад ба бозори ҷаҳониро таҳия намудаанд. Ташкилоту корхонаҳое, ки ба бозори ҷаҳонӣ баромадан мехоҳанд, бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ки бозори нав дар аксари ҳолатҳо аз бозори дохилӣ бо якчанд меъёрҳо, аз ҷумла ҳаҷми бозор, рафтори харидорон ва таҷрибаи маркетингии онҳо фарқ мекунад. Аз ин рӯ, пеш аз ба бозори ҷаҳонӣ баромадан бояд ҳаматарафа сегментҳои бозори нав таҳлил

карда шавад. Барои он ки рақобатпазирӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мақсади стратегии аниқро талаб мекунад, ки ба фаъолият ва идоранамоии минбаъда таъсир мерасонад. Инчунин фаҳмиши бозори нав, таҳияи дурнамо ва истифодабарии иқтидори бозорӣ барои рушду нумуъ таъсири амиқ мерасонад.

Вобаста ба имкониятҳои боло зикр, инчунин бартариятҳои баромад ба бозори берунаро низ зикр кардан бамаврид аст:

- тамоюлҳои иқтисодиёти ҷаҳонро қабул менамоянд;
- истифодаи шароитҳои демографии дигар мамлакатҳо;
- рақобатпазир будан дар бозори дохилӣ;
- истифодаи имтиёзҳои андозӣ [3, 40].

Ҳар як сатҳи баромад ба бозори беруна аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунад ва таҳия, банақшагирӣ, ташкил ва назорати стратегияҳои гуногуни фаъолияти маркетингиро талаб менамояд. Инчунин яке самтҳои дурнамодор ва шавқовари фаъолияти маркетингии муосир ин ташкили чорабиниҳои маркетингии рақамӣ, яъне интернет-маркетинг маҳсуб ёфтааст. Ин гуна барномаҳо кӯшиши ҷалби ҳарчи бештари харидорони пуриқтидор мебошанд ва дар шароити имрӯза дар ҳолати баланд будани суръати интернети аҳолӣ самаранок маҳсуб гаштаанд.

Дар ҳақиқат, интернет имрӯз ҳамчун воситаи пурсуръаттарини пайвасткунандаи муҳити коммуникатсионӣ ҳисоб шуда истодааст, ки зиёда аз 4 миллард аҳолиро дар тамоми ҷаҳон ба ҳам мепайвандад. Шабакаи глобалӣ сол то сол васеъ шуда истодааст ва имрӯзҳо қариб ки тамоми давлатҳои дунёро ба хам пайваста истодаасту 81 %-и аҳолии давлатҳои мутараққиро фарогир аст. Дар давлатҳои тараққикардаистода бошад, ин нишондиханда ба 56,1 % баробар аст. Ин нишондиҳандаҳо арзиши чорабиниҳои фаъолияти маркетингии онлайнро мустақиман нишон медиҳанд ва потенсиали то ҳол кашфнашудаи шабакаи глобалии интернетро нишон медиҳанд. Инчунин қайд кардан муҳим аст, ки интернет доираи васеи имкониятҳоро фароҳам меорад ва ҳангоми гузарондани фаъолияту чорабиниҳои маркетингӣ таблиғот, тадқиқот ва муоширатро барои мутахассисони маркетинг хеле ҷолибтар, осонтар ва фаҳмонтар мегардонад [4, 51].

Барои мисол, ташкилотҳову корхонаҳои Британияи Кабир буҷети маркетингии худрго пурра дида баромада, навгонӣ ворид кардаанд ва қариб ки 80 %-и фаъолияти маркетингиро ба шакли электронӣ гузаронидаанд. Гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкилотҳои британиёӣ ба дурнамои маркетингии худ тағйирот ворид намуда, баҳри устувор намудани бренди худ дар шароити номуайянии иқтисодиёт чораҳои м,ушаххас андешидаанд. Муовифиқи маълумоти маҷаллаи IPA Bellwether 8,7 % роҳбарони шуъбаҳои маркетингӣ оид ба зиёд шудани буҷети корхона нисбат ба соли пешина хабар додаанд. Зиёда аз 21,6 % оиди зиёдшавии даромад ҳангоми 12, 8 % ихтисор кардани хароҷотҳо ба миён омаданд [5].

Дар ин ҳолат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки интернет ҳамчун сохтори самараноктарин маҳсуб ёфтааст. Ҳангоми ҷорӣ намудани инетрент-маркетинг даромади он корхонаҳое, ки хароҷоти худро ба фаъолияти маркетингӣ зиёд намуданд, тақрибан 17,2 % зиёдшавӣ дар корхонаҳои Англия ба назар расидааст [5]. Бояд зикр намоем, ки ширкатҳои британиёӣ баъд аз ислоҳотҳо оид ба баромадан аз Иттиҳоди Аврупо ҳоло ҳам дар ҳолати номуайянӣ қарор доранд ва аз ин сабаб нишондиҳандаҳои арзёбишуда дар ояндаи наздик тахминӣ мебошад.

Инчунин бояд дарк намоем, ки интернет ҳамчун категорияи фаъолияти рекламавӣ ва воситаи фаъолияти маркетингӣ алтернативаи телевизиону радиову газетаҳо маҳсуб намеёбад. Чунин фаҳмиши интернет ва имкониятҳои он дар аксари ҳолат аз кӯтоҳандешӣ дарак медиҳад [5].

Бар хилофи радио ва телевизион, ки дар ҳаёти рӯзмарра ба авҷи худ расидаанд, интернет ва васоити гуногуни интерактивии бо интернет фаъолияткунанда инкишофи худро давом дода истодаанд, чунки интернетро бо иқтидори пурраш истифода накарда

истодаанд. 3D-айнакҳо, соатҳову айнакҳои интерактивӣ ва воқеияти виртуалӣ – ҳамаи ин метавонад на танҳо роҳи нав ва ҷолиби фурӯши молу маҳсулот, балки бевосита васоити ҳамкорӣ ва таъсиррасон ба истеъмолкунанда шуда метавонад, ки ин вазифаро радиову телевизион иҷро карда наметавонад.

Мисоли дигар, ташкилотҳои бонуфуз ва пурқуввати Coca Cola Company и Pepsi Co ба пуррагӣ рақибони худро аз бозор баровардаанд. Онҳо асосан дурнамои маркетингии бениҳоят хашмгин ва боистеъдодрго истифода мебаранд, ки диққати истеъмолкунандаро ба молу маҳсулоти паҳнгаштатарин байни ҷавонону калонсолон маҳсуб ёфтааст. Бо ҳамин васила, онҳо низоми боқувватеро таҳия кардаанд, кик и маҳсулотҳои ба саломатӣ зиёнрасонро бо ҳаҷми калон ба фурӯш баровардаанд, ки то ҳол маъмулияти худро гум накардаанд. Маҳз ҳамин равияро бо нишон додани ҷиҳатҳои пурқуввати маҳсулот ва дурнамои маркетингӣ барои ба пуррагӣ ишғол кардани гуруҳи мақсадноки худ истифода бурда истодаанд, ки ҳатто ба зараррасонии маҳсулот нигоҳ накарда, гуруҳи мақсаднок харидорӣ намуда истодааст.

Ширкати байналмилалии афшурабарорӣ ва нӯшокибарории Ribena як стратегияи дигарро пайгирӣ намуда истодааст, ки платформаи нави эҷодиро бо мақсади ба кор андохтани далел бо номи future proof (аз забони англисӣ - осебпазир ё бештар тобовар намудани корхона ба тағйироти бесарусомониҳои оянда) бренди худро дар пасманзари коҳиши фурӯши шарбат ҷорӣ намудаанд. Инчунин ширкати нӯшокибарории Ribena қурбонии мавҷуд набудани қувваи таблиғот, брендинг ва чорабиниҳои маркетингӣ ва бевосита аз бефаъолиятии сохтори маркетингии корхона дар ҷаҳони муосири рақамии муосир мушкилӣ кашида истодааст. Дурнамои нави маркетингии коммуникатсионии корхона ҷавоб ба пешбурди зараррасонии шадиди нушокиҳои газноки шакардор ва ҳадафи ғалаба намудану нигоҳ доштани аудиторияи худ маҳсуб ёфтааст. Шарлотта Флок, роҳбари Ribena мегӯяд, ки дурнамои интихобкардаи онҳо ин платформа барои ояндаи бренди корхона маҳсуб меёбад. Стратегияи маркетингии интихобкарда ба ҳақиқат наздик буда, ҳама қисматҳои ба харидор писандбударо мавриди истифода қарор додааст.

Боз як намунаи пешқадами дурнамои маркетингиро соли 2017 корхонаи истеҳсолии хитойии нушокиҳои спиртӣ “Си Цзю” нишон додааст. Дар арафаи соли нави хитойӣ корхонаи номбурдашуда дурнамои маркетингии беҳтаринро истифода бурдааст. Агар корхонаи истеҳсолии хитойии нушокиҳои спиртӣ “Си Цзю” яке аз корхонаҳои пешрафтаи ғарбӣ бошад, бренд-менеҷерони он метавонситанд барои якчанд моҳ пештар нақшаҳои фаъолияташонро таҳия намоянд, бо ташкилотҳои тарғиботӣ маслиҳат намуда, барои телевизиону радиову роликҳои тарғиботӣ маблағ ҷудо кунанд. Лекин корхонаи истеҳсолии хитойии нушокиҳои спиртӣ “Си Цзю” ин стратегияҳои пеша накардаасту, ба назари мо, дурнамои наву ҷолибтарро интихоб кардааст.

Ин ҳам бошад, корхонаи истеҳсолии хитойии нушокиҳои спиртӣ “Си Цзю” равияи ба бозори дохилии худ нигаронидашударо интихоб кард ва бевосита бо барномаи иттилоотии машҳури Хитой бо номи Tencent News ҳамкориро ба роҳ мондааст. Корхонаи истеҳсолии хитойии нушокиҳои спиртӣ “Си Цзю” ва корхонаи иттилоотии Tencent News барои ҷалби аҳолӣ силсилаи барномаҳои яксоатаи пахши мустақимро таҳия кардаанд, ки дар он ошпазҳои машҳури Хитой бо истифода аз нушокиҳои спиртии корхонаи истеҳсолии “Си Цзю” хурокҳои гуногун омода менамуданд.

Мазмуни ин тарғиботро дар платформаҳои ахборотӣ, иҷтимоӣ, фароғатӣ ва бозиҳои Tencent пахш мекарданд, ки ҳамарӯза зиёда аз 1,2 миллион нафар тариқи телефонҳои худ силсилаҳои нави барномаро тамошо мекарданд [6]. Ба ҷои оне, ки моҳҳо барои таҳияи дурнамои маркетингии корхона вақт сарф кунанд, корхонаи истеҳсолии нушокиҳои спиртии “Си Цзю” ва ташкилоти иттилоотии Tencent медиа – банақшагириро танҳо дар 5 рӯз таҳия карданд, ки танҳо барои иттилоотонии мардум бо маҳсулоти корхона равона шудааст.

Дар давоми даҳсолаи охир роҳбарони брендҳои бисермиллатии ғарбӣ, ки барои васеъкунии ҷаҳонӣ ҳаракат менамоянд, аз рӯи нақшаи оддӣ амал мекарданд. Гарчанде ки муҳтавои маркетингӣ ва интихоби бозор бояд ба истеъмолкунандаи маҳаллӣ равона шавад, принсипҳои маркетингии универсалиро истифода мебурданд. Корхонаҳое, ки нисбатан бештар ба бозорҳои рушдкунандаи маводҳои медиавӣ – тарғиботии худро паҳн мекунанд, ки дар он ҷо тарғибот тариқи медиа таҳияи ниҳоиро фарогир мебошад.

Маркетологҳои хитой як равияи беназири ба истеъмолкунанда равонашударо таҳия карданд, ки қисми зиёди корхонаҳои тарғиботӣ дар навбати аввал диққати истифодабарандагони телефонро мавриди ҷалб истифода мебаранд. Ин равия барои таҳияи муҳтавои “вирусӣ”-ро тариқи телефон равона карда шудааст.

Равияи интихобкардаи аксари корхонаҳои чинӣ босуръат, арзон ва нисбат ба парадигмаи маркетингии анъанавии ғарбӣ самараноктар аст. Лекин интихоби ҳамин равия хеле хатарнок буда, барои корхонаҳое, ки мехоҳанд ба бозори чинӣ ворид шаванду равияи маркетингии онҳоро интихоб намоянд, фаҳмиши хитойиро бояд аввал омӯзанд. Чунки мафкураи мардуми чинӣ нисбат ба мардуми ғарбӣ ба куллӣ фарқкунанда аст.

Бояд зикр намоем, ки насли нави маркетологон усулҳои нави ҳамкориро бо истеъмолкунандаро таҳия карда истодаанд ва дар раванди фаъолияти маркетингӣ равияи сифатан навро пеша намудаанд. Равияи маркетологони хитой, ки қаблан аз таҷрибаи онҳо зикр намудем, қувваи воридкунӣ ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар фаъолияти маркетингӣ бисёр моҳирона истифода бурда истодаанд. Ҳамзамон ин ҳолат барои менеҷерону маркетологони анъанавӣ ташвишовар бояд бошад, чунки онҳо қувваи рақибони худ – маркетологони замони навро нодида гирифта, нозукиҳои фаъолияти онҳоро рад намуда, бар хилофи амали худ баромад намуданашон аз имкон дур нест.

Бо вуҷуди ин, маркетологони насли нав бар ивази хатару хавфи худ усулҳои нави маркетингиро истифода мебаранд, чунки барои рақобати муассир дар Чин, ширкатҳои ғарбӣ бояд доданд, ки маркетинг дар он ҷо мисли дурнамои маркетингии корхонаҳои ғарбӣ маъмул ва идеалӣ нест. Онҳо бояд баъзе аз “дарсҳо”-и маркетингии корхонаҳои истеҳсолии хитой дар бозорҳои пешрафта низ ёд гиранду истифода баранд.

Бо ҳамин тариқа, оқилона ба кор андохтани дурнамои маркетингӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, бо истинод ва асоснок ҷорӣ намудан дар бозорҳои махсус ва гурӯҳи мақсадноки худ ва истифодабарии алтернативаҳои муосир бар ивази тарғиботҳои оддиву телевизиону радио метавонад фаъолиятро самараноку сифатнок намояд. Таҷрибаи британиву хитоии қаблан зикркардаи мо зикр мекунад, ки усулҳои истифодабарандаи он корхонаҳо ҳамчун дурнамодор маҳсуб ёфта, метавонанд на танҳо дар бозорҳои дохилаи он шаҳрҳо, балки дар бозорҳои беруна низ истифода бурда шаванд, чунки ҳангоми оқилона истифодабарӣ усулҳои номбаркардаи мо самараноку универсалӣ мегарданд. Равияҳои маркетингии муосир воридшавии ба пуррагӣ ва фаъолонаро талаб мекунад, аз ҷумла истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, тамоюлҳои ҳамкорӣ ва таъсиррасон ба аҳолӣ бо медиа-тарғибот, ки навгониҳои асри навин маҳсуб ёфтаанд. Аз байн бурдани стереотипҳои маркетингии кӯҳна, ки барои пешравии дурнамои маркетингӣ монеа шуда метавонанд, ба тараққиёти соҳаи маркетинг ва воридкунии ғояҳои рақобатпазир дар амалия сабаб мешаванд. Бо мақсади ба даст овардани ҳиссаи бештари бозор бидуни ҳамкорӣ ва фаҳмиши амиқтари истеъмолкунанда, ширкат дар рақобат бо мағлубият дучор хоҳад шуд. Танҳо тафаккури пешрафта ва равияҳои ғайриоддӣ, навтарин пешрафтҳои технологӣ метавонад ба корхона дар таҳия ва татбиқи стратегияи воқеии маркетингии оянда кӯмак расонад.

АДАБИЁТ

1. Багиев Г.Л. Основы организации маркетинговой деятельности на предприятии. – СПб.: Обл. правл. ВНТОЭ, 2010. – 240 с.
2. Болдырева Т.В. Формирование рекламной стратегии предприятия в условиях конкурентного рынка // Наука и общество. – 2014. - № 2 (17). – С. 18-27.
3. Костюкевич Е.А. Зарубежный опыт организации маркетинговой деятельности фирмы // Вопросы экономики и управления. - № 5.1 (7.1). – 2016. – С. 40 – 42.
4. Пиксина А.Г., Ивер Н.Н. SEO – продвижение в системе комплексного интернет-маркетинга // Социальные науки. – 2018. – № 2 (21). – С. 49-55.
5. Шабакаи электронии URL:https://www.marketingweek.com/2019/04/17/ipabellwether-marketing-budgets-q1-2019/ (санаи муроҷиат 31.01.2023).
6. Шабакаи электронии URL:https://hbr.org/2019/05/what-western-marketerscan-learn-from-china.(санаи муроҷиат 06.02.2023).

УДК 339.13 (045) 1 (575.3)

Сафоев Ҳ.С., Шарипов Ш.Р.

РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз гуфтаҳои дар боло қайд кардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо ва татбиқи онҳо тибқи механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ таъсиси Фонди рушди лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлатӣ ва хусусиро мувофиқи мақсад мешуморем, барои афзалиятҳои тиҷорати хусусӣ ин афзалиятҳо ва имкониятҳо дар ба даст овардани бозори доимӣ ва калони фурӯш, инчунин беҳтар кардани нуфуз ҳангоми иштирок дар татбиқи лоиҳаи иҷтимоӣ ва ҳамзамон афзоиши гардиши пули нақд аз сабабҳои зерин зоҳир мешаванд, оқилонатар кардани идора ва истифодабарии объектҳои амволи давлатӣ, ки ба ихтиёрдории муваққатӣ дода шудааст ва сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, ки махсус барои дастгирии лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ бароварда мешаванд иборат мебошад.

Калимаҳои калидӣ: арзёбии самаранокӣ, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамкориҳои давлат, бахши хусусӣ, дастгирии сармоягузорӣ.

Сафоев Х.С., Шарипов Ш.Р.

РАЗВИТИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ СОВМЕСТНЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ И ЧАСТНЫХ СЕКТОРОВ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Из вышеизложенного можно сделать вывод, что при разработке проектов и их реализации по механизму государственно-частного партнерства считаем целесообразным создание фонда развития проектов государственно-частного сотрудничества, в интересах частному бизнесу эти преимущества и имеются возможности, принося постоянный и большой рынок сбыта, а также улучшая влияние при участии в реализации социального проекта и одновременно увеличивая денежный поток за счет следующих причин, рационализации управления и использование объектов государственной собственности,

переданных во временное распоряжение, и инвестирование в ценные бумаги, специально предназначенное для поддержки важных социальных проектов.

Ключевые слова: оценка эффективности, конкурентоспособности национальной экономики, сотрудничество государства, частного сектора, поддержка инвестиций.

Safoev Kh.S., Sharipov Sh. R.

DEVELOPMENT OF COMPETITIVENESS OF JOINT PUBLIC AND PRIVATE SECTORS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

From the above, it can be concluded that during the development of projects and their implementation according to the mechanism of public-private partnership, we consider it appropriate to establish the Fund for the Development of Public-Private Sector Cooperation Projects, for the advantages of private business, these advantages and opportunities are available. bringing a permanent and large sales market, as well as improving influence during participation in the implementation of a social project and at the same time increasing cash flow due to the following reasons, rationalizing the management and use of state property objects that have been placed at temporary disposal and investing in securities, which is specially designed to support important social projects.

Key words: economic competitiveness, public-private partnership, development concept.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди тамоми кишварҳои ҷаҳон, ҳамчун яке аз механизмҳои самарабахши дастгирии сармоягузорӣ барои рушди иқтисоди кишвар эътироф шудааст.

Дар шароити муосир шарикии давлат ва бахши хусусӣ воситаи муҳими таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, манбаи ҷалби захираҳои молиявӣ ба лоиҳаҳое маҳсуб меёбад, ки дар онҳо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ назоратро нигоҳ медоранд ва бо сармоягузорон ҳамкориҳоро барқарор мекунанд. Ба ақидаи мо, рушди муносибатҳо дар ҷараёни татбиқи барномаҳои рушд, ки ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ асос ёфтаанд, шарти муҳими ташкили ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни ташкилотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ин муносибатҳо ҳатмӣ ва мушаххас мебошанд. Зимнан ба арзёбии самаранокии татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи инфрасохтор аҳамияти муҳим дода мешавад [8].

Ҳамчунин, бисёр муҳим аст, ки ҳангоми ташкил ва ё беҳтаргардонии шароити зиндагии аҳолӣ, аз он ҷумла дар мавриди низоми нақлиёт, об ва барқтаъминкунӣ, роҳҳо, пулҳо ва низоми коммуникатсия тавассути лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст судманд байни ташкилотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ пешбинӣ намуд, ки пардохтпазирии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ бояд ба назар гирифта шавад, ҳамчунин андозаи субсидияи буҷети давлатӣ дар назар дошта шавад. Ба андешаи мо, дар иқтисоди давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ ба иҷрои Барномаи давлатии баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии мамлакат бояд мусоидат кунад. Шарти муҳимми рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ такмили меъёрҳои қонунгузориҳо ва муносибати дӯстонаи давлат ба бизнес буда метавонад. Бояд хотиррасон намуд, ки хусусияти хоси бисёр мамлакатҳои рӯ ба рушд асосан аз он иборат аст, ки аксари онҳо дар давраи дувуми рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ қарор доранд. Таҷрибаи баррасишудаи ҷаҳонии як қатор кишварҳои тараққикунанда ва рӯ ба тараққӣ исбот мекунад, ки чунин чорабиниҳои гаронарзишро, ба монанди таҷдиду навсозӣ ва сохтмони иншооти ватани инфрасохторӣ дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ наметавон танҳо бо маблағгузории буҷет иҷро кард. Дар ин ҷо шаклҳои омехтаи иштироки давлат ва бизнес бо назардошти манфиатҳои иқтисодии ҳарду ҷониб ва то ҳадди ақал кам кардани хароҷоти

транзаксионии ҳар яке аз тарафҳо тақозо карда мешавад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳз чунин шакли ҳамкории самарабахш мебошад [1].

Дар ин давра барои ҷалби бахши хусусӣ ба иҷрои якҷояи лоиҳаҳои инфрасохторӣ шароит фароҳам оварда мешавад [9]. Ҳамчунин, дар ин давра тавассути ниҳодҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таъмини асосҳои сармоягузории рушди инноватсионии соҳаҳои хизматрасонии бозорӣ интизор меравад.

Арзёбии самаранокӣ барои шарикон яксон нест ва барои ҳар яки онҳо аз ҳам фарқ карда, хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, интихоби шаклҳо ва шартҳои татбиқи муносибатҳои мутақобилан судманд, ташаккули ҳадафҳо ва вазифаҳои лоиҳаи мушаххаси шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ асоснок ва шаффоф бошанд.

Шаклҳои гуногуни зуҳури шарикии давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд доранд:

- корхонаҳои давлатӣ-хусусӣ;
- шартномаҳои (қарордодҳои) консепсионӣ;
- созишнома оид ба тақсими маҳсулот;
- қарордодҳое, ки давлат ба бахши хусусӣ вогузор мекунад;
- муносибатҳои иҷоравӣ;
- минтақаҳои махсуси иқтисодӣ;
- лоиҳаҳое, ки дар онҳо ҳангоми истифодаи замин, инфрасохтор ва ғайра ба сармоягузорони хусусӣ имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дода мешавад.

Дар ҷадвали 1.1. вобастагии интихоби шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз мӯҳлати татбиқи лоиҳа ва тақсими захираҳои молиявӣ байни бахшҳои давлативу хусусӣ нишон дода шудааст.

- политическая воля для организации эффективного налогового стимулирования и его администрирования;
- соответствующие средства для выполнения этих задач.

Осуществление на практике перечисленных составляющих элементов налоговых льгот и стимулирование достигается в результате совместной деятельности и усилий Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан (МЭРТРТ), Министерство финансов Республики Таджикистан (МФРТ), Налогового комитета при правительстве Республики Таджикистан (НК при РТ) и других профильных министерств. Однако, все эти министерства имеют разные взгляды на введение налоговых льгот и налоговое стимулирование. Например, МЭТРТ наиболее заинтересовано в введение налоговых льгот, потому что это предоставляет широкие возможности субъектам предпринимательского сектора экономики меньше платить в государственный бюджет, и больше инвестировать в развитие экономики. МФРТ стремится защищать интересы бюджета и можно сказать, данное ведомство не очень склонно к введению льгот. НК при ПРТ администрирует, устанавливает численность участников и объектов льготного налогообложений, что увеличивает его административную работу, т.е. возникает дополнительные нагрузки и снижает уровень текущего наполнение государственного бюджета.

В связи с этим все функции и полномочия органов государственной власти должны быть направленны на построение в общей конструкции или дизайн налоговых льгот и установлением порядка их деятельности налоговым законодательством, а не в разобщенных нормативно-правовых актах. В результате чего снижается уровень или вероятность появление правовых конфликтов, что в конечном счете предоставляет возможность в более полной реализации функции контроля и мониторинга налоговыми органами и соответствующими министерствами.

Теперь остановимся на раскрытие еще одной особенности налоговых льгот как факультативного элемента законодательной конструкции. Как отмечает российский ученный-экономист, специалист в области налоговых отношений А. В. Брызгалин налог как комплексное экономико-правовое явление, включает в себе совокупность взаимодействующих составляющих элементов налога, имеющий самостоятельное правовое значение. Он выделяет следующие группы элементов:

- основные или обязательные элементы: налогоплательщик, объект налогообложения, налоговую базу, налоговый период, налоговую ставку, порядок исчисления налога, порядок уплаты налога, срок уплаты налога;
- факультативные элементы: не обязательные элементы налога, но могут быть установлены в законодательных актах о налогообложение;
- дополнительные элементы налога: предмет налога, масштаб налога, единица налога, источник налога, налоговый оклад, получатель налога [2, с.243]. Другой российский ученный Ю. А. Крохина групируя налоги к факультативным элементам относит к ним особенные элементы,которые характерны только для конкретных налогов, налоговые льготы и налоговые освобождения он относит к факултативным элементам [7, с.67].

В связи с этим, на наш взгляд, факультативные элементы представляют собой элементы структуры налога, более конкретизирующие и уточняющие налоговое обязательство, которое не оказывают сильного воздействия на его институционализацию и определенности.

Следует отметить что, введение налоговых льгот снижает уровень налоговой нагрузки на определенные категории налогоплательщиков и поэтому выступает инструментом реализации регулирующей функции налога. В данном случае, можно говорить в случае отсутствие льгот об нейтральности налоговой системы. Наличие групп обязательных элементов налога дополняет существующих групп факультативных элементов и раскрытие последних в процессе установлении налога не обязательна, но возможна. В налоговых законодательных актах в необходимых случаях можно предусматривать налоговые льготы, который являются самым распространенным типом факультативного элемента, а также основание и других элементов для их введения и предоставление. Несмотря на то, что налоговые льготы имеют факультативный характер и выступая как элемент налогообложения, они присутствую в различных типах налогового льготирования являются механизмом взимания значительной части налоговых платежей. Все виды налоговых льгот направленны на снижение уровня налогового обязательства или формирование благоприятных условий для осуществления деятельности отдельных хозяйствующих субъектов, определенных категорий налогоплательщиков.

ЛИТЕРАТУРА

1.Бабаев Х.С. О взаимосвязи инвестиционной привлекательности свободных экономических зон и фискальной политики государства //Вестник ТГУПБП. - № 3 (59), 2014. - С.116-122.
2. Крохина Ю.А. Налоговая оптимизация: право, запрет или баланс интересов? Законодательство, № 5, 2014, с 65-72.
3.Ланг Й. Проект кодекса налоговых законов для государств Центральной и Восточной Европы / Иоахим Ланг: пер. с нем. Бонн: Федеральное министерство финансов, 1993. С. 5.
4. Саидмуродов.Л.Х Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. -Душанбе, «Ирфон»,2009,.297 с.
5.Назаров Т.Н. Некоторые проблемы развития рыночной экономики и повышения ее эффективности // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2006. - №2. - С.52-53.
6. Налоговой кодекс Республики Таджикистан, 2022. 324 с.
7.Налоги и налоговое право. / Под ред. А.В. Брызгалина. М. 1997. - 600 с.
8.Налоговые льготы. Теория и практика применения: монография для магистрантов, обучающихся по программам направления «Финансы и кредит» / под ред. И.А. Майбурова, Ю.Б. Иванова. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. - 487 с.
9.Хасси У.М. Мировое налогообложение. Основы Мирового налогового кодекса / Уорд М. Хасси. Дональд С. Любик: пер. с англ. Кембридж: Гарвардский университет, 1992. С. 16.
10. Ҷумъабоев Х.К. Масъалахои маъмурикунонии низоми андози милли дар шароити имруза. // Паёми молия ва иктисод № 3 (19),2019. - С.145-150.

УДК:338

Исмоилов М.М., Эшбоев Ҷ.А.

МАҚОМИ СОХТОРИ ШАБАКАВИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

Дар мақолаи мазкур ташаккулёбии сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёт ва аҳамияти инноватсия аз рӯи ҳаҷми шабакаҳои тақсимотии он ба ташаккулёбии сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ оварда шудааст. Барои ҷамъияти баъдииндустриявӣ компонентҳои асосии сохторҳои усули технологии истеҳсолот зеҳни инсон ва ахбор ба ҳисоб меравад. Дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёти миллӣ сохтори шабакавии инноватсионӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур ётфааст.
Вожаҳои калидӣ: иқтисодиёт, сохтори шабакавии инноватсионӣ, иқтисодиёти миллӣ, шабакаи инноватсионӣ, баҳамалоқамандии сохторҳои шабакавии инноватсионӣ.

Исмоилов М.М., Эшбоев Дж.А.

РОЛЬ ИННОВАЦИОННОЙ СЕТЕВОЙ СТРУКТУРЫ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье рассматривается формирование инновационной сетевой структуры в экономике и важность инноваций в его объёме распределяющих сетей в национальной экономике. Для постиндустриального общества основными компонентами технологического метода являются производство, человеческий интеллект и информация. В различных периодах развития национальной экономики инновационная сеть проявляется в разных формах.
Ключевые слова: экономика, структура инновационных сетей, национальная экономика, сеть инноваций, соотношение инновационных сетевых структур.

Ismailov M. M., Eshboev J. A.

THE ROLE OF INNOVATIVE NETWORK STRUCTURE IN A MARKET ECONOMY

This article discusses the formation of an innovative network structure in the economy and the importance of innovation in its volume of distribution networks in the national economy. For a post-industrial society, the main components of the technological method are production, human intelligence and information. In different periods of development of the national economy, the innovation network manifests itself in different forms.
Key words: economy, structure of innovation networks, national economy, innovation network, ratio of innovation network structures.

Комёбиҳои дар соҳаҳои технологияи ахборӣ – коммуникатсионӣ дар фаъолияти инсоният зарурияти ташаккулёбии имкониятҳои сохтори нави ташкилӣ ва инстутсионалӣ нишон дод. Ташаккулёбии сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёт оғоз гардид – яъне, сифатан шакли нави тартиботи иқтисодӣ, ки муносибатҳои иқтисодии шаклҳои бозорӣ ва иерархӣ дар иқтисодиёти миллӣ ташаккул ёфт. Барои муайаян намудани мақоми якчанд мафҳуми сохтори шабакаи инноватсиониро дидан лозим мебошад.

Инак, мафҳуми бисёри истифодабаранда чунин аст. “Сохтори шабакавии инноватсионӣ – ин сохтори ба таври систематикӣ ташкил шудаи фазои муносибатҳо дар

шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернетӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва додани технология ва маҳсулотҳои нави информатсиониро дар бар мегирад”[9, с.381]. Ҳамин тавр, фарқияти асосии сохтори шабакавии инноватсионӣ, ин ташкил ва истифодабарии фишанги таъминкунандаи нигаҳдории самаранок, гирифтан ва додани ахборот ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо, ба асоси сохтори шабакавии инноватсиноӣ мулоҳизаҳои дар бораи сохтори муносибатҳои оддӣ ва технологияи инноватсинӣ гузошта шудааст.

Дар маърӯзаи, сохтори шабакавии инноватсионӣ аз тарафи комиссияҳои Аврупо чунин муайян карда шудааст, “ Ҷамъият ҷоест, ки ҳар як ширкат ё шахс, дар нуқтаи дилхоҳи системаи иқтисодӣ ҷойгир шуда метавонанд, бо осонӣ ва бо харочоти максималӣ бо дигар ширкат ё шахс бо баҳонаи корҳои якҷоя, савдо, ивази фикрҳо ё барои завқ ба алоқа баромада метавонад. Хусусиятҳои ин мафҳум дар он аст, ки сохтори шабакавии инноватсионӣ аз ҷамъияти глобалӣ то дар сатҳи фаъолияти таҷрибавӣ маънидод карда мешавад.

Аз рӯи маълумотҳои И.Р.Свелев рушди технологияи ахборӣ ба таҳаввули системаҳои муосири иқтисодӣ, рушди механизмҳои ғайрибозории танзимот ва сохторҳои шабакавии ташкилӣ оварда мерасонад [11,с.136].

Ин хусусияти асосии сохтори шабакавии инноватсионӣ баҳамалоқамандии иқтисодиёти бозорӣ ва тартиботи амалиётҳо гузошта шудааст.

М. Кастельс, аломатҳои онро шабакаи нави корпоратсия ном гузошта, мафҳуми “иерархияи ҳамвор”-ро пешниҳод менамояд [6,с.168]. Мафҳуми "иерархияи ҳамвор" ба мутаҳидкунии принсипҳо ва нақшаҳо тааллуқ дорад, гарчанде, ки муносибатҳои ҳамвори уфуқӣ барои бозор, иерархияи барои нақша хос мебошад.

Мубодилаи ахбор дар бораи маҳсулот дар ҳамаи зинаҳои давраи ҳаётии он дар шабакаҳо (CALS-технологии) ва ҳамчун натиҷаи кам кардани арзиши ахбории нархи бозорӣ самаранокии мехнизмҳои пешниҳодшавандаро баланд менамояд. Аз тарафи дигар, аз нуқтаи назари ҳарочоти ҳамоҳангсозии элементҳои шабака бо воситаи механизмҳои бозорӣ бо кӯмаки ирсоли уфуқии ахборот самаранок мебошад. Ҳамин тавр, сохтори шабакавии инноватсионӣ механизмҳои бозорӣ ва нақшавиро дар ягонагии худ мутаҳид месозад. Сохтори шабакавии инноватсионӣ дар ду ҷабҳа зина ба зина ташаккул ёфтааст:

-ташаккулёбии муҳити ахборӣ;

-рушди иқтисодиёти шабакавӣ.

Дар парадигмаи ахборӣ рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ду усули ташаккулёбӣ ва рушди муҳити ахборӣ ва дар навбати худ сохтори шабака мавҷуд мебошад.

Роҳи аввали ташаккулёбии муҳити инноватсионӣ: барои ҷараёни аз нав истеҳсолии ҳаёти ҷамъиятии худ одамон дар муносибатҳои муайян баромад менамояд ва танҳо, дар чорчубаи ин муносибатҳо ва алоқаҳо системаи ягонаи муттаҳидшавӣ, муносибати моро дар ҷаҳон ташаккул медиҳад. Чунин намуди иртибот ва муносибат танҳо барои мақсадҳои ахборӣ таъин гардидааст, яъне мундариҷаи ҳамаи муносибатҳои байни одамон, ки дар фаъолияти ҷамъият нақш мебозад, ин муомила ба ҳисоб меравад. Худи пайдоиш ва мавҷудияти чамъияти инсонӣ сараввал бо мавҷудияти шабакаи мубодила (шабакаи алоқа) байни мамлакатҳо-аъзоёни алоҳида вобастааст [4,с.187].

Роҳи дуюмм ташаккулёбии сохтори шабакавии инноватсионӣ ин пайдоиши иқтисодиёти шабакавӣ мебошад.

Шабакаҳои ахборӣ дар худ шакли нави мутаҳидшавии фаъолияти иқтисодӣ ва субъектҳои иштирокунанда дар рушд ва инноватсия бо роҳи ташкили шабака ва шабакаҳои координасиониро нишон медиҳад. Аҳамияти инновасия аз рӯи ҳаҷми шабакаҳои тақсимотии он ба ташаккулёбии сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ оварда мерасонад. Аҳамияти сохтори шабакавии инноватсионӣ барои иқтисодиёти миллӣ бо истифодаи инновасия дар он зиёд карда мешавад.

Сухан дар он аст, ки шабакаи инноватсия арзиши ҳар яке онро баланд менамояд, бо ин сабаб арзиши инноватсия дар натиҷаи қабули қонун дар бораи зиёднамоии фоида аз ҳисоби аъзоёни нав ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тавр сохтори шабакавии инноватсионӣ дар асоси иқтисодиёти зеҳнӣ ва инноватсионии он ташаккул меёбад.

Иқтисодиёти зеҳнӣ ва инноватсионӣ – ин иқтисодиёт ба донишҳо, инноватсияҳо ва технологияҳо асос гирифта ва дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъият амалӣ шудааст.

Аз ин нуқтаи назари синтези бар меояд, ки иқтисодиётро ҳамчун дар асоси ахбор ва донишҳо мутаҳидшудаанд аз он ҷумла технологияи инноватсионӣ бо ташкили шабакаи дар ҷамъияти баъдииндустриявӣ омада муайян кардан мумкин аст.

Дар ин ҳолат мо хусусиятҳои истеҳсолот ва истемоли ахбороти ташкилӣ ва хислатҳои шабакавии иқтисодиёт ва роҳҳои ба даст овардани хусусиятҳои махсуси сохторҳои иқтисодии ҷамъияти индустриалиро дида мебароем. Ҳамин тавр, мафҳуми пешниҳодшудаи шахсии сохтори шабакавии инноватсионӣ аз нуқтаи назари мо ин шаклҳои нави технологии ташкили истеҳсолот ва фаъолияти инноватсионӣ ва фондгардонии баланд ва самаранокӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи инҳо аз ҳисоби иҷрокунии фаврӣ, кам кардани ҳароҷот ва баланд бардоштани самарнокии иқтисодиёти миллӣ ба даст оварда мешавад. Дар мафҳуми пешниҳодшуда моҳияти предметӣ-мундариҷавии сохтори шабакавии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ инъикос ёфтааст.

Сохтори шабакавии инноватсионӣ истифодабарии ахбороти хислатҳои гуногунро дар ҷараёни истеҳсолот мустақиман дар бар мегирад. Системаи ахборӣ-коммуникатсионӣ дар худ системаи интиқоли ахборро дар бар мегирад, ки он функсияи ҷамоварии ахбори ҷамъиятӣ ва таъмини дастрасии онро иҷро менамояд. Сохтори шабакавии инноватсионӣ ба потенсиали зеҳнии ҷамшуда имконияти моликияти ҷамъият ва шахсият шуданро медиҳад.

Аҳамияти зиёд ва паҳншавии ахбор ва дониш ҳамчун захираҳои иқтисодӣ ба он оварда мерасонад, ки азхудкунии ахбор ҳамчун захираи иқтисодӣ, муайянкунии нақши он ва имкониятҳои он дар иқтисодиёт яке аз масъалаҳои актуалӣ ва вазнини дар илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои тадқиқот бояд қоидаҳои назариявӣ барои ташкили системаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқие танзимкунандаи истеҳсол ва паҳншавии ахборот ба шумор равад, ки барои онро дар илми иқтисодӣ қонеъгардонидани талаботи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони ахбор ва таъмини инкишофи техникӣ-илмии ҷамъият ва рушди руҳӣ-аҳлоқии ҷамъият истифода бурда тавонад.

Дар сохтори шабакавии инноватсионӣ қисми зиёди маҷмӯи маҳсулоти дохилиӣ бо фаъолияти коркард, истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли дониш алоқаманд буда таъмин карда мешавад, ки аз рӯи принсип захираи нави дар муайянкунии рушди иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Баҳодиҳии мумайизӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми ҷамовардашудаи донишҳои инсоният дар шароити имрӯза қариб аз чор се ҳиссаи бойигариҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад, вале худи дониш бошад дар як вақт ҳамчун воситаи истеҳсолот ва ҳамчун натиҷаи асосии фаъолияти субъектҳои зиёди иқтисодии ҷамъияти ахборӣ ба шумор меравад. [5,с.10].

Сохтори шабакавии инноватсионӣ -ин мухитест, ки дар он ҳамаи намуди ширкат ва индивид дар нуқтаи гуногуни системаи иқтисодӣ қарордошта, метавонад ба таври осон ва бо ҳароҷоти кам бо дигар ширкат ва ё индивид аз рӯи технологияи ташкили истеҳсолот алоқа намояд.

Махсусан, сохтори шабакавии ахборӣ-ин ҳамкорӣ, савдо, мубодилаи ғояҳо ва ё ноу-хау ва ё қонеъгардонидани талаботи онҳо мебошад. Шарти асосии мавҷудияти сохтори шабакавии инноватсионӣ ин рушд ва паҳншавии интернет-технология ва интиқоли намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба мухити электронии интернет ва ташкили баҳамалоқамандӣ дар таҷрибаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Схемаи баҳамалоқамандии сохтори шабакавии инноватсионӣ иқтисодиёти миллӣ дар поён инъикос шудааст.



Расми 1. Схемаи баҳамалоқамандии сохторҳои шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ

Дигаргунсозии ташкилиҳо дар сохтори шабакаҳо хати амудии иерархиро дар иқтисодиёт инъикос мекунад.

Афзалиятҳои асосии ин ҷараён инҳоянд:

1. Сарфакорӣ ба ҳароҷотҳои сафарӣ аз ҳисоби кам кардани таъсиррасонии омилҳои маҳдудкунандаи ҳолати ҷуғрофии тарафҳои фаъолияти якҷоя.
2. Ихтисори ҳароҷот ба ташаккулёбии фазои ахбории корхона.
3. Баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии дохилаи корхона аз ҳисоби ташкили коллективии захираҳои ахборӣ.
4. Соддагардонии ташкили шабакаҳои институтсионалии уфуқии сохтор.

Бомувафаққият истифодабарии технологияи ахбории сохтори шабакавии инноватсионӣ ташкилотро ба сохтори шабакавӣ табдил медиҳад, ки ба он сифати навро медиҳад, аз ҷиҳати оморӣ бо шакли анъанавии пешинаи мавҷудияти он муқоисанашаванда мебошад. Афзалияти асосии ин аз беҳтаргардонии истифодабарии ҳамаи захираҳои ташкилот барои баланд бардоштани чандири он ва мутобиқшавӣ ба муаммоҳои дохила ва беруна, баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшаванда ва мутаносибан баланд бардоштани рақобатпазирӣ иборат аст. [1].

Дар адабиётҳои иқтисодиётӣ ақидаи хеле паҳнгаштаи дар бораи сохтори шабакавии инноватсионӣ ин натиҷаи системаи нақшавӣ ба ҳисоб меравад. Барои азхудкунии ин муаммо Дмитрий Миропольский Селешеваро аз нуқтаи назари синтези назариявӣ дида баромада аст. Ҳамин тавр, шабака дар ин ҳолат тарзи мавҷудияти бозор ва ба ҳам алоқамандии онҳо ба ҳисоб меравад.[7,с.16].

Дар сатҳи макро муттаҳидшавии механизми марказонидашуда ва оғози бозор, дар сатҳи микро мустаҳкамшавии принсипҳои банақшагирии дохила ва ҳамкории байналхалқӣ мебошад.

Дар сатҳи байниширкатӣ синтези таркибӣ ин принсипҳои бозор ва банақшагирии, нақшаи “конвергенсия” ва бозор мебошад. Агар нақша характери амрӣ-маъмуриро гум намояд, бозор -хислатҳои худбахудрӯйдиҳии онро гум мекунад. [8, с.43].

Инак, Брэдфорд Де Лонг и Майкл Фрумкин қайд намуданд, ки “технологияи муосир он сифатҳои дасти ноаёни системаи бозорро самаранок менамояд ва воситаи амалкунандаи ташкили истеҳсолот ва дистрибусияи маҳсулотро вайрон кардан оғоз менамояд” [1, с.2].

С. Дятлов ба он хулоса омадааст, ки ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти оммавии ахборӣ, азхудкунии муаммоҳои беқурбшавӣ ва буҳрон дар иқтисодиёти бозории бо ахбори фундаменталӣ “Муносибатҳои маҳдуди бозорӣ ва ғайрибозорӣ” мавҷуд мебошад.[5].

Дар иқтисодиёти нақшавӣ ба монанди сохтори шабакавӣ дигар намудҳои ибтидоӣ он мавҷуд мебошад, ки дар расми минбаъда иникос карда шудааст.



Расми 2. Нақшаи амалигардонии сохтори шабакавӣ дар иқтисодиёти нақшавӣ

Шакли иерархии назорат аз болои сохтори шабакавӣ аз нуқтаи назари Джоэля Подолӣ ва Карен чунин хусусиятҳои охирини худро гум мекунад:

- тасарауфи малака ва донишҳои нав;
- бадастовардани қонунӣ;
- беҳтаршавии фаъолияти иқтисодӣ;
- идоракунии вобастагии захиравӣ [3, с.4].

Хусусиятҳои иқтисодиёти шабакаҳои ахборӣ:

1) Тағйирёбии сохтори шуғл дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ бо воситаи хизматрасонии таҳсимотӣ. Автоматикунонӣ ва компутеркунонии истеҳсолот ба баландшавии ҳосилнокӣ ва сифати кор оварда мерасонад.

2) Тағйирёбии нақши омилҳои муҳити атроф дар зинаи рушди баъдииндустриявӣ вобаста бо рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва ҷамшавии партовҳои саноатӣ дар муҳити табиат. Рушди технологияи барои ҳалли ин муаммоҳо равонакардашуда.

3) Иқтисодиёти шабакаҳои ахборӣ ба рушди ҷараёни оммавишавӣ мусоидат мекунад.

4) Кам шудани хатари истеъмолкунандагон аз ҳисоби дастрасии ба ахборҳои камарзиш ва пурра ба пешгуии аниқи ҳодисаҳои имконпазир имкондиҳанда мебошад. Аммо, самаранокии пешгӯи мумкин аст аз ҳисоби афзуншавии ҳаҷми ахбори нопурра ва ё беэътимодӣ барои истеъмолкунанда паст шавад. Дар сохтори шабакавии инноватсионӣ омили асосӣ баҳамалоқамандии нарх мебошад.

Нақшаи баҳамалоқамандии сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёти бозорӣ дар расми зерин оварда шудааст.



Расми 3. Нақшаи баҳамалоқамандии нархии сохтори шабакавӣ дар иқтисодиёти бозорӣ

Дар давраи гузариш Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори шабакавии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ дар ҳолати рушд ёбанда мебошад. Гарчанде, ки барномаи универсалӣ, интегронии чунин намуди иқтисодиёт ҳоло вуҷуд надорад, таҳлилҳои фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва ҳоричӣ дар соҳаи сохтори шабакавии ахборӣ-инноватсионӣ нишон медиҳад, ки асосҳои назария ва тадқиқотҳо дар ин соҳа ба таври фаъол рушт ёфта истодааст.

Ба мафҳумҳои шакли нави иқтисодиёт нигоҳ накарда, мафҳумҳо ба якдигар муқобилият намекунад, балки якдигаро мукаммал мегардонад ва чуқуртар якдигарро маънидод менамояд. Назарияи сохтори шабакавии инноватсионӣ дар худ пуррагии барномаи методологии тавсифдиҳандаи хусусият ва хислатҳои системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро нишон медиҳад.

Усули технологии истеҳсолот хислати мутаҳидкунандаи ҳамаи компонентҳои қувваҳои истеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Ҳар як усули технологии истеҳсолот сохтори қувваҳои истесолкунандаи худро дорад.

Шабака хислатҳои баҳам алоқамандии элементҳои сохтори шабакавии инноватсиониро муайян месозад. Ҳамин тавр, мо қайд менамоем, ки рушди дурнамои сохтори шабакавии инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ бо зиёд кардани истифодабарии ахбор алоқаманд мебошад. Мукаммалгардонии сохтори шабакавии инноватсионӣ барои баланд бардоштани, гардиш аз нав истеҳсолкунӣ ва паҳншавии ахбор иборат мебошад.

Таҷрибаҳои иқтисодӣ, ки дар даҳсолаҳои охир нишон медиҳад стратегияи мамлакатҳои бо роҳи рушди саноати рафта истода, ғайрисамарнок мебошад. Ин кандашавӣ байни ахбори кӯҳна ва нави саноатӣ барои назорати ахбор имконият овард. Дар шароити ҳозира сохтори шабакавии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ дар ҳолати минбаъда қарор дорад, ва гузаштан ба он барои шумораи зиёди мамлакатҳои тараққиёфта хеле зарур мебошад. Таҳлилҳои илмӣ дар соҳаи сохтори шабакавии инноватсионӣ ва ахборӣ нишон медиҳад, ки назарияи базавӣ кор карда шудааст ва дар соҳаи тадқиқотҳо зиёд истифода бурда истодаанд, гарчанде барномаи уневерсалии чунин намуди иқтисодиёт сохта нашуда бошад ҳам.

Сохтори шабакавии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ дар худ яклухтии барномаи методологии тавсифдиҳандаи хусусият ва хислатҳои системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро нишон медиҳад, ки ба мафҳумҳои шакли нави иқтисодиёт нигоҳ накарда, мафҳумҳо ба як дигар муқобил нестанд, балки як дигарро мукаммал мегардонад.

Ҳамин тавр сохтори шабакавии инноватсионии ҷамъияти баъди индустриявӣ, махсусан истеҳсолот ва истеъмолии ахбор хислати ташкилӣ ва шабакавии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Нақши он барои ҷамъияти баъди индустриявӣ компонентҳои асосии сохтори технологӣ истеҳсолот зеҳни инсон ва ахбор ба ҳисоб меравад ва шабака хислатҳои баҳаалоқамандии элементҳо, системаҳои иқтисодии ахбор мебошад. Қайд менамоем, ки рушди дурнамои сохтори шабакавии инноватсионӣ бо зиёдшавии истифодабарии ахбор алоқаманд мебошад. Мукаммалгардонии сохтори шабакавии инноватсионӣ барои баланд бардоштани гардиши азнавистеҳсолкунӣ ва паҳнкунии ахбор иборат аст.

АДАБИЁТ

1. Bradford De Long, J. The Next Economy [Электронный ресурс] / J. Bradford De Long, A. Michael Froomkin [Internet Publishing and Beyond: The Economics of Digital Information and Intellectual Property (Cambridge: MIT Press)]. - 1997. - Режим доступа: http://www. law. miami. edu/~froomkin/articles/new econ. htm, свободный (дата обращения: 21.01.2013)
2. Brynjolfsson, E. Information Technology and Productivity: A Review of the Literature [Электронный ресурс]/ E. Brynjolfsson, S. Yang.// Cambridge, Massachusetts: MIT Sloan School of Management. - 1996 February, - Режим доступа: http://ccs.mit.edu/CCSWP202/index.html, свободный (дата обращения: 01.08.2011)
3. Podolny, J. M. Network Forms of Organization/ J. M. Podolny, K. L. Page// Annual Review of Sociology - ANNUREV SOCIOL. -1998. - vol. 24. - №. 1. - p. 57-76
4. Дятлов С.А. Субстанционально-информационная парадигма развития общества/ С.А. Дятлов // Социально- экономические проблемы информационного общества. - Сумы: Университет книга, 2005 - с. 183-213

5. Дятлов, С.А. Информационный императив и глобальный кризис рыночной цивилизации Текст. / С.А. Дятлов // Экономическая теория на пороге XXI века-3 / Под ред. Ю.М. Осипова, Е.С.Зотовой. М.: Юристъ, 2000. -С. 243-271.
6. Кастельс М. Информационная эпоха: Экономика, общество и культура / М. Кастельс; Пер. с англ. [Б.Э.Верпаховский и др.] под науч. ред. проф. О.И. Шкаратана; Гос. ун-т Высш, шк, экономики. - М.: ГУ ВШЭ, 2000. - 606 с.
7. Миропольский, Д.Ю. Сеть как форма хозяйственной системы/ Д.Ю. Миропольский// Государство и рынок: новое качество взаимодействия в информационно-сетевой экономике / Под. ред. проф. С.А.Дятлова, проф. Д.Ю.Миропольского, проф. В.А.Плотникова. Т.1. - СПб: Астерион, 2007. - с. 10-16
8. Мухаровский, Н.В. Трансформация как форма преобразования экономики России в переходный период: Монография/ Н.В. Мухаровский. - Омск: Омск, гос. ун-т., 2004. - 303 с.
9. Основы теоретической экономики/ Под ред. Д.Ю. Миро польского: Учебник.-СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2008.-с.296
10. Хорошилов, А. В. Генерация новых знаний на основе доступа к мировым информационно- образовательным ресурсам / А. В. Хорошилов //Реинжиниринг бизнес-процессов на основе современных информационных технологий системы управления знаниями: сб. науч. трудов. - М. 2005. - С. 10-15. (5)
11. Цвылев Р.И., Постиндустриальное развития. Уроки для России. /Р.И.Цвылев. - М.: Наука, 1996, - 206 с.

УДК 336.76

Имомов М.Қ.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ: ЗАРУРАТ, ТАСНИФОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ОН

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии қарзи давлатӣ ва хусусиятҳои он омӯхта шуда, доир ба зарурат, моҳият ва таърифи қарзи давлатӣ андешаҳои олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Ҷиҳати муайянсозии моҳият ва мафҳуми қарзи давлатӣ, алоқамандӣ ва вобастагии байни унсурҳои таркибии сиёсати молиявӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт шарҳ дода шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати таҳлилҳои минбаъдаи қарзи давлатӣ таснифоти онҳо пешниҳод карда шуда, сохтори қарзҳои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Дар мақола бо мақсади танзими муносибатҳои қарзи давлатӣ номгӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: қарз, қарзи давлатӣ, таснифот, қарзҳои дохилӣ, қарзҳои берунӣ, хизматрасониҳои қарзи давлатӣ, қарзҳои ҷорӣ, қарзҳои асосӣ, фоизи қарз.

Имомов М.К.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО ДОЛГА: НЕОБХОДИМОСТЬ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ОСОБЕННОСТИ ЕГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

В статье изучены теоретические аспекты государственного долга и его характеристики, а также исследованы мнения отечественных и зарубежных ученых и экономистов относительно необходимости, сущности и определения государственного

долга. Разъяснен аспект определения сущности и понятия государственного долга, взаимосвязь и зависимость между составными элементами финансовой политики и их роль в развитии экономики. При этом для дальнейшего анализа государственного долга представлена их классификация, а также представлена структура внешнего долга Республики Таджикистан. В статье представлен перечень нормативно-правовых документов в целях регулирования государственных долговых отношений.

Ключевые слова: долг, государственный долг, классификация, внутренние долги, внешние долги, обслуживание государственного долга, текущие долги, капитальные долги, проценты по долгам.

Imomov M.K.

PUBLIC SERVICE IN THE MARKET ECONOMY: PRINCIPLES, CLASSIFICATION, KHARACTERISTICS AND THEIR REGULATIONS

The article studies the theoretical aspects of public debt and its characteristics, as well as the opinions of domestic and foreign scientists and economists regarding the necessity, essence and definition of public debt. The aspect of determining the essence and concept of public debt, the relationship and dependence between the constituent elements of financial policy and their role in the development of the economy are explained. At the same time, for further analysis of public debt, their classification is presented, as well as the structure of the external debt of the Republic of Tajikistan. The article presents a list of legal documents for the purpose of regulating public debt relations.

Keywords: debt, public debt, classification, internal debts, external debts, public debt servicing, current debts, capital debts, interest on debts.

Дар шароити муосир бо назардошти ҳамаи мушкилоту муаммоҳо иқтисодиёти ҷаҳон бо як суръати хеле баланд рушд карда, боиси пайдоиш ва пешниҳоди масъалаҳои гуногун дар ҳамаи самтҳо дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва минтақаҳо гардидааст. Рушди иқтисодиёти ҳар як давлат аз фаъолияти дурусти сохтору ниҳодҳои таркибии он вобастагии калон дорад. Ҳамин аст, ки дар таркиби иқтисодиёт ё худ фаъолияти хоҷагидорӣ мафҳуми қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба вуҷуд омада, мавқеи худро муайян намудааст. Дар шароити имрӯза қарз ба сохтори сиёсати молиявӣ дохил шуда, ҳамчун фишанги молиявӣ таъсири худро ба фаъолиятҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди иқтисодиёти кишварҳо расонида, вобастагии мутақобиларо ба вуҷуд овардааст.

Қарз аз сатҳи аҳолӣ, корхона ва дигар субъектҳои иқтисодӣ ба сатҳи муносибатҳои нисбатан васеи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ворид шуда, зуд нақши худро дар ташаккули равандҳои иқтисодии сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ, давлатӣ ва байналхалқӣ пайдо намудааст. Ҳоло рушди иқтисодиёти ягон давлатро бе муносибатҳои қарзи давлатӣ тасаввур кардан номумкин аст. Ҷараёни ташкили қарзи давлатӣ дар асоси принсипҳои қарз (қарзи бонкӣ) ба роҳ монда мешавад. Қарзи давлатӣ ҳамчун як низоми махсус ба мисли низоми буҷетӣ, андозӣ, гумрукӣ, сармоягузорӣ, нархгузорӣ, пулию қарзӣ ва асъорӣ ба таркиби низоми молиявии мамлакат шомил гардида, мақсади он фароҳам овардани шароити мусоиди молиявӣ ҷиҳати пардохти норасоиҳои молиявии давлатӣ ва амалигардонии барномаҳои стратегии таҳиягардидаи мақсадноки рушди соҳаҳои мухталифи кишвар мебошад.

Расми 1. – Алоқамандии байни давлат ва низомҳои сиёсати молиявӣ
Таҳияи муаллиф.

Қарзи давлатӣ ин захираҳои молиявии озодмондаи аҳолӣ, соҳибкорон, субъектҳои хоҷагидорӣ, ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ мебошад, ки пеш аз ҳама барои пӯшонидани норасоии буҷети давлатӣ ва дигар мақсадҳои мушаххас гирифта мешавад.

Ба таркиби қарзи давлатӣ воситаҳои пулии қарзӣ, воситаҳои пулии сармоягузоришуда, воситаҳои пулии аз фурӯши қоғазҳои қиматнок бадастомада ва воситаҳои пулии грантӣ дохил мешаванд.

То ҳол мафҳуми «қарзи давлатӣ» таърифи ягона ва мушаххас надорад. Аз ин хотир, доир ба мафҳум ва зарурати қарзи давлатӣ олимону иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ фикру ақидаҳои худро ба таври гуногун баён намудаанд. Бо мақсади таҳлилҳои минбаъда, зарур аст, ки мафҳум ва моҳияти қарзи давлатӣ муайян ва мушаххас карда шавад. Аз ин хотир, ҷиҳати муайян намудани моҳият, зарурат ва мафҳуми «қарзи давлатӣ» ва нақши он дар иқтисодиёт, нуқтаи назари чанде аз олимони дунё мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Дар муайянсозии зарурият, мафҳум ва масъалаҳои қарз ва муносибатҳои қарзи давлатӣ хизмати олимону мутафаккирони классикии иқтисодӣ, ба монанди Д.Хюм, А.Смит, Д.Рикардо, Ҷ.Милл, Т.Чалмерс, Ҷ.Кейнс, К.Маркс, Ч. Бастебл, А.Лернер, Ф.Модилян, Л.Мауер, Ж.Б.Сей, Леруа-Боле ва дигарон, бузург буда, ҳар яки онҳо вобаста ба самтҳои гуногуни муносибатҳои қарзи давлатӣ ибрози андеша намуда, афкори судманд пешниҳод кардаанд.

Олими машҳури англис Дэвид Хюм, доир ба масъалаҳои қарзи давлатӣ ибрози андеша намуда, ақидаҳои меркантелистон, ки «кишвар аз қарз камбағал намешавад, зеро ин қарзҳо асосан ба худашон дахл доранд ва ба кас ҳамон қадар молу мулк меоранд, ки аз дигарон мегиранд»-ро рад намуда, онро натиҷаи «бевиҷдонона» ва «муқоисаҳои рӯякӣ» номидааст [2]. Инчунин, Д.Хюм норозигии худро нисбат ба қарзҳои давлатӣ чунин баён карда буд: «Вазир бесаброна аст, ки ба ин воситаҳо муроҷиат кунад, то мардумро аз ҳад зиёд андоз наситонад ва ба танқиди мардум гирифтор нашавад. Аз ин рӯ, ҳар ҳукумат қариб ногузир қарзро сӯиистифода мекунад... Дар натиҷа... ё миллат қарзи давлатро нест мекунад, ё қарзи давлатӣ миллатро несту нобуд мекунад» [3]. Ба ақидаи Д.Хюм, давлат бояд қарз нагирад, зеро қарз самараи хуб надошта, балки метавонад давлату миллатро аз байн барад.

Яке аз олимони машҳури англис Адам Смит низ роҷеъ ба қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи давлат ибрози ақида карда, таъкид намудааст, ки қарзи давлатӣ ин ба мисли «кӯчаи ҳаракаташ яктарафае, ки ба он гузар кардед, баргаштанаш мумкин нест», монанд мебошад. Бо ин ақидаи худ ӯ таъкид намудааст, ки қарз барои давлат зараровар буда, аз он дур будан хубтар аст [4]. Ӯ нисбат ба муносибати давлат бо қарз чунин мешуморид, ки

давлат ҳангоми гирифтани қарз дар ташаккулу бунёди сарват ва кафолати озодиҳои мардум бетараф аст. Давлат пасандозҳои мардумро аз савдо ва саноат ҷудо мекунад, ки ин имкон медиҳад «тарзи ҳаёти бетартибона» пеш бурда шавад. Давлат бо ба вуҷуд овардани имкониятҳои пӯшонидани касри буҷет (дефитсит) ва пардохти қарзи гирифташуда, сармоягузории хусусиро аз муомилоти саноатчиёну тоҷирон мегирад. Адам Смит давлатро менеҷери хеле бад ҳисобида, қайд мекунад, ки вай «ба идоракунии дурусти ягон қисми махсуси сармоя ҳавасманд нест». Ба ақидаи А.Смит, бори асосии қарз на андозҳое мебошанд, ки барои адои қарз бояд ситонида шаванд, балки нобудшавии сармоя дар вақти ба вуҷуд омадани қарз, яъне аз истеҳсолоти миллӣ ба хароҷоти ғайриистеҳсолии давлат гузаронидани захираҳо мебошад [4].

А.Смит, ба мисли Д.Хюм ақидаеро, ки фоизи қарзи дохилӣ барои ҷомеа зиёновар нест, рад намуд. Ӯ қайд намудааст: «Мегӯянд, ки ҳангоми пардохти фоизи қарзи ҷомеа дасти рост бо дасти чап пардохт мекунад. Пул аз кишвар намебарояд... ва миллат камбағалтар намешавад. Ин узрхоҳӣ комилан ба софистикии низоми меркантилистӣ асос ёфтааст». Яъне бо ин гуфтаҳо А.Смит дар назар дошт, ки қарз ба давалату миллат фоида намеорад. Инчунин, А.Смит ба рафиқаш Д.Хюм гуфтааст: «Қарзҳои азиме, ки ҳоло тамоми давлатҳои бузурги Европаро пахш мекунанд ва дар оянда шояд нобуд мекунанд, пеш рафта истодаанд» [5, с.24].

Олими англис Давид Рикардо қарзро «яке аз мусибатҳои даҳшатнок» номида, чунин навиштааст: «пардохти фоизи қарзи миллӣ мамлакатро зулм мекунад ва бекор кардани он ба кишвар сабукӣ меорад. Танҳо бо роҳи сарфаи даромад ва худдорӣ кардан аз хароҷот сармояи миллиро зиёд кардан мумкин аст. Дар сурати аз байн рафтани қарз даромад зиёд намешавад ва хароҷот кам намешавад» [6]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ӯ зидди қарзи давлатӣ буда, пешниҳод намудааст, ки давлат метавонад берун аз муносибатҳои қарзӣ бо роҳи истифодаи самараноки даромадҳои давлатӣ ва кам кардани хароҷотҳо рушди иқтисодиёти мамлакатро таъмин намояд.

Дар асарҳои худ олими дигари англис Ҷон Стюарт Милл қарзро вобаста ба шароити пайдоиш ҳамчун «бад» ва «хуб» муаррифӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, қарзи «бад» ин қарзе мебошад, ки маблағҳоро аз иқтисодиёте, ки дар соҳаи истеҳсолот кор мекунанд, мегирад. Қарзи «хуб» ин маблағҳои иловагии ҷалбшудае мебошанд, ки дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд. Инчунин, Ҷ.С.Милл ба бахши давлатӣ ҷалб намудани сармояи дар истеҳсолоти хусусӣ ба кор андохташударо бо зулми коргарон баробар кардааст. Кам кардани қарзҳои аз ҳисоби музди меҳнат бавуҷудомадаро амали бадтарин ҳисобидааст. Ҷ.Милл ба ақидаҳои А.Смит дар хусуси он ки «қарз сармояро нест мекунад», розӣ буд. Ҷ.Милл доир ба бори гарони қарз низ сухан ронда, қайд намудааст, ки «бори гаронии қарз он вақт рух медиҳад, ки захираҳо аз бахши хусусӣ ба бахши давлатӣ ҳаракат кунанд. Ин бори гарони наслҳои оянда мебошад, ки барои адои қарз дар шакли пардохти андозҳои иловагӣ ба вуҷуд меояд» [7]. Ба ақидаи Ҷ.Милл ҳолати имрӯзаи қарзи гирифташуда, бори пардохти насли оянда аст, ки дар шакли андозҳо ва ё ҳар гуна пардохтҳои иловагӣ ҷуброн карда мешавад.

Аз натиҷаи таҳлилҳои худ олими шотланди Томас Чалмерс хулосаи амалӣ бароварда қайд менамояд, ки «ягон хел қарз нест - давлат бояд хароҷотҳои худро танҳо аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ пӯшонад» [8]. Яъне ба ақидаи Т.Чалмерс давлат бояд тамоман қарз нагирад ва тамоми хароҷотҳо аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ таъмин карда шаванд.

Олимону мутафаккирони назарияҳои гуногуни иқтисодии хориҷӣ дар умум ба он ақидаанд, ки қарз сармояро хароб мекунад, ба давлат самара намеорад, балки он ҳамчун манфиатҳои гурӯҳи муайяни вазифадорони давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба наслҳои ояндаи давлату миллат ҳамчун бори қарз боқӣ мемонад ва боиси болоравии меъёри андозҳо мегардад. Дар шарҳҳои додаи онҳо нисбат ба маҳфуми «қарзи давлатӣ» танҳо норозигии онҳо нисбат ба қарзи давлатӣ баён гардидааст.

Масъалаҳои танзим, идоракунӣ, хизматрасонӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои қарзи давлатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт дар асарҳои олимони муосири рус ва дигар давлатҳо, ба монанди Вавилов Ю.Н., Сангинова Л.Д., Свишева В.А., Климчук С.В., Егоркина Т.А., Лукач А.А., Чайковская Л.А., Шарипов И.И. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, доир ба моҳият, зарурат ва таърифи қарзи давлатӣ ибрози ақида кардаанд.

Олими рус Вавилов Ю. доир ба қарзи давлатӣ таҳқиқотҳои илмӣ бурда, асарҳо иншо намудааст. Дар асари худ бо номи «Қарзи давлатӣ» доир ба моҳияти қарзи давлатӣ диққати бештар дода, қайд намудааст, ки муносибатҳои қарзи давлатӣ вобаста ба хусусиятҳои амалиётӣ дар шаклҳои уҳдадории қарзӣ (государственных заимствований), кафолати давлатӣ (государственных гарантий) ва қарзи давлатӣ (государственных кредитов) ба вуҷуд меоянд. Ӯ ба қарзи давлатӣ чунин таъриф додааст: «қарзи давлатӣ ин муносибатҳои махсуси пулии вобаста ба азнавтақсимкунии як қисми арзиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва сарвати миллӣ мебошад, ки бо ташаккули фонди иловагии ба буҷети захираҳои молиявии мақомоти давлатӣ алоқаманд ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар асоси баргардонидан ё додани кафолат вобаста мебошад» [9, с.7]. Ба ақидаи ӯ қарзгирии давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ падидаҳои хусусияти гуногундошта мебошанд. Қарзи давлатӣ аз ҷониби худи давлат бо мақсади ба даст овардани захираҳои молиявии иловагӣ амалӣ карда мешавад ва кафолатҳои давлатӣ ба шахсони дигар бо мақсади мусоидат намудан ё фароҳам овардани имконияти гирифтани қарз дода мешаванд.

Роҷеъ ба моҳияти қарзи давлатӣ ва маҳаллӣ Сангинова Л.Д. ибрози андеша намуда, аз уҳдадориҳои давлатӣ (маҳаллӣ) ва кафолати давлатӣ (маҳаллӣ) таркиб ёфтани қарзи давлатӣ (маҳаллӣ)-ро пешниҳод намудааст [10. с.11]. Ӯ дар сохтори пешниҳод намудаи худ, ақидаи Юрий Вавиловро «оид ба муносибатҳои қарзи давлатӣ вобаста ба хусусиятҳои амалиётиашон» такмил додааст.

Сангинова Л.Д. дар асарҳои худ масъалаҳои қарзи давлатиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, мафҳуми онро такмил дода, ба он таърифи мухтасар ва васеъ додааст. Дар таърифи мухтасар ӯ чунин қайд намудааст: «қарзи давлатӣ (маҳаллӣ) ин ӯҳдадориҳои қарзии шахсони ҳуқуқии ҷамъиятие мебошад, ки дар натиҷаи қарзгирии давлатӣ аз субъектҳои хоҷагидор дар дохили кишвар ё берун аз он, инчунин додани кафолатҳои давлатӣ ба шахсони сеюм ба вуҷуд меоянд». Ба таври васеъ қарзи давлатиро чунин шарҳ додааст: «қарзи давлатӣ (маҳаллӣ) ин уҳдадориҳои қарзии тамоми бахши идоракунии давлатӣ, аз ҷумла кафолатҳои давлатии ба шахсони сеюм дода шуда, ба истиснои уҳдадориҳои қарзии субъектҳои бахши идоракунии давлатии ҳар як давлат мебошад» [10. с.15-16].

Олими дигари рус Свишева В.А. доир ба қарзи давлатӣ ибрози андеша намуда, ба он чунин таъриф додааст: «қарзи давлатӣ (маҳаллӣ) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар он давлат, субъектҳои он ва мунитсипалитетҳо ҳамчун кредиторон, қарзгирандагон ё кафилҳо баромад мекунанд» [11. с.432].

Шарипов И.И. қарзи давлатиро чунин шарҳ додааст: «қарзи давлатӣ нишондиҳандаи захиравие мебошад, ки дар як вақти муайян дар муқоиса бо касри буҷети давлатӣ, ки ченаки ҷараён аст (дар як сол), ҳисоб карда мешавад» [12. с.486].

Ҷанбаҳои назариявии қарзи давлатӣ ва механизмҳои идоракунии қарзҳои берунӣ аз ҷониби олимони тоҷик Ҷабборов Ф.А., Султанов З.С., Саидмуродов М.А., Ҳасанов М.Ю., Умаров Х.Ч., Комилов С.Д., Солиев А.М., Назаров Т.Н., Раҳимов Р.К., Каюмов Н.К., Улуғхоҷаева Х.Р., Шарипов Б.М., Шарипов И.М., Аминов Р.Ҷ., Шарипов Ф.Х., Айнидинов М.М. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, доир ба такмили мафҳум, моҳият ва зарурати қарзи давлатӣ як қатор ақидаҳо иброз гардидаанд.

Ба ақидаи олими тоҷик Шарипов И.М. «Қарзи давлатӣ ин натиҷаи муносибатҳои пулӣ мебошад, ки дар навбати худ бо ҳаракати маблағҳои муваққатан озоди молиявӣ аз сектори хусусии миллӣ ё аз хориҷа ба буҷети давлатӣ дар асоси принсипҳои қарзгирӣ ба вуҷуд меояд. Қарзи давлатӣ натиҷаи муносибатҳои пулӣ мебошад, ки дар он давлат ҳамчун

қарзгир баромад мекунад ва тамоми маблағи сармояи қарзӣ маблағи қарзи давлатӣ мебошад» [13, с.162].

Олимони тоҷик Аминов Р.Ҷ., Шарипов Ф.Х. ва Айнидинов М.М., чунин мешуморанд, ки «Қарзи давлатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие, ки миёни давлат ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба вуҷуд омада, дар ин муносибатҳо давлат ҳамчун қарзгиранда ва кафолатдиҳандаи баргардонидани маблағҳои қарзӣ баромад мекунад». Дар амалия қарзи давлатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ барои таъмин кардани робита байни сиёсати фискалӣ ва монетарии давлат истифода бурда мешавад [14, с.194].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили андешаҳо ва пешниҳодҳои олимону иқтисоддонҳои хориҷию ватанӣ доир ба моҳият ва таърифи қарзи давлатӣ, хулоса бароварда, метавон гуфт, ки ҳар яки онҳо бо назардошти замон ва шароити худ андешаҳои худро ҷиҳати такмили мафҳум ва таърифи қарзи давлатӣ пешниҳод намуда, онро дар як шакли хеле фаҳмо оварда расонидаанд. Лекин, то ҳол мафҳум ва ё таърифи ягонаи он ҳамчун категорияи иқтисодӣ шинохта нашудааст. Аз ин хотир, боварӣ дорам, ки таҳқиқи минбаъдаи самтҳои гуногуни қарзи давлатӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон ба як мафҳуми ягона, ҳамчун категорияи иқтисодӣ оварда расонидани он мусоидат хоҳад кард.

Дар шароити имрӯза, ҳар як давлат вобаста ба низомҳои идоракунӣ ва рушди иқтисодиёти миллии худ, ҷиҳати таъмини самаранокии истифодаи воситаҳои пулии қарзи давлатӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии муайянро қабул намудааст. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» (соли 1999, №12, мод. 326) қабул гардида, тибқи он мафҳуми қарзи давлатӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Қарзи давлатӣ ин маблағи гирифташуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи давлатӣ дар муҳлати муқарраргардида мебошад» [1, с.1].

Дар асоси таҳлилҳои овардашуда, ба таври хулоса ба қарзи давлатӣ чунин таъриф додан мумкин аст: Қарзи давлатӣ ин маҷмӯи маблағҳои аз тарафи давлат ва мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар шакли воситаҳои пулӣ ва ё уҳдадориҳои молиявӣ дар асоси барориши қоғазҳои қиматнок ва шартномаҳо аз аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ гирифташуда ва ё аз ҳисоби напардохтани фоизҳои қарз ҷамъшуда ва кафолатдодашудае мебошанд, ки дар муҳлати муайяншуда бояд пардохт карда шаванд. Қарзи давлатӣ маблағҳои гирифташуда ва фоизҳои ҳисобшудаи онҳоро дар бар мегирад.

Таъмини самаранокии истифодаи воситаҳои қарзи давлатӣ талаб менамояд, ки барномаю стратегияҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади танзими саривақтии воситаҳои пулии қарзи давлатӣ таҳия карда шаванд. Аз ин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои ба даст овардани истиқлолият, мустақилона муносибатҳои вобаста ба қарзи давлатии худро ба роҳ монда истодааст. Муносибатҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» (Ахбори Маҷлиси Олии Тоҷикистон соли 1999, №12, моддаи 326);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Низомномаи Сарраёсати қарзи давлатӣ ва дороиҳои молиявии давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Тавзеҳот ба Нақшаи дохилиидоравии миёнамуҳлати ислоҳоти идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Маблағҳои дар шакли қарз гирифтаи давлат ҳамчун захираҳои молиявии давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади истифодаи самараноки онҳо такмили усулҳои танзими қарзи давлатӣ зарур аст.

Дар шароити имрӯза қарзи давлатӣ ҳамчун сармояи қарзӣ ба кишвар ворид гардида, дар баробари мусоидат намудан дар бартарафсозии касри буҷет, ҳамзамон, нақши худро дар рушди иқтисодиёт, махсусан соҳаҳои афзалиятноки кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои азими стратегӣ, пардохт кардани ҳаққи хизматрасониҳо, ташкили техника ва технологияи муосир дар истеҳсолот мегузорад.

Яке аз ҷанбаҳои мусбат арзёбигардидаи ташкили муносибатҳои қарзи давлатӣ дар он мебошад, ки тибқи стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои давраи муайян дар таркиби қарзи давлатӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо пешниҳоди маблағҳои грантӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамчун сармояи иловагӣ метавонанд ба иқтисодиёти мамлакат хизмат намоянд.

Солҳои охир аз ҷониби давлатҳои тараққикарда бо мақсади дастгирии молиявӣ қарзҳои имтиёзнок пешкаш шуда истодааст. Ташкил ва истифодаи чунин қарзҳои имтиёзнок дар рушди соҳаҳои истеҳсолот ва бунёди корхонаҳои саноатӣ аз манфиат холӣ нест.

Дар шароити имрӯза қарзи давлатӣ ҳамчун воситаҳои молиявӣ истифода мегарданд, аз ин лиҳоз, метавонанд таъсири худро мусбат ва ё манфӣ дар бахшҳои гуногуни сиёсати молиявӣ: қурби асъор, сатҳи таваррум, сохтори сандуқи қарзӣ, ҳаҷми пул, даромад ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ, касри буҷет, сармоягузориҳо, воридоту содирот, хизматрасониҳо ва ғайра расонанд. Бинобар ин, таъмини самаранокии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи идораҳои давлатие, ки масъули сарфи маблағҳои қарзи давлатӣ мебошанд, ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои асосии танзими қарзи давлатӣ дар шароити имрӯза гурӯҳбандӣ ва ё таснифоти дурусти онҳо ба шумор меравад, зеро коршиносону муҳаққиқон давлатҳоро вобаста ба ҳаҷм, намуд, шакл, мавқеъ ва сатҳи қарздориашон гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ менамоянд. Вобаста ба ин, қарзи давлатиро чунин тасниф намудан мумкин аст:

Расми 2. – Таснифоти қарзи давлатӣ
Таҳияи муаллиф.

Аз рӯи мансубият қарзҳои давлатӣ тибқи таснифоти овардашуда, ба қарзҳои давлатии дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд. Қарзҳои берунӣ дар асоси шартномаҳо ва созишномаҳо аз ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хоричӣ гирифта мешаванд. Дар маҷмӯи қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи зиёдро қарзҳои берунӣ ташкил медиҳанд.

Сохтори қарзҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи категорияҳои қарзгирандагон, қарздиҳандагон ва асъори қарз гирифташаванда аз ҳам фарқ мекунанд.

Ба сохтори қарзи беруна аз рӯи категорияи қарзгиранда дохил мешаванд:

- қарзи мустақими давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматгузорӣ карда мешавад;
- қарзҳо аз рӯи кредитҳо, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ХБА ҷалб карда шуда, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон хизматгузорӣ карда мешаванд;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ;
- қарзи корхонаҳои давлатӣ бе кафолатҳои давлатӣ;
- қарзҳои дигари давлат, ки дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ ташаккул ёфтаанд.

Дар сохтори қарзи давлатӣ қисми зиёди қарзҳои беруна ба қарзҳои мустақими давлатӣ рост меоянд.

Қарзҳои давлатии дохилӣ дар асоси барориши қоғаҳои қиматнок ва ухдадориҳои қарзӣ аз субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорону аҳолӣ гирифта мешаванд. Аз нигоҳи ҷалби сармоя қарзҳои давлатии берунӣ манфиатнок ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо ҳамчун сармояи иловагӣ бо назардошти қарзҳои имтиёзнок ба кишвар ворид карда мешаванд. Дар ин сурат, сармояи миллӣ зиёд гардида, имкониятҳои рушди бахшҳои гуногуни иқтисодиёт фароҳам оварда мешавад.

Қарзҳои давлатии дохилӣ бошад, аз нигоҳи хавфи қарз манфиатнок ба ҳисоб мераванд, зеро дар сурати ба вуҷуд омадани касри зиёди буҷети давлатӣ субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ давлатро дастгирӣ менамоянд.

Вобаста ба асъор қарзҳои давлатӣ ба асъори миллӣ ва хориҷӣ ҷудо мешаванд. Яъне, дар шароити имрӯза қарзҳои давлатӣ ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ гирифта мешаванд. Ҷалби маблағҳои қарзӣ бо асъори миллӣ самараи бештар медиҳанд, зеро ҳангоми бо асъори хориҷӣ ворид гардидани маблағҳои қарзӣ зарурати пардохти маблағи қарзи асосӣ, фоизи онҳо ва фарқияти қурбӣ ба миён меояд.

Аз рӯи вақти баргардонидан қарзҳои давлатӣ ба асосӣ ва ҷорӣ ҷудо мешаванд. Қарзҳои асосӣ ҳамаи он маблағҳои қарзи давлатиро меҳисобанд, ки ҳоло вақти пардохташон нарасидааст. Қарзҳои ҷорӣ бошад, ҳамаи он маблағҳои қарзи давлатӣ ва фоизи онҳо мебошанд, ки муҳлати пардохташон расидааст. Ҳар сол ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ» анзодаи пардохти қарзҳои ҷорӣ ба нақша гирифта шуда, иҷро карда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 326).
2. Hume, D. Of Public Credit, Essays Moral [Text] / D. Hume // Political and Literary. - London, 1882. - Vol. I. – P.12-24.
3. Hume, David. Writings on economics. Edited and introduced by E. Rotuein, London, Thomas Nelson and Sons Ltd, 1955.
4. Smith, Adam. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations, 1776, Book Five, Charter I. Part 1. http://www.ecn.bris.ac.uk/het/smith/wealbk05.
5. Алехин, Б.И. Государственный долг: пособие для студентов академии бюджета и казначейства. – М., 2007. Smith, Adam. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations, 1776, Book Five, Charter I. Part 1, http://www.ecn.bris.ac.uk/het/smith/wealbk05.
6. Ricardo, David. On the Principles of Political Economy and Taxation. John Murray. 1821. Library of Economics and Liberty, p. 246, http://www.econlib .org/library/ Ricardo/ ric P2.html.

7. Mill, J.S. Principles of Political Economy. L., 1909. 7 the d. Book 5.Chapter. htpp://socserv2.socsci.mcmaster.ca/~econ/ugcm/3113/mill/prin/book5/bk5ch07
8. Chalmers, T. On the political Economy, in connection with the Moral State and Moral Prospects of the Society. New York: Published by Daniel Appleton, 1832. p.351-364.
9. Вавилов, Ю.Я. Государственный долг: Учебное пособие для ВУЗов. Изд. 2-е, доп. – М.: Перспектива, 2004. – С.144.
10. Сангинова, Л.Д. Государственный и муниципальный долг: учебное пособие / Л.Д. Сангинова. – Москва: КНОРУС, 2021. – 170 с. – (Бакалавриат).
11. Свишева, В. А. Государственные и муниципальные финансы. – М.: Дашков и Ко, 2010.
12. Шарипов, И.И. Журнал «Мировая наука» №4(25) 2019. – С. 484-487. science-j.com.
13. Шарипов, И. М. Асосҳои назариявии идоракунии қарзи давлатӣ / И.М. Шарипов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – No 1-4-2(92). – С. 160-165. – EDN TWAQQM.
14. Аминов, Р. Ҷ. Қарзи берунаи давлатӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ / Р. Ҷ. Аминов, Ф. Х. Шарипов, М. М. Айнидинов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – No 1-4-2(92). – С. 194-197. – EDN TOTUFO.

УДК-336

Коситова У.О., Бобоев И.С.

САМТҲОИ ТАКОМУЛИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба самтҳои такомули сиёсати молиявӣ дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар он чунин мафҳумҳо ба монанди “сиёсати молиявӣ”, субъект ва объекти сиёсати молиявӣ, мундариҷаи сиёсати молиявӣ ва самтҳое дида баромада шудаанд, ки ба такомули сиёсати молиявӣ мусоидат менамоянд.

Вожаҳои калидӣ: сиёсати молиявӣ, сиёсати иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, сатҳи ҳокимият, буҷаи маҳаллӣ, низоми молиявии давлат, ҳокимияти иҷроия, ҳокимияти қонунгузор, манбаъҳои молиякунонӣ, дефетсит, профитсит ва самтҳои такомули сиёсати молиявӣ

Коситова У.О., Бобоев И.С.

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ФИНАНСОВОЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Статья посвящена пути совершенствования финансовой политики в современных условиях. В ней рассматриваются такие понятия как “финансовая политика”, субъект и объект финансовой политики, содержание финансовой политики и пути, которые содействуют совершенствованию финансовой политики.

Ключевые слова: финансовая и экономическая политика, развитие экономики, уровни власти, государственный и местный бюджеты, государственная финансовая система, исполнительная власть, законадательная власть, источники финансирования, дефецит, профицит и пути совершенствования.

Kositova U.O., Boboev I.S.

WAYS TO IMPROVE THE FINANCIAL POLITICS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

The article is devoted to the ways of improving the financial politics in modern conditions. It examines such concepts as "financial politics", the subject and object of financial politics, the content of financial politics and ways that contribute to the improvement of financial politics.

Key words: financial and economic politics, economic development, levels of government, state and local budgets, state financial system, executive power, legislative power, sources of financing, deficit, surplus and ways to improve.

Ба касе пӯшида нест, ки барои фаъолияти бомуваффақият ва рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар зарур аст, ки мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ ухдадориҳо ва вазифаҳои худро иҷро намоянд, ки ба таъмини суботи иқтисодӣ, рушди соҳаи иҷтимоӣ, баланд бардоштани дарачаи зиндагонии аҳолӣ ва ғайра алоқаманданд. Барои амалигардонии вазифаҳои номбаршуда базаи молиявии фаъолияти мақомотҳои ҳокимиятӣ, инчунин ба танзим даровардани муносибатҳои молиявӣ дар ҷамъият ва ташкили механизми молиявии амалигардонии онҳоро ташаккул додан лозим аст, ки ба мақсадҳои рушди иқтисодӣ мувофиқат менамоянд [3].

Дар ҳолати тағйирёбии мақсадҳои рушди иқтисодиёт зарурияти тағйирёбии муносибатҳои молиявӣ дар соҳаҳои он ва ё ин ки дар соҳаҳои фаъолият ба вуқуъ мепайвандад. Дар вақти рӯҳ додани чунин шартҳо аз тарафи давлат сиёсати мувофиқи молиявӣ ташаккул дода мешавад [1].

Сиёсати молиявӣ ин маҷмуи чораҳои мақсадноки давлат дар соҳаи идоракунии молия бо мақсади муайян намудани чорабиниҳои аз ҳама самаранок барои ташкили асоси молиявии амалигардонии сиёсати иқтисодии мамлакат мебошад, ки онҳо ба шароити муосир ҷавобгӯанд. Мақсади сиёсати молиявӣ ҳар чӣ бештар истифодабарии самараноки воситаҳои молиявӣ мебошад, ки дар буҷаи мамлакат қарор доранд. Барои ҳалли мақсади мазкур як қатор вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд, ки ба таркиби онҳо дохил мешаванд:

- ташаккули асосноккунии илмӣ дар вақти банақшагирӣ ва гузориши вазифаҳои гуногуни стратегӣ;
- коркард ва тасдиқи стратегия, инчунин тақсимоти он ба якчанд равандҳо;
- ҷорӣ кардани коркардҳои назариявӣ дар амал.

Сиёсати молиявӣ вобаста аз қонунгузории муайян ба вуқӯъ пайваста, муносибатҳои як субъектро дар байни дигар субъектҳо тавсиф медиҳад [4].

Субъектони сиёсати молиявӣ мақомотҳои ҳокимияти иҷроия ва ё ин ки қонунбарор мебошанд, ки бо банақшагирӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин амалигардонии онҳо ва бурдани назорат аз болои иҷроиши қарорҳои қабулшуда машғуланд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба субъектони сиёсати молиявӣ дохил мешаванд: Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тасдиқи буҷети давлатӣ машғул буда, дар соҳаи муносибатҳои андозӣ-буҷавӣ қонун қабул менамоянд; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо коркард ва иҷроиши буҷети давлатӣ машғул буда, маҷмуи ҳисоботро ба назорат пешниҳод менамояд; Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо коркарди қонунҳо машғул буда, тамоми соҳаҳои фаъолияти молиявиро дар дохили давлат ба танзим дароварда, назоратро аз болои риояи қонунгузориҳо таъмин менамояд; Палатаи ҳисобҳо, ки фаъолияти сохторҳои гуногуни хоҷагидориро тафтиш намуда, инчунин ахборотро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мекунад; Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар тасдиқи буҷети давлатӣ иштирок менамояд.

Бо ибораи дигар, ба субъектони сиёсати молиявӣ чунин мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд, ки ба ваколатҳои онҳо амалигардонии идоракунӣ ва назорати соҳаи молия вогузошта шудааст [2].

Объекти сиёсати молиявӣ – ин робитаи дутарафа ва захираҳое мебошанд, ки бандҳо (звеноҳо) ва соҳаҳои низоми молиявии давлатро ташкил медиҳанд. Объекти асосии сиёсати молиявии давлат ин иқтисодиёт ба шумор меравад. Ҳар як объекти сиёсати молиявӣ бояд сарчашмаи мувофиқи худро дошта бошад. Мисол, дар ин ва ё он корхона ҳамчун сарчашма ё дороиҳо, ё уҳдадориҳо ва ё ин ки воситаҳои худдии захиравӣ баромад менамоянд. Инак, ба объекти сиёсати молиявӣ чунин ҷузъҳо дохил мешаванд: захираҳои молиявӣ; даромад ва хароҷоти мамлакат; даромад ва хароҷоти на танҳо мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ, балки субъектони хоҷагидорӣ.

Ба захираҳои молиявӣ массаи пулӣ ва сармояи асосӣ дохил мешавад. Даромад ва хароҷоти мамлакат бо сиёсати молиявӣ ва андозӣ алоқаманданд. Онҳо на танҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии молиякунонӣ, балки аз ҳисоби берунӣ низ ташаккул меёбанд. Мисол, аз ҳисоби воридоти боҷҳои гумрукӣ ва ё ин ки пардохтҳои ҳатмии андозӣ. Дар он ҳолате ки даромадҳои буҷет нисбат ба хароҷотҳои он афзун мегарданд гуфтан мумкин аст, ки профитсит (бешомад) ба амал омадааст. Дар акси ҳолат сухан дар бораи дефитсит (камомад) меравад. Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ сарчашмаҳои молиякунонӣ мутаассифона ё ин ки бо ҳудуд ва ё ин ки бо ноҳия маҳдуд карда шудаанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки воридоти воситаҳои молиявӣ ба буҷети маҳаллӣ бо воситаи қонунгузории мувофиқи давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

Дар фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва ё ин ки корхонаҳо селаи пулӣ аз ҳисоби фоида ташаккул меёбад. Барои муайян намудани самтҳои асосии истифодабарии молия дар давраи оянда ва ҷорӣ ҳамчун асос мақсад ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии мамлакатро ба инобат гирифта, дар таркиби иқтисодиёт соҳаҳои афзалиятнокро ҷудо намуда, шартҳои рушди соҳаи иҷтимоиро муайян намудан муҳим аст. Инчунин ҳамчун асос ваколатҳои мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллии ҳокимиятро дар соҳаи молиявӣ-буҷавӣ ба инобат гирифта, ба вазъияти дохилӣ ва хориҷии мамлакат баҳо додан лозим мебошад. Бо вуҷуди омилҳои дар боло гуфташуда, сиёсати молиявиеро коркард кардан муҳим аст, ки ба шартҳои рушди иқтисодии мамлакат ҷавобгӯй бошад [6].

Ташкили роҳҳои аниқи амалигардонии самтҳои асосии истифодабарии молия коркарди роҳҳои дастрас гаштан ба мақсадҳо ва вазифаҳоро дар назар дорад, ки ба амалигардонии самтҳои асосии сиёсати молиявӣ дар давраи муайяни вақт мусоидат менамоянд.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Точикистон ташкили низоми идоракунии мукаммали молиявӣ ба шумор меравад, ки ба шароити муосири иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад ва унсурҳои муҳими функсионалии он самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, андозӣ, буҷетӣ, нархмонӣ ва гумрукӣ мебошанд [5].

Дар маҷмуъ таъсиси сарбастаи сиёсати пулию қарзӣ, андозӣ, буҷетӣ, нархмонӣ ва гумрукӣ бояд имрӯз ҳамчун омили муҳими таҳкими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пойдории низоми молиявӣ баррасӣ карда шавад. Махсусан айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини суботи молиявии иқтисоди кишвар муҳим аст. Яке аз масъалаҳои асосии татбиқи ҳадафи муайян зарурати риоя ва татбиқи кафолатҳои давлатиро дар бар мегирад. Самаранокии самтҳои мушаххаси сиёсати молиявии давлатӣ аз ҳолати заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст, ки мувофиқати он воқеиятҳои муосирро ба танзим медароранд.

Мушкилоти асосии амалигардонии сиёсати молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии стандартҳо ва методологияи дахлдор дар татбиқи чораҳои зарурӣ боқӣ мемонанд. Баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии молиявӣ инчунин аз он вобаста аст, ки маблағҳои буҷетӣ то кадом андоза самаранок истифода бурда шуда,

интизоми молиявии роҳбарони фондҳои буҷетӣ, афзоиши МУД, таваррум ва ғайраҳо дар кадом сатҳ қарор доранд.

Ташкили низоми мукаммали назорати молиявӣ яке аз масъалаҳои такомули сиёсати молиявӣ мебошад. Сарфи назар аз кӯшишҳои мақомоти қонунбарор оид ба такмили заминаи меъёрӣ дар ин соҳа, нишондиҳандаҳои самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷа хеле пастанд. Ҳалли ин мушкилот дар он дида мешавад, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷонибаи чунин рафтори субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии молиявиро анҷом медиҳад ва бояд барои такмил додани заминаи меъёрии дахлдор пешниҳодҳо таҳия карда шаванд.

Дар баробари ин, ба назар чунин мерасад, ки Палатаи ҳисоб бояд ба таври илова барномаҳои гуногуни давлатӣ, лоиҳаҳо, самтҳои хароҷоти маблағҳои буҷетро таҳлил карда, нишон диҳад ки нишондиҳандаҳои онҳо ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда чӣ гуна ҷавобгӯ ҳастанд ва захираҳои имконпазирро пайдо кунанд. Ба масъалаи кори мақомоти назорат дар марказ ва дар маҳал дахл карда, қайд мекунем, ки баъзе муҳаққиқон аз мушкилоти тайёр кардани кадрҳои мақомоти назоратӣ ба таври ҷиддӣ нигарон ҳастанд.

Азбаски заминаи меъёрии амалкунанда бояд ба тағйироти доимӣ дучор ояд, ин мушкилот масъалаи муҳими имрӯза мебошад. Дар идомаи ин мушкилот, мо қайд менамоем, ки нуқсони дигари назаррас ин набудани шаффофияти иттилоотии мақомоти назоратӣ мебошад.

Дар айни замон, пешниҳоди иттилооти мувофиқ ва саривақтӣ дар механизми назорати молиявӣ нақши муҳим дорад. Ҳама иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ ба эътимоднокии он, яъне ҳам мақомоти назоратӣ ва ҳам субъектҳои хоҷагӣ манфиатдоранд.

Дар доираи давлати муосири ҳуқуқӣ фазои кушоди иттилоотӣ дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, аз он ҷумла дар соҳаи молия нақши назаррас дорад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи субъектҳои назорати молиявӣ бояд ба иттилоот оид ба банақшагирӣ ва натиҷаҳои фаъолияти назоратӣ дастрасӣ дошта бошанд, ки барои ин ҳам дар марказ ва ҳам дар маҳал технологияҳои иттилоотии навро ба кори мақомоти назорат ва баҳисобгирӣ ҷорӣ кардан лозим аст. Фаъолияти самарабахши назорати давлатии молиявӣ шарти ҷудонашавандаи таъмини раванди пайвастаи ташаккул ва истифодаи маблағҳои пулӣ мебошад. Аҳамияти такмили низоми назорати давлатии молиявӣ дар шароити муосири ҷангҳои геополитикӣ, таъсироти экзогенӣ, бӯҳронҳои макроиқтисодӣ, инчунин бо назардошти зарурати ташаккули волоияти қонун ва таҳкими муносибатҳои бозорӣ аз зарурати ноил шудан ба суръати баланди рушди кишвар, аз он ҷумла тавассути такмил додани назорати молиявӣ; назорати сифати истифодаи захираҳои молиявӣ ва моддии давлатӣ; сатҳҳои гуногун ва ғайримарказикунонии функсияҳои назорат дар низоми назорати ягонаи давлатии молиявӣ мебошад.

Мушкилоти асосии ташкили назорати самарабахши молиявӣ инҳо мебошанд: мавҷуд набудани низоми возеҳи иерархии мақомоти амалкунандаи назорати молиявӣ дар кишвар ва механизми ҳамкории онҳо; зиёд будани камбудиҳо дар таърифи қонунгузории салоҳияти онҳо. Барои рафъи ин мушкилот дар кишвари муосири мо ташаккул ва таҳияи пояҳои ягонаи консептуалии низоми назорати давлатии молиявӣ тавассути фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии рушди низоми назорати давлатии молиявӣ, оптимизатсияи сохтори ташкилии назорати давлатии молиявӣ сурат мегирад ва рушди умумӣ дар соҳаҳои стандартикунонӣ, оптималӣ ва мувозинатӣ қарор дорад.

Барои пурзӯр намудани самаранокии назорати давлатии молиявӣ вазифаҳои асосии зеринро амалӣ кардан лозим аст:

а) таъмини муносибати мунтазам ба ташкили назорати давлатии молиявӣ;

б) баланд бардоштани нақши назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи таъмини амнияти молияи давлатӣ;

в) фароҳам овардани шароит барои татбиқи минбаъдаи самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ дар фаъолияти мақомоти назорати аудиторӣ;

г) пурзӯр намудани масъулияти шахсони мансабдор ва ташкилотҳо барои вайронкунии қонунгузории буҷет, инчунин татбиқи пурраи функсияи пешгирикунандаи назорати молиявии давлатӣ;
д) Такмили ташкили фаъолияти мақомоти назорат дар шароити нави ислоҳоти маъмурӣ.

АДАБИЁТ

1. Капленок Е.А. Совершенствование финансовой политики Российской Федерации на современном этапе / Е.А. Капленок// Молодой ученый. — 2020. — № 49 (339). - С. 109-111.
2. Когденко В.Г. Краткосрочная и долгосрочная финансовая политика. Учеб. Пособие / В.Г. Когденко, М.В. Мельник. - М.: Юнити, 2017. — 416 с.
3. Озеров И.Х. Экономическая Россия и ее финансовая политика на исходе XIX и в начале XX века / И.Х. Озеров. - М.: Ленанд, 2019. -192 с.
4. Резник С.Д. Финансовая политика России: Учебное пособие / С.Д. Резник. - М.: Финансы и статистика, 2008. - 400 с.
5. Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 1 (30)-2020, С. 202-209.
6. Тесля П.Н. Денежно-кредитная и финансовая политика государства: Учебное пособие / П.Н. Тесля, И.В. Плотникова. - М.: Инфра-М, 2018. - 352 с.

УДК 334.7

Марипова Ф.А.

МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Дар мақола усулҳои муосири идоракунии корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, низоми самараноки идоракунӣ, хусусиятҳои ташкилию таркибӣ ва унсурҳои механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ таҳлил карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот механизми иқтисодии идоракунии корхонаҳои саноатӣ, унсурҳои сохтории истеҳсолот, идоракунӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба сифати маҳсулоти саноатӣ ифода ёфтааст.Инчунин ҳангоми таҳқиқ муайян гардид, мувофиқати технологияи идоракуниро бо тағйирёбии босуръати муҳити беруна дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин намудан ззарур аст. Муайян карда шуд, ки дар шароити муосир, ба самаранокии қарорҳои идоракунӣ, махсусан истифодаи низомҳои иттилоотӣ дар шакли ҳуҷҷатҳои стандартӣ, шаклҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои назорати фаъолияти тамоми зернизомҳои корхонаи саноатӣ таъсир мерасонад. Масъалаи таъмин ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо дар шароити афзоиши рақобат яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар иқтисодиёти муосир ба шумор мера вад. Дар натиҷаи омӯзиши маводҳои илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқшаванда баъзе монеаҳо муайян карда шудаанд, ки барои бартараф намудани онҳо тавсияву пешниҳодҳо дода шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: корхонаи саноатӣ, рақобатнокӣ, самаранокии истеҳсолот, низоми идоракунӣ, технологияи идоракунӣ, унсурҳои идоракунӣ, идоракунии сифат, банақшагирии истеҳсолот, механизми идоракунӣ.

Марипова Ф.А.

МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ПРОМЫШЛЕННЫМИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются современные методы управления промышленными предприятиями в условиях рыночной экономики, анализируются эффективная система управления, организационно-составные особенности и элементы механизма управления промышленными предприятиями. В процессе исследования определены экономический механизм управления промышленным предприятием, структурные элементы производственных, управленческих и экономических отношений и их влияние на качество промышленной продукции. Также в ходе исследования было определено, что необходимо обеспечить совместимость технологии управления в зависимости с быстрыми изменениями внешней среды в условиях рыночной экономики. Определено, что в современных условиях сказывается эффективность управленческих решений, особенно при использовании информационных систем в виде типовых документов, форм управленческого учета и показателей контроля деятельности всех подсистем промышленного предприятия. Вопрос обеспечения и повышения конкурентоспособности предприятий в условиях обострения конкуренции является одним из важнейших вопросов современной экономики. В результате изучения научных материалов, относящихся к исследуемой теме, были выявлены некоторые препятствия, даны рекомендации и предложения по их преодолению.

Ключевые слова: промышленное предприятие, конкурентоспособность, эффективность производства, система управления, технология управления, элементы управления, управление качеством, планирование производства, механизм управления.

Maripova F.A.

MANAGEMENT MECHANISM OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE CONDITIONS OF MARKET ECONOMY

The article discusses the modern methods of managing industrial enterprises in the conditions of the market economy, and analyzes the effective management system, organizational and compositional features, and elements of the management mechanism of industrial enterprises. In the process of research, the economic mechanism of industrial enterprise management, structural elements of production, management and economic relations and their influence on the quality of industrial products are expressed. It was also determined during the research that it is necessary to ensure the compatibility of the management technology with the rapid changes in the external environment in the conditions of the market economy. It was determined that in modern conditions, the effectiveness of management decisions is affected, especially the use of information systems in the form of standard documents, forms of management accounting and indicators of control of the activity of all subsystems of the industrial enterprise. The issue of ensuring and increasing the competitiveness of enterprises in the conditions of increased competition is one of the most important issues in the modern economy. As a result of the study of scientific materials related to the researched topic, some obstacles have been identified, recommendations and suggestions have been made to overcome them.

Key words: industrial enterprise, competitiveness, production efficiency, management system, management technology, management elements, quality management, production planning, management mechanism.

Дар шароити муосир корхонаҳо дар муҳити рақобати шадид кору фаъолият мекунанд. Дар рақобат корхонае комёб мешавад, ки тағйироти ояндаи бозорро нисбат ба

дигарон барвақт дарк кунад ва ба онҳо тавассути истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти нав ба бозор ё ворид шудан ба сегменти нави бозор ворид гардад. Шарти зарурии таъмини чунин амалҳои муваффақ мавҷудияти низоми самараноки идоракунӣ дар корхона мебошад.

Низоми идоракунии корхона маҷмӯи воҳидҳоеро дар бар мегирад, ки вазифаҳои муайянро ичро мекунанд, ба монанди: маҷмӯи ҳуҷҷатҳои идоракунандае, ки ин вазифаҳоро ба шуъбаҳо вогузор мекунанд ва қоидаҳои ҳамкории онҳоро муайян мекунанд, инчунин ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳоро байни кормандони шуъбаҳо тақсим мекунанд; васоити барномавӣ ва таҷҳизот, ки қабул, коркард ва интиқоли иттилоотро таъмин мекунанд. Вазифаи менеҷер аз он иборат аст, ки тартиби дурустро интихоб намуда, раванди ҳар як унсури номбаршудаи низоми идоракуниро тавре ташкил кунад, ки корона бо хароҷоти камтарин ба ҳадафҳои худ ноил гардад.

Айни замон вожаҳои «менеҷмент», «менеҷер» ба ҳаёти мо васеъ ворид шудаанд ва эҳтимолан касе нест, ки ин мафҳумҳоро надонад. Дар аввал калимаи «идоракунӣ» қобилияти рондани аспҳоро ва идора кардани онҳоро дошт. Ин вожа дар асоси феъли англисии «to manage» - таркиб ёфтааст, ки он аз лотинии «manus» - даст, пайдо шудааст. Ҳамин тариқ, мафҳуми «менеҷмент» маънои «идоракунии одамон»-ро дорад.

Дар назарияи муосир, менеҷмент ҳамчун низоми принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ё дигар фаъолияти ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.

Дар шароити ташаккули иктисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани хусусиятҳои ташкилию таркибӣ ва унсурҳои механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ муҳиммият пайдо мекунад. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ дар бораи консепсияи механизми иқтисодии идоракунии корхона нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Дар таҳқиқоти илмӣ ба масъалаи таъсири мутақобилаи унсурҳои механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва таъсири онҳо ба тараққиёти соҳаҳои саноат ба қадри кифоя диққат дода намешавад. Дар асарҳои олимони машҳур, ба монанди Ю.М. Осипов, В.Н. Кашина, В.Я. Ионов моҳияти категорияҳои «механизми идоракунӣ» ва «механизми иқтисодии корхона», аз ҷумла,механизми иқтисодии корхона маҷмӯи сохторҳо оид ба ташкили фаъолияти асосии он, усулҳои татбиқи фаъолияти низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар раванди фаъолияти иқтисодӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти моддӣ ё маҳсулоти истеҳсолшуда, хизматрасонӣ, ба даст овардани фоида, истифода бурдани фондҳои асосӣ ва муомилоти мавҷуда, маблағгузориҳои асосӣ ва ноил шудан ба дараҷаи самаранокии иктисодии корхона таҳқиқ карда шудааст [3, с.10-11].

Ҳамин тариқ, механизми иқтисодии идоракунии корхона унсурҳои сохтории истеҳсолот, идоракунӣ ва муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад. «Дар идоракунии корхонаҳои гуногун фарқият вуҷуд дорад, зеро рисолати корона муайян кардани стратегияи сохтори корхона мебошад» [2, с.22]. Ин хусусият хосатан ба корхонаҳои бузурги саноатӣ дахл дорад.

Хусусияти идоракунии корхонаҳои саноатӣ бо мансубияти онҳо ба соҳаи муайян ва вазифаҳои мушаххас (истеҳсолот, ичрои корҳо, хизматрасонӣ), ҷойгиршавии ҳудудии корхонаҳо ва муносибатҳои кооперативии онҳо бо дигар субъектҳои хоҷагидор муайян карда мешавад. Ҳамаи ин омилҳо муносибатҳои махсусро дар соҳа муайян намуда, дар сохторҳои ташкилии идоракунии корхонаҳои саноатӣ нақши худро мегузоранд, яъне намуд ва навъҳои онҳоро муайян мекунанд. Мутобиқ набудани сохтор ва иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо ба талаботи замон, инчунин фарсудашавии фондҳои асосӣ, рақобатпазирии муносиби маҳсулотро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин намекунанд. Низомҳои идоракунии корхонаҳои ватанӣ нисбат ба ҳамтоёни хориҷӣ ба қадри кофӣ автоматӣ карда нашудаанд. Дар амал дар аксари корхонаҳои саноатии Тоҷикистон мувофиқати технологияи идоракуниро бо тағйирёбии босуръати муҳити беруна дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин кардан лозим аст. Аз ин рӯ, механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ чунин унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: мақсади корхона, вазифаҳои

идоракунӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, таъминоти кормандон, усулҳо ва принсипҳои идоракунӣ, инчунин таъминоти иттилоотии раванди идоракунӣ.

Ташаккули механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ махсусан ба омилҳои беруна, аз қабили: танзими давлатии фаъолияти истеҳсолӣ ва саноатии корхонаҳои соҳаҳои алоҳидаи саноат дар шароити ташаккули сиёсати умумии иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат; шароити бозории идоракунии корхона, ки ба таносуби талабот ва таклифот, сатҳи нархи як намуди муайяни маҳсулот ва хизматрасониҳо, вазъи бозори ҷаҳонӣ асос ёфтааст.

Солҳои охир ба омӯзиши проблемаҳои идоракунии истеҳсолот ва масъалаи таъмини сифати баланди маҳсулот ва паст кардани арзиши аслии он диққати махсус дода мешавад. Дар рафти ташаккули механизми самарабахши идоракунӣ бояд ба назар гирифт, ки корхонаи саноатии муосир ва сохтори асосии ташкилии он — истеҳсолот ба категорияи низомҳои мураккаб дохил мешаванд. Ин ҳолат ҳангоми таҳлили хусусиятҳои фаъолияти корхона, арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва идоракунии он ба назар гирифта мешавад. Аксарияти корхонаҳои саноатӣ ба сохторҳои иерархии бисёрсатҳа тааллуқ доранд, ки бо мустақилияти унсурҳои алоҳида тавсиф мешаванд. Аз ин рӯ, дар раванди идоракунӣ бояд ҳадафҳои байни зернизомҳои гуногун ва умуман низом мувофиқ карда шаванд. Дар шароити муосир, ба самаранокии қарорҳои идоракунӣ, махсусан истифодаи низомҳои иттилоотӣ дар шакли ҳуҷҷатҳои стандартӣ, шаклҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои назорати фаъолияти тамоми зернизомҳои корхонаи саноатӣ таъсир мерасонад. Ба аксарияти корхонаҳои саноатии Тоҷикистон се намуди идоракунӣ, яъне истехсолӣ, ташкилӣ ва хоҷагӣ хос аст.

Идоракунии иқтисодӣ аз муайян кардани таъсири нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ба таъмини фаъолияти даромаднокии корхонаи саноатӣ иборат аст. Аз ин рӯ, идоракунии корхонаи саноатӣ тамоми маҷмӯи равандҳои ба ҳам алоқаманди банақшагирӣ, ташкил ва назоратро инъикос мекунад, ки татбиқи стратегияи умумиро таъмин мекунанд. Таъмини рушди устувори корхонаи саноатӣ дар шароити муосир аз ҳисоби фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ низ имконпазир аст.

Динамизм ва характери эҳтимолияти раванди истеҳсолот банақшагирии ҳаррӯзаи фаврӣ ва танзими раванди истеҳсолотро талаб мекунад, то ки он дар асоси шароити воқеии мавҷуда аз рӯи шартҳои дар нақша ва стандартҳо муқарраршуда наздик карда шавад.

Дар робита ба ин, барои корхонаи саноатӣ муҳим аст, ки модели оптималии идоракунии истеҳсолот дошта бошад, ки дар он тамоми нишондиҳандаҳо барои ба ҳадафҳои муҳим ноил шудан муайян карда шаванд. Интихоб ба нишондиҳандаҳо вобаста аст, ки бо захираҳои маҳдуд афзоиши самаранокии истеҳсолотро таъмин мекунанд. Таъсири мутақобила ва мувозинати арзишҳои нишондиҳандаҳои инфиродӣ на он радар аҳамияти асосӣ доранд ваин ҳолатҳо зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои мавҷуда ба таркиби нишондиҳандаҳо, инчунин усулҳои ҳисобкунии онҳоро ба миён мегузоранд.

Функсияи ҳадаф маънои онро дорад, ки арзиши нақшавии корҳои анҷомдодашуда барои сехи истеҳсолӣ бояд ба арзиши камтарин талаб карда шавад. Барои ин зарур аст, ки миқдори банақшагирифташудаи қисмҳои лозима дар моҳи ҳисоботӣ истеҳсол карда шаванд, ки дар якҷоягӣ ҳадди ақали корҳои анҷомдодашударо ташкил медиҳанд.

Арзиши аслии истеҳсолоти нотамом бо музди меҳнати асосӣ ифода карда мешавад. Ин имконият медихад, ки дар охири моҳҳаҷми корҳои ба охиррасида одилона баҳо дода шаванд, зеро фонди музди меҳнати коргарони истеҳсолот ҳангоми иҷрои корҳо маҳдудият дорад [4,с.100].

Самаранокии кори корхонаи саноатӣ аз фаъолияти тамоми зернизомҳои таркибии он: харид, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти тайёр вобаста аст. Проблемаҳои ҳар яке аз ин соҳаҳои функсионалӣ ба таври худкор ба дигар соҳаҳо ва умуман корхона таъсир мерасонанд. Ҳодисаҳои манфӣ дар корхонаҳои гуногун, сарфи назар аз доираи фаъолият ва навъи маҳсулоти истеҳсолшаванда ба амал меоянд. Дар натиҷаи рушди чунин падидаҳои

манфӣ як қатор мушкилоте ба миён меоянд, ки бояд корхонаҳои истеҳсолӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт амал мекунанд, бартараф карда шаванд, аз ҷумла:

- меъёри пасти даромади сармояи гузошташуда;
- фоида ё зарари кам;
- паст шудани суръати афзоиши истеҳсолот бо рушди динамикии рақибон;
- нарасидани маблағҳои муомилотӣ аз сабаби болоравии нархи ашёи хом, қувваи барқ ва ғайра;
- нарасидани доимии кадрҳои соҳибихтисос, зарурати зиёд кардани музди меҳнат;
- пур кардани бозор аз воридот ва моли рақибон, арзон шудани нархи маҳсулоти истеҳсолшуда;
- самти фаъолияти душвор дар низоми мавҷудаи банақшагирӣ ва баҳисобгирии молу маҳсулот.

Барои ҳалли бомуваффақияти мушкилот усулҳои зиёде мавҷуданд. Яке аз онҳо диаграммаи сабабу натиҷа аст, ки он ба натиҷаи раванд аз омилҳои сершумор вобаста аст, ки дар байни онҳо робитаҳои сабабу натиҷа вуҷуд доранд. Шакли диаграммаи сабаб ва натиҷаро соли 1953 профессори Донишгоҳи Токио Каору Исикава таҳия кардааст. Аз сабаби шакли моҳӣ доштан, номи маъмулии он "скелети моҳӣ" аст. Ҳангоми сохтани диаграмма дар самти тирчаи асосӣ масъалаи ҳалшаванда нишон дода мешавад ва дар деворҳои паҳлӯе, ки ба девори асосӣ мебарад, гурӯҳбандӣ аз рӯи категорияҳои сабабҳо (омилҳо) инъикос карда мешавад. Диаграмма барои ҳалли мушкилоти сифат таҳия шудааст ва васеъ истифода мешавад. Нишондиҳандаҳои сифат дар диаграмма бо маълумоти мушаххас ифода карда мешаванд, бо ёрии онҳо назорати равандҳо амалӣ карда мешавад.

Диаграммаи сабабу оқибат ба саволи дараҷаи таъсири сабабҳои гуногун ба пайдоиши мушкилот ҷавоб намедиҳад. Барои ин мақсадҳо бештар хулосаи коршиносони мураттибони диаграмма истифода мешавад. Санҷиши мантиқии занҷири сабабҳое, ки ба сабаби аслӣ оварда мерасонанд, вуҷуд надорад. Диаграммаи мураккаб ва на ҳамеша возеҳи сохторӣ имкон намедиҳад, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ хулосаҳои дуруст бароварда шавад.

Барои ба низом даровардани иттилооти аз ҷиҳати мантиқӣ алоқаманд диаграммаи робитаҳо (муносибатҳо) истифода мешавад, ки он имкон медиҳад робитаҳои мантиқии байни масъалаи асосӣ ва омилҳои гуногуни таъсир муайян карда шуда, робитаҳои қаблан ноаёни сабабҳои байни зуҳурот тавассути тасвири графикии онҳо ошкор карда шаванд.Мақсади усул афзалият додан ба кӯшишҳоест, ки онҳо дар ҳалли мушкилот саҳми бештар хоҳанд дошт [5,с.50].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар назди ҳар як корхона вазифаи арзёбии рақобатпазирии он меистад, ки нишондиҳандаи он бояд натиҷаи тамоми низоми идоракунии истеҳсолот ва маркетинг бошад. Рақобатнокии корхонаҳо ҳар қадар баланд бошад, рақобатпазирии саноат, кишвар, самаранокии тамоми фаъолият ва некӯаҳволии мардум ҳамон қадар баландтар мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи таъмин ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо дар шароити афзоиши рақобат яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар иқтисодиёти муосир ба шумор меравад, вале бинобар хусусияти байнисоҳавӣ ва низомӣ будани он, ҳалли он ниҳоят душвор аст.

Пешрафтҳои дақиқи аз ҷиҳати илмӣ асосёфта оид ба арзёбии миқдории рақобатпазирии корхонаҳот саноатӣ то имрӯз пешниҳод карда нашудаанд[1,с.103].

Идоракунии сифат ҳамчун таъсири мақсаднок ба равандҳои ташаккул, таъмин, такмили сифат нисбат ба ҳама объектҳо ва равандҳои корхона (дар занҷири давраҳои ҳаёти онҳо) аз ҷониби «субъекти идоракунӣ» баррасӣ мешавад[6,с.120].

Барои беҳтар намудани нишондиҳандаи иҷроиши супоришҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда зарур аст:

-назорати ҷараёни истеҳсолот;

- бартараф намудани камбудиҳои низоми банақшагирии истеҳсолот, низоми дурустиҷараёни истеҳсолот;
- тағйир додани усули ҳавасмандии кормандон (он бояд ба иҷрои саривақтии супоришҳо мусоидат намояд);
- бартараф намудани маҳдудиятҳои ташкилӣ (саъю кӯшиш ба самаранокии истеҳсолот ва ғ.).

Аз сабаби зиёд шудани талабот ба сифат ва мӯҳлати иҷрои супориш корхонаҳо маҷбур мешаванд, ки маҳдудиятҳои дохилиро ҷустуҷӯ кунанд, ки ба тамоми низоми истеҳсолот таъсири манфӣ расонда, ба баланд шудани самараи фаъолияти он халал мерасонанд.

Одатан, сабабҳои аслии мушкилоти корхона маҳдудиятҳои ташкилӣ мебошанд, ки безараргардонии онҳо тағйироти назаррас ва муҳим мерасонад. Марҳалаи навбатии дигаргунсозӣ бояд ҷустуҷӯи роҳҳое бошад, ки проблемаҳои муайяншударо бартараф намуда, натиҷаҳои кори корхонаро беҳтар кунанд. Ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки мо бо натиҷаҳои ба даст овардашуда истода наметавонем, ба мо лозим аст, ки махдудиятҳоеро ҷустуҷӯ кунем, ки ба тараққиёти минбаъдаи низоми истеҳсолот халал мерасонанд [5, с.53].

Ҳамин тавр, дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳои саноатӣ бояд масъалаҳои идоракуниро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монанд. Зарурати ба таври фаврӣ ба вазъи бозор ва вазъияти зудтағйирёбандаи иқтисодӣ мутобиқ шудан, азнавсозии сохтори микроиқтисодии дохилии корхона, мукаммал гардонидани ҷараёнҳои идоракунӣ ва истеҳсолиро талаб мекунад.

АДАБИЁТ

1.Адбразаков Р.М. Интегральный подход к определению конкурентоспособности организаций / Менеджмент в России и за рубежом, №2, 2011. - с. 103
2. Друкер П. Задачи менеджмента в XXI веке. : Пер. с англ.: - М.: Издательсикий дом «Вильямс», 2004. – 272 с.
3. Жданов С.А. Основы теории экономического управления предприятием: Учебник. – М.: Издательство «Финпресс», 2000. – 384 с.
4. Коновалова Г.М. Оптимизационная модель управления производством и практический подход к ее реализации / Менеджмент в России и за рубежом, №1, 2011. - с.100
5. Мебадури З.А., Леошина И.В. Методы решения проблем, стоящих перед производственными предприятиями / Экономика и управление, №4, 2011. - с.50
6. Уляхин Т.М. Позиционирование промышленного предприятия / Менеджмент в России и за рубежом, №1, 2009. - с. 120

УДК 331.1

Муминзода Н.И.

НАҚШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Мафҳуми сармояи инсонӣ ва нақши он дар иқтисоди Тоҷикистон ифшо шудааст. Нишондиҳандаи баҳодиҳии нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт баррасӣ мешавад. Кор ба таҳлили нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти навъи инноватсионӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, мафҳуми иқтисодиёти инноватсионӣ, хусусиятҳои асосии он ошкор карда шудаанд; сармояи инсонӣ ҳамчун омили бунёдии фаъолият ва рушди чунин иқтисодиёт ҷудо карда мешавад; хусусиятҳои

фарқкунандаи сармояи инсонии инноватсионӣ баррасӣ шуда, принсипҳои асосии консепсияи ташаккули кадрҳо барои иқтисодиёти инноватсионӣ оварда шудаанд. Он инчунин вазъи кунунии иқтисоди Тоҷикистон ва сатҳи рушди сармояи инсонии онро таҳлил мекунад. Дар мақола моҳият ва мазмуни мафҳуми «сармояи инсонӣ» аз нуқтаи назари мактабҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ ба хулосае омад, ки таҳсилот асоси ташаккули сармояи инсонӣ мебошад, зеро он манбаи қаноатмандии оянда ва даромади оянда мебошад. Тараққиёти минбаъдаи Тоҷикистон бо интеллектуализатсияи истеҳсолот ва аз ин рӯ, бо инкишофи сармояи инсонӣ алоқаманд хоҳад шуд. Бинобар ин вазифаи давлат аз он иборат аст, ки сармояи инсониро аз ҳолати ниҳонии худ бароварда, инкишофи соҳаҳои ба ташаккули он таъсиркунандаро пурзӯр намояд.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, захираҳои меҳнатӣ, ниёзҳо, қобилиятҳо, бекорӣ, мубориза бо бекорӣ, ҷойҳои корӣ, роботизатсия

Муминзода Н.И.

РОЛЬ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ЭКОНОМИКЕ

Раскрывается понятие человеческого капитала и его роль в экономике Таджикистана. Рассмотрен показатель оценки роли человеческого капитала в экономике. Работа посвящена анализу роли человеческого капитала в экономике инновационного типа. В частности, выделено понятие инновационной экономики, ее основные признаки; Человеческий капитал выделяется как основополагающий фактор функционирования и развития такой экономики; Рассмотрены отличительные черты инновационного человеческого капитала, приведены основные принципы концепции формирования кадров для инновационной экономики. Также анализируется современное состояние таджикской экономики и уровень развития ее человеческого капитала. В статье рассматриваются сущность и содержание понятия «человеческий капитал» с позиций различных школ экономической теории. На основе анализа статистических данных сделан вывод, что образование является основой формирования человеческого капитала, так как является источником будущего удовлетворения и будущих доходов. Дальнейшее развитие Таджикистана будет связано с интеллектуализацией производства и, следовательно, с развитием человеческого капитала. Поэтому задача государства состоит в освобождении человеческого капитала от его скрытого состояния и усилении развития направлений, влияющих на его формирование.

Ключевые слова: человеческий капитал, трудовые ресурсы, потребности, способности, безработница, борьба с безработницей, рабочие места, роботизация

Muminzoda N.I.

THE ROLE OF HUMAN CAPITAL IN THE ECONOMY

The concept of human capital and its role in the economy of Tajikistan is revealed. An indicator of the assessment of the role of human capital in the economy is considered. The work is devoted to the analysis of the role of human capital in the economy of the innovative type. In particular, the concept of innovative economy, its main features are identified; Human capital is allocated as a fundamental factor in the operation and development of such an economy; Distinctive features of innovative human capital are considered, the basic principles of the concept of personnel formation for innovative economy are given. It also analyzes the current state of the Tajik economy and the level of development of its human capital. The article discusses the essence and content of the concept of "human capital" from the perspective of different schools of economic theory. Based on the analysis of statistics, it was concluded that education is the basis for the formation of human capital, as it is a source of future satisfaction and future income. The further development of Tajikistan will be associated with the intellectualization of production and, therefore, with the development of human capital. Therefore, the task of the state is to free human capital from its hidden state and strengthen the development of areas that affect its formation.

Keywords: human capital, labor resources, needs, abilities, unemployment, fight against unemployment, jobs, robotization

Ба таҳлили сармояи инсонӣ ҳамчун омили истеҳсолот нақши калон дода мешавад.

А.Смит мушкилоти истеъмол ва ҷамъ кардани захираҳоро ба назар гирифта, чунин мешуморад: «...захираҳо ба ду қисм ҷудо мешаванд. Қисме, ки соҳибкор интизори гирифтани даромад аст, сармояи ӯ номида мешавад. Қисми дигараш ба истеъмоли мустақим меравад». Минбаъд сармояро дар асоси вазифаҳои муайяншуда ба асосӣ ва муомилот тақсим кард. Дар баробари ин, ӯ тахмин мекард, ки сармояи асосӣ, аз ҷумла, «аз қобилиятҳои бадастоварда ё фоиданоки ҳамаи резидентҳо ё аъзоёни ҷамъият» иборат аст. Ин шояд аввалин маротиба аст, ки мафҳуми сармояи инсонӣ дар илм зикр мегардад. Ба ҳайати фондҳои асосӣ дохил шудани он, пеш аз ҳама, ба тараққиёти саноат вобаста аст, ки барои он ба вуҷуд омадани коркунони дорои ихтисосҳои маҳдуд, маълумоти хуб барои он замон ва ба қувваҳои истеҳсолкунанда дохил намудани илму техникаро талаб мекард.

Назарияҳои илмӣ ва рушди самараноки ширкатҳои пешрафтаи фаромиллӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки «сармояи инсонӣ» яке аз захираҳои асосӣ ва пешбари корпоратсияҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, ҳама гуна бурдбориҳо, рақобатпазириҳо ва навовариҳои молӣ-тиҷоратӣ, техникӣ ва технологӣ дар асоси рушди ақлонии як ё гурӯҳи шахсони соҳибистеъдоди касбию ҳунарӣ мебошад, ки онро ихтироъ ва ё кашф намудаанд [6, с.152]. Имрӯз агар мо дастовардҳои илмиро ба ба ин ё он давлат тааллуқ донем, аммо чеҳраҳои алоҳидаро дар паси ҳар як ихтироъот мебинем.

Ташаккул ва рушди иқтисоди дониш танҳо бо маблағгузорӣ ба маориф ва такмили ихтисоси корманд имконпазир аст, ки бешубҳа ба рушди иқтисодиёт ва эҷоди нерӯи илмию техникӣ таъсири калон мерасонад. Ҳамаи ин усули самарабахштар истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ мебошад [2, с.158].

Захираи бузурги арзишҳо ва меъёрҳои инсонӣ, пайвастгари дунёи дохилаи ҳар як фард ба муҳит буда, мувозинати иҷтимоиро нигоҳ медорад ва инсонро дар доираи арзишҳои умумибашарӣ, миллӣ ва маданӣ қарор медиҳад. Қабул намудани ин арзишҳо аз тарафи афроди ҷомеа имкони рушди неруи инсонӣ ва аз як насл ба насли дигар додани онҳоро ба майдон меоварад, ки ин яке аз талаботҳои асосии рушди босуботи ҷомеаи башарист, медонанд [5, с.95].

Маълум аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи масоили ташаккулу рушди сармояи инсонӣ дар ҳамаи даврахои тараққиёти ҷамъиятӣ ба сифати муҳимтарин омили рушду инкишофи тамоми соҳаҳо баҳогузорӣ шудааст. Вобастагии тараққиёти хоҷагии халқ аз омили инсонӣ дар шароити иқтисодиёти дониш нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ қабл аз ҳарвақта имрӯз ба омӯзиш ва такмили ҳамаҷониба ниёз дорад [9, с.89].

Саҳми К.Марксро ба назарияи сармоя кам кардан душвор аст. Сарфи назар аз осори идеологие, ки назарияи ӯ дорад, маҳз он аввалин бор табиати иҷтимоию иқтисодии хоҷагии халкро ба назар гирифта, холигии мактаби классикиро барҳам дод. Ин аллакай дар таърифи додаи К.Маркс зохир шуда буд: «...Капитал муносибати муайяни истеҳсолии ҷамъиятиест, ки ба формасияи муайяни таърихии ҷамъият тааллуқ дорад, ки дар ашё ифода ёфта, ба ин чиз хислат медиҳад» . Дар ҳақиқат, арзиши як намуди капитал, дараҷаи истифодабарии он ва аз ин рӯ, худи мавҷудияти он бо дараҷаи тараққиёти тамоми ҷамъият, аз ҷумла қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии он муайян карда мешавад. Ба ҳамин тариқ, инкишофи намудҳои сармоя инъикоси бевоситаи тараққиёти ҷамъият мебошад. К.Маркс чунин моликияти капиталро ба монанди қобилияти овардани арзиши изофа муайян намуда, имконияти ба амал баровардани капиталро дар просесси муомилоти он, ки бевосита бо истеҳсоли маҳсулот алоқаманд аст, пешакӣ муайян кардааст. Тартиб додани вазифаҳои асосии капитал: ба вуҷуд овардани арзиши изофа ва таъмини такрористеҳсолкунии васеъи маҳсулоти умумии ҷамъияти зарурати таҳлили капиталро чи дар сатҳи микро ва ҳам дар макро ба миён гузошт.

Таълимоти асосгузорони назарияи муосири сармояи инсонӣ ба дарки шароити нав дар муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат карданд: хароҷоти афзоиш додани шахс ва сармояи ӯ на ҳамчун зарари бебозгашти буҷет, балки ҳамчун сармоягузорӣ ба манбаи асосии афзоиши боигарии миллӣ баррасӣ мешавад [14, с.45].

Истифодаи ҳаракати дониш ҳамчун захира дар иқтисоди дониш ба афзоиши захираҳои пулӣ монанд аст. Дониш донишро ба вуҷуд меорад ва дар эҷоди маҳсулоти ҷамъиятӣ иштирок мекунад, ҷараёни даромадро таъмин мекунад ва омили истеҳсолот мегардад [7, с.12].

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёд ба мушкилот ва коркарди хеле баланд дар назария ва амалия, то ҳол мафҳуми дақиқи сармояи инсонӣ вуҷуд надорад. Ин аз набудани ягонагӣ дар бораи мазмуни ин мафҳум аст [3, с.35].

Ташаккули унсурҳои асосии сармояи инсонӣ аз қабили қобилият, маҳорат, ақл, заковат ва саломатӣ аз замони таваллуд оғоз мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат, синни барвақтии камолоти инсон (аз таваллуд то 4 солагӣ) ҳамчун давраи муҳимми ташаккули сармояи инсонӣ арзёбӣ карда мешавад [8, с.47].

А.Ҷ. Қурбонов қайд мекунад, ки Сармояи инсонӣ чун категорияи мураккаби иқтисодӣ дорои имконият ва иқтидорҳое мебошад, ки барои дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи сатҳи баланди онҳо роҳу равишҳои ҳирфаӣ талаб карда мешавад [10, с.65].

Аввалин кӯшиши татбиқи таҳлили амиқи микро ва макро дар иқтисодиёт дар «Назарияи умумии шуғли фоизҳо ва пул»-и Ҷ.М.Кейнс оварда шудааст, изҳор доштааст: «Ман ба таълимоти пешазклассикӣ наздикам, ки мувофиқи он ҳама чиз тавассути меҳнат бо ёрии он чизе, ки маъмулан ҳунармандӣ меноманд ва ҳоло технология меноманд ва захираҳои табиии аз иҷора озод ё аз он мувофиқи кам будани онҳо андозбандӣ карда мешаванд. ё фаровонӣ». Хамин тавр, Ҷ.М.Кейнс натиҷаи истифодабарии шароити инсонро ба категорияҳои асосии иқтисодиёт вобаста кард.

Инкишофи минбаъдаи назарияи сармоя дар зери таъсири васеъшавии доираи муомилот ва ба он гузаштани мавқеи ҳукмфармо аз соҳаи истеҳсолот сурат гирифт, ки боиси пайдо шудани ду равиши асосии шарҳи капитал гардид. Якумин онҳо, ки бори аввал Ф.Бродел зикр кардааст, бозгашт ба мушаххаскунии воқеии сармоя ва сарват аст: «Капитал, ё сарвати сармоя (он як аст) ба ду категория тақсим мешаванд: сармояи асосӣ ... ва сармояи муомилот». Чунин ақидаро идеологҳои назарияи иқтисодии Гарб, ба монанди С.Фишер, Р.Дорнбуш ва Р.Шмаленси, ки ҳам сарват ва ҳам сармояро аз рӯйи шаклҳои моддии худ тақсим мекунанд: «...капитал захираи маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. дар истеҳсоли молу хизматҳо машғул аст...». Тавре ки аз ин иқтибос бармеояд, бар хилофи А.Смит ё Ҷ.Кейнс, ин муаллифон омилҳои сармояро, ҳатто қобилияти соҳибкорӣ, технология, малака ва ғайраро ба назар намегиранд... Дарвоқеъ, соҳаи мубодилаи асъор ба мавқеи аввалия, барои онҳо табдил меёбад.

Дар иқтисодиёти мамлакатҳои саноатӣ миқдори зиёди биноҳо, таҷҳизот, машинаҳои ҳисоббарор ва ғайра истифода бурда мешавад. Ҳамаи ин гуна захираҳоро сармоя меноманд. Дар ин тафсир сармоя аслан аз хусусияти тағйир додани шакл маҳрум аст.

Рад кардани мафҳумҳои асосии капитал ва фоида ба назарияи иқтисодӣ зарари калон расонд. Ҳоло назария аз мафҳумҳое, ки ҳадафи ниҳоии тиҷоратро ташкил медиҳанд, маҳрум аст, яъне ба он нокофӣ аст... Барои ҳалли ин мушкилот ҳам муҳосибон ва ҳам иқтисодчиён бояд ба шарҳи пешинаи капитал ва ба нақши бунёдӣ баргарданд, аз ин консепсия. Дар асоси ин шартҳо, имкон пайдо мешавад, ки шарҳи дақиқи категорияи баррасишаванда пешниҳод карда шавад.

Се намуди сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ вуҷуд дорад:

- «хароҷоти таълим, аз ҷумла умумӣ ва махсус, ғайрирасмӣ ва расмӣ, инчунин, таълими истеҳсолӣ;

-хароҷоти соҳаи тандурустӣ, ки аз хароҷот барои пешгирии беморихо, хӯроки ғизои, хизматрасонии тиббӣ, беҳтар намудани шароити зиндагонии аҳолӣ иборат аст;

- хароҷоти ҳаракат, ки ба коргарон имкон медиҳад, ки аз ҷойҳои маҳсулнокии нисбатан баланд муҳоҷират кунанд».

Дар доираи ин тадқиқот категорияи «капитал» ҳамчун омили истеҳсолоте, ки дар ҷараёни такрористеҳсолкунии ҷамъияти ба вуҷуд омада, ба раванди тараққиёти иҷтимоию

иқтисодӣ дохил мешавад, фаҳмида мешавад. Ин тафсир, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки омилӣ, яъне моҳияти муайянкунандаи сармоя барои раванди эҷоди сарват муайян карда шавад. Сониян, он аҳамияти якхелаи онро барои просесси офаридани навъҳои гуногуни мол таъкид мекунад. Сеюм, хусусияти иҷтимоии пайдоиши сармоя таъкид мешавад. Чаҳорум, механизмҳои институтсионалии эътирофи сармояи инсонӣ мавҷуд аст, ки ба соҳибони базаи захиравии он имкон медиҳад, ки даромад гиранд.

Дар шароити муосир бо назардошти хусусиятҳои рушди кулли ҷомеа ва ҷузъи иқтисодии он аз ҷумла як навъи махсуси сармоя, сармояи инсонӣ ба мадди аввал меистад. Ин боиси зарурати таҳлили он мегардад, ки имкон медиҳад моҳият ва мазмуни ин сохти истилоҳи муайян карда шавад. Дар омӯзиши сармояи инсонӣ мо шартҳои зеринро истифода мебарем. Якум, субъекти ягонаи ҳамаи шаклҳои капитал ташкилот (дар сатҳи микро) ва хоҷагии халқ (дар сатҳи макро) мебошад, ки имкон медиҳад соҳаи таҳлил равшан муайян карда шавад. Сониян, шахс ва ҷамъият соҳиби базаи инсонӣ мебошанд, ки ба онҳо имкон медиҳад аз фурӯши он дар просесси истеҳсоли мол даромад гиранд. Дар доираи ин тадқиқот сармояи инсонӣ як шакли сармоя ба ҳисоб меравад.

Сармояи зеҳнӣ (ба маънои муосираш) дар ҷанбаи муҳимми мундариҷаи худ шакли воқеии сармояи инсонист. Махсусан, ҳамаи унсурҳои сармояи зеҳни натиҷаи бомуваффақият татбиқ намудани шаклҳои сармояи инсон мебошанд. Рӯйхати пурраи шаклҳои капитали инсониро тасаввур кардан душвор аст, зеро онҳо ҳам дар соҳа, ҳам соҳаи фаъолият ва ҳам дар як созмон таъсири назаррас доранд.

Таҳлили минбаъдаи категорияи сармояи инсон бояд аз объекти таҳлил, яъне хоҷагии халқ ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодии дорои хусусиятҳои хоси марҳилаи инкишофи он ва ташкил ҳамчун унсури он оғоз карда шавад.

Равандҳои имрӯзаи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар кишварҳои мутараққӣ ба таври боварибахш нишон медиҳанд, ки давлат яке аз субъектҳои асосии он буда, барои ташаккул ва рушди сармояи инсонии миллат маблағҳои зиёди захираҳо мегузорад [1, с.141].

Ба ақидаи Г.В. Борисов сармояи инсонӣ дар энсиклопедияи иқтисодӣ ҳамчун як намуди махсуси сармоягузорӣ, яъне, хароҷот барои инкишоф додан ва такрористеҳсол кардани нерӯи инсонӣ, афзоиши сифат ва такмил додани ташаккули қувваи коргарӣ. Минбаъд сохтори сармояи инсонӣ дониш, малака, қобилият ва таҷрибаи ҷамъшударо дар бар мегирад [4, с.173].

Тараққиёти иқтисодиёт дар охири асри 20 аз давраи 300-солаи пештара хеле фарқ мекунад. Ин боиси зарурати ба муомилоти иқтисоди ҷорӣ намудани чунин истилоҳ ба мисли «постиндустриализм» гардид. Категорияи «иқтисоди баъдииндустриалӣ» аввалин таҳлили амиқи худро дар асари Д.Белл дар соли 1973 «Ҷамъияти баъдииндустриалии оянда» гирифтааст. Аз ҳамон вақт инҷониб ин назария фаъолона инкишоф меёбад. Дар байни олимони ватание, ки онро таҳия кардаанд, метавон В.А. Иноземсев, ки меъёрҳои ҷудо кардани марҳилаҳои рушди ҷомеа: ташкили технологии истеҳсолот, мубодила ва тақсимоти молҳои дар ҷомеа эҷодшударо мураттаб кардааст. Як катор олимон низ дар асоси муқоисаи се давраи тараққиёти ҷамъият: пеш аз индустриалӣ, индустриалӣ ва баъдииндустрӣ. Сохторбандӣ ба чунин меъёрҳо, ба монанди «захираи асосии истеҳсолӣ..., намуди фаъолияти истеҳсолӣ..., хусусияти технологияҳои асосӣ» ё «навъи асосии ҳамкорӣ дар раванди истеҳсолот...» асос ёфтааст. Технологияи асосӣ..., афзалияти истеҳсолот.., омили асосӣ... ва захираи пешбар», дигар низомҳои меъёрӣ низ вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, мафҳумҳои дар боло мавриди баррасӣ қарордошта сабаби чунин тағйирот аз соҳаҳои истеҳсол, тақсим ва мубодила ба соҳаи истеъмол гузаштани иқтисоди бартаридоштаро, ки дар натиҷаи пур шудани бозорҳо ва ташаккули базаи захираҳои инсон ба вуҷуд омадаанд, тавсиф намекунанд.

Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти баъдииндустриалӣ низ хеле чуқур таҳлил карда шуданд. Аз чумла, Н.П. Лукянчикова панҷ хусусияти асосии ҷомеаи постиндустриалиро муайян мекунад, аз ҷумла самти иҷтимоии иқтисодиёт, сохтори бисёрсохт, ҷаҳонишавӣ, даврӣ ва шарикии иҷтимоӣ. А.Н. Заворин 25 хусусияти марҳилаи баррасишудаи рушди

иқтисодиро муайян мекунад, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнат, пур шудани мол бо ҷузъи интеллектуалӣ, бартарияти соҳаи хизматрасонӣ, ҷаҳонишавии бозорҳо, тағирёбии хусусияти рақобат ва нархгузорӣ, ба вуҷуд омадани шакли нави пул ва ғайра. Хусусиятҳои дар боло зикршуда амалан қабул карда мешаванд, вале бо вуҷуди ин аксар вақт просессҳои ҳамроҳи ин дигаргуниҳои революсионӣ аз доираи назари муаллифон берун мемонанд. Охир, дараҷаи истеъмоли неъматҳои моддӣ дар мамлакатҳое, ки иқтисодиёти пасса-дустриалӣ доранд, паст намешавад, ҷамъияти «миллиардҳои тиллоӣ» кайҳо боз чунин молҳо, монанди автомобил, алоқа, таъминоти иҷтимоиро ба руйхати эҳтиёҷоти «асоси» дохил кардааст. Дар баробари ин сектори истеҳсолии иқтисодиёти Ғарб ба мамлакатҳои дигар дода мешавад. «Кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон тадриҷан соҳаҳои истеҳсолии худро ба кишварҳои сеюм ва давраи гузариш интиқол медиҳанд. Ин одатан бо фарқияти музди меҳнат байни кишварҳои ғарбӣ ва сеюм гузариш шарҳ дода мешавад. Аммо дар оянда чунин ҳаракат метавонад барои кишварҳои ғарбӣ танҳо дар сурате фоидаовар бошад, ки онҳо ба ҷои саноати истеҳсолии худ чизи дигареро ба вуҷуд оранд ва ин дигар, зоҳиран, бояд ҷомеаи постиндустриалӣ бошад». А.С. Скоробогатов дар ин асар ду хусусияти асосии иқтисодиро муайян мекунад: сектори мукаммали муомилоти иқтисодиро тавассути механизмҳои тақсимоти чуқури меҳнат шартҳои зарурии афзоиши босуръати иқтисодиро ташкил медиҳад, ки ин бидуни институтсионализасияи дақиқии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият имконнопазир аст; монополияҳои кушод, ки дар асоси институтсионализасияи ҳуқуқи моликият ба ихтироъкориҳои инноватсиони натиҷаи истифодаи капитали инсонӣ мебошад.

Проблемаи асосии ташаккули иктисодиёти баъдазиндустриалӣ зарурати ба вуҷуд овардани замина барои тақсимоти амиқи меҳнат мебошад, ки ба сохторҳои боломиллӣ дохил шуданро ҳатто чунин иқтисодиёти калон ва дар назари аввал худтаъминкуни, монанди Россияро талаб мекунад. Аммо марказҳои мавҷудаи иқтисодиёт барои тақсим кардани мавқеъҳои хукмфармо ва аз ин рӯ, фоида бо дигар бозигарон дар бозори ҷаҳонӣ манфиати иқтисоди надоранд. Ҳамаи ин боиси зарурияти ё ташкил кардани иттиҳодияи болоии худамон, ё тағйир додани худи муносибат ба идоракунии хочагии халқ мегардад. Аммо тавсифи он таҳлили пешакии чунин категорияи «иқтисоди дониш»-ро талаб мекунад.

Иқтисоди дониш ҳамчун категорияи илми иқтисодӣ мафҳуми устувор надорад, зеро имрӯз он танҳо дар соҳаҳои алоҳидаи баъзе соҳаҳои саноати давлатҳои мутараққӣ мавҷуд аст. Як қатор муаллифон чунин хусусиятҳоро аз қабили «тадриҷан..., давомнокӣ..., интеллектуализатсия..., нобаробарӣ..., глобалӣ..., илмӣ» фарқ мекунанд; «тезонидани истеҳсоли дониш..., афзоиши дороиҳои ғайримоддӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ..., навоварӣ ба фаъолияти бартаридошта табдил меёбад..., инқилоб дар воситаҳои дониш...». Умуман, иқтисоди дониш давраи иқтисодӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои баъдииндустриализм ба рушди максималии худ расидаанд.

Биёед хусусиятҳои хоси иқтисоди донишро аз нуқтаи назари консепсияи дар ин мақола овардашуда баррасӣ кунем. Сохтори бозорро ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва идоракуни ҳамчун унсури якуми таҳлил гирем. Дар иқтисодиёти саноатӣ бозор маҷмуи маҳсулоти хеле якхела буд, ки аз рӯи хусусиятҳои сифатӣ фарқ мекарданд. Ин имкон дод, ки рақобатро аз нуқтаи назари назарияи классикӣ тавсиф намуда, баъдан бо роҳи сохтори бозор ба сегментҳо аз мавқеи консепсияи маркетинг тавсиф карда шавад. Бо вуҷуди ин, ҳатто имрӯз бозори шумораи зиёди молҳо дорои сохтори пирамида мебошад, зеро молҳо дар он сатҳи мувофиқи якхела надоранд. Аксари гурӯҳҳои молҳоро бо номи умумии якхела метавон ҳамчун пирамида муаррифӣ кард, ки дар пояи онҳо эътироф шудаанд, вале аз навъҳои нави ин навъи мол дур, дар асоси арзонии нисбӣ бо функсияҳои зарурӣ ва ночиз (баъзан танҳо тарроҳӣ) фарқиятҳо. Дар мобайни пирамида як гурӯҳ молҳои «дирӯз» мавҷуданд, ки оқибати паҳншавии инновасияҳо, яъне татбиқи механизмҳои ба даст овардани фоида аз шакли моддии сармояи инсонӣ мебошанд. Дар болои пирамида як гурӯҳи маҳсулоте ҷойгир аст, ки навоварии бузургтарини бунёдӣ доранд, ки бо қонуни патентӣ ҳифз шудаанд.

Сохтори шабеҳи бозор инчунин, тағйир додани равишҳоро ба таҳлили рақобатро дар

назар дорад, зеро якбора якчанд намуди охиринро истифода бурдан мумкин аст. Ҳар як - барои "қадами пирамида" -и худ: монополияи кушод - барои маҳсулоти инноватсионӣ; олигополия — барои моли «дирӯз»; монополистӣ (ё рақобати комил) - барои моли тақсимоти бештар. Ин аст сабаби (аз ҷониби таъминот) нархгузории табъиз, ки аллакай хеле маъмул аст. Асоси қабули ин навъи нархгузорӣ аз ҷиҳати талабот инҳо мебошанд: аввалан, субъектикунонии талабот (аз доираи муомилот ба доираи истеъмол гузаштани муассисаҳои баҳогузорӣ); дуюм, тағйир додани структураи даромади истеъмолкунандагон (нисбат ба манбаъҳо), аз ҷумла, институткунонии чунин омили истеҳсолот, монанди сармояи инсонӣ ва сосиаликунонии иқтисодиёт (муайян намудани дараҷаи баланди минималии музди меҳнат).

Ҳамаи ин ба зарурати аз нав дида баромадани баъзе нуқтаҳои назарияи иқтисодӣ ҳамчун илм оварда мерасонад. Барои он ки таваҷҷуҳи хонандаро танҳо ба сармояи инсонии мо ҷалб накунем, биёед ҷанбаи микроиқтисодии онро дар муқоиса бо мавқеъи В.Л. Макарова ва Г.Б. Клейнер дар ҷиҳатҳои зерини микроэкономикаи нав хулосаҳои қариб якхела мавҷуданд: фардикунонии талабот ва таклиф, хусусиятҳои механизми нархгузорӣ. Аммо дар масъалаи сармоя ин муаллифон мавқеъи зеринро ишғол мекунанд: «сармоя натиҷаи баҳодиҳии иҷтимоии захираи маҳдуд, ҷамъкунанда, моеъ, такроршаванда ва қобилияти ба худ овардани арзиши нав (иловагӣ) мебошад». Мувофиқи мавқеи мо, капиталро ҳамчун категория танҳо дар просесси такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ба назар гирифтан мумкин аст. Арзёбии сармоя ба доираи муомилот тааллуқ дорад. Илова бар ин, сармоя барои соҳаи истеҳсолот на захира, балки арзиши омил дорад.

Муаллифон назарияҳои ҳозираи фирмаро бо сабабҳои «пароканӣ, ғайрисистемавӣ ва статикӣ моделҳои назариявии назариявӣ» рад намуда, пешниҳод мекунанд, ки равишҳои П.Друкер, Ҷ.Корнай ва дигаронро ҳамчун асос барои сохтани назарияи нав ҷиҳати ниҳоят муҳим: ташкилот объекти мустақили таҳлил нест. Чун қоида, объекти таҳлил кластери ташкилӣ мебошад. Ин ҷанба дар асарҳои М.Портер ба қадри кофӣ кушода шудааст, ки ташаккули арзиши истеъмолиро дар кластер равшан нишон додааст. Аз нуқтаи назари таҳлили иқтисодӣ кластер воҳиди ҳадди ақаллест, ки давраи такрористеҳсоли ҳама намудҳои сармояро барои ташаккули мол таъмин менамояд. Воқеан, хусусиятҳои татбиқи ин давраҳо ва таркиби сармояи зарурӣ барои татбиқи онҳо таркиб ва сохтори кластерро муайян намуда, нақши унсурҳоро дар ташаккули арзиши истифодабарӣ фоидаи омилҳои гузошташударо муайян мекунад. Ҳангоми истифодаи ин равиш муайян кардани таркиби муҳити беруна ва дохилӣ, тавсифи механизмҳои ҳамкорӣ ва идоракунӣ, ки дар амалия дар идоракунии стратегӣ рух медиҳад, хеле осон аст.

Иқтисоди миллӣ дар замони иқтисоди дониш наметавонад дар алоҳидагӣ аз низоми иқтисодии ҷаҳонӣ вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин он бояд мавқеи худро дар иерархияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ишғол намояд. Ба фикри мо, ин мавқеъро дараҷаи инкишофи сармояи инсонӣ ва иқтидори инсонӣ муайян мекунад, зеро маҳз онҳо ба ташаккули низоми монополияҳои кушод имкон медиҳанд ва мубодилаи баробарро дар миқёси ҳамкории байнидавлатӣ таъмин мекунанд.

Яке аз вазифаҳои асосии макроиқтисод ҳамчун илм асоснок кардани равандҳое буд, ки рушди иқтисодиро таъмин мекунанд. Аммо аксар мактабҳои номдор ё ба механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳаи истеҳсолот ва ё ба соҳаи муомилот муроҷиат карданд. Дар иқтисодиёти дониш ҷои бартариро соҳаи истеъмол ишғол мекунад. Аз ин ҷост, ки барои ҳалли ин масъала муносибати навро тартиб додан зарур аст. Соҳаи истеъмоли моддӣ дар мамлакатҳои тараққикарда амалан захираи афзоиши худро тамом кардааст ва дигар манбаи даромаднокии калон шуда наметавонад. Ин ба мамлакатҳои тараққиёбанда додани иқтидорҳои истеҳсолиро мефаҳмонад. Бо вуҷуди ин, соҳаи истеҳсолоти ғайримоддӣ мавҷуд аст, ки талабот ба маҳсулоти худ акнун ба вуҷуд меояд. Он ба хеле зиёд шудани даромади аҳолӣ, ки бо роҳи институт-сионализасиям механизмҳои ба даст овардани фоида аз ҳисоби сармояи инсонӣ гузошташуда ташаккул меёбад, ба баланд шудани дараҷаи маълумоти умумӣ ва мадании аҳолӣ асос ёфтааст, ки барои ташаккули чунин эҳтиёҷот имконият

медиҳад. Ҳамин тариқ, воситаҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар марҳилаи иқтисодиёти донишҳо инҳо хоҳанд буд: ташаккули низоми монополияҳои кушод, ташаккули низоми баҳодиҳии ҷамъиятии саҳми сармояи инсонӣ ба раванди такрористеҳсоли ҷамъият ва мутаносибан, тағйир додани низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии рушди маориф ва соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ташаккули базаи захиравии сармояи инсонӣ мебошад. Биёед ҳар як асбобро ба таври муфассал баррасӣ кунем.

Низоми монополияҳои кушод ба маҷмуи бартариҳои устувор ва ноустувори рақобатии кишвар асос ёфтааст. Он ба сикли васеъшавии такрористеҳсолкунии сармояи инсонӣ ва фуруши маҳсулот бо ҳиссаи максималии шакли моддии он — сармояи интеллектуалӣ асос ёфтааст. Аммо ба ғайр аз қобилияти истеҳсоли маҳсулоти якхела, имконияти фуруши он камтар таъсир намерасонад. Дар шароити кунунии иқтисоди ҷаҳонии иерархӣ дастрасӣ ба бозори васеи беруна хеле душвор аст. Аз ин ҷост, ки зарурати ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ ба молҳои инноватсионӣ, ки бояд ба даромад аз истифодаи сармояи инсонӣ дар раванди истеҳсолот асос ёбад.

Раванди институтсионализатсияи даромад аз рӯи сармояи инсонӣ пешрафта бо душвориҳои зиёд алоқаманд аст. Ва аввалини онҳо баҳодиҳии сармояи инсонист. Усулҳои мавҷуда барои ин кам истифода мебаранд. Аммо, муносибати А.Н. Васильева, ки аз гузариш аз унсурҳои сармояи инсонӣ ба тақсимоти сохтори фонди он иборат аст, ба назари мо, хеле умедбахш аст, гарчанде ки мавзӯи таҳқиқи алоҳида мебошад. Дар чаҳорчӯби ин таҳқиқот, паёмадҳои ин падида ҷолибтар аст, ки аз ҷумла ҷудоии бархӯрдҳо ба музди меҳнат ва сармояи инсонӣ дар ҷомеа пайдо шудани як табақаи иҷтимоие, ки аз рӯи "рентаи зеҳнӣ" зиндагӣ мекунанд, коҳиши фоидаи соҳибони шаклҳои анъанавии капитал ва ғайра. Ҳамаи ин аз як тараф боиси васеъ шудани табакаҳои истеъмолкунандагони сарватманд мегардад, аз тарафи дигар дар дохили кишвар талаботи иловагиро ба молҳои инноватсиони ташаккул дода, онҳоро талабот хеле зиёд аст. Ба ғайр аз ин бартариҳо, просесси баррасишаванда боиси афзоиши устувории иқтисодиёт мегардад, зеро даромаде, ки имрӯз аз шаклҳои анъанавии капитал гирифта мешавад, аксар вақт на ба истеҳсоли мол, балки дар соҳаи муомилот, ки дар ин давра ба даст оварда мешавад, гузошта мешавад, ангезандаи назарраси бӯҳронҳои иқтисодӣ мебошад.

Истеҳсол ва истеъмоли молҳои инноватсиониро бидуни ташаккули заминаи устувори захиравии сармояи инсонӣ, ки низомҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, ҳифзи саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ғайриимкон аст. Яке аз масъалаҳои асосӣ ин аст, ки маблағгузории ин низомҳо, ба фикри мо, ин як имтиёзи сирф давлатист ва он бояд воситаи танзими давлат дар иқтисодӣ дониш гардад. Давлат базаи захиравии сармояи инсониро ташкил карда, бо ҳамин ба тараққиёти як соҳаи хоҷагии халқ ҳавасманд ё суст мекунад. Ин махсусан дар соҳаи маориф закази давлатии истеҳсоли мутахассисон, танзими давлатии программаҳои тайёр кардани кадрҳо, маблағгузории давлатии илм воситаи тавонои идоракунии истҳсолот мебошанд. Дар баробари ин, бояд дар хотир дошт, ки тиҷорат ба кадрҳое, ки ҳоло ба он ниёз доранд, манфиатдор аст ва хидмати таълимӣ бо мурури замон дароз мешавад. Аз ин рӯ, вазифаҳои банақшагирии стратегӣ бояд аз ҷониби ниҳодҳои давлат ва ҷомеа пурра амалӣ карда шаванд. Маблағҳои заруриро барои маблағгузории ин соҳаҳо тавассути андозбандии даромади институтсионалӣ ба капитали инсон, ки мо онро шартан «иҷораи интеллектуалӣ» меномем, ба даст овардан мумкин аст.

Аз дидгоҳи С. Ҳамидова: Ҳамин тариқ, дар ташаккули сармояи инсонии минтақа, ки дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазир аст, ба мақомотҳои сатҳҳои гуногун нақши махсус дорад. Таъсири сохторҳои давлатӣ ба раванди ташаккул, рушд ва истифодаи самараноки сармояи инсонии минтақа тавассути арзёбии ҳолати воқеии сармояи инсонии дохилӣ ва берунӣ амалӣ карда мешавад [15, с.145].

Дар доираи категорияи «капитал» омили истеҳсолотеро, ки дар просесси такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, ба просесси тараққиёти сосиалию иқтисодӣ дохил мешавад, фаҳмидан мумкин аст. Сармояи инсониро метавон шакли эволютсионии

сармояе донист, ки дар иқтисодиёти баъдииндустриалӣ инкишоф ёфтааст ва дорои тамоми хосиятҳои сармоя мебошад; сармояи зеҳнӣ шакли воқеии сармояи инсонӣ мебошад.

Ба ақидаи Ш. Содиқова: Ҳамин тавр таърихи пайдоиш мазмун ва моҳияти сармояи инсонӣ дар асоси назарияҳои классикӣ ва неоклассикӣ, фаъолона ва мақсаднок инкишоф ёфтааст, ки дар зерсаволи мазкур мавриди таҳлили назарияви қарор гирифт [11, с. 117].

Ф.Н. Салимов вобаста ба дурнамои сармояи инсонӣ барои кишварамон ба ҳулосае меояд, ки таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки масъалаҳое, ки асоси ташаккул ва афзоиши сармояи инсонӣ мебошанд, ба таври кофӣ кор карда нашудаанд. Омили сармояи инсонӣ метавонад локомотиве гардад, ки кишварро ба марҳалаҳои нав мебарад, дурнамои рушди устувори иқтисодиро дар оянда боз мекунад ва рақобатпазириро дар арсаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъмин мекунад [13, с.61].

Сохтори бозор дар шароити иқтисодиёти дониш пешниҳод карда мешавад, ки он молҳоеро дар бар мегирад, ки сатҳи моддии шакли капитали инсонӣ ба таври куллӣ гуногун мебошанд, ки мавҷудияти шаклҳои гуногуни рақобатро дар як бозор ва нархгузории тафриқашавандаро муайян мекунад ; собит шудааст, ки субъектикунонии талабот ва таклифот дар бозор бо сабаби аз доираи муомилот ба доираи истеъмол гузаштани дукмронии бартаридошта дар натиҷаи инкишофи базаи захиравии сармояи инсонӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, сармояи инсонӣ яке аз омилҳои муҳимми истеҳсолот дар иқтисодиёти баъдииндустриалӣ ва иқтисодиёти дониш мебошад. Дараҷаи тарққиёти он мавқеи иқтисодиёти мамлакатро дар иерархияи иқтисодиёти миллӣ муайян мекунад. Дар баробари ин воситаҳои нави танзими давлатии иқтисодиёт инҳо мебошанд: ташаккули низоми монополияҳои кушод, ташаккули низоми баҳодиҳии ҷамъиятии саҳми сармояи инсон ба просесси такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ва мутаносибан тағйир додани низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии рушди маориф ва соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ташаккули базаи захиравии сармояи инсон.

Донишҳои идоракунии илмӣ ва таълимӣ дар ҷаҳон - аз ватани Амрикои худ то Аврупо ва Осиё фаъолона паҳн мешуданд. Асоси тавонои илмию амалии менеҷмент ба вуҷуд омад, яъне менеҷмент ҳамчун фаъолияте, ки бо идоракунии одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот алоқаманд аст. Ин замина барои фаҳмидани эволютсия аз идоракунии захираҳои инсонӣ ба идоракунии захираҳои инсонӣ, иқтидори инсонии фаъолияти соҳибкорӣ ва эҷодӣ асос гардид [12].

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон ва вазъи иқтисодии он ва баҳри дар бозари ҷаҳон ҷойгоҳи худро ёфтан нақша чорабиниҳои муайянро ҷорӣ намудан мумкин аст, ки бештари он то имрӯз қабул шудаанд.

Пешниҳод карда мешавад, ки барномаи омӯзиши курсҳои интенсивӣ дар тамоми муассисаҳои давлатӣ ва айридавлатӣ новобаста аз шакли моликияташон ташкил карда шавад. Ин аввалин қадам дар рушди муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати муҳоҷират, рушди соҳаҳои технологӣ ва махсусан дарномасозӣ хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозаде Н. Р. Источники и направления инвестиций в развитие человеческого капитала в Республике Таджикистан / Н. Р. Абдуллозаде // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 141-147.
2. Акрамов А. А. Теоретические основы влияния интеллектуальных знаний в формировании человеческого капитала / А. А. Акрамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 11. – С. 158-164.
3. Асламов А. И. Оценка состояния человеческого капитала Республики Таджикистан в системе индикаторов конкурентоспособности / А. И. Асламов // Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/9(151). – С. 35-39.
4. Борисов Г.В. Человеческий капитал фирмы / Г.В. Борисов // Вестник С-Петерб. у-та. Сер.5 «Экономика».- СПб., 1999. -Вып. 1. – С.173.
5. Давлатов С. Н. Роль человеческого капитала в развитии экономики Республики Таджикистан / С. Н. Давлатов, Х. Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/6(175). – С. 94-97.
6. Давлатов С. Н. Человеческий капитал как основной фактор в формировании и развитии новой экономики / С. Н. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 152-157.
7. Комилов С. Д. Особенности формирования экономиКИ знаний на современном этапе / С. Д. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/8(125). – С. 11-21.
8. Қодиров Ш. Ш. Масъалаҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар синни барвақтии кӯдакон / Ш. Ш. Қодиров, А. С. Орипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 4. – С. 47-51.
9. Қурбонов А. Ҷ. Равишҳои назариявии таҳлили саломатӣ дар сохтори сармояи инсонӣ / А. Ҷ. Қурбонов, М. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 10-1. – С. 89-94
10. Қурбонов А. Ҷ. Ташаккул ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ: асосҳои назариявӣ / А. Ҷ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 5. – С. 65-75.
11. Гоибназаров С.М. Стратегия эффективного управления человеческими ресурсами в условиях кризисного развития / С.М. Гоибназаров, Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 2/3 (86). – С. 175-179.
12. Садикова Ш. Сармояи инсонӣ ва такрористеҳсолии он: таҳаввул ва самти рушд / Ш. Садикова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 10-2. – С. 113-118.
13. Салимов Ф. Н. Стратегия развития человеческого капитала в Республике Таджикистан / Ф. Н. Салимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 9. – С. 57-63
14. Содиқова Ш. Мушкилоти сармояи инсонӣ ва такрористеҳсоли он дар тафаккури иқтисоди муосир / Ш. Содиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 3. – С. 45-49.
15. Хамидова С. Х. Методологические подходы к оценке человеческого капитала региона в среде инновационного развития территорий / С. Х. Хамидова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 4-1. – С. 144-151.

УДК 330.322(575.3)

Наботова П.Ҷ., Дустматов Б.М., Мухторзода С.С.

ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИДОШТА

Дар мақола таҷрибаи хориҷии ташкили шаклҳои ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба категорияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дохил мешаванд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд карда ба маврид аст, ки дар мақола таҷрибаи кишварҳои Аврупо, Ҷопон, ИМА ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки ҳар яки онҳо соҳаи афзалиятноки худро оид ба истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ доранд.

Вожаҳои калидӣ: хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ, механизм, субъектҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, шартномаҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

Наботова П.Дж., Дустматов Б.М., Мухторзода С.С.

ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОЕ ПАРТНЕРСТВО В СФЕРЕ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ В СТРАНАХ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА

В статье исследуется зарубежный опыт форм взаимодействия государства и частных структур в социальной сфере, в сфере услуг, которые включаются в категорию государственно-частного партнерства. Рассматривается опыт европейских стран, Японии, США и других, отмечается, что в каждой из них имеется своя наиболее приоритетная отрасль по использованию государственно-частного партнерства.

Ключевые слова: публичные услуги, социальные услуги, социально значимые бытовые услуги, механизм, субъекты государственно-частного партнерства, контракты, некоммерческие организации.

Nabotova P.J., Dustmatov B.M., Mukhtorzoda S.S.

PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIPS IN SOCIAL SERVICES IN COUNTRIES OF SUSTAINABLE ECONOMIC GROWTH

The authors study world experience in the field of cooperation of state and private enterprises in the sphere of service, which are included in the category of state and private partnership. The authors analyze the experience of European countries, Japan, and the USA and note that each of them has a foreground industry where state and private partnership is practiced.

Key words: public service, social service, socially significant household services, mechanism, subjects of state and private partnership, contracts, non-profit organizations.

Дар амалияи мамлакатҳои ғарбӣ, мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун ҷалби соҳаи соҳибкорӣ барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии ҷамъиятӣ, рушди инфрасохтори ҷамъиятӣ ва татбиқи лоиҳаҳои калон ва мураккаби технологӣ истифода бурда мешавад [4].

Дар тадқиқоти аз таҷрибаи давлатҳои Аврупо, ИМА ва Русия истифода намуда, хусусиятҳо ва унсурҳои муҳими онро барои кишварҳои рӯ ба инкишоф пешниҳод менамоем.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ роҳи ба таври қонунӣ барои як давраи муайян ба расмият даровардани ҳамгироии захираҳо, тақсимоти хавфҳо, ҳамкории мақомоти давлатӣ бо шарикони хусусӣ мебошад.

Ширкатҳои хусусӣ ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳарчи бештар ҷалб шуда, дар самти таҷрибаи идоракунӣ, кӯмаки техникӣ, кӯмаки молиявӣ ва маблағгузорӣ саҳм мегузоранд. Дар бахшҳои ҳамкории хизматрасонии иҷтимоӣ ҳукуматҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ захираҳои худро муттаҳид мекунанд ва барои ҳалли масъалаи иҷтимоӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ якҷоя кор мекунанд.

Як қатор моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуд аст, ки дар он ӯҳдадорӣ, масъулият ва таваккалро дар байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ тақсим менамояд. Дар амалияи мамлакатҳои хориҷӣ чунин моделҳо истифода бурда мешаванд [1]. (Ҷадвали 1.):

Ҷадвали 1.

Моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасонии иҷтимоӣ

№	Номгӯи модел	Тавсифи модел
1	Харидорӣ - сохтмон - истифода намудан (BBO – Buy – Build - Operate)	Ба сохтори хусусӣ ва ғайридавлатӣ додани моликияти давлатӣ аз рӯи шартҳои шартномае, ки мувофиқи он амвол бояд дар муҳлати муайян нав карда, ба истифода дода шавад. Назорати давлатӣ дар давоми муҳлати шартномаи додани амвол гузаронида мешавад.
2	Сохтмон-соҳибмулк гардидан- истифода намудан (BOO - Build – Own – Operate)	Бахши хусусӣ як иншоотро маблағгузорӣ намуда, биноро месозад, соҳибмулк гардида, идора мекунад ё ин ки дар асоси шартномаи якумра ба иҷора мегирад. Маҳдудиятҳои давлатӣ дар шартномаи аввал бораи фаъолияти мақомоти танзимкунандаи доимӣ муқаррар карда мешаванд.
3	Сохтмон- соҳибмулк гардидан - истифода намудан-интиқол (BOOT - Build - Own - Operate - Transfer)	Сохтори бахши хусусӣ барои маблағгузорӣ, шакл додан, сохтан ва истифода бурдани иншоот (инчунин пардохт барои истифода) ба мӯҳлати муайян франшиза мегирад ва пас аз он моликият ба давлат баргардонида мешавад.
4	Сохтмон - истифода намудан-интиқол (BOT – Build – Operate - Transfer)	Бахши хусусӣ иншооти навро дар асоси шартномаи консессионии дарозмуддат тарҳрезӣ мекунад, маблағгузорӣ намуда, месозад ва онро дар давоми мӯҳлати шартнома истифода мебарад. Баъди ба охир расидани муҳлати шартнома, агар ин ҳуқуқ бо сабаби ба охир расидани лоиха то ҳол гузашта бошад, моликият ба сектори давлатӣ баргардонида мешавад. Дар асл, ин шакл моделҳои BOOT ва BLOT-ро бо фарқияти ягона - дар шакли моликият ба объект фаро мегирад.
5	Сохтмон - иҷора - истифода намудан - интиқол (BLOT - Build - Lease - Operate - Transfer)	Ширкати бахши хусусӣ франшизаро барои маблағгузорӣ, тарҳрезӣ, сохтмон ва истифодабарии иншооти ба иҷора гирифташуда (инчунин, аз истеъмолкунандагон барои хизмат) барои давраи ба иҷора гирифтан, бо пардохти иҷорапулӣ дода мешавад.
6	Тарҳрезӣ-сохтмон-маблағгузорӣ-истифода намудан (DBFO – Design – Build – Finance - Operate)	Бахши хусусӣ иншооти навро дар асоси иҷораи дарозмуддат тарҳрезӣ, маблағгузорӣ намуда ва истифода мебарад. Бахшии хусусӣ иншоотро дар охири иҷора ба бахши давлатӣ месупорад.

7	Иштирок дар маблағгузорӣ (Finance Only)	Бахши хусусӣ (одатан як ширкати хизматрасонии молиявӣ) лоиҳаро мустақиман ё тавассути механизмҳои гуногун, аз қабили лизингҳои дарозмуддат ё коғазҳои қиматнок (вомбаргҳо) маблағгузорӣ мекунад.
8	Шартномаи амалиёт ва нигоҳдорӣ (O & M - Operation & Maintenance Contract)	Корхонаи хусусӣ амволи бахши давлатиро дар муддати муайян тибқи шартҳои шартнома истифода мебарад. Ҳуқуқи моликият ба сохтори давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. (Бисёр одамон майл надоранд, ки чунин моделро ба мисли ШДБХ баррасӣ кунанд ва чунин шартномаҳоро хизматрасонӣ ё шартномаҳои хизматрасонӣ меноманд).
9	Тарҳрезӣ-сохтмон (DB - Design - Build)	Бахши хусусӣ дар асоси шартномаи сохтмонии фаврӣ инфрасохторро тарҳрезӣ ва месозад, то талаботи бахши давлатиро ба хизматрасонӣ қонеъ созад, аксар вақт бо арзиши муайяншуда. Ҳамин тариқ, хавфи зиёдшавии хароҷот ба бахши хусусӣ вогузор мешавад (Бисёриҳо аз дидани модели DB дар ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ худдорӣ мекунанд ва ба чунин муносибатҳо ҳамчун шартномаҳои хариди давлатӣ муроҷиат мекунанд).
10	Ҳуқуқи истифода намудан (Operation License)	Оператори хусусӣ ҳуқуқ (литсензия) барои истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии давлатиро одатан ба мӯҳлати муайян мегирад. Ин модел аксар вақт дар лоиҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ (IT) истифода мешавад.

Инфрасохтри хизматрасонии иҷтимоӣ омили асосии ёрирасон ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад [5]. Низоми мавҷудаи иҷтимоӣ, ки чун анъана масъулияти давлат ҳисобида мешавад, ба навсозӣ ва рушди минбаъда ниёз дорад. Хароҷоти моделсозии соҳаи иҷтимоӣ хело ҳам гарон аст, вале мураккабии ин масъала на танҳо ба ҷалби маблағҳои назарраси буҷетӣ, балки ба ҷорӣ кардани усулҳои муосири идоракунӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобаста аст. Ҳардуи инро дар доираи тиҷорати хусусӣ ба роҳ мондан имкон дорад.

Давлат бояд захираҳои маҳдуди худро барои рушди инфрасохтори хизматрасонии иҷтимоӣ самаранок харҷ намояд. Беҳтарин роҳи рушди босамари инфрасохтори хизматрасонии иҷтимоӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Самти бомувафақият рушд намудани сармоягузории хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҳиссаи сармоягузории бахши хусусӣ ба соҳаи иҷтимоии давлатӣ вобастагӣ дорад. Аз ҳамин лиҳоз, давлат ҳама воситаҳои ҳавасмандгардониро истифода намуда, рақобати солимро дар ташкил ва тақсими лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монад. Маҳз рақобати солим дар раванди баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ нақши беназир расонад.

Таҷрибаи ислоҳоти Федератсияи Русия дар давоми 15-20 соли охир нишон медиҳад, ки яке аз механизмҳои асосии васеъ намудани базаи захиравӣ ва сафарбар намудани захираҳои истифоданашуда барои рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Рушди ҳамкориҳои давлат ва бахшҳои хусусӣ бо як қатор омилҳое муайян карда мешавад, ки ба тавсеаи миқёс ва шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсир мерасонанд [4]:

1. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз механизмҳои иқтисоди омехта мебошад, ки имкон медиҳад муносибатҳои байни соҳибкорӣ ва давлатро рушд диҳанд.

2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки захираҳои бахши хусусӣ ба равандҳои такрористеҳсолӣ дар бахшҳо ва соҳаҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ тааллуқ доранд, ҷалб карда шаванд, инчунин барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ бо ташаббуси соҳибкории хусусӣ истифода шавад.

3. Дар доираи лоиҳаҳои мушаххас муттаҳид намудани захираҳои хусусӣ ва давлатӣ барои рақобатпазирии соҳаҳои аз рушд ақибмонда.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки давлат дар раванди ташкили шарикии бо бахши хусусӣ нақши калидӣ мебозад, чунки он дар робита ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ сохта мешавад. Субъекти ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ: моликияти давлатӣ ва коммуналӣ, инчунин хизматрасоние, ки мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд.

Дар Федератсияи Русия самтҳои асосии татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба соҳаҳои зерин равона гардидааст [2]:

- нақлиёт (роҳҳо, купрукҳо, гузаргоҳҳо, трамвайҳои баландсуръат, роҳи оҳан, вокзалҳо, фурудгоҳҳо, бандарҳо);
- экология (корхонаҳои коркарди партовҳо, нуқтаҳои интиқоли партовҳо);
- об (низоми обтаъминкунӣ ва канализатсия, стансияҳои насосӣ, шабакаҳои обкашонӣ);
- самаранокии энергия (низоми гармидиҳӣ, шабакаҳои гармидиҳӣ, навсозии биноҳои давлатӣ /мунисипалӣ, низоми равшаникунонии кӯчаҳо);
- омода намудани ҳудудҳо (таъмини инфрасохтори майдонҳо барои рушди комплексӣ, таъмини инфрасохтор барои паркҳои технологӣ);
- рушди иҷтимоӣ (поликлиникаҳо, беморхонаҳо, стансияҳои ёрии таъҷилӣ, мактабҳо, боғчаҳо, меҳмонхонаҳо, майдончаҳои фароғатӣ, варзишгоҳ, театрҳо, осорхонаҳо);
- таъмини амният ва тартиботи ҳуқуқӣ (шуъбаҳои милитсия, шӯъбаҳои оташнишонӣ, иншооти ғайриҳарбии Вазорати мудофиа, бинои судҳо);
- иттилоотонӣ ва идоракунии давлатӣ (марказҳои маъмурии бисёрфункционалӣ, инфрасохтори ҳукумати электронӣ, инфрасохтори дастрасӣ ба Интернет).

Дар таҷрибаи Федератсияи Русия модели “Масъулияти иҷтимоии бахши хусусӣ” вуҷуд дорад. Хусусияти хоси модели “Масъулияти иҷтимоии бахши хусусӣ” дар он аст, ки бартарияти барномаҳои кӯтоҳмуддати сармоягузории иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Иштироки бахши хусусӣ дар ин модели иҷтимоӣ ихтиёрӣ мебошад. Аксар вақт ин фаъолиятро корхонаҳо пурра дарк намекунанд, зеро онҳо мақсадҳои дигар доранд. Дар Русия бахши хусусӣ мустақилона андозаи масъулиятро барои рушди иҷтимоии ҷомеа муайян мекунад. Мушкилоти дигари рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуд набудани муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба назорати фаъолияти ширкатҳо дар доираи масъулияти иҷтимоӣ ва набудани шаффофияти иттилоотии ширкатҳо дар сиёсати иҷтимоӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як кишвар сиёсат дорои чаҳорчӯби ҳамаҷонибаи ШДБХ дар самти ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки заминаи дурусти меъёрӣ интихоби дурусти лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлатиро таъмин намуда, хатари гуфтушунидҳои навро кам мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар кишварҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо ва дигар кишварҳо беш аз 80%-и лоиҳаҳои шарикии ҷорӣ танҳо ба сохтмон ва истифодаи роҳҳо марбутанд, ки ба сифат ва дастрасии хизматрасониҳои бозор мусоидат мекунад. Таҷрибаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин кишварҳо нишон медиҳад, ки аз як ҷониб бахши давлатӣ хизматрасониҳои соҳибкорро мехарад, дар баробари ин тавассути додани фондҳои асосӣ барои татбиқи онҳо инчунин дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ба андешаи мо, шартномаҳое, ки манфиатҳо ва ҳам ӯҳдадориҳо, масъулиятҳо ва хатарҳоро дар бар мегиранд, ин лоиҳаҳо метавонанд фаъолияти объектҳои ҳаётан муҳимро таъмин кунанд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки сатҳи рушди кишвар ва афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии давлатҳои мушаххас аз ҷалби сармоягузории хусусӣ барои ҳалли масоилҳои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ру,

ташаккул ва инкишоф додани шарикии давлат ба бахши хусусӣ дар мамлакатхои тараккиёбанда манфиати зиёд дорад [3].

Умуман, аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ бар меояд, ки давлат фаъолияти танзимгариро дар соҳаи шарикӣ бо бахши хусусӣ дар се самт ташкил менамояд. Аввалан, он стратегия ва принсипҳоеро таҳия мекунад, ки муносибатҳои бахши хусусиро дар маҷмӯъ бо ҷомеа ва алахусус бо мақомоти давлатӣ ба танзим медароранд. Дуюм, муҳити институтсионалии таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикиро ташаккул медиҳад. Сеюм, бевосита дар ташкил ва идоракунии давлат иштирок мекунад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯбатарақӣ нишон медиҳад, ки дар хизматрасонии иҷтимоӣ ҷорӣ намудани ШДБХ самараи бештари иқтисодӣ дорад. Чунки, тадқиқотҳои илмӣ дар ин соҳа зиёд шуда, барои татбиқи он чораҷӯӣ карда мешавад, афзоиши сармоягузориро ба инфрасохтори хизматрасонии иҷтимоӣ зиёд намуда, ба некӯаҳволии табақаҳои миёнаи аҳолӣ таъсири бештар мерасонад.

Илова бар ин, ҷорӣ намудани ШДБХ як қатор бартариҳо дорад: якум, хароҷоти буҷети давлатӣ барои тамоми мӯҳлати истифодабарии иншоот кам мегардад; дуюм, хавфу хатарҳои молиявию сохтмонӣ вобаста ба истифодаи биноҳо бо бахши хусусӣ тақсим мегардад.

АДАБИЁТ

1. Европейская экономическая комиссия /Организации Объединенных Наций//Нью-Йорк и Женева, 2008.
2. Мехряков Е.В. Государственно-частное партнерство как инструмент инновационного развития России // Обновление процессов воспроизводства в экономике России: сборник научных статей / Под общ. ред. А.Н. Фоломьева. – М.: РАГС, 2011.
3. Муқаддасзода Ф.М., Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг: теория, методология, практика/диссер… на соис... учен. степени д.э.н.:08.00.05// Ф.М. Мукаддасзода. -Душанбе, 2018. -347с.
4. Плахотников А.А., Пухова М.М. Концепция регулирования государственно-частного партнерства в Тамбовской области // Самоуправление. – 2013. - № 10. – С. 19-22.
5. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О., Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.

УДК: 331.1

Ҳабибуллозода М.Ҳ.

МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур механизми татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин замина сиёсати давлатии кишвар дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудааст. Дар доираи омӯзиши таҷрибаи олимони ватаниву хориҷӣ як қатор пешниҳодот роҷеъ ба такмили низоми рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ аз тарафи муаллиф баён гардидааст. Мақолаи мазкур ҷанбаҳои

назаривию қисман амалии масоили таҳқиқиро фаро гирифта шуда, якчанд омилҳои таъсирасонии соҳавиро возеҳ намудааст. Дар чорчӯбаи омӯзиши масъалаи мазкур муаллиф кӯшидааст, ки ақидаи шахсии худро дар робита ба масъалаи мазкур баён созад. Дар интиҳои мақола муаллиф якчанд пешниҳодҳои илман асоснокро ҷиҳати инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, технология, иттилоот, раванд, инкишоф, рақамикунонӣ, тамоюл, такмил, ташаккул, инноватсия, тиҷорат, соҳибкорӣ.

Хабибуллозода М. Х.

МЕХАНИЗМ ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье был изучен механизм внедрения цифровой экономики в Республике Таджикистан, и в этом контексте определена государственная политика страны в направлении внедрения цифровой экономики. В рамках изучения опыта отечественных и зарубежных ученых автором представлен ряд предложений по совершенствованию системы цифровизации национальной экономики. Эта статья охватывает теоретические и частично практические аспекты вопросов исследования и объясняет несколько влияющих факторов в этой области. В рамках изучения данного вопроса автор попытался высказать свое личное мнение по данному вопросу. В конце статьи автор сделал несколько научно обоснованных предложений по дальнейшему развитию цифровой экономики в Республике Таджикистан.

Ключевые слова. экономика, технология, информация, процесс, развитие, цифровизация, тенденция, совершенствование, формирование, инновации, бизнес, предпринимательство.

Habibullozoda M. H.

THE MECHANISM FOR INTRODUCING THE DIGITAL ECONOMY IN THE REPUBLIC JF TAJIRISTAN

In this article, the mechanism for introducing the digital economy in the Republic of Tajikistan was studied, and in this context, the state policy of the country was determined in the direction of introducing the digital economy. As part of the study of the experience of domestic and foreign scientists, the author presents a number of proposals for improving the system of digitalization of the national economy. This article covers the theoretical and partly practical aspects of the research questions and explains several influencing factors in this area. As part of the study of this issue, the author tried to express his personal opinion on this issue. At the end of the article, the author made several scientifically based proposals for the further development of the digital economy in the Republic of Tajikistan.

Keywords: economics, technology, information, process, development, digitalization, trend, improvement, formation, innovation, business, entrepreneurship.

Дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим, ки боиси рушду инкишофи ҳар як мамлакат гардидааст, ин гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

Бояд қайд намоем, ки нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ хеле ҳам баланд буда, аз зар як кишвар тақозо менамояд, ки ба таври суръатнок ба ин равад ҳамроҳ гардад.

Дар зери мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” метавон фаъолияти иқтисодӣ, ки дар он омилҳои муҳим ба монанди технололгия, техника, инноватсия ва ғайраҳо иштирок менамоянд.

“Иқтисодиёти рақамӣ яке аз шабакаҳои сатҳи ҷаҳонӣ буда, ҳамчун унсури таркибии инкишофи иқтисоди миллӣ баромад менамояд ва дар шакли натиҷаи дастрас зоҳир мегардад.”[1]. Яъне гуфтан ба маврид аст, ки иқтисодиёти рақамӣ бо технологияҳои инноватсионӣ робита зич дошта, дар раванди муайян якҷоя баромад менамоянд. Дар ин раванд татбиқи иқтисодиёти рақамӣ аз омилҳое, вобастагӣ дорад, ки хусусияти навгониро дар худ дошта, барои низоми мазкур созгор мебошанд.

Агар ба таърихи ташаккули иқтисодиёти рақамӣ назар афканем, таърихи начандон тӯлонӣ дошта, инкишофаш ба таври марҳилавӣ сурат гирифтааст.

Аввалин маротиба Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар даҳсолаи охири асри 20 пайдо гардида, минбаъд марҳила ба марҳила рушду инкишоф ёфтаа ст.

Истилоҳи иқтисодиёти рақамӣ бори аввал аз ҷониби олими америкоӣ Николас Негропонте ба гардиши илмӣ ворид карда шлудааст.

Ба ақидаи Негропонте “норасогиҳои молҳои классикӣ (вазн, ашёи хом, нақлиёт) ва бартариҳои иқтисодиёти нав (набудани вазни мол, виртуалӣ, ҷойивазкунии лаҳзавии глобалӣ) баён карда буд” [3].

Махсусан бояд ҳамин нуктаро қайд намоем, ки: “иқтисодиёти рақамӣ хусусияти хоси фарқунандаро бо худ дошта, дар чорчӯбаи имкониятҳои мавҷуда ба роҳ монда мешавад” [8].

Бил Гейтс соли 1999 дар асраи пурмӯҳтавои худ бо номи «Бизнес бо суръати ақл» ғояи инқилоби иттилоотиро мувоқи омӯзиши ҷанбаҳояш пешниҳод намуда буд.. Тибқи ақидаи ӯ инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ҳаёти рӯзмарраи ҷамъиятро фаро гирифта , ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири истеҳсолот баромад менамояд. Дар ин раванд фаъолияти соҳибкорӣ, комилан сифати навро ба худ касб намуда, муносибатҳои иқтисодӣ низ дар шакли нав пайдо мегардад, ки ин боиси инкишофи макроиқтисодӣ мебошад.

Билл Гейтс менависад: “Дар ояндаи наздик дар бозор ду намуди ширкатҳо боқӣ мемонанд, яъне ширкатҳое, ки пурра ба воситаи интернет хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд ва ширкатҳое, ки пурра аз бизнес баромадаанд.” [7].

Дар доираи ақидаи Бил Гейтс ҳамин нуктаро илова намудан мумкин аст, ки тамоми фаъолияти рӯзмарраи инсон новобаста аз шакл ва намуд, метавонад тариқи интернет идора карда шавад. Тамоми додугирифтҳо, табодули молу маҳсулот, раванди инкишофи истеҳсолот тариқи технологияҳои инноватсионӣ идора карда шуда, дар ин замина метавонад самаранокии манфиатҳои корхонаву ташкилотҳоро дучанд созад.

Боиси қайд аст, ки иқтисодиёти рақамӣ дар замони муосир яке аз ҷузъҳои таркибии ҷамъиятӣ гардида, тибқи меъёрҳои муайян амал мекунад.

Истифодаи интернет дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ба таври мустақим сурат гирифта, якчанд натиҷаҳои назаррасро аз ҷумла: самаранокӣ, афзоиш, инкишоф, ташаккул ва навоварӣ ба миён мпеорад.

Ба ақидаи Энговатова «Иқтисодиёти рақамӣ – ин шакли нави иқтисодиётест, ки бо методҳои муосири технологӣ, техникӣ ва инноватсионӣ фаъолияти рӯзмарраро ба роҳ мемонанд.» [2].

Яъне дар ин ҷо ҳамин нуктаро қайд намудан ба маврид аст, ки асоси ташккул ва инкишофи раванди рақамиқунонии иқтисодиёт аз воситаҳои техникӣ, технологӣ ва интеллекти сунъӣ сарчашама мегирад ва аз тамоми кишварҳое, ки раванди рақамикунонии иқтисодиётро пеш гирифтаанд истифодаи воситаҳои болозикрро ба таври васеъ талаб менамояд.

Воқеан имрӯзҳо рақамикунониии иқтисодиёти миллӣ барои аксар кишварҳои ҷаҳон ҳамчун ҳадафи стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ гардида, ҳамчун муҳаррики пешгӯйишаванда баромад менамояд.

Тибқи арзёбиҳои коршиносон дар ояндаи наздик технологияи рақамӣ ҷойгузини ҳамаи фаъолиятҳои классикӣ гардида, марҳидла ба марҳила устуворнокии иқтисодиёти миллӣ, ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва корхонаҳоро фаро мегирад, ки дар натиҷа ислоҳоти пурраи

рақамикунонӣ ба миён меояд [9]. Асосан баҳри татбиқи иқтисодиёти рақамӣ барои ҳар як кишвар, сараввал инфрасохтори ҷорисозӣ фароҳам оварда шавад, то ки натиҷаҳои муайянро ба бор оварда, ба таври зинагӣ як қатор проблемаҳои макроиқтисодиро аз қабили бекорӣ, инкишофи иҷтимоӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул, боздории раванди фирори мағзӣ, технологияи омодасозии кадрӣ ва ғайраҳоро ҳаллу фасл намояд. Зимнан барои инкишофи иқтисодиёти рақамӣ усулҳои технологӣ зарур ҳисобида мешавад, зеро ки маҳз воситаи ноилгардӣ аз ҳамин нукта оғоз гардида, дар нуктаи натиҷавӣ хатм меёбад.

Дар шароити муосир пас аз санотикунонии иқтисодиёт, м асъалаи рақамикунонии он ба миён омадааст, ки тақозои ҳарчи зиёд гузаронидани пажӯҳишҳои илмиро ба миён овардааст..

Расми 1. Гузариши раванди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба бозори ҷаҳонӣ

Чуноне, ки аз расми дар боло овардашуда бармеояд, раванди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба бозори ҷаҳонӣ бениҳоят баланд буда, талаботҳои навро барои ҷорис озии он ба миён меорад. Воситаҳои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда, яъне татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ҳамон вақт имконпазир аст, ки суръати баланди интернет мавҷуд бошад ва ё инфрасохтори иқтидорноки технологӣ фаъол гардонида шуда бошад.

Дар даҳсолаи аввали ҷорисозии иқтисодиёти рақамӣ заминаи асосии он ин бизнеси савдои электронӣ ва хизматрасонӣ маҳсуб меёфт, аммо раванди ҷаҳонишавӣ ва прогресси илмӣ-техникӣ ин марҳиларо комилан такмил дода, рӯз то рӯз муракккабу васеъ гардонида истодааст.

Аз ин рӯ аз мо тақозо менамояд, ки ин равандро марҳила ба марҳила боназардошти тағйиротҳо амалӣ гардонида, инфрасохтори мавҷудаи соҳавиро бо наворвариҳо мутиобиқ намоем.

Дар чочӯбаии гуфтаҳои боло, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки раванди рақамикунониии иқтисодиётхусусияти хосеро ба монанди технологияи нав, техникаи нав, хизҳматрасониҳои нав, муносибатҳои иқтисодие, ки ба куллӣ аз принсипҳои классикӣ фарқ менамояд, мебошад, аммо гуфтан ба маврид аст, ки имрӯзҳо қобилияти коркарди маълумотҳои оморӣ нисбат ба раванди мазкур масъулиятро дучанд гардонидааст. “Ба маънои байналмилалӣ иқтисоди рақмӣ ҳамчун омили асосии таъсирасонада дар бозор мебошад, ки дараҷаи фарогириаш васеъ аст.” [1].

Ба маънои томаш иқтисодиёти рақамӣ бояд тибқи стратегияи пешакӣ тарҳрезишуда, ба роҳ монда шавад, то ки натиҷаи самарабхш ва афзалиятнокро ба миён орад. Технологяии ҷорисозии иқтисоди рақамӣ дар доираи як қатор моделҳои муосири технологӣ ба роҳ монда шуда, пурра омилҳои таъсирасонандаро фаро мегирад, ки дар интиҳо натиҷаи самарабахш ба даст меояд..

Расми 2. “Соҳаҳои рушди шабакаҳои саросарӣ” [4].

Бояд тазаккур дод, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, нақши боризро дар инкишофи мамлакатҳо мебозад. Аз ҳамин лиҳоз ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ дар доираи моделҳои муосир ба натиҷаи фаъолият таъсири мусбӣ расонида, марҳила ба марҳила иҷроиши силсила корҳоро дар худ касб менамояд. Дар ҷаҳони муосир нақши технологияҳо дар дилхоҳ соҳа ба таври системавӣ аён мегардад, аммо сухан танҳо дар бораи иқтисоди рақамӣ меравад.

Шартҳои асосии рақамикунонии иқтисодиёт заминаи боэътимодро дар интихоби роҳҳои расидан ба мақсадҳои гузошташуда ба миён меорад, ки ҳамчун омили калидии рушд эътирф мегардад.. Бинобарин зарурияти таҳқиқи масоили рақамикунонии иқтисодиёт боз ҳам мубрамтар гардида, тақозои пажӯҳишҳои амиқро талаб менамояд.

Яке аз заминаҳои боэтимоди татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар шароити муосир ин табодули таҷрибаҳо байни корхонаҳо, ширкатҳо, ташкилдотҳои гуногун мебошад. Маврид баа ёдоварист, ки раванди рақамикунонии иқтисодиёт аз омилҳои зерин сарчашма мегирад:

1. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
2. Шабаки алоқавию коммуникатсионӣ;
3. Базаи моддиву техникиии фаъолияти инноватсионӣ;
4. Захираҳои илмиву амалӣ, инчунин корҳои конструкторӣ;
5. дастгирии давлатии рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ;
6. эҷоди фазои ягонаи рақамикунонии иқтисодиёт;
7. Инкишофи сармоягузории мутақими давлативу хориҷӣ;
8. Маблағгузориҳои буҷети ҷиҳати татбиқи раванди иқтисодиёти рақамӣ

Аз омилҳои дар боло овардашуда, чунин натиҷабандӣ намудан мумкин аст, ки хусусияти инкишофи иқтисоди рақамӣ ин принсипи занҷиравӣ мебошад ва бояд тибқи меъёрҳои муқарранамуда амалӣ карда шавад.

Тӯли начандон муддатҳои дароз аз ҷониби Ҳукумсати кишвар масъалаи рақамикунонии иқтсиодиёт здар назар дошта шудааст, аммо дар доираи имкониятҳо ба роҳ монадани ин фаъолият зарур аст. Тибқи меъёрбандиҳо имрӯзҳо масъалаи рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун асоси сенарияи рушд баромад менамояд. Рақамикунонии иқтисодиёт имконияти саривақт иҷро гардидани тамоми вазифаҳоро дошта, дар худ таҷассуми ҳаёти рӯзмарраи хоҷагиии халқро ба миён меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди рақамикунониии иқтисодиёт дар кишвари бо суръатнок рафта истодааст, аммо баъзе маҳдудиятҳо ҳамчун сад баҳри саривақт татбиқ нагардидани ин низом гасрдидааст.

Зарурияти аосии татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар шароити муосир дар омилҳое, таҷассум меёбанд, ки инр низомо пурра фаро мегиранд.

Баҳри татбиқи пурраи раванди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ воситаҳои зерин зарур арзёбӣ мегардад:

- баландбардории сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолии кишвар ва табақаҳои аҳолии минтақавии кишвар
- дастраснамоии пурраи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ
- натиҷабандии фаъолиятҳои рӯзмаррае, ки дар натиҷаи чорабиниҳое, ки аз ҷониби ҳукумати кишвар роҳандозӣ гардидааст
- андешидани чораҳои фаврӣ ҷиҳати саривақт дастрас намудани иттилооти мавҷуда ба аҳолии кишвар;
- эҷоди фазои ягонаи муносибатҳо байни давлат ва ҷомеаи шаҳрҷвандӣ

Дар сурати ҷорӣ намудани Ҳукумати электронӣ масъалаҳои зерин ҳал хоҳанд шуд:

- ✓ ҷори намудани низоми ягонаи иттилоотӣ, ки дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои идорпакунӣ васеъ истифода бурда мешавад;
- ✓ электроникунонии мубодилавӣ байни ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ дар робита ба ин ё он фаъолияти рӯзмарра
- ✓ таҳияи системаи нави хизматрасонии давлатии электронӣ, ки ба манфиати давлату ҷомеа равона карда шуда, ташаббусҳои нав ба навро ба миён меорад;
- ✓ банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатие, ки хусусиятҳои инноватсионро дар худ таҷассум менамоянд ва ҳамчун раванди махсусгардонидашуда, баромад м енамоянд

Ҷиҳати татбиқи гуфтаҳои боло бояд дар сатҳи Ҳукумати кишвар тамоми талошҳои пайваста анҷом дода шуда, заминаи мусоид барои инкишофи минбаъда эҷод карда шавад.

Имрӯзҳо аз ҷониби муассисаҳои илмӣ як қатор корҳои конструкторӣ ба роҳ монда шудааст, ки инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ асоснок менамоянд.

Албатта барои амалӣ сохтани ҳадафҳои рақамикунонии иқтисодиёт назарияҳои илман асоснок лозим аст ва бо тартиби муайян роҳандозӣ карда мешавад.

Соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои қатъӣ дода, таъкид намуданд: «Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад» [5].

Баъд аз дастури фаврии Пешвои муаззами миллат раванди рақмикунонии иқтисодиёти миллӣ ба таври максималӣ инкишоф ёфта, аз тамоми нуқтаи назар иқтидорнок гардид.

Тибқи нишондиҳандаҳо оморӣ айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 9 номгӯйи сатҳи рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, танҳо аз рӯйи 4 нишондиҳанда баҳо дода мешавад:

1. Аз рӯйи индекси рушди ҳукумати электронӣ;
2. Тибқи индекси омодакунии шабакавӣ;
3. Индекси глобалии инноватсионӣ;
4. Индекси шартии инкишофи инноватсионӣ.

Рушди иқтисодиёти рақамӣ аз афзоиши бозорҳои мустақим бо технологияҳои рақамӣ ва мобилӣ вобаста буда, тиҷорати онлайн (тиҷорати электронӣ), хизматрасонии молиявӣ (масалан, онлайн-банкинг), хидматрасонии интернети иҷтимоӣ (шабакаҳои

иҷтимоӣ, ҷараёнҳои онлайн, бозиҳои онлайнӣ), маориф, тандурустӣ (кортҳои электронии амбулаторӣ, саломатии рақамӣ), инчунин хизматҳои давлатиро дарбар мегирад” [6].

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ тибқи нақша чорабинӣ ба рорҳ м онда шуқда бошад ҳам, то ҳол баъзе дастовардҳои минималӣ ба даст наомадаанд ва умедворем, ки дар муддатҳои кутоҳтарин муаммоҳои мавҷуда роҳи ҳалли худро дарёфта, боиси инкишофи соҳа мегарданд.

Аз ин рӯ Ҳукумати кишвар дар робита ба масъалаи мазкур талошҳои пайвастаи ихудро ба роҳ монда истодааст.

Дапр миқёси ҷумҳурӣ баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат тамоми воситаҳо истифода гардида истодаанд.

Баҳри пурра татбиқ гардидани иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосаву пешниҳодотро метавон манзур намуд:

1. Қабули барномаҳои соҳавӣ дар чорчӯбаи Консепсияи ташаккули иқтисодиёти рақамӣ;
2. Зиёд намудани ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ, ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ;
3. Ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои татбиқи корҳои илмию конструкторӣ, инчунин ҷалби грантҳо ва ҳамкории муштарак;
4. Баландбардории саводнокии технологии аҳолии кишвар;
5. Дастрасии пурраи аҳолӣ ба хизматрасониҳои интернетӣ;

АДАБИЁТ

1. Азизкулов Д.М. Цыфровая экономика: понятие, особенности и перспективы на Российском рынке. Экономист, выпускник Таджикский Национальный Университет. г. Душанбе, Республика Таджикистан.
2. Александра Энговатова. «Иқтисодиёти инноватсионӣ»- учебные пособые. М-2020- стр 234.
3. Гафуров П. Дж., Турахонзода Ш.Н., Сафаров С.А. Цифровые индикаторы в бизнесе и экономике. Курс лекции. Душанбе-2021, стр 78.
4. Маркова Вера Дмитриевна. Цифровая экономика. Учебник. стр. 21. ИНФРА-М, 2019 г.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019 с.
6. Сомонаи интернетӣ: АМИТ «Ховар», Шаҳзода Қаюмова.
7. Сомонаи электронии: https://ru.citaty.net/tsitaty/618394-bill-geits.
8. Султонов З.С. Цифровая тарнсформация экономики в условиях инфраструктурного обеспечения предпринимательства/ Султонов З.С., Мариншоев М.М., Амонов С.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2021, № 4(76). - С.152-160.
9. Тербов А.С. Цифровая экономике. Учебный пособие, Москва-2019, стр 148.

УДК 368

Рачабов К.Р., Рачабова З.Ҷ.

ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗБАНДИИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин дигар субъектҳои фаъолияти суғурта мувофиқи қонунгузории амалкунандаи андоз андозсупорандагон буда, ухдадориҳои агенти андозро иҷро карда метавонанд. Хусусиятҳои андозбандии ташкилотҳои суғуртавиро меъёрҳои молиявию ҳуқуқии қисмҳои якум ва дуюми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд.

Вожаҳои калидӣ: андозбандӣ, ташкилотҳои суғурта, сармоягузорӣ, таваккал, андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, хизматрасонӣ.

Раджабов К.Р., Раджабова З.Дж.

ОСОБЕННОСТИ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ СТРАХОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Страховые организации, а также иные субъекты страховой деятельности являются налогоплательщиками в соответствии с действующим налоговым законодательством и могут выполнять обязанности налогового агента. Особенности налогообложения страховых организаций регулируются финансово-правовыми нормами первой и второй частей Налогового кодекса Республики Таджикистан.

Ключевые слова: налогообложение, страховые организации, инвестиции, риск, налог на прибыль, налог на добавленную стоимость, услуги.

Rajabov K.R., Rajabova Z.J.

FEATURES OF TAXATION OF INSURANCE ORGANIZATIONS IN MODERN CONDITIONS

Insurance organizations, as well as other subjects of insurance activities, are taxpayers in accordance with the current tax legislation and may perform the duties of a tax agent. Features of taxation of insurance organizations are regulated by the financial and legal norms of the first and second parts of the Tax Code of the Republic of Tajikistan.

Key words: taxation, insurance organizations, investments, risk, income tax, value added tax, services.

Дар шароити муосири рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат баррасии асосҳои ташкили фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад, чунки ин ташкилотҳо дар ҳалли масъалаҳои ҷойдошта нақши муҳимро дороянд. Хусусиятҳои таъсис ва азнавташкилкунӣ, иҷозатдиҳӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси қонунҳои амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад [5;6].

Аз тарафи дигар бақайдгирии давлатии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо назардошти хулосаи мақоми назорати суғуртавӣ, ки барои бақайдгирии давлатии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) сурат гирифта [3] тамоми шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликияташон дар мақомоти андоз пас аз қабули ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар муддати то се рӯзи корӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагиҳои шахсони

ҳуқуқии хориҷӣ ва дар муддати як рӯзи корӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ маълумотро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд ба қайд гирифта мешаванд.

Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти андоз боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии ташкилотҳои тиҷоратӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва самти фаъолият, ҳамчунин филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ - ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо гирифта мешавад [4].

Аз адабиётҳои илмӣ бар меояд, ки андозбандии фаъолияти суғуртавӣ усули иқтисодии танзими давлатии фаъолияти суғурта буда вобаста ба тағйиротҳо дар иқтисодиёт, таркиби андозҳо ва меъёри фоизии онҳо сурат мегирад. Инчунин андозбандии ташкилотҳои суғуртавӣ мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Аз таҳлили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки барои ташкилотҳои суғуртавӣ чунин меъёрҳои андоз муайян карда шудааст. Дар ҷадвали 1 меъёри андозҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2021-2022 дар Тоҷикистон оварда шудааст [2].

Ҷадвали 1

Меъёри андозҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон

Р/т	Номгӯи андозҳо	Соли 2021	Соли 2022	Фарқият (+/-)
1.	Андоз аз даромад (фоида)	23%	18%	- 5%
2.	Андози иҷтимоӣ	25%	20%	- 5%
3.	Андоз аз арзиши иловашуда	18%	15%	- 3%

Манбаъ: дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 24.12.2022, №1934 сохта шудааст.

Аз таҳлили ҷадвали 1 бар меояд, ки мутаносибан меъёри андозҳо дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 андоз аз даромад – 5%, андози иҷтимоӣ – 5% ва инчунин андоз аз арзиши иловашуда – 3% кам шудааст.

Гаронии андоз дар соли 2022 барои ташкилотҳои суғуртавӣ 18 - 20 фоизро ташкил дода, нисбат ба давраи қаблӣ 2 фоиз кам шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ислоҳоти андоз дар соли 2021 меъёрҳои андоз (андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад) гаронии андозро ба ҳисоби миёна 4% коҳиш додааст.

Бояд қайд намуд, ки аз даромади умумии ташкилотҳои суғуртавӣ андоз ситонида мешавад (ҷадвали 1). Ҳама ташкилотҳои суғурта андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро вобаста ба масоҳати объекти ғайриманқул дар асоси меъёрҳои муайянкардашуда пардохт менамоянд. Инчунин кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро низ месупоранд [2].

Ҷадвали 2

Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва иҷтимоӣ барои кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон

Р/т	Маблағи даромади адозбандишаванда	Соли 2021	Соли 2022	Фарқият (+/-)
1.	Андоз аз даромади шахсони воқеӣ (зиёда аз миқдори тарҳи шахсӣ то 140 сомонӣ)	8%	-	-
	зиёда аз 140 сомонӣ (маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз 140 сомонӣ)	13%	12%	- 1%
	андозбандишавандаи шахси воқеӣ - ғайрирезидент	25%	20%	- 5%

2.	Андози иҷтимоӣ (маблағҳои буҷетӣ)	1%	1%	-
	андози иҷтимоӣ (маблағҳои хусусӣ)	1%	2%	1%
	андозбандишавандаи шахси воқеӣ - ғайрирезидент	-	-	-

Манбаъ: дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 24.12.2022, №1934 сохта шудааст.

Андоз аз воситаҳои нақлиёт аз ҷониби ташкилотҳои суғурта, ки дар тавозуни худ воситаҳои нақлиёт доранд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи андоз аз рӯи чунин меъёрҳо пардохт карда менамоянд.

Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт вобаста ба иқтидори муҳаррик, фишори муҳаррики реактивӣ, номгӯй, ҷои нишаст, иқтидори борбардорӣ, соҳаи фаъолият бо ҳисоби як қувваи аспи иқтидори муҳаррик, як кВт/соат қувваи барқи иқтидори муҳаррик ва як килограмм - фишори муҳаррики реактивӣ, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

Номи объектҳои андозбандӣ	**Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо**
Мотосикл ва мотороллерҳо (барои ҳар як қувваи асп)	2,5
Автомобилҳои сабукрав (барои ҳар як қувваи асп): - то 250 қувваи асп - аз 250 то 300 қувваи асп - аз 300 то 350 қувваи асп - зиёда аз 350 қувваи асп	 7,5 10 12 15
Автобусҳо то 12 ҷой (барои ҳар як қувваи асп)	7,5
Автобусҳо барои 13-30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп)	8,5
Автобусҳо зиёда аз 30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп)	9,5
Автомобилҳои боркаш ва воситаҳои нақлиёти дигари иқтидори борбардориашон то 10 тонна (барои ҳар як қувваи асп)	11
Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна (барои ҳар як қувваи асп)	12,5
Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп)	13,5
Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп)	14,5
Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтмон, механизмҳои худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истиснои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп)	2
Барфгард, чанаҳои муҳаррикдор (барои ҳар як қувваи асп)	1,8
Заврақҳо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбондор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти дигари обӣ (барои ҳар як қувваи асп)	15
Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп)	1

Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти дигари ҳавоӣ (барои ҳар як килограмм-фишори муҳаррики реактивӣ)	10

Эзоҳ: Барои объектҳои андозбандие, ки иқтидори муҳаррики онҳо пурра бо қувваи барқ ифода ёфтааст, 50 фоизи меъёрҳои дар ҷадвал муқарраршуда барои ҳар 1 кВт соат истифода карда мешавад. Барои автомобилҳои дорои ҳам муҳарики дарунсӯз ва ҳам барқӣ андоз аз рӯи муҳарике, ки иқтидори баландтар дорад ва агар иқтидораш баробар бошад, аз рӯи иқтидори муҳарики дарунсӯз ҳисоб карда мешавад.

Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳамасола то 1 феврали соли тақвимӣ дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ ҷойгир карда мешаванд.

Фаъолияти ташкилоти суғурта дар шароити бозор на танҳо ҷуброни хароҷоти он, балки ба даст овардани даромадро низ дар бар мегирад. Ташкилоти суғурта набояд аз амалиёти суғуртавӣ ба гирифтани даромади калон кушиш кунад (ин принсипи эквивалентии муносибатҳои суғуртакунанда ва суғурташавандаро вайрон мекунад). Ғайр аз ин, дар суғурта истилоҳи «даромад» шартан истифода мешавад, зеро ташкилотҳои суғуртавӣ даромади миллиро ба вуҷуд наоварда, танҳо дар тақсимоти он иштирок мекунанд [1].

Аз тарафи дигар даромад аз амалиёти суғурта ҳамчун натиҷаи мусбати молиявӣ ҳисоб карда шудааст, ки дар он даромад аз хароҷоти таъмини ҳифзи суғурта зиёд ба даст оварда мешавад. Бо вуҷуди ин, амалиёти суғуртавӣ баъзан метавонад даромади назаррас оварад, аммо гирифтани он барои ташкилоти суғурта ҳатмӣ намебошад. Самаранокии иҷтимоии фаъолияти суғуртакунандаро ҳатто бо даромади ночиз аз амалиёти суғуртавӣ ва дар ҳолатҳои муайян дар сурати набудани он хеле баланд арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ба ақидаи мо манбаи асосии даромади ташкилоти суғуртавӣ фаъолияти сармоягузорие мебошад, ки бо истифодаи аз як қисми фонди суғурта ба мақсади тиҷоратӣ анҷом дода мешавад. Сарфи назар аз он, ки мақсади фаъолияти суғурта пешниҳод намудани хизматрасониҳои дорои аҳамияти калони иҷтимоӣ ва гирифтани даромад мақсади фаъолияти сармоягузорӣ мебошад,ки онҳо ба ҳам алоқаманданд. Бояд қайд намуд, ки агар манбаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ фонди суғурта бошад, он гоҳ даромади фаъолияти сармоягузориро барои маблағгузории амалиёти суғурта истифода бурдан мумкин аст, ки бо раванди таваккал алоқаманд аст.

Таваккали ҳаракати фонди суғурта низ ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсир расонида, нисбат ба пардохтпазирии маблағҳои гузошташуда талабҳои ҷиддӣ мегузорад.

Бар хилофи характери хавфноки гардиши маблағҳо барои таъмини ҳифзи суғурта, гардиши маблағҳои вобаста ба ташкили фаъолияти суғуртавиро шакли ташкилии ташкилоти суғуртавӣ ва дигар ҳолатҳои иқтисодию асосҳои қонунгузорӣ танзим мекунад. Дар ин раванд баррасии тартиби тақсими даромад, муносибатҳо бо буҷет ва ғайраро ҷудо кардан зарур аст. Инчунин ташкилотҳои суғуртавӣ даромад ва хароҷотро аз рӯи шартномаҳои суғурта, суғурта ва аз нав суғуртакунӣ алоҳида ба ҳисоб мегиранд.

Ба назаргирии хусусиятҳои андозбандии ташкилотҳои суғуртавӣ, бо назардошти моҳияти иқтисодии суғурта, ҳамчун соҳаи фаъолияти махсуси иқтисодӣ ё соҳибкорӣ муайян карда мешавад. Хусусиятҳои мушаххаси суғурта, ки ба низоми андозбандӣ таъсири мустақим ё ғайримустақим мерасонанд инҳоянд:

- ✓ ташаккули фондҳои мақсаднок ва истифодаи онҳо барои пардохтҳо ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғурта;
- ✓ ба таври махсус ҷалб намудани маблағҳои калон - бо роҳи бастани шартномаҳои суғуртавӣ ва ичрои уҳдадориҳо аз рӯи онҳо;
- ✓ ба роҳ мондани фаъолияти азнавсуғуртакунӣ;
- ✓ ҷой доштани ҳиссаи баланди даромади сармоягузорӣ дар бадастории натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ ва ғайра.

Дар баробари ин, дида баромадани як қатор хусусиятҳои низоми андозбандиро муайян кунанда зарур аст, ки ба онҳо ворид намудани амалҳои зерин назаррас аст:

- ✓ татбиқи сиёсати андози «пардохти» давлат дар соҳаи фаъолияти суғурта, бинобар аҳамияти бузурги иҷтимоии суғурта;
- ✓ озод намудани мукофотҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои ташкилотҳои суғуртавӣ аз андозбандии ғайримустақим;
- ✓ муқаррар намудани тартиби махсуси андозбандии андоз аз даромад.

Аз тарафи дигар хусусиятҳои муайяншудаи низоми андозбандии ташкилотҳои суғурта ба татбиқи принсипҳо ва вазифаҳои асосии андозбандӣ таъсири манфӣ расонида, боиси камбудиҳои назарраси низоми андозбандӣ мегарданд, ки аз ҷумла:

- ✓ афзалияти вазифаҳои ҳавасмандкунанда ва танзимкунандаи андозбандӣ нисбат ба андозбандӣ, ки даромади устувори буҷетҳои ҳамаи сатҳҳоро таъмин намекунад;
- ✓ риоя накардани принсипҳои асосии андозбандӣ: баробарии андоз, аниқии ондозҳо, адолат ва ҳатми будани андозҳо;
- ✓ пардохти ӯҳдадориҳои андоз аз рӯи андоз аз даромади ташкилотҳои суғурта асосан аз натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, дар зери таъсири андозбандии номукаммали ташкилотҳои суғурта як қатор тамоюлҳои номусоиди рушди бозори суғуртаи минтақавӣ мушоҳида мешаванд, аз ҷумла:

- ✓ мавҷуд набудани ҳавасмандӣ барои кам кардани хароҷоти идоракунии худи онҳо ва хароҷоти пешбурди тиҷорат вобаста ба озод кардани ташкилотҳои суғурта аз андозбандии ғайримустақим;
- ✓ тахассуси ташкилотҳои суғуртаи минтақавӣ ба намудҳои молу мулки суғурта ва суғуртаи масъулият бо сабаби дараҷаи нокифояи сармоякунонӣ;
- ✓ ба зиёд кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад: ҳаҷми мукофотҳои суғуртавии ҷамъоварӣ ва пардохтҳои супурдашуда, на сифатӣ: самараи кор, ки дар афзоиши мукофотҳои суғуртавӣ ва тарҳи ба буҷет ифода меёбад.

Дар баробари ин, дар асоси он, ки дар тақсимоти минтақавии мукофотҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандагони калон, ки андозаи онҳо асосан аз ҳисоби даромадҳои филиалҳо ва онҳо иборат аст, берун рафтани маблағҳои суғурта ва ғайра.

Дар низоми амалкунандаи андозбандии даромади ташкилотҳои суғурта андоз дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти асосӣ, вобаста аст. Аз ин лиҳоз зарурати бетаъхир такмил додани низоми андозбандии ташкилотҳои суғурта ба миён омадааст. Такшаккул ва рушди бозорҳои суғуртавие, ки талаботи маҳалро ба ҳифзи суғурта қонеъ мегардонанд, имконият медиҳад, ки ҷори намудани механизми алтернативии андозбандӣ, ки аз ҷорӣ намудани андози иловагӣ аз мукофотҳои суғурта бо меъёрҳои дифференсиалии андоз барои ҳар як хати суғурта иборат аст, имконпазир бошад.

Дар маҷмӯ амали намудани модели муносибати системавӣ имконият медиҳад, ки андозбандии даромади ташкилотҳои суғуртавӣ барои ба таъмини тавозуни оптималии байни функсияҳои танзимкунанда ва фискалии андоз аз даромади онҳо такмил дода шавад ва барои беҳтар кардани шароити рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалтия. Дисс... барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – “Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (соҳаи хизматрасонӣ)”. Душанбе, 2020 с. – 318 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 24.12.2022, №1934.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19 майи соли 2009, № 50.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» 28 феврали соли 2004, №19
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» 17 майи соли 2004, №37.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» 5 марти соли 2007, №237.

УДК 001.6+339.13(045) 1 (575.3)

Сафоев Ҳ.С.

АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ КУНУНИИ САТҲИ РАҚОБАТПАЗИРИИ РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Аз гуфтаҳои боло зикркардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, кимукаммалгардонии раванди татбиқ намудани шарикии байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар кишвар аз рушди сармояи инсонӣ вобаста мебошад, ки маънои мавҷудияти маънавӣ, зеҳнӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти инноватсионӣ ва малакаи касбӣ дар қувваи кориро дошта, дар натиҷаи гирифтани таълиму тарбияи дахлдор ва фаъолияти муътадили корӣ ба он ноил мегарданд. Ин омилҳо дар якҷоягӣ бо омилҳои иқтисодӣ барои таъмини самаранокии шарикии давлат ва бахши хусусӣ шароит фароҳам меоранд.

Калимаҳои калидӣ: рақобатпазирии иқтисодиёт, ҳамкориҳои давлат, бахши хусусӣ, консепсияи рушд.

Сафоев Х.С.

ОЦЕНКА ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ УРОВНЯ РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ СОВМЕСТНЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ И ЧАСТНЫХ СЕКТОРОВ

Из вышеизложенного можно сделать вывод, что совершенствование процесса реализации партнерства государственного и частного секторов в стране зависит от развития человеческого капитала, что означает наличие нравственных, интеллектуальных, профессиональных качеств, инновационных способностей и профессиональные навыки в рабочей силе, которые они достигают в результате получения соответствующего образования, обучения и регулярной трудовой деятельности. Эти факторы в совокупности с экономическими факторами создают условия для обеспечения эффективности государственно-частного партнерства.

Ключевые слова: конкурентоспособность экономики, сотрудничество государства, частного сектора, концепция развития.

Safoev Kh.S.

ASSESSMENT OF THE CURRENT STATE OF DEVELOPMENT COMPETITIVENESS OF JOINT PUBLIC AND PRIVATE SECTORS

From the above, it can be concluded that the improvement of the process of implementing the partnership between the public and private sectors in the country depends on the development

of human capital, which means the existence of moral, intellectual, professional skills, innovative ability and professional skills in the workforce. they achieve it as a result of receiving relevant education and training and regular work activities. These factors, together with economic factors, create conditions for ensuring the effectiveness of public-private partnerships.

Key words: assessment of the effectiveness, competitiveness of the national economy, cooperation between the state and the private sector, investment support.

Дар айни замон аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки дар заминаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ мегарданд, таваҷҷӯҳи тарафайн афзоиш меёбад. Манфиат аз нуқтаи назари давлат ба ин лоиҳаҳо дар истифодаи имконпазири иқтидори (молиявӣ, таҷрибаи касбӣ, идоракунӣ, захираҳои инсонӣ, техникию технологӣ, инноватсионии) бахши хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муҳим, ки ба ҳалли мушкилоти инфрасохтор ва рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ саҳм мегузоранд, ифода ёфтааст [1].

Бисёр кишварҳо дар ҳоли ҳозир, бо «норасоии инфрасохтор» дучор меоянд, ки он дар роҳҳои аз меъёр зиёд пургардида, фарсудашавии ҳолати роҳҳо ва роҳи оҳан, мавҷуд набудани фарогирии аҳолӣ бо системаи мукаммали таълим дар шакли кӯдакистонҳо ва мактабҳо ва набудани муассисаҳои амбулатории тиббӣ инъикос мегардад. Ҳукуматҳои бисёр давлатҳо ба як хулосаи якдилона омаданд, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию инфрасохторӣ механизми классикии ҷалби сармоягузориҳои буҷети давлатӣ, асоси воридоти даромад, ки даромад аз андоз мебошанд, кофӣ нест. Яке аз роҳҳои ҳалли ин проблемаҳо истифодаи механизмҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад.

Дар навбати худ, барои сохторҳои соҳибкорӣ давлат метавонад татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусиро тавассути ташкили пойгоҳи устувори меъёрии ҳуқуқӣ, вогузор кардани тадбирҳои дастгирии давлатӣ, истифодаи фишангҳои молиявӣ (субсидияҳо, кафолатҳо, имтиёзҳои андозӣ) таъмин намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон як кишвари кӯҳсорест, ки баромад ба баҳр надорад ва бо аҳолии зиёда аз даҳ миллион нафараш дар Осиёи Марказӣ, дар иҳотаи: дар ҷануб Афғонистон, дар ғарб Узбакистон, дар шимол Қирғизистон ва дар шарқ Чин ҷойгир шудааст. Пас аз эълони истиқлолият ва ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1992, ки то соли 1997 идома дошт, бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ пешрафти назаррасро ба даст овард. Бояд қайд кард, ки дар ҳоле ки инфрасохтор ва муносибатҳои тиҷоратие, ки дар Тоҷикистон мавҷуданд, қувваҳои таърихан ҳаракатдиҳандаи дар шимол бо Россия ва кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро инъикос мекунанд, ба назар мерасад, ки муносибатҳои муҳими оянда дар Ҷанубу Шарқи бозорҳои калон, ба монанди Афғонистон, Покистон ва Чин ҷойгиранд.

Савдои пахта, маҳсулоти кишоварзӣ ва алюминий ҳиссаи аз ҳама зиёди захираҳои асъори хориҷиро ба кишвар меорад (зиёда аз нисфи содироти кишвар алюминийи хом аст). Инчунин бояд қайд кард, ки интиқоли пулҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки асосан дар Россия кор мекунанд, қисмати назарраси ММД-и Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ин аҳамияти стратегии шуғли минбаъдаи иқтисодии дохилиро дар иқтисодиёт нишон медиҳад. Аммо рушди иқтисодӣ бо чанд омил маҳдуд аст, ки дар байни онҳо набудани инфрасохтор нақши муҳим дорад.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифт, ки роҳи истифодаи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусиро ҳамчун усули ба даст овардани инфрасохтори ҷамъиятӣ ва расонидани хадамоти давлатӣ интихоб намояд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти замонавӣ кунондани хоҷагии халқ дар ҳамаи сатҳҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аз сатҳи ноҳияҳо то Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳатто Дастгоҳи Президенти мамлакат ин масъала муҳокима мешавад. Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумҳурии аграрию

саноатӣ ба мамлакати саноатию аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Дар ин росто зарурати гузариш аз самти ашёи хом ба иқтисоди саноатӣ, истеҳсолоти ба илм алоқаманд, технологияҳои баланд ва инноватсияи босуръат муҳим арзёбӣ мешавад [6].

Барои таҳлили вазъи муосири шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки амалишавии лоиҳаҳои бахши давлатӣ бо истифода аз шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба роҳ монда шавад. Ба андешаи баъзе олимони ватанӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми иқтисодиёт баромад менамояд, ки тавассути он метавон бисёре аз лоиҳаҳои давлатиро мавриди истифода қарор дод ва дар амалишавии он бахши хусусӣ иштирок намояд [8]. Ба андешаи олимони ватанӣ дар оянда чунин бартариятҳо ва имкониятҳо ҳангоми истифодаи механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад имконпазир гардад:

1. Дар сохтори буҷети давлатӣ аз ҳисоби иваз намудани самти хароҷотҳои он сабукӣ оварда мешавад, ки он имкониятҳои бахши хусусиро васеъ мегардонад;
2. Амалишавии лоиҳаҳои давлатиро ба зимаи бахши хусусӣ вогузор намудан зарур аст, то ки ҳиссаи бахши хусусӣ дар тавлиди молҳои соҳавӣ зиёд карда шавад;
3. Ҳамаи хароҷоти башхи давлатӣ ва хусусӣ вобаста аз фишангҳои молиявӣ (масалан, сатҳи таваррум) индексатсия карда мешаванд.

Аз соли 2010 инҷониб, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (КДСИАД) ташаббусҳои мухталифе пеш гирифта, барои омӯзиши консепсияи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва инкишофи заминаи ҳуқуқӣ машвараҳо ташкил мекунад. Ин кӯшишҳо ба таъсиси як қонуни нав дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оварда расонд, ки заминаи ҳуқуқии рушди лоиҳаҳои инфрасохториро мувофиқи схемаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъмин карда, аз ҷониби Парлумон ва Президент дар соли 2012 тасдиқ гардидааст.

То имрӯз, таҷрибаи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон кифоя нест ва танҳо дар доираи консессияи қаблӣ ва дигар қонунҳои мавҷуда якчанд лоиҳа бо мушаххасоти шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқ шудаанд, ба монанди:

- Ширкати энергетикии Помир (Pamir Energy): истеҳсол ва тақсимоти барқ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

- Истифодабарии роҳи Душанбе-Хуҷанд, ки ба пудратчии хусусии Innovative Road Solutions (IRS) дода шудааст;

- Ду шартнома (Performance Based Maintenance (PBM), ки ба хидматрасонии техникии роҳҳо бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд (БОР) татбиқ мешаванд.

Умуман, татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо риояи муқаррароти қонунҳо дар бораи консепсия ва қонуни нав дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ хеле маҳдуданд. Гарчанде ки Тоҷикистон дар ташаккули сохтори ибтидоии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба пешравиҳои назаррас ноил шудааст, кишвар ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ибтидоии рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дорад.

Низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ хамкории баробари давлат ва бахши хусусиро дар мавриди тақсими баробари хатарҳо ифода мекунад. Ҳамчунин, яке аз иштирокчиёни шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳокимияти маҳаллӣ эътироф шудааст, аз ин рӯ шакли махсуси лоиҳаи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ лоиҳаҳои шарикии давлатию маҳалиро ҷудо кардан мумкин аст [3]. Яке аз ҷузъҳои муҳими низоми тараққиёбандаи шарикии давлат ва бахши хусусиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳо донистан мумкин аст. Зеро шумораи бештари лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои мамлакат амалӣ мегарданд. Баробари ин дар низоми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ нақши муҳимро машваратчиёни берунӣ ҳангоми гузарондан ва иҷрои шарикии давлатию хусусӣ мебозад.

Чунин хусусияти шарикии давлат ва бахши хусусӣро институти шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ бо омилҳои зарурии сифатӣ таъмин месозад, ки ин омилҳо барои рушди рақобатпазирии иқтисодиёти миллї, дигаргунсозии низоми хоҷагидорӣ бо таъсиси истеҳсолоти инноватсионӣ, дар умум, рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат хоҳанд кард.

Таҷриба нишон медиҳад, ки таҳияи лоиҳа миқдори муайяни маблағҳоро (вобаста ба арзиши лоиҳа - то 10% аз арзиши умумӣ), аз ҷумла таҳияи асосноккунии техникӣ-иқтисодии онро талаб мекунад. Тавре, ки таҷрибаи муосир нишон медиҳад, ташкилотҳои фармоишгар чунин маблаг надоранд.

Бояд қайд кард, ки Бонки Осиёгии Рушд 500,000 (панҷсад ҳазор) доллари амрикоиро барои кӯмаки техникӣ барои таҳвияти тавонмандӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷудо кардааст.

Дар доираи ин кӯмак Бонки Осиёгии Рушд барои фаъолияти пурсамари Маркази шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ 2 коршиноси маҳаллӣ, аз ҷумла ҳуқуқшинос ва коршиноси шарикии давлат ва бахши хусусиро ҷалб кардааст.

Инчунин дар доираи ин кӯмак, Маркази шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо воситаҳои зарурӣ барои фаъолият таъмин карда шудааст.

Дар солҳои охир, ҷудо кардани маблағҳо аз буҷети давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ хеле зиёд шуд. Динамикаи ин маблағҳо дар ҷадвали 1.1. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.1.

Динамикаи маблағҳои ҷудогардида аз буҷети давлатии МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ» барои солҳои 2013-2019

Нишондиҳандаҳо	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2019 нисбат ба 2013 маротиба**
Маблағҳои ҷудошуда ҳазор сомонӣ	50,0	94.75	100,0	150,0	192.0	235.0	268.0	5.3
Маблағҳои сарфшуда ҳазор сомонӣ	31,746	82.57	69.97	87.55	111.0	176.8	212.4	6.7

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст.

Тавре, ки дар ҷадвали 1.1. дидан мумкин аст, дар давраи баррасишаванда афзоиши маблағҳои ҷудошуда ба назар мерасад, аммо истифодаи маблағҳои ҷудошуда ҳанӯз ҳам беҳбудӣ мехоҳад.

Дар айни замон зиёда аз 80 лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамаи ин ғамхориҳо барои бахши хусусӣ аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам дар сатҳи ҷаҳони баровардани нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, соҳибкорон бояд ба қадру манзалати тамоми дастгириҳои ҳукумати мамлакат хоса Пешвои муаззами миллаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасанд.

Дар маҷмӯъ, дар кишвар раванди ташаккул ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба анҷом расидааст. Пеш аз ҳама, заминаи меъёрии ҳуқуқие, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, ташаккул ёфтааст, Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таъсис дода шуда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шуданд. Лоиҳаҳои гуногун, бахусус дар соҳаи инфрасохтор бомуваффақият татбиқ карда мешаванд. Ҳамзамон, барои такмил додани василаҳои

сармоягузорӣ ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо моделсозии фаъолнокии воситаҳои сармоягузорӣ ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусиро афзалтар мешуморем.

АДАБИЁТ

1. Айрапетян М.С. Зарубежный опыт использования государственно-частного партнерства // Государственная власть и местное самоуправление. 2009. №2. С.35
2. Дадоҷонова Н.М., Сафоев Ҳ.С., Дастгирии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон – Душанбе: «Баҳманруд», 2018. №1 (32) саҳ.73-77.
3. Зоиров И.У. Основные направления и инструменты развития государственно-частного партнертсва в сфре услуг в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан). Диссертация.: Душанбе: ТГУК, 2017. 165с.
4. Мерзлов И.Ю. Международный опыт развития государственно-частного партнёрства в экономически развитых странах: институциональный аспект // Вестник пермского университета (экономика). 2012. №3 (14). С.74-81.
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030). –Душанбе, 2016. -110с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе - 26 декабри соли 2019.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» 28 декабри соли 2012, таҳти № 907
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ш. Душанбе, аз 3 июни соли 2013, № 250.

УДК 657.11

Алиев А.Р., Домуллоҷонова М.А.

АРЗЁБИИ УНСУРҲОИ ТАЪСИРРАСОНИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ БА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Дар мақола ҷиҳатҳои назариявии ташаккули сохтори сиёсати баҳисобгирӣ**,** унсурҳои таркибии он, намуд ва шакли ҳисоботҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки тавассути гурӯҳбандии унсурҳои таркибии сиёсати баҳисобгирӣ метавон бо таври нисбӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои молиявӣ бо ёрии ҷадвали арзёбии экспертӣ баҳодиҳӣ намуд. Дар фарҷом натиҷаҳои арзёбии экспертӣ ҷамъбаст кардашуда, хулоса доир ба таъсири унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ бароварда шудааст.

Калидвожаҳо: сиёсати баҳисобгирӣ, унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ, арзёбии экспертӣ, гурӯҳбандӣ, ҳисоботи молиявӣ

Алиев А.Р., Домуллоджонова М.А.

ОЦЕНКА ВЛИЯНИЯ ЭЛЕМЕНТОВ УЧЕТНОЙ ПОЛИТИКИ НА ПОКАЗАТЕЛЕЙ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ

В статье исследуются теоретические аспекты формирования структуры учетной политики, их составные элементы, виды и формы финансовой отчетности и показателей финансовой отчетности. Выявлено, что через группировки элементов учетной политики с применением таблицы экспертной оценки, можно относительно оценить влияние элементов учетной политики на показателей финансовой отчетности. В конце подитоживаются результаты оценки экспертов и формируются выводы о влиянии элементов учетной политики на показатели финансовой отчетности.

Ключевие словы: учетная политика, элементы учетной политики, экспертная оценка, группировка, финансовая отчетность

Aliev A.R., Domullojonova M.A.

ASSESSMENT OF THE IMPACT OF ACCOUNTING POLICY ELEMENTS ON FINANCIAL REPORTING INDICATORS

The article examines the theoretical aspects of the formation of the accounting policy structure, their constituent elements, types and forms of financial statements and financial reporting indicators. It is revealed that through the grouping of accounting policy elements using the expert evaluation table, it is possible to relatively assess the impact of accounting policy elements on financial reporting indicators. At the end, the results of the expert assessment are summarized and conclusions are drawn about the impact of accounting policy elements on financial reporting indicators.

Keywords: accounting policy, elements of accounting policy, expert assessment, grouping, financial statements

Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ - ин васоитест, ки тавассути интихоби усулҳои методологии дар он дарҷшуда вазъи молиявии субъекти хоҷагидор ва натиҷаи молиявии онро ба таври муайян муаррифӣ намудан мумкин аст. Дар аксар мавридҳо қонунгузории муҳосибӣ на яке, балки якчанд роҳҳои инъикоси дороиҳо, ӯҳдадориҳо, даромад ва хароҷот дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро пешбинӣ менамояд. Одатан, муҳосиб аз усулҳои методологие, ки ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ичозат додаанд, онеро интихоб мекунад, ки ба ӯ муфид аст. Тамоми интихоб бояд дар се бахш пешниҳод карда шавад: - сиёсати молиявӣ (сарчашмаҳо - Нақшаи ҳисобҳо ва тамоми НББ); - сиёсати андоз (дар асоси моддаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баҳисобгирии ҷорӣ дар ташкилот); - сиёсати шартномавӣ (ташкилот метавонад аҳдҳоро бо шартномаҳои гуногуни ҳуқуқи граждани анҷом диҳад, ки боиси оқибатҳои гуногуни молиявӣ мегардад).

Сиёсати баҳисобгирӣ воқеан яке аз роҳҳои қонунии таҳрири нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ мебошад, яъне: бузургии фоида, арзёбии дороиҳо ва ғайра. Дар сиёсати баҳисобгирӣ аз интихоби усуле, ки баҳисобгирии далелҳои ҳаёти иқтисодӣ, вазъи молиявии ташкилотро дар ҳисоботи молиявӣ нишон медиҳанд, мустақиман вобастагӣ дорад.

Ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба арзёбии дороиҳо, аз ҷумла ба баҳодиҳии дороиҳои ҷорӣ ва нуқтаҳои муҳими марбут ба он диққати махсус дода шавад [4, 43], ба монанди: - эътирофи даромад ва ё хароҷот; - арзёбии воқеияти ҳаёти иқтисодӣ; - ташаккули захираҳо. Агар лаҳзаи аввал тибқи санадҳои меъёрӣ танзим карда шавад, пас дуюмро метавон тавассути сиёсати баҳисобгирӣ танзим намуд ва сеюмин низ аз он вобаста аст. Аммо, маблағи захира, аслан, ҷуз баҳодиҳии хатарҳое, ки созмон ба дӯш

дорад, чизи дигаре нест. Инчунин қайд карда мешавад, ки вазъияти молиявии ташкилот ва натиҷаи молиявӣ аз усули арзёбии интихобшуда вобаста аст [1, 253].

Ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) дар низоми иттилооти иқтисодӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд, зеро ҳисобот маълумотро аз тамоми намудҳои баҳисобгирӣ муттаҳид намуда, дар шакли қулай барои дарки шахсони манфиатдор ва субъектҳои манфиатдор пешниҳод мекунад.

Интихоби унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ таъсирро ба нишондиҳандаҳои ҳама шаклҳои ҳисоботи молиявии корхона муайян мекунад, аз ҷумла [2]:

1. Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (ш. №1);
2. Ҳисобот оиди фоида ва зарар (ш. №2);
3. Ҳисобот оиди маҷмӯи даромад (ш. №3);
4. Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ (ш. №4);
5. Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ (ш. №5);
6. Таҳқиқи андоз (ш. №6).

Бинобар сабаби он ки ҳар як усули баҳисобгирии муҳосибӣ ё арзёбӣ, ки ширкат мустақиман ё ғайримустақим интихоб мекунад, ба арзиши дороиҳо, ӯҳдадориҳо, сармояи худӣ ва маблағи даромад, хароҷот ва натиҷаҳои молиявии дар шаклҳои гуногуни ҳисоботи молиявии ширкат инъикосшуда таъсир мерасонад.

Таъсири унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ ба ҳисоботи молиявии корхона метавонад бо тарзҳои гуногун зоҳир шавад. Масалан: - тавассути арзиши дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ки ба сифати унсурҳои сиёсати баҳисобгирии корхона интихоб гаштаанд, ба нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибӣ ва эзоҳот ба ҳисоботи солонаи корхона таъсир мерасонанд. - тавассути маблағи даромад ва хароҷот, ки ҳамчун унсурҳои сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхона интихоб мегарданд, ба бузургиҳои тавозуни муҳосибӣ (ш. №1);, ҳисобот оиди фоида ва зарар (ш. №2); ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ (ш. №3); ва эзоҳот ба ҳисоботи солонаи молиявӣ таъсирот расонида мешавад.

Ҳангоми таҳқиқи таъсири як усули мушаххаси сиёсати баҳисобгирии ширкат ба нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ, моддаҳои баҳисобгирӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона, мо сиёсати баҳисобгирии ширкатро ба се гурӯҳи асосии унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ тасниф менамоем:

1) унсурҳое, ки ба натиҷаҳои молиявию иқтисодӣ таъсири қавӣ доранд;
2) унсурҳое, ки ба натиҷаҳои молиявии корхона нисбатан таъсир доранд;
3) унсурҳое, ки ба натиҷаҳои молиявии корхона бетаъсир мебошанд.

Гурӯҳбандии унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ аз рӯи сатҳи таъсиррасонӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявиро бо истифода аз усулҳои гуногуни ҳисоб амалӣ кардан мумкинаст.

Ба андешаи мо, роҳи мовофиқи гурӯҳбандии унсурҳои сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи мавқеи нисбии унсурҳо (чун бо нишондиҳандаҳои мутлақ баҳодиҳии онҳо мушкиласт), арзёбии коршиносӣ маҳсуб меёбад, ки онро тибқи ҷадвали баҳогузории нисбии холҳои Томас Саатӣ ва табдилдиҳии шкалаи арзёбии он дар шакли ба мо мувофиқ метавон амалӣ намуд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Табдилдиҳии дараҷаи (шкалаи) арзёбӣ дар шакли холҳо*

Дараҷаи муҳимият	Муайянкунӣ	Табдилдиҳӣ	Нишондод
1	аҳамияти баробар	бетаъсир	1 ≤ 3
3	аҳамияти афзалтар	таъсири заиф	3 ≤ 5
5	аҳамияти назаррас	таъсири миёна	5 ≤ 7
7	аҳамияти қавӣ	таъсири қавӣ	7 ≤ 9
9	аҳамияти хело қавӣ	таъсири хелоқавӣ	9 ≤ 10
2,4,6,8	бузургиҳои байни холҳо	таъсири мобайнӣ (+;-)	-

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси [3, 53]*

Қабл, аз гузаронидани гурӯҳбандии унсурҳои сиёсати баҳисобгирии таъсиррасон ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосиби (молияви)-и корхона ва ташкилотҳо, унсурҳои умумии сохтори сиёсати баҳисобгириро бояд таҳқиқ ва мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Ба унсурҳои асосии ташаккули сохтори сиёсати баҳисобгирии корхона нишондиҳанда ё худ зерсохторҳои зерин дохил мешаванд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Тавсифи унсурҳои таркибии сохтори сиёсати баҳисобгирӣ*

№	Номгӯи унсур	Ишорат	Тавсифи унсур
1	Усули истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ	УСБ$_1$	Интихоби яке аз усулҳои истеҳлокии мувофиқ ба хусусиятҳои дороиҳои корхона (усулҳои росхатта, истеҳсолӣ, ҷамъи рақамҳо ва бақияи камшаванда)
2	Усули баҳодиҳии захираҳо	УСБ$_2$	Интихоби усули мувофиқи баҳодиҳии захираҳои ба даст овардашуда (арзиши харид ё ҳақиқӣ)
3	Тартиби баҳисобгирӣ ва бадастории ЗММ	УСБ$_3$	Муайянсозии тартиби ташаккули баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъӣ ва инчунин қабули ЗММ дар баҳисобгирии муҳосибии корхона
4	Таърихи эътирофи фарқияти қурби асъор	УСБ$_4$	Муайянсозии таърих ва тартиби эътирофи фарқиятҳои қурби аз асъорҳои хориҷи тибқи талаботи БМТ ва инъикоси он дар баҳисобгирӣ
5	Усули арзёбии маҳсулоти тайёр	УСБ$_5$	Интихоби усули баҳодиҳии маҳсулоти тайёр ҳангоми истеҳсол ва фурӯш (бо арзиши воқеӣ ё арзиши стандартӣ).
6	Тартиби баҳисобгирии зарфҳои харидашуда	УСБ$_6$	Муайянсозии зерҳисобҳои баҳисобгирии зарфҳо тибқи нақшаи ҳисобҳои кории муҳосибӣ
7	Тарзи инъикоси қоғазҳои қимматнок	УСБ$_7$	Муайянсозии давраи тасҳеҳи арзиши номиналӣ ва ё бозории қоғазҳои қиматнок
8	Тартиби ташаккули фонди захиравӣ	УСБ$_8$	Муқарарсозии меъёр ва тарзи ташаккули фонди захиравӣ ва инъикоси муҳосибии он
9	Усули эътирофи даромад аз фурӯши маҳсулот	УСБ$_9$	Аниқсозии тартиби баҳисобгирии ва усули эътирофи даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр (усули хазинавӣ ё ҳисобу замкунӣ)
10	Усули ҳисоби арзишии аслии маҳсулот	УСБ$_{10}$	Интихоби воҳиди баҳисобгирии маҳсулоти тайёр ва усули ҳисоби арзиши аслии он
11	Тартиби баҳисобгирии қабули воситаҳои асосӣ	УСБ$_{11}$	Муайянсозии тартиб ва усули баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосии воридшуда
12	Усули ташаккули захираҳои моддӣ	УСБ$_{12}$	Интихоби усули ташаккули захираҳо барои арзёбии арзиши сарфи ашёи моддӣ-молӣ

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси адабиётҳо [2,4,5]*

Бояд қайд кард, ки унсурҳои зиёди сиёсати баҳисобгирӣ вуҷуд доранд, ба монанди усули баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ, воситаҳои асосӣ, хариди захираҳо, барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ, инчунин баҳисобгирии таҳлилии маълумотҳои ташаккулдиҳандаи ҳисоботӣ таъсир мерасонанд.

Барои иҷрои ин амал, гурӯҳи унсурҳои сиёсати баҳисобгириро бо истифода аз холгузории экспертӣ, ки ба сифати экспертон муҳосибони касбӣ (5 нафар) интихоб гардиданд, ба амал мебарорем.

Сараввал, натиҷаи холгузории экспертӣ ва натиҷаи таъсиррасонии унсурҳоро ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ дар шакли ҷадвали навбатӣ инъикос намуда, сипас натиҷаи таъсири онро инъикос менамоем.

Ҷадвали 3. Натиҷаи арзёбии экспертии таъсири унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ муҳосибӣ*

Унсурҳои сисати баҳисобгирӣ	Э1	Э2	Э3	Э4	Э5	Ҷамъ	Баҳои миёна	% таъсир
УСБ$_1$	10	9	9	10	10	48	9,6	12,0
УСБ$_2$	9	10	10	9	9	47	9,4	11,75
УСБ$_3$	8	9	9	10	10	46	9,2	11,5
УСБ$_4$	5	6	4	8	7	30	6	7,5
УСБ$_5$	8	7	9	7	9	40	8	10
УСБ$_6$	4	5	3	4	5	21	4,2	5,25
УСБ$_7$	2	1	2	3	2	10	2	2,5
УСБ$_8$	5	6	5	4	5	25	5	6,25
УСБ$_9$	9	8	7	9	8	41	8,2	10,25
УСБ$_{10}$	5	6	5	7	6	29	5,8	7,25
УСБ$_{11}$	6	4	5	6	5	26	5,2	6,5
УСБ$_{12}$	7	8	7	8	7	37	7,4	9,25
Ҳамагӣ:	***78***	***79***	***75***	***85***	***83***	***400***		***100***

***Сарчашма:** ҳисоби муаллифон дар асоси MS Excel*

Аз натиҷаи баҳодиҳии экспертӣ муайян гардид, ки аз ҳама унсури УСБ$_1$ бо нишондоди 9,6 хол ё 12% ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи таъсир дошта, сипас дигар унсурҳо бо таври зайл: УСБ$_1$; УСБ$_2$; УСБ$_3$; УСБ$_9$; УСБ$_5$; УСБ$_{12}$; УСБ$_4$; УСБ$_{10}$; УСБ$_{11}$; УСБ$_8$; УСБ$_6$; УСБ$_7$ ҷойгир шудаанд.

Инак, нишондиҳандаи миёнаи бадастомадаро аз ҳисобкуниҳо муайян намуда, сипас гурӯҳбандии унсурҳои (УСБ) таъсири қавидошта, нисбатан таъсиррасон ва бетаъсирро ба нишондиҳандаҳои ҳисоботҳоро бо ёрии таносуби зери холҳои миёна муайян менамоем, яъне: $1 \leq 5$ – бетаъсир; $5 \leq 9$ – нисбатан таъсирдошта; $9 \leq 10$ – таъсири қавидошта.

Сипас, дар асоси таносуби муайяншуда, гурӯҳбандии унсурҳои сиёсати баҳисобгириро вобаста аз сатҳи таъсиррасонӣ иҷро менамоем ва натиҷаи онро дар ҷадвали навбатӣ (ҷадвали 4) инъикос менамоем.

Ҷадвали 4. Гурӯҳбандии унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ*

№	Унсурҳои таъсири қавидошта			Унсурҳои нисбатан таъсиррасон			Унсурҳои бетаъсир		
	Номгӯи унсур	Баҳои миёна	%	Номгӯи унсур	Баҳои миёна	%	Номгӯи унсур	Баҳои миёна	%
1	УСБ$_1$	9,6	12,00	УСБ$_9$	8,2	10,25	УСБ$_8$	5,0	6,25
2	УСБ$_2$	9,4	11,75	УСБ$_5$	8,0	10,00	УСБ$_6$	4,2	5,25
3	УСБ$_3$	9,2	11,50	УСБ$_{12}$	7,4	9,25	УСБ$_7$	2,0	2,50
4				УСБ$_4$	6,0	7,50			
5				УСБ$_{10}$	5,8	7,25			
6				УСБ$_{11}$	5,2	6,50			
Баҳои умумӣ:		*28,2*	*35,25*		*40,6*	*50,75*		*11,2*	*14,00*

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси ҷадвали 3*

Натиҷаҳои таснифоти унсурҳои таъсиррасон тибқи баҳодиҳии экспертӣ нишон дод, ки таъсири бештарро гурӯҳи унсурҳои нисбатан таъсиррасон бо нишондоди 40,6 хол ё 50,75% мавқеи аввалро ишғол карда, унсурҳои таъсири қавидошта бо нишондоди 28,2 хол ва ё 35,25% мавқеи дуюм ва унсрҳои бетаъсир бо нишондоди 11,2 хол ё 14% мавқеи навбатиро ишғол намудаанд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти арзёбии экспертӣ тасниф намудани гурӯҳи унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ ба гурӯҳҳои таъсиррасони дар боло зиркшуда, барои корхона ва ташкилотҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳангоми таҳия ва тасдиқи сиёсати баҳисобгирӣ барои арзёбии натиҷаи мусбии молиявӣ бештар эътибор додашуда, бо ин роҳ самаранокии фаъолияти муҳосиботи корхона таъмин карда шавад.

Адабиёт

1. Кондраков Н.П. Бухгалтерский учет. - М.: Инфра - М., 2014. - 361 с.
2. НББ 5/2001 “Ҳисоботи молиявии корхона” аз 16.07.2001 с. № 104
3. Саати Т. Принятие решений. Метод анализа иерархий: пер. с анг. – М.: Радио и связь, 1993. Стр. 53
4. Соколов, Я.В. Влияние учетной политики на финансовый результат/ Я.В. Соколов, М.Л. Пятов // Бухгалтерский учет. - 2007, № 2. - С. 43- 48.
5. Сулейманова Е.В. Бухгалтерский финансовый учет: учебное пособие. М.: «Финансы и статистика», 2008. 200 с. С. 3–26.

УДК - 33:334.012.6

Лолаев З.Х.

КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПРОМЫШЛЕННОСТИ, КАК КРИТЕРИЙ ОЦЕНКИ ЕГО ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье, представлены результаты оценки конкурентоспособности малого и среднего предпринимательства в промышленности как критерий экономической безопасности. Малое и среднее предпринимательство в промышленности характеризуется значительным потенциалом для ускорения индустриализации экономики, роста продуктивной занятости, повышения уровня налогооблагаемой базы, увеличения объема ВВП и получения множества прочих социально-экономических выгод. Реализация этого потенциала в значительной мере зависит от уровня экономической безопасности внешней среды. В целях исключения возможности нанесения ущерба бизнесу этих предприятий, в настоящей работе каждому из них присвоен соответствующий идентификационный номер.

Ключевые слова: безопасность, устойчивость, предпринимательство, промышленность, оценка, предприятие, прибыль, финансирование

Лолаев З.Х.

РАҚОБАТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР САНОАТ ҲАМЧУН МЕЪЁРИ АРЗИШИ АМНИЯТИ ИКТИСОДӢ

Дар мақола натиҷаҳои арзёбии рақобатпазирии соҳибкории хурду миёна дар саноат ҳамчун меъёри амнияти иқтисодӣ оварда шудааст.
Корхонахои хурду миёна дар саноат барои тезондани индустрикунонии иктисодиёт, зиёд кардани шугли истехсолй, баланд бардоштани дарачаи базаи андоз, афзоиши ММД ва гирифтани бисьёр дигар имтиёзхои ичтимоию иктисодй имкониятхои калон доранд.Татбиқи ин иқтидор бештар ба сатҳи амнияти иқтисодии муҳити беруна вобаста аст. Барои рафъи эҳтимоли зарар ба тиҷорати ин корхонаҳо дар ин кор ба ҳар кадоми онҳо рақами мушаххас дода мешавад.

Калидвожаҳо: амнийт, устуворӣ, соҳибкорӣ, саноат, арзёбӣ, корхона, фоида, маблағгузорӣ, рақобатпазири.

Lolaev Z.Kh.

COMPETITIVENESS OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP IN INDUSTRY AS A CRITERION FOR ASSESSING ITS ECONOMIC SECURITY

The article presents the results of assessing the competitiveness of small and medium-sized businesses in industry as a criterion for economic security. Small and medium-sized enterprises in industry have significant potential to accelerate the industrialization of the economy, increase productive employment, increase the level of the tax base, increase GDP and receive many other socio-economic benefits. The realization of this potential largely depends on the level of economic security of the external environment. In order to exclude the possibility of damage to the business of these enterprises, in this work each of them is assigned a corresponding identification number.

Key words: security, sustainability, entrepreneurship, industry, evaluation, enterprise, profit, financing, competitiveness.

В Таджикистане уровень развития малого и среднего предпринимательства в промышленности еще существенно отстает от экономически развитых стран. Развитие национальной экономики в значительной степени обусловлено состоянием предпринимательства и, наоборот, - динамичность развития малого и среднего промышленного предпринимательства определяется степенью развитости других отраслей экономики. Создание условий для восстановления и развития промышленности, перехода национальной экономики на индустриальную модель выдвинуто в качества стратегического приоритета в ряде программных документов РТ. Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем послании от 26 декабря 2018 года Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон отметил особую важность сферы промышленности в решении социально-экономических вопросов и создании рабочих мест и предложил ускоренную индустриализацию страны объявить четвертой национальной стратегией» [2]. Малое и среднее предпринимательство в промышленности характеризуется значительным потенциалом для ускорения индустриализации экономики, роста продуктивной занятости, повышения уровня налогооблагаемой базы, увеличения объема ВВП и получения множества прочих социально-экономических выгод. Реализация этого потенциала в значительной мере зависит от уровня экономической безопасности внешней среды.

Конкурентоспособность – это способность вырабатывать и поддерживать конкурентные преимущества предприятия в области эффективных прогрессивных систем мотивации работников, профессионализма персонала.

Конкурентоспособность – это естественный процесс в рыночной экономике.

Все организации в различных сферах деятельности сталкиваются с конкурентами. Профессиональное отношение к конкурентам приносит пользу организации, непрофессиональное может привести к криминализации отношений. Конкуренты бывают добросовестные и недобросовестные, агрессивные и выжидающие [1].

Критерием оценки уровня экономической безопасности внешней среды предприятия, является конкурентоспособность, которая может быть оценена по 11 показателям. В таблице 1 представлены данные анализируемых бизнес структур по критерию конкурентоспособности.

Таблица 1. – Показатели конкурентоспособности предприятий

№ п/п	Показатели	Малые и средние промышленные предприятия			
		№ 1	№ 2	№ 3	№ 4
1.	Качество товара	Высокое	Среднее	Высокое	Среднее
2.	Используемое оборудование	ЕС	Россия	Россия	Китай
3.	Цена в сравнении с конкурентами	На уровне рыночной	На уровне рыночной	Относительно низкая	Относительно низкая
4.	Ассортимент	Обновляющийся	Широкий	Узкий	Узкий
5.	Масштабность предприятия	Среднее	Малое	Малое	Малое
6.	Характер продаж	Стабильный	Стабильный	Сезонный	Неритмичный
7.	Квалификация персонала	Высококвалифицированный	Квалифицированный	Малоквалифицированный	Малоквалифицированный
8.	Работа с поставщиками	Напрямую	Напрямую	Напрямую	Напрямую
9.	Репутация в региональном бизнес-сообществе	Положительная	Положительная	На стадии формирования	На стадии формирования
10.	Рекламная деятельность	100т.с-300т.с	1т.с. - 100т.с	0	0
11.	Срок существования предприятия	1993 года	2010 года	2009 года	2015года
12.	Итого баллов	37	29	24	19
13.	Уровень конкурентоспособности	Высокий	Средний	Низкий	Критический

Таким образом, показатели конкурентного взаимодействия приравнены баллам (лучший показатель 4 балла, худший 1 балл), результаты равны суммарному значению заданных баллов по всем характеристикам (таблица 2). В соответствии с суммарным значением, а точнее со шкалой измерения, определен класс конкурентоспособности, а также каждому классу соответствует балл безопасности. Соответственно, чем больше суммарный балл, тем выше безопасность по критерию конкурентоспособности.

Таблица 2. – Оценка сравнительной конкурентоспособности малых и средних промышленных предприятий за 2021 год

Показатели	Баллы безопасности			
	4 балла	3 балла	2 балла	1 Балл
Качество товара (услуг)	Высокое	Среднее	Удовлетворительное	Низкое
Используемое оборудование	ЕС	Россия	Россия	Китай
Цена в сравнении с конкурентами	Ниже Рыночной	Относительно низкая	На уровне рыночной	Выше рыночной
Ассортимент	Обновляющийся	Широкий	Ограниченный	Узкий

Масштабность предприятия	Средне	Среднее	Малое	Малое
Характер продаж	Стабильный	Нестабильный	Сезонный	Неритмичный
Квалификация персонала	Высококвалифицированный	Квалифицированный	Малоквалифицированный	Неквалифицированный
Работа с поставщиками	Консорциум	Аутсорсинг	Через посредника	Напрямую
Репутация в региональном бизнес-сообществе	Положительная	На стадии формирования	Запятнанная	Отрицательная
Расходы на рекламную деятельность, тыс. сомони в год	Свыше 300 .	100-300	1 - 10с	0
Срок существования предприятия, года	16 и более	11-15	6-10	Менее 5
Оценка измерения уровня конкурентоспособности предприятий, баллы				
Класс конкурентоспособности	Шкала измерения, баллы			Баллы безопасности
Высокий	от 37 до 44			4
Средний	от 29 до 36			3
Низкий	от 20 до 28			2
Критический	от 11 до 19			1

**Составлено автором по результатам исследования*

Проведенное исследование позволяет сделать следующие выводы, уровень конкурентоспособности предприятия №1 определен как высокий. Лидирующие позиции предприятие имеет за счет высокого уровня качества товара, высокий уровень обновления ассортимента, использование оборудования дальнего зарубежья, высококвалифицированный персонал, хорошая репутация и активная рекламная деятельность.

Предприятие № 2 имеет уровень конкурентоспособности средний, качество товара среднее, средний уровень квалификации персонала, репутация на стадии формирования, рекламная деятельность пассивная.

Конкурентоспособность предприятии № 3 на низком уровне, не смотря на высокое качество товара, использование оборудования дальнего зарубежья и низкой ценой на рынке, у компании узкий ассортимент, низкоквалифицированный персонал, репутация на стадии формирования, отсутствует рекламная деятельность, срок существования на рынке девять лет.

Уровень конкурентоспособности предприятия № 4 оценивается как критический. Это связано с узким ассортиментом, неритмичностью продаж, низкой квалификацией персонала, формирующейся репутацией, отсутствием рекламной деятельностью и конечно же со сроком существования предприятия на рынке, всего четыре года.

На основании выше приведенных расчетов, все внутренние и внешние критерии обобщены в таблице 3, 4.

Таблица 3. – Интегрально-бальная оценка экономической безопасности анализируемых предприятий за 2021 год, баллы

Критерии	Количество баллов			
	№ 1	№ 2	№ 3	№ 4
Финансовая устойчивость	4	2	2	2
Рентабельность	4	3	2	2

Использование основные средства	4	3	3	4
Персонал и кадровая политика	1	1	1	1
Взаимодействие с конкурентами	4	3	2	1
Всего баллов	17	12	10	10

Таблица 4. – Уровни экономической безопасности, баллы

Уровень	Баллы
Высокий	17-20
Средний	13-16
Низкий	9-12
Критический	5-8

Результаты анализа интегрально – бальной оценки внутренних и внешних критериев в соответствии с уровнями экономической безопасности, показали, что высокий уровень безопасности демонстрирует предприятие №1, остальные имеют низкий уровень из-за низкой финансовой устойчивости и рентабельности.

Выполненное исследование по оценке внутренних критериев экономической безопасности, анализируемых малых и средних предприятий, свидетельствует о том, что лидирующие позиции занимает предприятие № 1, где финансовая устойчивость за последние три года показала абсолютную устойчивость. Наблюдается положительная динамика по рентабельности, показатель использования основных средств свидетельствует о незначительном износе на протяжении последних четырех лет, оценка показателя рационализаторской активности на низком уровне, но выше по сравнению с другими анализируемыми предприятиями.

В анализируемом периоде предприятие №2 имеет низкий уровень финансовой устойчивости, рентабельность с отрицательной динамикой, показатель использования основных средств отражает средний износ за последние четыре года, рационализаторская активность на низком уровне.

На фирме №3 финансовая устойчивость низкая, рентабельность последние четыре года определена как удовлетворительная, показатель использования основных средств свидетельствует о среднем уровне износа, а рационализаторская активность низкая на протяжении всего анализируемого периода.

В анализируемом периоде на третьем предприятии финансовая устойчивость низкая, рентабельность средняя, показатель использования основных средств показал незначительный уровень износа, а рационализаторская активность удовлетворительная.

Использование данной методики позволяет оценить внутренние и внешние критерии экономической безопасности. Вместе с тем выполненное исследование показало, что проведенные расчеты акцентируют больше внимания на оценке внутренней безопасности. На наш взгляд оценка показателя конкурентоспособности является не достаточной для определения уровня экономической безопасности по внешним критериям. В связи с этим необходимо дополнить внешние показатели, позволяющие определить уровень экономической безопасности предприятий малого и среднего предпринимательства в пищевой промышленности Республики Таджикистан.

Известно, что внешняя среда предприятия – это все условия и факторы, которые возникают независимо от его деятельности и оказывают существенное воздействие на него. Внешняя среда предприятия содержит в себе угрозы прямого и косвенного воздействия.

Косвенное воздействие оказывают политика государства, экономическая ситуация в государстве и в регионе и мире, инновационно — технологическое направление развития отрасли, экономики страны, социальная ориентация бизнеса и государственной политики, инфляция, безработица, девальвация.

На деятельность предприятия прямое воздействие оказывают поставщики факторов производства, потребители, конкуренты, трудовые ресурсы, государство, в некоторых странах профсоюзы и т.д. Представляется, что этот недостаток можно исключить, если обратить внимание на макроэкономические факторы, и какое влияние они оказывают на бизнес структуры. Косвенность воздействия данных факторов не исключает их влияния на устойчивое развитие бизнеса, влияние этих факторов может носить как негативный характер, так и позитивный.

Оценку уровня экономической безопасности по внешним критериям необходимо начинать с оценки факторов экономического пространства, точнее географического размещения бизнес субъекта. В данном случае большое значение будет иметь показатель отдаленности от крупного города. Также важным является географическое расположение бизнес субъекта на территории региона, так как расположение вблизи рынка факторов производства дает возможность более выгодного взаимодействия, снижения транспортно - логистических издержек, подбор высококвалифицированных работников, единственным минусом является стоимость факторов, а точнее ее искусственно завышенные цены в связи с повышенным спросом. Измерением данного показателя могут послужить пороговые значения отдаленности, где высокий уровень безопасности будет обеспечен предприятиям, расположенным на территории большого города, и снижение данного порога в случае отдаленности от города и рынка, будут свидетельствовать о снижение уровня безопасности.

В качестве критерия взаимодействия с социальной средой оценки уровня экономической безопасности информативным являются такие показатели как уровень безработицы, уровень инфляции и заработной платы. Данные показатели способны охарактеризовать экономическую ситуацию региона, а также являются необходимыми для дальнейшего анализа внешней среды бизнес субъектов. Как было сказано выше, показатели внешней среды могут оказать как отрицательный эффект, так и положительный.

Негативные последствия уровня инфляции отразятся на удорожании факторов производства, в тоже время дадут возможность получения большей прибыли, если факторы производства обеспечиваются самим предприятием или завоевание новых рынков снижением цен, в соответствии с издержками.

К негативным последствиям безработицы относятся снижение покупательской способности, а положительным является подбор более квалифицированного персонала, создание резерва и обновление кадрового состава.

Не менее важным является оценка среды прямого воздействия. Так критерием взаимодействия с местными органами власти являются такие показатели как, частота участия в государственных программах по развитию МСБ, участие в государственных закупках в целях расширения рынка сбыта, участие в благотворительных акциях. Так, участие в государственных программах даст возможность привлечь новые инвестиций, расширение возможностей доступа к дополнительным финансовым, имущественным, техническим и кадровым источникам. Однако участие будет требовать исполнения обязательств перед государством, в виде отчетов и процентных выплат, а также тесное взаимодействие с институтами власти.

Участие в государственных закупках расширит рынок сбыта и обеспечит высокий уровень экономической безопасности.

Участие в благотворительных акциях закрепит доверие потребителей, повысит уровень социальной ответственности и позволит повысить уровень безопасности предприятия.

Критерий взаимодействия с бизнес агентами в деловой сети включает в себя следующие семь показателей - плотность, гомогенность, централизация, силы взаимодействия, теснота связей замкнутости и устойчивость сети. Данные показатели призваны охарактеризовать состояние сети по количеству участников сети, однородности агентов, централизованном их скопление вокруг одного предприятия, внушая доверие,

демонстрируя высокую заинтересованность в данных связях, что повысит уровень безопасности малого промышленного предприятия. Высокая сила деловых связей позволит снизить уровень безопасности из-за зависимости от данных связей в сети. Показатель замкнутости позволит оценить цепь взаимовыгодных отношений, на наличие обратной связи в сети, то на сколько эффективно замкнута связь между участниками. Устойчивость деловой сети оценивает частоту пролонгации, контракты, пролонгированные на следующий период способны повысить устойчивость сети и, следовательно, безопасность бизнес субъекта.

Следующим необходимым критерием оценки уровня экономической безопасности МСПП является критерий взаимодействия с населением региона, в данном случае применимы показатели динамики протестной активности населения региона, криминальной активности в регионе, половозрастной состав населения региона, уровень образованности населения, лояльность местного населения к местному бренду.

Показатель протестной активности в регионе укажет на отношение населения на различные нововведения и изменения старого уклада, чем выше будет темп роста данного показателя, тем ниже будет уровень экономической безопасности предприятия, темп роста динамики криминальной активности в регионе также заявит о низком уровне безопасности бизнес структуры в отношении криминогенности.

Показатель половозрастной структуры в регионе содержит информацию о возрастном и половом составе населения в регионе. Дисбаланс с уклоном в сторону старшего возраста укажет на риск нехватки персонала в будущем, а преобладание женского населения над мужским, в свою очередь снизит уровень безопасности бизнес субъекта. Показатель образованности населения позволит выявить степень преобладания образованного населения над не образованным в процентном соотношении, которое несомненно повлияет на высокой уровень экономической безопасности бизнес структуры.

Показатель лояльности местного населения к бренду выявит отношение местного населения к тому или иному бренду, высокий уровень лояльности укажет на высокое доверие населения данному производителю, следовательно, и высокий уровень экономической безопасности бизнес субъекта. Высокая степень лояльности к бренду способно принести свыше 50% всех доходов обладателю бренда.

Таким образом, оценка уровня экономической безопасности должна учитывать не только внутреннюю среду, но и внешнее окружение, поскольку организация является открытой системой, зависящей от взаимообмена ресурсами и результатами деятельности. Значение внешних и внутренних факторов меняется от организации к организации, от подразделения к подразделению в одной и той же организации. Все факторы взаимозависимы и взаимодействуют между собой. Изменение одного из факторов приводит к изменению других факторов. Поэтому их изучение и анализ должны носить системный характер с отслеживанием не только изменения одного фактора, но того, как эти изменения скажутся на других факторах. Также степень влияния проявляется по-разному, в зависимости от размера организации и отраслевой принадлежности.

В условиях чрезвычайно динамичной и неопределенной внешней среды компаниям необходимо приспосабливаться к изменениям, а также самим активно формировать свое будущее. Поэтому определяющее значение в рыночных условиях играет обеспечение устойчивости и развития, через анализ макро- и микроокружения бизнеса. Сегодня, практически все предприятия имеют определенное представление о внешней среде. Однако процедура сбора, анализа и передачи информации о ней осуществляется в большинстве случаев не целенаправленно, спонтанно и случайно, поэтому нет целостного представления о внешней среде и ее влиянии на результаты деятельности предприятия.

Таким образом, можно сделать вывод, что современному предприятию для достижения устойчивого долгосрочного функционирования и успешного развития важен анализ как внутренней, так и внешней среды, которые обеспечат экономическую

безопасность. В связи, с чем необходимо разработать и осуществить комплексный анализ с учетом индивидуальных особенностей предприятия при соответствующем кадровом, финансовым и техническом обеспечении. Только при этих условиях можно рассчитывать на высокий уровень экономической безопасности бизнес субъектов малого и среднего промышленного предпринимательства.

В процессе оценки каждому показателю был присвоен балл безопасности, который соответствовал экономическому состоянию бизнес субъекта. В зависимости от уровня (балла) экономической безопасности каждый субъект малого и среднего бизнеса может выбрать рекомендации, определить пути обеспечения безопасности и перспективы развития:

– по критерию финансовая устойчивость, при критическом уровне обеспеченности запасов и затрат, необходимо предпринимать меры по оптимизации расходов и реструктуризации обязательств. Низкий уровень обеспеченности требует укрепления деловых связей с платежеспособными покупателями. При нормальном уровне финансовой устойчивости достаточно увеличить объем выпуска рентабельной продукции. Абсолютный уровень финансовой устойчивости также нуждается в действиях по укреплению данных позиций, в данном случае предпочтительнее всего привлечение инвестиций и создание нового продукта;

– уровень безопасности по критерию рентабельности является критическим, если темпы роста прибыли меньше одного, а рентабельность продаж меньше нуля, в данном случае необходимо провести оптимизацию запасов на складе, проследить своевременный расчет покупателей, а также предпринять меры по расширению рынков сбыта. Низкий уровень рентабельности требует улучшения качества за счет инновационного производства и уменьшения производственных затрат. Средний уровень рентабельности нуждается в мерах по снижению себестоимости за счет применения новых экономичных технологий. При высоком уровне рентабельности необходимо расширить продуктовую линейку;

– критерий оценки состояния основных средств служит индикатором уровня экономической безопасности по техническому состоянию основных фондов. Критический уровень износа основных средств требует неотлагательных мер по замене изношенных фондов, на высококачественные, технологичные новые фонды. Сильно изношенные основные средства нуждаются в проведении ремонтных работ и обновлении особенно активных частей. При среднем износе нужно своевременно и качественно проводить планово-предупредительные мероприятия, которые будут способствовать своевременному выявлению отклонений в использовании основных средств. Незначительный износ основных средств, это в первую очередь, максимально использовать мощность и время эксплуатации основных фондов, а также проводить ряд диагностических и профилактических мероприятий по поддержке рабочего состояния;

– по критерию персонал оценивается рационализаторская активность, в случае выявления критического уровня необходимо повысить вовлеченность в повышение производительности труда. Низкий уровень требует повышения квалификации и внутреннего потенциала персонала. Средний уровень нуждается в мероприятиях по повышению вовлеченности персонала в процесс принятия решения. При высоком уровне необходимо развивать чувство собственного бизнеса и причастность к судьбе бизнеса;

– при оценке критерия удаленности от рынков сбыта, выявления не выгодного расположения требует создания деловых сетей, укрепляя деловые связи и привлекая новых партнеров. Менее выгодное расположение требует рассмотрения возможности роста ближе к городу, а также укрепления деловых связей. Выгодное расположение нуждается в сохранение настоящего месторасположения, укрепляя деловые связи. При наиболее выгодном расположении необходимо удерживать и расширять территорию настоящего месторасположения;

– оценка уровня взаимодействия с региональными и местными органами власти

включает в себя три показателя. По первому показателю - участие в программах по льготному финансированию в случае критического уровня безопасности необходимо выявить причины отказа от участия в различных программах и рассмотреть все плюсы и минусы участия в данных программах. Низкий уровень требует подготовки всех необходимых документов для участия в программах и консультации специалистов. При среднем уровне рекомендуется искать дополнительные возможности участия в других государственных программах. При высоком уровне достаточно отслеживать появление новых программ финансирования. По показателю участия в государственных закупках (число исполненных лотов) критический уровень требует выявления причин отказа от участия в государственных закупках. Низкий уровень требует определения и подготовки перечня необходимых документов для участия в закупках. Средний уровень нуждается в анализе ценовых предложений на рынке государственных закупок и определения наименьшей допустимой цены. При высоком уровне необходимо отслеживать появление новых лотов на портале государственных закупок и участвовать в них. Показатель участия в благотворительной и спонсорской деятельности говорит о социальной ответственности бизнеса в регионе. Критический уровень безопасности требует выявления причин отказа от участия в благотворительной и спонсорской деятельности. Низкий уровень требует определить возможности выделения средств и сумму пожертвований. Средний уровень говорит о необходимости выявлении дополнительных источников и возможностей для увеличения сумм пожертвования. При высоком уровне безопасности необходимо участвовать в масштабных и значимых для региона акциях;

– взаимодействие с местными бизнес-структурами оценивается по десяти показателям. Первый показатель оценки – качество товара. В случае критического уровня безопасности необходимо выявить причины низкого уровня качества товара, провести оценку качества сырья. Низкий уровень безопасности качества продукции требует проведения сертификации системы качества. Средний уровень нуждается в оценке потребительских свойств товара и совершенствование. При высоком уровне качества товара рекомендуется создавать новые виды товаров, расширяя продуктовую линейку;

– критический уровень безопасности по показателю использование оборудования требует заменить устаревшее оборудование новым, высокотехнологичным и энергосберегающим. Низкий уровень безопасности требует разработать план перехода на новое высокотехнологичное оборудование, произведённое в западных странах Европы или России. Средний уровень безопасности говорит о необходимости поиска средств на приобретение нового оборудования и определение сроков замены устаревшего оборудования новым высокотехнологичным. При высоком уровне безопасности по показателю используемое оборудование достаточно отслеживать появление инновационного оборудования и поиск возможности его приобретения.

ЛИТЕРАТУРА

1. Долгов Д.И., Кижайкина М.С. // Понятие конкурентоспособности. Конкурентоспособность организации// Научный электронный архив.URL: http://econf.rae.ru/article/7898

2. Послание Лидера нации, Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2018// [Электронный ресурс: http://www.president.ti.

УДК 3.368.01

Шарифзода Ф.Ҳ.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СУҒУРТАИ ШАХСИИ ХИЗМАТЧИЁН ВА УҲДАДОРОНИ ҲАРБӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии ташаккул ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ таҳия гардидааст. Таърихи пайдоиши суғуртаи шахсӣ давоми солҳои тулонӣ ошкор гардида, сарчашмаҳои ҳуқуқии ин навъи суғуртаи ҳатмии давлатӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар натиҷаи таҳқиқи мавзӯи номбурда пешниҳод гардидааст, ки масъалаҳои мудофиаи манфиатҳои миллӣ-давлатӣ, таҳкими устувории пояҳои он, таъмини амнияту субот, сулҳу оромӣ, мудофиаи кишвар, сиёсати ҳарбӣ ва ба монанди инҳо, бевосита бар души хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ вогузор буда, ба ҳифзи саломатии онҳо, ки бевосита аз суғуртаи шахсӣ асос мегирад таваҷҷуҳи бештар дода шавад, ҳамчунин зарурати таҳия ва қабули қонуни алоҳидаи “Суғуртаи ҳатмии шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ” ба мақсад мувофиқ аст.

Калидвожаҳо: суғуртаи шахсӣ, ҳодисаҳои нохӯш, хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ, ҳуқуқи суғурта, кафолати давлатӣ, монополияи давлатӣ, суғуртаи ҳатмии давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Шарифзода Ф.Х.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ЛИЧНОГО СТРАХОВАНИЯ ВОЕННОСЛУЖАЩИХ И ВОЕННООБЯЗАННЫХ ЛИЦ

В данной статье разработаны теоретические основы формирования и социально-экономическая сущность личного страхования военнослужащих и военнослужащих. Раскрыта история возникновения личного страхования на протяжении многих лет, исследованы правовые истоки этого вида обязательного государственного страхования. В результате изучения указанной тематики предлагается, чтобы вопросы защиты национально-государственных интересов, укрепления его основ, безопасности и стабильности, мира и спокойствия, обороны страны, военной политики и тому подобное были непосредственно возложенных на военнослужащих и военнообязанных лиц, охране их здоровья, которая непосредственно основана на личном страховании, следует уделить больше внимания, а также необходимо разработать и принять отдельный закон «Об обязательном личном страховании военнослужащих и военнообязанных лиц».

Ключевые слова: личное страхование, неприятные события, военнослужащие и военнообязанные, страховое право, государственная гарантия, государственная монополия, обязательное государственное страхование, нормативно-правовые акты.

Sharifzoda F.Kh.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE ORGANIZATION OF PERSONAL INSURANCE FOR MILITARY SERVICE PERSONS

This article develops the theoretical foundations for the formation and socio-economic essence of personal insurance for servicemen and servicemen. The history of the emergence of personal insurance for many years is revealed, the legal origins of this type of compulsory state insurance are investigated. As a result of studying this topic, it is proposed that the issues of protecting national-state interests, strengthening its foundations, security and stability, peace and

tranquility, national defense, military policy and the like are directly assigned to military personnel and persons liable for military service, protecting their health, which is directly is based on personal insurance, more attention should be paid, and a separate law “On Compulsory Personal Insurance of Military Personnel and Persons Liable for Military Service” should be developed and adopted.

Key words: personal insurance, unpleasant events, servicemen and those liable for military service, insurance law, state guarantee, state monopoly, compulsory state insurance, legal acts.

Қисми асосӣ. Марҳилаи нави муносибатҳои иқтисоди бозорӣ новобаста аз масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-фарҳангӣ, ҳудудию бурунмарзӣ, якқатор мушкилотеро эҷод кард ва навигариҳоеро ба миён овард,, ки хоси ҳамин давра буда, омӯзиш ва ҷустуҷӯи хусусиятҳои ҷараёни ташаккули сохторҳои нав ва зарурати таҳияи асосҳои методологӣ ва методии рушди онҳоро ногузир гардонидааст. Дар доираи ҳамин муносибатҳои бозорӣ, якбора кам гардидани таъсири сохторҳои давлатӣ ба рушди ҷараёни истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддӣ водор месозад, ки усулҳои муосири идораи иқтисодиёт ҷорӣ карда шаванд, то ки онҳо таъсири худро ба раванди зиндагонии шаҳрвандон расонанд.Замони муосир замони рушди ҳамаҷониба ва инкишофи босуръат аст. Ин тамоюлро дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти одамон дидан мумкин аст.

Ҷараёни иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳонӣ намудҳои гуногуни хавфро, ки фарорасии онҳо дар аксари ҳолатҳо ба талафоти имконнопазир оварда мерасонад, тасдиқ менамояд. Зарарҳои иқтисодӣ, ки ҳангоми ҳодисаҳои фавқулода, ҳодисаҳои нохӯш, кушиши шахси сеюм, тағйироти вазъи бозор ба миён меоянд, миллиардҳо маблағро аз байн мебаранд.

Вобаста ба ин, вақте мавриди ҳифзи воқеӣ ва амалии манфиатҳои молумулкии шахс сухан меравад, ҳатто мамлакатҳои пурқуввати замони муосир танқисии худро дарк мекунанд. Дар ин ҳолат нақши василаҳои иқтисодӣ калон буда, батанзимдпрории манфиатноки онҳо аз тарафи сохторҳои давлатӣ самараи дилхоҳи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ба миён меорад, ки дар ин раванд таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва суботи давлату ҷамъият фароҳам оварда мешавад.

Аз нигоҳи мо аҳаммияти муҳимеро дар ин самт ва бо дар назардошти мақсадҳои умумиҷамъиятиву ташкили шароити мувозинатнок байни соҳаҳои иқтисодиёт, масъалаи ташаккули суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ соҳиб мегардад, ки зарурати рушди он асоси фаъолияти дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб мегардад. Зеро, масъалаи мудофиаи манфиатҳои миллӣ-давлатӣ, таҳкими устувории пояҳои он, таъмини амнияту субот, сулҳу оромӣ, мудофиаи кишвар, сиёсати ҳарбӣ ва ба монанди инҳо, бевосита бар души хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ вогузор шудааст.

Ба андешаи мо, ҳамчун категорияи иҷтимоӣ баромад намудани суғурта аз он шаҳодат медиҳад, ки чун низоми ҳифзи иҷтимоӣ вазифаи таъмини татбиқи ҳуқуқи конституцсионии шаҳрвандони аз ҳама ҷиҳат фаъоли ҷомеаро ифода мекунад, ки дар ин қатор метавонем хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбиро пешсаф ҳисобем.

Суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ, ки объекти фаъолияти он суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ, фавт, яъне манфиатҳои ҳаётан муҳим, ки арзиши бевоситаи пулӣ надоранд ва ба зарари шахси алоҳида алоқаманданд, ба соҳаи суғуртаи шахсӣ дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, суғуртаи шахсӣ ба ташкили низоми мукаммалтарин ва ҳамаҷонибаи таъмини шаҳрвандон дар кишвар дар ҳолати рӯй додани ҳодисаҳои гуногуни ҳаёт, ки боиси паст шудани сатҳи зиндагӣ, маъюбӣ, бад шудани саломатӣ, пайдоиши хароҷоти иловагӣ ва ғайраҳо мусоидат мекунад.

Агар ба таърихи эҳёи суғуртаи шахсӣ назар андозем, нахуст оғози фаъолияти он ҳанӯз ба даврахои ҳукмронии Николаи 1 рост меояд, ки 4 сентябри соли 1835 аввалин ҷамъияти суғуртакунандаи ҳаёт таъсис дода шуд ва 25 октябри ҳамон сол нахустин шартномаҳои он (полисҳо) тақсим карда шуданд. Марҳилаи муҳимми инкишофи суғуртаи ҳаёт дар даврои

ҳукмронии Николаи 2 (1894-1917) мушоҳида гардидааст, ки он замон, яъне 30 майи соли 1905 Низомнома (Қонун) “Дар бораи суғуртаи даромадҳо ва сармоя тавасути Хазинаи Давлатии Амонатгузорӣ (ХДА) қабул гардидааст [11].

Ғалабаи революцсияи февралии соли 1917 дар Россия давраи мустамликадориро ба охир расонид, ҳукумати мувақатӣ сарнагун гардид, ҳокимият ба дасти Советҳо гузашт. Бо қабули “Декрет оид ба муассисаи Шӯрои миллии Коммисарҳо” 27 октябри соли 1917 Комиссарияти миллии корҳои дохилаи РСФСР, ки мақомоти марказии муҳофизати тартибот буд, таъсис дода шуд[1]. Бо қарори РСФСР аз 28 октябри соли 1917 “Милитсияи корӣ” таъсис ёфт [13].

Бо қабул гардидани Конституцсияи РСФСР дар соли 1918 Россия Республикаи Советии коргарон, афсарон ва депутатҳои деҳқонон эълон гардида, тамоми ҳокимият ба дасти онҳо гузашт ва онро дар асоси иттифоқи озоди миллатҳои озод ҳамчун федератсияи Советии ҷумҳуриҳо барпо намуданд [6].

Конституцсияи қабулгардида ба соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии суғурта низ тағйиротҳои ҷиддиеро ворид намуд, ки монополияи давлатии бозори суғуртаро ба миён овард ва дар ин бора Қарори Советии Комиссарияти Халқӣ аз 28 ноябри соли 1918 “ Оид ба ташкили фаъолияти суғурта дар Республикаи Россия” шаҳодат медиҳад [4].

Каме баъдтар дар сохти давлатдорӣ боз дигаргуниҳо ба амал омада дар Съезди якуми Иттифоқи Советии Ҷумҳуриҳои Сотсиалистӣ 30 декабри соли 1922 шартнома “Оид ба таъсиси Иттифоқи Советии Ҷумҳуриҳои Сотсиалистӣ” [5] имзо гардид ва баъд аз он Сарқонуни асосӣ – Конституцсияи ИҶШС (СССР) соли 1923 қабул карда шуд[10].

Дар ҳамин давра (соли 1922) Кодекси граждании қабул намудаи ИҶШС (боби 11 – суғурта) муқаррар намуда, ки намудҳои суғуртаи ҳатмиро санадҳои алоҳидаи махсуси ҳуқуқӣ ба танзим медароранд ва қоидаҳои амали онҳоро муайян мекунанд (м. 398) [12].

Ҳамин тавр, 18 сентябри соли 1925 Низомнома “Оид ба суғуртаи давлатии ИҶШС” қабул гардида буд, ки дар он қоидаҳои амали намудҳои суғуртаи ҳатмӣ муқаррар шудаанд. Дар банди якуми ин санади меъёрии номбурда нисбати ҳамаи намудҳои суғурта монополияи давлатӣ эълон гардида, муайян шудааст, ки мақомоти ягонаи иҷрокунандаи суғурта дар мамлакат – ташкилоти ҳуқуқии Суғуртаи давлатӣ (Госстрах) мебошад [14]. Маҳз ҳамин Суғуртаи давлатӣ муддатҳои тӯлонӣ, аниқтараш то давраи парокандашавии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиолистӣ (ИҶШС) мақоми ягонаву асосӣ - амалии суғуртаи давлатаҳои советиро ба ӯҳда дошт. Зеро дар Низомномаи мазкур муқаррар гардида буд, ки ғайр аз мақомоти Суғуртаи давлатӣ дигар мақомотҳои ИҶШС чӣ марказӣ ва чӣ дар маҳалҳо ҳуқуқи иҷрои амалиёти суғуртавиро надоранд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 1924 тибқи Қарори Ҳукумати инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон) Комиссариати халқии молия таъсис ёфт ва дар зерсохтори он идораи суғуртаи давлатӣ таъсис дода шуд. Яъне, якумин ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намояндагӣ соли 1924 ба фаъолият шурӯъ намудааст. Ва дар соли 1991 бо қарори Девони вазирони ҷумҳурӣ Саридораи суғуртаи давлатии Вазорати молия ба созмони тиҷоратии суғуртаи давлатии Тоҷикистон табдил дода шуд. Баъдан ба хотири он, ки ташкилотҳои суғурта рӯ ба ҷониби савдову тиҷорат наоваранд, [7] Ҳукумат 18 августи соли 1994 бо қарори худ Созмони тиҷоратии суғуртаи давлатии Тоҷикистонро ба Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон табдил дод ва идораи суғуртаи давлатӣ муассисаи мустақил гардид [2].

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ аз он дарак медиҳад, ки дар давраи яккаҳукмронии (монополияи) давлатӣ суғурта фаъолияти ниҳоятан маҳдуд дошт, ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ҳиссаи ками хизматрасониҳоро пешниҳод менамуд ва дар ин давра танҳо таъминоти суғуртаи иҷтимоӣ ба раванди иқтисодиёти давлат таҳвият мебахшид. Аслан ҳангоми ба инобат гирифтани талаботҳои аҳолӣ намудҳои зерини суғурта: суғуртаи ҳаёт, амволи хона, биноҳо, ҳайвоноти хонагӣ, воситаҳои нақлиёт амал менамуданд. Хизматрасонии суғуртавӣ

дар он вақт асосан характери расмӣ дошт. Дар ботини шаҳрвандони Шӯравӣ суғурта чун компаненти ҳатмии ташаккул ва инкишофи зиндагонии онҳо нақши калидӣ надошт. Зеро, давлати Иттиҳоди Шӯравӣ чунин таъсис ёфта буд, ки ҳатто шаҳрвандон мақсади суғурта намудани ҳаёт, саломатӣ, амвол, масъулият, суғурта аз ҳодисаҳои нохушро надоштанд.

То ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мутахассисон суғуртаро ба сохтори таркибии низоми молияи давлатӣ ворид менамуданд, мазмуну моҳияти онро аз ин нуқтаи назар маънидод мекарданд. Баъд аз гузаштан ба иқтисоди бозорӣ суғурта чун мафҳуми мустақили илми иқтисодӣ қабул гардид ва яке аз соҳаҳои зарурии ҳимояи манфиатҳои шахсиву амволии рушддиҳандаи ҷомеаи муосир дониста шуд [2].

Инчунин, баъд аз истиқлолияти давлатӣ Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 1992, таҳти рақами № 223 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии шахсии давлатии хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ба онҳо баробаршуда, мансабдори ҳайати фармондеҳии мақомоти корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллӣ" қарор қабул намуд. Ин санади меъёрӣ аввалин сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавӣ байни хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти суғуртакунанда мебошад, ки то ба имрӯз вазни ҳуқуқии худро гум накардааст ва дар марҳилаи имрӯза ҳамчун “Суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани” амал намуда истодааст.

Агар ба мазмуну мундариҷаи худи суғуртаи ҳатмӣ ва ё суғуртаи ҳатмии давлатӣ равшанӣ андозем, маълум аст, ки он муносибатҳои суғуртавиеро байни суғуртакунанда ва суғурташаванда дар бар мегирад, ки асоси амали онҳоро қонунгузорӣ муайян мекунад ва бевосита аз тарафи давлат ба танзим дароварда мешавад. Ин шакли суғурта маъмулан он ҳодисаҳоеро фарогир мебошад, ки характери умумиҷамъиятӣ доранд ва намуди бештари онро буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мекунад. Суғуртаи ҳатмӣ он таваккалҳоеро ҳимоя менамояд, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ё ҷомеа таъсир мерасонанд.

Вобаста аз асосҳои назариявӣ суғуртаи ҳатмии давлатӣ дар асоси шартҳои роҳандозӣ мегардад:

1. Суғуртаи ҳатмӣ аст, ин маънои онро дорад, ки ҷозибияти қонунӣ дорад ва санадҳои меъёрии қабулгардида номгӯи объектҳо, ҳодисаҳои суғуртавӣ, ҳаҷми ҳаққи суғурта ва маблағи он, мунтазам бе фосила пардохти он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғуртакунанда ва суғурташавандаро муайян менамояд.
2. Фарогирии пурраи объектҳои суғуртавӣ. Ширкатҳои суғуртакунанда, ки иҷозати гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатиро доранд (ҳоло танҳо КВД “Тоҷиксуғурта”) дар асоси қонунгузории амалкунанда пурра объектҳои суғуртавиро фарогир бошанд.
3. Новобаста аз пардохти ҳаққи суғуртави ҳатмӣ будани ҳимояи суғуртавӣ. Дар мавриди ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ новобаста аз саривақт напардохтани ҳаққи суғуртавӣ, зарари расонидаи он ҷуброн карда мешавад.
4. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ бемуҳлат аст. Яъне, то лаҳзаи он, ки қонунгузории ҷорӣ чунин намуди суғуртаро беэтибор нагардонад ва ё то лаҳзаи фарогири ҳимояи суғуртавӣ будани манфиатҳои амволию шахсии суғурташуда аз тарафи суғуртакунанда давом меёбад.
5. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ меъёри муайян дорад. Яъне масъулияти суғуртакунанда даст медиҳад, ки хусусияти фардӣ дар ин намуди суғурта баҳисоб гирифта нашавад, зеро ки ҳодисаи суғуртавии таваккал шуда, хислати ҷамъиятӣ дорад ва ба манфиати миллату ҷамъият аст.

Ҳамин тавр, дар асоси шартҳои номбурда, метавонем тафовути байни суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёриро муайян намоем (ҷадвали 1.1.).

Ҷадвали 1.1. Хислатномаи тафовути муқоисавии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ

Суғуртаи ҳатмӣ	Суғуртаи ихтиёрӣ
Меъёри тарифӣ, шартҳо ва тартиби суғуртакунонӣ, муҳлати пардохти ҳаққи суғуртавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро қонун муайян мекунад	Меъёри тарифӣ, шартҳо ва тартиби суғуртакунонӣ, муҳлати пардохти ҳаққи суғуртавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро шартномаи суғуртавӣ муайян мекунад
Ба таври автоматӣ амалӣ карда мешавад (бе пешниҳод намудани ариза)	Суғуртакунонӣ танҳо баъди пешниҳод намудани ариза амалӣ карда мешавад
Уҳдадории пардохти ҳаққи суғуртавӣ новобаста аз хоҳиш ва имкониятҳои молиявии суғурташаванда роҳандозӣ мегардад	Суғуртакунонӣ он лаҳзае ҳукми қонунӣ мегирад, ки ҳаққи суғуртавӣ пардохт шавад, амали шартнома метавонад бо хоҳиши суғурташаванда қатъ гардад
Суғуртаи бе муҳлат аст	Муҳлати суғурта дар шартнома нишон дода шуда аст
Иҳотаи пурраи объектҳои суғурта (объектҳо бо таври мушаххас дар қонун дарҷ мегарданд)	Иҳотаи пурра ё қисми объекти ҳимояи суғуртавӣ

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши суғурта

Чунин мазмуни суғуртаи ҳатмӣ фарогири ҳамаҷонибаи суғуртаи ҳатмии шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ буда, бояд дар асоси қонуни алоҳида амал кунад.

Сарчашмаҳои илмии муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷанбаъҳои иҷтимоӣ - иқтисодии суғуртаи хизматчиёни ҳарбӣ хело кам таҳқиқ шудааст ва бештари адабиёти илмии мавҷуда пайгири самтҳои ҳуқуқии амали суғуртаи ҳатмии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ, мебошанд.

Аз нигоҳи мо, суғуртаи ҳатмии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ – кафолати ҳатмии иҷтимоии давлат буда, ташаккул ва рушди он ба сатҳу сифати хизмати ҳарбӣ, фарогирии ҷавонон ба хизмат, дараҷаи некуаҳволии ҷомеа ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, таъсири ҳамаҷониба мерасонад.

Дигар ҷанбаи муҳимми суғуртаи ҳатмии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ дар он аст, ки амали шатномаи он як сол пас баъди иҷрои хизмати ҳарбӣ ба анҷом мерасад, яъне пас аз адои хизмат хизматчиёни ҳарбӣ дар муддати 1 сол зери кафолати ҳатмии давлатӣ қарор мегиранд.

Дар ин намуди суғурта мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ суғуртакунанда ташкилоти давлатии суғуртавӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон иҷрои ин намуди суғурта ба уҳдаи Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксуғурта”, вогузор шудааст.

Суғурташаванда мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатие муқаррар шудааст, ки таъмини хизмати ҳарбӣ ба онҳо вобаста гардида аст. Инҳо: Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Горди миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки хизмати ҳарбӣ дар онҳо тибқи қонун муқаррар гардидааст, маҳсуб меёбанд. Муҳтавои ин муқаррарот дар он аст, ки мақомотҳои давлатии дахлдор ба манфиати шахси сеюм – манфиатгиранда созишнома имзо мекунанд.

Манфиатгиранда дар ин маврид метавонад хизматчии ҳарбӣ мебошад ва танҳо дар мавриди фавти он аз ин манфиат шахсони дигар (падару модар, бобову биби, ҳамсар, фарзандони ноболиғ ва ғ.) метавонанд истифода баранд. Дар мавриди ҷароҳатбардорӣ, беморӣ ва контузия худи хизматчии ҳарбӣ манфиатгиранда мебошад.

Дар баробари ин гуфтаҳо муайян намудани сарчашмаҳои ҳуқуқии ташаккул ва раванди фаъолияти суғуртаи шахсии хизматчиёни ҳарбӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти соҳаи суғурта давоми солҳои соҳибистиқлолии мамлакат тағйироту иловаҳои бештареро таҳаммул намуд ва қонуну санадҳои меъёрии мутобиқ қабул гардидаву мавриди истифода қарор доранд [8]. Ин тааҷҷубовар нест, зеро баҳсҳо бобати раванди суғурта дар мамлакат мураккаб ва гуногунҷанба мебошанд.

Ояндадории самти ҳуқуқии соҳаи суғурта дар он аст, ки олимони муосири бахши ҳуқуқшиносии ватанӣ, ба монандӣ: Зоиров Ҷ.М., Бобоҷонов И.Ҳ., Золотухин А.В., Камарова А.С., Муртазоқулов Ҷ.С., Раҳимзода М.З. ва дигарон ба маврид исбот намудаанд, ки дар Тоҷикистон ҳуқуқи суғурта ташаккул ёфта, дар марҳилаи инкишоф ва такмил қарор дорад. Дар ин самт

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории суғурта аз Кодекси граждани, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ иборат аст [9]**.**

Аз нигоҳи мо, сохтори низоми қонунгузории соҳаи суғуртаро дар шароити имрӯза чунин ифода кардан ба маврид аст:

- Сарқонуни (Конституцияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодексҳо:

а) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2;

б) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Қонунҳо:

а) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғурта» аз 23 – юми июли соли 2016, №1349 [3]**;**

б) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 – уми июни соли 2008, №408;

в) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» аз 5 – уми августи соли 2009, №540;

г) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2 – юми августи соли 2011, №758;

д) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ” таҳти № 90 аз 1- уми марти соли 2002;

ғ) қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ва ғайра.

- Санадҳои зерқонунӣ:

а) қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар асоси таҳқиқот ва мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки санадҳои зерқонунӣ дар танзими муносибатҳои суғуртавӣ баъд аз Кодекси граждани ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғурта» нақши калидӣ доранд. Ба монандӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани.

Агар мазмунан ба суғуртаи шахсии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ диққат намоем, маълум аст, ки суғуртаи ҳаёт ва саломатиии ҳарбиён ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда аз нигоҳи ҳуқуқӣ бе шубҳа ба соҳаи ҳуқуқ тааллуқ дорад. Ва дар ин росто Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ онро асоси қонунӣ медиҳад.

Дар шароити амал намудани низоми иқтисоди бозорӣ манфиати илмӣ -амалии бештару муҳимеро омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳлили таҷрибаи хориҷии асоси амалидошта дар самти фаъолияти суғурта ва ҷорӣ намудани чунин таҷриба дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум менамояд.

Таҷрибаи амалии бештари давлатҳои ҳамсояи наздик аз он шаҳодат медиҳанд, ки бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни алоҳида “Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт, саломатии хизматчиёни ҳарбӣ ва уҳдадорони ҳарбӣ” таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад, зеро, танҳо бо қарори Ҳукумат чунин як соҳаи муҳимми давлатдориро таъмини ҳуқуқӣ намудан ғайриимкон аст. Ва ин қонун бояд объект, субъект, ҳодисаҳои суғуртавӣ, ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ ва маблағи суғуртавӣ, манфиатгирандагон, шартномаи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, маблаггузории хароҷотро барои суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт, саломатии хизматчиён ва уҳдадорони ҳарбӣ, тартиб ва шартҳои пардохти маблағи суғуртавиро дар бар бигирад.

АДАБИЁТ

1. «Декрет об учреждении Совета Народных Комиссаров» (принят II Всероссийским съездом Советов 27.10.1917) // СУ РСФСР. 1917. No 1. Ст. 1.
2. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. Дисс... д.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ. – Душанбе, 2020. – 318 с. – С.39.
3. Ба қонуни номбурда аз санаи 02.01.2018 с. таҳти №1487 тағйироту иловаҳои назаррас ворид гардида аст.
4. Декрет Совета Народных Комиссаров от 28.11.1918 «Об организации страхового дела в Российской Республике» // СУ РСФСР. 1918. No 86. Ст. 904.
5. Договор об образовании Союза Советских Социалистических Республик (принят на I Съезде Советов СССР 30.12.1922) // Съезды Советов в документах. 1917-1936. Т. III. 1960. С. 18.
6. Конституция (Основной Закон) Российской Социалистической Федеративной Советской Республики (принята V Всероссийским съездом Советов 10.07.1918) // СУ РСФСР. 1918. No 51. Ст. 582.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 1994 №429 «Дар бораи табдил додани созмони тиҷоратии суғуртаи давлатии Тоҷикистон ба Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон».
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» 20 июни соли 1994 таҳти № 861 қабул гардида, 29 декабри соли 2010, таҳти № 681 «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз нав қабул гардид, солҳои 2013, 2014 ба он тағйироту иловаҳо ворид гардиданд ва аз 23 июли соли 2016, бо № 1349 қабул гардида, аз 02.01.18 с., №1487 тағйироту иловаҳои зиёде ворид шуданд.
9. Муртазоқулов Ҷ.С. Суғурта//Ҳуқуқи граждани.Қисми 2./зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2007. С 230.
10. Основной Закон (Конституция) СССР (утв. ЦИК СССР 06.07.1923) // СУ РСФСР. No 81. 1923. Ст. 782.
11. Полное Собрание законов Российской Империи. Собрание 3. Т. XXV. 1905. No 26299. С. 371-379.
12. Постановление ВЦИК от 11.11.1922 «О введении в действие Гражданского кодекса Р.С.Ф.С.Р.» // СУ РСФСР.1922. No 71. Ст. 904.
13. Постановление НКВД РСФСР от 28.10.1917 «О рабочей милиции» // СУ РСФСР. 1917. No 1. Ст. 15.
14. СУ РСФСР. 1922. No 44. Ст. 536.

УДК: 338.242

Халилова У.О.

АСОСҲОИ НАЗАРИВИИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

Дар мақола асосҳои назариявии рушди соҳибкории инноватсионӣ ва зарурияти он дар рушди иқтисоди миллӣ дида баромада шудааст. Дар асоси ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ доир ба рушди соҳибкории инноватсионӣ муаллифон ақидаи худро пешниҳод намудаанд, инчунин, шаклҳо, навъҳо ва гуруҳбандии соҳибкории инноватсионӣ таҳия карда шудааст. Муаллиф қайд менамоянд, ки раванди ҳамкории байни сохторҳои инноватсионӣ бо тағйир ёфтани марҳилаҳои иқтисодиёти бозор таҳия ва ташаккул ёфтааст. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозор, ҷустуҷӯи андешаҳои нав ва истифодаи амалии он яке аз вазифаҳои муҳимтарину афзалиятноки фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, истеҳсолот, соҳибкорӣ, инноватсия, инфрасохтор, ҳамкорӣ, тиҷорат, ҳамгирой.

Халилова У.О.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В статье рассматриваются теоретические основы развития инновационного бизнеса и его необходимость в развитии национальной экономики. На основе мнений отечественных и зарубежных ученых о развитии инновационного предпринимательства представлено их мнение, а также разработаны формы, виды и классификация инновационного предпринимательства. Авторы отмечают, что процесс сотрудничества инновационных структур развивался и формировался с изменением этапов рыночной экономики. В условиях перехода к рыночным отношениям поиск новых идей и их практическое использование является одной из важнейших и приоритетных задач предпринимательской деятельности.

Ключевые слова: экономика, производство, предпринимательство, инновации, инфраструктура, кооперация, торговля, интеграция.

Khalilova U.O.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

The article discusses the theoretical foundations for the development of innovative business and its necessity in the development of the national economy. Based on the opinions of domestic and foreign scientists on the development of innovative entrepreneurship, their opinion is presented, and forms, types and classification of innovative entrepreneurship are developed. The authors note that the process of cooperation between innovative structures developed and took shape with the change in the stages of the market economy. In the context of the transition to market relations, the search for new ideas and their practical use is one of the most important and priority tasks of entrepreneurial activity.

Keywords: economy, production, entrepreneurship, innovation, infrastructure, cooperation, trade, integration.

Дар шароити имрӯза дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳам дар сатҳи кишвари алоҳида, соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти миллии кишварҳо ба шумор меравад. Дар ин марҳила он ба чунин самтҳо, ба монанди татбиқи технологияҳои сарфракунандаи захираҳо, бепартов ва паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин, таъмини иқтисодиёти миллӣ бо рақобатпазирӣ нигаронида шудааст, ки самаранокии он аз он шаҳодат медиҳад.

Барои рушди соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227 Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 тасдиқ шудааст.

Мақсади асосии барнома ташаккули низоми самараноки инноватсионие мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшави ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд [3].

Раванди ҳамкории байни сохторҳои инноватсионӣ бо тағйир ёфтани марҳилаҳои иқтисодиёти бозор таҳия ва ташаккул ёфтааст. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозор, ҷустуҷӯи андешаҳои нав ва истифодаи амалии он яке аз вазифаҳои муҳимтарину афзалиятноки фаъолияти соҳибкорӣ мебошад [7]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин қонунҳо аз соҳибкорон на танҳо малакаву қобилияти эҷодкоронаву мустақил фикр кардан, балки барои ҳалли дигар масъалаҳои гуногун, инчунин, дар бораи пешравии ояндаи ҷомеаро пешбинӣ намудан лозим аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соҳибкории инноватсионӣ масъалаи рушди тиҷорати электрониро низ пеши худ мегузорад.

Олимони соҳа низ доир ба рушди соҳибкорӣ ва соҳибкории инноватсионӣ, таҳавуллоти мафҳумҳои инноватсия корҳои илмӣ-тадқиқотии зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ мафҳуми ин падида дар аксар мавридҳо бо ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ иваз карда шудааст. Қобили зикр аст, ки Азрилиян А. Н. дар «Луғати иқтисодии калон» тавсифи дуруст дорад: «Соҳибкорӣ ташаббуси мустақилонаи шаҳрвандонеро, ки барои ба даст даровардани фоида ва даромади хусусӣ равона шудааст, ва аз номи худ, бо масъулияти амволи худ ё дар доираи масъулияти қонунии шахси ҳуқуқӣ иҷро карда мешавад" [1].

Мувофиқи ақидаи Ж.Б.Сея, соҳибкорӣ худ комёбиҳои омехтаи омилҳои истеҳсолӣ дар як нуқтаи ҷудогонаи бозор мебошад ва соҳибкори инфиродӣ одамонро дар ҳайати истеҳсолот ташкил медиҳад. Соҳибкор дар маркази раванди истеҳсолот, тақсим ва мубодила ва асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ, аз нуқтаи назари худ қобилияти ташкил ва истеҳсоли маҳсулот мебошад [12].

М. Вебер қайд менамояд, ки соҳибкорӣ: "... ин тасвири оқилона аст". Бо оқилӣ, ӯ ба самарабахшии фаъол, гирифтани фоидаи калон аз истифодаи маблағҳои пардохткардашуда ва талошҳо ва ғ. медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар асоси соҳибкориро меъёрҳои протестантизми оқил сазовор мебошад ва вақте ба ҳаёт ва ахлоқ назар меафканӣ, таъсири муҳимро дар фаъолияти соҳибкор мушоҳида менамоӣ [5].

Оголева Л.Н. дар кори худ қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза вазифаи асосии соҳибкор-навовар- ин ислоҳоти усулҳои истеҳсолот тавассути ташмил додани ихтирооти илмию техникӣ, инчунин, истифодаи имкониятҳои нави технологӣ барои истеҳсоли маҳсулоти молии навин мебошад[9]. Бозоров Ш.Ш. қайд менамояд, ки навовариҳо – ин натиҷаи тадқиқотҳои заминавӣ, дақиқ ва коркард дар ин ё он соҳаи фаъолият (дониши нав, усул, кашфиёт) мебошад[4]. Ашуров М.Н. қайд намудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ, чи дар сатҳи минтақаҳои алоҳида ва чи дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ки дар як манзараи ҷуғрофӣ ҷойгиранд, масъалаҳои таъмини инфрасохтори инноватсионӣ татбиқсозии самараноки иқтидори тиҷорати минтақавӣ ва

рушди тиҷорати байниминтақавӣ дар заминаи беҳтарсозии инфрасохтори бозорӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд[2]. Гуруҳи дигари олимон қайд менамоянд, ки навовариҳо дар соҳаи инфрасохтори минтақавӣ дар марҳилаи кунунии таҳқиқот як равиши ба низом дароварда мебошад, ки мувофиқи он соҳибкории инноватсионӣ қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори бозорӣ ҳисобида мешавад [10]. Гуруҳи дигари олимон қайд менамоянд, ки қадами асосӣ дар соҳибкорӣ – ин фаъолияти корбарии инноватсионӣ мебошад ва моликияти шахсӣ дар корхона омили асосӣ дар соҳаи соҳибкорӣ намебошад. Ҳар як шахс имконияти соҳибкор шуданро дорад, ки мувофиқатии омилҳои нави истеҳсолиро иҷро кунад: ба монандӣ корманди ширкатҳои саҳҳомӣ, шахси мансабдори дастгоҳи давлатӣ ва менеҷери ширкати ягон шакли моликият [6].

Ба ақидаи Й. Шумпетер инноватсия худ тағйирот бо мақсади барориш ва истифодаи молҳои нави истеъмолию воситаҳои нави истеҳсолӣ, нақлиётӣ, бозор ва шакли ташкилӣ дар саноат [11]. Ф. Никсон қайд менамояд, ки инноватсия худ маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки барои дар бозор пайдо шудани ҷараён ва таҷҳизоти нав ва нисбатан беҳтар равона мегардад. Р.Федерманн дар ин ақидааст, ки инноватсия кушодани имкониятҳои нави баррасии проблемаҳо. Инноватсия, аз як ҷониб, дар мухолифат бо муқаррароти консервативӣ қарор дорад, аз ҷониби дигар, вай барои «монандкунӣ», барои моделсозии ҳолати мавҷуда бо назардошти стратегияи тағйиротҳо равона гардидааст. Ақидаҳои олимони соҳаро омухта ба хулоса омадан мумкин аст, ки соҳибкории инноватсионӣ худ намуди фаъолияте мебошад, ки мақсади он гирифтани фоида тариқи ба вуҷуд овардани навовариҳои техникӣ ва технологӣ ва паҳн намудани навоварӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад.

Дар шакли васеъ, зери фаҳмиши инноватсия ба вуҷуд овардани тағйиротро бо роҳи баровардани ягон маҳсулоти нав маънидод намудан мумкин аст. Дар доираи чунин муносибат мутахассисони соҳаҳои гуногунфаъолияткунанда навгониҳоро ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақсадноки эҷодӣ ё ҳамчун барориши моли нав ба ҷои моли пештар мавҷудбуда, вале кӯҳнашуда маънидод менамоянд. Дар фаҳмиши маҳдуд, инноватсия ин ҷоринамоии нави техникиву технологие мебошад, ки дар амал ҷорӣ гардидааст.

Фаҳмиши истилоҳӣ ва мазмунии инноватсия, ки аз ҷониби тадқиқотчиёни гуногун муайян гардидааст, дар ҷадвал нишон дода шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таҳаввулоти мафҳуми «инноватсия» [4]

№	Муаллифи мафҳум	Мазмуни мафҳум
1	Й. Шумпетер	*Инноватсия – ин тағйирот бо мақсади барориш ва истифодаи молҳои нави истеъмолӣ, воситаҳои нави истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, бозор ва шакли ташкилӣ дар саноат.*
2	Б. Твисс (ИМА)	*Инноватсия – ин раванде мебошад, ки дар он кашфиёт ё идея мазмуни иқтисодӣ мегирад.*
3	Ф. Никсон	*Инноватсия – ин маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки барои дар бозор пайдо шудани ҷараён ва таҷҳизоти нав ва нисбатан беҳтар равона мегардад.*
4	К. Найт	*Инноватсия – барориши чизи нав нисбат ба ташкилот ё муҳити бевоситаи он.*
5	Р.Федерманн (ФРГ)	*Инноватсия – кушодани имкониятҳои нави баррасии проблемаҳо. Инноватсия, аз як ҷониб, дар мухолифат бо муқаррароти консервативӣ қарор дорад, аз ҷониби дигар, вай барои «монандкунӣ», барои моделсозии ҳолати мавҷуда бо назардошти стратегияи тағйиротҳо равона гардидааст.*
6	В.Р.Спенсер (Британия)	*«Инноватсия – ин чизи тамоман навест, ки нисбат ба ҳолати мушаххас истифода мешавад, вақте ки мо онро дарк мекунем, истифода мебарем» .*

7	Б. Санто (Венгрия)	*Инноватсия – ин чунин ҷараёни ҷамъиятӣ – техникӣ ва иқтисодиест, ки тавассути истифодаи амалии идея ва кашфиётҳо ба ташаккули мол ва технологияҳо оварда мерасонад. Агар инноватсия ба даромад ва манфиати иқтисодӣ равона шуда бошад, пайдоиши он дар бозор метавонад даромади иловагиро таъмин намояд.*
8	А.Г. Кругликов	*Инноватсия – ин муваффақияти илмию техникие мебошад, ки ба фаъолияти одамон вобастагӣ дорад.*
9	Уткин Э.А., Морозова Н.И., Морозова Г.И.	*Зери мафҳуми инноватсия (навовариҳо) одатан объекте дар назар дошта шудааст, ки дар истеҳсолот, дар натиҷаи тадқиқот ё кашфиёти баамаломада нисбатан бо сифати беҳтар ҷорӣ карда шудааст.*
10	Бездудный Ф.Ф., Смирнова Г.А., Нечаева О.Д.	*Инноватсия – ин ҷараёни идеяҳои нав дар ҳар гуна фаъолияти одамон мебошад, ки талаботи мавҷударо дар бозор қонеъ гардонида, самараи иқтисодиро таъмин менамоянд.*
11	Суворова А.Л.	*Инноватсия – истифодаи натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ мебошад, ки ба мукаммалшавии раванди фаъолияти истеҳсолӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаҳои илм, фарҳанг, маориф ва дигар соҳаҳои фаъолият равона гардидааст.*
12	Кокурин Д.И.	*Инноватсия – ин натиҷаи фаъолият барои таҷдид, дигаркунии фаъолияти пешина, ки ба иваз гардидани як ҷузъ ба ҷузъи дигар, ё илова ба фаъолияти нав оварда мерасонад.*
13	Авсянников Н.М.	*Инноватсия (навовариҳо) – ин натиҷаи азхуднамоии амалӣ ё илмию техникии навовариҳо мебошад.*

Асосгузори назарияи инноватсия Йозеф Шумпетер инноватсияро ҳамчун воситаи соҳибкорӣ барои гирифтани даромад арзёбӣ намудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, ҳар гуна фаъолияти инноватсиониро ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил намудан мумкин аст, зеро он барои гирифтани натиҷа ва вазифаҳои гуногун асос ёфтанаш мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки на ҳама соҳибкорон инноватсияро афзалиятнок медонанд, танҳо онҳое, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз натиҷаи эҷод, истифода ё паҳн кардани маҳсулоти инноватсионӣ дар фаъолияти худ саҳмгузоранд.

Расми 1. Шаклҳои навоварӣ



Таҳияи муаллиф

Инноватсияҳои технологӣ дар азхуднамоӣ ва истифодаи донишҳои нав барои ҳалли вазифаҳои нави технологию муҳандисӣ дар самти таъмини истифодабарии техника ва истеҳсолот дар корхона ҳамчун системаи ягона нигаронида шудаанд. Ба қатори онҳо тамоми тағйироти пешрафти (прогрессии) илмию техникиро муайянкунанда ва воситаю усулҳои ташкили истеҳсолот ва технологияро дарбаргиранда дохил мешаванд.

Ду намуди инноватсияҳои технологиро ҷудо менамоянд: самаранок ва равандӣ.

• **Инноватсияҳои самаранок** ҷоринамоии маҳсулоти нав ёки мукаммалгардонии он (масалан, иваз намудани муҳаррики буғӣ ба муҳаррики дарунсӯз).

• **Инноватсияи равандӣ** – ин азхудкунии технологияҳои нав ё мукаммалгардида, таҷҳизот, ташкили истеҳсолот барои барориши маҳсулоте, ки сатҳи нави сифати маҳсулот, сарфаи истеҳсолоти он ва шароити меҳнатро таъмин мекунад (масалан, ивази кафшери дастӣ бо усулҳои дигари механикӣ).

Аз рӯи аҳамият дар рушди иқтисодиёт инноватсияҳоро метавон ба инноватсияҳои заминавӣ, беҳтаршаванда ва (дигаргуншуда) модификатсионӣ ҷудо намуд. Дар пасманзари ин ҷудонамоӣ ду раванди гуногуни инноватсионӣ меистад: пешоҳангӣ ва баробаршаванда ба пешрафта. Шакли пешоҳангӣ бо кӯшиш барои бартарият дар ҷаҳон (масалан ИМА) ифода мегардад. Шакли баробаршаванда ба пешрафта арзонтар буда, метавонад тез натиҷа орад.

Аз рӯи шакл навгониҳоро дар бозори инноватсия метавон чунин ҷудо намуд:

• **навгониҳои миқёси ҷаҳонӣ –** дар ягон ҷо ҳамсон надорад, ин дар ҷаҳон якум тағйироти амалишуда мебошад;

• **навгониҳо дар миқёси мамлакат** – хусусияти такрористеҳсолӣ мутобиқшавӣ дорад**:**

• **навгониҳо дар миқёси як соҳа, минтақа, корхона –** дар дигар соҳа, минтақа ва корхонаҳо ҳамсон доранд, вале пештар дар соҳаи мазкур, минтақа ва корхона истифода нагардидааст.

Чун қоида, таҷрибаи шахсии ҳаёти тиҷоратӣ дар ҳама гуна шаклҳои он як унсури навоварӣ, масалан, истифодаи ташкилоти нав барои идоракунии раванди истеҳсолот, сифати маҳсулот ё ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот ё технологияҳои навро дар бар мегирад.

Истеҳсол ё пешниҳоди моли анъанавӣ ба бозор бо истифода аз унсурҳои нав ё технологияи марбут ба ташкили истеҳсолот, унсурҳои техникии истеҳсолот ё тағйир додани хусусияти сифатии моли истеҳсолшуда амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат истеҳсоли молҳои анъанавӣ бо роҳи истифодаи навовариҳои қисман нав амалӣ карда мешавад.

Дар шароити гузариш ба бозор, рушди соҳибкории инноватсионӣ аз талаботи истеъмолкунандагон барои маҳсулоти инноватсионӣ, мавҷудияти иқтидори пешрафтаи илмиву техникии иқтисодиёт, фаъолияти ширкатҳои венчурӣ ва сармоягузороне, ки фаъолияти инноватсиониро маблағгузорӣ мекунанд, вобаста аст[8]. Қайд кардан ба маврид аст, ки ба рушди соҳибкории инноватсионӣ асосан омилҳои иқтисодӣ-технологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ-идоракунӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва маданӣ мусоидат мекунанд.

Ҳар як омил хусусияти ба худ хосро дорад, ки онро ба таври муфассал чунин шарҳ додан мумкин аст.

Иқтисодӣ-технологӣ- мавҷудияти захираҳои молиявию моддӣ, техникӣ, технологияҳои пешсаф, инфрасохтори зарурии хоҷагидорӣ ва илмию техникӣ, барномаҳои ҳукуматӣ оид ба маблағгузории инноватсионӣ, ҳамчунин ҳавасмандкунии моддӣ барои фаъолияти инноватсионӣ.

Сиёсиву ҳуқуқӣ- тадбирҳои қонунгузорӣ оид ба такмили фаъолияти инноватсионӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

Ташкилӣ-идоракунӣ- сохторҳои ташкилӣ ва сатҳи он, услуби нави идора, афзоиши паҳншавии иттилооти уфуқӣ; худнақшакашӣ, танзимкунӣ; ғайри мутамарказонӣ, худмухторӣ, ташаккулёбии гурӯҳҳои мақсаднок, мушкилот, азнавсозӣ.

Иҷтимоӣ-психологӣ ва маданӣ- ҳавасмандкунии ахлоқӣ, эътирофи ҷомеа; истифодаи имкониятҳо, худамалкунӣ, озодкунӣ аз кори эҷодӣ. Фазои рӯҳии психологӣ дар қувваи корӣ. Чун қоида, дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот ё пешниҳоди хизматрасонӣ барои истеҳсол, ки ба таъсиси бозори нави мол мусоидат мекунанд, инчунин қонеъ гардонидани талаботи нав вуҷуд дорад ва ба он инноватсияи фаъол дохил мешавад.

Қосимов Ф. Дар кори худ қайд менамояд, ки дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ҳам дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи кишвари соҳибистиқлол соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии на танҳо рушди баъзе соҳаҳои иқтисодиёт, балки тамоми иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила он ба чунин самтҳо, ба монанди татбиқи технологияҳои захирасарфакунанда, бепартов ва паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин таъмини иқтисодиёти миллӣ бо рақобатпазирӣ нигаронида шудааст[8].

Дар қаламрави Тоҷикистон, аз оғози фаъолияти худ тиҷорати хурд ба маркази сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. То имрӯз инфрасохтори гуногуни дастгирии тиҷорати хурд ташаккул ёфтааст, аммо читавре, ки дар боло қайд гардид, тамоюли кам шудани ин соҳаи иқтисодиёт ба назар мерасанд.

Аз дигар паҳлӯ мушоҳида намоем, мо бояд дастгирии умумиро аз дастгирии тиҷорати хурд дур нигоҳ дорем ва дастгирии умумиро ҳамчун ҳадафи асосии худ гирем.

Дар марҳалаи кунунӣ, ки дар назди иқтисодиёт масъалаҳои гузариш ба роҳи инноватсионии рушд қарор дорад, чунин гурӯҳ метавонад ба тиҷорати хурди инноватсионӣ табдил ёбад. Муҳимтар аз он аст, ки иқтисодиёти он ҳамчун як воситаи тиҷоратикунонии ақидаҳои илмӣ ва платформаи пешбурди инноватсияҳои хатарнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан татбиқ карда намешавад.

Барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ чораҳо андешидан лозим аст, зеро дар кишвар соҳибкорӣ ба таври бояду шояд инкишоф наёфтааст. Ба тиҷорати хурд, сектори хусусии иқтисодиёт, пешбурди он, фароҳам овардани ҳадди аксар, фароҳам овардани шароити якхелаи дастрасии корхона бояд диққати махсус дода шавад.

Ҳамин тариқ барои рушди соҳа моро зарур аст, ки талаботи нави иқтисодиёти навин лозим аст, ки аз мо ташаккул додани системаи миллии инноватсиониро бо назардошти тағйироти механизми бозории ҷорӣ намудани инноватсия ва такмили технологияи муносибатҳои бозор талаб намояд. Инчунин, таѓйир додани низомҳои илмию истеҳсолии кишвар ва дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Азрилиян, А., Калашникова, Е., Азрилиян, О. Большой экономический словарь. 7-е изд., доп. /А. Азрилиян, Е. Калашникова Е., О. Азрилиян /Под ред. Азрилияна А.Н. - Издательство: Институт новой экономики, Омега-Л.- 2004. – С. 560-600.
2. Ашуров М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа/М.Н.Ашуров, Б.Ҷ.Исвалиев// Паёми молия ва иқтисодт 2022 №3(32). С.130-138
3. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020
4. Бозоров Ш.Ш. Соҳибкории инноватсионӣ /Ш.Бозоров, Б.Сафаров, Б.Юнусов// (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Душанбе-2020, 376 саҳ
5. Вебер М. Протестантская этика и дух капитализма /Вебер М. Избр. произв. -М.: Прогресс, 1990. - С. 88.

6. Инновационная экономика / под ред. А. А. Дынкина, Н.И. Ивановой. -М.: Наука, 2004.-352с/
7. Косимов Ф. Основы предпринимательской деятельности и организация инновационного процесса в Республике Таджикистан/Ф.Косимов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 7. С. 167-173
8. Косимов Ф. Особенности национальной инновационной системы в реализации инновационной политики государства/Ф.Косимов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 8. С. 172-177
9. Оголева Л.Н., Радиковский В.М., Сахаровская Т.Н. Инновационные системы в моделях национальной экономики: Учебное пособие. М.: Финансовая академия при Правительстве РФ, 2005. – С. 202
10. Руденко, Л. Г. / Проблемные аспекты и прогноз инновационной активности России / Л. Г. Руденко // Вестник Московского университета им. С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. - 2013. - № 4 (6). - С. 26-32
11. Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.: Экономика, 1982, - С. 456
12. Яковец, Ю. В. Ускорение научно-технического прогресса: теорияиэкономический механизм. / Ю. В. Яковец. - М.: Экономика. - 1988. – С. 285.Янсен, Ф. Эпоха инноваций / Ф. Янсен. - пер. с англ. М.: ИНФРА-М. – 2002. - 307 с. - С. 203.

УДК - 33.08

Аминова Ф.М.

САРМОЯГУЗОРӢ БА ИҚТИДОРИ МИНТАҚАВИИ САНОАТӢ ДАР АМАЛИШАВИИ РУШДИ УСТУВОР

Дар мақолаи мазкур оид ба ҷанбаҳои сармоягузории ба фаъолияти соҳаи саноат нигаронида шуда, аз навсозии соҳаи саноатро талаб мекунад. Арзёбии иқтидори сармоягузории соҳаи саноат яке аз воситаҳои асосии таъсири идоракунанда ба равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Муайян кардани иқтидори сармоягузорӣ вобаста аст бо захираҳои сармоягузорӣ – манбаъҳои пайдоиши он алоқамандии зич дорад. Захираҳои сармоягузорӣ маҷмӯи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва зеҳниеро дарбар мегиранд, ки дар равандҳои ҷамъоварӣ, сармоягузории маблағ бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ, ва ё таъсири иҷтимоӣ ё экологӣ дар оянда иштирок мекунанд. Арзёбии нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории фаъолияти сармоягузории соҳаи саноат маълумотдода шудааст. Дар зери устувории сармоягузории соҳаи саноат, муаллифон қобилияти нигоҳ доштани доираи муайяни устувории параметрҳои фаъолияти сармоягузории соҳаро зери таъсирҳои вайронкунандаи эндогенӣ ва экзогенӣ мефаҳманд.

Вожаҳои калид: Саноатикунонӣ, захираҳои сармоягузорӣ, умумиҷаҳонӣ, иқтидори истеҳсолӣ, инфрасохторӣ, потенсиал (иқтидор), арзёбии устувории сармоягузорӣ, параметрҳои эндогенӣ ва экзогенӣ.

Аминова Ф.М.

ИНВЕСТИЦИИ В ПРОМЫШЛЕННЫЙ МОЩНОСТЬ РЕГИОНА В РЕАЛИЗАЦИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

Данная статья посвящена аспектам инвестирования в промышленный сектор и призывает к модернизации промышленного сектора. Оценка инвестиционного потенциала промышленности является одним из основных средств управленческого воздействия на инвестиционные процессы. Определение инвестиционного потенциала тесно связано с инвестиционными ресурсами - источниками его происхождения. Инвестиционные ресурсы включают в себя совокупность материальных, финансовых и интеллектуальных ресурсов, которые задействованы в процессах сбора, вложения денежных средств с целью получения экономической выгоды или социального или экологического воздействия в будущем. Дана оценка качественных и количественных показателей инвестиционной деятельности отрасли. Под устойчивостью отраслевых инвестиций авторы понимают способность сохранять определенный диапазон стабильности параметров инвестиционной деятельности отрасли при эндогенных и экзогенных деструктивных воздействиях.

Ключевые слова: Индустриализация, инвестиционные ресурсы, глобальные, производственные мощности, инфраструктура, потенциал (мощность), оценка инвестиционной устойчивости, эндогенные и экзогенные параметры.

Aminova F.M.

INVESTING IN THE INDUSTRIAL CAPACITY OF THE REGION IN THE IMPLEMENTATION OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT

This article focuses on aspects of investing in the industrial sector and calls for the modernization of the industrial sector. Assessment of the investment potential of the industry is one of the main means of managerial influence on investment processes. The definition of investment potential is closely related to investment resources - the sources of its origin. Investment resources include a set of material, financial and intellectual resources that are involved in the processes of collecting, investing money in order to obtain economic benefits or social or environmental impact in the future. An assessment of the qualitative and quantitative indicators of the investment activity of the industry is given. Under the sustainability of industry investments, the authors understand the ability to maintain a certain range of stability of the parameters of the investment activity of the industry under endogenous and exogenous destructive influences.

Keywords: Industrialization, investment resources, global, production capacities, infrastructure, potential (capacity), investment sustainability assessment, endogenous and exogenous parameters.

Дар партави равия ба саноатикунонии нави иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи сармоягузории фаъолияти соҳаи саноат аҳамияти бештарро таҳозо мекунад, ки он таъсисёбии истеҳсолоти нави соҳиби технологияҳои баландбуда ва азнавсозии соҳаҳои асосӣ ва анъанавии соҳаи саноатро талаб мекунад. Арзёбии иқтидори сармоягузории соҳаи саноат яке аз воситаҳои асосие мебошад, ки ба идоракунии равандҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонад.

Дар оғози дарки назариявии категорияҳои гуногуни сармоягузорӣ дар илми иқтисодии ватанӣ, муносибати соҳавӣ барои ошкор кардани моҳияти иқтидори сармоягузорӣ, ки аз монанд кардани он бо натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои фондташкилкунанда иборат аст, паҳн шуда буд, ки ин усулҳои арзёбии мувофиқро аз рӯи сатҳи рушди корхонаҳои калонтарини саноатӣ ба вуҷуд овард. [3,15] Дар айнии замон

чунин мешуморанд, ки муносибати мазкур мафҳуми иқтидори сармоягузориро то ба категорияи "иқтидори истеҳсолӣ" оварда мерасонад.

Усули аз ҳама бештар истифодашавандаи захиравӣ ин муайян кардани иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Мувофиқи он, иқтидори сармоягузорӣ бо захираҳои сармоягузорӣ – манбаъҳои пайдоиши он алоқамандии зич дорад. *Захираҳои сармоягузорӣ* маҷмӯи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва зеҳниеро дарбар мегиранд, ки дар равандҳои ҷамъоварӣ, сармоягузории маблағ бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ, ва ё таъсири иҷтимоӣ ё экологӣ дар оянда иштирок мекунанд. [12;13;16]. Муносибати захиравӣ ба қисми зиёди таҳқиқот оид ба масъалаҳои баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ асос ёфтааст, ки дар таркиби он якчанд иқтидорҳои хусусӣ (ашёи хом, истеҳсолӣ, инфрасохторӣ, меҳнатӣ, инноватсионӣ, молиявӣ ва ғайра) ҷудо карда мешаванд ва баҳодиҳӣ ба андозагирии миқдорӣ ё индексии нишондиҳандаҳои иқтидори хусусӣ асос ёфтааст. Худи ҳамин принсипи баҳодиҳӣ ба рейтинги системаҳои иқтисодӣ (ҳудудҳо, соҳаҳо) аз ҷониби агентиҳои рейтингӣ ва таҳлилӣ асос ёфтааст. Афзалияти асосии ин муносибат имконияти баҳодиҳии миқдории иқтидори сармоягузории системаи иқтисодии сатҳҳои гуногун (кишвар, минтақа, саноат, корхона) мебошад.

Камбудии назарраси муносибати захиравӣ ҳангоми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ монандии методологӣ ба категорияҳои иқтисодии "сарвати миллӣ", "заминаи моддию техникӣ", "захираҳо"мебошад. Ба ибораи дигар, мафҳумҳои "захираҳои сармоягузорӣ" ва "иқтидори сармоягузорӣ" якхелаанд. Аммо, захираҳо новобаста аз субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ арзи вуҷуд доранд, потенсиал (иқтидор) аз онҳо ҷудонопазир аст, яъне истилоҳи "потенсиал", алалхусус захираҳо, инчунин имконият ё қобилияти системаи иқтисодиро барои истифодаи самараноки онҳо тавсиф мекунад. Бояд қайд кард, ки мафҳуми "потенсиал" табиати ҷудогона дорад ва ҳамчун ягонагии итминони сифатӣ ва миқдорӣ маънидод карда мешавад. Маҳз муайянкунии миқдории қувваи сармоягузорӣ метавонад бо истилоҳи "захираҳои сармоягузорӣ" ишора карда шавад.

Ҳамин тариқ, иқтидори сармоягузории саноатро метавон ҳамчун қобилияти он барои амалӣ кардани имкониятҳое, ки дар маҷмӯи захираҳои сармоягузорӣ мавҷуданд, бо мақсади ба даст овардани натиҷаи максималии (ҳадди аксари) мусбати фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳа шарҳ дод.

Муносибати захиравию самаранок ба арзёбии иқтидори сармоягузорӣ на танҳо ҷузъи захираҳо, балки хусусияти мақсаднок – вазъи маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро ба назар гирифт. Тағйироти пешбинишудаи сатҳи рушди иқтисодӣ ҳамчун бузургиҳои идоракунанда барои муайян кардани нишондиҳандаҳои истифода ва рушди захираҳои сармоягузории ҳамаи "интиқолдиҳандагони" асосии иқтидори умумии сармоягузории минтақа хизмат мекунанд [2]. Камбудии ин усул оид ба баҳодиҳӣ дар асоси муқоисаи сатҳи воқеан бадастомадаи иқтидори истеҳсолӣ ва ҳаҷми банақшагирифтаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зоҳир мешавад, ки аслан маҳдудияти дарки иқтидори сармоягузорӣ танҳо дар ҷанбаи иқтидори истеҳсолии системаи саноатӣ ё ҳудудӣ мебошад.

Камбудиҳои умумии равишҳои мавҷудбудаи методӣ барои арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ин захираҳои сармоягузорӣ, тамаркуз ба миқдори пешгӯии бузургиҳои иқтидори сармоягузорӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ мебошанд. Соҳаи саноат метавонад миқдори зиёди захираҳои сармоягузорӣ дошта бошад, аммо истифодаи онҳо самаранокии камтарро дорост. Дараҷаи баланди номуайянии шароити кунунии пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ эътибори арзёбиҳои ба маълумоти пешгӯишаванда асосёфтаро коҳиш медиҳад ва истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ ба кас имкон намедиҳад, ки дар бораи тамоюлҳои тағйирот (афзоиш, коҳиш)-и иқтидори сармоягузорӣ тасаввурот пайдо кунад.

Ба арзёбии иқтидори сармоягузории соҳаи саноат дохил кардани нишондиҳандаҳои захираҳои сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои

сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳа дар натиҷаи татбиқи иқтидори сармоягузорӣ хеле мувофиқ ба назар мерасад.

Нишондиҳандаи захираҳои сармоягузорӣ дар бораи таъмин намудани воҳиди истеҳсоли маҳсулоти саноатии соҳа бо захираҳои сармоягузорӣ пешниҳод менамояд, ки дар маҷмӯъ, захираҳои сармоягузориро барои бо захираҳои инсонӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ маҳдуд кардан айни муддаост.

Нишондиҳандаи самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ қобилияти соҳаи саноатро барои истифода намудани захираҳо бо натиҷаи мусбии калон инъикос мекунад, ки аслан арзёбии даромаднокии захираҳои сармоягузориро ифода мекунад [14].

Арзёбии имрӯзаи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории фаъолияти сармоягузории соҳаҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҳаҷм, динамика ва сохтори сармоягузорӣ дар бораи қобилияти соҳаи саноат дар муборизa бо шароити зарбавӣ, ки аз ҷониби макромуҳити сармоягузорӣ ба вуҷуд омадааст, ягон тасаввуроти амиқро намедиҳад. "Устувории сармоягузорӣ" метавонад ҳамчун ҳамин нишондиҳанда амал намояд. Ин категорияи фаъолияти сармоягузорӣ дар адабиёти ватанӣ нисбатан суст таҳия шудааст.

Ҳамзамон, арзёбии устувории низомҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ин низом то чӣ андоза оқилона захираҳои иқтисодӣ, раванди пасандоз ва сармоягузориро тақсим менамояд, ба кас имконият медиҳад, ки минтақаҳои устувор ё ноустуворро муайян кунад, ҳаракати низомро ба самти ҳолати устувор ё ноустувор пешгӯӣ намояд. [4].

Муайян намудани категорияи "устувории сармоягузорӣ" дар муносибат бо соҳаҳо бояд аз муайян кардани худи мафҳуми" устуворӣ " оғоз карда шавад, инчунин хусусиятҳо ва шароити низоми устувор низ бояд аз мадди назар гузаронида шаванд.

Аввалан, нишондиҳандаҳои таҳияшударо аз консепсияи рушди устувор фарқ кардан лозим аст, ки дар доираи он мувозинати рушди иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии низомҳои иқтисодӣ, асосан дар сатҳи макро ва мезо-сатҳ омӯхта ва тарҳрезӣ карда мешавад ва нишондиҳандаи асосӣ бошад, ин устувории рушди иқтисодӣ мебошад. Дар сатҳи минтқавӣ, ба ҳайси меъёри устувории фаъолияти корхонаҳо устувории стратегӣ хизмат мекунад, ки нишондиҳандаи ҳамгироии як қатор намудҳои хусусии устуворӣ (масалан, молиявӣ, ташкилӣ, технологӣ ва ғайра) мебошад.

Устувории стратегиро, дар маҷмӯъ, метавон ҳамчун қобилияти ташкилот барои нигоҳ доштани яклухтии худ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии дар наздаш гузошташуда бо таъсири доимии бесуботии муҳити беруна шарҳ дод [11].

Дуюм барои дуруст баён кардани мафҳум ба маънои истилоҳи умумӣ "устуворӣ" муроҷиат кардан лозим аст. Устуворӣ ин қобилияти баргаштани низом ба ҳолати аввала пас аз таъсироти беруна бидуни тағйир додани хусусиятҳои функсионалияш мебошад, қобилияти низом барои нигоҳ доштани ҳолати кунунӣ дар ҳузури таъсироти беруна аст.

Дар идоракунии минтақавӣ зери истилои устуворӣ "тағйирнопазирии нисбии параметрҳои асосии низоми ҳудудии иҷтимоию иқтисодӣ, қобил будани ин низом барои нигоҳ доштани он параметрҳо дар ҳудуди муайян бо таъсири радкунандаи (ҳам манфӣ ва ҳам мусбат) параметрҳои эндогенӣ ва экзогенӣ" фаҳмида мешавад [7]. Дар макроиқтисод, устуворӣ ин мувозинати дарозмуддат байни истифодаи захираҳо ва рушди ҷомеа мебошад [6].

Низоми устувор қодир аст, ки захираҳоро самаранок ва ҳамвор тақсим кунад, таъсироти бесуботро аз худ кунад, барои он хавфҳои идоракунии онҳо ба таври дақиқ пешгӯӣ ва арзёбӣ карда шаванд [5]. Агар яке аз ин се хусусият ё омезиши онҳо дастгирӣ карда нашавад, пас эҳтимолият пайдо мешавад, ки низоми таҳқиқшаванда ба самти ноустуворӣ ҳаракат кунад ва маҳз дар як лаҳзаи муайян ноустуворӣ метавонад рӯҳ дода барои номутавозунӣ ва "осебпазирии" он замина гузорад. Ҳар се хусусият дорои ҳам унсурҳои эндогенӣ ва ҳам экзогенӣ мебошанд [4].

Ҳамагуна низоми иқтисодӣ, хоҳ кушода ва хоҳ ғайрисамтӣ, ба тағйирёбии даврaҳои устуворӣ ва ноустуворӣ моил мебошад, он аз марҳилаҳои устуворӣ (муътадилии ҳолат, ба

тағйирот ҳассос набудан, имкониятҳои сусти татбиқи тағйирот), ноустувории авҷ гирифтаистода (ҳассосият ба доираи васеи таъсирот, пайдоиши манбаъҳои дохилии тағйирот, эҳтимолияти назарраси татбиқи ҳолатҳои нав, расидан ба сатҳи нави мураккабӣ), бифуркация (ҳолати бениҳоят ноустувор, ҷустуҷӯи ҳолати нави устувор) ва ноустувории анҷомёфтаистода (кам шудани ҳассосият ба таъсироти беруна, ҳаракат ба ҳолати нави устувор, самти тағйирот бо шакл ва мундариҷаи ҳолати устувори оянда муайян карда мешавад) [9].

Устуворӣ инчунин ҳамчун консепсияи омории қобилияти азхудкунии зарба ҳисобида мешавад, на танҳо дар он зоҳир мешавад, ки низом нақши худро дар тақсим ва сафарбаркунии захираҳо, дигаргунӣ ва идоракунии хавфҳо ба таври кофӣ иҷро мекунад, балки дар доираи ин низом ҷараёни тақсимоти захираҳо ба қадри кофӣ устувор ва муттасил ба назар мерасад. Ин ҳолатеро талаб мекунад, ки дар он равандҳои худтанзимкунӣ ва механизмҳои бозгардонидани низоми мазкур ба чаҳорчӯбаи суботнокӣ мавҷуданд, ки дар қобилияти маҳдуд кардани низом ва қобилияти муборизa бурдан бо зуҳуроти номутаносибӣ пеш аз он ки ба суботнокӣ таҳдид кунад, ифода меёбад.

Низомҳои иқтисодӣ оморӣ нестанд, онҳо дар раванди тағйирёбии доимӣ қарор доранд, аз ин рӯ омӯзиши устувории динамикии онҳо, ки ду ҷанбаро дар бар мегирад, дурусттар аст:

1) устуворӣ ҳамчун категорияи муқобил ба дудилагӣ (ноустуворӣ);
2) устувории самти тағйирот, яъне устувории тамоюл.

Ҳамин тариқ, дар зери устувории сармоягузории соҳаи саноат, муаллифон қобилияти нигоҳ доштани доираи муайяни устувории параметрҳои фаъолияти сармоягузории соҳаро зери таъсирҳои вайронкунандаи эндогенӣ ва экзогенӣ мефаҳманд. Арзёбии ноил шудан ба устувории сармоягузорӣ бо кам кардани тағйирёбии сатҳи як қатор нишондиҳандаҳои динамикии фаъолияти сармоягузорӣ бо мавҷудияти тамоюли муайяни тағйирот, яъне устувории тамоюл муайян карда мешавад.

Ченаки устувории сатҳҳои як қатор нишондиҳандаҳои динамикии фаъолияти сармоягузории соҳа метавонад ба индекси устувории сармоягузории соҳа аз рӯи нишондиҳандаи индекси ҳаҷми аслии сармоягузории соҳа хизмат кунад:

$$Ind = D_i / D_j \qquad (1)$$

ин ҷо, D_i – арзиши миёнаи аз сатҳи тамоюл баландтар, D_j – арзиши миёнаи аз сатҳи тамоюл пасттар аст.

Чӣ қадаре ки индекси устувории сармоягузорӣ ба воҳид наздиктар бошад, ҳамон қадар равандҳои сармоягузорӣ дар соҳа устувортаранд.

Се намуди устувории динамикӣ фарқ мекунанд:

- устувории рушди низом (рушди устувор) - афзоиши мунтазами натиҷа на камтар аз ҳадди ақали иҷозатдодашуда ва на баландтар аз ҳадди аксари объективии муайяншаванда;
- устувории доимии низом-тағйироти воқеӣ ва кӯтоҳмуддат, аз ҷумла мусбат;
- муқовимати аз ҳад зиёди низом - он ба рушд чандон осебпазир нест, бо мутобиқатшаавии паст ба тағйирот, аз ҷумла тағйироти зарурӣ тавсиф мешавад.

Барои муайян кардани устувории тамоюлҳои тағйирот, усулҳои ғайрипараметрӣ барои арзёбӣ ва зичии алоқа, аз ҷумла таносуби дараҷавӣ истифода мешаванд, ки нишондиҳандаи он коэффисиенти Спирман (Spearman) мебошад. Он ҳар гуна арзишро дар фосила [-1; 1] қабул мекунад ва арзиши нишондиҳандаи -1 ба ҳолати устувории пурраи тамоюли коҳиши сатҳҳо, арзиши +1 ба ҳолати устувории пурраи болоравии (афзоиши) сатҳҳо мувофиқат мекунад. Арзиши даромаднокии наздик ба 0 аз набудани ягон тамоюл шаҳодат медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имконият фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонидаанд, аз ин бар меояд, ки дар соҳаи саноат бештар сармоягузорӣ ба назар мерасад.

Дар соли 2022 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд.

Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Вале ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд [1].

Дар вилояти Суғд бошад соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 24 миллиарду 186 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли қаблӣ бо нархҳои муқоисавӣ 3 миллиарду 676 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 118,0 фоизро ташкил медиҳад. Давоми соли 2022 дар миқёси вилоят 151 корхонаву коргоҳи нав, бо 2 ҳазору 820 ҷойи нави корӣ, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Дар вилоят давраи ҳисоботӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда равона гардид. Аз ҷумла, дар соли 2022 ба миқдори 1 миллиону 295 ҳазор тонна семент ва 1 миллиону 890 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шуд. Ҳамзамон, дар ин давра бо назардошти эҳтиёҷоти худӣ 2 ҳазору 535 тонна калоба ва 7 млн 824 ҳазор метри мураббаъ газвори пахтагин истеҳсол карда шудааст.

Дар соли 2022 корбарӣ дар самти бунёди корхонаву коргоҳҳои дӯзандагӣ ва истеҳсоли пойафзол идома ёфта, 16 корхонаю коргоҳи нави дӯзандагӣ, бо 323 ҷойи нави корӣ, 3 корхонаю коргоҳи истеҳсоли пойафзол, бо 46 ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Дар корхонаҳои дӯзандагии вилоят дар ин давра ба маблағи 289,3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли пешин ба маблағи 37,9 миллион сомонӣ зиёд аст.

Захираҳои сармоягузории байни минтақаҳои кишвар ба таври нобаробар тақсим шудаанд. Масалан дар соли 2021 ба ҳиссаи ВМКБ 56,8% инвеститсияхои хоричи рост меояд, ки нисфи зиёди инвеститсияро дар бар мегирад. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда ба 7,8 % - ро ташкил намуда дар дигар минтақаҳои кишвар бошад, ба 35,4% баробар мебошад (чадвали 1).

Ҷадвали 1.

Тағйирёбии воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021 (млн. долл. ИМА) [8].

Минтақаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	Вазни қиёсӣ, %	
								2015	2020
Умуман дар ҶТ	543663,4	842733,5	6208261,7	644421,9	607138,8	428454,2	14959680,6	100	100
Ш. Душанбе	231057,6	358601,4	2970549,1	271347,9	270304,9	233845,43	3994425,4	42,5	26,7
В. Суғд	89152,8	211173,1	1026325,1	255500,2	280017,2	147517,4	1033611,3	16,4	6,9
В. Хатлон	187255,1	229317,7	1592770,8	82071,2	21826,4	28232,92	1154431	34,4	7,8

ВМКБ	9367,4	24545,12	141720,4	335,2	2246,0	1557,62	8501475,4	1,7	56,8
НТҶ	26830,5	19096,23	476896,3	35167,4	32744,3	17300,78	275737,5	5,0	1,8

Соли 2021 ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷии ҷалбшуда дар минтақаҳои мамлакат 14959680,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил намудааст, ки нисбат ба солҳои гузашта дар ин сол бештар сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст. Натиҷаи таҳлили сохтори сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯи намуд ба гуногунанд. Ҳиссаи сармоягузориҳои портфелӣ дар кишвар дар сатҳи паст ба назар мерасад, ки бисёртар дар минтақаҳои ВМКБ, вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад. Бинобар ҳамин, оиди ин масъала сухан ба таносуби намудҳои сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим меравад. Агар сармоягузориҳои хориҷии мустақим бо таъсиси корхонаҳои муштарак ва иштироки ҳамкорони хориҷӣ дар азнавтаҷҳизонии истеҳсолот алоқаманд бошад, сармоягузориҳои хориҷии ғайримустақим бо инкишофи соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд мебошад.

Таъсисдихии мухити мусоиди сармоягузорӣ аз ҳалли муаммои бо такомули низоми бонки алоқаман буда, баланд намудани сатҳи сармоягузории онхо, аз шакли ташкилии ҷалби сармоягузориҳо вобастагӣ дорад.

Сармоягузори ба соҳаи саноат аҳамияти калон дорад, ки таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир, зиёд шудани ҷойҳои кории нав, баланд гаштани иқтисодиёти аҳолии мамлакат, кам шудани сатҳи камбизоатӣ, афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва бо маҳсулотҳои аз экологӣ тозаи ватанӣ таъмин гаштани аҳоли оварда мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022, шаҳри Душанбе.
2. Андрющенко О. Г. Методологический базис многофакторности формирования и использования инвестиционного потенциала как ресурсной составляющей экономики мезоуровня.
3. Дорошенко Ю. А. Экономический потенциал территории. СПб., 1997.
4. Клевцов С. М. Диагностика устойчивости развития промышленного комплекса на основе динамической оценки временных рядов // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. 2015. № 3(93). С. 125–129.
5. Клевцов С. М., Коревина Л. А., Клевцова М. Г. Прикладные аспекты маркетингового исследования отраслевого рынка в условиях высококонкурентной среды // Вестник Белгородскогоуниверситета кооперации, экономики и права. 2014. № 2(50). С. 382–388.
6. Марыганова Е. А., Назарова Е. В. Макроэкономика: учеб. пособие. М.: Евразийский открытый институт, 2011.
7. Общий и специальный менеджмент / под общ. ред. А. Л. Гапоненко, А. П. Панкрухина. М.: РАГС, 2000.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2022, С. – 257, 258.
9. Омори солонаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2021, С. – 352, 369.
10. Романова О. А., Нелюбина Т. А. Неустойчивость социально-экономических систем как фактор их восприимчивости к изменениям // Экономика региона. 2010. № 3. С. 211–217.
11. Сабанчиев Н. А. Теоретико-методические основы организационного обеспечения стратегической устойчивости: автореф. дис. … канд. экон. наук. М., 2009.
12. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О.,

Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.
13. Ткаченко И. Н., Стариков Е. Н. Модель интегрированной оценки потенциала отраслевого комплекса региона // Известия Иркутской государственной экономической академии. 2008. № 2(58). С. 45–48.
14. Ткаченко И. Н., Евсеева М. В. Методический подход к диагностике уровня инвестиционного развития отраслей промышленности // Дискуссия. 2016. № 10(73). С. 50–61.
15. Хачатуров Т. С., Красовский В. П. Инвестиционный потенциал и его использование // Вестник АН СССР. Сер. экономическая. 1981. № 10. С. 67–76.
16. Штеле Е. А. Оценка инвестиционного потенциала отрасли // Вестник Челябинского государственного университета. 2009. № 26(164). С. 151–154. Ростов н/Д: Изд-во СКНЦ ВШ, 2003.

УДК 336.74+330(045)/(575.3)

Газиев М.Н.

РЕЖИМ ИНФЛЯЦИОННОГО ТАРГЕТИРОВАНИЯ И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируется режим таргетирования инфляции в условиях проводимой денежно-кредитной политики. Определено, что механизм денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана реализуется в рамках системы таргетирования резервных денег, которая рассматривается как целевая операция по регулированию денежной массы. Ее регулирование также предусматривает поддерживание стабильного уровня инфляции, рассматриваются преимущества и недостатки таргетирования инфляции. Исследование в рамках реализации режима инфляционного таргетирования определило, что основные факторы, которые воздействуют на уровень инфляции внутри страны, в основном носят внешний характер.

Ключевые слова: денежно-кредитная политика, ценовая стабильность, Национальный банк Таджикистана, уровень инфляции, инфляционное таргетирование, уровень долларизации, экономический рост, денежная масса, резервные деньги, национальная валюта, банковская система, трансмиссионный механизм, монетарные факторы, макроэкономическое регулирование.

Газиев М.Н.

РЕҶАИ ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОН ДАР СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур реҷаи ҳадафгирии таваррум ҳамчун низоми махсуси сиёсати пулию қарзӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муайян шудааст, ки механизми сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон таҳти низоми ҳадафгирии пулҳои захиравӣ амалӣ гардидааст, ки он ҳамчун амалиёти мақсаднок барои танзими ҳаҷми пул ба ҳисоб меравад. Танзими он инчунин барои нигоҳ доштани сатҳи муътадилии талабот ва таваррум сурат гирифта манфиатҳо ва норасогиҳои ҳадафгирии таваррум оварда шудааст. Тадқиқот дар доираи татбиқи режими ҳадафгирии таваррум муайян намуд, ки

омилҳои асосии ба сатҳи таваррум дар дохили кишвар мусоидаткунанда, асосан берунӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: сиёсати пулию қарзӣ, устувории нарх, Бонки миллии Тоҷикистон, сатҳи таваррум, ҳадафгирии таваррум, сатҳи долларизатсия, рушди иқтисодӣ, ҳаҷми пул, пулҳои захиравӣ, асъори миллӣ, низоми бонкӣ, механизми трансмиссионӣ, омилҳои монетарӣ, танзими макроиқтисодӣ.

Gaziev M.N.

THE INFLATION TARGETING REGIME AND ITS APPLICATION IN THE MONETARY POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the inflation targeting regime in the context of monetary policy. It is determined that the monetary policy mechanism of the National Bank of Tajikistan is implemented within the framework of the reserve money targeting system, which is considered as a targeted operation to regulate the money supply. Its regulation also provides for maintaining a stable level of inflation, the advantages and disadvantages of inflation targeting are considered. The study within the framework of the implementation of the inflation targeting regime determined that the main factors that affect the inflation rate within the country are mainly external.

Keywords: monetary policy, price stability, National Bank of Tajikistan, inflation rate, inflation targeting, dollarization level, economic growth, money supply, reserve money, national currency, banking system, transmission mechanism, monetary factors, macroeconomic regulation.

В современных условиях национальные экономики стран мира быстро меняются. Поэтому для защиты собственной экономики и снижения уязвимости от негативного воздействия внешних факторов необходимо принять меры по укреплению и усилению механизма реализации денежно-кредитной политики в целях поддержания стабильного уровня инфляции.

Опираясь на передовой опыт развитых стран, многие развивающиеся страны приступили к поиску мер по повышению эффективности действенных механизмов денежно-кредитной политики для преодоления этой проблемы и приступили к внедрению новой системы денежно-кредитной политики – «инфляционному таргетированию». Согласно этого режима центральные банки официально объявляют конкретные количественные цели по инфляции. В результате они обязуется достичь этой цели в среднесрочной перспективе, используя любую доступную возможность. Кроме того, центральный банк в рамках целевой функции минимизирует отклонение текущей инфляции от её целевого ориентира и текущего ВВП от его потенциального долгосрочного уровня.

Согласно Закону Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана» Основной целью Национального банка Таджикистана является поддержание долгосрочного внутреннего уровня стабильности цен [2].

В целях совершенствования и эффективной реализации денежно-кредитной политики Национальный банк Таджикистана, в свою очередь, в рамках «Стратегия денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2021-2025 годы» планирует поэтапный переход к режиму инфляционного таргетирования.

НБТ реализуя собственную политику в рамках режима инфляционного таргетирования, в котором основной целью Национального банка является обеспечение ценовой стабильности. В рамках этой системы НБТ определяет количественный целевой показатель инфляции на среднесрочную перспективу, в результате чего воздействие

денежно-кредитной политики на процессы ценообразования происходит с временным лагом. Эта ситуация публикуется в основных направлениях единой государственной денежно-кредитной политики (В соответствии с Конституции РТ, Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ утверждает Прогноз денежно-кредитной политики для предстоящего года и среднесрочного периода). В таблице 1 приведены целевые ориентиры денежно-кредитной политики в Таджикистане на период с 2011 по 2020 годы. Если анализировать годовой темп инфляции в стране, то можно сказать, что в целом целевые показатели инфляции достигнуты. Только в 2011 и 2020 годах Национальному банку не удалось выполнить цель денежно-кредитной политики по инфляции, когда инфляция превышала указанный показатель. Следует отметить, что в 2020 году причиной отклонения инфляции от целевого показателя является повышение цен на основные продукты питания с учетом воздействия внешних, сезонных факторов и факторов предложения из-за вспышки пандемии коронавируса (COVID-19). В связи с этим ограничения перевозок через границы ряда государств торговых партнеров привело к сокращению поставки некоторых основных продуктов питания. В другие годы Национальному банку удалось выполнить цели денежно-кредитной политики по инфляции, то есть инфляция стабилизировалась на необходимом уровне с учетом факторов сезонного и административного характера.

Таблица 1.

Целевые ориентиры денежно-кредитной политики РТ в 2011-2020 годах

Год	Целевые ориентиры	Уровень инфляции
2011	Снижение инфляции до 7%, уровень базовой инфляции 9,3%	9,3%
2012	Удержание годового уровня инфляции на уровне 10,5%, уровень базовой инфляции предусмотрен до 5,5%.	6,4%
2013	Снижение инфляции в 2013 г. до 9%	3,7%
2014	Снижение инфляции и удержание его уровня в пределах 7,5%	7,4%
2015	Удержание уровня инфляции в пределах 7,5%;	5,1%
2016	Удержание годового уровня инфляции на уровне 7%; (в среднем периоде 6,4%)	6,1%
2017	Удержание годового уровня инфляции в пределах 7%;	6,7%
2018	Удержание годового уровня инфляции на уровне 7% (±2 п.п.),	5,4%
2019	Снижение инфляции в 2019 до 7% (±2 п.п.)	8,0%
2020	Установление таргет по инфляции в пределах 6,0% (±2 п.п.).	9,4%

Источник: Составлено автором на основе ежегодного «Прогноза денежно-кредитной политики РТ (с 2010 до 2020 гг.) и среднесрочный период»: (Электронный вариант). www.nbt.tj

В период перехода к новому режиму денежно-кредитной политики – «инфляционное таргетирование» - резервные деньги (денежная база) используются в качестве целевого операционного показателя, а монетарные механизмы и инструменты были направлены на сохранение их соответствующего уровня. В последние годы продолжается использование режима «инфляционного таргетирования» за счет резервных денег в качестве операционного показателя при реализации денежно-кредитной политики. Для поддержания стабильного роста денежного предложения и снижения влияния монетарных факторов на уровень цен с учетом макроэкономической ситуации предполагается выполнение допустимого уровня количественных монетарных показателей, в первую очередь резервных денег.

Следует отметить, что до сих пор механизм денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана реализуется в рамках системы таргетирования резервных денег (таблица 2). Его регулирование осуществляется в целях обеспечения повышения стабильности денежной массы в экономике, поддержания умеренного уровня спроса и инфляции.

С укреплением агрегатов спроса и предложения в экономике наблюдался постоянный рост количественных показателей денег. Этот режим использовался для эффективного управления показателями денежной массы, инструментами обязательных резервов, валютным регулированием и валютным контролем.

Таблица 2.

Динамика изменений резервных денег со стороны НБТ

Показатели	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**Изменение в %**
Резервные деньги (млн. сомони)	4 534	5 362	6 070	7 040	12 048	14 573	15 594	18 732	22 021	485,6
в % к ВВП	12,54	13,23	13,31	14,54	22,12	23,85	22,5	24,2	26,6	212,1

Источник: Банковский статистический бюллетень. Июль, 2018, №7(192), Декабрь – 2019, №12(293), Апрель 2021, №04(309) (официальное издание). – Душанбе, Национальный банк Таджикистана.

Согласно статистическим данным таблицы 2. резервные деньги, которые являются, операционной целью для регулирования денежной массы в обращении за анализируемый период увеличиваются, и их доля к ВВП с 12,54% в 2012 году увеличилось на 26,6% в 2020 гг. Данный показатель за анализируемый период увеличивается с 4 534 млн. сомони в 2012 году до 22 021 млн. сомони в 2020 гг. Это указывает на то, что НБТ для реализации «таргетирования инфляции» за эти годы использует резервные деньги. Данную ситуацию можно оценить таким образом, что при увеличении объем ВВП на определенный уровень увеличивается и объема денежной массы в стране. Поэтому считается, что для совершенствования процесса разработки и реализации денежно-кредитной политики необходимо перейти от операционного количественного показателя (резервные деньги) к операционному процентному показателю (процентная ставка). Нужно отметить, что указанные факторы в связи с влиянием сезонных и административных факторов (изменения стоимости платных услуг населению, изменения денежных доходов и расходов населения, финансовая неустойчивость в банковские системы страны, спрос на импортируемые товары и т.п.), которые находятся вне влияния денежно-кредитной политики.

По статистике, на практике уровень резервных денег может выйти за рамки утвержденного плана. Такая ситуация создает неопределенность в реализации денежно-кредитной политики и затрудняет оценку ее эффективности. Поскольку использование механизма таргетирования резервных денег в силу наличия ряда проблем в финансовой и банковской системе страны, не имеет столь тесной корреляции (взаимосвязи) с уровнем цен. Как показывает анализ, тенденция роста монетарных показателей также связана с уровнем инфляции в долгосрочной перспективе, и ее изменение в основном зависит от потребностей экономики. Однако отсутствие такой взаимозависимости снижает эффективность и надежность этого механизма в краткосрочной и среднесрочной перспективе.

Для усовершенствования и укрепления трансмиссионного механизма и использования инструментов денежно-кредитной политики в «Стратегии денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2021-2025 годы» предусматривается принятие следующих мер со стороны НБТ [7]:

- совершенствование процесса разработки, оценки, принятия решений и их выполнения в реализации денежно-кредитной политики;
- в целях повышения доверия населения и других субъектов, внедрив четкий и современный механизм работы;

- активизация межбанковского денежного рынка путем создания специальной операционной платформы, повышения активности кредитных организаций и обеспечения прозрачности этого рынка;
- изучение опыта исламского банкинга с целью внедрения новых монетарных инструментов для регулирования уровня ликвидности исламских кредитных организаций;
- внедрение механизма оценки обязательных ресурсов и их ежедневного мониторинга для отдельных кредитных организаций;
- использование норматива обязательных резервов на основе анализа ситуации с ликвидностью банковской системы;
- повышение финансовой грамотности руководящего состава кредитных организаций относительно целей и задач Национального банка Таджикистана в сфере денежно-кредитной политики (использование монетарных и операционных инструментов, деятельность Комитета денежно-кредитной политики, принятие решений и др.);
- создание кривой доходности ценных бумаг НБТ;
- совершенствование и укрепление механизма выдачи кредитов в чрезвычайных ситуациях кредитным организациям со стороны кредитора последней инстанции с целью обеспечения краткосрочной ликвидности и т.д.;

НБТ в среднесрочной перспективе будет предотвращать влияние монетарных факторов на уровень цен для того чтобы достичь основной цели, т.е. поддержания стабильного уровня внутренних цен. в пределах своих полномочий. Данное действие Национального банка в пределах его полномочий будет предотвращать влияние монетарных факторов на уровень цен через инструменты денежно-кредитной политики.

В 2021 году и в среднесрочном периоде (2022 и 2023 гг.) таргет (целевой показатель) по инфляции предусматривается в пределах 6,0% (±2 п.п.) [5]. Указанная цель согласно Прогнозу денежно-кредитной политики Республики, Таджикистан на 2018 и 2019 годы в зависимости от динамики роста экономики республики был снижен с 7,0% до 6,0% на 2020 год и среднесрочный период. Судя по прогнозу целевой показатель в среднесрочном периоде в 2019 году таргет по инфляции предусматривался в пределах 7,0% (±2 п.п.), а в среднесрочном периоде, то есть, в 2020 и 2021 гг., в пределах 6,0% (±2 п.п.).

Рисунок 1. Уровень годовой инфляции и ее таргет в среднесрочном периоде в РТ.

В большинстве случаев поддержание стабильного уровня цен как конечная цель денежно-кредитной политики осуществляется в тех странах, где масштабы экономики невелики. Поэтому в этих странах в качестве целевого ориентира чаще всего принимается предельный уровень инфляции.

Надо подчеркнут, что в среднесрочном периоде на динамику роста цен могут

— танзими асъор ва амалиёти асъорӣ;
— муқаррар кардани ҳудуди афзоиши ҳаҷми пул;
— маҳдудкуниҳои миқдории бевосита.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд ва масъули таҳия ва амалисозии сиёсати пулию қарзӣ мебошад, мисли дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ) нигоҳдории суботи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст. Дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва таҳвият додани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст. Аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ бо мақсади ҳалли чунин мушкилиҳо бо истифода аз таҷрибаи муосири кишварҳои мутараққӣ ривоҷ додани

механизми таъсирпазири сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, татбиқи реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ–ҳадафгирии таваррумро пеш гирифтаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ дар навбати худ баҳри такмил ва пешбурди сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар доираи Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба нақша гирифтааст.

Хулосаҳо ва ҷамъбастҳои ниҳоии иқтисодиёти кишвар барои тамоми давраи хронологӣ омӯхта мешавад ва вазифаҳои асосии сиёсати пулию қарзии фосилаи вақти омӯхташуда таҳия карда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Гаюров Г.Х. К вопросу о повышении качества банковского обслуживания в условиях переходной экономики/Г.Х.Гаюров № 2/4 (169), 2015. – С. 63-67.
2. Гаюров Г.Х., Махмадов О.С. Формирование и улучшение банковских услуг в условиях высокой конкуренции/Г.Х.Гаюров, О.С.Махмадов//XXX Международные Плехановский чтения/Сборник статей аспирантов и молодых ученых, 2017.– С. 178-184.
3. Зуева М.О. Методология исследования денежно-кредитной политики//вестник оренбургского государственного университета. 2009. № 2 (96). – С. 95-101.
4. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. - Петрозаводск: "Петраком", 1993. - 308 с.
5. Кейнс Ҷ.М., Избранные произведения: Пер. с анг. / Предисл., коммент., сост.: А. Г. Худокормов. М.:Экономика, 1993.-543 с.
6. Кулакова Т.Ю. Развитие мирового финансового рынка в посткризисный период/ Банковские услуги, 2011. - №2. - С. 2-5.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722
8. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
9. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.

УДК:331.01:024.3

Ҷонмахмадов Қ.Ш.

ТАВСИФИ ПОТЕНСИАЛИ МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ ХОЗИРА

Дар мақола масъалаҳои марбут ба захираҳои меҳнатӣ баррасӣ шудаанд. Захираҳои меҳнатӣ қисми қобили меҳнати аҳолии кишварро ифода мекунанд, ки аз рӯйи сифатҳои психофизикӣ ва интеллектуалии худ қодир ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ё хизматрасониро доранд. Ба захираҳои меҳнатӣ одамоне дохил мешаванд, ки ҳам дар иқтисодиёт машғуланд ва ҳам бо кор таъмин нестанд, вале қобили меҳнат мебошанд. Коллективи меҳнатӣ системаи мураккаби чамъиятӣ мебошад, ки дар он шахсон ва гурӯҳҳои одамон аз рӯйи принсипҳое, ки аз расман муқарраршуда хеле дуранд, амал мекунанд, дар ҳоле, ки онҳо одатан ба муҳити мусоиди психологӣ ва ғамхории маъмурият ҷавоб медиҳанд ва ҳатто бо музди якхела пурмаҳсул меҳнат мекунанд. Захираҳои меҳнатӣ қисми қобили

меҳнати аҳолии кишварро ифода мекунанд, ки аз рӯйи сифатҳои психофизикӣ ва интеллектуалии худ қодир ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ё хизматрасониро доранд. Ба захираҳои меҳнатӣ одамоне дохил мешаванд, ки ҳам дар иқтисодиёт машғуланд ва ҳам бо кор таъмин нестанд, вале қобили меҳнат мебошанд. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол он қисми аҳолиест, ки ба қувваи корӣ дохил намешавад, аз ҷумла - дар байни аҳолии синни кобили меҳнат: талабагон ва студентон, шунавандагон ва курсантҳое, ки дар муассисаҳои таълимии рӯзона ба ғайр аз таҳсил меҳонанд; шахсоне, ки ба кори хона, нигоҳубини кӯдакон, беморон, хешовандон ва ғайра машғуланд; дар байни ахолӣ берун аз қувваи корӣ: шахсоне, ки нафақа мегиранд ва бо ягон фаъолият машғул нестанд; инвалидоне, ки нафақа мегиранду бо ягон кор машғул нестанд. Потенсиали кадрии корхона ва тағйироти он дорои хусусиятҳои муайяни микдорӣ, сифатӣ ва сохторӣ мебошад, ки онҳоро бо нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии дорои дараҷаи эътимоднокии камтар ё бештар чен кардан ва инъикос кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, маҷмуи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории захираҳои инсонӣ, инчунин принсипҳои идоракунии онҳо метавонанд дар бораи ҳолати ҳайати кормандони корхона ва тамоюлҳои тағйирёбии он бо мақсади идоракунии кадрҳо, аз ҷумла банақшагирӣ, таҳлил ва кор карда баромадани тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи ресурсҳои меҳнатии корхона.

Калидвожаҳо: потенсиал, потенсиали меҳнатӣ, захираҳои меҳнатӣ, потенсиали кадрӣ, потенсиали сохтор ва ташкилӣ, захираҳои инсонӣ.

Джонмахмадов К.Ш.

ТРУДОВОЙ ПОТЕНЦИАЛ И ЕГО ХАРАКТЕРИСТИКА В СОВЕРМЕННЫХ УСЛОВИХ

В данной статьи рассмотрены вопросы, связанные с трудовыми ресурсами. Трудовые ресурсы представляют собой трудоспособную часть населения страны, которая в силу психофизических и интеллектуальных качеств способна производить материальные блага или услуги. К трудовым ресурсам относятся люди как занятые в экономике, так и не занятые, но способные трудиться. В качестве статуса занятости определяется для той части трудовых ресурсов, которая участвует в общественно полезной деятельности. К ней относится, как группа людей, которые предлагают рабочую силу для производства товаров и услуг, с целью получения дохода, так и та группа населения, которая участвует в общественно полезной деятельности, не приносящей прямого денежного дохода, либо приносящей доход, непосредственно не связанный с производством товаров и услуг. Таким образом, совокупность качественных и количественных характеристик кадрового потенциала, а также принципов управления им может дать представление о состоянии персонала предприятия и тенденциях его изменения для целей управления персоналом, в том числе планирования, анализа и разработки мероприятий по повышению эффективности использования трудовых ресурсов предприятия. В статье, также обоснованы рекомендации по правильному использованию трудовых ресурсов способна производить материальные блага или услуги.

Ключевые слова: потенциал, трудовой потенциал, трудовые ресурсы, кадровый потенциал, структура и организация потенциал, человеческие ресурсы.

Dzhonmakhmadov K. Sh.

LABOR POTENTIAL AND ITS CHARACTERISTICS IN MODERN CONDITIONS

This article discusses issues related to labor resources. Labor resources represent the able-bodied part of the country's population, which, due to its psychophysical and intellectual qualities, is capable of producing material goods or services. Labor resources include people both employed

in the economy and not employed, but able to work. The labor collective is a complex social system where individuals and groups of people interact on principles that are very far from formally prescribed, while they are usually responsive to a favorable psychological climate and the care of the administration and work productively even with the same wages. Labor resources represent the able-bodied part of the country's population, which, due to its psychophysical and intellectual qualities, is capable of producing material goods or services. Labor resources include people both employed in the economy and not employed, but able to work. The psycho-physiological and intellectual qualities of a person necessary for the implementation of useful activity depend on age, which acts as a kind of criterion that makes it possible to single out labor resources from the entire population. The economically inactive population is that part of the population that is not part of the labor force, namely - among the population of working age: pupils and students, listeners and cadets studying in daytime educational institutions other than studying; persons engaged in housekeeping, caring for children, the sick, relatives, etc.; among the population outside the labor force: persons receiving pensions and not engaged in any activity; disabled people who receive pensions and are not engaged in any activity. The personnel potential of the enterprise and its changes have certain quantitative, qualitative and structural characteristics, which can be measured and reflected with absolute and relative indicators with a lesser or greater degree of reliability. Thus, a combination of qualitative and quantitative characteristics of human resources, as well as the principles of managing them, can give an idea of the state of the enterprise's personnel and trends in its change for the purposes of personnel management, including planning, analysis and development of measures to improve the efficiency of using the enterprise's labor resources.

Key words: potential, labor potential, labor resources, personnel potential, structure and organization potential, human resources.

Дар шароит имруза коллективи меҳнати системаи мураккаби чамъиятиест, ки дар он одамон ва гуруҳҳои одамон аз руи принципхои аз расман мукарраршуда хеле дур амал мекунанд, дар ҳоле, ки онхо одатан ба иқлими мусоиди психологи ва ғамхори маъмурият чавоб медиханд ва и ҳатто бо хамин ҳам пурмаҳсул кор мекунанд, но воваста аз музди кор.

Потенсиал (аз лот. poteptia қувват) маънои имкониятҳоеро дорад, ки барои ҳалли мушкилот ё расидан ба ҳадафи мушаххас истифода мешаванд. Потенсиали кадрии ташкилот (корхона) ин имкониятҳои ҳайати кормандон ва маъмурият мебошад, ки бароии ноил шудан ба мақсадҳои ташкилот (корхона) истифода бурда мешавад.

Беҳтар намудани истифодаи нерӯи ҳайати кормандон бо ҳалли проблемаҳои ҳокимият ва роҳбари, иҷори намудани навовари, ба вуҷуд овардани муҳити солими психологӣ алокаманд аст. Дар робита ба ин, усулҳои таҳлили нерӯи кадрии ташкилот, нишондодани хусусиятҳои асосӣ ва мафҳумҳои асосии он аҳамияти махсус доранд.

Захираҳои меҳнатӣ қисми қобили меҳнати аҳолии кишварро ифода мекунанд, ки аз рӯи сифатҳои психофизикӣ ва интеллектуалии худ қодир ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ё хизматрасониро доранд. Ба захираҳои меҳнатӣ шахсоне дохил мешаванд, ки ҳам дар иқтисодиёт машғуланд ва ҳам бо кор таъмин нестанд, вале қобили меҳнат мебошанд.

Сифатҳои психофизиологӣ ва зеҳнии шахс, ки барои амалисозии фаъолияти муфид заруранд, аз синну сол вобаста аст, ки ҳамчун як навъ меъёре амал мекунад, ки имкон медиҳад захираҳои меҳнатӣ аз тамоми аҳолӣ ҷудо карда шаванд.

Дар айни замон, тибқи қонунгузори ва кодекси меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадди поёни синни қобили меҳнат 16 сол ва ҳадди болоӣ, ки бо ҳуқуқи гирифтани нафақа муайян шудааст, ки барои занон 58 сол ва барои мардон 63 сол аст. Аммо барои баъзе намудҳои фаъолияти касбӣ, ки бо фишори баланди психофизиологии бадани инсон алоқаманданд, ин маҳдудиятҳои синну соли қобили қабул нестанд. Ин ба соҳҳаҳое дахл дорад, ки шароити меҳнаташон номусоид, душвор (масалан, ангиштсанг, металлгудози ва ғайра), инчунин ба фаъолияти касби, ки бо гузашти солҳо имконияти нигох доштани шакли дилхох» кор аз даст меравад. Дар ҳаёти ҳақиқи бисьёр «нафақахурони имтиёзнок» дар як

вазифа ва ё дар кори дигар кор карданро давом медиҳанд ва бинобар ин дар қувваи коргарӣ мемонанд. Аз ҳайати онҳо бекорон хорич карда мешаванд [1].

Ҳамчун мақоми шуғл барои он қисми қувваи корӣ, ки дар фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ иштирок мекунад, муайян карда мешавад. Ба он ҳам гурӯҳи одамоне дохил мешаванд, ки барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ бо мақсади баидаст овардани даромад меҳнат пешниҳод мекунанд ва ҳам гурӯҳи аҳолӣ, ки дар фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, ки даромади мустақими пулӣ намеоранд ё даромад ба даст меоранд, ки бо истехсоли мол ва хизмат бевосита алоқаманд нест.

Ба гуруҳи якум шахрвандоне дохил мешаванд, ки дар сектори давлатии иктисодиёт, дар кооперативҳо ва сектори шахсӣ кор мекунанд.

Ба гуруҳи дуйум донишҷуён бо танаффус бо фосилаи вақти кори, коргарон.

Қисми ахолие, ки кувваи кориро бо хизматрасони таъмин мекунад, аҳолии аз ҷи ҳати иктисоди фаъол мебошад. Шумораи онҳо нисбат ба давраи муайян карда шуда, бо кор таъмин ва бекорон дохил мешавад.

Ба шахсони бекор ашхоси 16-сола ва калонтар дохил мешаванд, ки дар давраи баррасишаванда баиҳисоб гирифта шудаанд:

Кор надошта бошанд (машғулияти даромаднок), кор чустучу карда бошанд (ба хизмати шуғли ахолй, маъмурияти корхона мурочиат карда бошанд, аз алокаҳои шахсй истифода бурда бошанд, дар матбуот эълонҳо дода бошанд ва ғайра) ё барои ташкили кори шахси худиҷораҳо дида бошанд;

-ба кор тайёр буданд.

Дар амалияи байналмилали мафхуми «ахоли шахрвандоне, ки аз ҷиҳати иқтисоди фаъол» низ васеъ паҳн шудааст, ки ба он хизматчиёни ҳарбӣ дохил намешаванд.

Аҳолӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол он қисми аҳолиест, ки ба қувваи корӣ дохил намешавад, аз ҷумла:

♦ дар байни аҳолии синни қобили меҳнат: хонандагон ва донишҷуён, шунавандагон ва курсантхое, ки дар муассисахои таълими и рӯзона ба ғайр аз таҳсил мекунанд инчунин ба кори хона, нигоҳубини кӯдакон, беморон, хешовандон ва ғайра машғуланд;

♦ дар байни ахоли берун аз қувваи кори: шахсоне, ки нафақа мегиранд ва бо ягон фаъолият машгул нестанд; инвалидоне, ки нафақа мегиранду бо ягон кор машгул нестанд.

Дар дохили ташкилотҳои алоҳида мафҳуми бештар истифодашавандаи «хайат» мебошад.

Хусусиятҳои асосии ҳайати кормандон инҳоянд:

♦ мавҷудияти муносибатҳои мехнатии ӯ бо корфармо, ки бо шартнома (қарордоди) меҳнатӣ ба расмият дароварда шудааст;

♦доштани хислатҳои муайяни сифатӣ (касб, ихтисос, тахассус, салоҳият ва ғ.);

♦самти мақсадноки фаъолияти ҳайати кормандон-яъне, таъмин ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот тавассути муқаррар намудани ҳадафҳои мувофиқ барои як корманди алоҳида ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи самаранокии онҳо [2].

Истилоҳи **"ҳайати кормандон"** бори аввал дар адабиёти англисӣ ҳамчун номи умумӣ барои ҳамаи кормандони созмон бо фарқияти тахассус ва мансубияти кори истифода шудааст. Дар мамлакати мо ва яккатор дигар давлатхо, азичумла дар давлатхои Европа истилоҳи"хайати кормандон" васеътар истифода мешуд, ки азилексикони армия гирифта шуда, дар забонхои немисию франсузи маънои ҳарбии касби (шахри хусуси, ҳайати фармондихи ва захира)-ро дорад.

Дар дохили ташкилотҳои алоҳида мафҳуми бештар истифодашавандаи"хайати кормандон"имебошад.

Хусусиятҳои асосии ҳайати кормандон инҳоянд:

♦ мавудияти муносибатҳои мехнатии ӯ бо корфармо, ки бо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба расмият дароварда шудааст;

♦ доштани хислатҳои муайяни сифатӣ (касб, ихтисос, тахассус, салоҳият ва ғ.);

♦ самти максадноки фаъолияти ҳайати кормандон яъне, таъмини ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот тавассути муқаррар кардани ҳадафҳои мувофиқ барои як корманди алоҳида ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи самаранокии онҳо [2].

Дар солҳои70-ум дар илм ва амалияи идоракуни ШМА баҷои «кадр» мафҳуми **«захираҳои инсонӣ»** ба кор бурда шуд. Чунин тагйирот бо аз нав дида баромадани саҳм ва мавқеи одам дар фаъолияти истехсоли дар давраи революцияи илмию техникӣ ва муносибат ба у на танҳо ҳамчун омили харакати истесҳолот, балки ҳамчун шахсе алокаманд аст. Манфиатҳои хос, ҳавасмандкунӣ, психология, арзишҳо, рӯҳияи соҳибкорӣ ва ғайра [3].

Захираҳои инсонӣ–мафҳуме, ки сарвати асосии ҳар як ҷомеаро инъикос мекунад, ки нашъунамои он ҳангоми фароҳам овардани шароит барои такрорстеҳсол, рушд, истифодаи захира бо назардошти манфиатҳои ҳар як шахс имконпазириаст:

♦ одамон дорои ақл мебошанд, бинобар ин, ақсуламали онҳо ба таъсири беруна (назорат) аз ҷиҳати эҳсосотӣ маъно дорад, на батариқи механикӣ;

♦ ҷараёни ҳамкории субъекти идоракунӣ ва одамон дутарафа мебошанд;

♦ одамон ба шарофати соҳиби ақлу заковат қобилияти пай дар пай такмил ёфтан ва инкишоф меёбанд, ки ин муҳимтарин ва дурудароз манбаи баланд бардоштани самаранокии ҳар як ҷамъият ва ташкилоти алоҳида мебошад;

♦ одамон намуди муайяни фаъолиятро (истехсоли ё ғайриистехсолӣ, фикри ва ҷисмонӣ) бошуурона интихоб карда, дар назди худ мақсадҳои муайян гузоштаанд.

Хусусиятҳои асосии ҳайати шахсии ташкилот инҳоянд:

- шумора ва

-сохтор.

Шумораи ҳайати кормандони ташкилот аз характер, миқьёс, мураккаби, серталабии мехнати истехсолот (ё дигар) ҷараёни идоракуни, дараҷаи механикунонӣ, автоматикунонӣ, компьютеркунонии онҳо вобаста аст. Ин омилҳо арзиши меёрии нақшавиро муайян мекунанд [4].

Сохтори ҳайати кормандони ташкилот маҷмӯи гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон мебошад, ки мувофиқи баъзе меъёрҳо муттаҳид шудаанд. Онҳо метавонад оморӣ ва таҳлилӣ бошанд.

Сохтори омори тақсимоти ҳайати кормандон ва харакати онро дар шароити машшуғл будан аз рӯи намудҳои фаъолият, инчунин категорияҳо ва гурӯҳи вазифаҳоро муайяан мекунад.

Сохтори таҳлилӣ ба умумӣ ва махсус тақсим мешавад.

Дар доираи сохтори умумӣ ҳайати кормандон аз рӯи чунин меъёрҳо, ба монанди касб, тахассус, маълумот, ҷинс, синну сол, таҷрибаи корӣ баррасӣ карда мешаванд.

Сохтори хусуси таносуби гуруҳҳои алоҳидаи коргаронро инъикос мекунад. Масалан «бо кори душвор бо ёрии дастгоҳҳои оддитарин сабук ва бе онҳо», «дар марказҳои коркард» ва ғайра кор мекунанд.

Дар асосии штирок дар раванди истеҳсолот ё идоракунӣ, яъне, вобаста ба хусусияти вазифаҳои меҳнатӣ ва аз ин рӯ, вазифаи ишғолкардааш кормандон ба категорияҳои зерин тақсим мешаванд:

♦роҳбароне, ки вазифаҳои идоракуни умумиро иҷро мекунанд. Онҳошартан ба се зина таксим мешаванд: оли, миёна ва сатҳи паст (кор бо ичрокунандагон –рохбарони бюро, секторҳо, устоҳо);

♦ мутахассисон шахсоне, ки вазифаҳои иқтисоди, муҳандисӣ-техникӣ, ҳуқуқӣ ва дигар вазифаҳоро иҷро мекунанд;

♦ дигар кормандони (кормандони техники), ки дар тартиб доданива ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии мухосибӣ, назорат, хизматрасонии хоҷагидорӣ: агенти харидор, хазинадор, котиб-стенограф, табелчӣ ва ғайра штирок доранд;

♦ коргароне, ки бевосита сарватҳои модди меофаранд ва ё хизмати истехсолӣ мерасонанд.

Сохтори касбии ҳайати шахсии ташкилот таносуби намояндагони касбу ихтисосҳои гуногун (иқтисодчиён, муҳосибон, муҳандисон, ҳуқуқшиносон ва ғайра) мебошад, ки маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии дар натиҷаи омӯзишива таҷрибаи корӣ дар соҳаи маориф гирифташуда доранд вобаста ба соҳаи махсус.

Сохтори тахассусии кормандон таносуби кормандони сатҳҳои тахассусии гуногун (яъне дараҷаи омодагии касбӣ), ки барои иҷрои вазифаҳои муайяни меҳнатӣ заруранд.

Сохтори гендерӣ ва синну соли кормандони ташкилот таносуби гурӯҳҳои кормандони аз рӯи ҷинс (мардон, зан) ва синну сол мебошад.

Сохтори ҳайати кормандони ташкилот азирӯи дараҷаи маълумоти (умумӣ ва махсус) тақсимоти шахсони дорои маълумоти олӣ, аз ҷумла дараҷаи тайёрии бакалавр, мутахассис, магистрро тавсиф мекунад;

-маълумоти олии нопурра (зиёда аз нисфи муҳлати таҳсил);

-миёнаи махсус;

-миёнаи умумӣ;

-мактаби миёна;

-ибтидоӣ.

Потенсиали меҳнатии корманд арзиши доимӣ нест, он метавонад ҳам ба боло ва ҳам ба поён тағйир ёбад. Масъалаи муҳим, вале пурра ҳалнашуда баҳодиҳии потенсиали меҳнатӣ мебошад, ки онро барои андозагирӣ ва истифодаи интенсивии нерӯи меҳнати шахсӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар амал усулои зерини ченкунии потенциали мехнати истифода мешаванд.

Одатан, баҳодиҳии миқдори танхо вобаста ба чунин хусусиятҳо ба монанди ҷинс, синну сол, собиқаи кор, дараҷаи маълумот, вазъи саломатӣ гузаронида мешавад [5].

Мутахасисони корхона ва тағйироти он дорои хусусиятҳои муайяни миқдорӣ, сифатӣ ва сохторӣ мебошанд, ки онҳоро бо нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии зерин бо дараҷаи эътимоднокии камтар ё бештар чен кардан ва инъикос кардан мумкин аст:

♦ фонди музди мехнат ва шумораи хақиқии коркунони корхона ва шӯъбаҳои дохилии он, категория ва гуруҳҳои алохида дар санаи муайян;

♦ шумораи миёнаи коргарони корхона ва шуъбаҳои дохилии он дар давраи муайян;

♦ҳиссаи коркунони шуъбахоии лохида (гуруҳҳо, категорияхо) дар шумораи умумии коргарони корхона;

♦ суръати афзоиши шумораи коргарони корхона дар давраи муайян;

♦ категорияи миёнаи коргарони корхона;

♦ ҳиссаи коркунони дорои маълумоти оли ва миёнаи махсус дар шумораи умумии коргарон ва хизматчиёни корхона;

♦ собиқаи миёнаи кор аз руи ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони корхона;

♦ ҷойивазкунии ҳайат икормандони ташкилот, корхона;

♦ фонди мусалаҳии коргарону коргарони корхона ва ғайра.

Потенсиали ҳайати кормандони корхона ва тагйироти он дорои хусусиятхои муайяни микдори, сифати ва сохтори мебошад, ки онхоро бо нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии дорои дараҷаи эътимоднокии камтар ё бештар чен кардан ва инъикос кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории захираҳои инсонӣ, инчунин принсипҳои идоракунии онҳо метавонанд дар бораи ҳолати ҳайати кормандони корхона ва тамоюлҳои тағирёбии он, бо мақсади идоракунии ҳайати кормандони ташкилот аз ҷумла банақшагирӣ, тахлил ва кор карда баромадани тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои мехнатии корхонаро ифода мекунад.

АДАБИЁТ

1.Кибанов А.Я. Основы управления персоналом: Учебник. - М.: ИНФРА-М. 2002.
2.Кибанов А.Я. Управление персоналом организации: Учебник / Под ред. А.Я. Кибанова. - 3-е изд., доп. и паре раб. – М.; ИНФРА – М. 2006. - 638 с.
3.Кудратов Р.Р. и др. Инвестиции – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства. – Душанбе: «Ирфон», 2005год,
4.Производственный потенциал и эффективность его использования в условиях арендных отношений: Сб. науч. трудов - Горки: БСХА, 1991. - 91 с
5.Поршнеа А.Г. Управление организацией: Учебник / Под ред. А.Г. Поршнева, З.П. Румянцевой, Н.А. Соломатина. - 3-е изд., парераб. и доп. - М.: ИНФРА-М. 2003.

УДК: 336.3

Мирзозода А.Д.

ТАКМИЛИ НИЗОМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар мақола самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон оварда шудааст. Қайд карда мешавад, ки баробари афзоиши талаботи рӯзафзуни кормандон низоми ҳавасмандгардонии моддии онҳо зарурати мунтазам такмилёбӣ дорад. Барои корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон унсури калидии низоми ҳавасмандгардонӣ музди меҳнат дар назар дошта шуда, дар натиҷаи таҳлилу арзёбии рақамҳои омории музди меҳнат нокифоягии он ошкор карда шудааст. Муҳаққиқ дар мақола низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонӣ, ҷараёни ташаккулёбии унсурҳои низоми ҳавасмандгардонӣ, инчунин модели чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоятро таҳия кардааст. Аз мавқеи муаллиф дар шароити кунунии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон воситаҳои барои ҳавасмандгардонӣ сафарбаршаванда нокифоя мебошанд. Бинобар ин, зарурат ба коркарди низоми ҳавасмандгардоние пеш меояд, ки ҳаҷми кифояноки воситаҳоро дар назар дошта, афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин кунад. Дар қисмати ҷамъбастии мақола хулосаю пешниҳодҳо ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонӣ аз мавқеи мунтазамии амалкарди чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва кифоягии воситаҳои моддии дар ин самт масрафшаванда коркард шудаанд.

Калидвожаҳо: ҳавасмандгардонии моддӣ, низоми ҳавасмандгардонӣ, ҳосилнокии меҳнат, музди меҳнат, сатҳи зиндагӣ, захираҳои меҳнатӣ, корхонаҳои саноатӣ, мукофотонӣ, шуғл, устувории молиявӣ.

Мирзозода А.Д.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ МАТЕРИАЛЬНОГО СТИМУЛИРОВАНИЯ ТРУДА РАБОТНИКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье представлены приоритетные направления совершенствования системы материального стимулирования работников промышленных предприятий Хатлонской области. Отмечено, что наряду с растущими запросами работников система их материального стимулирования нуждается в регулярном совершенствовании. Для

промышленных предприятий Хатлонской области ключевым элементом системы стимулирования является заработная плата, и в результате анализа и оценки статистических показателей заработной платы выявлена ее недостаточность. В статье исследователем разработана регулярная система стимулирования, процесс формирования элементов системы стимулирования, а также четырехуровневая модель системы материального стимулирования работников промышленных предприятий региона. С позиции автора, в нынешних условиях промышленных предприятий Хатлонской области средства, мобилизуемые на мотивацию, недостаточны. Поэтому возникает необходимость разработки системы стимулирования, включающей достаточные ресурсы и обеспечивающей рост производительности труда. В заключительной части статьи сформулированы выводы и предложения по совершенствованию системы мотивации с позиции регулярности реализации мер стимулирования и адекватности затрачиваемых в этом направлении материальных ресурсов.

Ключевые слова: материальное стимулирование, система стимулирования, производительность труда, заработная плата, уровень жизни, трудовые ресурсы, промышленные предприятия, вознаграждение, занятость, финансовая устойчивость.

Mirzozoda A.D.

IMPROVEMENT OF THE SYSTEM OF MATERIAL INCENTIVES OF LABOR OF EMPLOYEES OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF KHATLON REGION

The article presents the priority areas for improving the system of material incentives for workers of industrial enterprises in the Khatlon region. It is noted that along with the growing demands of workers, the system of their material incentives needs to be regularly improved. For industrial enterprises of the Khatlon region, a key element of the incentive system is wages, and as a result of the analysis and evaluation of statistical indicators of wages, its insufficiency was revealed. In the article, the researcher developed a regular incentive system, the process of forming the elements of the incentive system, as well as a four-level model of the system of material incentives for employees of industrial enterprises in the region. From the position of the author, in the current conditions of industrial enterprises of the Khatlon region, the funds mobilized for motivation are insufficient. Therefore, there is a need to develop an incentive system that includes sufficient resources and ensures the growth of labor productivity. In the final part of the article, conclusions and proposals for improving the motivation system are formulated from the standpoint of the regularity of the implementation of incentive measures and the adequacy of the material resources spent in this direction.

Key words: material incentives, incentive system, labor productivity, wages, standard of living, labor resources, industrial enterprises, remuneration, employment, financial stability.

Воқеан афзоиши самараи меҳнати кормандон аз амали низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вобастагии зиёд дорад, чунки талаботи рӯзафзуни моддии кормандон шаклу намудҳои навини ҳавасмандгардониеро талаб менамояд, ки он сатҳи баланди қаноатмандӣ дошта бошанд. Вобаста ба ин, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд тавре бошад, ки барои ба пуррагӣ ҷорӣ намудани намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардониҳои моддии кормандон мусоидат намояд.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корхонаю муассисаҳо намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳоро пешбинӣ менамоянд, аз ҷумла музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, мукофотпулиҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардониро дар бар мегирад. Бинобар ин, низоми ҳавасмандгардониҳои моддӣ бояд комил бошад, то барои татбиқи ҳавасмандгардониҳо мусоидат намояд. Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда

такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро муҳим мешуморем.

Дар фаъолияти субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, алалхусус корхонаҳои саноатӣ музди меҳнат аз мавқеи пешбинӣ намудани ҳиссаи назарраси воситаҳои пулӣ то кунун унсури марказии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат боқӣ мондааст. Муҳим будани музди меҳнат ҳамчун усули ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар таҳқиқоти доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усмонова Т.Д. нақши марказӣ дорад. Иқтисодчии ватанӣ қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои калидии рушди иқтисодиёт зиёд намудани даромадҳои меҳнатии аҳолӣ мебошад, алалхусус аз тариқи ислоҳоти низоми ташкили пардохти меҳнат ва бунёду истифодаи механизми танзими пардохти меҳнат [3, с.23]. Аз таҳқиқи мавқеи илмии Усмонова Т.Д. муайян карда шуд, ки иқтисодчӣ тарафтори механизми воқеӣ ва чандирии бозорӣ будани музди меҳнат мебошад.

Аз нуқтаҳои зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат фаъолияти босамари унсури калидии он, яъне низоми музди меҳнати асосӣ (кафолатнок) баромад менамояд. Аслан музди меҳнати асосӣ воситаи баландбардории сатҳи зиндагӣ баромад намуда, моҳияти иҷтимоии фардро дар ҷомеа зиёд менамояд.

Дар шароити корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон музди меҳнати номиналӣ яке аз намудҳои муҳими ҳавасмандгардонии моддии кормандон дониста мешавад. Аз ин рӯ, ҳаҷми кифояноки музди меҳнат, ки дар ҳар гуна шароит барои таъмини сатҳу сифати зиндагии кормандон мусоидат менамояд, муҳим арзёбӣ мегардад. Бо мақсади баҳодиҳии кифоянокии музди меҳнат ва нерӯи баланди ҳавасмандгардонӣ доштани он дар низоми ҳавасмандгардонии моддӣ маълумоти омории нишондиҳандаи мазкурро дар ҷадвали 1 дида мебароем.

Ҷадвали 1. Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодии вилояти Хатлон (сомонӣ)

Номгӯй	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2021 /2014 бо маротиб
Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ	615,23	645,05	714,13	843,39	913,33	998,54	1053,78	1143,19	1,9
Саноат	1145,34	1268,88	1309,99	1431,89	1712,08	1666,38	1730,98	1858,49	1,6
Сохтмон	974,22	1274,16	1424,59	1107,49	1287,49	1476,93	1578,86	1735,46	1,8
Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ	235,58	292,99	296,64	382,53	435,91	492,90	515,06	537,29	2,3
Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа	710,41	737,61	771,84	762,40	769,94	826,61	843,83	1072,24	1,5
Моҳипарварӣ	291,91	450,04	390,86	496,94	193,41	879,87	598,03	791,64	2,7
Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо	349,50	339,68	441,90	448,75	481,52	529,12	539,04	638,12	1,8
Фаъолияти молиявӣ	1493,54	1539,51	1521,28	2074,85	2262,40	2524,12	2612,44	2890,57	1,9
Маориф	676,39	657,37	733,03	811,12	833,00	940,34	995,85	1107,40	1,6
Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ	641,34	625,89	682,35	757,34	783,47	827,74	880,76	920,06	1,4

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С.68 ва омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2022.– С.140.

Аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, ки аз руйи ҳаҷми музди меҳнати номиналӣ дар байни кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаҳои иқтисодии вилоят соҳаи саноат баъди фаъолияти молиявӣ дар ҷойи 2-юм қарор дорад. Новобаста аз он ки дар шароити вилояти Хатлон ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ музди меҳнати номиналӣ наметавонад ҳавасмандии моддии кормандонро дар сатҳи лозимӣ таъмин намояд, аммо музди меҳнат дар фаъолияти молиявӣ, соҳаи саноат ва сохтмон нисбатан қаноатбахш мебошад. Рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши музди меҳнати номиналӣ дар соҳаи саноат нисбат ба фаъолияти молиявӣ ва соҳаи сохтмон пасттар аст. Агар афзоиши миёнасолонаи музди меҳнати номиналӣ дар корхонаҳои соҳаи саноати вилоят 7,8%-ро ташкил намояд, пас ин нишондиҳанда дар фаъолияти молиявӣ 11,7% ва дар соҳаи сохтмон ба 9,8% баробар аст. Бо назардошти тамюлҳои ҷойдошта баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон дар сурате имконпазир мегардад, ки ҳаҷми музди меҳнат қаноатбахш бошад ва дар баробари ноилгардӣ ба натиҷаҳои молиявии мусбӣ сатҳи он мунтазам баланд бардошта шавад. Ин нуқтаи назарро иқтисодчиёни зиёди ватанӣ низ ҷонибдорӣ кардаанд. Афзоиши даромадҳои номиналии аҳолӣ дар корхонаю муассисаҳо бояд дар асоси баландбардории сатҳи ҳосилнокии меҳнат ба роҳ монда шавад [2, с.169].

Дар шароити кунунӣ дигар самти афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки баланд бардоштани самараи меҳнати кормандонро барои давраи дарозмуддат таъмин менамояд, мунтазамии фаъолияти ҳавасмандгардонӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити қаноатбахш набудани музди меҳнати асосии кормандони корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани низоми мунтазам (дар доираи давраи муайян) амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддӣ ба манфиати кор мебошад. Вобаста ба ин, дар расми 1 низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат оварда шудааст.



Расми 1. Низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат (таҳияи муаллиф)

Тавре аз унсурҳои низоми дар расми 1 овардашуда дида мешавад, мунтазам амалкунии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро пайдарпайии мантиқии амали унсурҳои зерин таъмин менамояд: а) ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар навбати худ самараи меҳнати кормандонро ба вуҷуд меорад; б) афзоиши самараи меҳнат боис мегардад, то барои рушди фаъолияти корхонаи саноатӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад; в) тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар навбати худ такрористеҳсоли ҳавасмандгардониҳои қаблӣ ва ё ҷорӣ намудани намудҳои нави ҳавасмандгардонӣ, ки ба шароити кунунӣ мувофиқ мебошанд, таъмин менамояд.

Баробари пешрафти иқтисодиёт талаботи захираҳои меҳнатӣ низ зиёд мешавад, ки ҳолати мазкур татбиқи низоми бисёрҷабаҳаи ҳавасмандгардониро талаб менамояд. Чунин мавқеъро иқтисодчии ватанӣ Хуҷамқулов Р.Б. ҷонибдорӣ намуда, чунин назари илмӣ доранд, ки дар шароити рушди иқтисоди ҷаҳонӣ қонеъ намудани талаботи захираҳои меҳнатӣ аз тариқи пардохти музди меҳнати асосӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнат ҳолати объективӣ мебошад [4, с.128]. Бо назардошти нақши марказӣ доштани музди меҳнати асосӣ дар низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат рафти ташаккулёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатӣ дар расми 2 пешниҳод менамоем.

Расми 2. **Ҷараёни ташаккулёбии унсурҳои низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ** (таҳияи муаллиф)

Дар расми 2 рафти ташаккулёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ оварда шудааст. Аз унсурҳои дар расм овардашуда маълум мегардад, ки кормандон вобаста ба ҳаҷми меҳнати иҷрокарда дар асоси низоми пардохти меҳнат мукофоти моддиро дар намуди музди меҳнат ҳамчун қисми заминавии мукофотонии моддӣ ба даст меоранд. Ҳавасмандгардониҳое, ки аз қисмати тағйирёбанда дода мешаванд, аз шароиту омилҳои гуногун вобаста мебошанд. Вобаста ба ин, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон, ки аз қисмати тағйирёбанда сарчашма мегирад, нисбатан мураккаб мебошад. Унсурҳои низоми ҳавасмандгардонии ба қисмати тайирёбанда вобастабуда имконияти зиёди тағйирёбӣ доранд, аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатӣ ба инобат гирифтани чунин тағйирёбӣ мебошад. Чунки мушкилоти асосии бесамар будани ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар бисёре аз корхонаҳо ба эътибор нагирифтани чунин ҳолат мебошад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаҳои зикршуда хулоса карда, пешниҳод менамоем, ки низоми ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон бо назардошти шароиту имкониятҳои корфармо ва кормандон унсурҳои ҳавасмандгардонии дар расм овардашуда ва дигар унсурҳои мувофикро бояд пешбинӣ намояд.

Дар шароити муосир низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят бояд тавре амал намояд, то ҳосилнокии меҳнатро таъмин кунад. Корхонаҳои саноатии минтақаро зарур аст, ки бо мақсади баландбардории самаранокии меҳнати кормандон талаботи моддии онҳоро беш аз пеш қонеъ намоянд.

Вобаста ба ин зарур мешуморем, то ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ниг. ба расми 3.



Расми 3. Модели чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (таҳияи муаллиф)

Тавре аз расми 3 дида мешавад, ҳавасмандгардонии моддии кормандон бояд дар чор сатҳ амалӣ карда шавад. Ҳар як сатҳ доираи муайяни худро дошта, вобаста ба тарафи ҳавасмандгардонанда ва натиҷаҳои мусбии меҳнатӣ аз якдигар фарқ менамояд. Кормандони саноатӣ барои фаъолияти меҳнатии босамар на танҳо аз ҷониби сохторҳои алоҳидаи корхона, балки аз ҷониби роҳбарияти олии корхона ва ҳатто мақомоти ваколатдори соҳа бояд ҳавасманд гардонида шаванд. Самараи меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар маҷмуъ ба пешрафт ва рушди соҳаи саноати минтақа ва ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи мақомотҳои болоӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Чунки афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон дар заминаи самаранокии низоми ҳавасмандгардонӣ таъмин карда мешавад. Перомуни самаранокии низоми ҳавасмандгардонии меҳнат иқтисодчиёни ватанӣ Комилов С.Ҷ., Шодибеки С. ва Шарипов Б.К. ибрози назар кардаанд. Онҳо қайд менамоянд, ки дар шароити фаъолгардии ҷараёнҳои инноватсионии соҳаи саноат яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва рушди идоракунии шуғли аҳолӣ-ин баландбардории самаранокии низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони соҳаҳои саноат маҳсуб меёбад [1, с.32].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки дар шароити корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ва манотиқи он ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ бартарияд дорад. Аз ин рӯ, низоми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақа бояд усулҳои ҳавасмандгардонии моддиро бештар дар бар гирад. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта самтҳои бартаридоштаи такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон инҳо маҳсуб меёбанд:

1. Ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар сатҳе ба роҳ монда шавад, то тавонад натиҷаи фаъолияти меҳнатии коллектив ва самараи меҳнати ҳар як кормандро нишон диҳад. Низоми мукофотонӣ низ дар навбати худ барои ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои муайяни фаъолияти корхонаҳои саноатӣ чандир ва характери ҳавасмандӣ дошта бошад.

2. Низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ бояд дақиқу одилона амал намуда, ҳама кормандони корхонаро фаро гирад ва пардохти саривақтиро таъмин намояд. Дар баробари

ин, низоми мазкур бояд ба натиҷаҳои мусбии нишондиҳандаҳое, ки дар нақшаҳои стратегии корхонаи саноатӣ нишон дода шудааст, алоқамандии зич дошта бошад.

3. Ҳавасмандгардонӣ тавре ба роҳ монда шавад, ки майлу хоҳиши кормандро ба меҳнат ва афзоиши самараи меҳнат зиёд намояд, яъне ҳавасмандгардонӣ барои барқарор намудани такрористеҳсоли нерӯи корӣ бояд мусоидаткунанда бошад. Ҳамчунин тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии корхонаро таъмин намуда, баландшавии сатҳи некуаҳволии кормандонро таъмин намояд.

4. Музди меҳнат бояд воситаҳоеро дар бар гирад, ки корманд барои он арзанда аст ва асоси воқеӣ дорад. Аз ин рӯ, музди меҳнати асосӣ бояд ҳаҷми воситаҳоро дар ҳадде фарогир бошад, ки барои такрористеҳсоли пурраи қувваи корӣ, афзоиши самараи иқтисодии ҳавасмандгардонии иловагӣ ва ба вуҷуд овардани амалкарди фаъоли корманд мусоидат намояд.

5. Муҳим будани амалкарди мунтазами низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат. Амалкарди мунтазами низоми зикршуда дар асоси пайдарпайии мантиқии ҳаракати унсурҳо таъмин карда мешавад. Дар навбати аввал ҳавасмандгардонии моддии меҳнат афзоиши самараи меҳнати кормандонро ба вуҷуд меорад, баъдан афзоиши самараи меҳнат боис мегардад, то барои рушди фаъолияти корхонаи саноатӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва сатҳи баланди нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар навбати худ такрористеҳсоли ҳавасмандгардониҳои қаблӣ ва ё ҷорӣ намудани намудҳои нави ҳавасмандгардониро, ки ба шароити кунунӣ мувофиқ мебошанд, таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Комилов С.Дж., Шодибеки Сафар, Шарипов Б.К. Управление занятостью населения в условиях инновационного развития промышленности. / С.Дж. Комилов, Шодибеки Сафар, Б.К. Шарипов. Монография. -Душанбе: ГУП «Матбаа». – 2021. – 277 с.
2. Саидов Р.Н. Заминаҳои назариявии танзими даромадҳои аҳолї / Р.Н. Саидов // Паёми “Молия ва иқтисод”https://www.elibrary.ru/contents.asp?id=45609568.–Душанбе, 2022.– № 1 (30).С.161-169.
3. Усманова Т.Дж. Теоретические вопросы функционирования и особенности рынка труда в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук // Т.Дж. Усманова– Душанбе, 2006 г.– 32 с.
4. Худжамкулов Р.Б. Теоретические основы рыночного распределения дохода в переходной экономике / Вестник ГУУ // №23, -2013 .-126-133.

УДК:339.148

Нусратзода М.Н., Нуридинов С.З., Умарзода Н.Н.

ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ МАРКЕТИНГИ ИННОВАТСИОНӢ

Мақола ба зарурияти технологияи иттилоотӣ дар рушди маркетинги инноватсионӣ бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур рушди маркетинги инноватсионии ширкатҳои пешрафта мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллифон хусусиятҳои хоси маркетинги инноватсионӣ дар асоси коркарди олимони соҳа омухта, роҳҳои баландбардории онро пешниҳод намудаанд. Инчунин, муаллифон дар мақола

намудҳои асосии инноватсия, мушкилоти маъмулӣ ҳангоми ташкили маркетинг ва принсипҳои асосии тадқиқотбариро дида баромадаанд. Бояд қайд намуд, ки дар мақолаи мазкур барномаҳои истифодашавандаи компютерӣ ва мутахассисони соҳа, ки барои рушди маркетинги инноватсионӣ мусоидат хоҳанд кард, ба таври васеъ нишон доданд. Ба ақидаи муаллифон тадқиқоти маркетингии бозор барои фаъолияти ширкат самаранокии зиёдтар дорад. Пойгоҳи додаҳо яке аз манбаъҳои мукаммал ва муассири иттилоот ба ҳисоб меравад. Дастрасӣ ба он, ки чандин маротиба самаранокии таҳқиқоти гуногунро афзоиш медиҳад, имконият медиҳад, ки қариб якбора мушкилоти маркетинг ҳал карда шавад.

Калидвожа: иқтисодиёт, маркетинг, технологияи иттилоотӣ, инноватсия, идоракунӣ, тиҷорати электронӣ, тадқиқотбарӣ, марҳила, истеҳсолот, рушд, тараққиёбӣ.

Нусратзода М.Н., Нуридинов С.З., Умарзода Н.Н.

ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ИННОВАЦИОННОГО МАРКЕТИНГА

Статья посвящена необходимости информационных технологий в развитии инновационного маркетинга. В данной изучено развитие инновационного маркетинга передовых компаний. Следует отметить, что авторы изучили особенности инновационного маркетинга на основе работ ученых в данной области и предложили пути его совершенствования. Также в статье рассмотриваются основные виды инноваций, общие проблемы в организации маркетинга и основные принципы исследования. Следует отметить, что в данной статье широко показаны используемые компьютерные программы и специалисты отрасли, которые будут способствовать развитию инновационного маркетинга. По мнению авторов, маркетинговые исследования более эффективны для деятельности компании. База данных является одним из наиболее полных и эффективных источников информации. Доступ к нему многократно повышает эффективность различных исследований, позволяет практически мгновенно решать маркетинговые задачи.

Ключевые слова: экономика, маркетинг, информационные технологии, инновации, управление, электронный бизнес, исследования, этап, производство, разработка, разработка.

Nusratzoda M.N., Nuridinov S.Z., Umarzoda N.N.

INFORMATION TECHNOLOGIES AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE MARKETING

The article is devoted to the need for information technology in the development of innovative marketing. In this study, the development of innovative marketing of advanced companies is studied. It should be noted that the authors studied the features of innovative marketing based on the work of scientists in this field and suggested ways to improve it. The article also discusses the main types of innovations, common problems in the organization of marketing and the basic principles of the study. It should be noted that this article widely shows the computer programs used and industry experts that will contribute to the development of innovative marketing. According to the authors, marketing research is more effective for the company's activities. The database is one of the most complete and effective sources of information. Access to it greatly increases the effectiveness of various studies, allows you to almost instantly solve marketing problems.

Key words: economics, marketing, information technology, innovation, management, e-business, research, stage, production, development, development.

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ҳам дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи кишвари алоҳида инноватсия яке аз омилҳои асосии на танҳо рушди соҳаҳои

иқтисодиёт, балки тамоми иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила он ба чунин самтҳо, ба монанди татбиқи технологияҳои захирасарфакунанда, бепартов ва паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин, таъмини иқтисодиёти миллӣ бо рақобатпазирӣ нигаронида шудааст. Олимона соҳа Нефедова Е.А., Чернишева Ю.С., Вакурова Н.В., Голубева К.А. дар корҳои тадқиқотбурдаи худ қайд менамоянд, ки макетинги инноватсионӣ яке аз соҳаҳои фаъолтарин дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, ҳолати он муддати тӯлонӣ дар сатҳи кофии баланди рушд қарор дорад[7,с.-156].

Дар шароити имрӯза тиҷорати электронӣ нисбат ба тиҷорати муқаррарӣ барои ҳар як инсон имкониятҳои навро фароҳам меорад, кори истифодабарандагонро осон мегардонад. Албатта бартариҳои тиҷорати электронӣ нисбат ба тиҷорати муқаррарӣ зиёд ҳастанд. Тиҷорати электронӣ дар шароити имрӯза бештар тавассути шабакаи интернет сурат мегирад. Қайд кардан ба марид аст, ки интернет дар шароити имрӯза ба яке аз чизҳои муқаррари табдил ёфтааст.

Шароити муосири рақобат дар бозор манфиати илмӣ ва амалиро ба мушкилоти баланд бардоштани самаранокии маркетинг ташаккул медиҳанд. Тиҷорати дохилӣ аз ҳолате сар мешавад, ки муваффақият асосан аз рӯи миқёси дороиҳои моддии соҳибкор муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама омилҳои муайянкунандаи муваффақияти тиҷорат ин қобилияти фирма барои зуд эҷод ва таҳия намудани заминаи фаъолияти самарабахш дар муҳити босуръати рушдёбандаи бозор мебошад. Дар робита ба ин, дороиҳои маркетинги ғайримоддӣ - тамғаҳои молӣ, пойгоҳи додаҳо ва механизмҳои ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон, дониши бозор ва рафтори истеъмолкунандагон, қобилияти таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва технологияҳои бозор таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Барои рушд додани маркетинг бояд корхонаҳо доир ба маркетинги инноватсионӣ маълумотҳои кофӣ дошта бошанд. Ин имконият фароҳам меорад, ки талаботи замони муосир қонеъ гардонида шавад.

Асосгузори назарияи инноватсия Йозеф Шумпетер инноватсияро ҳамчун воситаи соҳибкорӣ барои гирифтани даромад арзёбӣ намудааст. Шумпетер дар китоби илмии худ «Назарияи рушди иқтисодӣ», ки соли 1912 интишор гардидааст, панҷ таѓйироти маъмулиро дар рушди иқтисодӣ ҷудо намудааст [3, с.-75]:

истифодаи техникаи нав, ҷараёнҳои нави технологӣ ё таъминоти нави бозоргонии истеҳсолот (хариду фурӯш);

• фурӯши маҳсулот бо хусусиятҳои нав;
• истифодаи ашёи хоми нав;
• таѓйирот дар ташкили истеҳсолот ва таъмини моддӣ-техникии он;
• ба вуҷуд омадани бозорҳои нави фурӯш.

Доир ба рушди маркетинги инноватсионӣ олимони ватаниву хориҷӣ тадқиқотҳои зиёде гузаронида, як гуруҳ қайд менамоянд, ки маркетинг дар худ низоми идоракунии ширкатро дар асоси принсипҳои маркетинг, яъне рӯоварии ҳамаи сохторҳо ва хадамоти ширкатҳоро ба эҳтиёҷоти истифодабаранда дар шароити муосир ифода мекунад [3,с.-83], гуруҳи дигар қайд менамоянд, ки маркетинги инноватсиони мафҳуме мебошад, ки нисбатан нав пайдо шудааст. Он дар робита ба рушди технологияи пешқадам ба вуҷуд омадааст [4,с.-122], гуруҳи сеюм дар он ақидаанд, ки ташаккулёбии рушди инфрасохтоор ба маркетинги инноватсионӣ ба омӯзиши бозори маҳсулоти нав ва дарёфти рафтори рақобатпазири корхона нигаронида шудааст[5,с.-47]. Аз таҳқиқоти як гуруҳи олимони дигар ба меояд, ки маркетинги инноватсионӣ дар баланд бардоштани рушди соҳа ва содироти мол метавонад мусоидар кунад[11,с.-237]. Дигар гурӯҳ қайд менамоянд, ки рушди технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ фазои фаъолияти иқтисодӣ тавассути Интернет, инфрасохтори шабакаи глобалии Интернет барои комерсиализатсияи Интернет ва ташкили бозори электронӣ, ки дар асоси принсипҳои иқтисоди шабакавӣ ташкил ёфтаанд, ба вуҷуд овардааст, ба рушди соҳа кумаки калони худро мерасонад[6,с.-23]. Инчунин, доир ба рушди соҳа қайд карда шудааст, ки хусусиятҳои асосии ин марҳилаи баланд бардоштани

самаранокии технологияи иттилоотӣ, кам кардани андозаи таҷҳизот, кам кардани арзиши хариди он, баланд бардоштани эътимоднокӣ, ташкили пайвасти байни терминалҳои воқеъ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон истифодаи васеъи шабакаҳо имконияти боз ҳам хубтар гардонидани маркетинги инноватсиониро фароҳам меорад [2,с.-203].

Гуфтаҳои дарболозикргардидаро ба инобат гирифта қайд намудан мумкин аст, ки маркетинги инноватсионӣ шакли нави маркетинг аст, ки барои пайваста баланд бардоштани сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва усулҳои ҷалби муштариён асос ёфта, хариду фуруш тавассути интернет сурат мегирад. Барои он ки механизмҳо самаранок бошанд, аз ҷониби мутахассисон бояд наздикшавӣ ва муттаҳидсозии ду объект: маркетинг ва инноватсия амалӣ карда шавад.

Дар шароити имрӯза маркетинги инноватсионӣ ҳамчун шакли фаъолияти хоҷагӣ – истеҳсолии ширкат муайян мегардад, ки ба назорати инноватсия, муносибнамоии истеҳсолот ва фурӯш дар заминаи тадқиқотҳо ва аз ҳама муҳиммаш таъсиррасонӣ ба бозор, бо роҳи ҷорӣ намудани маҳсулоти нав равона гардидааст.

Маркетинги инноватсия танҳо бо маҳсулот ва технологияи нав алоқаманд аст. Зери мафҳуми маҳсулоти инноватсионӣ бештар молу маҳсулоти аслӣ, вариантҳои беҳтаршуда ё таклмили молу маҳсулоти мавҷуда, инчунин тамғаҳои нав фаҳмида мешавад, ки натиҷаи КИТТ ширкати истеҳсолкунанда ба шумор меравад [3,с.-228].

Маркетинги инноватсионӣ муносибати системавии истеҳсолкунандаро нисбат ба идоракунӣ тавассути инноватсия ва миёнаравҳо (фурӯшандагон), нисбат ба идоракунии фурӯши инноватсия, инчунин нисбат ба харидорон оид ба идораи инноватсияҳои харидоришуда инъикос менамояд.

Махсусияти маркетинги инноватсионӣ айни замон нисбатан хусусияти заиф дорад. Новобаста ба ин, аллакай метавон якчанд усулҳои танзимнамоии ин самтро қайд намуд. Махсусияти маркетинги инноватсионӣ бо махсусияти ҳудуди он ва дар он пешниҳод намудани маҳсулот муайян мешавад. Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳо, усул ва воситаҳои маркетинг муайян мегарданд.

Маркетинги инноватсионӣ ин фаъолият дар бозори навовариҳо мебошад, ки ба ташаккул ва муайян намудани эҳтиёҷотҳо, бо мақсади қонеъгардонии максималии талабот ва дархостҳо равона гардидааст.

Маркетинги инноватсионӣ на танҳо ба пешбарии молу маҳсулоти тайёр ба бозор, балки ба идоракунии раванди ташкили он бо назардошти талаботи бозор алоқаманд аст. Чунин хусусиятҳои хоси маркетинги инноватсиониро қайд намудан мумкин аст, ки он дар расми навбати оварда шудааст.



Расми 1. Хусусиятҳои маркетинги инноватсионӣ

Консепсияи маркетинг ин системаи афкору ақида барои таҳлил, банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолот, эҳтиёҷот ва фурӯш мебошад. Консепсияи маркетинги

инноватсионӣ мақсади фаъолияти инноватсионии истеҳсолкунандаро дар бозор маънидод намуда, барои қонеъгардонии талаботи гурӯҳи муайяни истеъмолкунанда равона гардидааст.

Пивоварова М. А. доир ба рушди инноватсияи соҳа қайд менамояд, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мафҳуми соҳибкории инноватсионӣ аксар вақт бо истифодаи муваффақонаи донишҳо барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи маркетинги инноватсионӣ бо истифодаи технологияи рақамӣ кумаки калони худро мерасонад [9, с.-19].

Ҳар як намуди инноватсия метавонад бо корхонаҳо ё лоиҳаҳои гуногун, бо маҳсулот ё хизматрасонии махсус алоқаманданд бошад.

Дар робита бо ин, маҳсулоте, ки дар як бозор вуҷуд дорад метавонад ҳангоми ба бозоре, ки он қаблан вуҷуд надошт, ворид шудан инноватсия гардад. Воридоти технологияи нав ба бозор аз хориҷи кишвар ё ки ҷорӣ намудани модели нави ташкилӣ ба ширкатҳо дар асоси моделҳои идоракунӣ, ки амалан дар ин ширкатҳо истифода шудаанд, инчунин ба сифати маҳсулоти инноватсия дар ин замина амал мекунанд.

Дар таҷрибаи корӣ метавон модели давлатҳои пешрафта аз ҷиҳати инноватсия истифода намуд.

Мактаби байналмилалии INSEAD-и Донишгоҳи Корнел ва Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ҳамасола руйхати давлатҳои пешсави рушди инноватсияро пешниҳод мекунанд. Чи тавре, ки ташкилоти (World Intellectual Property Organization) қайд менамояд, дар соли 2022 дар рушди инноватсия Швейтсария, Амрико, Ҳолландия, Корреяи Ҷанубӣ пешсаф мебошад [12].

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар айни замон, бисёр ширкатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳқиқоти маркетингӣ машғуланд, аксар вақт маҷмӯи хеле маҳдуди воситаҳои таҳлилиро барои таҳлили маълумоти бадастомада, баъзан ҳатто бидуни истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ истифода мебаранд. Дар айни замон, барномаҳое мавҷуд аст, ки метавонад барои коркарди иттилооти маркетинг истифода шавад. Сабаби асосии суст рушд намудани соҳа албатта ин истифодаи нодурусти технологияҳои муосир мебошад. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар маркетинг сифат ва самаранокии қабули қарорҳоро беҳтар мекунад, ки боиси афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии онҳо мегардад.

Айни замон дар кишвар раванди дарк кардани аҳамияти маркетинг барои фаъолияти бомуваффақияти корхона ҷараён дорад. Агар дар солҳои аввали тағирёбии бозор воситаи асосии баланд бардоштани самаранокии корхона беҳтаргардонии андозбандӣ ҳисобида мешуд, ҳоло ҳадди аксар расонидани фоида бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ дар асоси истифодаи системаҳои муосири иттилоотӣ ба даст оварда мешавад. Мутаассифона ҳоло роҳбарони бисёр корхонаҳо то ҳол барои рушд додани фаъолияти корӣ ва муаррифии молу маҳсулоти худ аз технологияи иттилоотӣ самаранок истифода наменамоянд.

Имруз ба рушди соҳа Асосгузори Сулху Вахдати Милли Пешвои Миллат Президенти Чумхурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи худро равона карда, қайд намуданд, ки Имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон маҳдуд аст. Сомонаҳои интернетии корхонаҳо роҳи аз ҳама самараноки муаррифии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб мераванд[8].

Дар ҳақиқати ҳол масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Агар таҳлил кунем мебинем, ки ширкатҳое, ки ба рушди фаъолияти кориашон, хусусан мавқеи муаяйн дар соҳаи маркетинги инноватсионӣ шабакаи Интернетро самаранок истифода мебаранд, дастовардҳои зиёдеро ноил мегарданд.

Фаъолияти корхонаҳои кишварро агар таҳлил карда бароем, дар ҳақиқати ҳол мушоҳида менамоем, ки корхонаҳо технологияи иттилоотӣ, хусусан шабакаи интернетро

самаранок истифода наменамоянд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мутахассисони соҳавӣ нокифоягӣ мекунад.

Тавре ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад барои рушди маркетинги инноватсионӣ технологияи иттилоотӣ самаранок бояд истифода шавад. Дар шароити имрӯза рушди маркетинги инноватсионӣ ё худ маркетинги шабакавӣ хеле зарур мебошад, ки натиҷаи он дар диаграмма бо даромади доллари ИМА ба таври пурра нишон дода шудааст.



Диаграммаи 1. Даҳгона ширкатҳои пешсаф, ки фаъолияти кориашон тибқи шабака ба роҳ монда шудааст. (ҳисоби муаллифон дар асоси (mlm-pro.ru**))**

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ба фаъолияти маркетинг имкон медиҳад, ки муқаррароти муҳими зерин таҳия карда шаванд, ба монандӣ:

- маркетинг муносибати муназзам ба фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯш мебошад, ки воситаҳои муайяни техникӣ, молиявӣ, кадрӣ ва дигар воситаҳоро талаб мекунад;
- маркетинг дурнамои возеҳи амалҳоро барои истеҳсолкунандагони мол мекушояд ва имкони ба таври самарабахш татбиқ намудани онҳоро дорад;
- маркетинг бояд ба тамоми фаъолияти корхона тобеъ карда шавад, зеро танҳо идоракунии фурӯш натиҷа ба даст меорад;
- барои татбиқи амалии маркетинг схемаи ягонаи умумии ташкилӣ ва идоракунӣ вуҷуд надорад.

Шароити муосири бозор корхонаро дар назди зарурати доимо санҷиши фазои бозор мегузорад, то мавқеи худро дар бозор нигоҳ дорад ё имкониятҳои нав пайдо кунад. Ҳамин тариқ, корхона бояд доимо тадқиқот гузаронад.



Расми. 2. Мушкилоти маъмулӣ ҳангоми ташкили маркетинг.

Таъсиси маркетинг имрӯз вазифаи мураккабест, ки монеаҳои зиёде дорад. Мушкилот дар дарки вазифа аз ҷониби тобеон (омили инсонӣ), ки дар расми 2 ба таври муфассал нишон дода шудааст, ки назорат ва танзими ҷиддиро талаб мекунад. Онҳо хусусан ҳангоми

истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба назар мерасанд.

Раванди гузаронидани тадқиқоти маркетинг мавҷудияти марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро дар назар дорад, ки бо мураккабӣ ва хароҷоти молиявии худ фарқ мекунанд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ сохтани системаи таҳқиқоти маркетингӣ аз рӯи принсипҳои хароҷоти ҳадди аққал барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ҷараёни таҳлил, банақшагирӣ, амалисозӣ ва мониторинги самаранокии фаъолияти маркетинг, менеҷерон ба иттилооти гуногун ниёз доранд, аз ин рӯ ҳангоми ҷорӣ кардани маркетинг дар корхона барои дарёфти манбаъҳои иттилооти як муассисаи мушаххас таҳлили муфассали бозори иттилоот лозим аст. Айни замон, бозори хизматрасонии иттилоотӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба фурӯш ва хариди хадамоти иттилоотӣ мебошад.

Вазифаи аз ҳама сермасрафи фурӯшанда ҷамъоварии маълумот мебошад, ки ин маълумот аз манбаъҳои комилан гуногун ҷамъоварӣ карда мешавад. Усулҳои гуногуни ҷамъоварии маълумот захираҳои назаррасро талаб мекунанд. Ҳангоми ҷамъоварии маълумоти маркетингӣ тавсия дода мешавад, ки ба эътимоднокӣ, намояндагӣ ва беайбии онҳо диққат диҳад.

Тадқиқоти маркетинг бояд аз рӯи принсипҳои пайдарпайӣ, мураккабӣ, объективӣ, сарфакорӣ, мунтазамӣ, самаранокӣ, дақиқӣ сурат гирад (расми 3). Ҳар яке аз ин принсипҳо худ аз худ муҳим аст, аммо дар якҷоягӣ ва ҳамкорӣ гирифта шудаанд, ки онҳо ба таҳияи чунин таҳқиқоти маркетингӣ имкон медиҳанд, ки метавонанд заминаи боэътимоди қабули қарорҳои асоснок ва мулоҳизакоронаи идоракунӣ шаванд.

Расми. 3. Принсипҳои асосии тадқиқоти маркетингӣ

Тадқиқоти маркетингии бозор барои фаъолияти ширкат самаранокии зиёдтар дорад. Пойгоҳи додаҳо яке аз манбаъҳои мукаммал ва муассири иттилоот ба ҳисоб меравад. Дастрасӣ ба он, ки чандин маротиба самаранокии таҳқиқоти гуногунро афзоиш медиҳад, имконият медиҳад, ки қариб якбора мушкилоти маркетинг ҳал карда шавад.

Аксар вақт, корхонаҳо бо ҳолатҳое дучор меоянд, ки барои гузаронидани тадқиқот вақти кофӣ нест, зеро мушкили ба миён омада дахолати фаврии роҳбарро талаб мекунад ва тадқиқот миқдори зиёди вақтро талаб мекунад. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани натиҷаҳои назарраси маркетинг дар шароити захираҳои маҳдуд истифодаи технологияҳои муосири иттилоотие, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои оптималии иқтисодии корхона равона шудаанд, тавсия дода мешавад, зеро ҳалли мушкилоти мавҷудаи маркетинг бидуни истифодаи усулҳои таҳлилӣ душвор аст ва моделҳои қабули қарорҳо, иттилоот ва системаҳои дастгирии оқилонаи қарорҳо талаб мекунад. Рушди муосир ва мувофиқи маркетинг ин сохтани системаи ягонаи иттилоотии маркетинг бо модули системаи дастгирии қарорҳо ва истифодаи технологияҳои интернетӣ ҳамчун роҳи арзонтари ҷамъоварии маълумот мебошад.

Интернет ва технологияҳои муосири иттилоотӣ ба қобилият ва вазифаҳои системаи иттилоотии маркетинг таъсири назаррас доранд, зеро интернет ба шумо имкон медиҳад, ки табақаҳои васеи аҳолиро ба ҳамкорӣ ҷалб кунед. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки воридот, нигоҳдорӣ, тағирот ва таҳлили иттилоотро зуд ва

самаранок анҷом диҳед, ки ин фаъолияти шӯъбаи маркетингро ба таври назаррас беҳтар менамояд.

Дар тиҷорати муосир, қабули қарорҳои маркетинг метавонад як бартарии муҳими рақобат бошад. Фирмаҳо метавонанд аз рақибони худ бартарӣ дошта бошанд. Консепсияи идоракунии ба маркетинг нигаронидашуда назарияи анъанавии менеҷментро иваз мекунад, ки асосан зарурати таҳияи асосҳои консептуалии қабули қарорҳои маркетингиро муайян мекунад.

Назарияи қарорҳо як илми мураккаби байнисоҳавӣ мебошад, ки дар рушди он аз ҷониби иқтисоддонҳо, математикҳо, психологҳо, ҷомеашиносон ва ғайра саҳми калон гузоштааст. Усулҳо ва моделҳои математикӣ васеъ истифода мешаванд.

Унсури асосии маркетинг реклама ба ҳисоб меравад. Реклама-ин маълумотест, ки бо ҳар тарз ва дар ҳар шакл ва бо истифода аз ҳар гуна воситае, ки ба ҳама гуна доираи одамон равона карда шудааст.

Дар шароити имрӯза барои таҳияи рекламаи маҳсулот технологияи иттилоотӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ин донистани технологияи иттилоотӣ ва истифодаи он барои мутахассисони соҳа зарур мебошад. Одатан барои таҳияи реклама мутахассисони соҳаҳои зерин заруранд, ки он дар нақшаи навбари овалда шудааст.

Расми 4. Нақши мутахассисони гуногун дар таҳияи реклама

Чи тавре, ки аз нишондиҳандаҳои расми 5-юм бар меояд, дар ҳақиқатан барои таҳияи реклама мутахассисони соҳаҳои гуногун зарур аст.

Одатан мутахассисон бо истифода аз технологияи иттилоотӣ макони ҷойгиркунии рекламаро бо истифода аз шабакаи интернет муайян мекунанд. Иқтисодчиён самараи ҳар як намуди таблиғотро ҳисоб мекунанд. Чунин ҳисобкуниҳоро бо истифодаи ҷадвали электронӣ анҷом додан мумкин аст. Намунаи ин таҳияи нармафзор ҳама барномаҳои офисӣ мебошанд: Microsoft Word, Microsoft Excel, Microsoft PowerPoint. Барномаҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки зуд ва бо хароҷоти камтарин омода намудани таблиғот ва муаррифӣ карда шаванд [1, с.-59].

Тарроҳон якҷоя бо барномасозон шаклҳои визуалӣ ва садои таблиғотро эҷод мекунанд. Барои ин навъи кор технологияи иттилоотӣ истифода мешавад. Мисоли чунин технологияҳо муҳаррирони графикӣ мебошанд.

Нақши ҳуқуқшиносон дар ташаккули таблиғ санҷиши ҳуқуқии маълумоти интишоршуда ва инчунин мӯҳлати пешниҳоди он дар манбаъҳои гуногун мебошад.

Яке аз нақшҳои муҳим дар пешбурди маҳсулоти ширкат дар бозор ин тамғаи молӣ мебошад, ки он молҳои ширкатро муаррифӣ мекунад.

Зарурати таъсиси бренди ин ёфтани чунин тасвири графикӣ ё дигар тасвирест, ки тамоми маълумотро дар бораи маҳсулоти ширкат дар шакли писандидаи он инъикос хоҳад кард.

Истифодаи тасвирҳои визуалии брендҳо бо ёрии барномаҳои махсус ва замимаҳо имконпазир аст. Намунаи ин таҳияи иттилоот метавонад муҳаррирони графикӣ бошад. Имрӯзҳо, барномаҳои маъмултарин ва таъсирбахш Adobe Photoshop ва Microsoft PowerPoint мебошанд. Adobe Photoshop - муҳаррири графикӣ ва бисёрфункционалӣ бо интерфейси беихтиёрона. Ин барнома бо ёрии муҳаррир намудҳои гуногуни тасвирҳои рақамиро коркард карда метавонад, ки рангҳои тасвирро бо роҳҳои гуногун тавсиф кунанд. Ғайр аз он, ин барнома ба Шумо имкон медиҳад, ки бо маводи видеоӣ кор кунед. Нусхаи касбии Adobe Photoshop барои эҷоди аксҳо, видеоҳо, лоиҳаҳои мултимедиявӣ, тарроҳии графикии андоза ва веб-дизайн истифода мешавад. Ҳамин тариқ, бо истифода аз воситаҳои муҳаррир имкон дорад, ки версияи электронии бренд эҷод карда шавад.

Муҳаррири графикаи Microsoft PowerPoint ба Шумо имкон медиҳад, ки барои намудҳои гуногуни маҳсулот намоишҳои таблиғотӣ эҷод кунед. Бо шарофати асбобҳои ин барнома, ҳама гуна лоиҳаҳои тарроҳиро ҳал кардан мумкин аст. Нармафзори Power Point ба Шумо имкон медиҳад, ки бо истифода аз филтрҳои рассомӣ маҳсулоти ҷолиб барои таблиғоти ҷолибро созед.

Исбот шудааст, ки ҳангоми ташаккули стратегияи маркетинг, ширкатҳо назаррасанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои пешкаш намудани истеъмолкунандагони эҳтимолии созмон ва корхона имкониятҳои назаррасро дар бораи мол ва хизматрасонӣ дар шакли афзалият фароҳам меорад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ барои пешрафти брендҳо ва тамғаҳои молӣ мусоидат менамояд.

Маркетинги инноватсионӣ истифодаи муносибатҳои эҷодиро дар тамоми самтҳои фаъолияти корхона пешбинӣ ва ба ҷустуҷӯи идеяҳои нав ва амалӣ гардонидани онҳоро бо мақсади мукаммал намудани технология ва ташкили маҳсулоти рақобатпазир роҳнамоӣ менамояд.

Қайд намудан ба марид аст, ки маркетинги инноватсионӣ барои осон фаъолият намудани соҳибкорон як қатор мушкилотҳоро аз байн мебарад ба мисли кам сарф шудани вақт, ба тарзи осон ва бехатар пардохт намудани маблағ. Ҳамин тариқ моро зарур аст, ки барои бо самар рушд намудани соҳа сатҳи дониши иттилоотикунонии ҷомеаро баланд бардорем.

АДАБИЁТ

1. Ашуров М.Н. Роль информационных систем и технологий в развитии маркетинга /М.Н.Ашуров, Д.Кахори// Финансово-экономический вестник. 2019. № 1 (17). С. 56-62.
2. Бегмуродов С.Ш. Зарурати татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди сайёҳӣ/С.Ш.Бегмуродов, М.Н.Ашуров// Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 2022. № 1 (48). С. 201-207
3. Бозоров Ш.Ш. Маркетинг/Ш.Ш.Бозоров// китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Душанбе Эр-Граф2017, саҳ 424
4. Бозоров Ш.Ш. Соҳибкории инноватсионӣ/Ш.Бозоров, Б.Г.Сафаров, Б.Юнусов//китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Баҳманруд-2014, саҳ311
5. Курбонова Ф.Х., Султонов З.С. Формирование инфраструктурного обеспечения и развитие государственно-частного партнерства в сфере услуг в регионах Таджикистана/Курбонова Ф.Х., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2017. № 2 (71). С. 46-60.
6. Машокиров Ҷ.Н., Султонов З.С. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ/Машокиров Ҷ.Н., Султонов З.С.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. № 2 (31). С. 22-29.
7. Нефедова Е.А. Сетевые интернет-коммуникации как инструмент маркетинга/ Нефедова Е.А., Чернышева Ю.С.// наука и бизнес: проблемы и перспективы развития

предпринимательской деятельности. сборник статей международной научно-практической конференции. 2016. С. 155-158
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019
9. Пивоварова М.А. Когнитивная экономика - экономика, основанная на цифровых технологиях/ М.А.Пивоварова// Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. 2022. № 4 (62). С. 17-24.
10. Ускенов М. Стратегия развития инновационного маркетинга предприятия/ М. Ускенов, В. Сейтова , М. Арипходжаев, Р. Есимханова// Научные труды ЮКГУ им. М. Ауэзова. 2018. № 3 (47). С. 96-100
11. Хушмухаммадзода З. Методы прогнозирования экспорта и импорта товаров на примере Республики Таджикистан/З.Хушмухаммадзода, А.И.Сафаров, Ф.Х.Сохибов//Таджикистан и современный мир. 2016. № 4 (54). С. 235-252.
12. Шабакаи электронӣ - https://nonews.co/directory/lists/countries/global-innovation-index (15.12.2022)

УДК 336.1

Расулов Т.М.

МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ БУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба татбиқи механизмҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зинаи асосии он буҷети давлатӣ маҳсуб мешавад, баррасӣ гардидааст. Дар он таъкид шудааст, ки буҷети давлатӣ самтҳои мушаххаси хароҷот ва азнавтақсими маҷмӯи маҳсулоти дохилиро муайян менамояд ва ба сифати танзимгари самараноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат баромад мекунад. Ба ақидаи муаллиф, дар шароите, ки дар ҷумҳурӣ раванди шакливазкунии ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷамъият идома дорад, таҷрибаи дигар мамлакатҳо оид ба такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёт манфиати калонро доро мебошад. Бинобар ҳамин, бо дарназардошти истифодаи таҷрибаи пешқадам, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет аз ҷумлаи вазифаи асосии сиёсати молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: буҷети давлатӣ, баҳисобгирии даромаду хароҷотҳо, адабиёти илмӣ, баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши буҷет, раванди буҷа, меъёрҳои андозбандӣ.

Расулов Т.М.

СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ БЮДЖЕТНОГО УЧЕТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы, связанные с реализацией финансовых механизмов Республики Таджикистан, основным уровнем которых является государственный бюджет. Подчеркивается, что государственный бюджет определяет конкретные направления расходования и перераспределения валового внутреннего продукта и выступает действенным регулятором социально-экономического развития страны. По мнению автора, в условиях, когда в республике продолжается процесс трансформации всех жизненно важных сфер общества, большой интерес представляет опыт других стран по совершенствованию финансово-кредитного механизма экономиче ского

развития. Поэтому с учетом использования передового опыта, повышение эффективности бюджетных расходов считается одной из основных задач финансовой политики государства.

Ключевые слова: государственный бюджет, учет доходов и расходов, научная литература, учет исполнения бюджета, бюджетный процесс, нормы налогообложения.

Rasulov T.M.

ESSENCE AND FEATURES OF BUDGET ACCOUNTING IN THE REPUBLIC TAJIKISTAN

The article deals with issues related to the implementation of financial mechanisms of the Republic of Tajikistan, the main level of which is the state budget. It is emphasized that the state budget determines specific directions for spending and redistributing the gross domestic product and acts as an effective regulator of the country's socio-economic development. According to the author, in conditions when the process of transformation of all vital spheres of society continues in the republic, the experience of other countries in improving the financial and credit mechanism of economic development is of great interest. Therefore, taking into account the use of best practices, increasing the efficiency of budget expenditures is considered one of the main tasks of the state's financial policy.

Key words: state budget, income and expenditure accounting, scientific literature, budget execution accounting, budget process, taxation norms.

Баҳисобгирии буҷет низоми ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва умумиятдиҳии маълумотҳоро дар шакли пулӣ дар бораи дороиҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин амалиёти тағйирёбии ҳаҷми дороиҳо ва уҳдадориҳои зикршударо инъикос менамояд. Баҳисобгирии буҷет ҳисобот дар бораи иҷрои буҷет, тавозуни иҷрои буҷет, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва ёддошти тавзеҳотиро фаро мегирад. Хулоса, баҳисобгирии буҷет як нафъи баҳсобгирии муҳосибӣ мебошад, ки бо мақсади таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи иҷрои буҷет анҷом дода мешавад.

Дар адабиёти илмию назариявӣ ва таълимӣ таҳия ва баҳисобгирии буҷет ҳамчун воситаи муҳими инъикоси раванди иҷроиши буҷет, баҳисобгирии даромаду хароҷотҳо, воситаҳои пулии буҷетӣ, маблағгузории чорабиниҳо, фондҳо, захираҳо ва ҳисоббарориҳое, ки дар протсесси иҷроиши буҷет ва иҷрои харҷномаи муассисаҳои буҷетӣ ба вуҷуд меоянд, арзёбӣ гардидааст [8.44-49]. Бинобар ҳамин, самаранок, сариштакорона, оқилона ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷет, инчунин дар асоси қонунгузории амалкунанда ба таври мукаммал ва бехато ба расмият даровардани амалиётҳои иҷрошуда дар ҳуҷҷатҳои махсуси ҳисобдорӣ вазифаи асосӣ ва хеле пурмасъулияти шахсони мутасаддӣ ба ҳисоб меравад.

Бо сабаби афзоиши он ҳиссаи даромади миллӣ, ки тавассути низоми буҷети давлатӣ аз нав тақсим карда мешавад, ҷомеа нисбати рушди устувор, равандаҳои ташаккулу афзоиши даромади давлат, асоснокии он, шаффофияти хароҷоти давлатӣ, ба тараққиёти дарозмуддат ва баҳисобгирии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Ба таври дигар гӯем, буҷет, низоми идоракунии сатҳҳои гуногуни он, сиёсати ташаккули даромади буҷет ва ҳамчун танзимкунандаи рушди иқтисоди мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, он бояд таъмини ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрван донро дар бобати сари вақт бархӯрдор гардидан аз хизматрасониҳои мухталифи тиббӣ, маърифатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирад.

Дар китоби «Роҳнамои буҷет» ҷанбаҳои норавшани буҷет чунин тавзеҳ дода шудааст. «Вазифаи сиёсати буҷетии давлат, мухтасар карда гӯём, таҳия ва иҷрои усулҳои ташаккули манбаъҳои асосии даромад, муайян кардани афзалиятҳо дар маблағгузории хароҷоти давлатӣ ва касри буҷет мебошад. Ин вазифаҳо ба танзими фаъолонаи равандҳои

иқтисодӣ, таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, рушди муҳити солими рақобатӣ дар бахшҳои иқтисод ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона гардидаанд» [4. 37].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар кишварҳо, раванди муайян кардани ҳадди ниҳоии хароҷотҳо ва таҳияи лоиҳаи буҷет ба сифати марҳилаи нозук ва муқаддамотӣ эътироф гардидааст. Лоиҳа дар асоси дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо мақсади таъмини уҳдадориҳои хароҷотӣ таҳия мегардад. Нақшаи молиявии миёнамуҳлат бояд дорои чунин мушаххасот бошад: ҳаҷми умумии даромадҳо ва хароҷоти пешгӯишаванда, ҳаҷми кумакҳои беҷетӣ аз рӯйи тақсимкунандаҳои асосӣ, меъёрҳои пардохти андоз ба буҷет, дефитсит ва профитсити буҷет.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷет ба таври ҳатмӣ ҳуҷҷатҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, самтҳои асосии сиёсати буҷетию андозӣ, барномаҳои давлатӣ ва ғайра.

Дар қонун дар бораи буҷет мушаххасоти асосии буҷет, аз ҷумла ҳаҷми даромади буҷет, хаҷми умумии хароҷот, каср (дефитсит) ва барзиёдии (профитсити) буҷет ва дигар нишондиҳандаҳо зикр карда мешаванд. Инчунин дар қонуни зикршуда рӯйхати маъмурони асосии даромадҳо, маъмурони асосии пӯшонандаи касри буҷет нишон дода шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ Дастурамал дар бораи баҳисобгирии буҷет таҳия ва қабул гардидааст, ки тамоми ташкилотҳо ҳангоми пешбурди корҳои молиявӣ талаботи онро ба ҳисоб мегиранд. Дар ин ҳуҷҷати муҳим тартиби ба ҳисоб гирифтани амволи мавҷуда, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, инчунин тартиботи ислоҳ намудани хатогиҳои дар ҷараёни корбарӣ рухдода муайян карда шудааст [3].

Манбаи асосии даромадҳои ҷории даромадҳои буҷет давлатиро андозҳо ва пардохтҳо ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо барои таъмини талаботи ҷорӣ истифода бурда мешаванд. Маъмулан пардохтҳои ҳатмии ғуншуда барои маблағгузории инфрасохтори давлатию иҷтимоӣ (мақомоти қудратӣ, роҳҳои нақлиётӣ, алоқа, хизматрасонии тиббӣ, маориф ва нафақа сарф карда мешаванд.

Вале бояд ҳаминро дар хотир дошт, ки дар сиёсати молиявию буҷетии кишвар рӯй додани тағйироти босуръати андозситониҳои гуногун сабаби пайдоиши муаммоҳои гаронии таъсири андозҳо ба рушди соҳибкорӣ, кам шудани манбаи андозбандӣ ва заифии рушди иқтисодӣ шуда метавонад. Бинобар ҳамин, лозим аст, ки меъёрҳои андозбандӣ барои давраи дарозмуддат ҳаддалимкон бе тағйироти афзуншаванда сурат гирад. Чунин муносибати мақомоти дахлдори давлатӣ имконият медиҳад, ки сармоягузо рони дохиливу хориҷӣ барои иҷрои лоиҳаҳои қаблан интихобнамудаашон ба таври ҷиддӣ ва қатъӣ тасмим бигиранд ва иқдомоташонро то охир идома диҳанд. Дар натиҷа дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба баҳрабардорӣ супурдани иншоотҳои банақша гирифташуда барои ба буҷети мамлакат ворид гардидани маблағҳои бештар мусоидат хоҳад намуд. Ин нуктаро муҳаққиқон дар асарҳои худ зикр кардаанд. «Сатҳу сифати самаранокии захираҳои молиявии буҷетиро низоми андозу таркиби онҳо ва фаъолияти маъмурони ба ҷамъоварии пардохтҳо вазифадоркардашуда аз як тараф инъикос менамоянд, - навиштаанд Г. Оймаҳмадов, Ғ. Расулов ва А. Оймаҳмадов, - аз тарафи дигар, ба рушди соҳибкориҳои ба инноватсия нигаронидашуда мутобиқат кардани фаъолияти соҳибкасбони сохторҳои овардашударо нишон медиҳад. Суръати изофарушди ММД ба ҳамин омилҳо вобастагӣ дорад [4. 44].

Вале ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ низ батадриҷ такмил меёбанд. Масалан, вобаста ба тақозои замон сари ҳар чанд муддат дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тагйироту иловаҳо ворид карда мешаванд, ки онҳо барои сабук гардидани сарбориҳои андозии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Масалан, соли 2005 меъёрҳои андози даромад аз 30 фоиз то 25 фоиз кам карда шуд. Илова ба ин, бо мурури солҳо дар маҷмӯъ барои дастгирии истеҳсолкунандагон дар мамлакат зиёда аз 240 адад сабукиҳо пешбинӣ гардида, шумораи эъломияи андоз ва пардохтҳои андозӣ ба таври назаррас кам карда шуданд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба иҷроиши вазифаҳои давлат вобаста мебошад. Бо ёрии тақсими хароҷотҳои буҷети давлатӣ ғуншавӣ ва муттаҳидшавии захираҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад, ки онҳо барои ҳалли вазифаҳои муҳими давлат, ба монанди молиякунонии хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, таъмини молиявии уҳдадории иҷтимоии давлат истифода мегарданд. Ташаккулёбии хароҷотҳои низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи хароҷотҳои уҳдадориҳои буҷетӣ амалӣ мешавад. Хароҷотҳои буҷетӣ барои ташаккули рушди иқтисодӣ, дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани тараққиёти устувор низ таъсири мусбат мерасонанд.

Самтҳои муҳими хароҷоти буҷети давлатӣ дар даврaҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуҳлат ба принсипҳои сиёсати ичтимоӣ такя менамояд, ки сиёсати имрӯзаи хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли ҳамин масъала равон карда шудааст. Омӯзиши буҷети давлатии соли 2020 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати пешгирифтаи давлат оид ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ сурат гирифтааст, яъне яъне 48 фоизи хароҷот ба бахшҳои иҷтимоӣ сарф шудааст.

Банақшагирии миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар мамлакат имконият фароҳам овард, ки фаъолияти низоми буҷети сол то сол беҳтар гардида, низоми он такмил ёбад. Дар ин бобат махсусан «Стратегияи рушди молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2009-2018»-ро зикр кардан ҳастем. Стратегияи зикршуда ҷиҳати устувор гардидани молияи давлатӣ, ба таври самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷуда заминаҳои мусоид ба вуҷуд овард.

Дар зербоби 3.5 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ масъалаҳои ташкиди оқилонаи фаъолияти муассисаҳои молиявии мамлакат инъикос ёфтаанд. Дар ин ҳуҷҷати муҳим мушкилоти мақомоти молиявӣ нишон дода шудаанд. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки то ҳанӯз аз пасандозҳои аҳолӣ барои сармоягузорӣ пурра истифода бурда намешавад, муассиҳои молиявӣ номгӯи маҳдуди хизматрасониро анҷом медиҳанд, махсусан, дар бахши воқеии иқтисодиёт дивесификатсияи маблаггузориҳо кам ба назар мерасад. Аз ҷумлаи норасоиҳо инчунин бо фоизи баланд қарздиҳии бонкҳо, зиёд будани хавфҳои мавҷуда барои онҳо, дар сатҳи номукаммал қарор доштани идораи корхонаҳои корпоративӣ зикр ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар даврaҳои аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми буҷет хеле кам ва маблаггузориҳо нокифоя буданд. Масалан, соли 1991 даромади буҷети мамлакат ҳамагӣ 6,1 млн. сомониро ташкил медод. Дар давраи минбаъда муносибатҳои молиявию идоракунӣ ва истеҳсолӣ такомул ёфта, иқтисоди мамлакат рӯ ба инкишоф ниҳод. Мутаносибан ҳаҷми буҷет низ зиёд гардид [7, 70-74].

Дар стратегия шаш афзалияти таъминоти рушди иқтисодиёти мамлакат номбар карда шудаанд, ки таҳкими иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ, гуногуннавъсозии маблаггузории дарозмуддат барои бахшҳои воқеии истеҳсолот, зиёд намудани хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ях хусусияти хоси стратегия фарогири самтҳои фаъолияти бахши молиявӣ будани он дар давраи дарозмуҳлат аст. Такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои фаъолият, таъмини шаффофият ва эътимоднокӣ дар ҳуҷҷатҳо, вусъати низоми кафолатдиҳӣ тавассути суғурта, танзими масъалаҳои андоз ва дастгирии соҳибкорӣ ҳамчун вазифаҳои муҳим муайян гардидаанд.

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки қисми таркибии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 мебошад, нишон медиҳад, ки бисёр вазифаҳои гузошташуд, доир ба мутобиқи стандартҳо ташкил намудани фаъолияти бонкҳо, ба низом даромадани фаъолияти ташкилотҳои қарздиҳии хурд, беҳтар дастрас гардидани хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолии кишвар, самаранок шудани фаъолияти бахши молиявӣ дар амал татбиқ гардидаанд [1, 57-60].

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар бораи комёбиҳои бахши молиявӣ, таъминоти суботи он, чораҳои солимгардонии муассисаҳои бонкӣ, таҳия ва қабули стратегияҳои идоракунии молияи давлатӣ, қарзи давлатӣ, рушди бозорҳои коғазҳои қиматнок маълумот оварда шуда, тараққиёти нокифояи маблағгузораи сметавӣ, алоқамандии нокифояи ҷараёни буҷетӣ бо банақшагирии стратегӣ, мукаммал набудани низоми ояндабинӣ қайд карда шудааст [2,76-77].

Солҳои охир таҷрибаи ташаккулдиҳии буҷети ба натиҷанокӣ нигаронишуда мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Вобаста ба ҳамин мавзӯъ вомбаргҳои давлатии барои бунёди нерӯгоҳи оби барқии Роғун интишоршударо қайд кардан бамаврид аст. Фурӯши коғазҳои қиматноки ёдрасшуда имконият доданд, ки корҳои сохтмонӣ дар ҳаҷми зиёд анҷом дода шуда, иншоотҳои алоҳида ба баҳрабардорӣ супурда шаванд ва барқи нисбатан арзон ба субъектҳои иқтисодӣ сари вақт дастрас гардад.

Мавриди зикр аст, ки дар Тоҷикистон сиёсати таҳкими буҷет боз ҳам идома ёфта, дар соли 2022 хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ 14,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки он назар ба нишондиҳандаи соли 2018 62 фоиз зиёд мебошад. Дар соли 2023 тибқи ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст, тамоми пардохти андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда хоҳад шуд [6].

Дар баробари ин стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар амалия татбиқ гардиданд. Мушкилоти асосии сиёсати буҷетии ҳозира дар фароҳам овардани шароити беҳтари истеҳсолӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва татбиқи технологияҳои зоҳир мегардад. Ба нақша гирифта шудааст, ки минбаъд низ ба маблағгузории илму маориф, ташкили шароити мусоид барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии таълимӣ, таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи онҳо дар иқтисодиёт таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, дар ояндаи дарозмуддат низ дар банақшагирии нишондиҳандаҳои вобаста ба ҳолати макроиқтисодӣ дар буҷети давлатӣ (қисми даромад ва хароҷот) тағйиротҳои назаррас гузаронида шавад. Ҳамин тавр, дар оянда хароҷоти самараноки буҷет ҳамчун омили суръат бахшидани рушди иқтисодӣ истифода бурда хоҳад шуд.

Маълум аст, ки ислоҳоти раванди буҷет, бе тағйирот дар методология ва фаъолияти мақомоти молия ғайри имкон аст. Дар ин раванд, махсусан хусусияти инноватсионии рушди буҷети давлатӣ дар шароити ҳозираи ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии молиявӣ аҳамияти боз ҳам бештар пайдо менамояд. Модернкунонии молияи давлатӣ яке аз афзалиятҳои фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мравад. Робитаҳои мутақобилаи соҳаи макроиқтисод ва идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар маркази диққат қарор мегиранд. Вобаста ба шароити бавуҷудомада аз дастовардҳои илму техникаи ҳозиразамон, махсусан технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Такмили баҳисобгирии буҷети мамлакат ва идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ заминаҳои заруриро барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди устувор фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Душанбе, 2016.
2. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Душанбе, 2021.
3. Дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи буҷет ва дурнамо. Душанбе, 2018.
4. Каримова Р.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. “Роҳнамои буҷет”. Душанбе, 2012. С. 37]

5. Оймаҳмадов Г.Н., Расулов Ғ., Оймаҳмадов А. Г. Таъсири мутақобилаи буҷет самаранокии истифодабарии захираҳои молиявию буҷетӣ ба изофарушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ. /Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2020, № 3 (32). С. 44
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 23 декабри соли 2022, Шарқи озод", 2022].
7. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Душанбе, 2016. С. 89-93.
8. Трошин А.Н., Мазурина Т.Ю., Фомкина В.И. Финансы и кредит. Учебник. М.: ИНФРА –М, 2004. С. 44-49.

УДК 338.24+338.43(575.3)

Раҳимов З.С.

САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ИҚТИСОДИЁТ БА СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба самтҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт ба соҳаи гидроэнергетика мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд гуфт, ки ҳамаи тадбирҳои зикршуда оид ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт бояд ба тадбирҳои кӯтоҳмуддат вобаста карда шаванд. Татбиқи онҳо дар кишвар шарти зарурӣ, вале нокофии беҳбуди фазои сармоягузорӣ мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки инчунин зарур аст, ки тадбирҳо оид ба таҳвият додани фаъолияти сармоягузорӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат андешида шаванд. Дар оянда барои беҳбуди ҷиддии фазои сармоягузорӣ, афзоиши истеҳсолот ва ҳосилнокӣ, дигаргуниҳои сохтории иқтисод вобаста ба баробар кардани шароити рақобат ва либерализатсияи минбаъдаи он, ниҳоят муҳиманд. Корхонаҳои бесамар набояд аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти маҳаллӣ мустақимё бавосита дастгирӣ карда шаванд.Субсидияи байниҳамдигарӣ бояд кам карда, барои тезондани раванди навсозии иктисодиёт ба ширкатҳои пурқуввату самарабахш афзалият дода шавад.

Калимаҳои калидӣ: Тадбирҳо, ҷолибият, сармоягузори, иқтисодиёт, кӯтоҳмуддат, кишвар, миёнамӯҳлат, дарозмуддат, беҳбуди, истеҳсолот, ширкатҳо, самарабахш, афзалият, корхонаҳо

Рахимов З.С.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ИНВЕСТИЦИЙ В ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИЙ СЕКТОР

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с основными направлениями повышения инвестиционной привлекательности экономики в сфере гидроэнергетики.Следует сказать, что все указанные меры по повышению инвестиционной привлекательности экономики должны быть связаны с краткосрочными срочные меры. Их реализация в стране является необходимым, но недостаточным условием улучшения инвестиционного климата. Автор отмечает, что также необходимо принять меры по усилению инвестиционной активности в среднесрочной и долгосрочной перспективе. В перспективе для серьезного улучшения инвестиционной среды, увеличения производства и производительности чрезвычайно важны структурные изменения экономики, связанные с

выравниванием условий конкуренции и ее дальнейшей либерализацией. Неэффективные предприятия не должны прямо или косвенно поддерживаться государством и местными органами власти, должны быть сокращены взаимные субсидии и отдан приоритет сильным и эффективным предприятиям для ускорения процесса модернизации экономики.

Ключевые слова: Меры, привлекательность, инвестиции, экономика, краткосрочная, страна, среднесрочная, долгосрочная, совершенствование, производство, компании, эффективные, предпочтения, предприятия.

Rakhimov Z.S.

MAIN DIRECTIONS FOR INCREASING THE ATTRACTIVENESS OF ECONOMIC INVESTMENTS IN THE HYDROPOWER SECTOR

This article discusses issues related to the main directions of increasing the investment attractiveness of the economy in the field of hydropower. It should be said that all these measures to increase the investment attractiveness of the economy should be associated with short-term urgent measures. Their implementation in the country is a necessary but not sufficient condition for improving the investment climate. The author notes that it is also necessary to take measures to strengthen investment activity in the medium and long term. In the long term, for a serious improvement in the investment environment, an increase in production and productivity, structural changes in the economy related to the leveling of competition conditions and its further liberalization are extremely important. Inefficient enterprises should not be directly or indirectly supported by the state and local governments, mutual subsidies should be reduced and strong and efficient enterprises should be given priority to accelerate the process of economic modernization.

Key words: Measures, attractiveness, investment, economy, short-term, country, medium-term, long-term, improvement, production, companies, efficient, preferences, enterprises.

Бояд қайд кард, ки дар баробари афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ зарурати истифодаи маблағҳои калоне ба миён меояд, ки бояд барои иваз намудани қисми зиёди таҷҳизотҳои имруз истифодашаванда, ки аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисман кӯҳна шудаанд, дорои самаранокии паст мебошанд ва таъсири манфӣ ба муҳити зист мерасонанд, ҷудо карда шаванд. Дар баробари ин, ҳамон мушкилоти коҳиши фаъолияти сармоягузорӣ ба бахши гидроэнергетикӣ, мисли дигар бахшҳои иқтисодиёт хос аст. Ҳамин тариқ, имрӯз омилҳои зерин ба воридшавии сармояи хусусии миллӣ ва хориҷӣ ба соҳаи сармоягузорӣ монеъ мешаванд: таваррум, номукаммалии қонунгузорӣ, рушди сусти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, таъминоти нокифояи иттилоотӣ. Алоқамандии ин мушкилот таъсири манфии онҳоро ба вазъи сармоягузорӣ зиёд мекунад. Ғайр аз ин, муддати тӯлонии сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ, инчунин арзиши баланди сохтмони онҳо фаъолияти сармоягузориро дар ин соҳаи хоҷагии халқ низ коҳиш медиҳанд. Дар хусуси сармоягузории хориҷӣ бошад, дар ин бобат қайд кардан лозим аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир кушиш мекунад, ки ба манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ таваҷҷуҳ намояд. Чуноне, ки дар паёми президенти ҷумҳурии тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам эмомалӣ раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021)- қайд шудааст «ҳоло барои рушди минбаъдаи соҳа татбиқи 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 16,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Имрӯз дар кишвари мо 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол гардида, тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад».

Сиёсати расмии давлат дастгирии сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад, аммо дар амал ширкатҳои хориҷӣ дар кӯшиши сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, бениҳоят душворӣ мекашанд. Қонунгузории ватанӣ заминаи муътадил надорад, фаъолияти тиҷоратӣ ба

монеаҳои зиёди бюрократӣ дучор мешавад. Таҳлили омилҳои гуногуне, ки ба ҷараёни сармоягузорӣ ба кишвари мо, бахусус сохтмони гидроэнергетикӣ халал мерасонанд, инчунин самтҳои пешниҳоднамудаи муаллифони гуногун, ки ба фазои сармоягузорӣ мусоид мебошанд.

Вазъи муътадили сиёсию иқтисодии тоҷикистон, пеш аз ҳама, шароити муътадили берунии рушд ва ҳаёти муътадили дохилии сиёсӣ ба рушди иқтисод ва тавозуни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин, бинобар осебпазир будани иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бозорҳои байналмилалии захираҳои сармоягузорӣ, ҳар сол дар соҳаи энергетика мушкилотҳо ба миён меоянд. Дар ҳоли ҳозир бонки ҷаҳонӣ иқтисодиёти тоҷикистонро дар раддабандӣ, ки дар он 183 кишвари ҷаҳон ҳузур доранд, дар ҷои 126-ум қарор додааст [1] (ҷадвали .1).

Ҷадвали.1. Рейтинги дурнамо ва ҷолибияти нишондиҳандаҳои иқтисодиёти ҷумҳурии тоҷикистон, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2019 мусоидат мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои бонки ҷаҳонӣ.

Категорияҳо	Db 2019 дар муддати 8 моҳ. Рейтинг	Db 2019 дар муддати 8 мес. Нишондиҳанда	Db 2018 рейтинг	Db 2018 нишондиҳанда	Тағйирот дар нишондиҳандаҳо
Бизнес	126	57.11	123	57.03	+ 0.08
Бақайдгирии ширкатҳо	60	90.70	57	90.54	+ 0.16
Гирифтани ҳуқуқи гузаронидани корҳои сохтмонӣ	135	61.26	136	61.21	+ 0.05
Бақайдгирии моликият	91	63.86	90	63.50	+ 0.36
Гирифтани қарз	124	40.00	122	40.00	Тағйирот мушоҳида нашудааст
Ҳимояи сармоягузорон	38	66.67	33	66.67	Тағйирот мушоҳида нашудааст
Андозбандӣ	136	61.35	132	61.76	- 0.41
Тиҷорати байналхалқӣ	148	59.06	149	57.17	+ 1.89
Кафолати иҷрои созишномаю шартномаҳо	61	62.56	61	62.56	Тағйирот мушоҳида нашудааст
Барҳам додани ширкатҳо	146	30.90	148	31.89	- 0.99

Сарчашма: http://russian.doingbusiness.org/rankings

Сармоягузориҳои хориҷӣ яке аз омилҳои афзоиши гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ мебошанд, ки минбаъд ба тағйирёбии сохтор ва динамикаи рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти аҳамияти махсуси ҷалби сармоягузориҳо (ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ) дар соҳаи гидроэнергетика, суғуртаи давлатии сармоягузорӣ аз хатарҳои ғайритиҷоратӣ, метавонад барои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар ин соҳа нақши мусбат бозад. Шарти муҳим, ки барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо зарур аст, ташаккули маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои доимӣ ва маъруф мебошад, ки тавре таҳия шуда бошанд, ки сармоягузорони эҳтимолӣ чӣ гуна ин қоидаҳо татбиқ карда мешаванд ва ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд, дарк ва пешгӯй кунанд. Бо дарназардошти он, ки дар ҷумҳурӣ, ки дар ҷараёни ислоҳоти пайваста қарор дорад, низоми ҳуқуқӣ ноустувор буда, эҳтиёҷоти кишвар ба сармоягузориҳои хориҷӣ назаррас аст, бояд низоми ҳуқуқие, ки фаъолияти сармоягузориро таъмин менамояд, такмил дод. Дар паёми президенти ҷумҳурии тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам эмомалӣ раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2020), таъкид шудааст, ки «бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии тоҷикистон «солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд» [3]. Ҳалли ин масъала, яъне давраи панҷсолаи таъмини рушди саноат, пеш аз ҳама аз тараққиёти соҳаҳои гидроэнергетика вобаста аст. Барои ин дар ояндаи наздик бо қабули таҳрири нави қонун дар бораи сармоягузориҳо, қонун дар бораи консессияҳо ва қонун дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бояд заминаи ҳуқуқии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ такмил дода шавад, то устувории фаъолияти сармоягузориро, камаш барои 5-10 соли наздик, таъмин намояд. Дар баробари ин, таърифи ҳуқуқии моликият ба замин, низ метавонад нақши муҳим бозад.

Барои осон кардани дастрасии сармоягузорони хориҷӣ ба иттилоот дар бораи вазъи бозори сармоягузорӣ, бояд маркази давлатии мусоидат ба сармоягузориҳо таъсис дода шавад, то ки бонки ташкилкунандаи таклифҳо оид ба объектҳои сармоягузорӣ самараноктар ва ошкоро амал кунад.

Ҳамин тариқ, барои тадбиқи иқтисодиёт ва фаъол гардонидани фазои сармоягузорӣ, қабули як қатор тадбирҳои қатъи зарур аст, ки ба ташаккули дар кишвар, ҳам шароитҳои умумӣ барои рушди муносибатҳои мутамаддини бозорӣ ва ҳам шароитҳои махсус, равона шудаанд, ки бевосита ба ҳалли мушкилоти ҷалби сармоя ба сохтмони дарозмуддати гидроэнергетикӣ алоқаманданд.

Дар байни тадбирҳои дорои хусусияти умумӣ, марбут ба муътадил гардондани иқтисодиёт дар умум, аввалиндараҷа инҳо мебошанд:

- ноил шудан ба ризоияти миллӣ байни гурухҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия;
- паст кардани сатҳи таваррум бо тамоми тадбирҳое, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маълуманд, ба истиснои напардохтани музди меҳнат;
- аз нав дида баромадани қонунгузории андоз дар самти соддагардонии он ва ҳавасмандгардонии истеҳсолот;
- сафарбар намудани маблағҳои озоди корхонаҳо ва аҳолӣ барои эҳтиёҷоти сармоягузорӣ бо роҳи баланд бардоштани меъёрҳои фоизӣ аз рӯи депозитҳо ва амонатҳо;
- додани имтиёзҳои андоз ба бонкҳо, сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ, ки сармоягузории дарозмуддатро барои пурра ҷуброн кардани талафот аз гардиши сусти сармоя нисбат ба дигар самтҳои фаъолияти онҳо, анҷом медиҳанд;
- ташаккули бозори умумии кишварҳои идм бо ҳаракати озоди мол, сармоя ва қувваи корӣ;
- интихоби самтҳои бештар ояндадор барои сармоягузорӣ, ки яке аз онҳо бояд сохтмони гидроэнергетикиро дар бар гирад.

Дар байни тадбирҳои аввалиндараҷаи фаъол намудани фазои сармоягузорӣ инҳоро

бояд қайд кард:
- қабули қонунҳо дар бораи консессияҳо ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- ташкили низоми қабули сармояи хориҷӣ, ки шабакаи васеъ ва рақобатпазири институтҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғуртавиро дар бар мегирад, ки сармояи хориҷиро аз хатарҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ суғурта мекунанд, инчунин марказҳои иттилоотӣ-миёнаравие, ки ба интихоб ва фармоиш додани лоиҳаҳои барои ҷумҳурӣ актуалӣ, ва ҷустуҷӯи сармоягузороне, ки дар татбиқи онҳо ва барасмиятдарории саривақтии муомилоти «таҳти калид» манфиатдор мебошанд, машғуланд;
- дар мӯҳлати кӯтоҳтарин таъсис додани системаи миллии мониторинг ва арзёбии фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ;

Ба андешаи як қатор иқтисоддонҳои варзидаи ҷумҳурӣ, агар тадбирҳои дар боло зикршуда аз ҷониби ҳукумат дар ояндаи наздик андешида шаванд, пас онҳо ба ворид шудани сармояи ватанию хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла сохтмони гидроэнергетика мусоидат хоҳанд кард.

Шарти зарурии фаъолияти сармоягузорӣ сатҳи пасти таваррум, инчунин пешгӯии рафтори нарҳҳо дар иқтисодиёт мебошад. Аз ин ру, пеш бурдани сиёсате, ки ба пастшавии устувори таваррум ва интизориҳои таваррум нигаронида шудааст, вазифаи мухимтарин мемонад. Минбаъд ҳам пурзур намудани назорат аз болои даромад ва хароҷоти буҷет талаб карда мешавад. Маблағҳои пулии солҳои охир ҷамъшударо дуруст ва самаранок истифода бурдан лозим аст.

Имкониятҳои ҷалби сармоягузориҳои нав бештар аз сифати сиёсати берунии иқтисодӣ ва гумрукӣ вобастаанд. Такмил додани санадҳое, ки ба соҳаи савдои берунӣ ва низоми гумрукӣ дахл доранд, бо назардошти талаботҳои сҷт. Тартиби танзими гумрукии воридоти мол ба қаламрави таҳти низоми воридоти муваққатиро содда кардан лозим аст. Инчунин бояд тартиби танзими расмиёт ва шумораи тасдиқҳо, иҷозатномаҳо ва додани шартҳои техникӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ содда карда шавад.
Бо кишварҳои идм ташкили минтақаи озоди савдоро тезондан лозим аст. Дар методикаи ҳисоб кардан барои маҳсулоти ниҳоӣ, ҳарчӣ зудтар гузаштан ба амалияи ҷаҳонӣ, ба мақсад мувофиқ аст: содирот бо меъёри сифр андозбандӣ карда шавад. Барои ашёи хом ва интиқолдиҳандаҳои энергия муваққатан нигоҳ доштани тартиби муқарраршудаи ҳисоб кардани андоз аз арзиши иловашуда афзалтар аст. Танзими асъор такмили назаррасро талаб мекунад, ки дар доираи он гузаронидани чораҳои зерин зарур аст:
- бекор кардани иҷозатномадиҳии воридоти сармояи хориҷӣ ба қаламрави ҷумҳурӣ. Барои ин ба қонуни ҷумҳурии тоҷикистон «дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» бояд тағйиротҳои дахлдор ворид карда шаванд;
- ҷорӣ намудани тартиби огоҳсозӣ барои бақайдгирии сармоягузориҳои хориҷӣ (аз ҷумла амалиётҳои асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя), ба истиснои мусодираҳои муқаррарнамудаи қонун;
- соддагардонии додани кредити андоз ва озод кардан, ба он сармоягузороне, ки тибқи қонун ба ин ҳуқуқ доранд.

Барои ҷалби сармоя инчунин бояд аз системаи регрессивии андозбандии даромад ба системаи прогрессивӣ, ки дар фоида асос ёфтааст – системае, ки ошкоро идора карда мешавад ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда мешавад, гузаштан лозим аст. Чунин гузариш имкон медиҳад, ки даромадҳои давлат дар давраи баланд будани нарҳҳо ҳифз карда шаванд ва иқтидори саноати истихроҷ дар давраи паст будани нарҳҳо нигоҳ дошта шавад.

Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи муҳити атроф бояд содда карда шаванд ва ба стандартҳои байналмилалии экологӣ мутобиқ карда шаванд.

Ҳифзи ҳуқуқи моликият бояд таъмин карда шавад. Зарур аст, ки барои боздоштани амалҳои сармоягузорони мажоритарӣ ва роҳбарони ширкатҳо оид ба поймол кардани ҳуқуқи моликияти ақаллияти саҳмдорон, шароит фароҳам карда шавад, инчунин ба қонун

«дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» тағйиротҳои дахлдори, истиснокунандаи суистифода аз ҷониби аксарияти сармоягузорон ва шӯрои директорон, ворид карда шаванд. Барои тасдиқи меъёрҳои одоби тиҷоратӣ ин гуна ҳодисаҳо бояд васеъ ошкор карда шаванд. Ҳуқуқҳои ақаллияти саҳмиядорон ва аутсайдерон бояд ба таври қонунӣ, махсусан дар масъалаҳои дастрасӣ ба иттилоот, ташкили маҷлисҳои саҳмдорон ва намояндагӣ дар шӯрои директорон васеъ карда шаванд. Ҷорӣ кардани маҳдудияти шумораи ҷойҳо дар шурои директорон барои соҳиби бастаи назоратӣ, ба мақсад мувофиқ аст. Кушишҳои «пароканда кардани» сармоя бояд катъиян пешгирӣ карда шуда, дар воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос карда шаванд. Барои ҳифзи харидорони поквиҷдони қоғазҳои қиматнок аз амалҳои мақомотҳои ҳокимият хангоми ошкор намудани вайронкунии қонун дар раванди барориш, инчунин амалиётҳои қаблӣ бо ин ҳуҷҷатҳои молиявӣ, бояд чораҳои иловагӣ андешида шаванд. Қогазҳои қиматнокро беэътибор донистан мумкин нест, агар хисобот дар бораи натиҷаҳои барориши ин қогазҳои қиматнок бо тартиби муқарраршуда дар мақомоти дахлдори бақайдгирӣ ба қайд гирифта шуда бошад. Аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок ва ташкилотҳои худтанзимкунӣ таъсис додани фондҳои ҷубронӣ бояд ҳавасманд карда шавад, ки аз онҳо талафотҳои сармоягузорон, ки бо гуноҳи брокерҳо, бақайдгирандагон, депозитарийҳо ва дигар институтҳои инфрасохторӣ ба вуҷуд омадан, ҷуброн карда мешуданд. Зарур аст, ки асосҳои қонунии чораҳои вобаста ба муфлисшавии корхонаҳо зудтар анҷом дода шаванд. Дар навбати аввал бояд муайян кардани асосҳои оғози тартиби муфлисшавӣ ва ҷанбаҳои зерини ин тартиб муфассалтар баён карда шаванд:
- маҳдуд намудани рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иҷрои вазифаҳои мудири берунаро доранд;
- баланд бардоштани қобилияти корхонаҳо барои муҳофизат аз муфлисшавии ғайриқонунӣ оғозёфта ва пешгирии истифодаи муфлисшавӣ бо мақсади забти моликият.

Дар баробари ин, оғоз намудан ва гузаронидани расмиёти муфлисшавиро нисбат ба корхонаҳои ҳақиқатан муфлисшуда якбора тезондан лозим аст. Ҷавобгарии ҷиноӣ ва маъмуриро барои амалҳое (ё беамалӣ), ки боиси вайрон шудани манфиатҳои сармоягузорон, пеш аз ҳама сармоягузорони мустақими хориҷӣ мегарданд, пурзӯр кардан лозим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бисёр мавридҳо ногузирии вайронкунӣ назар ба вазнинии ҷазои имконпазир тахдиди таъсирбахштар аст.

Диққати махсус бояд ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дода шавад. На танҳо тамғаҳои молии ба қайд гирифташуда, патентҳои додашуда, маҳсулотро аз қалбакӣ муҳофизат кардан зарур аст, балки чи тавре, ки қонун пешбинӣ кардааст, барои тақлид ба ном, ранг, ороиш, ба ҷавобгарӣ кашидан лозим аст.

Озодии ворид шудан ба бозор яке аз омилҳои муҳими беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Технологияеро дар асоси принсипи «равзанаи ягона» таҳия кардан лозим аст, ки барои соҳибкор ба як инстансия муроҷиат кардан кифоя аст, то дар як муддати нисбатан кӯтоҳи чанд рӯз, иҷозат ё радди асоснок шуда, гирад. Дар баробари ин таъсиси як ниҳоди мустақили муроҷиатҳо муҳим аст. Албатта, барои ҷорӣ намудани чунин тартиб ба санадҳои қонунгузорӣ тағйирот даровардан лозим меояд. Монеаҳо дар роҳи ворид шудан ба бозор бояд “шаффоф” шаванд, то соҳибкор дақиқ бидонад, ки барои оғози тиҷорат чӣ қадар бояд сармоягузорӣ кунад. Аз ҷумла, қонун дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ бояд қабул карда шавад.

Дар шароити ҷумҳурӣ роҳи самарабахши кам кардани миқёси фасод, либерализатсияи минбаъда, маҳдуд кардани дахолати хизматчиёни давлатӣ ба равандҳои хоҷагидорӣ, кам кардани самтҳои идоракунӣ ва танзим, инчунин назорати қатъӣ аз болои харҷи мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ, ва аз болои ихтиёрдории моликияти давлатӣ, мебошад. Дар ҳамон ҷое, ки амалиёти хизматчиёни давлатӣ комилан заруранд, бояд тартиботи ниҳоят содда ва «шаффоф»-и иҷрои вазифаҳои маъмурӣ аз тарафи онҳо, инчунин назорат аз болои иҷрокунандагони онҳо, тартиб дода шаванд.

Тоҷикистон дар баланд бардоштани таваҷҷуҳи соҳибкорони хориҷӣ манфиатдор аст, аз ин рӯ, мо бояд кӯшиш кунем, ки бо ҷаҳон бо забони барои соҳибкорӣ фаҳмо - бо забони

стандартҳои молиявӣ сӯҳбат кунем, ки дар он сатҳи “шаффофият”, пуррагӣ ва эътимоднокии ҳисоботҳо, инчунин суръати пешниҳоди онҳо, ба дараҷаи бовории сармоягузорон таъсир мерасонад.

Бо ин мақсад чи дар бобати баланд бардоштани сифати кор аз болои стандартҳои дохилии ҳисобдорӣ ва чи дар бобати ташкили назорат аз болои раванди таҳия ва қабули стандартҳо, фавран тадбирҳоро ҷорӣ кардан лозим аст. Дар робита ба ин, зарур аст:

- аз нав дида баромадани ҳайат ва ваколатҳои комиссияи байниидоравӣ оид ба ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, то ки ба ҳайати он мутахассисони соҳаи баҳисобгирии байналхалқӣ дохил карда шаванд. Бе тасдиқи он ягон ҳуҷҷати меъёрие, ки дар рафти ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ тартиб дода шудааст, аз тарафи вазорати молияи ҷумҳурӣ набояд қабул карда шавад;
- ба маркази байналмилалии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод намудани экспертизаи фаврии ҳуҷҷатҳои меъёрии ҷорӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ, бо мақсади муайян намудани мутобиқат накардани ин ҳуҷҷатҳо ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;
- ба комиссияи байниидоравӣ оид ба ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ супориш дода шавад, ки муқаррароти баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аллакай қабул шудаанд, бо назардошти натиҷаҳои санҷиши мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, аз нав дида баромада шуда тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шаванд. Комиссияро вазифадор намоянд, ки дар оянда лоиҳаҳои муқаррароти баҳисобгирии муҳосибии омодашударо танҳо дар сурати мавҷуд будани хулосаҳои мусбати дахлдори коршиносони байналмилалӣ баррасӣ намояд;
- баланд бардоштани нақши институти муҳосибони касбӣ.

Барои эҷоди симои ҷолиби тоҷикистон дар соҳаи сармоягузории хориҷӣ зарур аст, ки ба сармоягузорони эҳтимолӣ дар бораи имкониятҳои сармоягузории дар кишвар мавҷудбуда тавассути маъракаҳои таблиғотию иттилоотӣ дар вао, ташкил ва иштирок дар намоишгоҳҳои сармоягузорӣ, презентатсияҳо ва семинарҳо ва ғайра маълумот дода шавад. Инчунин барои ҳуқуқи сармоягузорӣ ба соҳаҳои сердаромади фаъолият бояд тендерҳо васеъ истифода шаванд. Технологияҳои эҷоди симои мусбати тамоми кишвар ва корхонаҳои алоҳида, дар ҷаҳон ба таври васеъ истифода мешаванд.

Фасод, ҷиноятқорӣ, бесалоҳиятӣ, зуҳуроти танҳо ҷумҳурӣ нестанд. Бинобар ин, бо назардошти он, ки дар паси корпоратсияҳои пуриқтидори сармоягузорӣ сармоягузорони оддӣ меистанд, зарур аст, ки дар кишварҳое, ки сармоягузорони эҳтимолӣ мутамарказ шудаанд, маъракаеро роҳандозӣ кард, ки воқеаҳои дар ҷумҳурӣ ба амаломадаро ба таври кофӣ ва саривақт инъикос намояд.

Таҷрибаи таъсиси агентиҳои махсуси давлатӣ ва нимдавлатӣ, ки барои ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ масъуланд, дар ҷаҳон васеъ паҳн шудааст. Чунин агентиҳо тақрибан дар 100 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунанд ва се вазифаи асосиро иҷро менамоянд [2, 28с]:

- фароҳам овардани симои мусоиди кишвар дар назари сармоягузорони эҳтимолӣ;
- ҷалби мақсадноки сармоягузориҳо;
- ба сармоягузорон расонидани хизматрасонӣ оид ба амалӣ намудани сармоягузориҳо.

Чунин агентиро метавон ҳамчун маркази тоҷикистонии мусоидат ба сармоягузории хориҷӣ таъсис дод ва аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ бо ҳуқуқи додани ваколатҳои кофӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ дастгирӣ карда шавад.

Барои кам кардани қарзи ҷамъшуда низоми андози қарзҳои ҷорӣ ва мӯҳлаташ гузаштаро пешбинӣ кардан лозим аст; дар шароити муайян паст шудани қобилияти корхонаҳо ва роҳбарони онҳо; осон кардани имконияти иваз кардани роҳбарон дар сурати кори бесамари онҳо ҷиҳати кам кардани қарзи ҷамъшуда; таъмини назорат аз болои сари вақт ба категорияи талафот гузарондани қарзҳои беэътимод.

Бояд гуфт, ки ҳамаи тадбирҳои дар боло зикршуда оид ба баланд бардоштани

ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт бояд ба тадбирҳои кӯтоҳмуддат вобаста карда шаванд. Татбиқи онҳо дар кишвар шарти зарурӣ, вале нокофии беҳбуди фазои сармоягузорӣ мебошад. Инчунин зарур аст, ки тадбирҳо оид ба таҳвият додани фаъолияти сармоягузорӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат андешида шаванд. Дар оянда барои беҳбуди ҷиддии фазои сармоягузорӣ, афзоиши истеҳсолот ва ҳосилнокӣ, дигаргуниҳои сохтории иқтисод вобаста ба баробар кардани шароити рақобат ва либерализатсияи минбаъдаи он, ниҳоят муҳиманд. Корхонаҳои бесамар набояд аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти маҳаллӣ мустақим ё бавосита дастгирӣ карда шаванд. Субсидияи байниҳамдигарӣ бояд кам карда, барои тезондани раванди навсозии иктисодиёт ба ширкатҳои пурқуввату самарабахш афзалият дода шавад. Азнавсозии сохтории иқтисодиёт бояд бо ичрои барномаҳои махсуси ичтимоӣ, ба монанди бо кор таъмин намудан ва такмили ихтисоси коргарони аз кор хориҷшуда, ҳамроҳ шуда бошад.

Бояд интихоби модели рушди низоми молиявии иқтисодиёт муайян карда шавад. Имрӯз дар ҷаҳон ду чунин системаҳои асосӣ амалӣ карда мешаванд: [4]

- шартан системаи амрикоӣ номида мешавад, ки дар сохтори манбаъҳои маблағгузорӣ мавҷудияти сармоягузорони сершумори хусусиро дар назар дорад;
- шартан системаи олмонӣ номида мешавад, ки такя ба маблағҳои худии гурӯҳҳои молиявиро дар назар дорад.

Модели аввал бештар ба ҷалби сармояи хориҷӣ нигаронида шудааст. Он либерализатсияи бозори молиявӣ ва диверсификатсияи моликиятро дар бар мегирад. Дуюм – ҷамъ кардани сармояи бонкӣ ва назорати бонкиро аз болои истеҳсолот дар мадди аввал мегузорад. Дар тоҷикистон барои интихоби модели аввал далелҳои қобили мулоҳиза вуҷуд доранд, зеро бонкҳо воқеан захираҳои молиявии дохилӣ надоранд ва назорати бонкҳо бесамар аст. Тадбирҳои ҷорӣ намудани як қатор унсурҳои модели дуюм боиси ташаккули системаи бесамари капитализми олигархӣ гардиданд.

Зарур аст, ки инфрасохтори мукаммали сармоягузорӣ, пеш аз ҳама субъектҳои таҳсимот ва ҷамъкунии он: бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои муштараки сармоягузорӣ ва нафақа, бозори фондӣ ва ғайраро ташкил дод. Ба сармоягузорон имконият додан лозим аст, ки тавонан хавфҳоро бо роҳи таъмини онҳо бо воситаҳои молиявии мувофиқ, идора кунанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки рушди бозорҳои фючерсӣ ва опсионӣ, ки дар онҳо сармоягузорон тавонанд хатарҳои бозорро хеджиринг намоянд, ҳавасманд карда шавад.

Самти муҳимтарини чорабиниҳои ояндадор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бояд ба таҳкими институтҳои ҳокимияти давлатӣ равона карда шавад:

- такмил додани санадҳои қонунгузорӣ;
- амалӣ намудани ниҳодҳои ҳокимияти судӣ, ислоҳот бо мақсади таъмини мустақилияти судҳо, баланд бардоштани самаранокӣ ва тавонмандии низоми судӣ;
- гузаронидани ислоҳоти хизмати давлатӣ;
- таҳкими низоми давлатӣ бо роҳи возеҳтар ҷудо кардани ҳуқуқ ва масъулияти байни марказ ва минтақаҳо;
- пурзӯр намудани мубориза бар зидди фасод ва ҷиноятқорӣ.

Низоми самараноки судӣ ҳам барои ичрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ҳам барои ичрои ҳуқуқи боқимондаи моликият муҳим аст. Ин аз муҳим будани маблағгузории низоми судӣ дар ҳаҷми пурра, ки барои фаъолияти комили судҳо, кам кардани таъсир ва имкониятҳои мақомоти ичроияи маҳаллӣ барои шантаж кардани мақомотҳои судӣ зарур аст, шаҳодат медиҳад. Бо ин мақсад, маблағгузории системаи судӣ (аз чумла, чунин моддаҳои хароҷот, ба монанди пардохти телефон, хизматрасониҳои хадамоти коммуналӣ, таъмири биноҳо ва ғайра) бояд танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ пешбинӣ карда шавад. Барои самаранок шудани системаи идоракунии давлатӣ, дастгоҳи давлатиро аз рӯи принсипи функсионалӣ тақсим кардан лозим аст: сохторҳое, ки ба истеҳсоли мол (расондани хизматрасонӣ) машғуланд, бояд

аз мақомотҳои танзимкунанда ва воҳидҳои сиёсӣ аз технологӣ ҷудо карда шаванд.

Сохтори мақомотҳои давлатӣ на аз руи принсипи пур кардани рӯйхати кормандон, балки барои иҷрои вазифаҳои мушаххас ташкил карда шавад. Вазифаҳои сиёсӣ бояд тибқи тартиби пешбининамудаи қонун ишғол карда шаванд ва дастгоҳи чунин хизматчиёни давлатиро худи онҳо дар доираи ва ҳаҷми маблағгузории таъиншуда ташаккул медиҳанд. Вазифаҳои технологӣ бояд дар асоси озмунҳои кушод бо ҳуқуқи баробари иштироки шаҳрвандон, сарфи назар аз таҷрибаи кори пештара дар дастгоҳи давлатӣ, ишғол карда шаванд. Пешрафти хизматӣ низ бояд дар асоси озмунҳои кушод ба рох монда шавад. Барои ҳамоҳангсозии сиёсати кадрҳо, интихоби кадрҳо ва мониторинги бозори меҳнат, бояд институтҳои хадамоти кадрӣ такмил дода шаванд.

Сиёсати дарозмуддати буҷетӣ бояд ба он асос ёбад, ки барои ноил шудан ба суръати баланди рушди иқтисодиёт, хароҷотҳои давлатӣ (харҷи ҳукумати васеъ) набояд аз 30 фоизи ММД зиёд бошанд. Дар баробари ин, имкони кам кардани бори андоз, ҳавасмандгардонии пасандозҳои хусусӣ ва сармоягузорӣ, пайдо мешавад.

Ташкили низоми муосири идоракунии қарзи давлатӣ, ки сохтори муваққатии ӯҳдадориҳо, манбаъҳои фарогирии онҳо, вазъи бозор, инчунин оптимизатсияи таносуби қарзи дохилӣ ва беруниро ба инобат мегирад, зарурати таъхирнопазир мебошад. Конкретизатсияи қонунгузори меъёрҳои ҳуқуқие зарур аст, ки қарзгирии давлатиро танзим мекунанд. Зарур аст, ки нисбат ба қарзҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳаҷми барориши қоғазҳои қиматнок аз тарафи давлат ва барориши дигар уҳдадориҳо, ҳаҷми кафолатҳои додашуда ва ғайра, маҳдудиятҳои бештар қатъӣ ва мушаххастар нисбат ба он маҳдудиятҳое, ки дар кодекси буҷетӣ ва қонунҳо дар бораи буҷет пешбинӣ шудаанд, муқаррар карда шаванд.

Барои ин, бояд сатҳи таъминоти коғазҳои қиматноки давлатӣ зиёд карда, ба ин васила хавфи сармоягузорӣ кам карда шавад. Барои ин, аввалан, зарур аст, ки вазифаи эмитенти қогазҳои қиматноки давлатиро аз вазорати молия ба хазина, ки қогазҳои қиматноки он бо моликияти мушаххаси он таъмин карда мешуданд, дода шавад. Дуввум, дар сурати аз ҷониби давлат иҷро накардани уҳдадориҳои қарзии худ, бояд системаи аниқу самарабахши ситонидан аз моликияти давлатӣ, муқаррар карда шавад. Ба назар чунин мерасад, ки агар ба кредиторон барномаи дар боло зикршуда пешниҳод шавад, розигӣ оиди ба танзим дарории қарз бо шартҳои мусоид барои ҷумҳурӣ, ба даст оварда мешавад.

Дар солхои минбаъда иштироки фаъолонаи давлат дар халли масъалаи тараққӣ додани сохтмони гидроэнергетикӣ зарур аст. Бо вуҷуди ин, зиёд кардани сармоягузориҳои давлатӣ, ки аз буҷети ҷорӣ аз ҳисоби андозҳо маблағгузорӣ мешаванд, мувофиқи мақсад нест. Баланд бардоштани самаранокии таъмини кафолатҳои давлатӣ барои барномаҳои муҳимтарини сармоягузорӣ дар сохтмони гидроэнергетикӣ муҳим аст.

Дар сурати фаро расидани шароити мусоид аз ҳисоби қарзҳои дарозмуддати давлатӣ, ташкил кардани буҷети рушд ба мақсад мувофиқ аст. Маблағҳои гирифташударо, пеш аз хама, барои рушди инфрасохтори сохтмони гидротехникӣ, кафолатҳои содирот ва ғайра истифода бурдан мумкин буд.

Бо назардошти нокифоя будани боварӣ аз ҷониби қарздиҳандагони хоричӣ, зарур аст, ки уҳдадориҳо оид ба ин қарзҳо аз ҷониби кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ва институтҳои молиявии байналмилалӣ кафолат дода шаванд. Ин имкон медод, ки боварӣ ба институтҳои молиявии давлатӣ барқарор шавад, маблағҳо бо нархҳои дастрас ҷалб карда шаванд ва ба рушди иқтисодиёт мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1.Инвестиционный проект - эффективность механизма реализации [Электронный ресурс]//Режим доступа: ttp://www.vegaslex.ru/text/44841
2. Ильдеменов С. и др. Как привлечь инвестора и получить инвести ции// Экономика и жизнь, 1994, N 28.
3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021)- http://www.president.tj/ru/node/27418#qubodiyon
4.Radcliffe R.C. Investment: Concepts, analysis and strategy. - Glenview (Ill.). - 1982.

УДК: 36.1/5

Файзиддинзода М.Ф.

АҲАМИЯТИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ АНДОЗ

Мақола ба аҳамияти маъмурикунонии андоз ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати идоракунии низоми андоз бахшида шудааст. Муаллиф дар масъалаи раванди таъмини амнияти иқтисодӣ қайд менамояд, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, омӯзиши моҳияти рушди маъмурикунонии андоз таъмини амнияти иқтисодии низоми андоз муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф дар асоси ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба рушди маъмурикунонии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳои худро пешниҳод кардааст. Дар натиҷаи таҳлили мамлакатҳои пешрафта вазифаҳои маъмурикунонии андоз дар сатҳи микро ва макро ба таври васеъ омухта шудааст.

Калидвожа: иқтисодиёт, молия, маъмурикунонӣ, андоз, низом, ташаккулёбӣ, рушд, ҷанбаҳои назаривии маъмурикунонӣ, технология, рақамикунонӣ, амнияти иқтисодӣ.

Файзиддинзода М.Ф.

СУЩНОСТЬ НАЛОГОВОЕ АДМИНИСТРИРОВАНИЕ КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА УПРАВЛЕНИЯ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ

Статья посвящена значению налогового администрирования как инструмент повышения качества управления налоговой системы. В вопросе о процессе обеспечения экономической безопасности автор отмечает, что в условиях цифровизации экономики важным и своевременным считается изучение сущности развития налогового администрирования, обеспечения экономической безопасности налоговой системы. Опираясь на мнения отечественных и зарубежных ученых, автор представил свои взгляды на развитие администрирования налоговой системы Республики Таджикистан. В результате анализа развитых стран широко изучены задачи налогового администрирования на микро- и макроуровнях.

Ключевые слова: экономика, финансы, администрирование, налог, система, формирование, развитие, теоретические аспекты администрирования, технологии, цифровизация, экономическая безопасность.

Faiziddinzoda M.F.

ESSENCE OF TAX ADMINISTRATION AS A TOOL FOR IMPROVING THE QUALITY OF TAX SYSTEM MANAGEMENT

The article is devoted to the importance of tax administration as a tool for improving the quality of tax system management. On the issue of the process of ensuring economic security, the author notes that in the context of the digitalization of the economy, it is important and timely to study the essence of the development of tax administration, ensuring the economic security of the tax system. Based on the opinions of domestic and foreign scientists, the author presented his views on the development of the administration of the tax system of the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis of developed countries, the tasks of tax administration at the micro and macro levels have been widely studied.

Key words: economics, finance, administration, tax, system, formation, development, theoretical aspects of administration, technology, digitalization, economic security.

Раванди таъмини амнияти иқтисодӣ тақозо менамояд, ки дар асоси мушоҳидаи ташаккулёбии равандҳо омилҳои ба амнияти иқтисодӣ таъсиркунанда муайян карда шуда, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳо хусусияти манфидошта чораҳои муассир андешида шавад. Таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳанд, ки дар самти таъмини амнияти иқтисодии низоми андоз маъмурикунонӣ ҳамчун механизми таҳкимбахш баромад мекунад. Зеро имрӯз, дар баробари татбиқи технологияҳои муосири самарабахш ва ворид намудани ислоҳоти соҳавӣ, ҳамзамон мушкилоти марбут ба қонунвайронкунӣ, аз ҷумлаи қарзҳои андозӣ дар назди сатҳҳои гуногуни низом, гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ ба бахшҳои аз идораи давлатӣ пинҳони иқтисодиёт ва ғайра, рӯз то рӯз меафзояд. Бинобар ин, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, омӯзиши моҳияти рушди маъмурикунонии андоз таъмини амнияти иқтисодии низоми андоз муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Аҳамиятнокии маъмурикунонии андоз дар он асос меёбад, ки воридоти андозӣ-ҳамчун манбаи асосии бавуҷудорандаи даромади буҷа ва воситаи ба рушди иқтидори иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидаткунанда, ҳадафҳои стратегии сиёсати андозиро амалӣ менамояд. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳими ба ҳифзи манфиатҳои молиявии ниҳодҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ мусоидаткунандаро аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ риоя гардидани интизоми андозӣ ва ҳамчунин аз ҷониби ниҳодҳои махсусгардонидашуда таъмин гардидани назорати амалигардии муносибатҳои андозӣ ташкил медиҳад.

Дар робита ба омилҳои болозикр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мукаммалсозии ташкили низоми маъмурикунонии андоз дар ҳама сатҳҳои идора Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 қабул гардид, ки ҳадафи асосии он аз соддагардонии низоми андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва беҳдошти раванди риояи қонунгузории андоз иборат буд [1]. Баъдан дар заминаи афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо дарназардошти дастовардҳои пешқадами таҷрибаи ҷаҳонӣ ва рақамикунонии равандҳо дар мамлакат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30-юми декабри соли 2019 таҳти №643) Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 қабул гардид. Тибқи муқарароти ин барномаи миёнамуҳлат мақсад аз татбиқи он иборат аз содасозӣ ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, таъмини рушди мунтазами маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳсозии минбаъдаи муносибатҳои андозӣ дар байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз мебошад, яъне татбиқи барномаи мазкур ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои андозбандӣ мусоидат хоҳад кард[2].

Вобаста ба ҳассосияти масъалаи матраҳшванада дараҷаи татбиқи барномаҳои мазкур таваҷҷуҳи як қатор олимони ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки такмили низоми маъмурикунонии андоз дар даврони соҳибистиқлолии давлатии кишвар дар доираи барномаҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд.

Ба ақидаи мо самти муҳими омӯзиши моҳияти маъмурикунонии андозро баррасии вазифаҳои татбиқи сиёсати молиявии давлатӣ дар сатҳҳои макро ва микро ташкил медиҳад. Вазифаҳои маъмурикунонии андоз дар сатҳи макро дар худ унсурҳои таҳлилии дар самти пешгӯӣ ва банақшагирии дар сатҳи макро истифодашаванда ва инчунин фаъолияти меъёргузории ба рушди минбаъдаи қонунгузории андоз мусоидаткунандаро дар бар мегиранд (Нақшаи 1).



Нақшаи 1. Вазифаҳои маъмурикунонии андоз дар сатҳи микро ва макро

Ҳамин тариқ, иҷрои босамари вазифаҳои маъмурияти андоз низ яке аз шартҳои муҳими таъмини молиявии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Иқтисоддони шинохтаи ватанӣ Раҳимзода Ш. Чунин ақида дорад, ки раванди такмили низоми маъмурикунонии андоз раванди бетартибона набуда, баръакс, ин мувофиқ ба занҷири мушаххаси мантиқӣ ташкил карда шудааст ва аз ҷиҳати институтсионалӣ раванди асоснокшуда мебошад, тадбирҳои банақшагирифташуда ба афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва барномаҳои дахлдори миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мутобиқшуда мебошанд [5,с.-9]. Вале номбурда, дар баробари дастовардҳо дар ин самт, инчунин мавҷудияти хатарҳо ва омилҳои ба самаранокии ислоҳот дар системаи маъмурикунонии андоз таъсиркунандаро низ ишора намудааст. Дар баъзе аз манбаҳо мафҳуми маъмурикунонӣ ва идоракунӣ шабеҳи ҳам шинохта шудааст, вале солҳои охир олимон ва коршиносони иқтисоддон вобаста ба аҳамиятнокии маъмурикунонии андоз кӯшиш ба харҷ додаанд, ки тафовути байни мафҳумҳои маъмурикунонии андоз ва идоракунии низоми андозро ба таври возеҳ равшанӣ андозанд.

Иқтисоддони ватанӣ Солеҳзода А.М. дар таҳқиқоти илмии худ доир ба самтҳои рушди маъмурикунонии андоз дар доираи равандҳои интегратсионии ИДМ ҷиҳати рушди низоми маъмурикунонӣ илова намудани се компонентро пешниҳод намудааст, яъне компонентҳои илмию методологӣ, ташкилию методӣ ва иттилоотию техникӣ, ки дар маҷмӯъ ин се блоки пешниҳодшуда ташаккулёбии муназзами модели маъмурикунонии андозро таъмин менамоянд [9,с.-72]. Дар қисмати блоки илмию методологӣ муаллиф дар мадди аввал таваҷҷуҳи худро, махсусан ба мушаххас намудани мафҳуми маъмурикунонии андоз дар маҷмӯаи меъёрию ҳуқуқии танзимкунӣ ва таҷрибаи корию илмии Тоҷикистон ва ҳамчунин муқисаи он бо мафҳумҳои аз ҷониби кишварҳои иштирокунанда ва институтҳои

танзимкунандаи равандҳои интегратсионии ИДМ истифодашаванда равона сохтааст. Ба ақидаи ӯ, маъмурикунонии андоз, ҳамчун соҳаи мустақили илм, падидаи актуалии ташаккули назария ва методологияи андозбандӣ буда, дар маҷмӯъ, яке аз шохаҳои идоракунии давлатӣ мебошад ва он ҳадафҳои хоси ин соҳаро амалӣ менамояд.

Дар заминаи таҳқиқи вазъи самаранокии маъмурикунонии андоз, муҳақиқи ватанӣ Маъмуров А.М. чунин қайд менамояд: самаранокии маъмурикунонии андоз ҳамчун маҷмӯи даромади воқеии андозӣ дар буҷети давлат муайян мегардад, ки ҳангоми сарфаҳои аниқ дар амал ба даст омадаанд [4,с.-12]. Дар ин мушаххасот поягузорӣ ба эҳёи нишондиҳандаи самаранокии маъмурикунонии андоз эҳсос мегардад ва муаллиф низ

Тахқиқи мафҳум ва моҳияти маъмуркунонии андоз шаҳодат аз он медиҳад, ки доир ба мушаххас намудани ин мафҳум олимон ва коршиносон то ба ҳол мафҳуми ягонаро пешниҳод накардаанд. Вале ҳар як таърифи мафҳуми маъмурикунонии андоз пешниҳодшуда асоси илмӣ дошта, онҳо на ин ки якдигарро инкор мекунанд, балки пуркунандаи якдигар мебошанд (ҷадвали 1) [4,6,7,8,10].

Ҷадвли 1

Нигоҳи олимони ватанӣ ба таърифи мафҳуми маъмуркунонии андоз

№	Таърифи маъмуркунонии андоз	Муаллиф
1.	Маъмурикунонии андоз – ҳамчун унсури менеҷменти давлатии андоз, фаъолияти назоратӣ – иқтисодии мақомоти андоз, назорати андоз, танзими андоз инчунин банақшагирӣ ва пешгӯиро дар бар мегирад.	Солехзода А.М. Развитие концептуальных подходов к оценке эффективности налогового администрирования в Республике Таджикистан / А.М Солехзода // Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. Экономика Таджикистана. –Душанбе, 2019 - № 1. - С. 71-77.
2.	Маъмурикунонии андоз раванди идоракунии муассири давлатӣ бо иштирокчиёни муносибатҳои андоз мебошад, ки аз ҷониби мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои дахлдор, барои таъмини иҷрои ихтиёрии ӯҳдадории андозии андозсупорандагон амалӣ карда мешавад.	Маъмуров А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа (тибқи маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Автореф. дис. Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Хуҷанд, 2021 С12.
3.	Маъмурикунонии андоз аз рӯи сатҳи ҷамъоварии андозҳо баҳо дода, ба назар гирифта мешавад, ки сатҳи воридоти пардохтҳои андоз ва таъмини саривақтии онҳо, ба буҷети давлат, ҳамчун нишондиҳандаи асосии сифати низоми маъмурикунонии андоз арзёбӣ мегардад.	Салимова М. М. Самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон./ М. М. Салимова // «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. Маҷаллаи илмӣ – назариявӣ. - Хуҷанд, 2015. - № 4 (65).-- С. 22-29.
4.	Маъмурикунонии андоз, ҳамчун унсури низоми идоракунии давлатӣ ҳамеша бо принсипҳои муайян созанда асос меёбад, ки қонунияти айниятро дар фаъолияти мақомоти амаликунанандаи маъмурикунонии андоз ва ваколатҳои асоснок, аз ҳама, муҳимаш, риояи меъёрҳои конституцсиониро дар	Сабуров В.Д. Методы и инструменты совершенствования управления региональной системой налогового администрирования (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан): дис. … канд. экон. наук: 05.13.10: / В.Д. Сабуров. –Душанбе, 2018. – 177 с.

	фаъолияти субъектҳои муносибатҳои андоз ифода менамояд.	
5.	Низоми минтақавии маъмурикунонии андоз як раванди идоракунӣ мебошад, ки ба амалигардонии иқтидори андози минтақаҳои гуногуни кишвар тавассути ташкили ҳамкории ммутақобилаи унсурҳои дохилии он, бо назардошти хусусиятҳои рушди минтақа равона шудааст.	Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы совершенствования регионального налогового администрирования. / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров // Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан Экономика Таджикистана. Душанбе, 2017.- № 3. - С. 204-215.
6.	Фаъолияти идоракунии макомоти андоз, макомоти молия дар соҳаи андозбандӣ	Александров И.М.
7.	Фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи андоз, ки бо волоияти қонун танзим мешавад ва ба татбиқи сиёсати самарабахши андоз нигаронида шудааст	Владыка М.В.
8.	Маҷмӯи тадбирҳое, ки ба пурра ва саривақт пардохтани тамоми андозҳо дар ҳадди аксар бо хароҷоти ҳадди ақал нигаронида шудаанд	Иванов А.Е.
9.	Ҳамаи равандҳо ва падидаҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии андоз, инчунин амали иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз ва дар ин доира ин ин ё он тарзи танзими андоз.	Кибанова А.Я.

Таҳияи муаллиф

Ба ақидаи бархе аз олимони ватанӣ дар таркиби механизми маъмурикунонии андоз гаронии андоз ҳамчун омили ифодакунандаи мазмуни критериявии муносибатҳои андозӣ баромад мекунад ва ҳар як субъекти хоҷагидор танҳо аз нигоҳи устувории уҳдадориҳои андозӣ метавонад омили баробарии пардохти маблағ ба буҷет гардад. Муҳаққиқи ватании дигар Маъмуров А.М. доир ба омили гаронии андоз чунин ибрози андеша менамояд: зиёдшавию гаронии андоз ба ваъсешавии базаи андозбандӣ мувофиқ ояд ва дар ҳамон вақт меафзояд, ки агар ба молистеҳсолкунандагон шароити хуб дода шавад [3,с.-176]. Дар ҳақиқат ба андешаи мо низ гаронии андоз яке аз омилҳое мебошад, ки тағйирёбии сатҳи он ба муносибати андозсупорандагон зуд таъсир расонида, боиси тағйирёбии нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти низом мегардад.

Масъалаи ҷамъоварии андоз то кунун мушкилтарин марҳилаи маъмурияти андоз ба ҳисоб меравад, бахусус барои муомилоти рақамӣ бо иштироки ғайрирезидентҳо, ки хатари саркашӣ аз андозсупорӣ дар натиҷаи мушкилии бештари истифодаи механизмҳои анъанавӣ вуҷуд дорад. Бо ин мақсад ситонидани андоз ба ҳама гуна механизме дахл дорад, ки пардохти уҳдадории андозро дар давраи ихтиёрии иҷроиш таъмин менамояд. Пас аз ба охир расидани мӯҳлати ихтиёрӣ, ҳама гуна амали минбаъдае, ки ба таъмини пардохти уҳдадориҳои андозбандишаванда нигаронида шудааст, иҷрои андоз ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки самти асосии такмили мазмурикунонии низоми андоз - ин ҳамаҷониба беҳтар намудани муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомот андоз мебошад. Омӯзиши таҷрибаи идоракунии низоми андози кишварҳои дигар метавонад барои такмили низоми назорати андози кишвар бисёр маълумоти арзишманд ва муфид

диҳад, аммо ҳам хусусиятҳои равандҳои дохилии иқтисодӣ ва ҳам анъанаҳои муқарраршудаи муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомот андозро бояд ба назар гирифт.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.04.2012 № 166, аз 23.08.2016 № 354)
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025»
3. Маъмуров А.М. Масъалаҳои баланд бардоштани маърифати андозӣ дар рушди маъмурикунонии андоз/А.М.Маъмуров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. № 1 (35). С. 175-184.
4. Маъмуров А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа (тибқи маводи Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)/А.М.Маъмуров// Автореферати диссертатсия барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики. Худжанд, 2021
5. Раҳимзода Ш. Маъмурикунонии андоз ва такмили он дар даврони соҳибистиқлолӣ/Ш.Раҳимзода, Ҷ.Нурзода// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № Қ2. С. 8-14.
6. Сабуров В.Д. Методы и инструменты совершенствования управления региональной системой налогового администрирования (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан): дис. … канд. экон. наук: 05.13.10: / В.Д. Сабуров. –Душанбе, 2018. – 177 с.
7. Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы совершенствования регионального налогового администрирования. / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров // Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан Экономика Таджикистана. Душанбе, 2017.- № 3. - С. 204-215.
8. Салимова М. М. Самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон./ М. М. Салимова // «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. Маҷаллаи илмӣ – назариявӣ. - Хуҷанд, 2015. - № 4 (65).- С. 22-29.
9. Солехзода А.М. Развитие концептуальных подходов к оценке эффективности налогового администрирования в Республике Таджикистан / А.М Солехзода // Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. Экономика Таджикистана. –Душанбе, 2019 - № 1. - С. 71-77.

УДК: 332.1+336.714(045) / (575.3)

Шарипов Ш.Р.

ҶАНБАҲОИ МУҲИМИ СИЁСАТИ ИНВЕСТИТСИЯҲОИ МАЗМУР ДАР ВИЛОЯТҲО ВА ВОСИТАИ ИҶРОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТАҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии сиёсати сармоягузории минтақаи қабулкунанда ва воситаҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун асоси рушди устувор истифода мешаванд, инчунин моҳияти иқтисодии он, вазифаҳо ва принсипҳои асосии сармоягузорӣ таҳлил карда шудаанд. Танзими сиёсат, проблемаҳои сиёсати инвестиционӣ таҳқиқ карда, самараи он баланд бардошта мешавад. Дар мақола типологияи муаллифи сиёсати инвестиционӣ нишон дода шуда, хусусиятҳои сиёсати инвестиционӣ,

ки барои баланд бардоштани дараҷаи тараққиёти умумии мамлакат имконият медиҳад, тавсиф карда шудааст.

Калидвожаҳо: Соҳаи сармоягузорӣ, оптимизатсия, сиёсат, низоми иқтисодӣ, мушкилоти макроиқтисодӣ, раванди техникӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Шарипов Ш.Р.

СУЩНОСТНЫЕ АСПЕКТЫ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ ПРИНИМАЮЩЕГО РЕГИОНА И СРЕДСТВА ЕЁ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируется сущностные аспекты инвестиционной политики принимающего региона и ее средства её осуществления в РТ, используемая как основа стабильного развития, а также его экономическая сущность, основные задачи и принципы регулирования инвестиционной политики. Исследуются проблемы инвестиционной политики и повышается ее эффективность. В статье представлена авторская типология инвестиционной политики и описаны характеристики инвестиционной политики, позволяющей повысить уровень общего развития региона.

Ключевые слова: Инвестиционная сфера, оптимизация, политика, экономическая система, макроэкономические проблемы, технический процесс, социально-экономический.

Sharipov Sh. R.

ESSENTIAL ASPECTS OF THE HOST REGION'S INVESTMENT POLICY AND THE MEANS OF ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the essential aspects of the investment policy of the host region and its means of implementing it in the Republic of Tajikistan, which is used as the basis for sustainable development, as well as its economic essence, the main tasks and principles of investment policy regulation. The problems of investment policy are investigated and its efficiency is increased. The article presents the author's typology of investment policy and describes the characteristics of the investment policy, which allows to increase the level of general development of the regton.

Key words: Investment sphere, optimization, policy, economic system, macroeconomic problems, technical process, socio-economic.

Иностранные инвестиции, как уже отмечалось, очень важны для поддержания и роста экономических возможностей государства. В свой черед, это положительно отражается на работе предприятий, приводит к росту ВВП, растет активность государства на международном рынке. Стоит заметить, что деловую среду в Республике Таджикистан нельзя назвать достаточно благоприятной, способствующей привлечению в экономику инвестиций. Кроме того, инвестиционные резервы делятся очень неодинаково по регионам, основное скопление наблюдается в крупнейших мегаполисах, а также в областях, имеющих значительные природные ресурсы. Оставшиеся регионы, а также значительное количество перерабатывающих предприятий в РТ не имеют возможностей для наращивания инвестиционного потенциала. Необходимо на местах проведение значительных изменений в экономической и социальной сфере, имеющих целью формирование оптимальных условий, способствующих привлечению инвестиций и стабильному экономическому росту. С точки зрения сути проведения реформ в экономике задачи роста инвестиционной активности, а также повышения инвестиционного климата можно отнести к самым главным. РТ сегодня относится к экономике по рыночному типу, когда субъекты

хозяйствования решают вопросы осуществления денежных вложений самостоятельно. В процессе этого участники отношений осуществляют капиталовложения самостоятельно, или при помощи заимствования денег на денежных рынках, используя принципы конкуренции. Основные критерии важности денежных вложений – это рост производительности производства, а также увеличение прибыли. Вместе с тем, технологические инновации в различные основные отрасли нуждаются в значительных вложениях капитала [1,158].

К особенностям периода развития инвестиции в стране, относятся следующее:

- сокращение частных инвестиций, и увеличение доля государственных;
- формирование новые стимулы от инвестиции, ориентированную на максимизацию дохода. Становится более важной роль параметров принятия решений об инвестициях, основывающихся на изучении доходов и расходов;
- заметен рост в экономике доли производства товаров потребительского назначения, вместе с одновременным сокращением производства продукции с производственным назначением;
- появляются новые источники финансирования (прежде всего – негосударственные).

Невзирая на активизацию инвестиционных процессов, еще с 90-х годов прошлого столетия, имеет место наличие «инвестиционного голода». Опыт изменений экономики РТ показывает, что в роли главного источника денежных вложений как были, так и остаются средства предприятий (собственные). За весь период реформ более-менее надежными и постоянными резервами не начали становиться ни займы банков, ни средства из госбюджета, ни деньги граждан, ни т.н. портфельные инвестиции. И потому при наличии довольно большого дефицита внутренних резервов, быстрого устаревания промышленно-производственных фондов, важности проведения технологического перевооружения многих отраслей промышленности, у таджикской экономики продолжает оставаться большая потребность в денежных вложениях. Чтобы решить вопрос привлечения в экономику государства денежных вложений, нужно разработать серьезную инвестиционную политику внутри страны, состоящую из ряда народнохозяйственных решений и путей, устанавливающих объемы, состав применения денежных вложений в разных и отраслях экономики. Основная задача инвестиционной политики в государстве - создание оптимальной среды для привлечения и роста эффективности применения инвестиционных возможностей для развития социальной среды, а также экономики.

Нужно, чтобы инвестиционные программы ориентировались на:

- установление рационального объема денежных вложений для каждого из периодов, их структура: воспроизводственного, отраслевого, территориального, технологического, а также согласно форм собственности;
- нахождение приоритетов;
- увеличение эффективности денежных вложений.

Таким определением обрисовывается инвестиционная политика по всем ее составляющим, однако возможно и более расширенное объяснение. По мнению Ултургашева О.Г., Лавренко А.В., Профатилов Д.А.: «Государственная политика в сфере инвестиций – ряди мероприятий и целей, взаимосвязанных между собой, касающихся обеспечения требуемого состава и уровня денежных вложений в национальную экономику, а также ее отдельные области, усиления инвестиционной активности каждого региона. Говоря иначе, инвестиционной политикой называют государственную деятельность, нацеленную на поиск источников денежных вложений и определение рациональных сфер их применения» [2,74].

Цели инвестиционной политики РТ как понимающего иностранной инвестиции государства является:

- обеспечение структурных преобразований в экономике;

- активизация предпринимательской деятельности, а также частных денежных вложений;
- создание новых рабочих мест;
- ускорение формирования негосударственных структур, с целью накопления финансовых сбережений граждан на инвестиционные цели;
- обеспечение гарантий и правовых условий, способствующих притоку иностранных инвестиции;
- развитие лизинга при осуществлении инвестиционной деятельности;
- поддержка государством предпринимателей любого уровня;
- совершенствование льготной системы, а также штрафов при ведении процесса денежных вложений;
- формирование условий, способствующих развитию венчурных денежных инвестиций.

Стоит заметить, что регулирование денежных вложений государством и инвестиционная политика – термины, не являющиеся одинаковыми. Прежде всего, инвестиционная политика может быть с направленностью невмешательства, а «регулирование инвестиционной работы государством» осуществляется государством; во-вторых, контроль инвестиционной деятельности со стороны государства состоит из инструментов, которые не относятся именно к инвестиционной политике. Контроль инвестиционной активности государством проводится с использованием законодательства, при помощи государственного планирования, программирования, путем применения госинвестиций, субсидий, льгот, кредитования, реализации экономических и социальных проектов. Немаловажно при госрегулировании подобрать наилучшее сочетание государственного регулирования с рыночной свободой. Суть госрегулирования деятельности, касающейся денежных вложений, определена целями, поставленными перед госорганами, кроме того - инструментами и средствами, находящимися в распоряжении государства при осуществлении инвестиционной политики. Госрегулирование деятельности в сфере инвестиций является совокупностью государственных решений, отраженных на законодательном уровне, организационно-правовых форм, руководствуясь которыми инвестор проводит свою работу. Контроль подразумевает прямое управление государственными денежными вложениями: использование системы налогов, денежной помощи (дотации, субсидии, бюджетные ссуды, льготные кредиты), регулирование кредитной и финансовой политики, ценообразования, амортизационной политики. Совсем недавно политика касательно денежных вложений являлась исключительным правом федерального центра, который принимал решения касательно «горизонтального» и «вертикального» перераспределения денежных вложений. Инвестиционными кризисами была доказана низкая эффективность подобной системы, поэтому контроль инвестиционной работы плавно сместился на уровень регионов, благодаря чему стали лучше заметны имеющиеся задачи по развитию, методы активизации, которые можно применить [3,432].

Главные принципы государственной политики в сфере инвестиций на сегодня:

- уменьшение реальных % ставок до того уровня, который будет соответствовать прибыльности денежных вложений в реальный сектор экономики, основываясь на обеспечении сбалансированного госбюджета, а также продолжения уменьшения инфляции;
- налоговая реформа, предполагающая изучение возможностей инвестирования субъектами рынка, основываясь на упрощении, упорядочении и структурных преобразованиях действующей системы налогообложения, кроме того, совершенствования амортизационной политики;
- реализация процессов преобразования предприятий для увеличения их привлекательности для инвестирования;

- создание предпосылок для уменьшения инвестиционных рисков, чтобы простимулировать сбережения граждан, прямые денежные вложения вкладчиков (как внешних, так и внутренних);

- рост результативности применения инвестиционных ресурсов из бюджета на базе конкурсного их размещения, комбинированного государственно-коммерческого денежного финансирования главнейших инвестиционных программ, предоставления госгарантий по частным денежным вложениям, а также благодаря ужесточению госконтроля за целевым применением средств из госбюджета [4, 277].

Сегодняшняя интернационализации денежных вложений, а также глобализация экономики, способствует тому, что немаловажным правилом политики страны в сфере инвестиций есть формирование условий, способствующих совершенствованию корпоративных взаимоотношений, приведения степени корпоративного контроля в государственных компаниях к международным стандартам. Также немаловажная роль сегодня отводится региональной политике в сфере денежных вложений. Политика в сфере инвестиций, как региона, так и всего государства, зависит от протекания инвестиционных процессов, т.е. разносторонней деятельности всех участников процесса производства по увеличению ВРП и ВВП. Итогом деятельности в сфере инвестиций разнообразных участников становятся реальные действия касающиеся осуществления различных денежных вложений: финансовых и реальных; на короткий или длительный срок; частных, иностранных или государственных.

При осуществлении деятельности в сфере инвестиций государство предстает в нескольких ролях:

- организатора инвестиционно-финансового рынка;
- его участника;
- менеджера происходящих процессов, касающихся денежных вложений.

Бывает, что цель и задача политики в области инвестиций, также как формы и методы внедрения ее в разных регионах отличаются, но есть общие главнейшие задачи и цели политики в сфере инвестиций, и они заключены:

- в увеличении объемов и росте результативности инвестиций благодаря совершенствованию их структуры;
- внеочередное развитие предприятий со стратегически важным значением для региональной экономики, а также в целом всего государства;
- преобразование госинвестиций в «локомотив» увеличения активности в сфере инвестиций, превращение в средство контроля структурных трансформаций в экономике;
- формирование оптимального регионального инвестиционного климата как предпосылки для экономического развития.

Можно представить инвестиционные процессы как разностороннюю работу участников производственных процессов по приросту национального дохода и расширения инвестиционной среды.

Инвестиционная сфера состоит из:

- сферы капстроительства;
- сфера инноваций;
- сфера оборота финансовых капиталов;
- сфера осуществления имущественных прав.

Субъекты инвестиционной деятельности - пользователи и подрядчики объектов, заказчики (инвесторы), поставщики товарно-материальные ценностей (ТМЦ), банковские организации, жители страны и иностранных государств.

Классификация инвестировании с точки зрения его субъекта, выделяются следующим образом:

- государственные инвестировании;
- депозиты домохозяйства;
- депозиты фирмы;
- внешние инвестировании;
- совместные инвестирование.

Исходя из участвующих ценностей выделяют 3 вида вложений. Они могут быть финансовыми, интеллектуальными и реальными.

- реальные инвестиции - отнесение средств к материальным активам (нематериальные активы и вещественный капитал (в виде лицензий, патентов, «ноу-хау»).
- финансовые инвестиции - вложения средств в векселя, акции, облигации, кроме того, целевые вклады в банках, депозиты.
- к интеллектуальным инвестициям относятся – вложения денег в объекты интеллектуальной собственности, а также в общественный творческий потенциал [5, 183].

По мнению Игонина Л.Л.: «Учитывая характер участия в инвестиционном процессе выделяются прямые денежные вложения, портфельные, а также непрямые инвестиции. Прямые - когда инвестор принимает непосредственное участие в выборе объектов вложения средств и инвестиции проходят без помощи посредников. Непрямые – это вложение средств при помощи посредников. К примеру, покупка инвестиционных сертификатов, которые издал инвестиционный фонд, вкладывающий полученные деньги в объекты инвестирования на собственное усмотрение, принимает участие в управлении и делит определенную долю прибыли между клиентами. Портфельные – такими инвестициями называется вложение денежных средств в разные ценные бумаги. Инвестирование на воспроизводственное основных фондов (ОФ) проводится с помощью капвложений»[6, 478].

Главным регулятором структуры, а также объемов денежных вложений выступает рынок. Капвложения в отдельно взятые сферы экономики, а также в сферу социальной работы (инфраструктуру, науку и прочие), кроме него, регулирует также государство.

Часть ВВП, внешний и внутренний долг выступает как ресурсы для капитальных вложений, которые перераспределяются через бюджетную и кредитную систему. Деятельность по инвестиционным вложениям выступает как комплекса эмпирических решений, связанных с реализацией разных видов вложений. На политику в сфере инвестиций влияют внешняя и внутренняя конъюнктура – состояние, в котором находятся экономика, уровня активности в сфере инвестирования, тенденции спада и возрастания. По этой причине выделяются долгосрочная и краткосрочная инвестиционная политика, которые отличаются временными причинами воздействия, длительностью того промежутка времени, на в течение которого должны проводиться мероприятия. Долговременной политикой отмечается направление экономического поведения на долгие годы, краткосрочной – на один год или на срок в несколько месяцев. Сегодня появились потребности в установлении реальных темпов роста сферы инвестиций, определении плановых показателей инвестирования, в формировании перечня целевых проектов, структуры, для чего используются многовариантные прогнозные расчеты. Составление прогнозов в сфере инвестиций можно назвать многоступенчатым сложным процессом анализа сторон направления инвестиции в какую-либо отрасль экономики в последующих периодах [7,326].

Под прогнозирование вложений подразумевает:

- количественный и качественный анализ направлений инвестиционных мероприятий, новых явлений, а также имеющихся проблем;
- альтернативное видение совершенствование народного хозяйства по отраслям в будущем, в качестве вероятных объектов инвестирования;

- оценивание возможности и рисков инвестирования в какую-то экономическую сферу.

Разрабатывают прогнозы деятельности в сфере инвестиций с коротким, средним и длительным сроком.

Мақолаи мазкур ба падидаи актуалии имрӯза, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар фаъолияти дипломатияи амалкунанда, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар дипломатияи омма ва умуман дар ҳамкориҳои кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки рушди дипломатияи рақамӣ тамоми низоми муносибатҳои байналмилалиро тағйир дод. Шакли нави ҳамкорӣ байни сохторҳои давлатие, ки мутассади оид ба корҳои хориҷии кишваранд ва ҷомеа тавлид шуд. Дипломатияи муосир бештар оммавӣ шуд ва ба ҷараёни баҳсу мунозираҳои сиёсати хориҷӣ, аудиторияи чандмиллиардӣ ҷалб карда шуд. Дар ин раванд кормандони масъули вазоратҳои хориҷии кишварҳо ва инчунин сарони давлатҳо ширкат меварзанд. Натиҷагирӣ мешавад, ки раванди рақамисозии равобити байналмилалӣ аксари кишварҳои муосирро маҷбур

кардааст, ки консепсияи сиёсати хориҷии худро тағйир диҳанд. Зеро дипломатияи рақамӣ як воситаи ниҳоят муассир аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷии давлатҳо, аз ҷониби аксари аз кишварҳои пешрафта хеле моҳирона истифода мешавад. Инчунин хулоса карда мешавад, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ, дар оянда дипломатияи рақамӣ нақши бузургро хоҳад бозид.

Вожаҳои калидӣ: дипломатияи рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, фазои интернетӣ, сиёсати хориҷӣ.

Маликов К. К.

ФЕНОМЕН ЦИФРОВОЙ ДИПЛОМАТИИ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Статья посвящена актуальному на сегодняшний день феномену, развитию информационно-коммуникационных технологий в дипломатической практике, использованию социальных сетей в публичной дипломатии и в международном взаимодействии в целом. Отмечается, что развитие цифровой дипломатии, изменил всю систему международных отношений. Появился новый формат взаимодействий между государсвтенными структурами отвечающими за внешнюю политику и обществом. Современная дипломатия стала более публичной и в процесс принятий решений по многим вопросам втянута многомиллиардная аудитория. В этом процессе наряду с сотрудниками государственных структур, отвественных за цифровую дипломатию, участвуют должностные лица внешнеполитических ведомств стран, также и главы государств. Сделан вывод о том, что процесс цифровизации международных отношений вынудил большинство современных стран изменить концепцию своей внешней политики. Потому что цифровая дипломатия стала чрезвычайно эффективным инструментом реализации внешнеполитических целей госдуарств и очень умело используется многими развитыми странами. Также обосновывается идея о том, что в международных отношениях, будущее за цифровой дипломатии.

Ключевые слова: цифровая дипломатия, социальные сети, международные отношения, интернет-пространство, внешняя политика.

Malikov K. K.

THE PHENOMENON OF DIGITAL DIPLOMACY IN INTERNATIONAL RELATIONS

The article is devoted to the current phenomenon, the development of information and communication technologies in diplomatic practice, the use of social networks in public diplomacy and in international cooperation in general. It is noted that the development of digital diplomacy has changed the entire system of international relations. A new format of interactions between state structures responsible for foreign policy and society has appeared. Modern diplomacy has become more public and a multibillion-dollar audience has been drawn into the decision-making process on many issues. This process involves officials of the foreign ministries of the countries, as well as heads of state. It is concluded that the process of digitalization of international relations has forced most modern countries to change the concept of their foreign policy. Because digital diplomacy has become an extremely effective tool for achieving the foreign policy goals of states and is very skillfully used by many developed countries. It also substantiates the idea that in international relations, the future belongs to digital diplomacy.

Keywords: digital diplomacy, social networks, international relations, Internet space, foreign policy.

Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун хариқаи сиёсӣ агарчӣ таърихи тулонӣ дорад, аммо вай дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хеле васеъ доман паҳн намуда тамоми системаи муносибатҳоро дар тамоми соҳаҳои ҷомеа ба куллӣ тағйир дод. Ин тағйиротҳои ба амал омада раванди ҷаҳонишавии ҷомеа ва фазои муносибатҳоро байни шаҳрвандон, корхонаҳо, созмонҳо, кишварҳо ва қитъаҳо пурзур кард ва яке аз тамоюлҳои асосии ҷомеаи муосир гардид.

Тамоми ҷанбаҳои ҷомеа ба мисли сиёсат, иқтисодиёт, тиҷорат, фарҳанг, илм, маориф ва варзиш дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳамдигар вобастагӣ пайдо карданд ва ба фазои рақамӣ ворид шудани тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатҳои муосири каму беш тараққикарда мутеъи худ гардонид. Ин раванд қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият торафт бештар таъсир карда, тарзи муқаррарии зиндагӣ ва фаъолияти касбии миллионҳо нафар одамони мамлакатҳои гуногуни ҷаҳони муосирро ба куллӣ тағйир дода, имкониятҳои принципан наверо ба вучуд оварданд, ки дар таърихи башар бемислу монанданд.

Дар тӯли зиёда аз ду даҳсолаи охир иттилоотишавии ҷомеа хеле рушд карда, ба марҳилаи сифатан нави таърихи муосир оварда расонд, ки ҳамчун ҷомеаи иттилоотӣ ном гирифт ва ангезандаи тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосир шуд.

Айни замон, комёбиҳо дар ин самт бештар ба мамлакатҳои Ғарб тааллуқ доранд, аз он ҷумла ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аммо ин раванд оҳиста оҳиста тамоми кишварҳоро фаро гирифтаистодааст.

Мафҳумҳои «давлати рақамӣ», «иқтисоди рақамӣ», «дипломатияи рақамӣ», «фарҳанги рақамӣ» дар илм ва публистика бо суръат ворид шуда, ҳамчун вожаҳои калидӣ истифода мешаванд.

Нақши интернет дар давраи муосир ҳамчун воситаи муошират хеле бузург аст ва шумораи истифодабарандагони интернет рӯз то рӯз зиёд шудан дорад. Тибқи гузориши солонаи Global Digital 2021, дар аввали соли 2021 дар саросари ҷаҳон 4,66 миллиард нафар аз интернет ва технологияҳои рақамӣ истифода мекард, ки нисбат ба соли 2020 316 миллион нафар ё 7,3 фоиз зиёд аст [2].

Ин раванд имрӯз рушд дорад ва ин маънои онро дорад, ки ҳама гуна маълумот ба таври куллӣ ва оҷил барои корбар новобаста аз ҷои истиқомат, дастрас мешавад. Технологияҳои иттилоотӣ арзишҳои кӯҳнаро шикаста нав эҷод мекунанд.

Муҳимтарин хусусияти фарққунандаи рушди тамаддун дар асри XXI, албатта, раванди афзояндаи ҷаҳоншавии иттилоотии ҷомеа хоҳад буд ва бояд зикр кард, ки рушду паҳншавии босуръати иттилоотишавӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири худро маҳз ба сиёсати хориҷии давлатҳо торафт бештар карда, имкони васеъ барои истифодаи усулҳои манипулятсионӣ фароҳам меофаранд. Зери таъсири ин раванд сиёсати хориҷии кишварҳои муосир, умуман системаи давлатдорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ тағйир ёфтаистодаанд.

Рушди динамикии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва интернет, ки имрӯз ҷомеаи муосири ҷаҳониро фаро гирифтаанд, сарҳади миллӣ ва байнидавлатиро қабул надоранд ва таъсири дигаргунсозанда доранд, ки ба тамоми соҳаҳои ҷомеа ва давлатдорӣ таъсири калон расонданд. Ҳамчун яке аз унсурҳои рақамисозӣ дар миқёси сайёра, тадриҷан аз як абзори сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба иштирокчиёни (акторҳои) муносибатҳои байналмилалӣ бо дурнамоии хеле дилкаш табдил ёфтаанд. Ва имрӯз эътибори (image) кишварҳо дар назди шаҳрвандон ва хориҷиён аз фаъолияти самароники мақомотҳои давлатӣ дар шабакаҳои интернетии иҷтимоӣ хеле вобаста буда ва ҳамчун як раванди объективӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳо ва умуман муносибатҳои байналмилалиро низ аз лиҳози усулҳои нави дипломатия фаро гирифтанд.

Чаҳор ҷузъи рақамикунонӣ ва иттилоотишавӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ қобили таваҷуҳ шуда, шуҳрати намоён пайдо карданд ва аз ҷониби давлатҳои пешрафта истифода мешаванд:

- дипломатияи рақамӣ, ин истифодаи шабакаҳои интернетии иҷтимоӣ барои таъсиррасонии самаранок ба аудиторияҳои хориҷӣ мебошад, ки абзори муассиртарин дар хазинаи дипломатияи муосир ҳисобида мешавад;

- иттилооти бузург ва дипломатияи додаҳо, ин истифодаи усулҳои гуногун таҳлили шабакаҳои интернетии иҷтимоӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ барои ҳалли мушкилоти сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла мушкилоти зиддиятҳои иттилоотӣ ва дипломатияи омма;

- мудирияти глобалии интернет ва технологияҳои рақамии интихоботӣ, ин раванди гуфтушунид ва созиш байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла давлатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба назорати байналмилалӣ ва соҳибихтиёрии фазои киберӣ, масъалаҳои киберамниятӣ ва амнияти иттилоотӣ дар арсаи байналмилалӣ.

Маҳз ҳамин ҷузъҳо ба дипломатия, сиёсати хориҷӣ ва ҳамкории байни кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ таъсири бузург пайдо карадаанд ва сабаби пайдоиши падидаи нав дар муносибатҳои байналмилалӣ, яъне дипломатияи рақамӣ шудаанд, ки ба таври назаррас каналҳои анъанавии муошират дипломатиро пурра ва мукамал мекунанд.

Пайдоиши интернет ва шабакаҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ ба монанди Twitter, Facebook ва дигар намуди шабакаҳои иҷтимоӣ ва ширкатҳои хабарӣ ба мисоли расонаҳои байналмилалии Voice of America, Russia Today ва PressTV масъалаи истифодаи технологияҳои рақамиро ҳамчун василаи амалисозии сиёсати хориҷии давлатҳо ба миён гузошта, барномаҳои худро роҳандозӣ карда, дар каналҳои рақамӣ пахш мекунанд. Дар натиҷа истилоҳи «дипломатияи рақамӣ» ҳамчун абзори «қувваи нарм»-и кишварҳои муосир пайдо шуд.

Имрӯз, мафҳумҳо ба монанди дипломатияи рақамӣ, дипломатияи интернетӣ, twitter-дипломатия, facebook-дипломатия, дипломатияи электронӣ ва тафсирҳои дигар истифода мешаванд, ки маънои аз ҷониби ташкилотҳои расмии кишварҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва баланд бардоштани обрую эътибори худ дар арсаи байналмилалӣ истифода шуданро дорад.

Дар шароити ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ, қобилияти ҷамъоварии иттилоот ва пешниҳоди он ба таври оҷил ва суръати баланд ба аудиторияи ҷаҳонӣ ба пешвоёни сиёсӣ ва ҳукуматҳои давлатҳо имкониятҳои нав овард. Давлатҳо ва дигар субъектҳои ғайридавлатӣ дар фазои онлайнӣ барои дар арсаи байналмилалӣ нуфуз пайдо кардан, байни худ рақобати шадид мекунанд.

Маҳз иштироки зиёди шаҳрвандон-истифодабарандагон дар шабакаҳои интернетии иҷтимоӣ, сабаби пайдошавӣ ва амалишавии дипломатияи рақамӣ (дипломатия омма) шуд, ки аз ҷониби мақомотҳои расмии кишварҳо самаранок истифода мешавад. Шабакаҳои интернетии иҷтимоӣ на танҳо ба як абзори нави фаъолияти дипломатӣ табдил ёфтанд, балки тавонистанд равандҳои дипломатиро, ки пештар барои шаҳрвандон як қисми бастаи давлатии системавӣ буданд, тағйир диҳанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун як абзори манипулятсионӣ дар арсаи байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ дар муборизаи сиёсӣ ба равандҳои сиёсии ҷаҳон таъсири калон доранд ва истифодаи дуруст, самаранок ва саривақтии дипломатияи рақамӣ, аз тарафи сохторҳои давлатии кишварҳо ба пешравии сиёсати хориҷии давлат ва васеъшавии доираи аудиторияи фазои интернетӣ мусоидат мекунад.

Шуруъ аз моҳи декабри соли 2019, яъне пайдошавӣ ва паҳншавии коронавируси COVID-19 дар миқёси ҷаҳонӣ, раванди рақамикуконии дипломатияро пуршиддат ва пурзӯр кард ва воқеан дипломатияи рақамӣ дар арсаи байналмилалӣ, дар муносибатҳои байни кишварҳо ва дигар субъектҳои ғайридавлатӣ ҳамчун абзори асосӣ қабул гардид.

Дар шароити пандемия бештари фаъолияти дипломатӣ дар доираи фазои онлайнӣ, дар шабакаҳои интернетӣ ва иҷтимоӣ мегузашт. Сарони кишварҳо ва намояндагони мақомотҳои давлатӣ тавассути экрани мониторҳои худ бо ҳам мулоқот мекарданд [1].

Ин раванд имрӯз маъмулӣ шуда, амал мекунад ва рӯ ба афзоиш дорад. Аксари вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мақомотҳои давлатӣ, чорабиниҳои байналмилалӣ тавассути теле ва видеоконфронси онлайнӣ баргузор мегарданд.

Бартариҳои асосии чунин ҷаласаҳои онлайнӣ, ин имкони гузаронидани шумораи зиёди чорабиниҳо дар як вақти кӯтоҳ ва фаро гирифтани зиёди аудиторияи бисернафара мебошанд. Аз ҷиҳати техникӣ бошад, истифодабарандагон имкони бо намояндагони ҳар кишвар алоқа муқаррар кунанд ва зуд масъалаҳои мавҷударо муҳокима карда, ҳалу фасл кунанд.

Имрӯз, аккаунтҳои аксарияти вазоратҳои хориҷии кишварҳо дар аксари шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисоли Facebook, Твиттер ва шабеҳи онҳо пешниҳод карда мешаванд. Шабакаҳои иҷтимоии Twitter ва Facebook маъмултарин шабакаҳои иҷтимоӣ ҳисоб мешавад ва аз ҷониби пешвоёни сиёсии кишварҳо, роҳбарон ва кормандони вазоратҳои хориҷии кишварҳо ҳамчун як абзори «қувваи нарм» истифода мешаванд [5].

Twitter-аккаунти собиқ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Д. Трамп фаъолтарин дар фазои интернетӣ дар миёни роҳбарони мамлакатҳо буд ва истифодабарандагони зиёд дошт. Ва ин сабаб шуд, ки мафҳуми «твиттер-дипломатия» (twiplomacy) ҳамчун як намуди дипломатияи рақамӣ пайдо шавад [3].

Мисоли дигар, саҳифаи нахуствазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ дар шабакаи иҷтимоӣ то моҳи майи соли 2021, тақрибан 46 миллион нафар истифодабаранда дошт [6].

Кормандони дипломатии кишварҳои гуногун аз худ кардани замимаҳои мобилиро, ки қаблан аз ҷониби онҳо ҳамчун платформаи баҳсу мунозира истифода намешуд, идома додаистодаанд.

Дар соли 2018 G7, сарвари кишвари Конодо, бори аввал, дар баробари шабакаҳои иҷтимоии боло зикршуда, замимаи паёмнависии Snapchat-ро ба сифати мақоми расмӣ пешниҳод кард ва ин аз тарафи пешвоёни давлатҳои-аъзои ин клуб қабул шуд. Мақсади сарони давлатҳои аъзои ин ташкилоти ҷаҳонӣ ин буд, ки онҳо бояд як тамоси мустақими онлайнӣ бо ҷавонон-истифодабарандагон дошта бошанд. Ба воситаи замимаи боло зикршуда, истифодабарандагон имкон пайдо кунанд, ки бо шаффофият аз иқдомҳои аъзоён-кишварҳои ин клуби байналмилалӣ хабардор шаванд.

Чунин раванд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон-истифобарандагон имкони иштирок дар ҷаласаҳо, ибрози нуқтаи назарро медиҳад ва умуман имкони таъсири бузург ба сиёсати хориҷии кишварашон ва ба фаъолияти дигар мақомотҳои давлатӣ метавонад фарроҳам биёварад. Илова бар ин, ин раванд, дар умум, таваҷҷӯҳи миллиардҳо шаҳрвандон-истифобарандагонро нисбати соҳаи дипломатӣ афзоиш дода, ба рушди он мусоидат хоҳад кард.

Сарони кишварҳо ва сохторҳои давлатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ масъалаҳои муҳими сиёсати хориҷиро баррасӣ намуда, бо истифодабарандагони интернет баҳс карда, аз ҳолу ҳавои мардум хабардор шуда, оиди ин ва ё он масъалаи мубрам тасмим мегиранд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дипломатияи рақамӣ як падидаи босуръат рушдёбанда дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи муосир мебошад.

Иштироки роҳбарони давлатҳо ва мутасаддиёни вазоратҳои хориҷии кишварҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ торафт меафзояд ва ин яке аз шартҳои асосии сифати баланд доштани сатҳи истифодаи дипломатияи рақамӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Зиёд шудани нуфузи сохторҳои давлатӣ дар байни истифодабарандагони интернет вобаста аз сармоягузорӣ дар ин самт мебошад [4].

Илова бар ин, бояд зикр кард, ки раванди рақамикунонии муносибатҳои байналмилалӣ, аксари кишварҳои муосирро маҷбур сохт, ки умуман, консепсияи сиёсати хориҷии худро зери таъсири ин раванд, тағйир бидиҳанд. Чунки дипломатияи рақамӣ, дар шароити муосир дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба як абзори муассири бениҳоят самаранок табдил ёфтааст, ки имкон барои ҷамъоварии иттилоот ва пешниҳоди он ба таври оҷил ва суръати баланд ба аудиторияи ҷаҳонӣ фароҳам меоварад. Ин раванд аз тарафи сохторҳои давлатӣ

хеле моҳирона истифода мешавад. Воситаҳои анъанавӣ ба мисоли телевизион, радио ва расонаҳои чопӣ манбаи хабарии дуюмдараҷа шудаанд [8].

Дипломатияи рақамӣ ҳамчун дипломатияи омма ҷои муайяни худро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ гирифт. Бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ, фаъолияташ ба самти ҳамкорӣ бо аудиторияи бисернафараи хориҷӣ нигаронида шуда, афзалияташ дар баробари дипломатияи анъанавӣ дар он аст, ки имкони муошират бо аудиторияи чандинмиллиардиро дар режими онлайнии дарозмуддатро медиҳад.

Дар ин раванд, сохторҳои давлатӣ, дар оянда, бояд ба тарбияи кадрҳои масъулони дипломатияи рақамӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бояд таваҷҷӯҳи ҷидӣ бидиҳанд. Чунки барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд, яъне ба таври оқил ва суръати баланд донистани фикру хаёли мардум ва ба аудиторияи ҷаҳонӣ паҳн кардани иттилоот дар соҳаи зикршуда маҳорату малакаро талаб мекунад. Ҳатто як сухани ноҷо ва хатои масъули сохторҳои давлатӣ метавонад боиси вокуниши мардум ва ноустуворӣ глобалӣ гардад. [6].

Дар ин маврид, қобили зикр аст, ки модели дипломатияи рақамӣ бештар воситаи таблиғотӣ буда, тавассути каналҳои дипломатияи анъанавӣ амалӣ мешавад ва хеле ҷаззоб, ҷалбкунандаи таваҷҷӯҳи чандинмиллиардаи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ аст ва ин раванд рӯз то рӯз афзоиш меёбад, чунки муошираи бештар озод ва гайрирасмӣ пешниҳод мекунад.

Вале, дипломатияи рақамӣ то имрӯз танзим нашудааст. Ҳатто дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла дар Конвенсияи Вена оиди муносибатҳои дипломатӣ чизе гуфта нашудааст.

Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани салоҳияти кормандони соҳаи дипломатияи рақамӣ аз ҳисоби кормандони вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷа, курсҳои таълимии такмили ихтисос бояд ташкил карда шавад.

Санадҳои ҳуқуқӣ ва дастурҳо оиди мавқеъ, ахлоқ ва фарҳанги гуфтори кормандони соҳаи дипломатияи рақамӣ ва нашрияҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия ва қабул шаванд, ки низоми ин соҳаро танзим кунанд.

Барномаи курсҳои таълимии такмили ихтисос барои коррмандони соҳаи дипломатияи рақамӣ аз чунин масъалаҳо бояд иборат бошад:

− мунтазам пур кардани аккаунтҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз иттилоот ва маводҳои мултимедиявӣ;

− таҳияи паёмҳо вобаста аз забони истифодабарандагон;

− тавзеҳи пайвастаи мавқеи кишвар барои аудиторияи хориҷи;

− ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии фаъоли онлайнӣ бо истифодабарандагон, аз ҷумла бо журналистон ва сиёсатмадорон;

− таҳияи стратегияи муошират;

− истифодаи саҳифаҳои веб-таҳлилӣ барои муаянсозии фаъолияти кории самаранок дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

− таҳияи нақшаи муошираи зиддибӯҳронӣ;

− мониторинги соҳаи иттилоот дар кишвари қабулкунанда ва дар ҷаҳон [7].

АДАБИЁТ

1. Аккаунты в соцсетях// URLhttps://www.mid.ru/ru/press_service/social_accounts/ (рӯзи мурочиат: 18.01.2023).

2. Исследовательский центр компании «Делойт в СНГ». Доклад «Тенденции монетизации контента в Интернете. Медиапотребление в России 2019». Москва, сентябрь2019. [Электронный ресурс]. URL: https://www2.deloitte.com/content/dam/Deloitte/ru/ Documents/technology mediatelecommunications/russian/mediaconsumption-russia-2019. pdf (рӯзи мурочиат: 04.02.2023).

3. Кара-Казарьян Т. В. Твиттер Дональда Трампа – новое в президентском дискурсе // [Электронный ресурс]. URL: https://upload.pgu.ru/iblock/ae8/20.pdf (рӯзи мурочиат: 12.02.2023).
4. Лебедева О. Роль социальных сетей в дипломатической практике России // Международные отношения. 2021. № 3 // URL: https://interaffairs.ru/jauthor/material/2482 (рӯзи мурочиат: 14.02.2023).
5. Персональная мобильность в информационном обществе // Коммерсантъ Власть. 2016. 6 июня.
6. Перспективы и возможности цифровой дипломатии. [Электронный ресурс]. https://nauka ru.ru/temp/1de53bcc1fbaed703b8d22faf1f1b3b2.pdf (рӯзи мурочиат: 14.02.2023).
7. Шоботенко А.В. Цифровая дипломатия как инструмент внешнеполитической деятельно сти России // Теории и проблемы политических исследований. 2021. Том 10. № 3А. С. 150-151.
8. Kemp S. Digital 2021: Global overview report. [Электронный ресурс]. // URL: https://datareportal.com/reports/digital2021.globalverviewreport?utm_source=Reports&utm_me dium=PDF&utm_campaign=Digital_2021&utm_content=Dual_Report_Promo_S lide. (рӯзи мурочиат: 18.02.2023).

УДК 347

Каримова З.Ҳ.

ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА СИЁСАТИ ГЕНДАРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи зан, нақш, вазифа, мавқеаш, ки дар ҳама давру замон мавриди назарияҳои гуногуни динӣ, ахлоқӣ, сиёсю иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ қарор дорад, барасӣ ва таҳлил гардидааст. Вале ҳарчанд дунёи илмии олами Ғарб баътар ташаккул ёфта бошад ҳам лек маҳз андешаҳои мухталифи онҳо ба илм роҳ ёфта ба чигунагии он аз назари таълимоти динию ахлоқӣ ва сиёсию идеологияи онҳо баҳо дода мешавад. Ҳоло он ки мақому манзалати зан пеш аз ҳама ба шароити табии, хусусияти миллӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ва аз рӯи шароити зарурии таърихӣ бояд муайян карда шавад.

Калидвожаҳо: сиёсати гендерӣ, сиёсати иҷтимоӣ, динию мазҳабӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, шуури ҷамъитӣ, адолати иҷтимоӣ.

Каримова З.Х.

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ГЕНДЕРНУЮ ПОЛИТИКУ

Данная статья посвящен а вопроса глобализации ее влияние на гендендерную политику. Дается важное заничение вопросу о роли женщине в обществе, ее социальном положении и ее достижении на современном этапе. Отмечается, что гендерное равноправие всегда было предметом изучения различных направлений: религиозного, морального, политического, экономического и правового и в этом вопросе европейские страны впереди всех. Сделан вывод, что в настоящее время статус женщины с учетом глобализации становится важным практичес5и для всех стран и он должен определяться прежде всего природными условиями, национальными особенностями, национальными обычаями и традициями, необходимыми историческими условиями.

Ключевые слова: гендерная политика, социальная политика, религия, общественные отношения, общественное сознание, социальная справедливость.

Karimova Z.H.

GLOBALIZATION AND ITS IMPACT ON GENDER POLITICS

This article is devoted to the issue of globalization and its impact on gender policy. An important consideration is given to the question of the role of a woman in society, her social position and her achievement at the present stage. It is noted that gender equality has always been the subject of study in various areas: religious, moral, political, economic and legal, and in this matter, European countries are ahead of all. It is concluded that at present, the status of a woman, taking into account globalization, is becoming important for almost all countries, and it should be determined primarily by natural conditions, national characteristics, national customs and traditions, necessary historical conditions.

Key words: gender policy, social policy, religion, public relations, public consciousness, social justice.

Раванди ҷаҳоникунонии идеологияи либералӣ-демократӣ ва ба интиқоли он ба мамлакатҳои тосаноатӣ барои ин давлатҳо як амре қабул карда шуд, ки аз ин роҳи халосӣ нест. Зеро интиқолдиҳандагони назарияи либералӣ-демократӣ ҳамроҳи ҷаҳоникунонии бозор, молия, тақсими байналмиллалии меҳнат як зумра арзишҳои хоси аврупоиро ба давлатҳои тосаноатӣ ҳамчун намунаи ҳаёти озоду безиддият пешниҳод намуданд.

Аммо ин пешниҳод ҳамчун пешниҳоди хушку холӣ набуда, он барои бесаводгардонии аҳолӣ ба онҳо ёд додани мафҳумҳои “демократия”, “Ҳуқуқи инсон”, “гендер” ба ҷои калимаи ҷинс баробарҳуқуқии ҷинсҳо дар соҳаи илм маърифат, ишғоли вазифа, гирифтани музди баробар ва ғ. то рафъи ҳама гуна шакли зуроварӣ дар оила. Барои амалисозии ин чорабиниҳои “маърифатӣ” маблағ ва бурсҳо ҷудо намуда, таблиғгаронро низ пайдо намуданд.

Ҷомеаи тоҷик, ки дар ҳолати ҳам тангии сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ буд, бе он ки ҳадафи ниҳоии ин навгониҳоро муайян намояд аз рӯи мақом “хари лулиро об деҳу пулашро бигир” амал намуда ин андешаҳоро дар шуури одамони алоҳида ва то андозае ба шуури ҷамъиятӣ ҷой намуданд.

Муҳаққиқони ғарбӣ, ки аслан ҳамаашон ба давлат ва аҳолии мардуми шаҳр аз рӯи ғараз менигаранд онро эҳсос накарданд, ки дар забони аҳли илму адаб ва сиёсати миллати тоҷик калимаи зан, модар муқаддас буда, онро бо гул ташбеҳ медиҳанд. Яъне дар симои зан танҳо ҳамсар, ғуломи мард не, балки чароғи абадии хонадон, равшангари қалби дилҳо, тарбиятгари фарзандони солеҳу барумандро дида сар дар домони модар монданро барояш биҳишт медонад.

Ҳадаф аз ин суханони бо эҳсос гуфташуда аз он иборат нест, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо беадолатӣ дар муносибати байни ҷинсҳо вуҷуд надошта бошад.

Вақте мо ба натиҷаи пажуҳишҳои олами ғарб шинос мешавем, ба пешниҳодҳо ва хулосаҳояшон эътибор медиҳем, он чиз айён мегардад, ки ин масъала яъне нобаробарии иқтисодию сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷинсҳо аз назари пажуҳишгарони тоҷик ё дур мондаанд ва ё онро он қадар масъалаи муҳим нашинохтаанд.

Дар тафакури миллати тоҷик ин низоми муносибати байни ҳокимияти сиёсию ҷинсҳо, байни марду зан як раванди табии буда ба ин раванд мудохила карданро зарур надонистанд, зеро он ҳануз дар ҷомеаи тоҷик боиси пайдоиши низои иҷтимоию сиёсӣ нагаштааст.

Аммо нисбати мафҳуми “гендер” ҳаминро гуфтанием, ки вай барои фаҳмиши “ҷинси иҷтимоӣ, яъне нақши сабаби иҷтимоӣ доштаи монандиҳо ва соҳаҳои фаъолияти мард ва зан, ки на танҳо аз фарқияти биологии ҷинс, балки боз аз ташкили иҷтимоии ҷамъият фарқ менамоянд”[3] навиштаанд, О.В.Климашевкая ва А.В. Крутов.

Мо ба таҳлили андешаҳои муҳақиқони сершуморе, ки ба “гендер” таърифҳои зиёде додаанд машғул намешавем, зеро ҳадаф таҳлили сиёсати давлат дар бораи чигуна роҳандозӣ намудани масъалаи ҷинсҳо алалхусус занон, ки дар Тоҷикистон аксарияти аҳолиро ташкил менамоянд ва онҳоро ба кори истеҳсолӣ ҷалб намудан аст, бо муаллифоне, ки дар боло зикрашон кардем розӣ мешавем. Зеро “гендер-ин модели иҷтимоии мард ва модели иҷтимоии зан аст, ки ба ҳарду ҷинс баробар назар кардану ҳеҷ кадомеро боло намебардорад”[3].

Сиёсати гендерии ҳар кадом давлат дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ якхел буда наметавонад, чунки ҷамъият организми зиндаи иҷтимоист. Чун вуҷуди зиндааст, вай боз бисёр мураккабу серпаҳлу буда онро дар як ҳолати орому бе ғубор нигоҳ доштан бағоят мушкил аст.

Ҷомеа вуҷудест, ки мисли фасли баҳор аст. офтоб асту пораи абре пайдо шуда ё борон ва ё жола мерезад ё раъду барқ садо медиҳаду мегузаранд.

Бинобар ҳамин ҳар кадом давлатро дар давраи муайян ва навъи фаъолияти муайяне зарурати истифодаи меҳнати ин ду ҷинс ба вуҷуд меояд. Масалан дар сиёсати гендерии давлати Тоҷикистон, маориф, тиб, илм, санъатро ҳамчун соҳае медонанд, ки дар он ҷо зан нақши бузург бозиданаш мумкин аст, зеро занон табиатан хоксор нармдил, бо шавқату меҳрубон буда ба дили кӯдак, бача, бемор, тамошобин зуд роҳ меёбад, дар мавриди зарурӣ сухани тасалобахшро зуд пайдо менамояд, кам ғазабнок мешаванд. Ғазабашонро пахш карда метавонанд. Аммо мардҳо чунин нестанд. Табиат ин ду ҷинсро баробар офарида бошаду ба ҳарду ақли баробар расо дода бошад ҳам вале дар онҳо фарқияти таъиноти иҷтимоиро низ муқаррар кардааст.

Ҳангоме, ки ба таҳқиқгарони масоили гендерӣ аз назари танқид менигаред, ба назар чунин мерасад, ки онҳо биноро бе таҳқурсӣ месозанд.

Онро ба назар нагирифтаанд, ки ҷинсҳо дар асри XX ё X1X ба вуҷуд наомадаанд. Онҳо аз ҷиҳати физиологӣ ва вазифагӣ аз ибтидои пайдоиши ҷомеаи инсонӣ бо фарқият ба дунё омада бо мурури пешрафти ҷомеаи инсонӣ нақшҳои худро бозӣ карда омадаанд. Магар марди замони ҷомеаи ибтидоӣ занро аз меҳнати вазнини ҷисмонӣ ба хотири фарзанд озод накарда буд ва он то замони пайдоиши меҳнати саноатӣ идома наёфт? Бо пайдоиши ҳунари бофандагию ресандагӣ, ки унсурҳои аввалини меҳнати саноатианд, ин пеша ба ихтиёри занҳо нагузашт?

Яъне ҷамъияти инсонӣ дар тули инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ на танҳо муносибатҳоро дар дохили оила байни ҷинсҳо тағир дод, балки он дар доираи ҷамъият низ ба тағироти ҷиддӣ гирифтор шуд.

Агар мо ба хусусияти миллиашон аз назари аврупоӣ не балки ақли солими миллиамон баҳо доданӣ шавем, пештар дар ибтидои асри XX агар мардро мепурсиданд, ки чанд писар дорӣ, мегуфт: даҳто, ҳатман мегуфтанд, “бой” будаӣ. Яъне фарзанди бисёр доштан аломати қафомондагӣ, пастии шуур на, балки аломати ифтихор ва арзиши олӣ буд.

Ба он хотир арзиши олӣ буд, ки мард соҳиби қувваи корӣ буд. Дар оила ҳама дар замин меҳнат карда хонадонро аз чизҳои зарурии зиндагӣ таъмин менамуд. Ин сиёсатро ҳокимияти Шӯравӣ низ, сиёсати давлатӣ ҳам ҷонибдорӣ мекард.

Дар замони шӯравӣ барои надоштани кӯдак оила андоз месупорид. Ба модари аз ду фарзанд боло дошта барои ҳар як кӯдак маблағи муайян ҷудо менамуд. Оилаҳоро барои серфарзандӣ то ба дараҷаи қаҳрамонмодарӣ ҳавасманд намуда, барои оилаи соҳиби даҳ ва аз ин зиёдтар фарзанддошта нақлиёт медоданд.

Надида гирифтани ин имтиёзҳо, таҳсили бепули хонандагон, ёрии тиббии бепул инҳо чорабиниҳое буданд, ки асоси сиёсати иҷтимоии давлатро ташкил намуда, барои ҳамаи онҳое, ки имконияти кор кардан доштанд, шароити меҳнат вуҷуд дошт. Сиёсати давлатӣ доир ба мақоми ҷинсҳо дар ҷомеа тавре амалӣ карда мешуд, ки фарқияти ҷинсӣ он қадар эҳсос карда намешуд ва на дар сатҳи фардҳои алоҳида ва на гурӯҳҳои иҷтимоӣ доир

ба нобаробарии онҳо дар ҷомеа касе эътироз намекард, чунки ҳам дар Конституцсияи СССР ва ҳам Конституцсияи ҷумҳуриҳои он баробарҳуқуқии зану мард эълон шуда буд.

Вале бо мурури афзоиши табии аҳолӣ, рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, эҳтиёҷ ба қувваи корӣ афзуд. Зарурати он ба вуҷуд омад, ки бо меҳнати самараноки истеҳсолӣ ҳарчӣ бештар ба кор ҷалб карда шаванд, зеро миқдори истеъмолгарон дар ҷамъият аз истеҳсолкунандагон бештар гашта таъмини зиндагӣ мушкилтар гардид.

Дар чунин вазъият тағири тарзи зиндагие, ки асрҳо мардум бо он одат намуда буданд, шикастанашон хеле мушкил гашта боиси норозигиҳо дар чамъият гашт.

Ба хусус он ки дар симои мард таъминкунандаи оиларо медонистанд, аммо мард аз уҳдаи он намебаромад, оҳиста-оҳиста то рафт мавқеашро аз даст медод, ки ин то андозае нақши мардро дар оила суст мекард.

Чунин раванд бояд аз тарафи ҷомеа бо ягон навъ танзим карда мешуд.

Дар зери таъсири ташкилотҳои байналмиллалӣ ва Конвенсияи Миллали мутаҳид доир ба нест намудани ҳамагуна шакли маҳдудияткунӣ нисбати занон ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон низ рӯ ба ин масъала овард, пеш аз ҳама ба тарбияи духтарон аҳамияти авалиндараҷа дода барои ба ҳаёти фаъоли сиёсӣ ҷалб намудани онҳо чора андешид. Ба хусус барои духтарони маҳалҳои дурдасти Ҷумҳурӣ дар мактабҳои олӣ квота эълон намуда баъди хатм онҳоро ба мақомотҳои роҳбарикунанда таъмин менамояд.

Мувофиқи қарори Президенти кишвар Пешвои миллат, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама сохторҳои ҳокимияти давлатӣ занону духтарон ба кор ҷалб карда шуда, нисбати онҳо ба хусус барои сабзиши мансабӣ ҳама санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия карда шуданд.

Аммо, чун сухан дар атрофи баробарҳуқуқии ин ду ҷинс меравад, бояд шароитҳои мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, дараҷаи фаъолиятнокии иҷтимоию сиёсии ҷинсҳоро ба ҳисоб гирифт, ки он зан кадом арзишҳоро бештар ҷонибдор аст. Зан дар ҷомеа дар кадом нақш худро озоду беғам эҳсос менамояд, зеро “Сиёсати гендерӣ дар ҳама соҳаҳо ҳамон меъёрҳо, қолабҳо, доира ва тамоили инкишофро, ки боиси ва маҳдуднамоии озодие гузошта мешавад, муносибатҳои нави ҷамъиятие ташаккул ёбад, ки ҳадалимкон баробарии ҷинсҳо таъмин карда шаванд”[4] навиштаанд, О.В.Климашевская ва А.В.Крутов.

Дар боло зикр шуд, ки афзоиши табии аҳолӣ аз як тараф аз даст додани имтиёзҳои модарон ҳангоми тавлиди фарзанду маблаггузории он барои нигоҳбини фарзандон таҳсилу табобати пулакӣ то андозае модарро “бесоҳиб” гардонид. Шароити иҷтимоие ба вуҷуд омад, ки модарон аз дастгирии молиявии давлат маҳрум гашта норасогии рӯзгор боиси тағири ҳолати психологии зану мард гардид.

Болои ин ҷанги шаҳрвандӣ вазъи иҷтимоии кишварро хеле бад карда бекорӣ хусусияти доимӣ пайдо намуд. Акнун шароите ба вуҷуд омад, ки натанҳо занон пурра ба кор таъмин карда нашуданд, балки мардон низ бе кор монданд.

То он даме, ки дар Тоҷикистон, мушкилии гендериро касе эҳсос намекард ва ҳаёти мисли ҳарвақта дар ҷараён буд, институтҳои байналмиллалӣ он оромиро халалдор намуданд. Ба таври сатҳӣ бошад, ҳам дар майнаи занон ва ҷомеа андешаи баробариро ҷой намуданд, агарчӣ ба таври қонунӣ ё бо роҳҳои дигар ҳеҷ ягон ҷинс дар интихоб намудани фаъолияти дилхоҳаш маҳдуд карда нашудааст.

Дар бораи нобаробарии ҳуқуқӣ марду зан андеша намуда, бояд эътироф намуд, ки аз кори ҷамиятӣ дур будан, иштироки ками занон дар соҳаи илм, маориф вазифаҳои роҳбарикунанда ба сохти иҷтимоии ҷамъият, сохтори сиёсӣ ва ҳадафманди ҳар кадом давлат хос аст.

Азбаски ҳама давлатҳо барои рушди иқтисодию сиёсӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ ҳавасманд, барои рушд оддитарин имкониятҳои моддию зеҳниашонро барои ба даст овардани фоида ба соҳаҳое сарф менамоянд, ки онҳо боздеҳи иқтисодӣ дошта бошанд. Ҷалби ҳама қувваҳои қобили меҳнат ва дар ихтиёри онҳо додани воситаҳои навтарини

техникию технологӣ зарурияти инкишофи ҳамаҷониба ақли инсонро новобаста ба ҷинсияташ талаб менамояд.

Аммо он ҷо ки чунин сиёсати воқеӣ вуҷуд надорад, зарурият ба азхуднамоии касбу корҳои илмталаб ба вуҷуд намеояд. Дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ новобаста ба ҷинс, сину сол ба воқеияти ҳаётӣ назар карда, аз он ҳолате, ки қарор доранд, беҳтарашро интизор нашуда бо ҳамин ба қувваи фаъоли сиёсию иҷтимоӣ табдил намеёбанд.

Гузашта аз ин тули солҳо ҳолати нисбатан ороми иҷтимоию сиёсӣ аз як тараф ва таъсири “ба додаи Худо қаноат кун ва аз он шукургузор бош” аз тарафи дигар ва сеюм “шухӣ накун ба арбоб, мезанадат ба ҳар боб” одитарин эҳсоси ифодаи норозигиро дар майнаи одамон кушта, шукрона ва қаноатпешагиро дастури зиндагӣ ва сабаби оромиши иҷтимоӣ донистаанд.

Аз ин рӯ агарчӣ, мард барои таъмини рӯзгор шабу рӯз ранҷ мекашид ва дар оила зан низ оромиро намедид, ҳеҷ кадом якеро таъна намекард, зеро мард медонист, ки иҷрои кори хона, ки он аслан ба зиммаи зан аст, он ҳам боиси ободию оромии хонадон аст. Барои ин муносибатҳои мушаххаси таърихӣ, тарзи муайяни истеҳсолот дар ҷамъият вуҷуддошта боис гашта буданд.

Бо тағир ёфтани сохти сиёсӣ ва табиист, ки сохти моликиятдорӣ ё муносибатҳои молумулкӣ нобаробарии иқтисодиро равшан кард. То пайдоиши чунин муносибатҳо чун ҳама қариб бо ҳам дар моликиятдорию гирифтани музди меҳнат баробар буданд ва онро давлат сахт назорат менамуд, акнун чунин нест.

Дар ҷомеа аз ҳисоби занони дорои маълумоти олӣ дошта ва дар корҳои давлатӣ замоне адои вазифа карда, масъалаи гендерӣ бардошта шуд.

То кадом андоза ин боиси пешрафти ҷамъият ва барпо намудани ҷамъияти безиддият боис мегардад, таҷрибаи мамлакатҳои ғарб намуна аст.

Дуруст аст, ки фарҳангу ахлоқи либералӣ, озодии фардии ҷинсҳо нақши занҳоро дар ҳаёти ҷамъиятиашон хеле боло бардоштаанд.

Дар он давлатҳое, ки занон ҳокимияти сиёсиро сарварӣ менамоянд, дар он давлатҳо бисёр масъалаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ба дараҷае ҳалу фасл гаштааст, ки қонунвайронкунӣ қариб вуҷуд надорад.

Аммо дар ин давлатҳо масъалаи гендерӣ ба дараҷае бардошта шудааст, ки оила ба маънии класикиаш дигар вуҷуд надорад. Зан фарзанддориро як кори зиёдатӣ дониста даъво менамояд, ки чаро умрамро барои каси дигаре сарф намоям. Яъне барои зани аврупоӣ модар будан-арзиш надорад.

Талоши назариячиёни ҷоҳоншумулнамоии сиёсати гендерӣ боварӣ доранд, ки тавассути дар ҷаҳон ҷорӣ намудани нормаҳои гендерӣ, ҳадафаш кор карда баромадани модели универсалии муносибатҳои гендерию сиёсати ягона мебошад.

Бешак бояд эътироф намуд, ки ба ҳам наздикшавии иқтисодию сиёсӣ ба наздикшавии фарҳангию ахлоқӣ низ мусоидат менамояд. Масалан аҷдодони бузурги мо ба муқобили тарзи ҳаёту идеологияи ароб қариб се аср ҷангид. Вале оҳиста-оҳиста қобилияти муқовиматкуниаш суст шуда онро ба дараҷае худӣ медонад, ки соҳибони ин динро “кофир” мехонанд.

Масъалаи гендер низ агар дар зери фишори иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии давлатҳои пурзӯри иқтисодӣ қарор дошта бошад, қабули ҳама он андешаҳое, ки ба инҷо ворид мешаванд ногузир аст.

Чи тавре мебинем нобаробарии физиологӣ ё ҷисмонӣ боиси пайдоиши нобаробарҳуқуқии зану мард гаштаанд на нобаробарии ақлу фаросат ё донишмандӣ.

Сифатҳои ақлу дониш ва бойгарӣ дар зинаи баландтари инкишофи ҷамъият ба вуҷуд омада, муносибатҳои заношавҳарӣ хусусияти бозори маҳдудро гирифтанд, ки он дар шакли маҳр ё “ҳақи шир” доду гирифт карда мешуд. Шояд ибораи “савдои умр”, ки нисбати издивоҷу бастани аҳди никоҳ истифода мебаранд ва дар интихоби ҳамсар хато накарданро

ҳама орзу доранд аз ҳамин доду гирифтҳо, ки тавассуташон оилаҳо бо ҳам хеш мешаванд, аз ҳамин ҷо пайдо шуда бошад.

Аз ин мебарояд, ки ташкили оила ақди никоҳ на танҳо ҳамчун як талаботи физиологӣ, балки ҳамчун як арзиши амалиест, ки пойдории ҷомеа ба он алоқаманд будааст.

Бояд иброз кард, ки замоне барои фарзандон падарону модарон ҳамсар меёфтанд. Фарзандон бе розигии падару модар издивоҷ намекард. Аммо ин маъноро надошт, ки фарзандон ҳуқуқи хости падару модарро рад кардан надоштанд. Баракс, ин ба он хотир буд, ки ҷавонон писарону духтарон дар доираи танги иҷтимоӣ зиндагӣ карда назорати атрофиён ё афкори умум аз болои рафтори онҳо вуҷуд дошт.

Дар давоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ҳам онҳо ҳануз ба ҳамдигар бехато баҳо доданро намедонистанд.

Чун падару модар ободию осудагии фарзандонро мехоҳанд, аксаран онҳо дар интихоби ҳамсар барои фарзандонашон хато намекарданд.

Ин гуна никоҳ на ба он хотир устувор буд, ки падари писар барои арусаш маблағ хароҷот кардааст, балки барои он чунин буд, ки ҳарду барои ҳам аввалин буданд. Эҳсосҳои аввалини муносибатҳои ҷинсӣ, навозиш ва ғ.-ҳоро бори аввал аз ҳамдигар дида имконияти ба каси дигаре муқоиса кардан надоштанд. Аммо дар сину соли болотар ва ба хусус ҳангоми васеъ гаштани доираи муошират, шиносоӣ бо бисёриҳо, шунидани суханони меҳрангез ҳамаи онҳо дар хотир мемонанд. Ҳангоми ҳаёти якҷоя вақте, ки камбудиҳои ҳамдигарро дар муносибатҳояшон кашф менамоянд, он гоҳ рӯ ба он эҳсосе, ки аз нафари дигаре пайдо карда буд, пеши назар омада, он то рафт қувват гирифта боиси вайроншавии оила мегардад. Аз ин ҷост, ки талоқ ё никоҳ ҳаргиз вай бо ташаббуси кадом тарафе сурат нагирад, нишонаи нобаробарҳуқуқӣ набуда, балки падидаи психологӣ мебошад.

Бояд эътироф кард, ки талоши ташкилотҳои байналмиллалӣ ва дар Тоҷикистон бардоштани масъалаи гендерӣ ба хотири рафъи нобаробарии ҷинсҳо ба хусус занон ин мавҷи нави сиёсати гендерист, ки ҳадафашон ҷаҳоникунонии сиёсати гендерӣ аст.

Зеро чи тавре, ки дар боло зикраш рафт ҳануз дар ибтидои солҳои 30-уми асри XX аниқтараш 26-уми декабри соли 1926 сесияи якуми даъвати якуми Шӯрои муассиси советҳо “Декларатсияи таърихӣ дар бораи ташкили ҷумҳурии худмухтори Совети Сотсиалистӣ қабул карда шуд. Қонун дар бораи ҳуқуқҳои занони меҳнаткашони ҷумҳурии худмухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ва зарурияти мубориза барои озодии занон қабул карда шуд”[7].

Тибқи ин қарор занон дар зери шиори “ҳуҷум” ба муқобили фаранҷӣ ҳозорон занони осиёи марказӣ аз фаранҷӣ дар шаҳрҳо гулхан афрухта рӯ ба ҳаёти нав оварданд.

Қайд бояд намуд, ки сиёсати пайгиронаи ҳокимияти Шуравӣ дар роҳи озодии занон агарчӣ ба урфу одат ва анъанаҳои мардуми шарқ созгор набуд ва он аз ҷониби мардон низ хуб напазируфта шуда бошанд ҳам, оҳиста-оҳиста мардум ба ин одат карда он ба меъёри зиндагӣ табдил ёфт.

Масъалаи таъмини баробарҳуқуқии воқеии марду зан дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ мазмун ва моҳияти нав пайдо намуд.

Як зумра қонун, қарор ва барномаҳое аз тарафи мақомоти олии роҳбарикунанда доир ба тарбия интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳои роҳбарикунанда ва барҳамдиҳандаи нобаробарии ҳуқуқии занҳо нисбат ба мардҳо қабул карда шуданд, ки онҳо воқеан давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд.

Барои тасдиқи ин фикр ҳамин кофӣ аст, ки аз соли 1998 то соли 2017 доир ба занон 9 қонун қарор ва барномаҳо аз ҷумла: Нақшаи миллии тадбирҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оид ба баланд бардоштани нақшу мақоми занон барои солҳои 1998-2005: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12. 1999 №5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03 2005 №89, Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.08.2001, №391 “Дар

бораи барномаи давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2011”, “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2007-2015”, “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зуроварӣ дар оила барои соҳои 2007-2015”, “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зуроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2014, №229”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №548 “Дар бораи Нақшаи амалии стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2015, №801 “дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2017-2023” ҳуҷутҳоеанд, ки ҳокимияти давлатӣ онҳоро дар амал татбиқ намуда истодааст.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳама санадҳои тақдирсозеро ки онҳо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудаанд, ҳамчун давлаи демократию ҳуқуқбунёд на танҳо дастгирӣ менамоянд, балки барои дар амал татбиқ намуданашон дар мутобиқат бо қонунҳою арзишҳои миллӣ дар амал татбиқ намуда барои таъмини баробарҳуқуқии занон ва ба ҳаёти фаъоли сиёсӣ ҷалб намудани онҳо ҳама чораҳоро меандешад.

Таҳлили қонунҳо, фармонҳо, қарору барномаҳои аз тарафи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ба ҳисобгирии арзишҳои умумибашарӣ ва мутобиқнамоии онҳо бо хусусият, анъанаҳои миллӣ роҳандозӣ карда шуда аз тарафи ҷомеа ҳамаҷониба дастгирӣ пайдо намудаанд, зеро онҳо ба фаъолияти иқтисодию сиёсӣ, роҳбарию иҷронамоиро ҳамчун раванди мутассили иҷтимоию сиёсишавӣ дар амал татбиқ менамоянд. Ин раванд бо назардошти инкишофи диалектикии мунтазам тағирёбанда, ки он аз марҳилаҳои тарбия, интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳо иборат аст, имкон медиҳад, ки дар ҷараёни тарбия, ҷиҳатҳои хубу бади роҳбари оянда, дараҷаи инкишофи зеҳнию, қобилияти пешбининамоӣ ва ташкилотчигиаш муайян карда шуда маҳорату малакаи дар атрофи худ ҷамъ карда тавонистанд, онҳоро аз қафои хеш баҳри ҳадафҳои созанда бурда тавонистан дорад ё не.

Ин усул ифодаи як шахс ё субъекти алоҳида набуда, чун шахси таъиншаванда ҳаматарафа санҷида мешавад, тасодуфӣ набуда ба тавре аз санҷиши илмӣ гузашта барои фаъолияти мустақилона идора кардан, қарор қабулнамудану иҷрои онро аз тарафи зердастон амалӣ гардонидан роҳхати илмӣ мегирад.

Масалаи дигаре, ки сиёсати гендерӣ ҳали онро талаб менамояд, ҷудо накарани касбу корҳо ба ҷинсҳо буда, бешак барои дар ҳама соҳаҳои илму истеҳсолот истифодаи техникаю технологияи нав барои занон кушода будани дарҳо аҳамияти ҷиддӣ дорад. Чӣ тавре, ки сиёсатшинос Хидирзода Махфират Умар қайд намуданд: “Раванди рушди демократикунонии ҷомеа бечуну чаро тақозо менамояд, ки чӣ дар идоракунӣ ва чӣ дар масъалаҳои дигар набояд ҷинсият асос барои маҳдудияти фаъолияти шахсиятҳо гардад, вале новобаста ба ин таъсири баъзан хусусияти табъидидошта дар аксар мавридҳо боиси бунёди монеаҳои сунъӣ дар самти фаъолнокии занон мегарданд” [2]

Агар ба муътавои ин ҷудокнӣ аз нигоҳи мантиқ баҳо диҳем, мо инҷо маҳдуднамоии бошууронаро намебинем. Вай як навъ ғамхорӣ ва сабукӣ додан ба занҳост, агарчӣ ин то ҳаде ҷомеаро дар соҳаҳои металургӣ, азхуднамоии техникаи ахборотӣ, геология, дипломатия, менеҷмент ва муҳандисӣ аз қувваи бузурги эҷодкории занон маҳрум месозад.

Вале аз тарафи дигар дар саноати фузулотгудозӣ, шахтаҳо, кашшофии геологӣ, ҳамеша сару кор доштан бо компютерҳои пуркувват, сохтани роҳҳи оҳан нақбҳо кор кардани занон барои саломатиашон қобили қабул нест, агар чӣ ҳокимияти сиёсӣ ва қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон санади дар ин соҳаҳо кор накардани зананро ба тасвиб нарасонидааст “Маданият барои марду зан, норма ва арзишҳои гуногунро дикта

мекунад ва вайрон намудани онҳоро ҷонибдор нест” [5] навиштаанд муалифони Дастури амалӣ (Практическое пособие)

Шояд баъзе маҳдудиятҳо аз рӯи ин то кунун вуҷуд дошта бошад, ки мардуми деҳот, ки ба ҳаёти нисбатан озодонаи шаҳрнишинҳо як навъ вайроншавии ахлоқро медиданд ва мақоми халқ, ки “Худо духтарро ба шаҳр бурд, ба хона бар нагардонад” ва талабгори кам барои занҳои соҳибмаълумот барои издивоҷ аз рӯи ҳамин назари нодуруст пайдо шуда бошад, ки то кунун аз шуури мардум зудуда нашудааст.

Дар тафаккури мардуми деҳот духтарони деҳотӣ, ки барои хондан ба шаҳрҳо мераванд, ахлоқан тағир меёфта бошанд. Ҳамин дараҷаи тафаккури мардуми деҳот, ки гӯё онҳо, ки худ ахлоқи “хуб надоранд, ҳамсари хуб ҳам намешаванд ба тафаккури фронсавии замони Напалеон ҳамоҳанг аст.

Дар бори фаронсаи замони Напалеон Самуэл Смайлсу Наполеони 1 гуфтааст “дар Фаронса аз ҳама камбудӣ нарасидани модар ҳис мешавад, ба халқи Фаронса тарбияи хонагие, ки онро занони хуби накукор ва оила роҳбарӣ намояд. вафо ба шавҳар зарур ҳисоб намешуд,тозагии ахлоқи оилавӣ ҷамъиятиро ба ҳам намепайваст”[1].

Ҳамин гуна ҳолати ахлоқӣ дар Эрони замони ҳукумронии Ризошоҳ Паҳлавӣ ҳукумфармо гашта буд, ки он сабаби асосии шикасти режими шоҳӣ гардид.

Чун аксарияти мутлақи аҳолӣ тарзи ҳаёти озодии фаронсавиҳоро нахостанд, ғалабаи инқилоби исломӣ асосан бехун ба даст омад. Аввалин қаоре, ки Оятулло Ҳумайнӣ пешвои инқилоби исломӣ қабул намуд, ҳамагуна озодиҳои занонро манъ намуда барои риоя намудани қоидаи либоспӯшӣ 20 ҳазор зан кушта шуд. Алҳол дар аксарияти деҳоти Тоҷикистон гурӯҳи зиёди насли калонсол пушидани либоси аврупоиро он қадар намеписанданд.

Чӣ тавре, ки Асосгузори суҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, бегонапарастӣ, қадр накардани миллат ва фарҳанги хеш аст.

Доир ба баробарҳуқуқии марду зан сухан ронда онро фаромӯш набояд кард, ки рисолати зан дар ҷамъият ба ғайр аз меҳнаткаш ё қувваи корӣ буданаш боз тавлидкунандаи инсон аст. зан рисолате дар ҷамъият дорад, ки мардҳо онро надоранд. Онҳо-яъне занҳо модаранд. Ҳама бузургони олам ва пайғамбарони Худованд бо шири сафеди модар калон шуда, бузӯрг гаштаанд.

Шояд Абу Алӣ ибни Сино ки модари тоҷик онро ба дунё овардаю бо шири сафедаш ӯро парвардааст, дар ҷаҳон ягона донишмандаст, ки доир ба ситорашиносӣ, риёзӣ, кимиё, биология, тибб, география, илмҳои техникӣ 300 далелҳои физикӣ ва 100 қонун ва қонуниятҳоро нишон додааст ва бо ҳамин нақши миллаташро дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ барҷаста намоиш дода истодааст.

Аз ин ҷост, ки тарафдорону тарғибгарони сиёсати гендерии аврупоӣ ба зан бештар ҳамчун заҳматкаш нигариста, онро ҳамчун як паррандаи озоде, ки дар фазо бе монеа парвоз менамояд, диданӣ шуда тақсими меҳнати хонаводагиро асоси баробарҳуқуқии марду зан медонанд.

Аммо тарзи зиндагии мардуми шарқ ба хусус шарқи исломӣ бо арзишҳояш дигар аст. Масалан зани тоҷик барояш эб намебинад, ки дар хонааш меҳмон бошаду мард ба ҷои зан ба пухту паз, оро доани дастархон ва хизмат ба меҳмононро иҷро намоянду зан чун меҳмон нишинад.

Хусусияти хоси анъанаҳои миллии тоҷикӣ дар онанд, ки дар ҳама ҳолат ҳарду ҷинс бо ин ё он навъ корҳои хонадориро бо ҳам иҷро менамоянд, агар ба шарте ҳарду коргар бошанд. Кам оилаҳое пайдо мешаванд, ки ба ҷуз кори давлат дар хонааш ба кори рузғордорӣ машғул набошанд.

Дар тули мавҷудияти сохти Шӯравӣ аз байни занон зарбдорони меҳнат, қаҳрамонони меҳнат, ходимаҳои сиёсию давлатӣ, олимон, шоирону нависандагон, табибу омӯзгор, муҳандису сарварварони корхона ташаккул ёфта дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат ду

вазифа кори ҷамъиятӣ ва хонаводагиро ба тамоми паҳлуҳояш адо мекардагӣ шуд. Ин анъана то ҳол дар ҷомеаи тоҷик вуҷуд дорад.

Дуруст аст, ки дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ сиёсати давлат доир ба зан, ҳуқуқ ва ҳимояи манфиатҳои он чун дар замони Шӯравӣ дар ҷои аввал сиёсати давлат қарор дорад.

Чун дар замони Шӯравӣ занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бо мардон баробарҳуқуқ ва ҳатто нисбат ба мардҳо ҳуқуқи бештар доранд.

Ба хусус ҳуқуқи духтарон нисбат ба ҷавонписарон аз он лиҳоз бештар аст, ки барои онҳо дар таҳсил ва ишғоли ҷои кор квотаи давлатӣ муқаррар карда шудааст.

Он ки шумораи мардон дар корҳои иқтисодию сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ҳиссаашон бештар аст, ягон монеаи сиёсӣ ё ҳуқуқӣ набуда то андозае ба худи онҳо вобастааст.

Беҳтарин рисолати занро Самуэл Смайлсу чунин баён кардааст: “ Ҳеҷ гоҳ таъминоти зан аз он иборат набуд, ки ғуломи бесухан ва ё аз он болотар зебо барои машғулияти мард ҳангоми истироҳат бошад. Вай ҳам барои хеш ва ҳам барои дигарон ҷиддӣ ва уҳдадориро масъул дар иҷрои он рисолате дар ҳаёт, ки ақли амалӣ ва дили пурэҳсос доштан аст”[6].

Чунин дил ҳамон вақте пайдо мешавад, ки ҷомеа аз камбудиҳои зиндагӣ озод буда, вай дар ҳаёт камбудии рӯзгордориро эҳсос накарда ҳамеша дар муҳити солими иқтисодию сиёсӣ, ахлоқию фарҳангӣ кору зиндагӣ намуда, фардои дурахшонашро эҳсос менамояд. Дар муҳити солими фарҳангию ахлоқӣ бо масъулияти баланди миллӣ имконияти кору зиндагӣ карда метавонад. Бояд донист, ки саодати зиндагӣ танҳо дар доштани бойгарӣ нест, балки дар он аст, ки шахс рафтору кирдорашро мувофиқи талаботҳои ахлоқии рафтору кирдори нек роҳандозӣ намуда, ҳама амалаш барои ҷомеа ибратбахшанд. Аммо ибрат ду хел мешавад. Ибрате, ки боиси пешрафти ҳаёти моддию маънавии ҷомеа мегардад ва ибрате, ки вай ба талаботҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ набуда аз тарафи ҷомеа маҳкум карда мешаванд. Он ки дар соли 1979-1980 дар Эрон 20 ҳазор занон ба қатл расонида шуданд, сабабаш ибратгирии зани эронӣ аз занони фронсавӣ буд. Замоне, ки ҳукумати инқилобии исломӣ ба сари ҳокимият омаду дар бораи риояи либоспушии исломӣ қарор баровард, донишҷудухтарону занони ба ном “фаъол” бо либосҳои нимбараҳна ба намоиши эътирозӣ баромада норозигии хешро аз ин қонун изҳор намуданд. Аммо имрӯз занони эронӣ ба ҳамин сару либоси суннатиашон бо мураккабтарин воситаҳои техникӣ сару кор дошта таҳқиқотҳои даҳ соли аввали инқилоби исломии соли 1979 “индекси сиёсӣ-иҷтимоии иштироки занон ҳам аз рӯи дараҷаи маълумот чӣ нисбат ба миқдор ва чӣ нисбат ба сифат хеле афзудааст”[8]

Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳама он чиро ки ҷаҳонишавӣ ба миён мегузорад, рад намуд. Муҳимаш он аст, ки зани тоҷик дар интихоби касбу кор, дину оин, тарзи ҳаёти солим соҳибихтиёру озод буда, рисолаташро сарбаландона иҷро намуда истодааст.

АДАБИЁТ

1. А.А.Фомина. Феминизм в эпоху информационной глобализации. Федеральней образовательным партал. Экономика социалогия 28.02.20 стр.36.
2. Василевич Г.А. Мешенова М.В. и дрг. Провавое гарантии и реализации принципов гендерного равенства. Издательский центр БГУ 2018 УДК 342 722 (476) ББК 674003 (45 ен) п68.
3. О.В.Климашевская ва А.В.Крутов. Гендерная политика государство: Генезис понятия 2010. ББК 60.542.2.стр.7.
4. София Косимова Гендерная система таджикского обҳества пути к модернизатция Душанде 2004.
5. Самуэл Смайлсу, Вляние женшин на развитые талантов в детях по Самуэл Смайлсу соч.в.2.т. том 1.М. “Тера”1.

6. Самуэл Смайлсу, Вляние женшин на развитые талантов в детях по Самуэл Смайлсу соч.в.2.т. том 1.М. “Тера”1 стр 3.
7. Фарзане Аджари. Автореферат, Положение женщин в политическое жизни исломской Республики стр 21.
8. Хидирзода Махфират Умар. Нақши занон дар идоракунии ҷомеа. Душанбе-2017 саҳ.21.

УДК 004

Муртазоқулов М.Р.

ВАСОИТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

Мақолаи мазкур ба татбиқи маводҳои электронӣ дар машғулиятҳои дарсӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва самаранок истифода бурдани маводҳои электронӣ аз фанҳои дақиқро муҳокима менамояд. Муаллиф адабиёти илмии педагогиро, ки ба омӯзиши масъалаҳои ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии донишҷӯён бахшида шудааст, тахлил намудааст. Тасдиқ шудааст, ки истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ба донишҷӯён дар рафъи душвориҳои таълимӣ манфиатдор буда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкории наздик ва самаранок байни омӯзгору донишҷӯён, дар раванди таълим мусоидат мекунад. Муаллиф дар моқолаи мазкур оид ба нақши технологияи муосир ва аҳамияти истифодабарии он дар фанҳои дақиқ маълумоти аниқ оварда, роҷеъ ба маводҳои электронии таълимӣ таҳқиқот гузаронидааст. Инчунин мақола ба истифодаи усулҳои нави таълим ва нақши тахтаи электронӣ дар раванди таълим таҳқиқот гузаронида, оид ба афзалиятҳои истифодаи ин технология иттилоъ додааст.

Вожаҳои калидӣ: технология, инноватсия, телекоммуникатсия, интернет, маориф, тахтаи электронӣ.

Муртазоқулов М.Р.

ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ МАИЕРИАЛОВ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ПРЕПОДАВАНИИ ТОЧНЫХ НАУК

В данной статье рассматривается использование электронных материалов на уроках, они содействуют в повышение качества образования и эффективное использование электронных материалов в точных науках. Автором проведен анализ научной педагогической литературы, посвящённой исследованию проблемы организации самостоятельной образовательной деятельности студентов, показана неоднозначность трактовки этого понятия. Подтверждено, что использование электронных образовательных ресурсов приносит пользу студентам при преодолении трудности в обучении, способствует созданию комфортных условий для более тесного и продуктивного взаимодействия преподавателя и студентов в учебном процессе. В данной статье автор уточняет роль современных технологий в использовании электронных материалов, их применение к точным дисциплинам в процессе обучения данным, а также проводит исследования. В статье также исследуется разработка и внедрение электронных материалов, использование новых методов обучения, а также исследования электронной доски и ее роли в образовательном процессе.

Ключевые слова: технология, инновация, телекоммуникация, интернет, образование, электронная доска.

Murtazokulov M. R.

USE OF ELECTRONIC MATERIALS AND THEIR SIGNIFICANCE IN TEACHING EXACT SCIENCES

This article uses materials used for educational purposes, they contribute to the improvement of the quality of education and the use of materials in the technical sciences. The author analyzes the scientific pedagogical literature devoted to the study of the problem of organizing independent educational activities of students, shows the ambiguity of the interpretation of this concept. It has been confirmed that the use of electronic educational resources benefits students in overcoming learning difficulties, contributes to the creation of comfortable conditions for closer and more productive interaction between the teacher and students in the educational process. It has been confirmed that the use of electronic educational resources benefits students in overcoming learning difficulties, contributes to the creation of comfortable conditions for closer and more productive interaction between the teacher and students in the educational process. In this article, the author clarifies the role of modern technologies in the use of electronic materials, their application to exact disciplines in the process of learning data, and also conducts research. The article also explores the development and implementation of electronic materials, the use of new teaching methods, as well as research on the electronic board and its role in the educational process.

Keywords: technology, innovation, telecommunications, internet, education, electronic board.

Дар низоми муосир технологияи инноватсионӣ рӯз аз рӯз рушд карда, ба ин восита дар беҳтар намудани сифати таълим ба таври васеъ ҷори намудани фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияи муосири ҳисоббарор, васоити дарсии электронӣ мусоидат менамояд. Ҷори гардидани низоми коммуникатсионӣ, ки имрӯз дар ҷаҳон мушоҳида мегардад, пайдошавии методҳо ва воситаи муосири таълимдиҳии навро, ба монанди таҳсилоти рақамиву иртиботӣ, китобҳои электронии мултимедиявӣ, низомҳои таълимдиҳии худидорашаванда, энсиклопедияҳои электронӣ ва дигар васоитҳои муосирро ба вуҷуд меоварад.

Инсон ҳамеша ба воситаҳои электронии иттилоотиву иртиботӣ эҳтиёҷ дошт. Воситаҳои электронии таълимӣ аз таъмин намудани фарогирии дониши мустаҳкам ва бошууронаи таълимгирандагон доир ба раванди табдил, ирсол ва истифодаи технологияҳои ҳисоббарор иборат мебошад. Рушди ҷомеа бо он тавсиф карда мешавад, ки ҳамаи ҷодаи фаъолияти инсон ба технологияҳои иттилоотии нав вобаста мешаванд. Навгониҳои технологияҳои иттилоотӣ ба соҳаи омӯзиш таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Бунёд ва тағйирот дар системаи омӯзиш ва фаҳмиши мақсадҳо ба он оварда мерасонад, ки мо бояд пай дар пай ба системаи омӯзиши нав гузарем, инчунин технологияи нави омӯзиширо ба таври мувофиқ истифода барем. Омӯзиши технологияи нав ба он вобаста мебошад, ки бунёд ва иҷрокунӣ ҷараёни таълим бо комёбиҳои мақсадҳои дидактикӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар шароити ислоҳоти маориф дар риштаи касбомӯзӣ фаъолияти навоварона ё инноватсионӣ нақши босазоро иҷро мекунад. Ба технологияи инноватсионии таълим, таълими технологии интерактивӣ, технологияи таълими лоиҳавӣ ва технологияи компютерӣ дохил мешавад. Дар назарияи педагогии таълим, зери мафҳуми таълими интерактивӣ чунин тарзи омӯзиш дар назар аст, ки дар асоси муносибатҳои муштараки психологии инсонҳо асоснок шудааст [1, с.3-5].

Технологияи интерактивии таълим ҳамчун шеваи фарогири донишу фароҳамсозии маҳорату малакаҳо дар раванди муносибату ҳамкории муштараки омӯзгору хонанда ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ фаҳмида мешавад. Моҳияти ин шеваҳо аз он иборат аст, ки онҳо на танҳо ба равандҳои қабул, мағзи инсонӣ, диққат, инчунин ба тафаккури самараноку эҷодкорона, ахлоқу муошират такя мекунанд.

Татбиқ намудани технологияҳои коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ, олӣ ва ғанӣ намудани мазмуну моҳияти таҳсилот бо мақсади шароити зарурӣ фароҳам овардан барои дар сатҳи баланд омода сохтани мутахассисони варзидаю ашхоси ҳамаҷониба инкишофёфта ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнат дар меҳвари таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, иқдоми мазкур аз ҷониби Ҳукумати кишвар мунтазам пайгирӣ карда мешавад [2, с.1-6].

Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар тамоми машғулиятҳои мактабҳои миёна, миёнаи махсус ва макотиби олӣ, махсусан машғулиятҳои амалию лабораторӣ тақозои замон буда, инсонро водор месозад, ки тарзи кор бурдани онро аз худ кунад, истифода барад, дониши техникии худро баланд бардорад. Аз ин сабаб дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ ба омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ эътибори хоса зоҳир карда мешавад.

Дар замони муосир дар давраи иттилооткунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иттилооткунонии соҳаи маориф, аз ҷумла таҳсилоти олӣ низ ногузир аст. Инкишофи воситаҳои таълим дар мактаби олӣ яке аз самтҳои асосии такмили раванди таълим мебошад. Зеро воситаи фаъолият ба натиҷаи фаъолият ба натиҷаи фаъолият таъсири калон мерасонад. Аз ин лиҳоз, истифодаи воситаҳои техникии таълим ва алахусус дар замони муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи таълим дар такмили раванди таълим нақши муҳим мебозад [3, с.33-39].

Воситаҳои техникии интерактивӣ таҷҳизоти беҳамтои таълимӣ маҳсуб ёфта, онро омӯзгороне самаранок истифода намуда метавонанд, ки натанҳо мақсадҳои дидактикӣ, балки педагогиро дар умум возеҳ тасаввур карда онро дар раванди таълим татбиқ намоянд. Зиёда аз ин тахтаи интерактивӣ вазифаҳои тамоми намудҳои тахтаҳои синфиро якҷоя намуда, инчунин як қатор масъалаҳои ба худ хосро иҷро мекунад:

- имкон медиҳад, ки маводҳои таълимиро ба шакли муаррифӣ бо воситаи компютер ва нурафзо ба донишҷӯён пешкаш намоем;
- самаранокии маводи таълимиро баланд мекунад (дар ҳолати истифодаи моҳиронаи тахтаи интерактивӣ қувваи таъсири он дар таълим метавонад мисли филм ва театр таъсири маънавӣ расонида бошад);
- дар ташкили фаъолияти гурӯҳӣ кӯмак мекунад (донишу маҳорате, ки имрӯзҳо барои фаъолияти бомуваффақият намудан дар соҳаҳои гуногун заруранд);
- гузаронидани дарсҳои анъанавиро ба намуди электронӣ такмил медиҳад [5, с.12-15].

Таҷҳизотҳои интерактивии замонавӣ бо ҳама хосиятҳои дидактикиашон фаъолона таъсирашонро ба ҷузъҳои омӯзиш: мақсад, мундариҷа, метод, шаклҳои ташкили таълим имкони ҳал кардани масъалаҳои хеле мушкили педагогика – масъалаҳои ташаккули шахсияти инсон ва соҳибихтиёрии ӯ барои аз худ кардани дониш мусоидат мекунад.

Дар вақтҳои охир рушди технологияҳои муосир тахтаи электронӣ ҳамчун яке аз навгониҳои таълимӣ дар самти инкишофи воситаҳои таълим мавриди истифода қарор дода шудааст, ки онҳо аз воситаҳои анъанавии таълим фарқи куллӣ доранд. Истифодаи тахтаи электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим хело муҳим мебошад. Тахтаи электронӣ яке аз таҷҳизоти замонавӣ мебошад, ки тавассути проектори мултимедӣ ва компютер ба кор дароварда мешавад. Имкониятҳои бениҳоят зиёд дошта, баҳри баланд бардоштани сифати таълим дар машғулиятҳо дарсӣ мавқеи муҳим мебозад.

Маводҳои электрониро метавон дар тамоми бахшҳои дарс: пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ, такрор, инчунин дар машғулиятҳои факултативӣ, корҳои берун аз синф ва фаъолияти тадқиқотӣ истифода бурд. Тавъамсозии раванди кор бо тахта ва муҳокимаву муошират байни худи хонандагон ва омӯзгору хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ аз як тараф муҳити созгореро барои азхудкунии пурраи дарс фароҳам

меоварад, аз тарафи дигар боиси пайдо шудан ва батадриҷ ташаккул ёфтани мустақилияти хонандагон тавассути технология ва мавзӯи омӯхташаванда мегардад.

Маводҳои электрони дар раванди таълим фоидаи зиёд дорад, чунки хонанда гуфтаи омӯзгорро на танҳо мешунавад, балки мебинад ва ҳам шавқаш барои аз худ кардани техникаи муосир зиёд мегардад. Инчунин, дарс барои омӯзгор бойгонӣ мешавад, чунки дарсеро, ки мегузаронад, дар хотираи компютер онро сабт менамояд ва минбаъд вақтро барои навиштан ва сохтани мавод зиёд сарф намекунад. Ҳангоми истифода бурдани тахтаи электронӣ дар дарси технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла омилҳои зерин мебошанд:

- беҳуда сарф накардани вақт (барои як амалро ба ҳар як хонанда фаҳмонидан, дар
- акси ҳол, ба ҳар яки онҳо як маротибагӣ нишон додан лозим аст);
- бедор кардани шавқу завқи донишҷӯён оид ба техникаи муосир;
- тарзи истифодаи техникаҳои ҳозиразамон;
- тамошои тасвирҳои илмӣ- таҳқиқотӣ [4, с.22-26].

Зарур аст, ки барои мактаби олӣ имкониятҳои нав барпо карда шавад, ки дар ин ҷо муҳити таҳсилот на фақат ба муаллим равона карда шавад, балки донишҷӯй ҳам бо амалҳои таълимии худ идоракуниро оғоз намуда, раванди таҳсилотро ислоҳ намояд. Барои ба натиҷаҳои максималӣ ноил гардидан ба донишҷӯён зарур аст, ки қобилияту истеъдоди худро сафарбар намоянд.

Истифодаи тахтаи электронӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки вақти худро сарфакорона истифода барад, чунки ҳангоми истифодаи тахтаи электронӣ нисбат ба тахтаи муқаррарӣ 30%-и вақт сарфа мегардад.

Дар замони муосир дар давраи иттилоотикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ иттилотикунонии соҳаи тандурустӣ, соҳаи сайёҳи, соҳаи варзиш ва дигар соҳаҳо аз ҷумла соҳаи маориф низ ногузир аст. Аз ин лиҳоз истифодаи воситаҳои техникӣ, таъминоти барномавӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун сомонаҳо ва порталҳои интернетӣ нақши муҳим мебозад [9, с.3-6].

Таҷҳизотҳои интерактивии замонавӣ бо ҳама хосиятҳои дидактикиашон фаъолона таъсирашонро ба ҷузъҳои омӯзиш: мақсад, мундариҷа, метод, шаклҳои ташкили таълим имкони ҳал кардани масъалаҳои хеле мушкили педагогика – масъалаҳои ташаккули шахсияти инсон ва соҳибихтиёрии ӯ барои аз худ кардани дониш мусоидат мекунад.

Дар вақтҳои охир рушди технологияҳои муосир тахтаи электронӣ ҳамчун яке аз навгониҳои таълимӣ дар самти инкишофи воситаҳои таълим мавриди истифода қарор дода шудааст, ки онҳо аз воситаҳои анъанавии таълим фарқи куллӣ доранд. Истифодаи тахтаи электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим хело муҳим мебошад. Тахтаи электронӣ яке аз таҷҳизоти замонавӣ мебошад, ки тавассути проектори мултимедӣ ва компютер ба кор дароварда мешавад. Имкониятҳои бениҳоят зиёд дошта, баҳри баланд бардоштани сифати таълим дар машғулиятҳо дарсӣ мавқеи муҳим мебозад.

Тахтаҳои электрониро метавон дар тамоми бахшҳои дарс: пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ, такрор, инчунин дар машғулиятҳои факултативӣ, корҳои берун аз синф ва фаъолияти тадқиқотӣ истифода бурд. Барои мустаҳкам намудани раванди кор бо тахтаии электронӣ ва муҳокимаву муошират байни омӯзгору хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ муҳити созгореро барои азхудкунии пурраи дарс шароит фароҳам меоварад.

Тахтаи электронӣ барои крани компютерро калонҳаҷм тасвир намудан хизмат мерасонад. Ин таҷҳизот дар раванди таълим фоидаи зиёд дорад, чунки хонанда гуфтаи омӯзгорро на танҳо мешунавад, балки мебинад ва ҳам шавқаш барои аз худ кардани техникаи муосир зиёд мегардад. Инчунин, дарс барои омӯзгор бойгонӣ мешавад, чунки дарсеро, ки мегузаронад, дар хотираи компютер онро сабт менамояд ва минбаъд вақтро барои навиштан ва сохтани мавод зиёд сарф намекунад. Ҳангоми истифода бурдани тахтаи электронӣ дар дарси технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла омилҳои зерин мебошанд:

- беҳуда сарф накардани вақт (барои як амалро ба ҳар як хонанда фаҳмонидан, дар

акси ҳол, ба ҳар яки онҳо як маротибагӣ нишон додан лозим аст);

- бедор кардани шавқу завқи донишҷӯён оид ба техникаи муосир;
- тарзи истифодаи техникаҳои ҳозиразамон;
- тамошои тасвирҳои илмӣ- таҳқиқотӣ [4, с.22-26]

Зарур аст, ки барои мактаби олӣ имкониятҳои нав барпо карда шавад, ки дар ин ҷо муҳити таҳсилот на фақат ба муаллим равона карда шавад, балки донишҷӯй ҳам бо амалҳои таълимии худ идоракуниро оғоз намуда, раванди таҳсилотро ислоҳ намояд. Барои ба натиҷаҳои максималӣ ноил гардидан ба донишҷӯён зарур аст, ки қобилияту истеъдоди худро сафарбар намоянд.

Истифодаи тахтаи электронӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки вақти худро сарфакорона истифода барад, чунки ҳангоми истифодаи тахтаи электронӣ нисбат ба тахтаи муқаррарӣ 30%-и вақт сарфа мегардад

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафт ва рушду равнақёбии диёри азизамон ҳамеша дастгирӣ менамоянд. Барои баланд бардоштани сифати таълим ва таъмин намудани мактабҳои миёнаву олӣ бо технологияҳои нави муосир тамоми шароитҳо фароҳам оварда аз буҷети давлат маблағҳои зиёд ҷудо шуда истодааст. Оид ба рушд ва афзоиши соҳаи маориф дар поёни маълумотҳои оморӣ оварда шудааст. Хароҷот ба соҳаи маориф ва илм аз рӯи манбаҳои маблағузорӣ дар солҳои 2021-2022, бо млн. сомонӣ

Чуноне, ки дар диаграммаи болоӣ маълум аст рушд ва инкшофи соҳаи таълим аз буҷети давлат сол аз сол маблағузори карда шуда истодааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, оид ба таъсиси маҷмааҳои саноатии илмӣ, аз ҷумла паркҳои инноватсиониву технологӣ чорачӯӣ намуда истодааст.

Дар маҷмӯъ бояд гуфт, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сифати таълим корҳои назарассро ба анҷом расонида истода аст. Айни ҳол низоми маорифи кишвар ташаккули тасаввурот дар бораи компютер инчунин воситаи универсалии информатсионӣ, рушди саводи компютерӣ ва фарҳанги иттилоотиву омодасозии донишандӯзон ба фаъолияти меҳнатӣ чораҳои воқеанҳам назаррасро ба анҷом расонида истодааст.

АДАБИЁТ

1. «Программа инновационного развития РТ на 2011-2020 годы». Постановление Правительства РТ №227 от 30 апреля 2011 года
2. Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, таҳти № 443.
3. Лаблабонов Х. Информатика ва мавқеи он дар нақшаи таълими 12 сола Масъалаҳои маориф, 2015. - №2.
4. Мирзоев Р. Дарс бояд самаранок бошад // Масъалаҳои маориф 2011. - №6.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 апрели соли 2018).
6. Рӯзиева Ф. Тахтаи эдектронӣ // Рӯзномаи «Омӯзгор», №25 (12041), 17.06.2016.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2007, №166).

УДК 82-1/29

Бобоева Т.Р.

САЙРЕ БА ОЛАМИ ТАХАЙЮЛ

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи вижагиҳо ва таҳаввулоти шеъри нави тоҷикӣ дар ибтидои қарни бисту як, ки боиси ба майдони адабиёт ворид шудани чеҳраҳои тозае гаштааст, сурат гирифтааст. Муаллифи мақола вижагиҳои сохтмони тасвир, истифода аз таркиб ва ибороти шоиронаро дар шеъри яке аз намояндагони адабиёти муосири тоҷик Гулноз мавриди тадқиқ қарор дода, назари хос ва равиши тоза, таҳаввули афкори фалсафиву ирфонии ӯро нишон додааст. Муаллиф бо зикри намунаҳо аз эҷодиёти шоира навҷӯйиҳои ҳунарӣ ва муҳокотофарӣ дар заминаи афкори фалсавӣ ва ирфонӣ, сабки тозаи суханварӣ, андешаҳои баланду мазмунофарона, маъниҳои ҷадид ва махсусан, дарки фалсафаи тасвирсозиро дар шеъри Гулноз таҳқиқ менамояд.

Калидвожаҳо: адабиёти классикӣ, адабиёти муосири тоҷик, шеъри муосир, шеъри сафед, тафаккури шоирона, сувари хаёл, афкори фалсавӣ.

Бобоева Т.Р.

ПУТЕШЕСТВИЕ В МИР ВООБРАЖЕНИЯ

В данной статье описывается исследование особенностей и преобразование нового таджикского стихотворения начала 21 века, которое стало поводом вхождения в мир литературы новых образов. Автор статьи подвергает обсуждению особенности построения образа в стихах одной из представительниц современной таджикской литературы Гулноз, показывает ее индивидуальный взгляд и новое течение в преобразовании ее философского и иранского мышления. Автор статьи в примерах показывает нововведения, высокое и новейшее мнение, превосходство в красноречии и особенно понятие философского образа в творчестве поэтессы Гулноз.

Ключевые слова: классическая литература, современная таджикская литература, современный стих, белый стих, поэтическое мышление, картина мышления (воображения), философская мысль.

Boboeva T.R.

A JOURNEY INTO THE WORLD OF IMAGINATION

This article describes the study of the characteristics and transformation of the new Tajik poem of the beginning of the 21st century, which was the reason for the entry into the world of literature of new images that serve their individual views with the characteristic tradition of prior literature, the formation of poetic thinking of modern versification. The author of the article discusses the features of building an image in the poems of one of the representatives of modern Tajik literature, Gulnoz, shows her individual view and a new trend in transforming her philosophical and Iranian thinking in white and traditional verses.

Key word: classical literature, modern Tajik literature, modern poem, white poem, poetic thinking, picture of thinking, philosophical sense.

Таърих собит сохтааст, ки инсонҳо аз роҳи васли худ ба эҳсоси самимонаи дарку кашфу маърифат ҳақиқати омадану будану рафтанро маънӣ бахшидаанд. Ба таъбире дигаргуна, танҳо масмум будану самимона зиндагӣ кардан ва ба манзари рӯзгори худ, ба моварои хештан бо диди холӣ аз ҳама гуна мафоҳими дигар, илло боз ҳам самимият метавон ба ҷое расид. Ин қоида ё шояд тасаввурот бештар махсуси шоирон аст, чун шеъри ростин зодаи эҳсоси самимона аст ва шеъри беэҳсосро наметавон чунонки мафҳуми асли шеър тақозо кунад, қабул намуд. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ бештар ду нуктаро таъкид мекунанд, ки шеъри омада ҳаст ва шеъри оварда ва беҳтарин шеър он аст, ки омада бошад.

Чандин соли охир воқеан ин дидгоҳҳо ба шарофати ба майдони адабиёти имрӯзи Тоҷикистон қадам ниҳодани теъдоде аз ҷавонони соҳибзавқ воқеан маънии ростини хешро пайдо намуд. Зуҳури авомили муайяне имкон пеш овард, то гурӯҳе аз насли ҷавоншоирони тоҷик ба таҷаддуд ва тозакориҳо дар майдони адабиёт аз худ ибтикороте нишон диҳанд. Фурсате буд, ки китоби тозанашри шоира Гулнозро бо унвони «Парвози дунё» мутолиа мекардам ва ин андешаҳоям бомурур ба силсилаи ашъори мухталифу гуногуннавъи он бештару пештар тақвият пайдо менамуд. Инак мехоҳам ба дунёи андешаҳои шоири ҷавон Гулноз ва ҷаҳони пуррозу рамзи шеърҳои маҷмуаи «Парвози дунё» раҳ кушоям, то фурсате, ба қавли худи ӯ, ба садои зангӯлаи борони шеър гӯш бидиҳем ва бубинем, ки аз сафари гиристани хеш бо чӣ кӯлборе баргаштааст.

Вақте шоири мо мусофире ҳаст дар раҳгузори як сафари пур аз гиристан, ки шояд хушбахтона аз он баргаштааст, бояд рӯйи ин мафоҳим амиқан андеша кард. Аслан, шеър барои шоирон худ як гиряе дар сукут ва нолаҳое андаруни он аст, ки сурате вожагуна дорад ва боз ҳам ин ҷо сухан рӯйи самимияти эҳсос дар шеър ва муассир будани он ба дили хонанда меравад. Ашкҳои шоирон ҳамеша маншаъ дар рӯдхонаи пуртуғёни дили онҳо дорад ва ба андозаи онон шояд ранҷу андуҳу дардро натавонад ба килки тасвир даровард. Ба ҳамин ваҷҳ аст, ки ҳамеша хонандагони дардошнову соҳибдил андуҳу дардҳои худро дар каломи шоирон тафсир мекунанду пушти калимоти онон паноҳ мебаранд. Ин ҳолатҳоро метавон дар сатр –сатру вожа – вожа аз шеъри «Ман аз сафари гиристан омадам» эҳсосу дарку маърифат намуд. Оғози ин шеър як ручуи зебои шоиронаро таҷассум кардааст, яъне мани шоире, ки пушти ин вожаҳо бо як самимияти зебо зиндагонӣ дорад, садо ба хонандаи худ мезанад, ки ман аз таркиби абрҳо берун шудам. Ин нидои озодӣ, раҳоӣ ва ҳаст шудан аст ва шояд ҳамин ҷумла худ кӯлборе пурбор аст аз сафари гиристан. Аслан, абр дар диду андешаи шоирон ду нуктаро тафсир мекунад. Аввал, ҳиҷобест, ки инсонро гирифтори маҳрумияти дидори хуршед мекунад ва ҳоиле мегардад барои меъроҷ ба фарозҳо. Аммо аз

сўйи дигар, вақте дар фарозе аз осмонҳо ҷой дорад ва шоир аз таркиби онҳо берун меравад, ин ҳам дар канори бозгўйии як рифъат қадаме ба сўйи пеш гузоштани суханварро ифода хоҳад кард. Аз назари дигар, растан аз таркиби абрҳо паёми наҷотест, ки ба таъбири Мавлоно соҳибсуханро як пила аз худ фаротар ва ҳатто болотар ба сўйи мақсуд мекашонад. Ба оғози ин шеър мурур мекунем, то ин дидгоҳҳоро тафсир намоем:

Ман аз таркиби абрҳо берун шудам.
Ман аз сафари гиристан омадам.
Ҳамлаи латиф
Дар баҳори нигоҳ
найзори мижгонатро
сабз накард.
Ваҳми зебои нур
дар васати чашм
туро дамид [1,31].

Аз мисраи дувум, ки такрори ҳамон ҳадафи аслии шоир аст ва унвони шеърро такрор мешавад, дигарбора эҳсос мешавад, ки варо аз миёни абрҳо ба фазои мунаввару нуронӣ муждагонии бозгашт аз сафари гиристан аст. Мунтаҳо, абр дар шеъри имрўз як самбули ғаму андуҳ ва ғурбату ғуссарезӣ аст, ки бо бурунрафтагӣ аз он инсон метавонад аз сафари ранҷҳову дардҳои хеш паёми раҳоӣ бишнавад. Ва дар идомаи роҳи каломи худ шоир ваҷҳи ин раҳоиро, ки муждагонии висол ва расидани рўшании умед аст, бозтоб мебахшад. Ваҳми зебои нур, ки дар васати чашм ўро медамад, бонги раҳил аз ҷаҳони ғурбату андуҳҳост, ки илтифоту меҳрубонии ӯ зиндагониро зебову лабрези ормонҳо месозад.

Омадани баҳор дар фарҷоми ин бозгашт аз сафари гиристан ҳам ҳикмати фалсафӣ аст, ки башорате мерасонад аз ворастагии инсон аз маҷмуи ғаму андуҳи дунёӣ ва васли вай бо шодиҳои абадӣ. Воқеан, шоистаи иқрор аст, ки нуфузи диду назарҳои фалсафӣ дар шеъри ба истилоҳ мудернӣ ва ҷадиди шоирони имрўзи тоҷик зина ба зина мукаммал мегардад, ки ин матлабро метавон аз авомили пешрафту рушди дарунмояи шеър ба шумор овард. Аз сўйи дигар, омезаҳои тафаккури инсонӣ ва андешаҳои ирфонӣ, ки ҳосили маърифат ва андўхтаҳои ин насли муваффақ маҳсуб мешаванд, мушаххасан ба нусрати фикрии шеъри имрўз асаре равшан гузоштааст. Барои он ки ин андешаҳоям беасос набошанд, ба шеъри дигаре аз Гулноз мурур менамоям, ки «Дастам пур аз туст» унвон дорад. Ин шеър сароғозе чунин дорад:

Ҷонам
пур аз тирамоҳ аст,
дастам пур аз интизорӣ.
Эҳтироми баҳорро
дар масоҳати парвози барг
ва хокистари
як шуъла шақоиқ
дидам [1, 18].

Нахуст бояд рўйи худи ибораи «дасте пур аз ту» андеша кард. Шояд дар назари зоҳир мо бар он андешем, ки ин ҷо тасвире аз ҳолатҳои эҳсосоти воқеии инсонӣ тасвирбардорӣ шудааст. Аммо вақте фаротар аз ин вожаҳо меравем, ба худ суол мекунем, ки кадом вақт дастҳо метавонанд пур аз ў бошанд? Ба назари ман, танҳо он вақт, ки мо даст ба дуову ниёз мебардорем ва ҳар лаҳза аз роҳи ниёз овардан ба даргоҳи он Офаридгори якто мукарраран номашро такрор мекунем. Воқеан, ин ҷилварезии таркиби шоирона як тафаккури зебои маърифатангезро ҳам тавониста, ки ғунҷоиш диҳад ва аз диде тозаву нигоҳе амиқрафта паём расонад. Ҳикмати дигар ин назари моро аз худи матолиби шеър корбандӣ менамояд, ки дар оғоз, вақте шоир аз ҷони пур аз тирамоҳ ҳарф мезанад, ҳамон ҳолати яъсу навмедӣ ва аз сўйи дигар, ибтидои роҳро тасвир мекунад. Ҳанўз ў наметавонад аз поён биандешад ва бо иродате шоён дидаи басиратро боз кунад, ки аз омадани баҳори васл ва таҷаллии

борони раҳмат муждагонӣ диҳад. Ба ҳамин хотир аст, ки ибтидо ин дасти пур аз ӯ лабрези интизорӣ аст. Пас замоне, ки ин дастони муҳаррик ба сӯйи лабрезии ӯ аз интизорӣ нидо дармедиҳанд, чаро ин ҳолат дар мақоми талаб қарор гирифтани як нафар равандаи роҳи маърифатро тафсир накунад. Тасвирҳо ҳам шоиронаву зебо ҳастанд, ки ба тозагии хеш дар қолиби ин навъи шеър гунаи таҷдид ато кардаанд. «Ҷони пур аз тирамоҳ», «дастони пур аз интизорӣ», «эҳтироми баҳор дар масоҳати парвози барг» ва амсоли ин. Акнун меравем ба поёни шеър, ки нуқтаи интиҳои андешаи шоир аст, ки дар заминаи ҳаракат ба сӯйи нуқтаи кул ин ҳолатро дар ҷони пур аз баҳор, муждагонии висол ва файзгирӣ аз лутфи ӯ эҳсос кардаву дастони пур аз тирамоҳи навмедии хешро лабрез аз паёмҳои пурумеди ӯ мебинад:

Умед
аз гузаштаҳои сабз,
ҳанӯзҳои лоҷувардӣ
ва ояндаҳои беранг
тирукамон сохт.
Гираҳи оҳам
дар ҳаво кушуда шуд.
Ҷонам пур аз баҳор аст,
Дастам пур аз ту [1, 19].

Ин ҷо ҳам тасвирҳое зебову рангоранг андешаҳои мубаррои шоирро рангҳои шоиронаву зебо бахшидаанд. Ибораҳои “гузаштаҳои сабз”, “ҳанӯзҳои лоҷувардӣ”, “ояндаҳои беранг” на танҳо аз нусрати ҳунари шоирӣ паём мерасонанд, балки вусъати тафаккури фалсафии як нафар суханвари жарфназарро ба субут мерасонанд.

Ҷойи дигар, дар шеъри “Абре аз канори чашмҳоям об менӯшад” истиқболи муваффақонаи фикрӣ ва услубии шоирро дар таркибҳои зебои шоирона ба мушоҳида мегирем:

Шабе ларзид болинам
Қуе берун аз он шуд.
Зи таркиби сафои шишаҳо бигзашт.
Садо аз ваҳми он берун нашуд аз худ.
Ба рӯйи боли ӯ парвоз мекардам.
Ҷо-ҷо иқтибос аз нур пайдо буд.
Ҳавои кӯча лабрези чароғи ҷустуҷӯҳо буд.
Маро ҷуғрофиёи шишабанди гарми тифлон сӯйи худ овард
Ин ҷо ваҳшу тайр андар канори ҳамдигар осуда,
Аммо сахт ҳайронанд.
Ин ҷо олами гулсангии даррандаҳо зебост [1, 33].

Дар ин порча ибораҳои зиёди шоиронаро метавон ишора сохт, ки борвар аз тозагие дар усули сохтор ва ҷилварезии рӯҳи замона мебошанд. Масалан, “лабрези чароғи ҷустуҷӯ будани ҳавои кӯча”, “ҷуғрофиёи шишабанди гарми тифлон”, “олами гулсангии даррандаҳо” ибораҳои зебои шоиронаанд, ки ҳар яке дар батни худ рӯҳияи рӯзгори шоирро бозтоб бахшидаанд.

Ёдоварӣ аз ин тасовири фалсафӣ ва ибораҳои дар вусъати худ андешаҳои маърифатангез беҳуда нест, чун пешиниёни мо жарфонигариро аз муҳимтарин авомили шоир шинохтаанд ва Гулноз низ дар миёни шоирони имрӯз аз нафароне маҳсуб мешавад, ки бо итминон метавон гуфт, ки ҳамин махсусиятро дар худ аллакай парваридаву комил кардааст. Ин матлабро аз ҳар як шеъру ҳар ҷумлаву ибораи ӯ метавон пайдо намуд.

Диди фалсафӣ ва ирфонӣ дар ашъори шоир, ки файзгир аз ҳунару қариҳаи шоиронаанд, танҳо ба сурудаҳои нимоӣ ё мудернӣ хос нестанд, балки ғазалу ашъори суннатӣ низ ҷарақаҳои рӯшан доранд. Муроҷиат ба чанд байте аз як ғазал ҳақиқати ин андешаҳоро ошкор месозад. Шоир мегӯяд:

Аз ту, аз ту медонам марги аввалинамро

Баъди макси дил дидам будани навинамро.
На, намурдаам бахшой, душмани азизи ман,
Дар канори худ дорам узри нозанинамро [1, 182].

Бад-ин сурат аз ин ду байт ҳувайдо мегардад, ки шоир бо диде фалсафӣ ба ҷаҳони омадшуд менигарад ва ҳикмати дар адами як чиз зуҳур кардани чизи дигарро ба сурати дигаргуна бо меъёри шинохти худ баён месозад. Будан баъд аз макси дил ибораест, ки ҳамин андешаро таҳвият мебахшад ва шоир дар ин макси дили худ, ки оинаи инсон аст, шуруи як зиндагонии ҷадид ва ҳузури тозаеро паём мерасонад. Ба ҳамин хотир, ки дар мисраи савуми ғазал ба сароҳат ва таъкид мегӯяд: “На, намурдаам бахшой, душмани азизи ман…”

Ҳамин тавр, ҳам дар шеъри нав ва ҳам ашъори суннатӣ шоир Гулноз кӯшише муваффақона барои рӯнамои ҳақиқати ботинии худ ҳамчун шоири ҳунарвар ва соҳибандеша дорад ва бо итминон метавон гуфт, ки ин ҳақиқати инсониву шоиронаро тавонистааст, ки кашф ва барои хонандаи худ бозгӯ намояд. Муруре ба сурудаҳои «Парвози дунё» ҳоли воқеии ин ҷаҳоншиносӣ ва оинаи ҳунарвариро ба хонанда рӯнамоӣ кардааст, ки ҳар касе бо он парандаҳои андешаву хаёл баробар ба парвоз ояд, ин назокату зебоӣ ва хаёлоти рангинро пай бубарад. Итминон дорам, ки фардоҳову фурсатҳои дигар ин ҷойгоҳи зебову сазовори шоирро дар қаламрави адабиёт боз ҳам ҷараёни нақду сухансанҷии муосир бар асоси бинишу дидгоҳҳои навин ва бардоштҳо аз ашъор ва тафаккури тозапаёғоми ӯ бозгӯйӣ ва муқаррару мушаххас хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. Гулноз. Парвози дунё. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 228 с.
2. Гулноз. Шаб дар паси ман буд... (маҷмуаи шеърҳо) / Гулноз. - Душанбе: Адиб, 2011. - 96 с.
3. Давронов А. Шеър ва ашё дар шеър. Фарҳанг. -2002, № 3-4.
4. Доро Наҷот. Рисолате дар ростои халлоқияти шеър. // Шоҳроҳи ваҳдат. – 2002. - № 8.

УДК 316.4

Ғуломов Б.О.

СОХТОР ВА ТАРКИБИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур ба мавзӯи актуалии имрӯз, сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик дахл мекунад. Қайд карда мешавад, ки масъалаҳои омӯзиши сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеа ҳамчун маҷмуи гурӯҳҳо, синфҳо, табақаҳо, кастаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ки аз ҷиҳати мавқеъ ва нақши худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ фарқ мекунанд, аз замонҳои қадим башариятро ба худ ҷалб мекарданд ва имрӯз ҳам мавриди таваҷҷуҳи илми ҷомеашиносӣ қарор доранд. Андешаҳои Афлотун дар бораи сохти иҷтимоии ҷомеа аз кори илмии ӯ бо номи «Кишвари идеалӣ» оварда шудаанд, ки ӯ ҷомеаро ба се синф тақсим мекунад: якум – файласуфоне, ки давлатро идора мекунанд; дуюм – ҷанговарон, ки давлатро ҳимоя мкунанд; сеюм – коргарон (деҳқонон ва косибон), ки давлатро аз хурока ва пушока таъмин менамоянд. Тағйиротҳое, ки дар сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик шурӯъ аз давраи шуравӣ то имрӯз ба амал омадаанд, баррасӣ карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва мушоҳидаҳо, гурӯҳбандии гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик оварда шудааст ва таркиби онҳо таҳлил мешаванд. Натиҷагирӣ мешавад, ки ҷомеаи муосири тоҷик дар давраи гузариш қарор дорад. Дар он раванди

ташаккулёбии муносибатхои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии типи нав давом дорад ва дар баробари ин, дар умум, ҷомеаи тоҷик дар ҳоли тағйирёбӣ ва интихоби низоми рушд аст.

Вожаҳои калидӣ: ҷомеа, сохтори иҷтимоӣ, таркиби иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеаи муосири тоҷик.

Гуломов Б.О.

СТРУКТУРА И СОЦИАЛЬНЫЙ СОСТАВ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье затрагивается актульная на сегодняшний день тема, о структуре и социальном составе современного таджикского общества. Отмечается, что вопросы изучения социальной структуры общества как совокупности социальных групп, классов, слоев, каст и т. д., различающихся их положением и ролью в общественной жизни интересовало человечество с древных времен и занимают важное место и в современной социальной науке. Приводятся воззрения Платона на социальную структуру общества из его работы «Идеальное государство», где он общество делит на три сословия: философов, управляющих государством, воинов и работников охранящих и обеспечивающих продовольствием государство (крестьян, ремесленников). Рассматриваются изменения происходящие в социальной структуре таджикского общества от советского периода и до настоящего времени. На основе проведенных исследований и наблюдений, автором дается классификация социальных групп современного таджикского общества. Делается вывод о том, что современное таджикское общество – это общество переходного типа. В нем осуществляется формирование новой структуры и социальный состав населения.

Ключевые слова: общество, структура и социальный состав, социальные группы, современное таджикское общество.

Gulomov B.O.

STRUCTURE AND SOCIAL COMPOSITION OF MODERN TAJIK SOCIETY

This article touches upon the actual topic of the structure and social composition of modern Tajik society. It is noted that the issues of studying the social structure of society as a set of social groups, classes, strata, castes, etc., differing in their position and role in public life, have been of interest to mankind since ancient times and occupy an important place in modern social science. Plato's views on the social structure of society are given, where he divides society into three classes: philosophers who govern the state, warriors and workers (peasants, artisans). The changes taking place in the social structure of the Tajik society from the Soviet period to the present are considered. On the basis of the conducted research, a classification of social groups of modern Tajik society is given. It is concluded that modern Tajik society is a transitional society. It is the formation of a new structure and social composition.

Keywords: society, structure and social composition, social groups, modern Tajik society.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоми низоми (системаи) муносибатҳоро байни халқҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар тамоми ҷаҳон фаро гирифта, ба куллӣ тағйир дод. Ин тағйиротҳои ба амал омада, фазои ба ҳам наздикшавӣ байни халқҳои гуногун, ҷамъиятҳои хурду бузурги этникӣ, тамаддунҳои асил ва беназирро фароҳам сохтанд ва раванди байналмилалӣ шудани башариятро ба вуҷуд оварданд.

Агарчӣ раванди байналмилалӣ шудани табақаҳои гуногун бо суръати хеле баланд рушд кардан дорад, аммо мисли пештара, ҷомеаи башарии муосир то ҳол аз халқҳои гуногун, ҷамъиятҳои хурду калони мустақили этникӣ иборат аст.

Раванди асосии тағйиротҳое, ки дар фазои иҷтимоии Тоҷикистони муосир мушоҳида мешаванд, аз тамоюлҳои дар ҷаҳони муосир рух медода вобастагӣ доранд. Ин тағйиротҳо ба андозаи камтар ё бештар аз чунин омилҳо иборатанд:

– тамоюлҳо ба монанди ҷаҳонишавии фазои ҷаҳонӣ, ҳамгирої (интегратсия) дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг, маориф, иттилоот ва варзиш;

– равандҳои парокандашавӣ.

Раванди тағйиротҳое, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик ба амал омадаистодаанд, муҳимтарин ҷузъи ислоҳоти кулл ва рушди сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошанд.

Дар давраҳои вуҷуд доштани давлати Шуравӣ, назари олимон ба ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун узви ин Иттиҳод, дар баробари дигар узвҳои ин кишвар, нокифоя буд. Омӯзиши ҷомеа аз нуқтаи назари фалсафаи марксистӣ сурат мегирифт.

Аз ин лиҳоз, бояд таҳлил карда, муаян сохт, ки ҷараёни ташаккулёбии низоми иҷтимої, яъне сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар кадом марҳила қарор дорад ва кадом табақаҳои иҷтимої аз байн рафтанд ва кадом табақаҳои нав дар натиҷаи тағйирёбии низоми сиёсӣ ва умуман кулли соҳаҳои ҷамъиятӣ, ба вуҷуд омаданд. Чунки донистани хусусиятҳои хоси сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеа ва ҷараёни ташаккулёбии низоми иҷтимої ва дараҷаи камолоти муносибатхои ҷамъиятӣ, рафтори гурӯҳҳои гуногуни иҷтимої ба ҳаёти ҷамъиятии кишвар таъсири хеле калон мерасонад.

Дар тӯли зиёда аз ҳафтод сол Тоҷикистон узви Иттиҳоди Шуравӣ буд ва низоми мустақили иҷтимої надошт, як ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иҷтимоии ягонаи умумишуравӣ буд. Пас аз пошхурдани давлати Шуравӣ, давлати соҳибистиқлол гардид ва дар тули даҳсолаҳои охир, Тоҷикистон дар ҷараёни сохтани низоми иҷтимоии хоси худ аст.

Точикистони пеш аз инқилобӣ, ки Бухорои шарқи ном дошт як ҷомеаи феодалии ақибмонда аз ҷиҳати рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Дар натиҷаи дохил шудан ба давлати Шуравӣ ва тағйирёбии сохтори иқтисодиву иҷтимоиаш, оҳиста оҳиста ба як ҷомеаи рушдкардаи кишоварзӣ – саноатӣ мубаддал гардид. Сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеа тағйир ёфт ва табақаҳои нави иҷтимої тавлид шуданд.

Таҳлил ва омӯзиши ин мавзӯъ, яъне сохтори иҷтимоии ҷомеаи тоҷик ба мисли дигар кишварҳои ҳамсоя нокифоя аст. Сабабашро таҳқиқотчиён-мутахассисони ин самт, дар давраи гузаришӣ қарор доштани ҷомеаи муосири тоҷик мебинанд [2].

Сохтори иҷтимої аз нуқтаи назари илми муосири сотсиология маънои тақсимоти объективии ҷомеа ба табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимої, ки аз якдигар бо мавқеъи ишғолкадаашон ва вазъи молиашон дар ҷомеаро дорад.

Яке аз унсурхои асосии сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосир ин аст, ки дар ҷомеа ҳар як шаҳрванд ба гурӯҳи муайяни иҷтимої тааллуқ дошта, дорои мақоми иҷтимоии мувофиқ бошад (синфҳо, гурӯҳҳои касбӣ, гурӯҳҳои иҷтимої, миллатҳо ва ғайра) ва ин вобастааст аз муносибат ба воситаҳои истеҳсолот ва моликият, аз руи ҷинс, синну сол, дараҷаи маълумот, касб, вазъи оилавӣ ва инчунин баъзе дигар хусусиятҳо.

Қобили зикр аст, ки таваҷҷӯҳи таҳлилгарон оиди сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеа, ҳамчун падида, таърихи дуру дарози тулонӣ дорад ва аллакай дар дунёи қадим, мутафаккири машҳури Юнонӣ Афлотун дар асоси таҳқиқоташ як консепсияи «Давлати идеалӣ»-ро эҷод карда буд, ки дар он сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаро инъикос мекунад. Аз нуқтаи назари ӯ, яъне модели ҷомеаи идеалии таҳия кардааш се табақаро дар бар мегирад: якум – файласуфон, ки бояд давлатро роҳбарӣ кунанд; дуюм – ҷанговарон, ки бояд давлатро муҳофизат кунанд ва сеюм – коргарон (деҳқонон, косибон), ки бояд давлат ва ҷомеаро аз хурока ва пушока таъмин намоянд [3].

Мутафаккири антиқа, ҳангоми таҳлили пайдоиши давлат, ҳамчун далел сабаби пайдоиши табақаҳои иҷтимоиро дар принципи тақсимоти синфии меҳнат мебинад.

Илова бар ин, ӯ таъкид мекунад, ки Полис-давлат ин як ҷои сукунати умумиест, ки бо эҳтиёҷоти умумӣ ба вуҷуд омадааст. Худи Полис ва ниёзи қонеъ кардани талаботи иҷтимоии онҳо тақсимоти меҳнатро талаб мекунанд. Афлотун қайд мекунад, ки Полис як посёлкаи умумиест, ки бо эҳтиёҷоти умумии мардум ба вуҷуд омадааст ва барои қонеъ кардани талаботҳои онҳо тақсимоти синфии меҳнатро талаб мекунад. Вуҷуд доштани чунин тарзи тақсимоти синфӣ дар ҷомеа ва риоя намудани ин ҳолат аз тарафи мардум, аз нуқтаи назари мутафаккири машҳури Юнонӣ, муҳимтарин шарти вуҷуд доштани давлати одилона мебошад.

Дар шароити муосир бошад, муайян кардани сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи тоҷик хеле мушкил аст, зеро мо равандҳои зудивазшавии (динамикӣ) ҷомеаи тоҷикро мушоҳида мекунем ва набудани оромӣ дар ин самт, имкон намедиҳад, ки манзараи вокеиятро аниқ умуман тасвир кунем.

Аммо, воқеият ҳамин аст, ки сабаби то ба охир ташаккулнаёбӣ ва вуҷуд доштани фарқияти калон байни табақаҳои ҷомеаи муосири тоҷик дар нобаробар, яъне нодилона тақсимоти захираҳо ва даромадҳои ҷомеа миёни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ аст. Инчунин, кӯшиши амалисозии модели ғарбӣ дар аксари кишварҳои пасошуравӣ ба ҳар хел нооримиҳо овард, аз ҷумла дар Тоҷикистон, боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки раванди ташаккулёбии сохтори иҷтимоии тоҷикро хеле суст кард ва имрӯз мо натиҷаашро мушоҳида мекунем.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз ин ҳама омилҳо боиси тафовути калон байни сарватмандон ва фақирон дар ҷомеа мегарданд ва теъдоди зиёди фақирон нисбат ба шумораи сарватмандон аст.

Дар муносибатҳо ва воситаҳои моликият, тақсимоти мулк, умуман ташкили ҷамъиятии меҳнат дар ҷомеа дигаргуниҳо ба амал омаданд, ки, дар натиҷа сохтор ва таркиби иҷтимоии дар давраи шуравӣ эҷод шуда, тағйир ёфтанд ва ин ба тавлиди табақаҳои нави иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик оварда расонд. Ҳамин тариқ. тағйиротҳои нави дар ҷомеаи иҷтимоии тоҷик ба амал омада, фарқияти калон байни гурӯҳҳои иҷтимоиро ба амал овард.

Шакли иқтисодӣ ва шакли молитикияти давлатӣ, ки дар давраи шуравӣ ягона буд, иваз шуда, дар натиҷа шаклҳои нави иқтисодӣ ва моликиятӣ пайдо шуданд.

Ғайридавлатӣ ва хусусигардонӣ намудани моликият боиси ба вуҷуд омадани сохти нави ҷамъиятӣ гардид, ки дар он соҳибони нави моликият пайдо шуданд. Дар маҷмуъ, ин дигаргуниҳои ба амал омада, боиси тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт нашуданд, балки ба бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеаи иҷтимоии муосири тоҷик оварданд.

Бо вуҷуди ин, баъзе аз таҳқиқотчиён чанде аз унсурҳои асосии сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро муаян кардаанд, ки хусусиятҳои хоси худро доро ҳастанд [4].

Айни замон, дар ҷомеаи тоҷик чунин гурӯҳҳои иҷтимоӣ арзӣ вуҷуд доранд:

– гурӯҳҳои зубдагони (элитавӣ) тоҷик, ки соҳиби дороии сарвати калон мебошанд ва дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ба бахшҳои муайяни иқтисодиёт ва сиёсии кишвар таъсири калон расонда метавонанд;

– гурӯҳҳои зубдагони (элитавӣ) минтақавӣ ва корпоративӣ, ки дорои сарвати калон мебошанд, инчунин метавонанд ба бахшҳои муайяни иқтисодиёт ва сиёсии кишвар таъсири калон расонанд;

– табақаи болоии синфи миёнаи тоҷик ва гурӯҳи шаҳрвандоне, ки даромади калон ва дорои молу мулк ҳастанд ва ин омилҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки бо меъёрҳои ғарбӣ зиндагӣ кунанд. Одатан, бо сиёсат кордор нестанд, аммо имкони таъсир ба бахши сиёсӣ ва иқтисодиро дорост;

– синфи миёнаи зудамалкунандаи динамикӣ (кормандони соҳаи маориф, кормандони соҳаи тандурустӣ, коргарони соҳаи молия, мутахассисони соҳаи иттилоотӣ ва техникӣ, инженерҳо ва ғайраҳо), ки аз нуқтаи назари олими рус, ки дар ин самт мутухассиси муваффақ аст «поя»-и ҷомеа ном дода шудааст ва дар ҷомеа аз табақаҳои таъсиррасон ба рушди ҷомеа ҳастанд, аксариятро ташкил мекунанд. Ин табақаи иҷтимоӣ даромади миёнаи молӣ дорад, ки ба сатҳи меъёрҳои ғарбӣ намерасад, вале ба талаботи Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст. Онҳо ҳунари зуд ба тағйиротҳои доимии ҷомеа мутобиқ шуданро доро ҳастанд ва даъвоҳои назарраси иҷтимоӣ дошта барои беҳтар кардани мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии худ дар ҷомеа ҳаракат мекунанд. Барои қонеъ кардани ниёзҳояш усулҳои қонуниро истифода мебаранд [1];

– табақаи нави иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик, яъне намояндагони муҳоҷирати меҳнатии беихтисоси, ки берун аз Ҷумҳурӣ кор мекунанд ва даромади молии хуб доранд ва ин гурӯҳ, умуман таъсири калон ба тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро дорост.

Таърихи нишон медиҳад, ки ҷомеаи муосири тоҷик дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бо равандҳои фаъоли муҳоҷирати меҳнатӣ робитаи зич пайдо кард. Ангезаи пешбарандаи асосии ин раванд ҳолатҳои иқтисодӣ аст, агарчӣ дигар соҳаҳои ҷомеа нақши худро дар пайдошавӣ ва пурзӯршавии ин рпаванд гузоштанд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки шароити бади иҷтимоӣ ва иқтисодии баъди ҷангии солҳои навадуми асри XX кишвар буд, ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик аланга гирифт ва рӯз то рӯз пурзӯр шудаистодааст. Дар кулл, ин омилҳо сабаб шуданд, ки дар сохтори иҷтимоии муосири тоҷик як табақаи нави иҷтимоӣ муҳоҷирони меҳнатӣ пайдо шавад.

Аз нуқтаи назари мо, имрӯз, ин воқеияти таърихӣ, шароити нави иктисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вучуд овард ва ҳукумати Тоҷикистонро мебояд як стратегияи сиёсӣ ва иқтисодиро дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ ва муҳоҷират таҳия намуда, ин равандро назорат ва роҳбарӣ намояд.

– табақаи охирини ҷомеаи муосири тоҷик бо номи гурӯҳҳои маргиналӣ, яъне ҷинояткорон, оворагон, бесарпаноҳон, майзадагон, нашъамандон ва ғайра.

Тағйиротҳое, ки дар сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир ба амал омадаанд, ин як ҷузъи ҷудонашавандаи ислоҳоти куллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошанд. Ва бояд зикр кард, ки ин тағйиротҳо зери таъсири бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба амал омадаанд [5].

Тағйиротҳо ва рушди асосии дар ҷомеаи тоҷик ба амал омадаро метавон ба ду давра тақсим кард.

Давраи аввал, давраи Шуравӣ, ки шурӯъ мешавад аз аз солҳои 1917 то 1991, яъне аъзои Иттиҳоди давлатҳои Шуравӣ ва сотсиалистӣ будани Тоҷикистон.

Дар ин марҳилаи таърихӣ, сохтори иҷтимоии типи шуравӣ ба вуҷуд омад, ки сохти куҳнаи ҷамъияти феодолии тоҷикро нобуд сохт ва барои тараққиёти бо суръати Ҷумҳурии навбунёди сотсиалистии тоҷик имкониятхо фароҳам овард. Дар натиҷа, ҷомеаи тоҷик нисбатан зуд ба таври куллӣ аз нуқтаи назари тараққиёти иқтисод ва дигар соҳаҳои ҷомеа пешрафт кард ва ҷомеа ба се гурӯҳи иҷтимоӣ – синфи коргар, кишоварз ва зиёӣ тақсим шуд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи тағйиротҳои амиқи ба амал омада, дар ҷомеаи Шуравии тоҷик, гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ тавлид шуданд, ки то ин вақт дар ҷомеаи тоҷик вуҷуд надоштанд. Ин ҳолат то пошхурии давлати пурқудрати Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи ӯ буд, арзӣ ҳастӣ кард.

Дар фазои пасошӯравӣ, қариб ҳамаи кишварҳои собиқ аъзои ин Иттиҳод, дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омада, бо воқеияти нави иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ҷомеаи тоҷик аз як марҳилаи тахрихӣ ҷаҳиш ба марҳилаи нави таърихӣ кард, яъне куллан низоми давлатдорӣ ва низоми иқтисодӣ (иқтисоди бозоргонӣ) иваз шуданд.

Дар маҷмӯъ, ислоҳоти универсалии кулли ҷомеа ба вуҷуд омад ва аз он ҷумла низоми сохторӣ ва таркибии табақаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик тағйир ёфтанд.

Ба назари мо, имрӯз, ҷомеаи муосири тоҷик дар давраи гузариш қарор дорад. Дар он раванди ташаккулёбии муносибатхои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии типи нав давом дорад ва дар баробари ин, дар умум ҷомеа дар ҳоли тағйирёбӣ ва интихобӣ низоми рушд аст.

Яке аз сабабҳои асосии то ба охир анҷом нарасидани раванди ташаккулёбии сохтори иҷтимоии муосири тоҷик, ин ҷанги шаҳрвандие, ки охири солҳои навадуми асри XX сар зад ва тули панҷ сол давом карда ба бисёр харобиҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти тоҷик, аз он ҷумла иқтисодиёт оварда расонд, мебошад.

Ключевые слова: информация, автоматизация, процесс обучения, эффективность, компетентность, программа, модель, образование, технология.

Saidzoda I. M., Davlatov A.I.

INFORMATION SYSTEM MODEL DEPARTMENT

The article is devoted to the issue of the information system of the department and the development of a workflow model. In the process of developing the model, all the tasks assigned to the department were analyzed. It follows from the analysis and pedagogical experience that the insufficient use of information systems in the field of education in educational activities leads to a negative assessment of students' knowledge about information technology. Educational activities include several management structures. The department is considered one of the main structures for managing the educational process, and all the effective activities of educational institutions originate from the department. The structure of the department information system model allows developing an automated department management system using computer programs. In the process of researching this issue, important aspects of the workflow of the department were analyzed and revised. As a result, the general structure of the department information system was developed in the form of a conceptual model. On the basis of the developed model, it is possible to develop an information system for the department for the complete automation of workflow.

Key words: information, automation, learning process, efficiency, competence, program, model, education, technology.

Бо пешрафти ҷомеа ва рӯз аз рӯз зиёд шудани талабот ба истифодаи технологияҳои навини компютерӣ дар раванди таълим навгониҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд. Яке аз чунин навовариҳое, ки бештар дар раванди таъим мушоҳида карда мешавад, ин худкорсозии гардиши ҳуҷҷатгузориҳо, худкорсозии системаи ягонаи имтиҳонӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва ғайраҳо мебошанд. Айни замон раванди таълим тамоюли устувори худкорсозии равандҳои гуногунро паси сар намуда истодааст. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ рӯй овардан ба масъалаи компютеркунонии системаи маориф ва истифодаи мақсадноки захираҳои электронӣ тақозои замон ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, бояд қайд намуд, ки пешравии тамоми соҳаҳои амалкунанда ва рушди хизматрасонии онҳо аз самаранок истифода намудани барномаҳои худкор вобастагии зиёд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам монанди дигар давлатҳои тараққикардаи олам ба масъалаи компютеркунонӣ ва тавассути технологияҳои навини компютерӣ ба роҳ мондани раванди таълим корҳои зиёдеро ба сомон расонида истодааст. Махсусан, дар раванди гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо тамоми зинаҳои таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ аз системаи худкори тестӣ истифода мебаранд ва ё ин ки раванди корбарӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ ва ғайра.

Дар ҷомеаи навини иттилоотӣ, ки он босуръат рушд меёбад, зарур аст, то дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба метод ва роҳҳои навини татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, махсусан, системаҳои худкор рӯ орем. Зеро маҳз бо самаранок истифода намудани ин технологияҳо сифати таҳсилотро боло бурдан имконпазир мегардад [11].

Оид ба масъалаи худкорсозии раванди таълим ва татбиқи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф, аз ҷониби муҳаққиқон корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде рӯи кор омадаанд, ки онҳоро барои болобарии сифати таҳсилот ва осон намудани хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимӣ истифода мебаранд. Масалан, дар ин

самт: В.В. Андреев, Н.В. Герова [1], М.А. Бермант, Л.Н. Семёнов, В.Н. Сулитский [2], В.В. Биковский [3], И.М. Варнавина [4], А.В. Зафиевский [5], П.П. Олейник [10], И.М. Саидзода [11] ва дигарон корҳои илмии зиёд нашр намудаанд.

Бисёре аз системаҳои худкор, ки дар муассисаҳо истифода мешаванд, на ҳамаи гардиши ҳуҷҷатгузориҳои шуъбаҳоро фарогиранд. Дар муассисаҳо сохторҳое фаъолият мекунанд, ки системаи гардиши ҳуҷҷатгузории онҳоро худкор намудан аз манфиат холӣ нест. Масалан, гардиши ҳуҷҷатгузориҳо дар кафедраҳои марбутаи муассисаҳои таълимӣ. Тавре, ки мушоҳида мешавад дар кафедра феҳрести гуногуни ҳуҷҷатҳо нигоҳ дошта мешаванд, ки онҳоро худкорсозӣ намудан тақозои замон аст. Зеро дар бисёр мавридҳо раванди пайдо намудани ҳуҷҷати зарӯрӣ, аз сабаби зиёд будани ҳуҷҷатгузориҳо мушкилоти зиёде пеш меорад.

Барои дуруст ба роҳ мондаи системаҳои идоракунии худкор, зарурати тарҳрезии дурусти системаҳои иттилоотии дар раванди таълим истифодашаванда пеш меояд. Тарҳрезӣ намудани системаи худкор дар раванди таълим имкон медиҳад, то ҳамаи марҳилаҳои системаҳои педагогӣ сода ва оммафаҳм шуда, пешниҳоди муҳассилин гарданд.

Ба тарҳрезии системаҳои педагогӣ метавон: системаҳои муассисаҳои таълимӣ (донишгоҳҳо, донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ), курсҳои омӯзишӣ ва ғайраро дохил намуд. Тарҳрезии системаҳои педагогӣ метавонанд мустақиман бо татбиқи педагогии системаҳои иттилоотии худкор дар алоқамандӣ қарор дошта бошанд. Зеро системаҳои худкор дар асоси меъёр ва талаботҳои педагогии муассисаҳои таълимӣ сохта мешаванд [7,11].

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки ҳамаи системаи худкори дар раванди таълим истифодашаванда бо мақсади боло бурдани сифати таҳсилот, осон намудани гардиши ҳуҷҷатгузориҳо ва ба даст овардани самараи баланди кориро дар муассисаҳои таълимӣ доро мебошанд. Раванди худкорсозӣ дар навбати худ қисми зиёди функсияҳои меҳнати дастиро кам намуда, мустақилият ва ҷанбаҳои таконбахши худтасмимгирӣ дар масъалаи омӯзиши фанҳои таълимиро ба муҳассилин муҳайё месозад. Масалан, тавассути барномаҳои худкори санҷиши савияи дониш, бо роҳи тестӣ ва ё бозиҳои компютерӣ барнома дар муддати кутоҳтарин дониши дилхоҳ хонандаро мустақилона муайян месозад, ки ин яке аз бартариятҳои системаҳои худкор ва татбиқи амалии онҳо ба ҳисоб меравад. Барномаҳои худкор ҳамчун ёрдамчии беназир дар муассисаҳо ба ҳисоб рафта, раванди кории онҳо диққати махсусро талаб мекунад. Раванди кори системаи худкор пеш аз хама бояд самарабахш бошад. Дар акси ҳол системаи худкор зуд аз фаъолият боз мемонад.

Барои коркард ва таҳияи дурусти барномаҳои худкор ба системаи иттилоотии таълимӣ бояд ҳамаҷониба омилҳои таъсиррасон ва муҳимтарин ҷузъҳои муассисаҳо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шаванд.

Системаи иттилоотӣ. Вақте ки сухан дар бораи системаи иттилоотӣ меравад, бояд пеш аз ҳама ба мафҳуми “Система” диққати аввалиндараҷа дод. Зеро система маҷмуи унсурҳои гуногунро (иттилоотҳо, муодилаҳо, масъалаҳо ва ғайра) дар якҷоягӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Тавассути як системаи кул, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, масъалаҳоро баҳодиҳӣ намудан аз манфиат холӣ нест. Маҳз тавассути системаҳо мураттабсозӣ ва гурӯҳбандӣ намудани масъалаҳои мушаххас ва омӯзиши сохтори онҳо имконпазир аст. Инчунин, мафҳуми системаро ҳамчун маҷмӯи нармафзорҳои махсуси барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси татбиқшаванда пешбинишуда, фаҳмидан мумкин аст, ки онҳо барои нигоҳдории парвандаҳо ва идоракунии онҳо пешбинӣ шудаанд.

Дар раванди ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо бо имкониятҳои технологияи иттилоотӣ мо бевосита ба мафҳуми системаҳои иттилоотӣ дучор мешавем.

Системаи иттилоотӣ (СИ) – муҳитест, ки ҷузъҳои сохтории онро ҳайати кормандон, мутахассисон, компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ, маҳсулоти барномавӣ, пойгоҳи додаҳо ва ҳар гуна воситаҳои робитавии техникию барномавӣ ташкил медиҳанд [7].

Дар раванди таҳия намудани системаҳои иттилоотӣ масъалаи идоракунии самараноки объекти додашуда дар ҷойи аввал меистад. Мақсади ягонаи СИ ин коркард, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва интиқоли иттилоот ба ҳисоб меравад. Бо таври дигар системаи иттилоотиро як системаи «одам-компютер» ҳам номидан мумкин аст.

Амалигардонии вазифаҳои системаи иттилоотиро бе донистани технологияҳои иттилоотии ба он равонакардашуда ҷорӣ намудан имконнопазир аст. Технологияи иттилоотӣ бошад, метавонад берун аз муҳити системаи иттилоотӣ низ вуҷуд дошта бошанд [7].

Гарчанде ба масъалаи худкорсозии раванди таълим аз ҷониби муҳаққиқони зиёд корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба нашр расонида шуда бошанд ҳам, онҳо ба пуррагӣ талаботи моро қонеъ карда наметавонанд. Дар таҳқиқоти зерин мо танҳо ба системаи иттилоотии кафедра диққати аввалиндарача додем. Зеро кафедра як ҷузъи махсуси ташкилкунандаи раванди таълим дар зинаҳои таҳсил баҳисоб меравад.

Аз таҳлил ва таҷрибаҳои педагогӣ бармеояд, ки дар фаъолияти таълимӣ нокифоя истифода намудани системаҳои иттилоотии соҳаи маориф боиси бо таври манфӣ арзёбӣ намудани донишҳои иттилооти муҳассилин мегардад. Фаъолияти таълимии зинаҳои таҳсилот якчанд сохторҳои идоракуниро дар бар мегирад. Яке аз сохторҳои асосии идоракунии раванди таълим кафедра ба ҳисоб рафта, тамоми фаъолияти пурсамари муассисаҳои таълимӣ аз кафедра сарчашма мегиранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи самараноки ТИ яке аз шартҳои асосӣ барои ба страндартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ сохтан ва рушди бомуваффақият дар тайёр намудани мутахассисон ҳисобида мешавад. Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ боиси рақобатпазирӣ ва тезонидани раванди хизматрасонии таълимӣ мегардад [6,7].

Мувофиқи низомномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, кафедра сохтори асосии таълимию илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ бароҳ мемонад [9].

Ҳангоми таҳия намудани системаи худкори кафедра бояд диққати аввалиндарача ба методи идоракунии система дода шавад. Зеро дар кафедра вазифаҳои гуногуне мавҷуданд, ки ҳамаи онҳо бояд бо тарзу усули махсус коркард шаванд. Аз ҷумла вазифаҳои: идоракунӣ, сарбориҳои таълимӣ, назоратӣ корҳои илмии донишҷӯён, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра. Маҳз бо истифодаи сиситемаҳои идоракунии худкор сарбориҳои барзиёди кори кафедра осон ва сифати кор боло меравад.

Дар маҷмуъ кафедра бояд вазифаҳои зеринро ҳал намояд (расми 1):

Расми 1 – Вазифаҳои кафедра

Тавре аз расм аён аст, тамоми маълумотҳои кафедраро асосан ба гурӯҳи маълумотҳои воридотӣ ва содиротӣ ҷудо намудан мумкин аст. Дар раванди таҳияи сиситемаи иттилоотии кафедра, бояд ҳамаи маълумотҳои лозимие, ки раванди таълимро фарогиранд, ба система ворид карда шаванд.

Аз ин лиҳоз, тибқи таҳлилҳои болоӣ мо системаи иттилоотии кафедраро дар намуди умумӣ таҳия менамоем, ки он фарогири ҳамаи паҳлуҳои таълимӣ, илмӣ, тарбия, зинаҳои таҳсилот ва ғайраҳо мебошад (расми 2).



Расми 2 – Сохтори умумии амсилаи системаи иттилоотии кафедра

Сохтори таҳияшудаи системам иттилоотии кафедра имконият медиҳад, ки дар асоси он ҷиҳати самаранок идора намудани раванди кории кафедра, барномаи худкор таҳия карда шавад.

Дар раванди таҳияи амсилаи СИ, бояд тамоми равандҳои гардирши иттилоот ва сохтори функсионалии барномаи худкор барои фарогири он вазифаҳое бошад, ки дар назди кафедра гузошта шудаанд. Яъне тамоми раванди ҳуҷҷатгузориҳо аз қабили ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ ба СИ ва сохтори он алоқаманд карда шаванд.

Тавре аз сохтори умумии системаи иттилоотии кафедра аён аст, система тамоми он вазифаҳои функсионалие, ки дар назди кафедра гузошта шудаанд, фарогир мебошад. Бояд қайд намуд, ки СИ кафедра, дар намуди умумӣ таҳия шудааст ва онро метавонем, барои самаранок намудани раванди ҳуҷҷатгузориҳои дигар кафедраҳо ҳам истифода намоем.

Системаи иттилооотии кафедра як нармафзори махсусе шуда метавонад, ки он ҳамчун махзани бузург барои нигоҳдорӣ, коркард, содирот ва воридоти маҷмӯи иттилоот хизмат расонад.

Аз сохтори умумии гардиши иттилоот (расми 2) бармеояд, ки система дорои якчанд вазифаҳои муайян мебошад. Зеро дар расм ҳар як ҷузъи муҳими дар кафедра амалкунанда нишон дода шудааст, ки дар бораи онҳо маълумот медиҳем.

Вазифаи якум. Дар назди кафедраҳои фаъолияткунандаи муассисаҳои таълимӣ самти аз ҳама муҳим ин кор бо ихтисосҳои ба кафедра вобасташуда мебошад. Кафедраро зарур аст то оид ба ихтисосҳои мавҷуда тамоми ҳуҷҷатгузориҳоро дошта бошад. Дар сиситемаи пешниҳодшуда оид ба ин самт бандҳои махсус ҷудо шудаанд, ки дар онҳо стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ ва сарбориҳои кафедра ҷойгир карда мешаванд.

Вазифаи дуюм. Яке аз масъалаи авваланидарачаи кафедра, кор бо ҳайати кормандон мебошанд. Дар амсилаи системаи таҳияшуда, барои муайян ва худкорсозӣ намудани кормандони кафедра қисмати махсус бо номи “Кормандони кафедра” пешбинӣ шудааст, ки он тамоми маълумотҳои заруриро оид ба ҳайяти кормандон нишон диҳад. Масалан, маълумот дар бораи дарачаи илмӣ, унвони илмӣ, ихтироотҳо, интишорот, мукофотҳои давлатӣ ва ғайраи кормандони кафедра.

Вазифаи сеюм. Дар зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ имрӯз се зинаи таҳсилот амал мекунад. Дар системаи таҳияшуда ҷиҳати худкорсозӣ намудани ин зинаҳо бахши махсус барои зинаҳои бакалавр, магистр ва доктор PhD ҷудо шудааст, ки он тамоми намуди ҳуҷҷатгузориҳои ба ин зинаҳо вобасташударо дар бар мегирад. Инчунин, барои ин зинаҳо банди “Корҳои илмии зинаҳои таҳсилот” таҳия шудааст, ки дар он ҳамаи номгӯ ва парвандаҳои электронии корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рисолаҳои илмӣ нигоҳдорӣ ва коркард мешаванд.

Вазифаи чорум. Яке аз самтҳои муҳимтарин дар фаъолияти кафедраҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои методӣ, бахши тарбия ва самти таҷрибаомӯзӣ ба ҳисоб меравад. Дар амсилаи таҳияшуда, бандҳои алоҳида ҷиҳати худкорсозии масъалаҳои мазкур таҳия шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ ба зербандҳо ҷудо мешаванд. Масалан, вазифаи қисмати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ин нигоҳдорӣ ва коркарди монографияҳо, мақолаю фишурдаҳо, диссертатсияҳо ва лоиҳаҳои илмии марбути кафедраро дар бар мегирад. Дар қисмати корҳои методӣ бошад, маҷмӯи китобҳои дарсӣ, васоити таълимию дастурҳои методии ба ихтисосҳои кафедра вобасташуда нигоҳдори мешаванд.

Дар самти таҷрибаомӯзӣ бошад, рӯйхати тамоми он сохторҳое, ки муҳассилин ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ равона мешаванд ва муассисаи таълимӣ бо онҳо шартнома дорад, ҷойгир карда мешаванд. Инчунин, тамоми низомнома ва фармонҳои самти таҷрибаомӯзӣ дар ҳамин қисмат нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Вазифаи панҷум. Таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар бисёр мавридҳо барои пайдо намудани маълумот оид ба хатмкунандаҳои кафедра мушкилиҳои зиёде пеш меояд. Аз ин лиҳоз, дар системаи мазкур қисмати “Хатмкардаҳо” –ро ҷойгир намудем, ки вазифаи он ба қайд гирифтани суроғаи доимӣ ва ҷойи кории хатмкардаҳои кафедра мебошад.

Хулоса, дар раванди таҳқиқи масъалаи додашуда ҷанбаҳои муҳими раванди коргузории кафедра мавриди таҳлил ва бозбинӣ қарор гирифт. Дар натиҷа сохтори умумии сиситемаи иттилоотии кафедра дар намуди амсилаи консептуалӣ таҳия карда шуд. Дар асоси блокнақшаи таҳияшуда имконият фароҳам меояд, то системаи иттилоотии кафедраро ҷиҳати худкорсозии гардиши ҳуҷҷатгузориҳо бо таври мукаммал таҳия намоем.

АДАБИЁТҲО

1. Андреев, В. В. Адаптация автоматизированной системы организационного управления учебным процессом на основе анализа управления документацией высшего учебного заведения / В. В. Андреев, Н. В. Герова // Педагогическое образование в России. – 2013 . – № 5. – С. 25-29.

2. Бермант, М.А. Математические модели и планирование образования / М. А. Бермант, Л. Н. Семёнов, В. Н. Сулицкий // Центр. эконом. -матем. ин-т – М.: Наука, – 1972. – 112 с.

3. Быковский, В.В. Информационно-аналитическая система университета / Быковский В.В. // Высшее образование в России. – 2010. – № 7. – С. 125-131.
4. Варнавина, И.М. Методические основы мониторинга качества образования в общеобразовательном учреждении / Варнавина И.М. // – Салехард: ЯНОИПКРО, 2006. – 260 с.
5. Зафиевский, А.В. Автоматизация управления учебным процессом в ВУЗе / Зафиевский А.В. // Успехи современного естествознания. – 2010. – №1. – С.115-117.
6. Информационная система «Кафедра» [Захираи электронӣ]// https://infourok.ru/konspekt-informacionnaya-sistema-kafedra-4635818.html (Санаи муроҷиат: 20.12.22).
7. Комилиен, Ф. С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ: Воситаи таълимӣ ва худомӯзӣ / Ф. С. Комилиен // Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст. – Душанбе, 2016. – 480 с.
8. Крюков, В. В. Корпоративная информационная среда вуза: методология, модели, решения./ Крюков, В. В., Шахгельдян К. И. // Монография. – Владивосток: Дальнаука, 2007.
9. Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
10. Олейник, П.П. Корпоративные информационные системы / Олейник, П.П. // Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения. – СПб.: Питер, 2012. – 176 с.
11. Саидзода, И. М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайетов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. – С. 293-300.
12. Саидзода, И.М. Методикаи омӯзиши забонҳои барномасозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ Саидзода И.М., Мирзоев С.Ҳ., Ҳайётов Қ.// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. – Душанбе, 2021. –№3-4(7-8). – С.208-214.
13. Саидов, И. М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И. М. Саидов, А. И. Саидҷаҳфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1. – С. 220-227.
14. Типовая процессная модель кафедры вуза [Захираи электронӣ]// https://studbooks.net/2263190/informatika/tipovaya_protsessnaya_model_kafedry_vuza (Санаи муроҷиат: 26.12.22).
15. Хорошевский, В.Ф. Автоматизированные информационные системы / Хорошевский, В.Ф. // Учебник. – СП.: Питер., 2000. – 415 с.
16. Шахгельдян, К. И. Теоретические принципы и методы повышения эффективности автоматизации образовательных учреждений на основе онтологического подхода/ Шахгельдян, К. И. // автореф. дис. … д-ра тех. наук. – М., 2009.
17. Automated designing of studying process at school [Захираи электронӣ]// https://science-education.ru/en/article/view?id=11309 (Санаи муроҷиат: 26.12.22).

УДК: 340.1

Нурова Қ.Н.

ОИД БА МАСЪАЛАИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН

Дар мақолаи пешниҳодгардида масъалаи низоми идоракунии давлати Темуриён тадқиқ карда мешавад. Яке аз унсурҳои муҳими давлатдорӣ идоракунии он мебошад. Ҳангоми давлатдорӣ Темур аз анъанаҳои мавҷудбудаи низоми турку муғул ва низоми идоракунии исломии кишварҳои забтнамуда истифода мебурд. Давлати Темуриён аз ҷиҳати шакли идоракунӣ давлати монархӣ буд, зеро амир Темур мақоми олиро дар кишвар соҳиб буд ва ҳукумати олии давлат шахсан ба ӯ тааллуқ дошт. Дастгоҳи давлатӣ ба даргоҳ ва мақомоти идоракунӣ-девонҳо тақсим мешуд. Мақоми олӣ ё марказии идоракунӣ Девони олӣ номида мешуд.

Калидвожаҳо: низоми идоракунӣ, давлати Темуриён, давлати монархӣ, идоракунии марказӣ, шакли идоракунӣ, девонҳои маҳаллӣ, хат ва мансабдорони мардуми муқимӣ.

Нурова К.Н.

К ВОПРОСУ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВА ТИМУРИДОВ

Статья посвящена вопросу системы управления государства Тимуридов. Один из элементов государства является управление. Тимур использовал имеющиеся традиции – тюрко-монгольскую систему управления и исламскую чиновничью систему покоренных стран. Государства Тимуридов по форму управления является монархическим, так как верховная государственная власть была сосредоточена в руках Тимура. Государственный аппарат делился на царский двор (даргох) и центральные органы управления (диваны). Центральной управление со своей канцелярией - Девони бузург, состояло из министерств.

Ключевые слова: управления система, государства Тимуридов, монархическое государство, центральной управление, постоянный совет, областные диваны, письменность и чиновничество оседлых народов.

Nurova K. N.

TO THE QUESTION OF THE MANAGEMENT SYSTEM OF THE STATE OF THE TIMURID

The article is devoted to the issue of the system of government of the Timurid state. One of the elements of the state is governance. Timur used the existing traditions - the Turkic-Mongolian system of government and the Islamic bureaucratic system of the conquered countries. The Timurid state is monarchical in form of government, since the supreme state power was concentrated in the hands of Timur. The state apparatus was divided into the royal court (dargokh) and the central government (sofas). The central administration with its office - Devoni buzurg, consisted of ministries.

Key words: management system, Timurid states, monarchical state, central government, permanent council, regional sofas, writing and bureaucracy of settled peoples.

Яке аз унсурҳои муҳими давлатдорӣ идоракунии он мебошад. Идоракунии шоҳаншоҳии Темуриён кори осон набуд, зеро он қаламрави хеле калонеро дар бар мегирифт. Ба давлати Темуриён Мовароуннаҳр, Хоразм, мамлакатҳои соҳили баҳри Каспий, хоки Афғонистони ҳозира, Эрон, як қисми Ҳиндустон, Ироқ, қисмати ҷанубии

Кавказ ва як қатор кишварҳои Осиёи Ғарбӣ дохил мешуданд [1, с.540]. Аз ин рӯ, ҳокимияти шахсии худро нигоҳ доштан барои Темур мушкил буд. Сарзамини улуси Чағатой ва заминҳои забткардаи Эрон роҳбарияти марказӣ надоштанд, сохтори сиёсии онҳо аз аввал суст буд, зеро қабилаҳои чағатоӣ ва сулолаҳои маҳаллӣ дар Эрон ҳокимиятро мустақилона амалӣ мекарданд. Ҳамаи инро бо идоракунии муттамарказ иваз кардан лозим буд.

Ҳангоми давлатдорӣ Темур аз анъанаҳои мавҷудбудаи низоми турку муғул ва низоми идоракунии исломии кишварҳои забтнамуда истифода мебурд. Бо назардошти ин, Темур давлате сохт, ки ба мақсадҳои ӯ мувофиқ буд. Вай низоми пешинаи давлатдориро бо низоми фармонбардор, ки барои фишороварӣ ба манбаъҳои соҳибихтиёр, мустақил ва фаъоли сиёсӣ зарур буд, иваз намуд.

Тавре ки олими барҷастаи шарқшинос В.В. Бартольд қайд менамояд, давлати Темур дар асоси унсурҳои туркӣ-муғулии давлатдорӣ ва мусулмонӣ (маданияти форсӣ) созмон дода шуда буд [2,с.3].

Дар давлати Темур мансабдорон зуз- зуд иваз карда мешуданд. Темур ивазкунии амалдорони маъмурии худро барои пурзӯркунии ҳокимияти шахсӣ истифода мебурд. Ин амал барои назорати зердастонаш лозим буд. Дар ҳақиқат, чунин талаботи низоми идоракунии Темур мантиқӣ ва дуруст буд, зеро ба давлати Темур на танҳо пайдошавии марказҳои алоҳидаи зидди ҳокимият, инчунин, қувват гирифтани фаъолнокии сиёсии баъзе қабилаҳои чағатоӣ ва сулолаҳои маҳаллӣ таҳдид менамуданд, ки то омадани ӯ дар сари қудрат ҷой доштанд. Таъинкунӣ ба мансаб ва додани унвонҳои давлатӣ барои пурқувват кардани тартиботи нав амалӣ карда мешуд. Бо мақсади пурзӯркунии ҳокимияти давлатӣ ба вазифа ва мансабҳои асосии давлат сарлашкар ва ё амирзодаҳо таъин мегардиданд.

Тавре ки қайд гардид, шоҳаншоҳии Темуриён қаламрави васеъ дошт. Он кишварҳои тобеи зиёдеро дар бар мегирифт. Бо мақсади дуруст амалӣ кардани идоракунӣ шоҳаншоҳӣ ба вилоятҳо тақсим карда шуда буд.

Азбаски муборизa барои ҳокимият дар қабилаҳо омили асосии ҳаёти сиёсӣ буд, бартарафсозии ин омил барои сохтани низоми ороми сиёсӣ, ки барои нигоҳ доштани ҳокимияти Темур лозим аст, мусоидат мекард.

Ба ақидаи мо, низоми идоракунии давлати Темур бо тақсими бодиққати салоҳият ва маҳдудсозии ваколати мансабҳои давлатӣ асос ёфта буд. Албатта, дар идоракунии давлатӣ баъзе расму одатҳои қабилаҳо ба эътибор гирифта мешуд. Агар расму оини онҳо барои идоракунии давлатӣ манфиатовар мебуданд, Темур онҳоро истифода менамуд, агар онҳо ба вазъи давлатдорӣ таҳдид мекарданд, он гоҳ аз онҳо даст мекашид.

Вай вазифаву мансабҳои зиёдеро ба тариқи меросӣ муайян намуда, одамони наздики худро ба вазифаҳои асосӣ таъин мекард. Дар баробари ин аз мутахассисони форс низ истифода менамуд.

Дар низоми идоракунии Темур тақсимоти мансабҳо дар байни аҳолии муқимӣ ва турку муғул фарқият мавҷуд буд. Чун дар дигар давлатҳои кӯчманчӣ корҳои ҳарбӣ (низомӣ), вазифаҳои асосӣ дар дарбор ва идоракунии корҳои улус ба зиммаи гуруҳҳои туркӣ гузошта мешуд, мансабдорон аз аҳолии муқимӣ бошад, ба корҳои молиявӣ машғул буда, асосан, андоз ҷамъ мекарданд ва дар мақомоти идоракунии маҳаллӣ ба вазифа таъин мегардиданд [3,с.56].

Табиист, ки форсиён дар дар дарбор мавқеи пастро ишғол мекарданд. Темур бештар амирони чағатоиро, ки бо расму оини форсиён ва тарзи ҳаёти муқимӣ ошно буданд, бо мақсади маҳдудкунии ҳокимият ва мустақилияти форсиён истифода мебурд.

Темур сохтори давлати худро, асосан, ҳамон тавре ки дар замонҳои давлатдории Чингизхон амал мекард, нигоҳ дошт. Зиёда аз ин, мақсади асосии вай аз нав ташкил кардани давлати шоҳаншоҳии азпоафтодаи муғулон буд. Ӯ бар он ақида буд, ки тақсимкунии мамлакат ба туманҳо ба шакли давлатдории ӯ бештар мувофиқ аст, чунки чунин тақсимот барои идора ниҳоят осон ва барои сафарбаркунии фаврӣ дар ҳолати зарурӣ имконият медод. Ба ғайр аз тақсимоти маъмурӣ –ҳудудӣ Темур ҳамчунин, як қатор ислоҳоти мухталифро

амалӣ намуд. Масалан, ӯ заминҳои давлатиро ба тариқи мукофот ба моликият ва меросии якумра тақсим карда медод, ки ин “суюрғол” номида мешуд. Темур заминро пеш аз ҳама ба наздикони худ, хешу таборҳояш ва ба шахсоне, ки аз нуқтаи назари ӯ ба ин сазовор буданд, тақсим мекард. Воқеан, вай на танҳо қитъаҳои муайяни заминҳои давлатиро, балки баъзе музофотҳо, кишварҳоро низ ба тариқи мукофот медод, ки инро низ суюрғол мегуфтанд.

Чунин суюрғол мулки хосаи аъзои хонадони амирӣ ба шумор мерафт. Соҳибони суюрғол дар шаҳру вилоятҳои бузурги ҳамчун инъом бадастовардаи худ соҳибихтиёри комил буданд. Ин гуна инъомро баъзан мансабдорони калон низ соҳиб мешуданд ва дар вилояту шаҳрҳо мустақилона ҳукмронӣ мекарданд [1,с.551].

Дар давраи давлатдории Темуриён ба ислоҳоти пулӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ин давра сиккаҳо аз тилло, нуқра ва мис тайёр омода мегардиданд. Сиккаҳои тиллоӣ «динор», «танга» ва «ашрафӣ» ном доштанд. Махсусан, ислоҳоти пулии давраи Улуғбек барои ба низом даровардани муомилоти пулии давлат ва инкишофи тиҷорати дохилӣ нақши ҷолиб дошт, зеро дар натиҷаи он устувории низоми пулӣ муддати якчанд даҳсола дар қаламрави Мовароуннаҳр нигоҳ дошта шуд [4,с.127].

Темур ва авлоди ӯ нағз мефаҳмиданд, ки бе тараққиёти иқтисодиёт, аз ҷумла тиҷорат, илму фарҳанг пешравии давлатро таъмин кардан мумкин нест, аз ин рӯ онҳо аз таҷрибаи подшоҳони пешин истифода бурда, ба тиҷорати дохилию берунӣ аҳамияти калон медоданд. Корвонҳои тиҷоратӣ дар ин давра ғайр аз вазифаи асосиашон, инчунин, барои ба даст овардани маълумотҳои зарурии махфии дигар давлатҳо хизмат мекарданд.

Аз ин нуқтаи назар, Темуриён дар фармону дастурҳои худ дахлнопазир будани корвону тоҷиронро эълон карда буданд. Ҳамчунин, барои ривоҷу равнақи тиҷорат дар бозорҳо тартиби муайяне ҷорӣ ва барои савдогарони дохилию берунӣ шароити мусоиди корӣ муайян гардида буд [5,с.43]. Хусусан, Амир Темур ба тоҷирони сарватманд диққати ҷиддӣ дода, барои ба маркази тиҷоратӣ табдил гардидани Самарқанд тадбирҳои лозимаро роҳандозӣ намуд.

Давлати Темуриён аз ҷиҳати шакли идоракунӣ давлати монархӣ буд, зеро амир Темур мақоми олиро дар кишвар соҳиб буд ва ҳукумати олии давлат шахсан ба ӯ тааллуқ дошт.

Дар давлати Темуриён барои дуруст идора кардани давлат ва ҳалли масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ду Шуро таъсис дода шуда буд. Шурои давлатии бузург ва Шурои хурд ё маҳдуд. Шурои давлатии бузург ё қурултой аз намояндагони табақаҳои болоӣ ташкил ёфта, масъалаҳои муҳимми ҷории давлатиро дида мебаромад. Хешовандони амир, руҳониёни олимартаба, сарлашкарон, амирон ва роҳбарони девонҳо аъзои Шурои давлатии васеъ ҳисоб мешуданд.

Шурои хурд масъалаҳои махфии давлатиро, ки аҳамияти хеле ҷиддӣ доштанд, баррасӣ менамуд. Аъзои Шурои хурд сарлашкарон ва шахсони ихтисоси ҳарбидошта буданд.

Дастгоҳи давлатӣ ба даргоҳ ва мақомоти идоракунӣ- девонҳо тақсим мешуд. Дар давраи Темур оид ба номи фаъолият, ҳаҷми ваколатҳои мақомоти роҳбарикунанда тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд, усули соҳавии идоракунӣ ба роҳ монда мешавад. Темуриён баҳри тавқияти ҳокимият ва идоракунӣ дар маҳалҳо ва марказонидани ҳакимияти давлатӣ чораҳои мушаххас меандешиданд [6,с.28].

Мақоми олӣ ё марказии идоракунӣ Девони олӣ номида мешуд. Девони олӣ аз вазоратҳо иборат буд. Девон ё вазорат барои Темур мақомоти асосии идоракунии давлат ба ҳисоб мерафт.

Девони олӣ аз вазоратҳои зерин иборат буд:

1. Вазорат оид ба раъият. Вазорати мазкур ба шароити зиндагии мардуми меҳнаткаш масъул буд.

2. Вазорат оид ба сипоҳ ё девони сипоҳ. Ин девон тамоми масъалаҳои ҳарбиро баррасӣ менамуд, ба мисли таъмини артиш бо яроқу аслиҳа, бо сарулибос, таъмини озуқа, таъмини маошр ва ғайра.

3. Вазорати амонат. Вазорати мазкур ба масъалаи нигаҳдошти амонати моликияти шахсони фавтида ва бедарак ғоибшуда масъул буд.

4. Вазорати корҳои хорӣҷӣ. Масъалаҳои танзими муносибатёои давлати Темуриёнро бо дигар давлатҳои хорӣҷи ба зимма дошт.

5. Вазорат оид ба муассисаҳои давлатӣ. Он аз болои муассисаҳои давлати ҳунармандӣ назорат менамуд. Ин муассисаҳо ё корхонаҳо ба яроқу аслиҳасозӣ, истеҳсоли лавозимоти ҳарбӣ ва дигар корҳо машғул буданд.

6. Девони адолат ҳуқуқвайронкуниҳои зиддидавлатиро дида мебаромад.

Роҳбари девон ба кори ҳамаи мансабдорони тобеи худ роҳбарӣ мекард, фаъолияти онҳоро ба роҳ монда назорат мебурд, дар назди вазири асосӣ (сарвазир) ҳисобот медод, фаъолияти мансабдорони девонро дар маҳалҳо ба роҳ мемонд.

Ҳар як вазири Темур таъиннамуда бояд чунин хислат ва қобилият медошт:

1) олиҳимматию ҷавонмардӣ, иродаи мустаҳкам;

2) ақли закӣ, зиракӣ, доноӣ;

3) таҷрибаи корӣ дар байни афсарон ва шаҳрвандон;

4) пуртоқатӣ ва қобилияти оштӣ дорондани одамон.

Вазири оқил, ба андешаи Темур, метавонад бо як дасташ лашкарро идора кунад, бо дигараш ба мардум роҳбарӣ намояд, ба корҳои давлатӣ шахсони паставлод, бадахлоқ ва ҷинояткорро набояд роҳ дода щаванд [7,с.108]. .

Ба ақидаи Темур, шахси дорои сифатҳои номбаршуда метавонад дар ҳақиқат вазири хуб ва маслиҳатчии оқил ва арзандаи мақоми идоракунӣ бошад. Аз ҷониби худ вай тайёр буд, ки ба чунин вазир озодии амал ва ҳокимияти кофиро пешниҳод кунад ва сазовори иззату икром ва боварию эътимод бошад [7,с.109]. Аз ин рӯ Темур ба вазифаи вазир пеш аз ҳама ашрофзодагон, шахсони доро, бовиҷдон, ташаббускор, зираку бофаросатро таъин мекард. Вазифаи амир ё роҳбари бевоситаи девонҳоро амирони чаҒатоӣ ишғол мекарданд.

Амироне, ки дар шоҳаншоҳии Темур барои идора кардани шаҳру ноҳияҳо таъин мешуданд, дар якҷоягӣ бо қӯшунҳо ба ҷангҳо мерафтанд ва баръакс нафарони ба кори ҳарбӣ вобаста буда бо андозҷамъкунӣ ё ин ки барқароркунии шаҳрҳо машғул мешуданд.

Дар баробари Девони олӣ Шурои доимӣ амал мекард, ки чор вазирро дар бар мегирифт. Вазири аввал-вазири музофот ва мардум, машваратчӣ оид ба масъалаҳои маъмурӣ, андоз, буҷа, тиҷорат, фарҳанг ва ҳифзи ҳуқуқ буд. Ӯ оид ба хазина, маблаҒҳои боҷу андоз ва дар бораи тақсимоти тамоми ҷамъовариҳои маблаҒҳо маслиҳат медод, ҳамчунин, оид ба кору воқеаҳои маъмурият, вазъи ҳаёти мардум, дар бораи миқдори аҳолӣ, фарҳанги он, дар хусуси рушди тиҷорат ҳисобот медод.

Вазири дуюм барои амалӣ кардани тартибот дар лашкар масъул буд. Уҳдадориҳои ӯ аз пешниҳод намудани рӯйхати қӯшунҳо, дафтарҳои бақайдгирии музди маош, шиносоӣ бо ҷойгиршавии дастаҳои низомӣ ва корҳои ҳарбӣ иборат буд.

Вазири сеюм ба масъалаҳои молу мулк, молия, гирифтани андоз аз савдогарон машғул буд. Ӯ амволи шахсони ғоибшуда, фавтидагон, фирориёнро аз дуздию ғорат нигаҳбонӣ мекард ва онҳоро ҳангоми набудани меросхӯрон ихтиёрдорӣ менамуд, ҳамчунин, аз болои садақаву хайрия назорат мекард.

Вазири чорум тамоми корҳои шоҳаншоҳиро идора менамуд, аз болои фаъолияту молияи муассисаҳо, хазина, ҳатто хароҷоти нигоҳубини асп ва дигар ҳайвонот назорат мекард.

Ба замми ин боз се вазири дигар таъин мешуданд, ки онҳо ҳолати корҳоро дар музофоту давлатҳои тобеъ, ҳамчунин, воридшавии маблаҒҳоро ба хазина назорат менамуданд.

Дарвоқеъ ҳама соҳаҳои идоракунӣ аз ҷониби вазирон назорат карда мешуд, аз ин рӯ ба вазир бисёр чизҳо вобаста буд, ба мисли ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, сиёсати давлат, иқтисодиёт, молия, фаъолияти ҳарбии давлат. Вазир ҳуқуқи қабул кардани санадҳои меъёрӣ, амру дастурҳоро дошт, ҳамчунин дорои ваколатҳои ҳарбӣ буда, ҳангоми зарурат ба қӯшун роҳбарӣ мекард, меҳмонон, сафиронро қабул мекард, аз робитаҳои берунии давлат огаҳ буд, буҷети давлатро тартиб медод ва иҷрои онро ташкил мекард [8,с.98]. Таҳлили ин фактҳо нишон медиҳад, ки вазир ниҳоди муҳимтарини идоракунӣ дар давлати Темуриён ба ҳисоб мерафт.

Дар маҳалҳо фаъолияти идоракуниро девонҳои вилоятӣ ба амал мебароварданд. Ҳокимони улусҳо дастгоҳи шахсии давлатӣ, хазина ва қӯшунҳои худро доштанд. Онҳо мунтазам як қисми даромадро ба хазинаи ҳукумати марказӣ мефиристоданд. ва бо қӯшуни худ дар лашкаркашӣ ва ҷангҳо иштирок мекарданд [9,с.472].

Ҷамъоварии андоз, нигоҳ доштани тартибот, ҳангоми зарурат сафарбаркунии аҳолӣ, сохтмони роҳҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо ва дигар сохтмонҳои ҷамъиятӣ вазифаи девонҳои вилоятӣ буд. Фаъолияти девонҳои вилоятӣ дар вақтҳои муайян аз тарафи мақомоти марказӣ ҳартарафа мавриди санҷиш қарор мегирифт.

Сардорони девонҳои маҳаллӣ барои мустақилият имкониятҳое бештаре доштанд ва онҳо манбаъҳои зиёдтари қудрату тавоноиро доштанд. Аз ин сабаб, Темур назорат мекард, ки онҳо дар маҳалҳо ба сӯиистифода аз мансабҳои давлатӣ роҳ надиҳанд, махсусан вай дар солҳои охири давлатдориаш ба ин масъала диққати ҷиддӣ медод.

Ҳуҷҷатгузории девонҳои вилоятӣ бо забонҳои узбекӣ-туркӣ ва форсӣ-тоҷикӣ анҷом дода мешуд. Темур хат ва мансабдорони мардуми
муқимиро барои ба амал баровардани функсияҳои маъмурӣ дар кишварҳои забтнамудааш истифода мебурд [10,с.200].

Қариб дар ҳама сарзаминҳои шоҳаншоҳии Темур забони форсӣ забони асосии коргузорӣ ва забони адабиёту фарҳанг буд. Ҳуруфоти форсӣ, ки барои давлат дар навбати аввал ҳамчун воситаи техникии идоракунӣ, ки малакаҳои хоси хат ва ҳисобро талаб менамуд, лозим буд [3,с.128].

Зиёда аз ин, ҳангоми тафтишоти қонунвайронкуниҳо аз мансабдорон- муншҳои форсӣ нисбат ба чағатоиҳо дида, бисёртар истифода мебурданд, шояд сабаб дар он буд, ки қисми зиёди қонунвайронкуниҳо ба муносибатҳои молиявӣ алоқаманд буд.

Шиносоии амирони чағатоӣ ба фарҳанги аҳолии муқимӣ, аз ҷумла фарҳанги форсиён ҳанӯз то забткориҳои Темур дар таърих ба таври возеҳ мушоҳида карда мешавад [10,с.27]. Амирону турку муғул бо аҳли уламои аҳолии муқимӣ дар робитаи зич буданд ва онҳоро ҳамчун миёнарав дар баҳсҳои дохилӣ ва берунӣ истифода мебурданд.

Ҳамин тавр, Темур ду низоми хуб таҳиягаштаи идоракунӣ-турку муғулӣ ва арабу форсиро бо назардошти низоми идоракунии исломӣ ба мерос гирифта, онҳоро бо ҳам пайваст ва ба вазифаву мақсадҳои худ мутобиқ сохт.

АДАБИЁТ

1. Бартольд В.В. Сочинения, Т.11. Ч.2. Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии / В.В. Бартольд. –Москва, Изд. «Наука», 1964. -657с.
2. Бартольд В.В. Улугбек и его время / В.В. Бартольд. - Петроград,1918. -654 с.
3. Буриев И.Б. Правовое положение везира в учении Абу Хамида Мухаммада ал-Газали / И.Б. Буриев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Сер.: философия и право. - 2008. - №3. - С.98-102.
4. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. -Душанбе: Нашриёти “Муосир”, 2020. - 976 с.
5. Ибн Арабшах. История Амира Тимура. 3-е издание. Автор перевода Хайдарбек Бабабеков / Ибн Арабшах. -Тошкент: Изд-ство: «Фан ва технология лар», 2008. -239 с.

6. Луқмонов Т. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Воситаи таълимӣ / Т. Луқмонов, Б.-Қурбонов Б.- Душанбе: Матбуот, 2015. - 127 с.
7. Маҳмадхонов Т. Лексияҳо аз ҳуқуқи тиҷорат. Воситаи таълимӣ / Т. Маҳмадхонов.- Душанбе: Нашриёти "Озар", 2011. - 474 с.
8. Рахманалиев Р. Империя тюрков. Великая цивилизация / Р. Рахманалиев. - М.: Рипол, 2009. - 274 с.
9. Уложение Темура. -Ташкент: Чулпон, 1999. - 145 с.
10. Шарафуддин Али Язди. Зафар-наме. Перев.с персидского Аманулы Буриева / Шарафуддин Али Язди. - Ташкент: Фан,1972. - 1280 с.

УДК 371.3:802/809-057 (575.3)

Холов М.Р.

ҲАМГИРОИИ "ТИК" БО РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ВА САЙЁҲӢ

Таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ба таври васеъ технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, технологияҳои бозӣ ва педагогиро мавриди истифода қарор медиҳад. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) мавқеи устуворро соҳиб шуда, дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ҷойгоҳи худро дорад. Яке аз омилҳои асосии пешрафт дар таълими забонҳои хориҷӣ барои омӯзгорон имкониятҳои васеътари такмили минбаъдаи раванди таълим ва ба заминаи сифатан нав гузаштани он мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, истифодаи ТИК дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳамеша бояд дар бораи натиҷаҳои мусбати азхудкунии забонҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандиву шавқи донишҷӯён бияндешем.

Калидвожаҳо: салоҳият, муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ, технологияи иттилоотӣ-камуникатсионӣ, забони хориҷӣ, салоҳиятҳои касбӣ - лингвистӣ.

Холов М.Р.

ИНТЕГРАЦИЯ "ИКТ" В ПРОЦЕСС ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ ЖУРНАЛИСТИКИ И ТУРИЗМА

В обучении иностранным языкам в неязыковых вузах широко используются информационно-коммуникационные технологии, игровые и педагогические технологии. Информационно-коммуникационные технологии (ИКТ) заняли устойчивое положение и занимают свое место в процессе обучения иностранным языкам. Одним из основных факторов прогресса в обучении иностранным языкам для учителей являются более широкие возможности для дальнейшего совершенствования учебного процесса и его перехода на качественно новую основу. Таким образом, использование ИКТ в процессе обучения иностранным языкам в неязыковых вузах позволяет всегда думать о положительных результатах изучения иностранных языков и повышении уровня мотивации и заинтересованности студентов.

Ключевые слова: компетентность, неязыковые вузы, информационно-коммуникационные технологии, иностранный язык, профессионально-лингвистическая компетентность.

Kholov M.R.

INTEGRATION OF "ICT" IN THE PROCESS OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE IN JOURNALISM AND TOURISM MAJORS

In teaching foreign languages in non-linguistic universities, information and communication technologies, gaming and pedagogical technologies are widely used. Information and communication technologies (ICT) have taken a stable position and are taking their place in the process of teaching foreign languages. One of the main factors of progress in teaching foreign languages for teachers is more opportunities for further improvement of the educational process and its transition to a qualitatively new basis. Thus, the use of ICT in the process of teaching foreign languages in non-linguistic universities allows you to always think about the positive results of learning foreign languages and increasing the level of motivation and interest of students.

Key words: competence, non-linguistic universities, information and communication technologies, foreign language, professional linguistic competence.

Дар давраи муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ, раванди иттилоотонӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла ба соҳаи маориф ворид мешавад. Е.С. Полат қайд мекунад, ки "Технологияҳои нави педагогӣ бидуни истифодаи васеъи технологияҳои нави иттилоотӣ, технологияҳои компютерӣ дар ҷои аввал тасаввурнопазиранд, зеро маҳз онҳо имкон медиҳанд, ки вазифаҳои педагогӣ ва дидактикии ин усулҳо пурра ошкор карда шуда, имкониятҳои иқтидории ба онҳо хос амалӣ карда шаванд" [12, с. 6-11].

Аҳамияти омӯзиши проблемаи истифодаи ТИК дар таълими забонҳои хориҷӣ аз он иборат аст, ки технологияҳои иттилоотӣ қобилияти баланди коммуникатсионӣ дошта, ба рушди дониш ва малакаҳои суханронӣ ва гӯш кардани донишҷӯён мусоидат намуда, онҳоро ба таҳсилот фаъолона дохил мекунанд, инчунин фаъолиятҳо ва рушди малакаҳои салоҳияти коммуникатсиониро дар донишҷӯён рушд медиҳад. Ҳамаи ин барои зиндагии муваффақ дар ҷаҳони муосир зарур буда, шароити мусоидро барои ттайёр намудани мутахассисони ҷавобгу ба талаботи бозорои меҳнат фароҳам овардааст.

Истифодаи принсипҳои умумии дидактикии таълим ва татбиқи талаботи зикршуда оид ба истифодаи ТИК дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ба андешаи мо ба ташаккули забонҳои муштарак мусоидат намуда, ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён ва баланд бардоштани сифати омодагии онҳо дар касбияти интихобнамудаашон бевосита мусоидат менамояд.

Тавассути таҳқиқот самаранокии шароити истифодаи технологияи иттилоотӣ - коммуникатсиониро барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён дар дарсҳои муосири забонҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, чунин тавсифҳоро пешкаш намудан мумкин аст:

1. Ташкили таълимию методӣ шарти муҳими таъмини ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён мебошад, зеро рушди пурсамари ин салоҳият танҳо тавассути таъсири педагогӣ ғайриимкон аст. Ин ҳолат пеш аз ҳама мавҷудияти китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимию методӣ дар соҳаи таълими забони хориҷӣ тавассути ТИК, суханварӣ ва фарҳанги муошират бо забони хориҷӣ, инчунин роҳандозӣ намудани муоширату иртиботи виртуалии омӯзиши забонҳои хориҷӣ тавассути барномаҳо ва сомонаҳои забономӯзӣ шароитҳои мусоидро фароҳам месозад. Аммо, таъминоти таълимию методии нишондодашудаи таълими фанни забони хориҷӣ барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён кофӣ нест: на ҳама паҳлуҳои забони хориҷӣ тавассути ТИК омӯхта ё баррасӣ карда мешаванд, дар ҳоле, ки омӯзгор худ маҳорати кор бо технологияи навинро надорад ё пешниҳоди сатҳи пасти иттилоот аз ҷониби омӯзгор, инчунин набудани дастурҳо барои донишҷӯён оид ба омӯзиши маводи фаннӣ ва ғ. Хусусан донишҷӯёни муассисисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ҳангоми омӯзиши баъзе мавзӯъҳои фундаменталии забони

англиси дар аванди таълими муосир ба мушкилоти муайян дучор меоянд, ки роҳҳои ҳалли онро дар шабакаҳои интернетӣ тариқи ТИК ҷустуҷу мекунанд. Ҳамин тавр, ТИК воситаи асосии дастгирии таълимию методӣ барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ба ҳисоб меравад.

2. Баланд бардоштани сатҳи ихтисос ва касбияти ҳайати омӯзгорон муҳимтарин шарти ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён мебошад, зеро он ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар рушди робита бо донишҷӯён дар раванди таълим технологияҳои муосири таълимро истифода баранд, инчунин мубодилаи таҷриба дар соҳаи таълим ва роҳҳои худомӯзиро такмил диҳанд. Дар баробари ин, таъмин намудани бозомӯзии пешрафтаи ҳайати омӯзгорон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии онҳо хеле муҳим аст. Зеро маҳз тавассути ин методика фаъолият ва робитаи муштараки омӯзгору донишҷӯ рушд дучанд гардида, раванди таълим ҷолиб ва содда мегардад.

Таҳлили адабиёти илмии лингвистӣ нишон медиҳад, ки салоҳияти коммуникативӣ ҷузъҳои гуногунро дар бар гирифта, дар байни онҳо салоҳиятҳои зерин мавқеи хосро доро мебошанд:

1) салоҳияти забонӣ - донистани воҳидҳои ҳама сатҳҳои забон ва қоидаҳои истифодаи онҳо барои сохтани шумораи номаҳдуди муоширатҳои байнизабонӣ дар доираи мундариҷаи муайян;

2) салоҳияти денотативӣ (мавзӯӣ) - дониш дар бораи пораҳои ҷузъии забонӣ ва воқеият, ки ҳамчун мавзӯи сухан баромад мекунад;

3) салоҳияти лингвомаданӣ (лингвистӣ ва фарҳангӣ) - дониш дар бораи фарҳанги моддӣ ва маънавии гурӯҳи этникӣ, ки забони омӯхташуда ба он тааллуқ дорад, дониш ва фаҳмиши зуҳуроти хоси миллии одамони муайян ва дараҷаи ҷаҳонбинии онҳо, ки бо ахлоқ, урфу одатҳо, рафтор ва анъанаҳои худ фарқкунанда мебошанд;

4) салоҳияти прагматикии забонӣ - қобилият ва маҳорати мувофиқи стратегия ва тактикаи рафтории нутқро дар ҳолатҳои мушаххаси муошират бо ҳадафи татбиқи бомуваффақияти раванди коммуникативӣ интихоб менамояд.

Талаботи дидактикӣ ба технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонии соҳаи маориф дар заминаи талаботҳои зерин асос ёфтааст:

1) таълими инфиродӣ;

2) нақши пешбарандаи омӯзгор дар раванди таълим тавассути ТИК;

3) ҳавасмандгардонӣ барои интихоби маводҳо ва дастурҳои таълимӣ вобаста ба забони ҳадафманд;

4) алоқаи баргарданда ба таълим;

5) муайян кардани марҳила ва ҳадафи истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён;

6) мутобиқати ТИК ба мавзӯъ ва мундариҷаи дарсҳои забони хориҷӣ;

7) таҷдиди назар намудани усулҳои таълим ва методикаи таълими забони хориҷӣ тавассути ТИК.

Иҷрои ҳамаи талаботҳои номбаршудаи таълими дидактикӣ тавассути ТИК, бешубҳа сифати таълимро беҳтар менамояд ва ин омил барои рушди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён ва фаъол кардани раванди эҷодии донишҷӯён муҳим аст. Маҳз ТИК имкон медиҳад, ки на танҳо қобилиятҳо инкишоф ёбанд, балки боиси ташаккули имкониятҳои васеи тафаккури эҷодии донишҷӯён ва салоҳиятҳои касбии онҳо амалӣ мегардад.

Дар ин раванди омӯзиш мо метавонем маводҳои аудиовизуалӣ ва мултимедиро ҳамчун воситаи ТИК интихоб намоем, ки бо ёрии онҳо сурудҳо ё пораҳои видеоиро бо забони хориҷӣ тамошо ё гуш кунем. Дар раванди таълими забони хориҷӣ бояд тасвирҳои статикии мавзӯӣ - тасвирҳои дидактикӣ (слайдҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва

ғайраҳо) истифода шаванд, ки бо функсияҳои бисёрҷонибаи компютер таъмин карда шуда, ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён мусоидат менамояд. Пешниҳоди маълумот дар шакли презентатсияи электронӣ, ки омӯзгор бо истифода аз воситаҳои ТИК пешниҳод менамояд, маъмул буда, ба таълимгирандагон хотирмон мебошад ва ҳангоми таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ самаранок арзёбӣ мегардад [1, с. 23-26, 8, с. 200-205].

Дар усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ низ нақши назаррас доранд. Мултимедиа маҷмӯи василаи нармафзор ва сахтафзор мебошад, ки дарк намудани коркарди иттилоотро дар шаклҳои садо ва визуалӣ пешниҳод менамояд. Мултимедиа барои интиқоли садо, маълумот ва тасвирҳо тавассути шабакаҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пешбинӣ шудааст. Графика, аниматсия, акс, видео, садо, матн дар шакли интерактивии кор муҳити ҳамгирошудаи иттилоотиро фароҳам меорад, ки дар он барои корбар имкониятҳои сифатан навро муҳайё месозад.

Истифодаи пахши мустақим барои тамошои ахбор, интернет, маводҳои гуногуни видеоӣ, филмҳои бадеӣ, барномаҳои мултимедиявии махсус барои раванди таълим омодашуда, лекторони электронӣ, маълумотномаҳои мултимедиявӣ, энсиклопедияҳо ва луғатҳо имкон медиҳанд, ки муҳити коммуникатсионии омӯзиш ва таваҷҷӯҳ ба таҳсил фароҳам оварда шавад. Дар шароити мавҷуд набудани муҳити табиии лингвистӣ бошад, ба қадри имкон муоширати воқеии нутқ бо забони хориҷӣ шароит фароҳам мушкил мегардад.

Ҳамчунин барои донишҷӯён номгӯи шаклҳои таълими забони хориҷӣ, ки бо ёрии воситаҳои техникӣ ва ТИК сохта шудаанд, васеъ мегардад. Дар ин ҷо омӯзгор метавонад видео, китобҳои дарсии электронӣ, вебсайтҳои таълимӣ, блогҳои аудиоӣ, корҳои илмиву адабии электронӣ, презентатсияҳои соҳавӣ ва ғайраҳоро бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ намоиш диҳад [9, с. 49-53].

